ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2021. №4

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2021. №4

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2021. No.4

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2021. – №4. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2021. – №4. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Gulnazarova Jilo — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2021. – №4. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2021

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

УДК: 491.550

НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ПЕШИН ДАР ШИНОХТИ ЯК ПАСВАНД

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар фасли калимасозии исм пасванди «а» ба қатори пасвандҳое дохил карда шудааст, ки номи чиз месозанд ва чунин гуфта шудааст: «Суффикси -а (я) сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад: 1) аз исмҳо бештар исми монандӣ: гӯша, дандона, дара, димоға, забона, шоха, ҳавза ва ғайра; 2) аз сифатҳо исме, ки предметҳоро аз рӯйи аломаташон ифода менамояд: сабза, сафеда, талха, тунука, шура; 3) аз шумора исми ифодакунандаи воҳиди вақт ва узви инсон: ҳафта, даҳа, чилла, панҷа; 4) аз асоси замони ҳозираи феъл: а) предмети воситаи амал: мола, куба, овеза; б) исми амал ва ҳолат: бӯса, нола, ханда; 5) аз калимаҳои тақлидӣ номи асбоб ва амалу ҳолат: **ғаргара, шақшақа, дағдаға, қаҳқаҳа, ғулғула, шаршара**» [2, с.112].

Ҳамин пасванд дар фасли калимасозии сифат низ оварда шудааст ва ин тавр шарҳ дода мешавад: «Ин суффикс (пасванди **-а** Д.Х.) дар сифатсозӣ каммаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳои аслию нисбӣ месозад, ки замон, ҷой ва ё аломати предметро ифода мекунад: а) аз сифат: боғчаи озода, тиллои нақда, шаҳри қадима, чораҳои лозима, кулбаи вайрона; б) аз исм: куртаи ранга; в) аз зарф: таассуроти имрӯза, сармоядорони беруна; г) аз феъл; сумкаи овеза, марди гуреза» [2, с.142].

Чунон ки аз ин ду иқтибоси овардашуда бармеояд, аз назари забоншиносии муосири тоҷик ин пасванд барои сохтани исму сифат муштарак буда, дар сохтани исмҳо сермаҳсул ва дар сохтани сифатҳо каммаҳсул маҳсуб мешавад. «Пасванди -а дар забони адабии ҳозираи тоҷик, -қайд менамояд проф. Ш. Рустамов, пасванди сермаъно, омоморфема ва синоморфема ба шумор меравад» [7, с.40].

Шинохти ин пасванди калимасоз, яъне ба истилоҳи донишмандони улуми адабии гузаштаи мо «ҳо»-и мухтафӣ ё «ҳо»-и тахсис, хеле барвақт шуруъ шудааст. Масалан, донишманди мумтози улуми адабии асри XIII Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» ин пасвандро «ҳо»-и тахсис гуфта таъкид кардааст, ки ба охири баъзе исмҳо омада, навъеро аз чинсе мумтоз гардонад: дандона, чашма, пойа, гӯша, даста, пушта, нохуна, тана, инчунин заррина, симина, чӯбина, овора, чаҳла, даҳа, ҳафта, талха, бунафша, сабза, сиёҳа, сапеда, нишона, миёна; дуюм,-мегӯяд Шамс Қайси Розӣ, ин пасванд ба охири феълҳои чамъ омада, фоидаи маънии фоъилият диҳад: **донанда, гӯянда, кунанда** [12]; сеюм, ба охири исмҳои чамъ омада, фоидаи маънии лаёқату нисбат диҳад, чунончи**: шоҳона, мардона, занона**[*].

Тавре ки мебинем, шарҳу тавзеҳи ин донишманди барҷастаи улуми адабӣ аз чанд чиҳат ҷолиб аст: якум ин, ки ин пасвандро «ҳо»-и тахсис гуфтааст, яъне мушаххасу чудокунанда; дуюм, бо кадом ҳиссаҳои нутқ ҳамнишин шудани онро номбар кардааст, сеюм, се вазифа ё маънидиҳии онро бо мисолҳо нишон додааст. Ғайр аз ин дар вожаҳоишоҳона, мардона, занона «а»-ро чун пасванди мустақил дониста, таркиби ин навъи калимаҳои сохтаро ин тавр шинохтааст: Шоҳ+он+а, мард+он+а, зан+он+а.

Ба назари мо, маърифату шинохти дурусти ин қолаби калима ҳамин тавр бояд бошад ва инро мантиқи сухан тақозо менамояд.

Ҳамин шарҳу тавзеҳи додаи Шамс Қайси Розӣ бо андаке тағйиру илова дар дигар осори илмии марбут ба асосҳои дастури забони тоҷикӣ, ки минбаъд таълиф мешаванд, оварда шудааст. Аз ин даста таълифот шарҳи беҳтару саҳеҳтарро донишманди мумтози улуми адабӣдар асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар рисолаи таълимии «Чаҳор гулзор» овардааст. Ӯ пасванди «а»-ро «ҳо»-и мухтафӣ (нуҳуфта, пӯшида – Д.Х.) номида, шаш вазифаи дастурии онро таъкид мекунад; 1.Он ба охири исмҳо васл гардида, маънии лаёқат пайдо менамояд, чунончи: **шоҳона, сипоҳона, мардона, занона, ҳамакора, нокора**, яъне лоиқи шоҳон, лоиқи сипоҳон, лоиқи мардон, лоиқи занон, лоиқи ҳар кор,лоиқи ҳеҷ кор [11].

[*].Дар исмҳои навъи мазкур низ Шамси Қайси Розӣ пасванди калимасоз танҳо «а»-ро медонад ва пасванди «он» шакли чамъи исм месозад, шоҳ+он+а.

Дар шарҳи ин вазифаи пасванди «а» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба андешаи Шамс Қайси Розӣ комилан мувофиқ буда, таркиби вожаҳои шоҳона, сипоҳона, занона ва мардонаро ба ин тариқа ҷудо кардааст: **шоҳ+он+а, сипоҳ+он+а, мард+он+а, зан+он+а**. Воқеан, қолаби вожаҳои навъи шоҳона аз се ҷузъ: шоҳ+он+а иборат аст: якум-реша ёсос, дуюм-пасванди ҷамъбандии «он», ки аз шакли танҳо ҷамъ месозад; сеюм-пасванди «а», ки аз исми ҷамъ сифати лаёқат месозад: 2. «Ҳо»-и мухтафии нисбат ва он барои нисбат воқеъ мешавад, чунончи: **«Шоҳнома»** ва **«Сикандарнома»**, яъне нисбати номи шоҳ ва нисбати номи Сикандар. 3.«Ҳо»-и мухтафии исмият, ки дар охири исмҳо ба тариқи ҷавҳари калима дарояд ва ҳеҷ маънӣ пайдо нанамояд, чун **сойа, пойа, мойа, лола, пиёла.**Дар калимаи «ханда», «бӯса», «нола»,-мегӯяд проф. Ш. Рустамов, «пасванди -а исми амал сохтааст, ки чун натиҷаи асосии калима воқеъ шудааст» [7, с.40].

4. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ақида дорад, ки дар калимаи «ханда» пасванди «а» «ҳо»-и мухтафиифеълият аст ва ҷавҳари калимаи афъол аст, чун **ханда** ва ғайра. 5. «Ҳо»-и мухтафии мафъул, ки ба охири замони гузаштаи мутлақи феъл дарояд вамаънии мафъул пайдо намояд, чун **гуфт+а=гуфта, рафт+а=рафта, навишт+а=навишта**, яъне ба маънии гуфта шуда, рафта шуда, навишта шуда.

6. «Ҳо»-и мухтафии фоъилият ва он барои фоъилият дарояд, чун **раванда, гӯйанда, ҷӯйанда, пӯйанда** [11, с.41].

Чи тавре ки аз шарҳу тавзеҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ пайдост, ӯ вазифаи дастурии ин пасвандро хеле мушаххас таъин кардааст.

Муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» Ҳусайни Инҷу [6] (асри XVII) дар муқаддимаи фарҳанг дар ойини даҳум, ки дар баёни ҳуруфи муфрада аст, оид ба пасванди -а чунин маълумот додааст:««Ҳо»-и мухтафӣ чаҳор аст: аввал, «ҳо»-е бувад, ки чун номи чизе ба чизи дигар, ки мушобеҳи он чиз бошад, беҳ ниҳанд, дароваранд, монанди дандон ва дандона; даст ва даста; куҳ-куҳа; куш-куша; нишон-нишона; забон-забона ва амсоли ин. Дуюм,«ҳо»-е бошад, ки дар охири афъол биёваранд, мисоли он ки шоире гуфта; фалон марворид суфта; ғунчаи шукуфта. Сеюм, «ҳо»-ест,ки ба воситаи ташхис ва таъини муддат дар охири сол, моҳ, рӯз, шаб ва соат биёваранд, ҳамчунон ки **яксола, якмоҳа, даҳрӯза, якшаба** ва **дусоата**. Чаҳорум, «ҳо»-и баёни фатҳа бувад ва он «ҳо»-е аст, ки ҷуз далолат бар фатҳаи моқабл дар маънои калима ҳеҷ дахл надорад, мисли **ҷома, хома, банда, шукуфа**» [5, с.195-196].

Бояд гуфт, ки дар «Фарҳанги Рашидӣ» [1], ки он низ дар асриXVII навишта шудааст, дар мавриди пасванди -а шарҳи додаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро айнан бе ҳеҷ тағиру илова ё ихтисоре овардааст. Муқоиса шавад: « «Ҳо»-и мухтафӣ чаҳор аст: Аввал, он ки барои нисбат ва шабоҳат дар охири калимот дарорянд, чун **дандон ва дандона; даст ва даста; куҳ-куҳа; куш-куша; нишон-нишона; забон-забона** ва амсоли он. Дуюм, «ҳо»-е, ки барои ташхис ва таъини муддат дар охири сол, моҳ, шаб, рӯз, соат биёранд, **яксола, якмоҳа, даҳрӯза, якшаба ва дусоата**, аммо зоҳир он аст, ки ин ҷо барои нисбат аст, яъне чизе, ки ба як шаб ё як рӯз, як моҳ нисбат дорад. Ва аз ин қисм аст **муғона**, яъне чизе, ки ба муғон нисбат дорад… Сеюм, «ҳо»-е, ки дар охири афъол биёваранд, мисли он ки шоире гуфта ва фалон марворид **суфта** ва ғунчаи **шукуфта**. Чаҳорум, «ҳо»-е, ки барои баёни фатҳи охири калима бувад ва он «ҳо»-е бувад, ки ҷуз далолат ба фатҳ дар маънии калима дахл надорад ва ифодаи рафъи иштибоҳ кунад ба калимаи дигар, чун **ҷома, хома ва бандаю шукуфа**» [5, с.231-232].

Муаллифи фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» Ризоқулихони Ҳидоят (соли тав.1218 ҳ.қ. соли фавт 1288 ҳ.қ.) дар фасли «Дар баёни маонии ҳуруфи муфрада» шаш вазифа ё ба истилоҳи ӯ маъонии «ҳо» мухтафиро нишон додааст: 1. «Ҳо»-и таънис, ки барои тафриқаи муаннас ба баъзе асмо мулҳақ аст, чунонки ба лафзи **ҳамхоба** ва **ҳамшира**[†].

2. «Ҳо»-и таҳқир, ки ба охири баъзе асмо муттасил гашта, муфиди мафҳуми таҳқир бошад, чунон ки ба лафзи **писара** ва **духтара**, масалан, бигӯйӣ: ин писара касеро ба хотир намеоварад.

3. «Ҳо»-и лаёқат, ки дар охири асмо воқеъ гашта, муфиди маънои лоиқ бошад, чунонки ба лафзи **дарвешона** ва **шоҳона** дар ин наср: Он кас ҷомаи **дарвешона** дар бар ва

[†]Маҳинбону Санеъ ба ин андешаи Ризоқулихони Ҳидоят розӣ нест ва дар ин ду калима пасванди «а»-ро ифодакунандаи маънии нисбат медонад.

кулоҳи **шоҳона** дар сар дорад ва ин навъ бошад «ҳо»-и лафзи **кора** дар ин наср: Ман ин **кора** нестам‡.

4.«Ҳо»-и нисбат, ки ба охири асмо омада ифодаи маънои «ё»-и нисбат диҳад, чунон ки ба лафзи **якшаба, дубора, семоҳа, чорсола**.

Бояд таъкид кард, ки шарҳи бештар ва таъини маънову вазифаҳои зиёди пасванди «а» дар ду фарҳанги тафсире, ки дар нимаи авали асри XIX таълиф шудаанд, ба назар расид: яке «Ҳафт Қулзум»-и Ғозиуддин Ҳаидар Бодшоҳи Ғозӣ (соли таълифи луғат 1815 мелодӣ), дигаре «Ғиёс-ул-луғат»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ (соли таълифи луғат 1827 мелодӣ) [3; 4].

Муаллифи луғати «Ҳафт Қулзум» дар маъбари§ бисту ҳафтуми қулзуми** ҳафтум ҳафт маъною вазифаи пасванди «а»-ро шарҳ додааст:

1.“Ҳо”-и нисбат ва он ба авохири асмо дарояд ва маънии нисбат аз ӯ мустафот†† шавад: **порина, дерина, ганҷина, камина, бузина, пашмина, сафолина.** Ва гоҳе баъди лафзи–гин, ки ҳарфи нисбат аст, ояд, чунончи: обгина, шармгина, андуҳгина.

2.“Ҳо”-и фоъил ва он баъди сиғаи музореъи ғоиб ояд ва онро ба маънӣ фоъил гардонад, чунончи, гӯянда, шунаванда, ҷӯйанда, пуйанда, хонанда, донанда.

3.“Ҳо”-и мафъул ва он баъди сиғаи воҳиди мозии мутлақ омада, маънии шуда аз ӯ пайдо шавад, мисли **хазида, газида, гашта, баста, хӯрда, бурда** ва ғайра.

4.“Ҳо”-и ташбеҳ, ки ба авохири асмои афъол мулҳақ созанд, мисли **лола, сабза, зарда, нила, сафеда, чарба, карда, хока, нишона, буса, реза, шира, паймона, дандона** ва ғайра.

5.“Ҳо”-и миқдория ва он барои таъини миқдор дар авохири асмо ояд, чунончи, **якрӯза, якшаба, думоҳа, дусола, садсола, якумра, даҳмарда, дуоташа, сеоташа, якгуна, дугуна, чаҳоргона** ва ғайра.

6.“Ҳо”-и ташбеҳ, ки маънии монандӣ диҳад, мисли **дӯстона, мухлисона, фозилона, ҳарифона, зарифона, мардона, мастона, ошиқона, ғоибона, беҳиҷобона, муҳаққиқона, орифона, меҳрубонона, дардмандона** ва ғайра.

7.“Ҳо”-и ҳолия, ки баъди аксари сиғаи мозии феъли лозим ояд ва маънии ҳолат аз ӯ пайдо шавад ва “ҳо”-и мавсула низ хонанд, чун расида, парида, хазида, чакида, рафта, нишаста, раста, руста ва миёни ду феъл ояд ва инро отифа‡‡низ хонанд, мисли **хурда рафт**, **кашида бурд** ва ғайра.

Дар луғати муътабари “Ғиёс-ул-луғот”чунин вазифаю маъноҳои дастурии пасванди-а шарҳу эзоҳ ёфтааст:

1.Мулҳақ ба феъли мозӣ гардад ба ҷиҳати интиҳо ва итмоми ҳаракат: **гуфта, карда,нишаста** ва **бархоста**;

2.“Ҳо”-и нисбат, чунончи, **замона** мансуб ба замон; баъди “ё” ва “нун”-и нисбат илҳоқшавад, чунончи: **заррина, пашмина, суфолина, камина**;

3.“Ҳо”-и фоъил, чунончи: **ҳаркора, нокора, гӯйанда, ҷӯйанда**;

4.“Ҳо”-и мафъул ва он баъди сиғаи воҳиди мозии мутлақ ояд ва маънии шуда аз ӯ пайдо шавад, чунончи: **харида, газида, чакида, кушта** ва ғайра;

5.“Ҳо”-и тасмия§§,ки дар охири асмо ва афъол мулҳақ созанд, чунончи: **лола, сабза, зарда, нила, сифеда, дида, гурда, хока, нишона, реза;**

6.“Ҳо”-и миқдория ва он барои таъини миқдор дар охири асмо ояд, чунончи: **якрӯза, якшаба**, **думоҳа, садсола**, **даҳмарда**;

7.“Ҳо”-и вақт. Муаллифи луғат ақида дорад, ки дар ин вазифа пасванди “а” ба ивази “то”-и қарашатва гоҳе ба ивази “то”-и масдария*** ва гоҳе дар бадали “то”-и таънис†††меояд, чунончи:**раҳмат-раҳма; давлат-давла; ҳикмат-ҳикма; оқила, комила, зоҳида, болиға, ҷамила, мастура**;

---

‡.Маҳинбону Санеъ дар калимаҳои **дарвешона** ва **шоҳона** пасванд ҳиссаи «она»-ро дониста, онро пасванди шабеҳ гуфтааст, ки мо розӣ шуда наметавонем.

§. Маъбар – ҷойи гузаштан аз дарё

**. Қулзум – дарё,чоҳи бисёроб, баҳр

††. Мустафод – фоида ҳосил шудан, баҳра гирифтан

‡‡.Отифа – баргардонанда

§§.Тасмия – ном ниҳодан

***. ”То”-и масдария – зорибият, мазрубият, раҳмат, қаноат, ғафлат

†††.То”-и таънис – дар охири асмо шавад ва дар ҳолати вақф “ҳо”гардад, чун зориба ва мазруба ва фосиқа ва мастура.

8.“Ҳо”-и ташбеҳ ва он дар авохири асмо баъди “алиф”-у “нун”-и ҷамъ ояд, чун **дустона, ҳакимона, ошиқона, зарифона, шоҳона, ғарибона, каримона, одилона**[‡‡‡].

9.“Ҳо”-и ҳолия ва он баъди феъли мозӣ ояд ва маънии ҳолат аз он пайдост: **хуфта, нишаста, сувора**: хуфта уфтода буд, нишаста мехӯрд, сувора мерафт.

10. “Ҳо”-и исмия, ки дар охири баъзе исмҳо воқеъ шавад, чун **хома, ома, ҷома, ғалла ва калима;**

11.“Ҳо”-и масдария, чунончи: **зора** ба маънии зорӣ кардан[3].

Тавре ки аз шарҳу баррасии ду асари ба улуми сегонаи адабӣ бахшида шуда ва чаҳор фарҳанги тафсирии гузашта дар бораи як пасванди вожасозу шаклсоз маълум гардид, донишмандони пешини мо ба нозуктарин маъною вазифаи воситаҳои калимасоз эътибори ҷиддӣ додаанд, аммо, мутаассифона, дар таҳқиқу шинохти ин воситаҳои калимасозу шаклсози забонамон дар грамматикаҳои академӣва мактабӣ аз ин манбаъҳои боэътимоди илмӣ баҳра бурда нашудааст. Дар ягон рисолаи илмии ба таҳқиқи калимасозӣ бахшидашудаи муҳақиқони забоншиноси аҳди шуравӣ ва имрӯзи тоҷик оид ба пасванди “а”, ба ин андозае ки дар осори зикршуда оварда шудаасту назари муаллифони онҳо бозгӯ шуд, шарҳу тавзеҳ дида намешавад: Ба назари ин ҷониб, вақте расидааст, ки муҳаққиқони забонишноси мо-хоҳ таҷрибадор ва хоҳ ҷавон имрӯз ҳар мавзӯъеро ки ба таҳқиқ мегиранд, бояд собиқаи онро дар осори донишмандони гузаштаамон аз назар гузаронанд, то ки таҳқиқашон аз нигоҳи таърихият асоснок ва натиҷаи ковишҳои илмиашон мушаххас шавад. Ҳамчунин ҳангоми таҷдиди назар шудани дастурҳои мактабӣ (ҳам дастурҳои забони тоҷикӣ барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳам олӣ), дастури ҷомеъи илмӣ бояд аз ин манбаъҳо истифода карда шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуррашид ибни Абдулғафури Ҳусайнии Мадании Татавӣ. Фарҳанги Рашидӣ; ба таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббос. Аз интишороти китобхонаи Баоронӣ. – 811 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1985. - Ҷ-1. – 350 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1 – Душанбе, 1987. – 480 с.
4. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2 – Душанбе, 1988. – 416 с.
5. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 2017. – 320 с.
6. Мир Ҷамолуддин Ҳусейн Инҷуи Шерозӣ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ; бо иҳтимоми Раҳим Афифӣ. – Машҳад, 1975.
7. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1972. - 70 с.
8. Рустамов Ш. Исм: категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ / Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
9. Тоҷиев Д.Т. Осори мунтахаб / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 2005. – 483 с.
10. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 343 с.
11. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе: Шарқи озод. – 116 с.
12. Шамс Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам фи маоири ашъор-ил-аҷам. – Теҳрон, 1388. – 640 с.

НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ПЕШИН ДАР ШИНОХТИ ЯК ПАСВАНД

Дар мақола сухан дар бораи шинохти маъноҳои дастурии пасванди “а” меравад, ки дар ин бобат назарҳо, чи дар осори донишмандони пешин ва чи муосир, мухталифанд. Муаллифи мақола дар шинохти ин пасванд аз донишмандони гузашта назари Шамс Қайси Розӣ (асри XIII), Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI), муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (асри XVII), «Анҷуманорои Носирӣ» (асри XIX), “Ғиёс-ул-луғот” (асри XIX), «Ҳафт Қулзум» (асри XIX)-ро оварда, онҳоро бо назари имрӯзи шинохти ин пасванд дар мисоли шарҳу тавзеҳе, ки дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ва рисолаи илмии Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик омадааст, муқоисаю муоина кардааст. Аз баррасии мавзӯъ муаллиф ба хулосае меояд, ки дар шинохти ин пасванд, вазифаҳои дастурии он назари донишмандони гузашта хеле фарох буда, маънии дастурии пасванди “а”-ро ба сурати густурда шарҳ додаанд, чунончи: вазифаҳои дастурии онро Шамс Қайси Розӣ аз се, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ аз шаш, муаллифи “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ” аз чаҳор, “Ғиёс-ул-луғот” аз ёздаҳ ва «Ҳафт Қулзум» аз ҳафт адад донистаанд. Ҳамчунин муаллифи мақола таъкид менамояд, ки ҳангоми таҷдиди назар шудани “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ва дастурҳои мактабӣ бояд ин андешаҳои донишмандони пешин ба назар гирифта шавад.

Калидвожаҳо: пасванд, дастур, грамматика, донишманд, забон, вожа, муаллиф, шарҳ, баррасӣ, назар, исм, асос, мозӣ,ҳол, тахсис, муқоиса, маъно, луғат.

МНЕНИЕ ДРЕВНИХ УЧЕНЫХ О ПРИЗНАНИИ СУФФИКСА

Статья посвящена признанию грамматических значений суффикса “***а***”, поскольку в прошлом и современной науке существовали различные мнения. Автор статьи изучил мнения Шамса Кайса Рази (XIII в.), Ходжи Хасана Нисори (XVI в.), авторов «*Фарханги Джахонгири»* (XVII в.) и «*Анджуманорои Носири»* (XIX в.) о признании этого суффикса и сравнил их с его современным пониманием в «Грамматике

[‡‡‡]. Муаллифи луғат ҷонибдори он ақида аст, ки дар калимаҳои қолаби **шоҳона** ду пасванд аст: он+а

современного таджикского литературного языка», академическом издании и монографии Ш. Рустамова “Словообразование существительных в таджикском литературном языке».

Изучая данный вопрос, автор, приходит к выводу, что понимание данного суффикса учеными было очень широким и его грамматические значения были подробно разъяснены. Например, Шамс Кайс Рази (XIII в.) подчеркивает три, Ходжа Хасан Нисори (XVI в.) - шесть, автор *Фарханги Джахонгири* (XVII в.) - четыре, автор *Гиёос ул-Лугот* - одиннадцать и автор *Хафт Кульзум* (XIX в.) - семь грамматических функций данного суффикса. Автор статьи также подчеркивает, что при переиздании «Грамматики современного таджикского литературного языка» и школьных грамматик следует учитывать мнения этих ученых.

Ключевые слова: суффикс, грамматика, ученые, язык, слово, автор, интерпретация, представление, существительное, местоимение, обстоятельства, сравнение, значение, словарь.

THE OPINION OF THE ANCIENT SCHOLARS IN RECOGNITION OF A SUFFIX

The article is devoted to the recognition of grammatical meanings of a suffix “***а***”, as different opinions existed in the past and modern scholarship. The author of the article studied the opinions of Shams Qays Razi (XIII c.), Khoja Hasan Nisori (XVI c.), the authors of *Farhangi Jahongiri* (XVII c.) and *Anjumanoroi Nosiri* (XIX c.) in recognition of this suffix and compared them with the modern understanding of this suffix in Modern Tajik Literary Language Grammar, academic printing and Sh. Rustamov’s monography - “The noun word formation in Tajik literary language. In studying this issue the author comes to the conclusion that in understanding this suffix by the scholars was very wide and its grammatical meanings were explained thoroughly. For example, Shams Qays Razi (XIII c.) underlines three, Khoja Hasan Nisori (XVI c.) six, the author of *Farhangi Jahongiri* (XVII c.) four, the author of *Ghios ul-Lighot* eleven, and the author of *Haft Gulzum* (XIX c.) seven grammatical functions of this suffix. The author of the article also emphasizes that while rewriting Tajik modern literary language and school grammars the opinions of these scholars should be taken into consideration.

Key words: suffix, grammar, scholar, language, word, author, interpretation, view, noun, pronoun, modifier, comparison, meaning, dictionary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷаев Давлатбек*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Ходжаев Давлатбек*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Khojaev Davlatbek*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550-4

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ БА СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ АЛОҚАМАНДИ ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистони ба номи Сотим Улуғзода

Яке аз масъалаҳои мубрами этнолингвистика ин муайян намудани баромади қавму қабилаҳо ва фарҳангу тамаддуни онҳо мебошад. Рушди ҷомеа пайваста сурат мегирад ва он ҳангоми рушди соҳаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ ба забон калимаву истилоҳоти нав ворид менамояд.

Оид ба пайдоиши номвожаи ҷуғрофии водии Ҳисор, ки ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманданд, миёни забоншиносон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ҳисор аз замонҳои хеле қадим бо номҳои Шумон, Ҳисор ва Ҳисори Шодмон ёд шуда, дар осори чинӣ бо унвони «Суман» ва маъхазҳои арабиву тоҷикӣ ҳамчун «Шумон» зикр шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон **Роҳи бузурги абрешим аз** Ҳисори бостон низ мегузаштааст, ки ин омил боиси рушди асосии соҳаи ҳунармандӣ дар ин манотиқ гаштааст.

Роҳи Бузурги абрешим аз Тоҷикистон ҳам гузаштааст. Муаррихон онро ба чор самт тақсим кардаанд. Аввалин роҳ “Суғдӣ” мебошад. Он аз масири Қӯқанд- Исфара – Конибодом - Хуҷанд- Истаравшан – Шаҳристон - Айнӣ- Панҷакент- Зарафшон- Анзоб - Душанбе мегузарад. Дуюм роҳ “ Қаротегинӣ” мебошад. Масираш: Тирмиз - Деҳнав – Турсунзода – Ҳисор – Душанбе – Кофарниҳон – Файзобод - Рашт – Ҷиргатол – Дорут - Қурғон – дараи дарёи Қошғар (Чин) мебошад. Самти сеюм “ Ҷанубӣ” буда, Душанбе- Норак -Данғара- Ховалинг- Ҳулбук - Рустаӣ – Фархор – Панҷ - Колхозобод- Қурғонтеппа – Қубодиёнро дар бар мегирад. Роҳи чорум “масири бузурги Помир аст” [4, с.270].

Оид ба таърихӣ будани водии Ҳисор миёни муҳаққиқон фикру ақидаҳои зиёде ҷой доранд: Ин сарзаминро ҳоло бо номи водии Ҳисор ёд мекунанд. Ин водӣ дорои чандин деҳаву деҳакҳои хушманзар ва шаҳру шаҳракҳои қадимаи ободу зебо мебошад.

Чӣ тавре маълум аст, барои пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳодисаи табиӣ, рушди кишоварзӣ, боғдориву чорводорӣ, рушди ҳунармандӣ, бунёдкории шахс, мавқеи ҷуғрофии қавму қабилаҳо ва дигар омилҳо боис шуда метавонанд.

Номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун ҷузъи устувори камтағйирпазири воҳидҳои забонии минтақаҳои гуногуни таърихӣ нисбат ба забони зинда дар худ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи забони бостониро таҷассум менамоянд. Ин хусусияти муҳимми номвожаҳои ҷуғрофӣ метавонад фаҳмиши моро дар бораи равандҳои гуногуни диахронӣ, аз ҷумла дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тӯли таърих густариш диҳад ва барои пажӯҳандагон имкониятҳои васеи доманадорро бобати таҳия ва истифодаи усулҳои нави лингвистӣ муҳайё намояд [7, с.3].

Масалан, ба пайдоиши топонимияҳои Қушбулоқ (ду чашма), Гаҳворасанг (санги мисли гаҳвора), Ёруктош (санги кафида), Санги кабуд (санги рангаш кабуд), Сурхӣ (хоки сурх), Шӯробдара (дараи обаш шӯр), Тешуктош (санги сӯрох), Обдузд (маҳалли обаш кам), Чуқурак (маҳалле, ки дар чуқурӣ ҷойгиршуда аст), Шӯрхок (дараи хокаш шӯр) ҳодисаҳои табиӣ боис гаштааст.

Номвожаҳои Ҳакимӣ, Абду, Париён, оби Ғарибак аз бунёдкорию қаҳрамонии ашхос дар ин мавзеъ далолат менамояд. Ривоятҳои аз насл ба насл омада, собит менамоянд, ки ба пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофии **Ҳакимӣ** амалҳои неки Эшони Ҳаким (ному насабаш ба пуррагӣ дар ҳеҷ куҷо сабт нашудааст) боис гаштааст. Аз рӯйи ривоятномаҳои мардуми куҳансоли ин мавзеъ аён гашт, ки Эшони Ҳаким фирорӣ будааст ва ҳангоми ҷанги Темуриён дар мадрасаи шаҳри Самарқанд мударрисӣ мекардааст, фурсати мувофиқро ғанимат дониста, ба зодгоҳаш кӯҳистони Фалғар мегурезад ва мардуми деҳаро аз фалокат ва ваҳшонияти лашкари Темуриён огоҳ карда, бо гурӯҳи 40-50 нафараи хешу таборон аз ағбаи Саратоғ ва теппаи миёнаш сӯрох, ки бо номи Муҳра шинохта мешавад, гузашта ба имрӯза Қаратоғ раҳсипор мешаванд [2, с.27].

Аслан калимаи “ҳаким” гарчанде моли забони арабӣ бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ ҳазм шуда, ба маънои доно, донишманд, соҳиби ҳикмат, файласуф, табиб, муолиҷакунанда, пизишк корбаст мешавад. Аммо дар китоби муқаддаси “Инҷил”, ки аз

тарафи Мартин Люте ба забони олмонӣ тарҷума шудааст вожаи “ҳаким” дар ифодаи мафҳуми “ Мавҷудоти воломақом” оварда шудааст [5, с.1991].

Номвожаи Сарбиной ба дарё мансуб буда, ба номи зан алоқамандӣ дорад. Дар ин мавзеъ мақбараи хохари азизи Худо, Хоҷа Ҳасан, ки бо номи Сарбиной маъмул аст, ки аз Шаҳрисабз ба ин ҷо омада будааст, ҷойгир аст. Гарчанде дар айни замон бо чунин қолаби калимасозӣ номҳои Уғулой, Улуғой, Гаҳварой, Роҳатой вомехӯранд, аммо вожаи Сарбиной ҳамчун номи зан дар ин мавзеъ мавриди истифода қарор надорад.

Дараи Ҳакимӣ аз чанд деҳа ва кӯлҳою дарёҳо иборат аст, ки ҳар яке бо номҳои хосси кӯли “Париён”, ҳамвории “Обшикан”, баландкӯҳи “Оби Ғарибак”, шохоби дарёи “Сарбиной”, ҷангалзорҳои “Беоб” маъмулу машҳур мебошанд. Дар тарафи рости дараи Ҳакимӣ ҳамворие ба номи “Обшикан” воқеъ аст, ки ин номвожа низ аз ду ҷузъ “об” + феъли фармоишии шахси дуюми “шикан” ба зуҳур омадааст. Аз сабаби он ки дарёи серобу пурталотуми Қаратоғ маҳз дар ҳамин макон маҷрояш дигар ва орому бомаром мешавад, яъне об мешиканад, чунин номгузорӣ карда шудааст. Орому сокиншавии об боиси рушди моҳигирӣ ва моҳидорӣ дар ин мавзеъ гаштааст. Ибораи “Оби Ғарибак” ба гуфтаи мардуми Ҳакимӣ бо амалҳои нек, яъне ҳунари дорусозии як марди Ҳакимӣ вобастагии сахт дошта, гӯё ҳангоми бо ду хар овардани гиёҳи дорувории кинг барои табобати қандкасалҳо дар таги сел монда, ҳамаи маводи ҷамъоварикарда ва харҳояшро сел мебарад ва худаш дар сӯрохии як кӯҳ пинҳон шуда аз ҳуш меравад. Сокинони деҳа ин марди мусофирро дар ҳамин аҳвол ёфта, ба ин мавзеъ чунин ном мегузоранд.

Гарчанде муҳаққиқ О.Муҳаммадҷонов дар монографияи худ “Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор” топоним - ибораҳои бо термин - индикатори “об/ов” сохташударо, аз қабили: Оби Нуқра (деҳаи Н.В.), Ови Арзак (м.Д. Р), Ови Сафед (чашма, Н.В.), Ови Хунук (чашма,Н.В.), Оби Ширин(чашма, Н.В), Ови Дарайи Никите (Д. Р) оварда пурра шарҳу возеҳ дода тавонистааст, аммо оид ба баландкӯҳи “Оби Ғарибак” чизе наовардааст [10, с.36].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки бо термин - индикатори “кӯл” низ дар ин мавзеъ номномаи ҷуғрофии ”Кӯли Париён” ба назар мерасад, ки таърихи пайдоиши худро дорад. Аз рӯйи ривоятҳои мардуми куҳансоли ин мавзеъ ин макони дилкашро барои шикор яке аз сарватмандони бекигарии Ҳисор интихоб намуда будааст. Одамони Беки Ҳисор, ки дар ҷашни Наврӯзи ҳакимчиҳо иштирок доштанд, зебогии париҳо (духтарҳои ҳакимчӣ)- ро дида, дар ҳайрат мемонанд. Онҳо ҳафт нафари париҳоро барои пешкаш ба ҷаноби Амир интихоб менамоянд. Падару модари духтарон онҳоро дар саҳро пинҳон намуданд, аммо савораҳо духтаронро дунболагирӣ карданд. Қариби бондоштанашон бо амри Худо дар он ҷо кӯле падид меояд ва он париҳо худро дар кӯл мепартоянд ва аз он паризодҳо дигар ному нишоне боқӣ намемонад. Ҳамин тавр, мардум ин мавзеъро “Кӯли Париён” ном гузоштанд. Ин ҳодиса боиси пайдоиши номи ҷуғрофии “Кӯли Париён” гаштааст. Аслан, калимаи “кӯл”-ро забоншиносон моли забони туркӣ шуморидаанд ва дар луғат чунин тафсир шудааст: кӯл- ҷое, ки дар он оби бисёр ҷамъ шудааст [11, с.580].

Аммо бо ин ақида бархе аз забоншиносон розӣ набуда, чунин мешуморанд, ки вожаи кӯл моли забони тоҷикӣ мебошад. Калимаи “ Париён” сохта буда, тавассути ба исми “парӣ” ҳамроҳ кардани суффикси ҷамъбандии – ён ба зуҳур омадааст.

Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки воҳиди луғавии “парӣ” дар луғат чунин тафсир шудааст: ”парӣ маъруф аст, ки нақизи дев бошад; ва мухаффафи парер ҳам ҳаст, ки парерӯз бошад, ки рӯзи пеши дирӯз аст, ва музореи мухотаби паридан бошад; ва замми аввал ба маънии пур ва мамлув будан” [12, с.235].

Мусаллам аст, ки баъзе номвожаҳо, дар ҳақиқат, ба ривоятҳои мардум, ки ба ҳодисаю воқеаҳои дар он давра ба зуҳур омада, иртиботи зич доранд. Масалан, бархе аз забоншиносон бар он ақидаанд, ки номвожаи ҷуғрофии “Шунук” ба “шуднокӣ”, “серҳосилӣ” дар ин мавзеъ иртибот дорад, аммо аз рӯйи ривоятҳои мардуми тагҷойии ин мавзеъ пайдоиши ин номвожа, тамоман, дигар аст. Замоне касалии вабо дар ин мавзеъ паҳн мешавад ва қисме аз эшонзодагон аз ин беморӣ раҳо ёфтанӣ мешаванду гурехта ба пастхамии кӯҳҳои сарбафалаккашида мерасанд. Як нафар намояндаи ин гурӯҳ асари хешро ба замин мехалонад ва бо қудрати Офарандагор он ҷо чашмае пайдо мешавад. Эшонзодагон “обу ободонӣ, шуд некӣ”- гӯён ин маҳалро макони зист интихоб мекунанд. Сипас, эшонзодагон бору бисоти хешро ба хару аспҳо бор карда, ба мавзеи “шуд некӣ” меоянд ва тадриҷан ин номи маҳал ба Шунук табдил меёбад” [14, с.9].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки номвожаҳои марбута на танҳо ба соҳаи ҳунармандию ба амалҳои неки одамон иртибот доранд, балки бо ҳодисаҳои таърихӣ низ вобастагӣ доранд. Масалан, номвожаи “Темурдара” бо расидани қадами нопоки Темури ланг ба ин мавзеъ ба вуҷуд меояд. Аз рӯйи баромад ин калимаи мураккаб буда, аз ду калима, яъне Темур (туркӣ) ва дара (тоҷикӣ) ташаккул ёфтааст.

Аз рӯйи гуфтаҳои сокинони ин мавзеъ, гӯё барои пайдоиши номвожаҳои Пушти Миёна (миёнаи кӯҳ), Дӯнгӣ (баландӣ), Батош (серсанг), Аршӣ (ҷойи баланд), Лавиҷай (лабиҷар), Ойборик (обиборик), Оқҷар (ҷари сафед) мавқеи ҷуғрофӣ омил гаштааст. Бо вуҷуди ин, дар водии Ҳисор номвожаи “Пушти Миёна” ба рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ иртиботи зич дорад. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев қайд намудааст, ки оҳанро дар ин мавзеъ маҳз аз Пуштимиёна меоварданд, ки ин боиси рушди касби оҳангарӣ дар ин мавзеъ гашта, боиси пайдоиши ибораи “оҳани Пуштимиёна” гаштааст [17 с.50]. Инчунин, дар ин мавзеъ дар гузашта ҳунари оҳангарӣ бениҳоят рушду такомул ёфта буд, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ низ нишон дода шудааст. Этнографи варзида Н. Ершов дар асари хеш “Каратаг и его ремесло” овардааст, ки В. Липский - набототшинос охири асри XIX дар ноҳияҳои кӯҳии хонигарии Бухоро саёҳат карда, дар бораи савдои мануфактураи москвагӣ дар Қаратоғ гуфтааст: “кордро дар деҳаи Пуштимиёна низ месозанд, ки он 11 км аз Қаратоғ болотар ҷойгир аст [8, с.7].

Ин калима мураккаб буда, аз ду ҷузъ “пушт” ва “миёна” иборат аст. Дар луғати “Бурҳони қотеъ” низ калимаи “пушт” ҳамчун номвожаи ҷуғрофӣ дарҷ гардидааст: Пушт бар вазни мушт маъруф аст ва ба арабӣ заҳр хонанд; ва паноҳ ва пуштибон; ва беруни ҳар чизеро низ гӯянд; ва номи баландиест дар навоҳии Нишопур муштамил бар дувисту бисту шаш қария. Ва чун ин балда ба манзалаи пуштӣ бошад. Нишопурро бад- ин ном хонанд; ва номи қарияе ҳам ҳаст аз вилояти Бодғис дар Хуросон ва ҳес ва муханнасро низ гӯянд [12, с.240]. Яъне бо вожаи “пушт” номномаи ҷуғрофӣ дар гузашта низ вуҷуд доштааст.

Аслан, ҳунармандӣ дар Қаратоғи водии Ҳисор бештар рушд намудааст гӯем ҳам ғалат намекунем, зеро таъсири зиёди рушди ҳунармандиро дар ин мавзеъ дар пайдоиши номвожаҳои маҳалҳои Чармгарон, Кулолӣ, Мехчагарӣ, Собунгарӣ, Қассобхона, Сарбозхона, Қозихона, Олитин Жилав, Читгарӣ, Ҷӯшонак (деги куҳна), Рангрезхона дида метавон. Илова бар ин бояд ҳаминро дарҷ созем, ки номвожаи Қаратоғро мо бевосита дар таркиби ибораҳои *алочаи қаратоғӣ, шоҳии қаратоғӣ, тоқии гаратоғӣ, даравшдӯзиҳои қаратоғӣ, қанди кокулдораки гаратоғӣ, ҳавлои қаратоғӣ, нишолоҳи қаратоғӣ* дида метавонем. Оид ба пайдоиши худи номвожаи ҷуғрофии “Қаратоғ”, ки дар водии Ҳисор бо ҳунармандонаш маълуму машҳур гаштааст, миёни донишмандону мутафаккирон баҳсҳои бепоён идома доранд. Масалан, муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев оиди пайдоиши ин номвожаи ҷуғрофӣ чунин ибрози ақида намудааст: “Маънои аслии Қаротоқ «Қарияи тоқ» аст . Мафҳуми “қария” - қишлоқ ё деҳа мебошад. Мафҳуми “тоқ” ин танҳо аст, яъне қишлоқи танҳо [17, с.50].

Аммо дар байни мардуми дараи Қаротоғ равияҳои зиёде нисбати пайдоиши ин номвожаи ҷуғрофӣ ҷой доранд. Ба ақидаи гурӯҳи якум калимаи “Қаротоқ” калимаи туркӣ буда, маъноаш «кӯҳи сиёҳ» аст. Ин калимаи туркӣ аз сифати ифодакунандаи ранг қара (сиёҳ) ва исми тог - кӯҳ сохта шудааст [1, с.10].

Қисми дигари донишмандони ин мавзеъ оид ба маъно ва пайдоиши ин ном ақида доранд, ки аслан ин калима дар гузашта шакли “Қаратуғ”- ро доштааст, ки маъноаш қара - сиёҳ, туғ - асо аст. Ин ном гӯё дар асри XIV дар давраи ҳукмронии амир Ҳусайн ва амир Темур пайдо шуда бошад. Яъне, ҳангоми рӯ ба ғарибӣ овардани мардуми Даҳбеди Самарканд, онҳо бо асои охирини худ аз кӯҳи сиёҳ гузашта бошанд. Аммо бар хилофи ин ақидаҳо профессор Ш. Исмоилов оид ба пайдоиши ин калима чунин ибрози ақида намудааст: “Ин калимаи авестоӣ буда, аз ду ҷузъ **кара** (санг, кӯҳ) ва **таг** (устувор, сахт, побарҷо, идомадиҳанда) иборат аст, ки дар қатори топонимияҳои Тоҷикистон ва таҳаввулоти таърихии он аз давраи авестоӣ то имрӯз вохӯрдан мумкин аст [9, с.5].

Сабаби гуногунии мафҳуми Қаротоғ дар он аст, ки дар ин дара ҳам турку барлосҳо ва ҳам тоҷикони эронзабон умр ба сар бурдаанд. Мафҳуми деҳаи Қаротоғ ба мафҳуми маҳаллаи Қарияи болои шаҳри Душанбе шабеҳ аст.

Мушоҳидаҳо собит намуданд, ки дар ҳақиқат, мардуми Самарқанд бо мардуми қаратоғи имрӯза робитаи хешигарӣ доранд, зеро кадом навъи ҳунармандие, ки дар Самарқанд рушд карда буд, дар ин мавзеъ идома ёфта истодааст.

Инчунин, аз куҳании ин мавзеъ ва рушди соҳаи ҳунармандӣ дар ин манотиқ, ки аз забон ба забон гузашта, то ба имрӯз ба шакли ҳикояву ривоят боқӣ мондааст, ин “*асрори қабрҳои нишонадор”* мебошад. Сангҳои ин қабрҳо чунон ҳам моҳирона ороиш дода шуда буданд, ки тамоми одамоне, ки ин муъҷизаҳоро медиданд ба ҳайрат мемонданд. Яке аз қабрҳое, ки мардуми деҳа ва мардуми қошғарӣ, то имрӯз муқаддас мешуморанд, ин қабри “Офоқхӯҷа” (Хуҷаи муҳтарам) мебошад. Мувофиқи сарнавишти китоби «Шоҳмашраб» Офоқхӯҷа дар ҳамин деҳа аз олам гузаштааст. Қошғариҳои Хитой Офоқхӯҷаро набераи ҳаждаҳуми Муҳаммад (с) мешуморанд. То имрӯз мардуми қошғарие, ки дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон зиндагӣ доранд, ба зиёрати ин марқад меоянд. Офоқхӯҷа яке аз соҳибилмони мардуми қошғари Хитой будааст. Мо дар китоби “Девони Машраб” маълумотҳои зиёдеро ёфтем: “Шоҳ - Машраб аз Намангон баромада, ба шаҳри Уш (Ош) ва аз он ҷо ба шаҳри Қошғар барои зиёрати ҳазрати Офоқхӯҷа меравад. То Инқилоби Октябр Қаратоғ ба ҳайати бекигарии Ҳисор медаромад. Аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ гуфта метавонем, ки бозори калони бекигарии Ҳисор маҳз дар Қаратоғ буд, зеро ҳунармандон дар ин мавзеъ ҷамъ омада буданд. Соли 1907 дар ин ҷо заминҷунбии сахте ба амал омад, ки ҳунару ҳунармандонро ба замин яксон кард [17, с.58].

Агар омили асосии рушди ҳунармандӣ дар ин минтақа ин гузаштани “Роҳи бузурги абрешим” аз ин мавзеъ бошад, омили дигар ба пайдоиши суннатҳои гуногуни ҳунармандӣ дар минтақа ба сокин шудани қавму қабилаҳои гуногун алоқаманд мебошад. Азбаски ҳар як қавм, қабила, миллат хусусиятҳои хосси ҳунармандӣ доранд, ин қавму қабилаҳо ба рушди соҳаҳои алоҳидаи ҳунармандӣ сабаб мешаванд. Масалан, дар Қаратоғи водии Ҳисор гузари Ҷуҷуто вуҷуд дорад, ки маҳз ин халқият ба ҳунари кафшдӯзӣ, заргарӣ, мисгарӣ машҳур шуда, боиси пайдоиши ин гурӯҳи номҳо гаштаанд. Дар ин маврид калимаи ҷуҳут ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта шаклӣ “ҷуҷот” гирифтааст. Ин вожа дар луғат чунин тафсир шудааст: ҷуҳуд арабӣ яҳудӣ фарде аз халқи яҳудӣ [16, с.796].

Дар гузари Чармгарон ҳунари чармгарӣ рушд карда буд, гарчанде бо мурури замон чармгарон дар ин мавзеъ дигар ба ғайр аз афзоли хару асп ва баъзе ашёҳои рӯзгор чизи дигар намедӯзанд, аммо ин навъи ҳунармандӣ боис гардид, ки ин номномаи ҷуғрофӣ то ҳол дар ин мавзеъ устувору побарҷо бимонад.

Кулолгарӣ низ яке аз касбҳои дӯстдоштаи ин мавзеъ буда, иқлими ин дара барои рушду такомули ин навъи ҳунармандӣ шароити хеле хуб фароҳам оварда буд. Дар дараи Қаратоғ ҳам гили сурх ва ҳам гили сафед, ангоб ва модаҳое, ки аз он ранг истеҳсол карда мешаванд, хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳоло низ кулолгарони қаратоғӣ бо табақу гуловичаҳои сафолӣ ва кӯгичаву қулқулакҳои худ шуҳрату овозаи ин мавзеъро боз дучанд карда истодаанд. Маҳз ҳунари кулолӣ барои аз байн нарафтани номвожаи “гузари Кулолгарон” сабаб гашта тавонист.

Бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки ҳунари оҳангарӣ дар ин мавзеъ, ки боз ба шохаҳои мисгарӣ, мехчагарӣ, сӯзангарӣ ва ғайра ҷудо мешавад, гузари Мехчагарон дар ин мавзеъ маълуму машҳур кард. Бо пешрафти илму техника ва пешравии ҷомеа дар айни замон мардум дигар ба мехчаҳое, ки мехчагарон истеҳсол менамоянд ниёз надошта бошанд ҳам, аммо шохаҳои дигари ин навъи ҳунармандӣ, аз қабили кордсозӣ, наълсозӣ, турбасозӣ, оташдонсозӣ ва ғайра намегузоранд, ки номвожаи “Гузари Мехчагарон” ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда дохил шавад.

“Гузари *бойбичаҳо”* дар деҳаи Олтин Жилав аз рушду таккмули ҳунари *қолинбофӣ, қоқмабофӣ ва намадрезӣ* дар ин мавзеъ шаҳодат медиҳанд. Даромаде, ки дар ин мавзеъ аз ин ҳунарҳо ба даст меоварданд, боис гардид, ки ин маҳал чунин номгузорӣ гардад. Чорводориву молпарварӣ дар ин мавзеъ аз вуҷуд доштани “Гузари мусобозориҳо” шаҳодат медиҳад.

Гарчанде қавму қабилаҳои Ҳиндуҳо, Дарбандиҳо, Калтатойҳо дар ин мавзеъ дар айни замон истиқомат надоранд, аммо дар гузашта, ки бо ҳунарҳои худ дар ин мавзеъ машҳур буданд, ин гузарҳо бо ҳамин номҳо ба мардуми тағҷойӣ маъмуланд. Турку барлосҳо ва мӯсобозориҳову бойбичаҳо то ҳол ҳунарҳои худро дар ин мавзеъ идома дода истодаанд.

Илова бар ин, бояд ҳаминро дарҷ намоем, ки номвожаи “Осиёбдара” низ таърихи пайдоиши худро дорад. Дар гузашта дар ин дара панҷ осиё мавҷуд буд ва осиёбонҳои ин мавзеъ аз нозукиҳои ҳунари осиёдорӣ воқиф будаанд. Ин амали неки онҳо боиси ба вуҷуд омадани ин номвожаи ҷуғрофӣ гардид.

Истилоҳи осиё дар луғатҳо ба тарзҳои гуногун тафсир шудааст: осиё - яке аз олоти кашидани равған, ки ассорон доранд, осиёи даст осиё, ки ба даст гардонанд [13, с.14]. Осиё маъруф аст ва он санге бошад мусаттах ва мудаввар ба болои санги дигар, ки об ва бод ва одамӣ ва ҳайвон ва дигар онро бигардонанд; ва баъзе аз он чӣ об гардад осиёи гӯянд ва он чиро ба даст гардонанд ё чорво гардонад осиё намегӯянд [12, с.54]. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки забоншинос Ҳ.Маҷидов ин калимаро ба гурӯҳи калимаҳои рехта дохил намуда, чунин овардааст: “Ҷиҳати ҷолиби диққати ном, ки қиёфаи овозии калима аст, рафта - рафта рехта шуда, ба дараҷае боло мегирад, ки на фақат маънои воқеӣ, балки ибтидоии онро низ аз байн мебарад. Чунин тақдир калимаи осиёро “дастгоҳи орди ғалла, ки аз ибораи оси об муштақ аст, (муқоисаи варианти дигари маъмули он - осиёб), насиб шудааст. Калимаи осиё имрӯз бе ягон мамоният бо калимаҳои обӣ, дастӣ, баркӣ алоқаманд шуда, навъҳои мухталифи онро ифода мекунад: осиёи обӣ, осиёи баркӣ” [11, с.37].

Таҳлилҳо собит намуданд, ки калимаи “ Осиёб” боз дар шаклҳои “осиё”, “осию” дар лаҳҷаву шеваҳо маъмул аст, ки дар ин калимаҳо мо танҳо тағйироти фонетикиро мебинем. Аммо муҳаққиқи тоҷикони водии Хуф М.С. Андреев овардааст, ки осиёи дастиро дар Ишкошим “дос- дос” меноманд [3, с.91]. Дар ин маврид шакли ин калима дигар аст. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи “осиёб” ба ғайр аз маънои аслии худ инчунин ба маънои дигар низ корбаст мешавад, ки дар луғат дарҷ гардидааст: Осиё ва осиёб (мельница), осиёби бодӣ, сангосиёб, ё осиёсанг, гуфтугӯии дандон ва чоғ дандонҳои осиёбӣ (коренные зубы) [6, с.45].

Мусаллам аст, ки забон ва гӯйишҳои он ба фарҳангу тамаддуни ҳар як миллат таъсири мустақим дорад. Агар ба таърихи номгузории маҳалҳои гуногуни водии Ҳисор назар афканем, мебинем, ки хусусиятҳои хосси номгузории ин маҳалҳо ба вижагиҳои забонии сокинон робитаи ногусастанӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои хосси ин минтақа рушди дуредгариву чӯбтарошӣ мебошад. Азбаски атрофи деҳа саросар ҷангалзор буда, манбаи чӯбу дарахт ба ҳисоб мерафт, мардуми маҳаллӣ ба ҳунари наҷҷорӣ майл карда, ин касбро аз бар менамуданд. Ҳамин буд, ки устоҳои чӯбкор дар деҳаи Ҳакимӣ зиёд гардида, бо ҳунари худ ҳам мардуми деҳаро бо олотҳои зарурии чӯбӣ таъмин мекарданду ҳам ба минтақаҳои дигар дастранҷашонро ба фурӯш мебароварданд. Азбаски деҳаи Ҳакимӣ дар роҳи абрешим қарор дошт, тоҷирон аз кӯҳистони Фалғар, шаҳрҳои Панҷакенту Самарқанд ба шаҳрҳои Қаратоғ, Деҳнаву Термиз, Бойсуну Шаҳрисабзу Китоби Ғузор мол оварда, аз ин ҷойҳо маводи ниёзи мардумро харидорӣ карда, ба мавзеъҳои худашон бармегаштанд. Бинобар ин, номҳои *зарфу табақи ҳакимӣ, қошуқи ҳакимӣ, кафлези ҳакимӣ, угураки ҳакимӣ, ҷувози ҳакимӣ, чархчӯби ҳакимӣ, чахники ҳакимӣ, урчуқи ҳакимӣ* машҳур гардид.

Азбаски дар деҳаи Ҳакимӣ косибони зиёде фаъолият менамуданд, дар ин замина номҳои *усто Алии ҳакимичӣ, усто Абдурраҳмони ҳакимичӣ, усто Абдуҷалили ҳакимичӣ, усто Мумини ҳакимичӣ, усто Ҳабибуллои ҳакимичӣ, усто Шукури ҳакимичӣ, усто Карими ҳакимичӣ, усто Холи ҳакимичӣ* пайдо шудаанд.

Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки рушди ҳунармандӣ дар водии Ҳисор дар давоми таърихи чандҳазорсолаи ин мавзеъ боиси пайдо шудани истилоҳоти хосси ҳунармандӣ ва дар асоси онҳо номгузорӣ шудани мавзеъҳои гуногуни ин минтақа гаштааст.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.З. Абдуллоева. – Душанбе, 2017. – 190 с.
2. Азизов Д. Деҳаи Ҳакимӣ / Д. Азизов, М. Мухторов, С. Бегов. – Душанбе, 2017. – 286 с.
3. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (Верховы Амударьи). Вып. 1 / М.С. Андреев // Труды АН Тадж ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии. Т.7. – Сталинабад, 1953. – 251 с.
4. Бадалов И. Нақши” Роҳи бузурги абрешим” дар равобити таърихию сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва Хитой / И. Бадалов // Маводи конференсияи байналмилалии ДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2018. – С.270-272.
5. Wahring G. Deutsches Warterbuch mit einem Lexikon der deutschen Sprachlehre / G.Wahring. - Manchen: Mosaik, 1991. - 1493 s.
6. Дари русский словарь. – Москава: Русский язык, 1966. – 752 с.
7. Додихудоев Р.Х. Памирская микротопонимия (исследование и материалы) / Х.Р. Додихудоев. - Душанбе, 1975. - 165 с.
8. Ершов Н.Н. Каратаг и его ремесло / Н.Н. Ершов. - Душанбе: Дониш, 1984. - 100 с.

9. Исмоилов Ш. Садои асрҳо / Ш. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №4/3(303). – С.3-7.
10. Маҳмадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор / О.О Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2010. - 222 с.
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Лексикология / Ҳ. Маҷидов.-Душанбе: Деваштич, 2007.-243 с.
12. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993. –280 с.
13. Сироҷуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Сироҷуддин Алихон. – Душанбе, 1992. - 238 с.
14. Файзалии Шукур. Зиндагиномаи Шунук ва Шунукчиён / Шукур, Файзиалӣ. - Душанбе, 2014. - 302 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М., 1969. - 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М., 1969. - 947 с.
17. Ҷӯрабоев Р. Диёри шоир / Р. Ҷӯрабоев. - Душанбе, 1991. - 225 с.

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ БА СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ АЛОҚАМАНДИ ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола дарҷ гардидааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами этнолингвистика, ин муайян намудани баромади қавму қабилаҳо ва фарҳангу тамаддуни онҳо мебошад. Рушди ҷомеа пайваста суръат мегирад ва ҳангоми рушди соҳаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ ба забон калимаву истилоҳоти нав ворид мешаванд. Оид ба пайдоиши номвожаи ҷуғрофии водии Ҳисор, ки ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманданд, миёни забоншиносон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Аз тадқиқи масъалаи мазкур бармеояд, ки тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ҳисор аз замонҳои хеле қадим бо номҳои Шумон, Ҳисор ва Ҳисори Шодмон ёд шуда, дар осори чинӣ бо унвони «Суман» ва маъхазҳои арабиву тоҷикӣ ҳамчун «Шумон» зикр шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон “**Роҳи бузурги абрешим” аз** Ҳисори бостон низ мегузаштааст, ки ин омил боиси рушди асосии соҳаи ҳунармандӣ дар ин манотиқ гаштааст. Инчунин, дар мақола мафҳуми Қаратоғ аз нигоҳу диди муҳаққиқон шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Муаллиф оид ба калимаи авестоии **кара** (санг, кӯҳ) ва **таг** (побарҷо, мустаҳкам, давомёбанда), ки дар қаторики топонимҳои Тоҷикистон мавҷуданд ва таҳаввулоти таърихии онҳо аз давраи авестоӣ то имрӯз мулоҳизаронӣ намудааст. Дар натиҷаи муқоиса ва ҳамҷоякунии далелҳои забонӣ муаллиф тасдиқ менамояд, ки топонимияи Қаратоғро, ки зери таъсири забонҳои туркӣ ба тағйироти шаклӣ гирифтор гаштааст, калимаи туркӣ ҳисобидан ҷоиз нест. Дар мақола инчунин муаллиф оид ба баромади номвожаҳои Чармгарон, Читгарон, Кулолӣ, Сурхӣ, Ҷуҷуто, Оҳангарон, ки ба соҳаи ҳунармандӣ сахт алоқаманданд. Маҳз дар заминаи рушду такомули соҳаи ҳунармандӣ ин номвожаҳо дар ин мавзеъ ба вуҷуд омадаанд.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, фарҳанг, тамаддун, ҳунармандӣ, калима, номвожаҳои ҷуғрофӣ, лаҳҷа, шева, забон, водии Ҳисор, манотиқ, ҷамъият.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ТОПОНИМОВ ОТНОСЯЩИХСЯ К ОБЛАСТИ РЕМЕСЕЛ В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЕ

В статье цитируется, что одним из важнейших вопросов этнолингвистики является определение происхождения народов, племён, их культур и цивилизаций. Автор отмечает, что общество постоянно развивается, а с развитием ремесел и промыслов в язык вводятся новые слова и термины. О происхождениии топонимов Гиссарской долины, относящихся к области ремесел среди линвистов существуют разные мнения. Из анализа этого вопроса следует, что, по историческим источникам, Гиссар с давних времен помнят под именами Шуман, Гиссар и Гиссар Шодмон в китайском наследии с названием “Суман”, а в арабских и таджикских источниках упоминается как Шумон. По мнению исследователей шёлкового пути, “Большой шёлковый путь” проходил через древний Гиссар, этот фактор привёл к серьезному развитию ремесел в этом регионе. В статье также разъясняется понятие “Каратаг”, с точки зрения исследователей. В данной статье автор рассуждает о месте авестических слов кара (камень, гора) и таг (устойчивый, крепкий, продолжающийся, целесообразный), которые встречаются в ряде топонимов Таджикистана, в результате их исторической эволюции с авестийского периода до настоящего времени. В статье также рассматривается вопрос распространения этих двух древних слов и их употребление в разных фонетических формах в отдельных говорах таджикского языка. В результате сравнения и сопоставления языковых фактов автор утверждает, что по топонимы Каратага, которая под влиянием тюркских языков подверглась видоизменению, недопустимо считать тюркскими словами. В статье также рассматривается происхождение топонимов Чармгарон, Читгарон, Кулоли, Сурхи, Чучуто, Оњангарон, которые тесно связаны с ремесленной отраслью и основаны на развитии и совершенствовании ремесленной отрасли в этом регионе. Именно на основе развития и совершенствования ремесленных отраслей появились эти топонимы в данном регионе.

Ключевые слова: этнолингвистика, культура, цивилизация, ремесло, слово, топонимия, говор, диалект, язык, Гиссарская долина, регион, общество.

ETHNOLINGUISTIC ASPECTS OF TOPONYMS RELATED TO THE REGION OF CRAFTS IN THE GISSAR VALLEY

The article cites that one of the most important issues of ethnolinguistics is the determination of the origin of peoples, tribes, their cultures and civilizations. The author notes that society is constantly evolving, and with the development of crafts and trades, new words and terms are introduced into the language. There are different opinions about the origin of the toponyms of the Hissar valley related to the field of crafts among linguists. From the analysis of this issue, it follows that, according to historical sources, Gissar has long been remembered under the names Shuman, Gissar and Gissar Shodmon in the Chinese heritage with the name “Suman”, and in Arabic and Tajik sources it is referred to as Shumon. According to the researchers of the Silk Road, the “Great Silk Road” passed through the ancient Gissar, this factor led to the serious development of crafts in this region. The article also explains the concept of "Karatag", from the point of view of researchers. In this article, the author discusses the place of the avestic words kara (stone, mountain) and tag (stable, strong, continuing, expedient), which are found in a number of place names in Tajikistan, as a result of their

historical evolution from the Avestan period to the present. The article also discusses the issue of the distribution of these two ancient words and their use in different phonetic forms in certain dialects of the Tajik language. As a result of the comparison and juxtaposition of linguistic facts, the author claims that according to the toponyms, Karatag, which under the influence of the Turkic languages has undergone modification, is inadmissible to be considered Turkic words. The article also examines the origin of the toponyms Charmgaron, Chitgaron, Kuloli, Surkhi, Chuchuto, Ogangaron, which are closely related to the handicraft industry and are based on the development and improvement of the handicraft industry in this region. It is on the basis of the development and improvement of handicraft industries that these place names appeared in this region.

Key words: ethnolinguistics, culture, civilization, craft, word, toponymy, dialect, dialect, language, Gissar valley, region, society.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведение об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 492.7.09

ЗУЛЛИСОНИЯТ ВА ТАТАББУОТИ ШОИРОН ДАР НАЗМИ АРАБИЗАБОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI ВА АСРИ XII

Раҷабова М.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти арабизабони нимаи дуюми асри XI ва асри XII маҳсули ҳамзистӣ ва мазҳари таъсири мутақобилаи суннатҳои адабии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин зуҳуроти раванди таъсир ва таассур дар адабиёти арабизабони давраи мазкур адабиёти дузабона маҳсуб меёбад.

Адабиёти дузабона дар дарбори силсилаҳои эронӣ, чун Саффориён, Сомониён ва Оли Бувайҳ ҳузуре бузург дошт ва дар давраи Салҷуқӣ ба сабаби аҳаммияти ҷойгоҳи адибон дар боргоҳ, илова бар равнақ ёфтани ашъори дузабона, илмҳои адабӣ низ рушд намуданд. Аз ҷониби дигар, бо расидан ба мансабҳои ҳукуматӣ аҳли илму адаб таъсири зиёде ба пешрафти адабиёт гузоштанд ва дар навиштаҳою ашъори худ низ аз ҳар ду забон истифода карданд. Албатта, бо баррасии осори бештари адибони ин давра метавон дарёфт, ки онҳо аз назари муҳтавову мазмуни шеърӣ сабки навин ва дигаргуниеро ба вуҷуд оварда натавонистанд, аммо бо сурудани ин навъ ашъор онҳо ба густариши назми дузабонӣ ва омехтагии ин ду забон мусоидат намуданд.

Намояндагони адабиёти нимаи дуюми асри XI ва асри XII аксаран зуллисонайн буданд ва ба таснифи осор ба ҳар ду забон мепардохтанд. Аз миёни онҳо номи шуарои зерин ба ҳайси шоирони зуллисонайн дар сарчашмаҳо ба қайд омадаанд: Туғроии Исфаҳонӣ, Абунаср ибни Абуҳафси Муншӣ, Абулфазл Музаффар ибни Аҳмади Яздӣ, Ҳусайн ибни Иброҳими Натанзӣ, Муҳаммад ибни Масъуди Қассом, Абулҳасани Бохарзӣ, Абулҳасани Байҳақӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳамидуддини Балхӣ, Рашидуддини Ватвот, Умари Хайём, Масъуди Саъди Салмон, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Ато ибни Яъқуб ибни Нолики Ғазнавӣ, Заҳируддини Форёбӣ, Абулфутӯҳ Баракот ибни Муборак, Низом Воизи Балхӣ, Илкиёшоҳи Марзбон, Абунаср Аҳмад ибни Иброҳими Толиқонӣ, Маликуссодоти Нишопурӣ, Разиюддини Нишопурӣ.

Яке аз шуарои маъруфи зуллисонайн Абулҳасани Бохарзӣ ба шумор меояд. Дар баробари осори мухталифи арабию форсии худ, Бохарзӣ соҳиби девони шеърӣ ба ҳар ду забон буда, муаллифи “Лубоб-ул-албоб” аз маҷмӯаи рубоиёти форсии шоир мавсум ба “Тарабнома” низ ёдовар шуда, чанд рубоиётро аз он зикр намудааст [1, ҷ.1, с.70].

Абулҳасани Байҳақӣ, дар ҳамбастагӣ бо муаллафоти гуногун дар бисёре аз улуми маъмули замонаш ба забонҳои форсию арабӣ, мақолу зарбулмасалҳои арабиро гирдоварӣ карда, дар чаҳор муҷаллад таҳти унвони “Китоб Маҷомиъ-ул-амсол ва бадоиъ-ул-ақвол” иншо кардааст. Афзун бар ин, ӯ дар ҳар ду забон соҳиби ашъори дилнишине низ мебошад, ки намунаи онҳоро дар маъхазҳои адабию таърихӣ метавон ба мушоҳида гирифт [20, ҷ.4, с.1763].

Умари Хайём низ ҳамзамон бо осори барҷастаи илмӣ ба забонҳои форсию арабӣ ашъорашро низ ба ин ду забон иншо кардааст.

Абдуллоҳи Ансорӣ низ дар баробари он ки осори илмии хешро бо ҳар ду забон тасниф намудааст, ашъорашро низ бо ин ду забон сурудааст [6, ҷ.1, с.113-117; 16, ҷ.2, с.913]. Абдуллоҳи Ансорӣ ба забони форсӣ китобҳои сершуморе нигошта, ба забони арабӣ ду китоб – “Замм-ул-калом” ва “Манозил-ус-соирин”-ро тасниф намудааст [2, с.123].

Рашидуддини Ватвот дар назму насри форсию арабӣ аз саромадони замон буда, қудрати табъаш дар шеъри ҳар ду забон дар пояи хеле баланд қарор дошт.

Абдулвосеи Ҷабалӣ низ аз саромадони аҳди хеш буда, дар назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ моҳир буд. Яке аз вижагиҳои эҷодиёти шоир дар эҷоди муламмаот ба мушоҳида мерасад, ки намунаи он дар “Лубоб-ул-албоб” матраҳ гардида, бо ин қудрати ӯ дар ҳар ду забон инъикос гардидааст [1, ҷ.2, с.104-110].

Ато ибни Яъқуб ибни Нолики Ғазнавӣ низ аз шоирони зуллисонайн буда, девонҳои форсию арабии ӯ бо баҳои гаронтарин дар Хуросон харидорӣ мегардид. Намунаи ашъори арабию форсии шоир дар “Лубоб-ул-албоб” матраҳ гардидааст [15, с.20, 82; 1, ҷ.1, с.72-75]. Эҷодиёти Ато ибни Яъқуб дар пажӯҳиши Тоҷиддин Мардонӣ ба таври амиқ омӯхта шудааст [11, с.376-392].

Дар “Харидат-ул-қаср” намунаи ашъори арабии Ато ибни Яъқуб сабт шуда ва аз ҷумлаи он қасидаест, ки аз рӯйи мавзӯъ ба жанри ҳабсиёт шомил мешавад. Шоир ҳама дарду ранҷашро аз қисмати талхи худ дониста, аз даҳр фиғон мекунад ва ба он чунин муроҷиат менамояд:

يا دَهْرُ وَيْحَكَ كمْ و كَمْ بي تَلْعَبُ طَوْرَاً تحاربني، و طَوْرَاً تَحْربُ
ما مَرَّ يَوْمٌ واحدٌ بل ساعةٌ الَّا غزاني مِنْ جيوشِكَ مَقْتَبُ
كالعُودِ أَقشر مرَّة و العود أُحْرَقُ تارة، و العود حِيناً أُضْرَبُ
أَعْرَبْتني مِنْ كلِّما مَلَكَتْ يَدي و السَّيفُ عَرْياناً أَحدُّ و أَهْيَبُ

[Эй даҳр, вой бар ту, то чанд бо ман мебозӣ, гоҳе бо ман ҳарб намоиву гоҳи дигар ғазабат резӣ.

Як рӯз, балки як соате нагзарад, ки лашкарат қомати ман нашканад.

Гоҳе ҳамчу шохи дарахт пӯстам кандӣ ва гоҳе чу уд дудам додӣ ва гоҳи дигар бо калтак зарбам кардӣ.

Аз дастам ҳар чиро, ки соҳиб будам, бигрифтӣ, пас, кунун шамшерам урён асту кунду шикаста] [9, с.152].

Намунаҳои ашъори форсӣ-тоҷикии шоир низ шаҳодати боризи ҳунари волои шоирии ӯ маҳсуб меёбад. Мазмуни ашъори форсӣ-тоҷикии шоир бо ашъори арабии ӯ дар бештари мавриди тавъам афтодаанд. Мисоли равшани он абёти зерини қасидаи форсӣ-тоҷикии шоир мебошанд, ки дар он шоир шарҳи ҳоли дили маҳзуни худ мекунад ва ба ин васила аз рӯзгори худ шиква менамояд:

Ба Ҳинд фитодам чу Одам зи ҷаннат, Чу рӯбоҳро мӯву товусро пар.
Ба таъвилу талбиси бӯҳтон мангар. Ду моҳ шуғл рондам чу киштӣ ба хушкӣ,
На гандум чашида, на оварда исён, Ҳама сол мондам ба дарё чу лангар.
На ман қавли иблисро карда бовар. Кунад бар ман ин фазл ҳар рӯз ғамзе,
Агар гандуме буд ҳаме ҷурми Одам Кашад бар ман ин илм ҳар рӯз лашкар.
Ҳама ҷурми ман аз ҷаве ҳаст камтар. Гаҳе боздорад чу мушкам ба нофа,
Балои ман омад ҳама дониши ман, Гаҳе хуш бисӯзад чу удам ба миҷмар [1,ч.1, 73].

Аз зумраи шоирони маъруфи зуллисонайни давр Заҳируддини Форёбӣ маҳсуб меёбад, ки бо ашъори дилангези худ ба ду забон шинохта шудааст. Дар девони шеърии шоир яксаду ҳаштод байт ашъори арабӣ дарҷ гардидааст, ки қисмати бештари он дар мавзӯи мадҳ суруда шудааст [18, с.384-394]. Ашъори арабии шоир дар пайравӣ аз шеъри суннатии араб иншо гардидааст, ки ҳамин хусусиятро дар насиби зерини қасидаи мадҳии шоир метавон ба мушоҳида гирифт:

تبدى خلال الركب و الليل قد دجا وجوه كضوء الصبح حين تبلجا
و عن لنا سرب يصيد بلحظه اسود الشرى من كل اجور ادعجا
و بين جواريها ربيبة هودج و قد ملات من رائع الحسن هودجا

[Ҳангоми савори маркаб гардидан, ки шабонгаҳи торик буд, ӯ намоён гашт ва рухсораҳо ҳамонанди субҳи навдамида буд.

Дар рӯбарӯям роҳе баромад, ки аз ҳар тараф модашерон бо чашмони сиёҳ ба ман нигоҳ мекарданд.

Байни он дугонаҳояш дояе низ савораи каҷова буд, ки бо зебоию дилрабоияш он каҷоваро пур менамуд] [18, с.386].

Дар абёти зерини насиби қасидаи мадҳии шоир пайравӣ ба шеъри суннатии араб тавассути изҳори муҳаббат ба маҳбубаи бадавӣ Лайлӣ таҷассум гардидааст:

تسليت عن ليلى فاصبحت ساليا و لكن بدالى خدها فبدالیا
نظرت اليها بعد ما غاض عبرتي ففاضت هواديها على النحر واديها

[Гирифтори Лайлиро тасаллӣ додаму худ гирифтор гардидам, лекин зебоии рухсорааш маро дигаргун кард.

Баъди он ки сиришки дидагонам хушк гардид, ба ӯ назар кардам ва дидам, ки хуни уштури корвонсолор дар вақти сар задан водиро пур кард] [18, с.389].

Абунаср Аҳмад ибни Иброҳими Толиқонӣ низ бо ҳар ду забон шеър мегуфт ва аз маддоҳони вазири маъруфи Салҷуқӣ Низомулмулк ба шумор мерафт. Ҳарчанд ки тозагии хоссе дар ашъори Толиқонӣ дида намешавад, бо ин ҳама, мадҳияномаҳои дилнишини шоир аз ривоҷи густардаи ин навъи шеърӣ дар аҳди мазкур дарак медиҳад. Чунончи, дар байти зерин ҷойгоҳи баланди Низомулмулкро дар маснади вазорат таъкид доштааст:

وَ خُوطِبَ بِالْوِزارةِ مَنْ تَنَاهَى إِلَيْهِ المَجْدُ وَ اجْتَمَعَ الفَخَارُ
لعضد الدَّوْلَةِ المَلِكِ المُعِزِّي عَلَى ماضِي المُلُوكِ بِهِ افْتِخَارُ

[Ба вазорат касе хонда шуд, ки дар шахсияти ӯ шарофатмандию ифтихормандӣ ба ҳам омадааст

Азудуддавла Малик Муиззӣ ифтихори подшоҳони гузашта бошад] [1, 2, 69].

Бино ба таъйиди Авфии Бухоройӣ, ашъори форсӣ-тоҷикии шоир низ шевою матбуъ суруда шудаанд, ки ду байти дар мавзӯи панду андарз иншо намудаи ӯ шаҳодати боризи он мебошанд:

Накунад бо адувв мудоро суд,
З-ӯ ба ҳар ҳол дур бояд буд.
Гарчи дорӣ ба ноз каждумро,
Бигазад, ҳар куҷо биёбад, зуд [1, ҷ.2, с.69].

Шоири дигари зуллисонайни давр Абулҳасан Алӣ Баҳромии Сарахсӣ мебошад, ки ҳамчун шоири мадҳиясаро дар аҳди худ маъруфият дошт. Мусаннифи "Лубоб-ул-албоб" мадеҳаҳои шоирро бо ҳар ду забон ҳунармандона ба шумор оварда, ду байти мадҳияи ба ифтихори Исмоил ибни Ғусн сароидаи шоирро сабт намудааст:

سَقَانِي تَحْتَ غُصْنِ الوَرْدِ وِرْداً يُكَسِّبُكَ الصَّنَائِعُ اِبْنَ غُصْنِ
غَزَالٌ لَوْ يُبَارِي البَدْرَ أَرْبَى عَلَى الْبَدْرِ المُنِيرِ بِأَلْفِ حُسْنِ

[Ӯ дар зери навдаи гул маро аз чашмаи об шодоб намуд, пас туро Ибни Ғусн ҳунарҳо биёмӯзонд.

Ӯ ҳамонанди он оҳуест, ки дар маҳтобшаб равон гардида ва бо ҳазорон зебоӣ ҷилвагар аст] [1, ҷ.2, с.68].

Мадҳияи зерини ба забони форсӣ-тоҷикӣ навиштаи шоир хеле дилнишин ва дорои сабки шево мебошад:

Якчанд ба иқболи ту, эй Шоҳи ҷаҳонгир,
Гарди ситам аз чеҳраи айём сутурдам.
Туғрои накӯкориву маншури саодат,
Назди Маликуларш ба тавқеи ту бурдам [1, ҷ.2, с.68].

Аз зумраи шоирони маъруфи зуллисонайни давр Амир Фахруддин Холид ибни Рубаййиъ Маккии Тулонӣ маҳсуб меёбад. Ӯ аз фарзандон ва аъёни машҳури Хуросон дар ин давра буда, дар фасоҳату балоғат шуҳратманд гардида буд. Ашъори ӯ бо корбурди зиёди алфози бадеъ ва балоғӣ аз ҳамасронаш тафовут дошт. Муҳимтарин ашъоре, ки аз вай боқӣ мондааст, мукотиба ва мушоирааш бо шоири забардасти ҳамзамонаш Анварии Абевардӣ мебошад. Вай дар яке аз мукотиботи худ бо Анварӣ барои ҳолпурсии дӯсти худ шеваи ширу шакарро истифода карда, мисраи аввалро ба арабӣ ва мисраи дувумро ба форсӣ-тоҷикӣ чунин гуфтааст:

سلامٌ عليكَ انورى كيفَ حالُكَ مرا حال بى تو نه نيكست بارى

Дуруд бар ту, Анварӣ, чӣ ҳол дорӣ,
Маро ҳол бе ту на некӯст боре [1, ҷ.2, с.138].

Дар яке аз номаҳои ба Анварӣ навиштаи худ шоир чунин овардааст:

هي الدُّنْيا تَقُولُ بِمِلءِ فيها حَذارَ حَذارَ مِنْ بَطْشِي و فَتكِي
فلا يَغرُرْكَ طُولَ ابْتسامي فَقَوْلي مُضحِكٌ و الفِعلُ مُبْكي
هي الدنيا أشَبِّهُهَا بِشَهْدٍ يُمَمُّ و جِيفَةٍ مُلِئَتْ بِمِسْكِ

[Ин дунёест, ки бо он ҳама дороии худ бигӯяд, ки аз ғазабу фиреби ман эҳтиёт бишав.

Туро хандаи зиёди ман фиреб накунад, зеро ки суханам хандаовар асту корам гиряовар.

Ин дунёест, ки ба шаҳд ташбеҳаш медиҳем, дар ҳоле ки агар мушоҳида гардад, ҷасади мурда низ саршор аз мушку анбар аст] [1, ҷ.2, с.139].

Маъруфтарин шеъри шоири номбурда қасидаест ба забони форсӣ-тоҷикӣ, ки бо ин матлаъ оғоз мешавад:

Эй дастбурда аз ҳама хубон дилбарӣ,
Н-овардамат ба дасту бимондам зи дил барӣ.
Корам зи даст рафт, чун бурдӣ дилам тамом,
Дасте тамом дорӣ дар кори дилбарӣ [1, ҷ.2, с.140].

Дар байни шоирони зуллисонайн Маликуссодот Нишопурӣ низ ҷойгоҳи хос дошта, ҳамчун нависанда ва шоири тавонманд маъруфият ёфтааст. Ӯ аз бузургони асри Салҷуқӣ маҳсуб ёфта, соҳиби девони молияи Нишопур буд. Аз муҳимтарин корҳои адабии анҷомдодаи ӯ таснифи китоби "Таърихи Хоразмшоҳӣ" аст. Ин асар дар шумори таърихномаҳои маҳаллӣ

қарор дошта, муаллиф дар он ба таври муфассал ба шарҳи рӯйдодҳои давраи Хоразм пардохтааст. Вижагии хосси шеъри Нишопурӣ хусусияти пандуандарзӣ доштани он мебошад. Нишопурӣ ба хотири фаъолияти адабӣ дар охирҳои ҳаёт аз шуғли девони молия ба истеъфо баромада, китоби “Таърихи Султон Искандар”-ро тасниф кард [1, ҷ.1, с.142].

Авфии Бухороӣ ашъори арабии шоирро бағоят латиф ва шево хондааст [1, ҷ.1, с.142]. Намунаи ашъори арабии шоир абёти зерин мебошанд, ки дар он тазмини ҳунармандонаи як масали маъруф ба мушоҳида мерасад:

لَوْ كُنْتَ تَعْلَمُ مَا تَلْقَاهُ عَنْ كَثَبٍ لَمْ تَبْتَسِمْ فَرَحاً فِي هَذِهِ الدَّارِ
أَ لَسْتَ تَذْكُرَ مَا قَدْ قِيلَ فِي مَثَلٍ العَيْرُ يَضْرِطُ وَ الْمِكْوَاةُ فِي النَّارِ.

[Агар медонистӣ, ки туро аз наздикон чӣ зарare мерасад, ҳаргиз дар ин дунё аз хушнудӣ табассум намекардӣ,

Дар ёд надорӣ, ки дар мақоле омадааст, ки “Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ мебояд”] [1, ҷ.1, с.142].

Намунаи дигари ашъори шоир байтҳои зерин мебошанд:

لَمَّا سَبَانِيَ سِمْطَا لُؤْلُؤٍ نُظِمَا مِنْ فِيهِ فِي حُقَّةٍ مِنْ قِصٍّ ياقُوتِ
وَ لَمْ أَجِدْ قُوتَ رُوحِي غَيْرَ رَشْفِهِمَا نَادَيْتُ يَا شَفَتَيْهِ فِصِّيَا قُوتي

[Вақте маро бо шаддаи марҷоне, ки дар даҳони ёқутиаш мураттаб шудааст, бизад,

Ғизои рӯҳамро ҷуз як ҷуръае аз он лабон наёфтам, пас нидо намудам, ки эй лабҳо, қути лоямути маро диҳед] [1, ҷ.1, с.142].

Ашъори форсӣ-тоҷикии Нишопурӣ асосан аз рубоӣ фароҳам омада, саршор аз панду ҳикмат мебошанд. Мисоли равшани он рубоии зерин мебошад:

Гар диҳадат рӯзгор дасту забон, зинҳор,
Дастдарозӣ маҷӯй, чиразабонӣ макун.
Бо ҳама олам ба лоф, бо ҳама халқ аз газоф,
Ҳар чӣ бидонӣ, магӯй, ҳар чӣ тавонӣ, макун [1, ҷ.1, с.142].

Дар миёни шоирони давр Разиюддини Нишопурӣ низ бо ашъори дузабонаи худ машҳур гардидааст. Ӯ ҳофизи “Қуръон” ва аз донишмандони забардасти замони худ маҳсуб ёфта, ҳамчун шоири зуллисонайни хушқареҳа ва хуштабъ низ шинохта шудааст. Дар ашъори ӯ шеваи нигориши форсӣ-тоҷикӣ равшан ба назар мерасад. Дар “Лубоб-ул-албоб” намунаи мукотибаи ӯ бо Тоҷуддини Мактубӣ оварда шудааст. Аз ҷумла, Разиюддини Нишопурӣ бо матлаи зерин ба Тоҷуддини Мактубӣ нома нигоштааст:

مَنْ مُبْلِغٌ تَاجَ دِينِ اللهِ مأْلُكَةً تَفْتَرُّ إِنْ نُشِرَتْ عَنْ فَرْطِ تَهْيامي
بِمَعْهَدٍ مُذْنَأَتْ عَنِّي مَيَامِنُهُ مَا زَالَ دَمْعِيَ في سَفْحٍ وَ تَسْحَامِ

[Касе, ки пайғомро ба Тоҷи дини Ҳудо бирасонад, аз лабрезии муҳаббати саршори ман нисбат ба ӯ беҳол хоҳад шуд.

Ӯ саодати дар ваъдагоҳ ҳамроҳаш буданро аз ман гирифтанист, аз ин рӯ доимо чашмони ман пур аз ашку гирён аст] [1, 1, 220].

Пас Тоҷуддини Мактубӣ низ дар навбати худ ба он нома ҷавоб ирсол намуд, ки бо матлаи зайл оғоз мешавад:

وَافَى الكِتابُ رَضِيَّ الدِّينِ فَانْقَلَبَتْ كَتَائِبُ الحُزْنِ عَنْ قَلْبِي بِإِجْحَامِ
هَمَّ الزَّمَانُ بِكَيْدِى أَنْ تُغَادِرَهَا تَجُرُّهُ فارْعَوَى إِذْ أَنْتَ لِي حَامِ
وَ رَدَّ فِي الْبِيضِ يَحْمِي اللهُ عِزَّتَكُمْ سَوَادُ خَطِّكَ مُسْوَدَّاتِ أَيَّامِي

[Номаи Разиюддин ба ман дастрас шуду лашкари андуҳ қалби маро тарк гуфт.

Замона бо фиреби худ ба ман дарафтод, то ки ту он номаро бароям нафиристӣ ва аз ин рӯ ту ҷафои он мекашӣ, пас вақте туро ҳомии ман дарёфт, ӯ аз сарпечиаш бозгашт.

Дар ҷавоби самимият Худованд бузургии туро ҳифз бинмояд, ки нигоштаҳои ту хотираи айёми ман аст] [1, ҷ.1, с.220].

Ашъори форсӣ-тоҷикии шоир вижагии хос дошта, бо сабки шево суруда шудааст:

Моҳ дар мушк ниҳон карда, ки ин рухсор аст,
Шакар аз писта равон карда, ки ин гуфтор аст.
Санг дар сина ниҳон карда, ки ин чист, дил аст,
Сарвро карда хироманда, ки ин рафтор аст.
Соябони ёсаминашро ҳама аз сунбули тар,
Хобгаҳ наргиси ӯро зи гули пурбор аст [1, ҷ.1, с.220].

Ҳукмронони Салҷуқӣ ба адабиёт ва оину русуми Эрони бостон алоқамандии зич нишон медоданд ва дар рушду тавсиаи забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ нақши муассире доштанд. Бахусус, дар бахши Салҷуқиёни Рум, ки дар Осиёи Хурд (Туркияи имрӯза) воқеъ гардида буд, шеъри дузабона бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт. Амирон адибони дузабонаро ҳамаҷониба пуштибонӣ мекарданд ва худ низ ба ин ду забон шеър месуруданд [19, с..55-56].

Маъруфтарини он амирон Кайхусрав ибни Қилич Арслон (551 / 1157-584 / 1188) маҳсуб меёфт, ки дар сурудани ашъори дузабона маҳорати вижа зоҳир кардааст. Фузун бар ин, ӯ бисёре аз шоирону нависандагони дузабонаро ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам маънавӣ пуштибонӣ намуда, барои равнақи адабиёти дузабона мусоидат намудааст. Маҳз аз ин сабаб нависандаи маъруфи дузабона Наҷмуддини Ровандӣ китоби “Роҳат-ус-судур”-ро ба вай тақдим кардааст [14, с.37-40; 21, с.305].

Яке аз подшоҳони дигаре, ки ба рушду таҳаввули адабиёти дузабона нақши бориз дошт, писари Кайхусрав ибни Қилич Арслон – Носируддин Барқиёруқшоҳ маҳсуб меёбад. Ӯ дар қаламрави Туркияи имрӯза ҳукуматдорӣ намудааст. Шиҳобуддини Суҳравардӣ (соли қатлаш 587 / 1192) чанд муддат ҳамнишин ва муаллими ӯ буда, рисолаи “Партавнома”-и худро ба ӯ бахшидааст [14, с.41]. Носируддин Барқиёруқшоҳ аз адибони маъруфи ин ҳавза буда, бештар ба сабки тасаннуъ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Маснавии форсии вай “Ҳур ва Паризод” то ба имрӯз боқӣ монда, бо сабки маснуъ ба назм дароварда шудааст [14, с.41; 21, с.305].

Гузашта аз мояву қареҳаи саршоре, ки шоирони мавсуф доштанд, татаббуъ дар девонҳои шуарои араб ва форсу тоҷик низ таъсири бузурге ба шеъри онҳо дошт. Афзун бар ин, истиқболҳо ва тазминҳо низ шаҳодати возеҳи он аст, ки эҷодиёти шоирони забардасти пешин бар ашъори онҳо асари амиқ гузоштааст. Дар эҷодиёти шоирон рӯҳи боризи ашъори шуарои бузурги араб, мисли Абдуллоҳ ибни Муътазз, Ибни Ҳонӣ, Буҳтурӣ, Мутанаббӣ, Шарифи Разӣ ва Абулалои Маарриӣ равшан эҳсос мегардад.

Аз зумраи шоирони забардасти аҳди мавриди назар Туғроии Исфаҳонӣ мебошад, ки таъсири сабки шоирони араб дар эҷодиёти ӯ хеле барҷаста ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар васфу ташбеҳот шеъри Туғроӣ то андозае ба шеъри Абдуллоҳ ибни Муътазз наздик мешавад. Шоир завқи латифашро маҳз дар васфи табиат ба кор мегирад ва бо маҳорату устодӣ ба шеъри худ ранги тоза мебахшад.

Туғроӣ ба истиқбол аз шуарои араб, аз қабили Ибни Ҳонӣ ва Буҳтурӣ қасоиде сурудааст. Аз ҷумла, Имодуддини Исфаҳонӣ қасидаи мадҳии “хоия”-и ба Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад бахшидаи шоирро дар муораза бар қасидаи “хоия” - и Ибни Ҳонӣ иқтибос намудааст. Қасидаи Ибни Ҳонӣ бар матлаи зерин суруда шудааст:

سَرَى و جُناحُ اللَّيْلِ أَقتمُ أَفْتَخُ مِهادُ ضَجِيعٍ بالْعَبِيرِ مُضَمَّخُ

[Андӯҳро зи дил бурун сохта ва гуноҳи шаб сиёҳтарин амал аст, бистари хоб бо накҳати хуши абир муаттару хушбӯ гаштааст] [8, с.69; 3, с.82-88].

Қасидаи Туғроӣ бо чунин матлаъ ҳусни оғоз гирифта, Имодуддини Исфаҳонӣ онро тавсиф намуда ва шеъри матин хондааст:

هي العيْسُ قوداً في الأَزِمَّةِ تنفخُ تَمَطَّى بها مِنْ عجمةِ الرَّمْلِ بَرْزَخُ

[Он айшест, ки пайванди дилҳоро ба ҳам орад, ӯро аз он устухонҳои дар ҳалқ истода роҳат бошад] [8, с.70; 17, с.115-122].

Қасидаи “боия”-и дар мадҳи Низомулмулк сароидаи шоир [17, с.87-96] низ дар муораза бар қасидаи “боия”-и Ибни Ҳонӣ [3, с.34-40] эҷод гардидааст. Имодуддини Исфаҳонӣ сабки баёни ин ду қасидаро тавсиф намуда, ҳунари баланди шоирии онҳоро таъкид доштааст [8, с.80-83].

Туғроӣ ба шуарои бузурги араб, мисли Мутанаббиву Шарифи Разӣ ва Абулалои Маарриӣ пайравиву татаббуъи фаровон кардааст. Чунончи, дар “Ломият-ул-аҷам” байти дувум чунин омадааст:

مَجْدِى أخيرا و مَجْدِى أوَّلا شَرَعُ و الشمسُ رَأدَ الضُحى كالشَّمسِ فى الطَفَلِ

[Дар шараф имрӯз бо дирӯз яксонам аз он, ки нимарӯзу шаб бувад яксон арӯси ховарӣ] [8, с.65; 17, с54; 12, с.4].

Мазмуни онро шоир аз байти зерини Абулалои Маарриӣ гирифтааст:

وافقتُهم فى اختلافٍ مِن زمانِكم و البدرُ فى الوَهن مثْلُ البدرِ فى السَّحَر

[Онҳоро дар ихтилоф аз замони шумоён қабул доштам, ки моҳ дар зулмат ҳамонанди моҳ дар саҳаргоҳон аст] [10, ҷ.1, с.51].

Ё худ, дар байти нуҳуми “Ломият-ул-аҷам” гуфта шудааст:

الدَّهْرُ يَعْكِسُ آمالی و يَقْنِعُنِی مِنَ الغَنیمَةِ بَعْدَ الكَدِّ بِالقَفَلِ

[Рӯзгор орзуҳои маро барбод медиҳад, баъд аз он оворагӣ бе ғанимат бозгардам] [8, с.65; 17, с.54; 12, с.6].

Мазмуни ин байт аз ашъори Имруулқайс гирифта шудааст. Чун ӯ бо мақсади хунхоҳӣ аз Банӣ Асад, ки падарашро кушта буданд, ба дарбори Рум рафт, аммо аз он ҷо оқибат маъюс баргашт, назар ба оворагӣ дар гӯшаву канори олам, ба ватан баргаштанро беҳтар шуморид, зеро аз оворагӣ суде пайдо накард. Пас ин шеърро сароид:

وَ قَدْ طَوَّفْتُ فِی الآفاقِ حَتَّی رَضیْتُ مِنَ الْغَنِیمَةِ بالإیابِ

[Ман ҳама оламро бигаштам, то ин ки розӣ шудам, ба ҷои ғанимат ёфтан солим ба хона баргардам] [7, с.43].

Буҳтурӣ низ ба ҳамин маънӣ гуфтааст:

و كانَ رَجائِی أنْ أَؤوب مُمَلَّكا فَصارَ رَجائِی أنْ أَؤوب مُسَلَّما

[Умедам он буд, ки соҳибмулк бозгардам, пас умедам он шуд, ки саломат бозгардам] [4, ҷ.2, с.228].

Нуктаи қобили зикр он аст, ки шоирони арабизабон дар баробари татаббуъ ба шоирони араб аз шоирони форсу тоҷик низ илҳом гирифта, дар пайравӣ аз онҳо мазомини зебоеро офаридаанд. Аз ҷумла, чунин татаббуъҳо ба адабиёти форсу тоҷик дар ашъори тамсилӣ равшан ҳувайдо мебошад. Дар чунин қиссаҳо мавҷудоти беақл ва гоҳе ҳатто берӯҳ ба забони инсонӣ сухан гуфта, бо ҳамон шууру алоқае, ки хосси одамист, рафтор мекунанд. Ин қиссаҳо, ки бештар аз “Калила ва Димна”, “Синдбоднома” ва соири достонҳои асли ҳиндию эронӣ дошта ва дар қарнҳои нахусти ислом аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷумашуда маншаъ мегиранд, ғолибан барои талқини ҳикмату андарз пардохта мешаванд.

Истифодаи чунин қиссаҳои тамсилӣ ба ашъори Туғроӣ беш аз дигарон хос аст. Аз ҷумла, дар шеъри зерини худ Туғроӣ ба қиссаи уқобе, ки аз пару болаш мағрур гашта буду оқибат ҳадафи тири сайёде қарор гирифт, муроҷиат кардааст:

مثل العقاب رأی نصلا یرکب فی قدح لطیف قویم الحد معتدل.
فقال لا بأس إذ لم یأته مدد مِنِّی یَکونُ له عون علی العمل.
فالبس القدح وحفا من قوادمه لما تطایر رام من "بنی ثعل".
رماه رشقا فلم یخطئ مقاتله فخر منتکسا من ذروة الجبل.
فقال و السهم تحدوه قوادمه من ذا ألوم و حتفی جاء من قبلی؟

[Мисли уқобе, ки аз қудрату бартарияти худ пару бол бикшода парфишонӣ намуд.

Пас гуфт: ҳеҷ гапе нест, гар ӯ мададгорӣ нанамояд, ман дар амал бар ӯ ёрмандӣ бинмоям.

Бартариятро ба даст оварда аз болҳояш хушнудӣ мекард, чун ба парвоз омад, марде аз “Банӣ Суал” сӯяш тир андохт.

Тирро бияндохту он тири ҷонкоҳ бе хато бар ҷои ҷонаш расид ва ӯ чапагардон гашта зи қуллаи кӯҳ ба зер биафтод.

Дар ҳоле ки тир болҳояшро маҷрӯҳ сохта буд, бигуфто: зи кӣ бинолам, ки он аз худи ман омад?!] [17, с.71].

Лозим ба тазаккур аст, ки дар адабиёти форсу тоҷик низ ин мазмун таҷассум гардидааст. Аз ҷумла, дар шеъри Носири Хисрав ҳамин маъниро равшан бархондан мумкин аст:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост...
Бар боли уқоб омада он тири ҷигарсӯз,
В-аз абр мар ӯро ба сӯи хок фурӯ кост.
Бар хок биафтоду биғалтид чу моҳӣ,
В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.
Гуфто: аҷаб аст! Ин ки зи чӯб асту зи оҳан,
Ин тезиву тундиву паридан-ш куҷо хост?
Бар тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид,
Гуфто: зи ки нолем, ки аз мост, ки бар мост!

Низомии Ганҷавӣ низ ба ҳамин маънӣ гуфтааст [5, с.520]:

Гаҳи тир хӯрдан уқоби далер,
Ба пари худ ояд зи боло ба зер [13, с.499].

Занни қавӣ он аст, ки Туғроӣ ин маониро аз шеъри шоирони форсизабон гирифтааст.

Қиссаҳои “Гургу рӯбоҳ” [17, 71], “Гург, рӯбоҳ ва шер” [17, с.72] аз тамсилоти дигарест, ки дар девони Туғроӣ ба чашм расида, мазмуни онҳо дар ағлаби китобҳои адабии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ инъикос гардидааст.

Таъсиру нуфузи шаклҳо ва жанрҳои адабиёти араб ба адабиёти форсӣ-тоҷикиро донишмандони ховаршинос ҳамаҷониба мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Аз ин рӯ, бидуни

вуруд ба тафсилоти ин масъала, баъзе нукоти муҳим, ки вижаи адабиёти давраи мавриди назар аст, бояд ёдрас гардад. Аз ҷумла, таъсири адабиёти арабӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар интиқоли фанни мақома тардиднопазир аст. Зеро маҳз бо таъсирпазирӣ ва пайравӣ аз мақомаҳои Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва Муҳаммад Қосими Ҳарирӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Ҳамидуддини Балхӣ мақомоти хешро тасниф намуд. Бо ин кори анҷомдодаи хеш ин адиби забардаст боз як равзанаи адабиёти арабро пешорӯи адабу фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ боз намуд ва ҳамзамон онҳоро ба ҳам пайванд дод. Дар канори ин, Ҳамидуддини Балхӣ зимни мақомаҳои хеш ашъори арабиро фаровон ба кор бурдааст, ки гулчини он дар "Харидат-ул-қаср" матраҳ гардидааст [9, с.110-119]. Дар маҷмӯъ, мисолҳои мазкур намунаи боризи таъсири мутақобили адабиёти араб ва форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб меёбанд.

Таҳқиқи назми арабизабони нимаи дуюми асри XI ва асри XII, аз як тараф, ваҳдати суннатҳои адабӣ дар назми форсизабону арабизабон, ва аз тарафи дигар, таъсири мутақобилаи осори адабӣ ба ин ду забонро таъйид мекунад. Шуарои эронитабори арабизабон, дар баробари табаҳҳури комилашон дар забону адабиёти арабӣ, аз забони модариашон - форсӣ-тоҷикӣ баҳрамандии комил доштанд ва парвардаи фарҳангу тамаддуни Эронзамин буданд. Аз ин рӯ, шоирони арабизабони давр дар осори худ дар баробари пайравӣ ба суннатҳои шеъри арабӣ аз рӯҳу оҳанг ва шаклу мазмуни адабиёти форсӣ - тоҷикӣ истиқбол мекарданд. Ба ин маънӣ, назми арабизабони давр маҳсули ҳамзистӣ ва мазҳари таъсири мутақобили суннатҳои адабии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мебошад.

Зуллисоният яке аз падидаҳои шохиси назми давраи мазкур ба шумор меояд. Теъдоди зиёди шоирони давр ашъори худро ба ду забон сурудаанд ва бо зуллисонияти худ равобити устувори адабиёти Арабу Аҷамро ба зуҳур овардаанд. Шоирони арабизабон дар баробари он ки ба шоирони пешини араб татаббӯъ намудаанд, ҳамзамон аз адабиёти форсу тоҷик низ илҳом гирифта, дар пайравӣ аз мазомини он ашъори зебоеро офаридаанд. Маҳсули чунин татаббӯот ба адабиёти форсу тоҷик силсилаи ашъори тамсилии Туғроӣ маҳсуб мешавад.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Эдвард Браун / Муҳаммад Авфӣ. - Лейден: Брилл, 1324/1906, адади аҷзоъ - 2, ҷузъи 1. - 480 с., ҷузъи 2. - 560 с.
2. Алтунҷӣ, Муҳаммад. Ҳавла-л-адаб фи-л-асри-с-Салҷуқӣ / Муҳаммад Алтунҷӣ. - Мактаба Қурино, 1974. - 292 с.
3. Ал-Андалусӣ, Абулқосим Муҳаммад ибн Ҳонӣ. Дивон Ибн Ҳонӣ ал-Андалусӣ / Абулқосим Муҳаммад ибн Ҳонӣ ал-Андалусӣ. - Байрут: Дор Байрут ли-т-тибоъа ва-н-нашр, 1400/1980. - 391 с.
4. Ал-Буҳтурӣ, Абуибода ал-Валид ибн Убайд. Дивон ал-Буҳтурӣ / Абуибода ал-Валид ибн Убайд ал-Буҳтурӣ. – Миср: Матбаъат ҳиндийя би Миср, ат-табъат-ул-уло, 1329/1911, адад-ул-аҷзоъ - 2, ал-ҷузъ-ус-сонӣ – 335 с.
5. Ганҷавӣ, Ҳаким Низомӣ. Шарафнома / Ҳаким Низомии Ганҷавӣ; бо ҳавошӣ ва шарҳи Ваҳид Дастгардӣ. – Теҳрон: Матбааи Армуғон, 1316. - 552 с.
6. Ибн Рафаб, Абдурраҳмон ибн Аҳмад. Аз-Зайл ало Табақоти-л-ҳанобила. Таҳқиқ ва таълиқ Абдурраҳмон ибн Сулаймон / Абдурраҳмон ибн Аҳмад ибн Рафаб. - Ар-Риёз: Мактаба ал-Убайкон, ат-табъат-ул-уло, 1425/2005, адад-ул-аҷзоъ - 5, ал-ҷузъ 1. - 596 с.
7. Имруулқайс, Ҳундуҷ ибн Ҳуҷр ибн ал-Ҳорис. Дивон Имриилқайс. Забатаҳу ва саҳҳаҳаҳу Мустафо Абдушшофӣ / Ҳундуҷ ибн Ҳуҷр ибн ал-Ҳорис Имруулқайс. - Байрут: Дор-ул-Кутуби-л-илмия, ат-табъат-ул-хомиса, 1425/2004. - 176 с.
8. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Исфаҳон / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ; тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 366 с.
9. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Хуросон ва Ҳирот / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ; тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 406 с.
10. Ал-Маарриӣ, Абулалоъ. Шарҳ-ут-танвир ало Сақти-з-занд / Абулалоъ ал-Маарриӣ. - Миср: Матбаъат-ул-ислом би Миср 1324/1906. - 606 с.
11. Мардони, Т.Н. Влияние арабской поэзии на творчество персидско-таджикских поэтов XI-XII вв / Т.Н. Мардони. – Душанбе: Дониш, 2020. - 380 с.
12. Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Тарҷумаи мансур ва манзуми қасидаи "Ломият-ул-аҷам"-и Туғроии Исфаҳонӣ / Маҳдии Муҳаққиқ. – Исфаҳон: Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, давраи дувум, шумораи бистум ва бисту якум, 1379/2001. - С.1-26.
13. Носири Хусрав. Куллиёт. Дар се ҷилд. - Душанбе: Эр-Граф, 2003. Ҷ.1. - 955 с., - Ҷ.2. - 944 с., - Ҷ.3. - 353 с.
14. Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Забон ва адаби форсӣ дар қаламрави усмонӣ. / Муҳаммадамини Риёҳӣ. - Теҳрон: Ширкати интишороти Пожанг, чопи аввал, 1369. - 316 с.

15. Ас-Сафадӣ, Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ. Ал-Вофӣ би-л-вафаёт / Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ ас-Сафадӣ; таҳқиқ ва иътино Аҳмад ал-Арноут ва Туркӣ Мустафо. - Байрут-Лубнон: Дор Иҳёи-т-туроси-л-арабӣ, ат-табъат-ул-уло, 1425/2000, адад-ул-аҷзоъ - 29, ал-ҷузъ-ул-аввал. - 284 с.
16. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди дувум / Забеҳуллоҳ Сафо. - Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1369. - 1128 с.
17. Ат-Туғроӣ, Абуисмоил. Дивон ат-Туғроӣ / Абуисмоил ат-Туғроӣ. - Матбаъа ал-Ҷавоиб би-л-Қустантиния, 1881/1300. - 145 с.
18. Форёбии Балхӣ, Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммад. Девон / Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммад Форёбии Балхӣ; ба тасҳеҳи Тақӣ Биниш. - Машҳад: Чопхонаи Тӯс, чопи аввал, 1337. - 660 с.
19. Хусравшоҳӣ, Ризо. Шеър ва адаби форсӣ дар кишварҳои ҳамсоя (Осиёи Сағир) то садаи даҳуми ҳиҷрӣ / Ризо Хусравшоҳӣ. - Теҳрон: Донишгоҳи тарбияи муаллим, 1354. - 214 с.
20. Ал-Ҳамавӣ, Шиҳобуддин Абиабдиллоҳ Ёқут. Муъҷам-ул-удабо – Иршод-ул-ариб фӣ маърифати-л-адиб / Шиҳобуддин Абиабдиллоҳ Ёқут ал-Ҳамавӣ; таҳқиқ Эҳсон Аббос. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Ғарби-л-исломӣ, ат-табъат-ул-уло, 1414/1993, адад-ул-аҷзоъ - 7. - 3541 с.
21. Ҷаъфарӣ, Муҳаммад. Адабиёти дузабонаи Салҷуқӣ ва таҳаввулоти забони форсӣ ва арабӣ / Муҳаммад Ҷаъфарӣ, Ҳусайнҷонзода Фарибурз, Яздонӣ Заҳро. - Мутолиоти адабиёти татбиқӣ, соли сенздаҳум, шумораи 49, баҳор, 1398. - С.297-316.

ЗУЛЛИСОНИЯТ ВА ТАТАББУОТИ ШОИРОН ДАР НАЗМИ АРАБИЗАБОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI ВА АСРИ XII

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи падидаи зуллисоният ва татаббуоти шоирон дар адабиёти арабизабони нимаи дуюми асри XI ва асри XII ихтисос ёфтааст. Дар он таъкид шудааст, ки адабиёти ин давра маҳсули ҳамзистӣ ва мазҳари таъсири мутақобили суннатҳои адабии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Бинобар ин, дар ҷаҳорчӯби ин мақола муҳимтарин зуҳуроти раванди таъсир ва таассур дар адабиёти арабизабони давраи мазкур дар мисоли падидаи зуллисоният ва татаббуоти шоиронмавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки намояндагони адабиёти нимаи дуюми асри XI ва асри XII аксаран зуллисонайн буданд ва ба таснифи осор ба ҳарду забон мепардохтанд. Дар мақола қайд гардидааст, таҳқиқи назми арабизабони давр, аз як тараф, ваҳдати суннатҳои адабӣ дар назми форсизабону арабизабон, ва аз тарафи дигар, таъсири мутақобалаи осори адабӣ ба ин ду забонро таъйид мекунад. Шуарои эронитабори арабизабон, дар баробари табаҳҳури комилашон дар забону адабиёти арабӣ, аз забони модариашон – форсӣ-тоҷикӣ баҳрамандии комил доштанд ва парвардаи фарҳангу тамаддуни Эронзамин буданд. Шоирони арабизабон дар баробари он ки ба шоирони пешини араб татаббуъ намудаанд, ҳамзамон аз адабиёти форсу тоҷик низ илҳом гирифта, дар пайравӣ аз мазомини он ашъори зебоеро офаридаанд. Маҳсули чунин татаббуот ба адабиёти форсу тоҷик силсилаи ашъори тамсилӣ маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: Туғроии Исфаҳонӣ, адабиёти араб, адабиёти форсу тоҷик, зуллисоният, забони тоҷикӣ, арабизабон**.**

ДВУЯЗЫЧИЕ И ПОДРАЖАНИЕ ПОЭТОВ В СТИХОСЛОЖЕНИИ В АРАБОЯЗЫЧНОЙ ПОЭЗИИ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XI И XII ВВ

Данная статья посвящена изучению такого явления, как двуязычие и подражание поэтов в стихосложении в арабоязычной литературе второй половины XI и XII вв..В ней подчёркивается, что литература данного периода является продуктом сосуществования и свидетельством взаимовлияния арабских и персидско-таджикских литературных традиций. Вследствие этого, в рамках данной статьи исследуются важнейшие явления процесса влияний и взаимодействий в арабоязычной литературе исследуемой эпохи на примере двуязычия и подражания поэтов в стихосложении. Как указывается в статье, изучение арабоязычной поэзии данного столетия, с одной стороны, доказывает единство литературных традиций в персоязычной и арабоязычной поэзии, с другой стороны, взаимовлияние литературных произведений на обоих языках. Арабоязычные поэты иранского происхождения, помимо идеальной осведомлённости в арабском языке и литературе, также в совершенстве владели своим родным персидско-таджикским языком и были воспитаны в атмосфере иранской цивилизации. Вследствие этого, арабоязычные поэты данной эпохи в своём творчестве подражали традициям арабской поэзии, и, вместе с тем, обращались к мотивам, форме и содержанию персидско-таджикской литературы. Арабоязычные поэты не только подражали арабским поэтам древности, вдохновившись персидско-таджикской литературой и следуя её сюжетам, но и творили прекрасные произведения.Результатом таких имитаций персидско-таджикской литературе считаются тамсилы арабоязычных поэтов.

Ключевые слова: аль-Туграи аль-Исфахани, арабская литература, персидская и таджикская литература, блингвизм, таджикский язык, арабоязычный.

BILINGUALISM AND THE CONFORMANCE OF POETS IN THE ARABIC POETRY OF THE SECOND HALF OF THE XI AND XII CENTURIES

This article is devoted to the study of the phenomenon of bilingualism and the conformance of poets in the Arabic poetry of the second half of the XI and XII centuries. It is emphasized that the literature of this period is a product of coexistence and the source of interaction between the Arabic and Persian-Tajik literary traditions. Therefore, in the context of this article, the most important phenomena of the process of influence and impression in the Arabic literature of this period are studied on the example of the phenomenon of bilingualism and scholarism. It is mentioned that the representatives of the literature of the second half of the XI and XII centuries were mostly bilingual poets and paid special attention to write their works in both languages. As noted in the article, the study of Arabic poetry of the period, on the one hand, confirms the unity of literary traditions in Persian and Arabic poetry, and on the other hand, the interaction of literary works in these two languages. Persian poets who spoke in Arabic, along with their full prominence in the Arabic language

and literature, enjoyed their mother tongue, Persian-Tajik, and were the custodians of Iranian culture and civilization. The Arabic-speaking poets, in addition to applying them to the ancient Arab poets, were also inspired by Persian and Tajik literature and created beautiful poems following its content. The product of such conformance to the Persian and Tajik literature is a series of allegorical poems.

Key words: Tugraii Isfahani, Arabic literature, Persian and Tajik literature, bilingualism, Tajik language, arabic-speaking.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Сведение об авторе: ***Раджабова Мархабо Тухтасуновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Information about the author: ***Rajabova Markhabo Tukhtasunovna*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

УДК: 491.550

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВА ВОБАСТА БА ҲУДУДИ ИНТИШОР

Қурбонов Содиқ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калима дар лаҳҷаҳо ҳудуди интишор дорад. Ҳудуди корбасти ҳар як воҳиди луғавӣ ибтидо ва интиҳо дошта, бо гузашти вақт, вобаста ба омилҳои гуногуни забонӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мегардад. Баррасии ҳудуди интишори калима, бахусус калимаҳои хосси шева, ҷараёни мураккаб мебошад, ки ба ақидаи забоншинос Ҷӯраев Ғ. “Изоглоси диалектизмҳои лексикӣ дар шеваҳо, аз ҷумла дар шеваи ҷанӯбӣ, характери ягона надорад: гоҳҳо мебинем, ки ба хати рост давом мекунад, вале гоҳо мушоҳида мешавад, ки бо хати шикаста гӯл мекашад: гоҳо мебинем, ки аз нуқтаи охирини як гурӯҳи лаҳҷаҳо шурӯъ шуда, дар нуқтаи охирини шеваи дигар интиҳо меёбад, аммо гоҳо аз байни як гурӯҳ оғоз ёфта, дар байни гурӯҳи дигар қатъ меёбад” [15, с.73]. Дар илми забоншиносӣ масъалаи мазкур диққати забоншиносонро барвақт ҷалб намудааст ва муҳаққиқони соҳаи мазкур яке аз аломатҳои асосии диалектизмҳои лексикиро ба ҳудуди интишори онҳо марбут медонанд [13, с.20; 4, с.41; 8, с.28; 3, с.77 ва диг]. Диққати забоншинос З.Зайниддиноваро ҳудуди интишори калимаҳо ҳангоми тадқиқи калимаҳои хешутаборӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба худ ҷалб намуда буд [5, с.195].

Ба се гурӯҳ тасниф намудани диалектизмҳои лексикии шеваи ҷанубӣ вобаста ба ҳудуди интишор: диалектизмҳои барои ҳама ва ё қисми бештари лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумӣ; далектизмҳои лексикии ба яке аз гурӯҳҳои асосии шеваи ҷанубӣ хос; диалектизмҳои дар як ё якчанд лаҳҷаи ба ҳам наздики яке аз гурӯҳҳои ҷанӯбӣ истеъмолшаванда аз ҷониби профессор Ҷӯраев Ғ. саҳеҳ ба назар мерасад [15, с.71-72].

Таҳқиқи таркиби луғати лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз он далолат медиҳад, ки бозгӯии дақиқи ҳудуди интишори калимаҳо дар амалия ғайриимкон будаюю, дар ин маврид зарурати мадди назар гирифтани омилҳои муҳимме чун дараҷаи омӯзиши қабати луғавии шеваҳои тоҷикӣ, мавҷуд набудани луғатномаҳои шевагӣ дар доираи васеъ, вобаста ба табиати лаҳҷаҳо садсолаҳо маҳфуз мондани унсурҳои таърихӣ ва пайдоиши навгониҳо дар онҳо пеш меояд.

Корбасти диалектизмҳои лексикӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикони водии Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба ҳудуди интишор, ки минтақаи васеъро фаро гирифтаанд, дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мебошад:

1. Ҳангоми муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикони водии Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мувофиқати калимаҳоро аз нигоҳи шакл ва маъно гуногун метавон арзёбӣ намуд:

а) Мувофиқати шаклӣ ва маъноии калимаҳои хосси шева дар лаҳҷаҳои мавриди назар: **гал** (Ёхсу, Ховалинг, Қӯрғонча) гӯл, фиреб, фанд; **азонча** (Мискинобод, Элок, Бойсун) беҳад, ниҳоят; **алағда** (Шимоли Кӯлоб, Қӯрғонча) омехта; парешонхотир; **аранг** (лаҳҷаҳои бойсунӣ, Хумдон) базӯр, бо заҳмат; **полидан** (Обигарм, Ховалинг, тоҷикони Бадахшон) софкорӣ шудан, (кардан) покиза сохтан; **хулул** (Кӯлобии Ҳисор, Шимоли Кӯлоб) // **ҳулӯл** (Қӯрғонча) хуч, насрин, настаран ва ғ. Мувофиқати пурраи шаклӣ ва маъноии калимаҳои хосси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони водии Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ назаррас набуда, “калимаи хоси шева дар доираи муайян маҳдуд мемонад. Чунин диалектизми лексики вуҷуд надорад, ки фарз кардем, барои ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ баробар бошад. Албатта, диалектизмҳои лексикие низ ҷой доранд, ки аз чор ду ё се ҳиссаи шеваҳои тоҷикиро дарбар гирифта метавонанд. Вале ҳар чӣ бошад, диалектизми лексикӣ аз ҷое сар зада, дар ҷое қатъ меёбад ва он ҳаргиз дар тамоми территорияи бузурге, ки ин ё он забон ишғол менамояд, баробар дар истеъмол буда наметавонад. Дар акси ҳол на дар бораи диалектизми лексикӣ, балки дар бораи унсури умумихалқӣ будани ин ё он калима мулоҳиза рондан лозим меояд” [15, с.71].

б) Дар лаҳҷаҳо бо вуҷуди шакли ягона доштан вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳои хосси шева дар ифодаи маъно фарқ мекунанд: **въреҷидан** (Кӯлдара, Кангурт, Марғзори Сир, Ҳакимӣ) таназзул кардан; пажмурда шудан; (Кӯлдара.) *маҷ.* сахт гиристан; азоб кашидан, аз доғи ишқ маҳзун шудан; (Кӯлобии Ҳисор) аз таъсири офтоб пажмурда

шудани чизе; **ғадор** (Ҷанубии Кӯлоб) фаровон; (Бойсун; Дарбанд) бераҳм; **ғонг** (Саракенҷа) саргини бузу гӯсфанд; (Сина) як навъи занбӯр; **дабанг** (Даҳана, Зиракӣ, Лағмон) ноуҳдабаро; (Бойсун, Қӯрғонча, Дарбанд) фарбеҳ; **дагар** (Сарихосор, Мӯминолод, Порвоғ) дагар, безурриёт, бенасл (оид ба ҳайвонот); (Қӯрғонча) гӯсфанди нар; **дағдаға** (Мӯминобод) овоза, хабар; (Бойсун) манманӣ, ҳавобаландӣ, худситоӣ; **дангал** (Даштиҷум, Ғеш, Қӯрғонча) калтак, таёқ, чӯбдаст; (Ғк., Шк.) акколдаста; **зов** ҷоғар, ғуррӣ, касалии ғадуди гулӯ; (Самсолиқ, Шашволон, Яхч) ғамбода, бемориест, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад; (Бойсун, Қӯрғонча) ҷарӣ; **йала**, **ела** (Анҷироб, Ёл, Порвор) яла, кушода, во, боз; мавзеи кушоду хушҳаво (васеъ); **карк** (Ховалинг) карг, каркадан, ҳайвони калон, ки дар пешонаи худ як шох дорад; (Султоналӣ) қабат; ифлос, чиркин; (Қӯрғонча) пӯсти чормағз; **катак** (Даштиҷум, Нӯшор, Мӯминобод, Шӯриён, Ҳиҷборак, Ярхаб, Қӯрғонча) хоначаи парандаҳои хонагӣ, катак; (тоҷикони Ишкошим, Вахон, Ғорон) алвонҷак (барои тифл); **кебидан** (Қаротегин) кебидан, тарсидан; (Қӯрғонча) мондаву озурда шудан; **коза** (Шимолии Кӯлоб) коза, чайла, каппа; (Данғараи Боло, Даштиҷум, Хирманҷо, Оби Ширин, Кангурт) дом, домгоҳ; хоначаи махсуси хасин, ки дар ҷойи ҷамъшавии кабкҳо, мурғони даштӣ (атрофи чашма зери харсангҳо) сохта, сатҳи болоии он ба тӯр маҳкам карда мешавад; (Қӯрғонча) хонаи муваққатӣ, ки зери замин месозанд; **кола** (Муҷихарф, Хумдон) либосворӣ, матоъ; мол, чорво, ашё; (Вахёӣ-Қаротегинӣ) қалин, маҳр; (Ёл) сару либоси ба арӯсшаванда дода мешудагӣ; **тарк** (Вахёӣ-Қаротегинӣ, Ғарбии Кӯлоб, Қаротегин) тарк, фона; (Данғараи Боло, Чаврочи Боло) ҷойи барҷаста, қирра; (Порвоғ, Хумдон, Шулмак) косахонаи сар; (Қаротегин) раг; (Қӯрғонча) бар сари дардманд дору тайёр кунанд, ки тарк ном дорад; **пакар** (Вахёӣ-Қаротегинӣ, Шимоли Кӯлоб.) мушавваш, парешон; (Шимоли Кӯлоб, Қӯрғонча) хаста (беҳол, бемадор) шудан; нодон; **пех** (Ғарби Кӯлоб) пех, ҷойи бурида ё қаломи ё пояи дарахту бутта ва рустаниҳо; (Қаротегин, Ғарби Кӯлоб) пих, нарангушти пойи хурӯс, ки ниҳоят нӯгтез аст; (Ҷануби Кӯлоб) чӯби махсуси ширченкунӣ; **понча** (Муминобод) қолиби нақшандозии кулолгар; (Қӯрғонча) ороишоти заргарӣ, ки бар мӯй овезанд; **хинг** (Пилдон, Хумдон) хокистарранг, ранги хокистарӣ; (Қаротегин) хиратоб; лойолуд; (Кӯлобии Ҳисор) як навъи аспи хокистарии паст (нуқрафом); (Данғараи Боло, Кангурт) як навъ асбоби маскаҷудокунӣ; (Қартегин) машкест, ки дарунашро пури бод карда аз дарёҳои калон мегузаштанд, гупсар; (Лахш) безеб, зиштрӯ; **чалма** (Даштиҷум, Хирманҷо) чирк, қарқи бадан; (Қаротегин, Шимоли Кӯлоб) муҳосира, иҳота; (Қаротегин) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд; (Қӯрғонча) саргини бузу гӯфандон; **чеп** (Ғорон, Вахон) дидбонгоҳ, қаравулхонаи низомӣ; (Қӯрғонча) гирдогирди замини корамро чун хандақ кофтан ва ғ.;

в) Дар лаҳҷаҳои мавриди назар вариантнокии калимаҳои хоси шева ба ҳудуди интишор ва табиати савтии лаҳҷаҳо вобастагӣ дорад. Дар ин маврид шарҳи ду нукта муҳим аст:

1. Барои ифодаи маъноҳои бо ҳам наздик шаклҳои гуногуни як калима истифода мешаванд: **метин** (Дараи Мазор, Лангари Шоҳ, Нӯшор, Ҳиҷборак, Ҳоит, Ярхаб, Бойсун), **метинг** (Порвоғ, Хумдон), **мети́** (Мискинобод, Пунбачӣ, Самсолиқ, Хумдон, Шашволон), **майтин** // **майти́** // **майтън** (Лахш, Майдонтерак, Пилдон, Кӯли Калон, Хӯҷаи Тоф, Қӯшағба), **мъти́** (Ховалинг, Ёхсу, Сарихосор) метин, чакуш, олоти нӯгтезе, ки бо он санги осиёро мечинанд; **виғна** (Дари Ниҳон, Сина) // **биғна** (Қӯрғонча) як навъи растании сӯзанбарг; **ғайба** (Ҷануби Кӯлоб) // **ғеба** (Қӯрғонча) нах; паға (аз пашм, пахта, пилла); **дигил//дигъл**, **дъгъл** (Қӯрғонча, Ҳакимӣ, Ховалинг) гӯсфанди маҳаллии думдор; **йалоғу//йовлоғу**, **йалғу** (Хӯҷағалтон), **елоғу** (Обигарм), зарфи дастадори обгирӣ, равғандоғкунӣ, ё худ хӯрокпазӣ (мисли тухм, шир ва ғ.); **йашк** (Қӯрғонча) // **ашк** (Порвор) дандони хук; **каврак** (лаҳҷаҳои ҷанубӣ) **// камарак** (Қӯрғончва) як навъ растании қадбаландест, ки танааш мисли офтобпараст ковок мешавад; **кавсан** (Кӯлобии Ҳисор, Қаротегин) // кепсан (лаҳҷаҳои Бойсун) кафсан, миқдоре аз ғизои ба тозагӣ кӯфта ё меваву ҳосили полиз ва ғ., ки касе ба хирмангоҳ, боғ, полизгоҳ ва ғ. ояд, ба унвони бахшиш дода мешавад; **карбас** (Нилу) // **карваш (**Карш) калтакалос ; **кашар** (Шимоли Кӯлоб) // **качар** (Қӯрғонча) ҷойи гову мол; **кумоч** (Данғараи Боло, Кангурт, Оби Ширин) // **къмоч** (Нӯшор, Ҳиҷборак, Ховалинг, Ёхсу, Ҳакимӣ, Ярхаб), **къмоч** (Қӯшағба); // **кумоч** (Қӯрғонча) ноне, ки дар чарогоҳ пухташуда; **курғанак** (Войдара, Навдонак, Каҳдара, Ниёзбегиён, Оби

Лурд, Кангурт, Данғараи Боло) // **кърғанък** (Лахш, Майдонтерак, Пилдон) // **кӯрғанак** (Қӯрғонча) тарзи сарбасар (сарак бо сарак) чида ғарам кардани дарзаҳои ғалла; **қорч** (Вахёӣ- Қаротегинӣ) // **хорч** (Қӯрғонча) занбӯруғ, навъе аз занбӯруғҳои хӯрданӣ; чағора; **лифток//лифтоқ** (Шимолу Ғарбии Қӯлоб) // **лъфток//лъфтоқ** (Ҷануби Қӯлоб) // **дефток** (Бойсун) буттаест, ба ранги токи ангур, баргҳои калон-калон дорад; **малаҳа** (Оби Ширин) // **малла** (Қӯрғонча, Бойсун) ҷигарӣ (навъи ранг); **овлечак//авлечак//овлича//олъчак/ / олучак** (Ғорон, Сичироғ., Хирманҷо, Кангурт, Ховалинг, Сариғор) // **авлочак//овлочак** (Давлатобод, Учқул, Шаҳри Барбар) // **овлича//авлича**(Ёхсу, Сиёфарк) //**улчак** (тоҷикон Бадахшон) танобе, ки нӯгашро ба ду ҷо баста,дар байнаш барои хобондан ё шинондани кӯдак ҷой тайёр мекунанд; **сънҳор//сунҳор//сънор** (Вахиёӣ-Қаротегинӣ, Шимоли Кӯлоб, тоҷикони Бадахшон) **синор//сънор** (Ғорон, Вахон) // **шунҳор** (Кулумбаи Боло, Кулумбаи Поён) келин, арӯс, завҷаи фарзанд нисбат ба тамоми хешу табори домод; **шишки́** (Шимоли Кӯлоб) // **шъшки́** (Қаротегин) // **шушки** (Қӯрғонча) юндӣ, обе, ки пас аз шустушӯи дегу табақ ҳосил мешавад ва ғ.

2. Баръакси он, шаклҳои гуногуни як калима бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **алоғу** (Самсолиқ) яғлоғу, зарфест мисин ё оҳанини дастадор барои об гирифтан ва доғ кардани равған, тоба; (Ҷанубӣ Кӯлоб) оташкоб // **йалоғ // ялоқ** (Қӯрғонча, Ёхсу) зарфе, ки дар он ба саг ва гурба хӯрок; медиҳанд; **бехи́** (Шулунак), **вехи́** (Қаротегин) ҳаргиз, аслан; **бехли** (Қӯрғонча) тамоман, пурра; **вара** (Ёзғанд) роҳбар, сардор; (Кангурт) ду нафар ҷавоне, ки шаби ақди никоҳ дар ду паҳлӯи навдомод меистад; (Дараи Ниҳон) **вара додан** ҳаво одан; **возвол** (Қаротегин) шохаи нарме, ки онро гирд мекунанд ва рӯйи пӯсти дарахт мебанданд ва дар зимистон мавриди шикор зери кафш васл мекунанд то дар барф фурӯ нараванд; **ғозвол** (Қӯрғонча) одами либоси аз пӯсти арча ба бар, ки дар тӯйи хатнасур рақс мекунад; **ғулу шидан** (Қаротегин) // **ғълъп шъдан** (тоҷикони Вахон) // **ғулпа шудан** дар як ҷо ҷамъ шудан; (Сина) ғафс шудан; **качал** (Шимоли Кӯлоб, Қӯрғонча, Бойсун) каҷпо, шахсе, ки кафи пойҳояш ҳамвору роҳ гаштанаш душвор аст; (Кӯлобии Ҳисор) номи қавме аз қабилаи барлосҳо // **кочала** (Ҳакимӣ, Самсолиқ, Оби Лурд, Нӯшор, Навдонак, Каҳдара) қисми боқимондаи навдаи дарахт пас аз буридан; **килк // кълк** (Ёзғанд, Лангар, Саридашт, Даштиҷум, Хирманҷо, Ховалинг) // **кулк** (Даҳана, Зираобод, Лағмон, Шӯриён, Даштиҷум, Балҷувон, Мӯминобод) қамиш, най, килк; (Ғофилобод, Обигарм, Кӯлдара) // **кълк** (Лангар, Шӯриён) нард, танаи пиёзи тухмӣ; **посира** (Анҷироб, Ёл, Порвор) ҳиссае аз ҳосили зироати ба тариқи шарикӣ кишт кардашуда; (Қаротегин, Шимоли Кӯлоб) // **посра** (Дарбанд, Қӯрғонча) пайкол, қитъаи замини берун аз ҳавлӣ, ки он ҷо зироат, сабзавоти гуногун кишт карда мешавад; **рем // рим** (Қаротегин) як навъ дарахти бесамар аз ҷинси сафедор, аммо бар акси он баланд намешавад; (Қӯрғонча) чирки захм; **хилм//хълм** (Вахёӣ-Қаротегинӣ, тоҷикони Бадахшон) хилм, хилми бинӣ; (Қӯрғонча) хуни аз шикам ҷоришаванда; **ҳамел // ҳамил** (Ғарби Кӯлоб) // **ћамел // ћъмел** (Қаротегин) **// ҳимел** (Дарбанд, Бойсун) // **амел** (тоҷикони Бадахшон) шаддаи ҳар чиз, ки дар як ришта қаторгузаронида шудааст; (Вқ.) *маҷ.* маъюб, дардманд; **ҳанг//ћанг// анг** (Ҷануби Кӯлоб, Бойсун, Қӯрғонча, Дарбанд) қувват; (Шимоли Кӯлоб, Қаротегин) // **анг** (тоҷикони Бадахшон) ҳангос, бонг; наъра; **савча** (Кӯлобии Ҳисор, Шимоли Кӯлоб) сабча, найчаи харбуза; // **сабча** (Қӯрғонча) ғӯра; **чагалдак** (Ғарби Кӯлоб, Шимоли Кӯлоб) **чъгалдак** (Вахёӣ-Қаротегинӣ) **чекалдак** (Қаротегин) хамири майда-майда, лӯнда-лӯнда буридашудаи бо резаи пиёзу кашнич, қаланфуру райҳон ва ғ. омехта, ки дар равған мепазанд //**чағалдак** (лаҳҷаҳои бойсунӣ) дом барои моҳӣ; **чиғил** (Шимоли Кӯлоб) //**чъгел** (Ғорон, Ишкошим) //**чиғел** (Сина) як навъ ғалбери сӯрохкалон; (Сангдара) сангмайда, сангреза ва ғ. Он калимаи лаҳҷавӣ, ки ҳудуди интишори васеъ дорад, бо гузашти вақт маъноҳои нави забониро касб менамояд. Ба таври мисол, калимаи пӯка дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва гуфтори тоҷикони Сурхондарё ба шаклҳои **пика** (Кӯлобии Ҳисор Ғарбии Кӯлоб), **пука** (Қаротегин) // **пъка** (Ҷануби Кӯлоб) ба маъноҳои пургуй, сергап; пук, гаранг, даҳаняла; каллаварам; якрав, гарданшах; **пӯкка** (Бойсун; Қӯрғонча) нисбати себ ё меваи зарбдида истифода шуда, ин маъниҳо дар лаҳҷаҳои дигар тобишҳои нав пайдо мекунанд.

Вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳо аз ҷиҳати савтию сарфӣ ва наҳвӣ дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мегарданд, ки маҳз ин яке аз омилҳои фарқият гузоштан дар таснифоти онҳо мегардад.

Дар шаклгириҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ вобаста ба ҳудуди интишори калима воҳидҳои забонӣ ба тағйироти шаклӣ ва маъноӣ дучор мешаванд. Ҳангоми тадқиқи гурӯҳҳои мавзӯии таркиби луғати лаҳҷаҳо профессор С. Раҳматуллозода ба ҳудуди интишори калимаҳо ва дар ин замина васеъ гардидани ифодаи маъноии онҳо диққати махсус додааст. Ба андешаи ӯ "Вожаи **хеш** чандин муродиф дорад. Калимаҳои **қавм, авлод, кънда, пъшт, реша, тъхм, камар, бех, вандо, зуйрот // зуйрод // зурйот // зърйот, гъзаштагон // гъзаштагийо, соҳибдарак // соҳивдарак, хешованд**, **хешътавор** ва ғайраҳо морфемаҳое мебошанд, ки дар ҳолатҳои услубӣ метавонанд калимаи «**хеш»-**ро иваз кунанд ва ҳудуди интишори онҳо тамоми шеваҳоро фаро гирифтааст»" [14, с.26].

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои луғавиии лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба масъалаи ҳудуди интишори он дахл намудаанд [16, с.123, 6, с.16; 14, с.7].

Мадди назар гирифтани ҳудуди интишори калимаҳои хоси шеваро профессор Ш. Исмоилов дар таснифоти он муҳим арзёбӣ намудааст [6, с.16], ки дар асоси ин равия ду даҳсолаи охир хусусиятҳои луғавии як қатор лаҳҷаҳои тоҷикӣ омӯхта шудаанд.

Бояд қайд намоем, ки муайян намудани доираи маъноии калимаҳои хоси шева ва шаклҳои корбасти онҳо вобаста ба ҳудуди интишор кори саҳл нест. Ба таври мисол, калимаи **къръмб** (лаҳҷаҳои Кӯлоб) кулӯлаи лойи хушкида [ниг.:11, с.167] // **қирумб** (Хуф) ба маънои тудаи сангпораҳои аз кӯҳғалтида дар доираи васеъ истифода мешавад. Муҳаққиқи рус М.С.Андреев ба ин хусусияти калимаи мазкур диққат додааст: "Калимаи қъръмб (кирум, курумб ва ғ.) дар маҳалаҳои гуногуни тоҷикнишин интишор ёфта, ҳатто дар байни қавмҳои туркзабон дучор меояд "[1, с. 18]. Албатта, ба таври қотеона мо наметавонем дар бораи ҳудуди интишори калима ҳукми илмӣ барорем: "калимаҳои алоҳидае ҳаст, ки чи аз ҷиҳати ҳудуди интишор ва чи аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аниқ кардани онҳо душвориҳо пешовард" [16, с.123].

Масъалаи ҳудуди интишори калимаҳо дар асарҳои профессор Ғ.Ҷӯраев ба таври мукаммал баррасӣ гардидааст. Дар китоби "Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ" вобаста ба ҳудуди интишор тағйир ёфтани маъниҳои калимаҳои **чакдон , катак, сулук, қръмб** (къръмдевол кълухдевол, кесакдевол ва похсадевол), **шиғ**, **хӯрокҳои аз тухм тайёршуда**: қашон, ширбоғ, анвои либос: **ҷелак** (калтача, кепанак) ва садҳо калимаи дигар мавриди тадқиқ қарор гирифта, муҳаққиқ мавҷуд набудани маводи зарурӣ аз тамоми лаҳҷаҳоро омили душворӣ дар муайян намудани изоглоси калимаҳои хоси шева ҳисоб мекунад [15, с.200].

Бояд қайд намоем, ки доираи муродифотии калимаҳои хоси шева дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикӣ тадқиқталаб боқӣ мемонад. Дар лаҳҷаҳои тадқиқшаванда пасмондаи хӯрок бо калимаҳои зиёди шевагӣ: **залла//зала** (Қаротегин.); **йунти́** (Шимоли Кӯлоб); **ишки́** (Шимоли Кӯлоб) // **шъшки́** (Вахиё) // **шушки** (Қӯрғонча); **къняск** (Қаротегин); **луҳидан** (Дараи Ниҳон) **пӯла** (Сина); **койида** (Ҷануби Кӯлоб.); **бӯза** (Бойсун); пучкари́ (Қӯрғонча); **баҷа;** (Ёзғанд, Ғеш); **ғарфа** (Ҷануби Кӯлоб); **нимхоч** (Луғмон, Пашор, Ҳакимӣ) ва ғ. ифода мегарданд.

Дар ин маврид мавқеи калимаҳои адабии китобӣ низ устувор буда, маҳз ҳудуди интишори калимаҳо боиси сермаъноӣ ва доро муродифоти зиёд гардидани онҳо шудааст. Ба таври мисол, дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи кашк дар ифодаи маъноҳои чаккаи хушккардашуда, қурут; навъе аз таом аз орди гандум ё ҷав, бо шири гӯсфанд (монанди ҳариса); ҷави резакардашуда истифода намешавад, ки барои осори хаттии пешин ин маъноҳо мустаъмал буданд.

Дар осори Фирдавсӣ он дар шакли ибораи изофии *нони кашкин* ба маънои нони ҷавин омадааст:

Ба чуппин дарафганд ногаҳ сараш,
Ҳамон нони кашкин ба пеш-андараш [12, с.546].

Кашк дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ номи таомест, ки аз кӯфтаи (ярмаи) лӯбиё, нахӯд, гандум ва каллаву поча тайёр мекунанд: *Гандъм-а чъкида кашк медозем* (Лахш); *Гандъми нимколапази шахнашидай дълмъл-а гисо-ш-а месузунъм-ъ кашки савз менем* (Хумдон).

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои бойсунӣ ба маънои таоме меояд, ки аз гандуму гӯшт ва равған тайёр мекунанд: *Дарткам кашк-а мехӯрам* (Дарбанд); *Оч-еш кашкойи бобойи́ мепухт-ай* (Қӯрғонча) ва ғ. Ин калима муродифҳои луғавии зиёдро дар лаҳҷаҳо дорост. Ба таври мисол, муҳаққиқон чун кашк истеъмол шудани калимаи **танира**ро дар Дарвоз зикр

менамояд: «**танира** – хӯрок, ки аз омехтаи гандуми кӯфта, чакка, қаламфур, мурч тайёр мешавад ва онро хушк мекунанд, дар зимистон онро тар карда мисоли кашк истеъмол мекунанд» [14, с.56].

Вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳо бо муродифоти зиёди луғавии хоси шеваҳо низ ифода мешаванд (ниг.:2; 9, с.43; 7 с. 94; 10, с.76), ки доираи ин мавзӯъ васеъ буда, таҳқиқоти мукаммалро дар асоси лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ талаб менамояд.

Албатта, омӯзиши мукаммали ҳудуди интишори калимаҳо кори машаққатталаб буда, набудани луғати мукаммали шеваҳои тоҷикӣ ва мавҷудияти нуктаҳои баҳсталаб дар ин соҳа барои баррасии илмӣ ва амалии мавзӯи мазкур мушкилӣ пеш меорад: “аниқ муайян кардани хосияти изоглоси диалектизмҳои лексикӣ дар доираи як гурӯҳи лаҳҷаҳои калон, ҳамчун ҷанӯбӣ, ниҳоят душвор мебошад. Шояд ин кор ба истифодаи усули анектафирзистӣ то андозае имконпазир гардад. Вале ҳамон вақт ҳам дар бораи изоглоси ҳамаи калимаҳои хоси шева маълумоти матлуб ба даст овардан муяссар намешавад, балки фақат қисми маъмултарини онҳоро аз назари тафтиш гузаронидан мумкин мешавад” [15, с.73].

Ҳамин тавр, ҳудуди интишори калима дар лаҳҷаҳо ба ҳамаи қисматҳои забон, яъне шаклгириҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ тааллуқ дошта, вобаста ба ҳудуди интишор калима дорои шакл ва маъноҳои нав мегардад, ки омӯзиши он рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами забоншиносӣ хоҳад буд.

Муқарриз: ***Шодиев Р.А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму–Дарйи) / М.С. Андреев. – Сталинабад, вып. 2, 1958.
2. Баранникова Л.И. К вопросу о диалектной синонимии / Л.И. Баранникова // Вопросы стилистики. – Вып. 1. - Саратов, 1962. - С.101-119.
3. Белова Л.И. О вхождении областных слов в русский литературный язык / Л.И. Белова // Диалектная лексика, 1975. – Ленинград: Наука, 1978. – С. 192-197.
4. Блинова О.И. Введение в современную региональную лексикологию / О.И. Блинова.– Томск, 1973. – 167 с.
5. Зайниддинова З. Изоглоссы некоторых терминов родства в таджикских говорах / З.Зайниддинов // Совещание по общим вопросам диалектологии и истории языка. Тезисы докладов и сообщений. – М., 1979. – С. 195-196.
6. Исмоилов Ш. Некоторые вопросы преподавания таджикского языка в школе (на тадж. яз.) / Ш.Исмоилов. – Душанбе, 1994. – 98 с.
7. Каримова М. Калимаҳои хоси лаҳҷа дар лексикаи лаҳҷаи Лахш / М.Каримова. – Душанбе, 2018. – №23 (40). - С. 93-97.
8. Князькова Г.Н. К взаимоотношению словарного состава литературного языка и диалектов / Г.Н. Князкова // Диалектная лексика, 1974. – Л.: Наука. – С.25-31.
9. Коготкова Т.С. К вопросу о дублетно-синонимических отнашениях в лексике современного говора / Т.С. Коготкова // Сб. «Слово о русских народных говорах». – Ленинград, 1978. – С.37-53.
10. Қурбонов С.Ҳ. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феълӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ.Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2018. - № 7. – С.74-79.
11. Неменова Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка (Северная группа) / Р.Л. Неменова. – Сталинабад, 1956. – 190 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилди як). – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 951 с.
13. Филин Ф.П. Диалектное слово и его границы / Ф.П. Филин // Проект «Словаря русских народных говоров». – М.–Л.: Изд–во АН СССР, 1961. – С.22.
14. Хоркашев С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзӯии таркиби луғати лаҳҷа / С.Хоркашев. – Душанбе: Маориф, 2014. – 234 с.
15. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш - Граф, 2017. – 320 с.
16. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. (фонетика ва лексика): муаллифон: Р.Л. Неменова. Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 330 с.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВА ВОБАСТА БА ҲУДУДИ ИНТИШОР

Калима дар лаҳҷаҳо ҳудуди интишор дорад. Ҳудуди корбасти ҳар як воҳиди луғавӣ ибтидо ва интиҳо дошта, бо гузашти вақт, вобаста ба омилҳои гуногуни забонӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мегардад. Баррасии ҳудуди интишори калима, бахусус калимаҳои хоси шева, ҷараёни мураккаб буда, дар ин замина калимаҳо ба тағйироти савтӣ ва сарфиву наҳвӣ мегарданд. Дар илми забоншиносӣ масъалаи мазкур диққати забоншиносонро барвақт ҷалб намудааст ва муҳаққиқони соҳаи мазкур яке аз аломатҳои асосии диалектизмҳои лексикиро ба ҳудуди интишори онҳо марбут медонанд. Диққати забоншинос Зайниддинова З.-ро ҳудуди интишори калимаҳо ҳангоми тадқиқи калимаҳои хешутаборӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ барвақт ба худ ҷалб намуда буд. Ба се гурӯҳ тасниф намудани диалектизмҳои лексикии шеваи ҷанубӣ вобаста ба ҳудуди интишор: диалектизмҳои барои ҳама ва ё қисми бештари лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумӣ; далектизмҳои лексикии ба яке аз гурӯҳҳои асосии шеваи ҷанубӣ хос; диалектизмҳои дар як ё якчанд лаҳҷаи ба ҳам наздики яке аз

гурӯҳҳои ҷанӯбӣ истеъмолшаванда аз ҷониби профессор Ҷӯраев Ғ. саҳеҳ ба назар мерасад. Таҳқиқи таркиби луғати лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз он далолат медиҳад, ки бозгӯии дақиқи ҳудуди интишори калимаҳо дар амалия ғайриимкон буда, дар ин маврид зарурати мадди назар гирифтани омилҳои муҳимме чун дараҷаи омӯзиши қабати луғавии шеваҳои тоҷикӣ, мавҷуд набудани луғатномаҳои шевагӣ дар доираи васеъ, вобаста ба табиати лаҳҷаҳо садсолаҳо маҳфуз мондани унсурҳои таърихӣ ва пайдоиши навгониҳо дар онҳо пеш меояд. Корбасти диалектизмҳои лексикӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикони водии Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба ҳудуди интишор, ки минтақаи васеъро фаро гирифтаанд, дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мебошад, ки дар мақола ба таври мухтасар онро баррасӣ намудаем. Дар доираи васеъ омӯзиши ин масъалаи муҳими бахши лаҳҷашиносӣ рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами забоншиносӣ хоҳад буд.

Калидвожаҳо: ҳудуди интишор, лаҳҷа, забон, луғат, маъно, серистеъмол, шакли калима, муродиф, фонетика, морфология.

ИЗУЧЕНИЕ ДИАЛЕКТНОГО СЛОВА И ЕГО ГРАНИЦ

Слово имеет свои территориальное распространение в говорах. Сфера использования каждой лексической единицы в говорах имеет свои особенности. Употребление слов в говорах, особенно диалектная лексика, – это сложный процесс, в котором слова подвержены фонетическим и грамматическим изменениям. В лингвистике этот вопрос привлек внимание лингвистов на ранней стадии, и исследователи в этой области считают, что одна из основных характеристик лексических диалектов связана с границами их применения. Лингвист Зайниддинова З. при изучении родственных слов в таджикских диалектах на ранней стадии обращала внимание на особенности употребления слова в определенных местах. Классификация лексических диалектизмов южного диалекта на три группы в зависимости от территориального распространения: диалектизмы, общие для всех или большинства южных диалектов; лексические диалектизмы, характерные для одной из основных групп южного диалекта; диалектизмы, используемые в одном или нескольких подобных диалектах одной из южных групп – предложенная профессором Джураевым Г., кажется достоверной. Изучение лексических диалектизмов таджикских говоров показывает, что ввиду обширности лексической системы трудно во всей полноте отразить системный характер лексики диалектов того или иного национального языка, и в этом случае необходимо учитывать важные факторы языка, исторические элементы и появление новых фонетических и морфологических форм в языке и его ветвях. Использование лексических диалектов в таджикских говорах Сурхандарьинской долины и южном диалекте таджикского языка в зависимости от ареала распространения, который охватывает обширную территорию, имеет ряд лингвистических особенностей, которые мы кратко рассмотрели в статье. Обширное изучение этого важного вопроса в области диалектологии имеет актуальное значение.

Ключевые слова: изоглос, говор, язык, словарь, значение, многозначный, словоформа, синоним, фонетика, морфология.

STUDYING THE DIALECT WORD AND ITS BOUNDARIES

The word has its own territorial distribution in dialects. The scope of use of each lexical unit in dialects has its own characteristics. The use of words in dialects, especially dialect vocabulary, is a complex process in which words are subject to phonetic and grammatical changes. In linguistics, this issue attracted the attention of linguists at an early stage, and researchers in this field believe that one of the main characteristics of lexical dialects is related to their limits of application. Linguist Zayniddinova Z. when studying related words in Tajik dialects at an early stage paid attention to the peculiarities of using the word in certain places. Classification of lexical dialectisms of the southern dialect into three groups depending on the territorial distribution: dialectisms common to all or most of the southern dialects; lexical dialectisms characteristic of one of the main groups of the southern dialect; dialecticism used in one or several similar dialects of one of the southern groups by Professor G. Juraev seems to be reliable. The study of lexical dialectisms of Tajik dialects shows that, due to the vastness of the lexical system, it is difficult to fully reflect the systemic nature of the vocabulary of dialects of a particular national language, and in this case it is necessary to take into account important factors of the language, historical elements and the emergence of new phonetic and morphological forms in the language and its branches. The use of lexical dialects in the Tajik dialects of the Surkhandarya valley and the southern dialect of the Tajik language, depending on the distribution area, which covers a vast territory, has a number of linguistic features, which we briefly discussed in the article. An extensive study of this important issue in the field of dialectology is of current importance in linguistics.

Key words: isoglos, dialect, language, vocabulary, meaning, polysemous, word form, synonym, phonetics, morphology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**

Сведение об авторе: ***Курбонов Содик Хамрокулович*** **–** Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературе. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru**

Information about the author: ***Kurbonov Sodiq Hamroqulovich*** **-** Tajik National University, Associate professor, Departmen of Tajik Language, literature and methodology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**

УДК: 491.550

ЯК ДАЛЕЛИ ФАРОВОНИИ МУРОДИФОТ ДАР «ТАРҶУМАИ «ТАЪРИХИ ЯМИНӢ»

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳар кадом забони дунё дорои имкониятҳои ба худ хосси баён аст, ки ба туфайли онҳо тамоми андешаҳои гӯянда ё нависанда бо беҳтарин роҳ ифода карда мешавад. Забони форсии тоҷикӣ низ дар радифи ҳамин гуна забонҳои тавонои дунё қарор дошта, теъдоди калимаву таркиб ва ибораҳои барои ифодаи айни як мафҳум истифодашаванда дар он хеле фаровон ба назар мерасад. Миқдоран басо зиёд будани унсурҳои луғавӣ ва аз ин ҷиҳат, мавқеи намоён доштани забони номбурдаро аз як ишораи донишманд ва фарҳангнигори тавонои эронӣ аллома А.Деҳхудо метавон дарк намуд, ки навиштааст: “Агар гӯям сулси луғоти форсӣ ва маонии он дар ин китоб (“Луғатнома”-Ҷ.С.) гирд омадааст, шояд таҳаввур бошад. Бешак, на танҳо аз луғоти кутубиву шифоҳӣ, ки дар китобат ё забони дигарон мустаъмал аст, *ду сулс дар ин китоб нест, лоақал ниме аз он чӣ худи ма,,+-н медонистаам, фаромӯш шуда ва дар ин луғатнома наёмадааст* (таъкиди мо-Ҷ.С.)” [5, с.301].

Маълум аст, ки дар байни фарҳангномаҳои то имрӯз интишоргардида “Луғатнома”-и А. Деҳхудо яке аз комилтарин ва муътабартарин ба шумор рафта, дар ибтидо дар панҷоҳ ҷилд ва баъдан дар чаҳордаҳ муҷаллад (бо ҳуруфи хурд) ба табъ расидааст. Аз чунин ҳаҷми асар теъдоди луғоти дар он мавҷударо пай бурдан душвор нест. Ҷойи шубҳа нест, ки аз байни чунин миқдори унсурҳои луғавӣ як ҳиссаи калонашонро вожаву таркиб ва ибораҳои ҳаммаъно дар бар мегиранд. Ин гуна воҳидҳои луғавӣ дар таркиби луғавии забонамон дар тӯли садсолаҳо истифода шуда, агарчи ба таври умум бо ҳамдигар хусусияти муродифӣ зоҳир карда, аз нигоҳи сохтор мутобиқате доранд, вале дар матн якдигарро комилан иваз карда наметавонанд, зеро ҳар кадоми онҳо боз бо тобишҳои хоссаи маъноияшон аз муродифи худ тафовут доранд [8, с.55].

Таҳлили забони таърихномаҳои ба забони форсии тоҷикӣ таълифшуда ва аз арабӣ ба ин забон тарҷумагардидаи садаҳои X-XIII нишон медиҳад, ки аз ҳамон рӯзгори куҳан дар таркиби луғавии забонамон дар қатори калимаҳои бешумор анбуҳи ибораҳои устувору рехтае мавҷуд будаанд, ки гоҳ дар ифодаи як маънои мушаххас ва гоҳ дар баёни маъноҳои мухталиф мавриди истифода қарор доштаанд. Ин ҷо имкони таҳлили кулли чунин унсурҳои луғавӣ нест, аз ин рӯ, танҳо дар мисоли воҳидҳои фразеологии дар ифодаи мафҳуми “марг” истифодашудаи “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” метавон дорои захираҳои беҳамтои луғавӣ будани забони таърихномаҳои даврони асримиёнагиро эҳсос кард.

“Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ”-и Ҷурфодиқонӣ дар асл ба забони арабӣ таълиф гардида, бо номи “Таърихи Яминӣ” машҳур аст ва мансуб ба қалами муаррих, шоир, дабир, муаллифи ҳанафимазҳаби охири қарни X ва нимаи аввали садаи X1 Абӯнаср (Абӯзар) Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ [ваф. соли 427 ҳ.қ-ум/ 1035-1036-уми м.] мансуб мебошад. Тарҷумаи озоди асар бо дастури вазири атобаконӣ-Абулқосим ибни Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Абӯҳанифа аз ҷониби фозили даврон, устоду моҳири замон дар назму насри ҳам арабӣ, ҳам форсӣ Абушшараф Носеҳ ибни Зафар ибни Саъди Ҷурфодиқонӣ сурат гирифта, дар соли 1207-ум ба итмом расидааст.

Мутарҷим ҳангоми баёни воқеоти даврон кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз воситаҳои ифодаи таваҷҷӯҳро ба худ кашанда истифода намояд. Диққатҷалбкунанда будани забони тарҷумаро аз чунин қайди муҳаққиқи эронӣ М. Т. Баҳор метавон эҳсос намуд: “Ман баъд аз насри Абулмаолӣ ва “Калила” насре аз насри Ҷурфодиқонӣ устувортару дилпазиртар наёфтам, на аз Ватвоту Баҳодуддин чунин сухан шунида ва на аз Қозӣ Ҳамиду Нуруддини Муншӣ чунин иборoти бадеъу баланд дидаам ва он ҷо, ки дасту қаламро озод сохтаву қасдаш пардохтани маънии сирф аст, дар камоли фасоҳату саломат аз уҳдаи адои мақсуд баромада ва дар он ҷо, ки қаламро нигоҳ доштааст, низ ба хубӣ ҳақиқати санъатро адо кардааст” [2, с.369].

Маълум аст, ки тамоми мавҷудоти зиндаи рӯйи замин зистану мурданро паси сар мекунанд. Ин аст, ки ниёгони тоҷикон низ дар қатори қавму тоифаҳои дигар фанопазир будани ҳаёти дунёи фониро таъкид намуда, дар ниҳояти кор ба дунёи боқӣ реҳлат карданро ишора кардаанд. Дар ин хусус муҳаққиқ М. Қосимӣ навиштааст, ки “ҳақиқату

воқеияти маргу мурдан ва дар натиҷа нопойдории инсон дар зиндагонии инсарой ва ин ки чаро ба вуҷуд меояд ва саранҷом аз байн меравад ва пас аз марг чӣ ҳодисае барояш рӯй медиҳаду аз куҷо сар бармеоварад, масъалаест, ки аз даврони хеле дур зеҳни башарро ба худ ҷалб кардааст ва ҳамвора ба шаклҳои мухталиф аз тарафи ақвому тоифаҳои гуногун матраҳ шудааст. Нобуд шудани ҳамаи мавҷудоти зинда, ба хусус инсон ҷо-ҷо дар осори гузаштагон омада ва дар бештари навиштаҳои манзуму мансур аз марг ва сипанҷӣ будани дунёву зиндагӣ сухан ронда шудааст [6, с. 89]. Ин аст, ки аҳли илму адаби гузаштаву имрӯза ногузир будани маргро гоҳ ба таври кушода ва гоҳ пӯшида бо истифода аз калимаву ибораҳои фаровон ифода кардаанд. Чунончи, муайян шудааст, ки нависандаи номии тоҷик шодравон Ҷалол Икромӣ дар асари сегонаи худ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» қариб чил муродифоти калимаи *мурдан*ро ба кор бурдааст [13, с.13], ҳамин андоза унсури луғавиро баъзе муаллифони даврони асримиёнагӣ истифода намудаанд [14, с.122-125], шоири тавоно Лоиқ Шералӣ мафҳуми зикршударо тавассути яксаду бист вожаву таъбири рехта баён кардааст [7, с.3-25], ниёгон онро тақрибан бо истифода аз ҳазору дусаду ҳаштоду ҳафт калима, ибора, ҷумла ва ифодаҳои чандҷумлагӣ зикр намудаанд [6, с.89-138].

Ба ин тариқ, ногузир будани марг, дар пеши он оҷиз будани инсон, фонӣ будани ин дунё ва боқӣ ҳисобшавии он дунёро Абушшарафи Ҷурфодиқонӣ низ ҳар дафъа ба тарзи дигар бо истифодаи теъдоди фаровони вожаву таркиб ва ибораву ифодаҳои устувору рехта ба қалам овардааст, ки яке аз дигаре бо ҷилои хоссаву тобиши ғайриодии маъно тафовут доранд. Ҳисоби оморӣ нишон дод, ки аз байни чунин воҳидҳои забон мутарҷим беш аз ҳама ибораҳои рехтаву устуворро бештар ба кор бурдааст ва шумори ин гуна унсурҳои луғавӣ ба бисту нуҳ адад мерасад. Аз ин рӯ, мо дар ҷараёни таҳлил ибтидо, таркиб ва баъдан иборотро таҳлил хоҳем кард. Таркибҳои дар баёни мафҳуми номбурда мустаъмали асар аз лиҳози мансубияти вожаҳои таркибашон ду навъанд: 1.таркибҳое, ки дар натиҷаи ба ҳам омадани вожаҳои тоҷикӣ ташаккул ёфтаанд. Одатан ин гуна таркибҳо аз лиҳози маъно хосси даврони асримиёнагӣ буда, дар забони адабии муосири тоҷикӣ матрук шудаанд. Чунончи, дар ҷумлаи зерин таркиби *фармон ёфтан* ба назар мерасад: Ва понздаҳ солу нуҳ моҳ навбати салтанат зад ва рӯзи панҷшанбе...*фармон ёфт* [15, с.149].

Таҳлилу муқоиса касро ба чунин андеша водор месозад, ки асли *фармон ёфтан* воҳиди фразеологии *фармони Ҳақ(қ) ёфтан* маҳсуб мегардад. Далели мо дар хусуси шакли аслии ибораи фавқ ҳамин буда метавонад, ки дар бархе таърихномаҳои асримиёнагӣ, мисли “Зайн-ул-ахбор”-и Гардезӣ ҳамин гунаи комили ибора ба назар мерасад [3, с.58].

Сипарӣ шудан низ дар қатори чунин таъбирот қарор дошта, дар таърихномаи мазкур бисёр ба кор рафтааст ва метавон онро хосси услуби асари номбурда маҳсуб донист: Ибни Бӯя бирасид ва ҳар ду дар шаъбони санаи сабъа ва самонина ва салосумиа...*сипарӣ шуданд* [15, с.115]. Ва Эликхон дар Бухоро омад... ва ӯро бигирифт ва ба Ӯзканд фиристод ва ӯ он ҷойгоҳ *сипарӣ шуд* ва шуълаи давлати Оли Сомон якборагӣ фурӯ мурд ва ҳоли эшон ба завол расид [15, с.138]. Ва чун Абӯалӣ ба Бухоро расид, дар тааҳҳуду тафаққуд ва иҷлолу икроми қадри ӯ муболағат рафт ва дар ҳазрати мулк мулозим буд, то дар шавволи санаи ситта ва хамсина ва салосумиата ...*сипарӣ шуд* [15, с.212]. Ва буъди масофат аз мушоҳадати ҳол ва кашфи кори ӯ монеъ шуд ва ӯ дар зери азаботи азоб ва захми чӯбу шиканҷа *сипарӣ шуд*...[15, с.234]. Ва ӯ бо хавосси хеш як замон ба мудофаати эшон бозгузошт ва баъд аз он дар хиноқи он меҳнат изтироб мекард, то *сипарӣ шуд* [15, с.247].

Ибораи мазкур ба ҷуз таърихномаи мавриди таҳлил инчунин дар ду осори таърихии асримиёнагӣ - “Таърихи Байҳақӣ” ва “Зайн-ул-ахбор” дучор меояд [1, с.75, 631; 3, с. 107].

Баъзеи ин гуна таркибҳо дар “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” дар ду мувозӣ истифода гардидаанд. Одатан дар чунин мавридҳо ҷузъи номӣ дар як шакли мушаххас зикр шуда, ҷузъи феълӣ тағйирёбанда аст. Масалан, дар ҷумлаҳои зер мувозиҳои *фурӯ шудан* ва *фурӯ рафтан* корбаст шудаанд: Ва шаби сешанбе, чаҳордаҳуми моҳи сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (14.02.295/24.11.907) ба Бухоро *фурӯ шуд* [15, с.149]. Ва ду сол подшоҳӣ кард ва дар ҷумодиюлохираи санаи тисъин ва сабъина...ба муфоҷот *фурӯ шуд* [15, с.210]. Ва ҳирқати ҳирфати адаб дар ӯ расид ва дар назрати ҷавонӣ ва ҳасрати амонӣ ва унфувони зиндагонӣ *фурӯ шуд* ва яке аз аҳли аср дар марсияи ӯ мегӯяд... [15, с.235]. Ва он рӯз, ки бо лашкари Хуросон ба сарҳади Ироқ расид, ба муфоҷот *фурӯ шуд* ва он ҳасрат бо хок бурд [15, с.290]. Ва умри ӯ вафо накард ва ба ҷавонӣ *фурӯ рафт*... [15, с.273]. Тақдири

Бории таоло ӯро замон надод ва ба ҷавонӣ *фурӯ рафт* ва ҷаҳон аз фазлу маолӣ ва лутфу маонии хеш отил гузошт [15, с.275].

Чунин хусусияти сермувозигии таъбирот ба ибороти рехта низ хос аст, ки доир ба онҳо дар поён мулоҳизаронӣ хоҳад шуд.

2.Тавре ки ишора шуд, ба сифати ҷузъи номии чунин феълҳо дар "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" калимаҳои арабӣ ва ба ҳайси ҷузъи феълӣ фақат вожаҳои аслии тоҷикӣ ба кор рафтаанд. Таркибҳои *ҳалок шудан*, *вафот ёфтан* аз ҷумлаи ҳамин гуна воҳидҳои луғавӣ ҳисоб мешаванд:...ва дар ҳеч ямин ясор намонд ва аҳли мукнат ба фақру фоқа мумтаҳан гаштанд ва дарвешон ба фано расиданд ва амлок *ҳалок шуд*...[15, с.16]...ва мафотиҳи анфос баргирифт ва оташ дарзад, то ҳамгинон дар мазиқи он тахниқ *ҳалок шуданд*...[15, с.69]. Рӯй бо Сарахс ниҳод ва Муҳсин ибни Тоқ, ки амири ғуз буд, роҳи ӯ бигирифт ва ба мумонаат бархост ва Субошитакин бар ӯ зафар ёфт ва ӯро бигрифт ва ба ду ним кард ва халқе аз ҷонибайн *ҳалок шуд* [15, с.195].

Ҳисоби омории корбурди ин гуна феълҳо нишон медиҳад, ки дар таърихномаи зикргардида дараҷаи истифодаи онҳо яксон нест. Чунончи, таркиби *вафот ёфтан* дар қиёс бо феъли *ҳалок шудан* бештар мавриди истифода қарор гирифтааст: Дар шуҳури санаи хама ва ситтина ва салосумиа (365/976) амири садид Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ *вафот ёфт* ва тахти мамлакат ва сарири салтанат холӣ гузошт [15, с.36]. Чун Ҳусомуддавла аз дари Ҷурҷон ба Бухоро рафт, Муаййидуддавла *вафот ёфт*...[15, с.59;ниг. инч. 15, с. 92, 120, 203, 209, 248, 273].

Маводи аз "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" гирдомада шоҳиди он аст, ки дар байни чунин унсурҳои луғавии дар баёни мафҳуми "марг" истифодашуда гурӯҳи калонро ибораҳои рехта дар бар мегиранд. Таркиби ин гуна ибораҳо низ аз вожаҳои мухталифасл ташаккул ёфта, қисми ночизашон аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳиссаи бузургашон аз унсурҳои луғавии арабиасл иборатанд.

Ибораҳои *бечон гаштан*, *ҷон бидодан*, *бар ҷой сард шудан* намунаи таъбироте ҳастанд, ки дар натиҷаи васли ду ё зиёда вожаҳои аслии тоҷикӣ зуҳур намудаанд: Ва чун рӯз ба вақти завол расид, аз садмаи хуюлу заҳмати фуюл халқе бешумор аз лашкари Хоразм бар саҳрои он разм *бечон гашта буданд* ва боқӣ рӯй ба ҳазимат оварда...[15, с.257]. Аммо ҳар кас, ки аз ин қозурот тановул кардӣ, бар ҷой бияфтодӣ ва *ҷон бидодӣ* [15, с.217]. Ва марду зан ва пиру ҷавон фарёд медоштанд ва нон-нон мезаданд ва *бар ҷой сард мешуданд* [15, с.216].

Назар ба ибороти танҳо аз ҳисоби вожаҳои аслии тоҷикӣ бунёдгардида дар таърихномаи Ҷурфодиқонӣ шумори таъбироте имтиёз доранд, ки дар таркибашон калимаҳои иқтибосии арабӣ дучор меоянд. Чунин ибороти рехта аз нигоҳи корбурди миқдори вожаҳои арабиасли дохили таъбирот ягона нестанд. Як қисмашонро онҳое дар бар мегиранд, ки яке аз унсурҳои луғавии дохилашонро калимаҳои арабӣ ташкил мекунанд. Ибороте, мисли *бастаи доми* ***аҷал*** *шудан*, *ба* ***фано*** *расидан*, *ҷаҳон* ***холӣ*** *кардан* метавонанд намунаи ҳамин гуна таъбирот бошанд:...имоди он мамлакат ва низоми он давлат ва роии рама ва ҳомии ҳама буд, *бастаи доми аҷал шуд*...[15, с.15]. Ва тамайюз миёни барӣ ва муҷрим бархост ва ба ҳаққу ботил халқе *ба фано расиданд* ва мардум аз хавфи он ҳаволат рӯй ба устод Абӯбакр ниҳоданд...[15, с.270]. Ва чун қозӣ аз Бағдод бозгардид, Баҳоуддавла *ҷаҳон холӣ карда буд ва вафот ёфта*...[15, с.248].

Ҳиссаи калони чунин ибораҳоро онҳое ташкил мекунанд, ки ба сифати яке аз ҷузъҳояшон вожаи *ҷон* истифода гардидааст. Воҳидҳои фразеологии *ҷон* ***таслим*** *кардан* (Ва мансаби ӯ ба писари ӯ-Абдулмалик ибни Нӯҳ расид ва ҳафт солу шаш моҳу понздаҳ рӯз ҳукм ронд ва рӯзи панҷшанбе...аз асб бияфтод ва ҷон таслим кард [15, с.149]), *ҷони нопоки хеш ба* ***дорулбавор*** *фиристодан* (Ва чун бидонистанд, ки мукнати субот ва қудрати наҷот нест, худро аз шурфаҳои қалъа ба зер андохтанд ва баъзе худро бар синони найзаҳо ва ҳадди шамшерҳо заданд ва ҷони нопоки хеш ба дорулбавор фиристоданд [15, с.262]), *ҷон ба* ***ризвон*** *супурдан* (Ҳукми қазо ва тақдири Худо он имкон надод…ва дар манзиле аз манозил ҷон ба ризвон супурд ва қолаби ӯ дар аморӣ ба Ғазнин нақл карданд [15, с.113], *ҷон ба* ***молики*** *дӯзах супоридан* (Ва Писари Сурӣ чун мазаллати хеш дар каманди осор бар вадоеи ҳисри хеш бидид, нигине масмум дар ангушт дошт, аз он ҳасрат фурӯ макид ва ҷон ба молики дӯзах супурд... [15, с.216]), *ҷон аз* ***қалб*** *берун афтодан* (Чун Халаф он ҳол мушоҳадат кард, бим буд, ки аз ғояти хавфу раъб ҷонаш аз қалб берун афтад, ба фарёд

омад ва амон хост [15, с.157]) ва монанди инҳо намунаи ҳамин гуна ибораву ифодаҳои рехта маҳсуб мегарданд.

Аз чанд намунаи тазаккурёфта аён аст, ки Ҷурфодиқонӣ ҳангоми истифодаи чунин иборот ҷилоҳои маъноии ҳар яки онро ба эътибор гирифта, мавридшиносонаву мӯшикофона ба кор бурдааст, яъне дар ҳолати марги шоҳ, ё ҳоким як ибора, ҳангоми марги каси зиндагияш бо ҷангу гурез тавъам таъбири дигар, вақти баёни фавти шахси фақиру тиҳидаст воҳиди фразеологии сеюм ва монанди инҳоро мавриди истифода қарор додаанд. Ба чунин вижагии фразеологизмҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баъзе аҳли таҳқиқ овардаанд, ки "тарзи аз байн рафтану мурдани фард ва мушаххасоти зоҳирию ботинии шахси фавтида ва ҳамчунин фазову маҳал ва ҳолу ҳавои вежае, ки дар ҳангоми марг вуҷуд дорад, омили дигарест, ки боис мешавад, то таркибу таъбир ва сурати хаёл ва ҳатто вожаи хоссе дар хаёли шоиру нависандагон нақш бандад [6, с.92]. Бинобар ин, ҳар хонандаи даррок ба зудӣ чӣ гуна ҷараён гирифтани фавти шахси мавриди тасвирро ба таври возеҳ пай хоҳад бурд.

Чунин вижагии ин гуна таъбиротро дар мисоли воҳидҳои рехтае низ метавон дучор омад, ки таркибашон аз ду калимаи арабиасл ва гурӯҳи вожаҳои тоҷикӣ фароҳам омадаанд. Воҳидҳои фразеологии *ҷони нопок ва равони нобоки касе ба* ***забония*** (нигаҳбони дӯзах, фариштагони шиканҷа-Ҷ.С.) ***таслим*** *афтодан* (Ва султон кавкабае аз мавокиби лашкри хеш бар асари ӯ бифиристод, то чун гиребон перомуни ӯ фаро гирифтанд ва шамшер дар ӯ бастанд ва ӯ аз ҳавли он соиқа ва раъби он ҳодиса ханҷаре дошт, баркашид ва синаи хеш фурӯ дарид ва ҷони нопок ва равони нобоки ӯ ба забония таслим афтод [15, с.191]), *ба* ***ҷавори Ҳақ(қ)*** *рафтан* (Ва рӯзи одина, сездаҳуми моҳи раҷаб...ба ҷавори ҳақ рафт [15, с.150]), *ба* ***дарки асфали*** *дӯзах расонидан* (Ва Чипол бад-он сабаб аз маърази подшоҳӣ доман даркашид вас ар битарошид ва худро дар оташ андохт ва ба дарки асфали дӯзах расонид [15, с.156]), *ба сарои* ***охират таҳвил*** *кардан* (Ва чун Фахруддавла ба сарои охират таҳвил кард, лашкар бар аморати ӯ байъат карданд... [15, с.245-246]), *дар роҳи дӯзах* ***рафиқи фариқи*** *хеш гаштан* (Кулчанд ханҷар берун кашид ва зани хештанро ба қатл овард, пас шиками хеш фурӯ дарид ва дар роҳи дӯзах рафиқи фариқи хеш гашт... [15, с.261]) мисоли ҳамин гуна ибораҳои рехтаву устувор мебошанд.

Баъзан дар таркиби чунин воҳидҳои фразеологӣ танҳо як-ду адади вожаҳо мансуб ба тоҷикӣ буда, се ададашонро унсурҳои луғавии арабиасл ташкил медиҳанд. Чунин манзараи созмонёбии иборотро дар мисоли воҳидҳои рехтаи *ба* ***дори бақо реҳлат*** *кардан (*...каримае аз кароими Носируддин...бо чанд кас аз атфоли авлоду аҳфод ва ахоири мамолики ӯ ба дори бақо реҳлат карданд [15, с.113], *аз ҷаҳони* ***фонӣ*** *ба ҷаҳони* ***боқӣ таҳвил*** *кардан* (Агар падар, ки ҳоиму ҳориси давлат буд, аз ҷаҳони фонӣ ба ҷаҳони боқӣ таҳвил кард, мо дар хидмати тахт ва иқомати расми убудийят қоиммақоми падарем... [15, с.129]), ***рӯҳи*** *касе ба* ***ҷаннатулмаъво таҳвил*** *кардан* (Ва бар ақаби ин фатҳ Туғонхонро умр ба охир расид ва рӯҳи ӯ дар ҷумлаи арвоҳи шуҳадо ба ҷаннатулмаъво таҳвил кард... [15, с.252]), *ба* ***ҷавори раҳмати*** *Офаридгор* ***интиқол*** *кардан* (Ва ӯ бад-ин кор машғул шуд, то ӯро бар бистари марг афканд ва ба ҷавори раҳмати Офаридгор интиқол кард [15, с.315]) метавон мушоҳида намуд.

Як хусусияти забони "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" дар мавриди корбурди воҳидҳои фразеологии дар ифодаи мафҳуми "марг" мустаъмал ҳамин аст, ки бархе аз онҳо, ки намунаашон дар боло таҳлил шуд, дар як мувозӣ, ҳиссаи дигарашон дар ду мувозӣ ба кор рафтаанд. Лозим ба зикр аст, ки дар таърихномаи мавриди таҳлил аз байни се навъи мувозиҳо: лексикӣ, фонетикӣ ва морфологӣ [8, с.60] хели нахуст маъмул буда, охирӣ кам ба мушоҳида мерасад.

Ташаккули мувозиҳои лексикӣ ё луғавии дар таърихномаи зикрёфта мавҷуда бо чанд роҳ сурат гирифтааст. Чунончи, барои хусусияти думувозигиро соҳиб шудани гурӯҳе аз ибораҳои фразеологии феълӣ ба якдигар ивазшавии исми таркибашон басо калон аст. Чунончи, дар «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» дар чанд маврид ду мувозии як таъбир: ***рӯҳ*** *таслим кардан* (Ва, ҳайҳот, кор аз дасти табиб рафта буд, ҳам дар замон рӯҳ таслим кард ва арсаи ҷаҳон аз ҷаҳони маониву маолӣ холӣ гузошт... [15, с.53]) ва ***ҷон*** *таслим кардан* (Ва мансаби ӯ ба писари ӯ-Абдулмалик ибни Нӯҳ расид ва ҳафт солу шаш моҳу понздаҳ рӯз ҳукм ронд ва ...аз асб бияфтод ва ҷон таслим кард [15, с.149]) дучор меоянд.

Дар иддае аз чунин иборот дар радифи исмҳои таркибашон вожаҳои ифодакунандаи аломату хусусият низ дар шаклҳои мухталиф истифода шудаанд. Ин гуна ҳодиса дар

ибороте, чун аз ***дори дунё*** *ба дори* ***уқбо*** *таҳвил кардан* (Ва чун Абӯҳорис вафот ёфт, султон он вилоят бар писари ӯ- Абӯнаср муқаррар дошт ва ӯро иноятӣ риоят махсус кард, то дар шуҳури санаи иҳдо ва арбаъамиъата (401/1011) аз дори дунё ба дори уқбо таҳвил кард [15, с.204]), аз ***дунё*** *ба* ***дори бақо реҳлат*** *кардан (*...аз ин ғусса бар фароши марг афтод ва аз дунё ба дори бақо реҳлат кард [15, с.250]) ба мушоҳида мерасанд.

Дар ҳолатҳои нодир ташаккулёбии мувозиҳо дар натиҷаи ивази феъли таркиби чунин ифодаҳо ба назар мерасанд. Масалан, Ҷурфодиқонӣ мафҳуми "марг"-ро тавассути ибороти *ба ҷавори Ҳақ(қ) таоло* ***рафтан (***Ва мулки Кирмон бар Азудуддавла қарор гирифт, то ба ҷавори Ҳақ(қ) таоло рафт... [15, с.213]) ва *ба ҷавори Ҳақ(қ) таоло* ***шудан*** (Ва шайхи ҷалил ба мурооти ҷониби шор Абӯнаср қиём менамуд ва ӯро дар канафи риояти ҳиётати хеш медошт, то ба ҷавори раҳмати Ҳақ(қ) шуд... [15, с.228]) ифода намудааст.

Аз таҳлилу муқоисаи маводи забонии "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" бармеояд, ки бархе аз мувозиҳо дар натиҷаи дар ду шакл: гунаи муқаррарии феълҳо ё ба онҳо ҳамроҳгардии пешванди *би-* ба вуҷуд омадаанд. Роҷеъ ба вазифаи пешванди мазкур дар байни муҳаққиқон ақидаи ягона ба назар намерасад: бархе онро пешванди бахшандаи тобишу оҳанги адабӣ-китобӣ ба феъл ё "префикси оҳангбахш" номидаанд [4, ҷ.1, с.189], дигаре унсури ифодакунандаи таъкид ҳисобидаанд [2, с.282; 11, с.51], сеюмӣ воситаи баёнкунандаи тобиши қатъитар итмомёбии амал ва таъкидкунандаи он ба шумор овардаанд [10, с.44]. Аз таҳлилу муқоисаи маводи гирдомада метавон ба ин хулоса омад, ки *би-* дар вазифаи таъкиди амал меояд.

Дар таърихномаи номбурда ҷузъи феълии чунин ибораҳо асосан дар шакли муқаррарӣ истифода шуда, дар мавридҳои басо кам ба онҳо пешванди *би-* ҳамроҳ шудааст. Ин ҳолатро дар мисоли таъбироте, монанди *ҷон* ***супурдан*** (Ҳукми қазо ва тақдири Худо он имкон надод ва он умнийят ба ҳусул мавсул нашуд ва дар манзиле аз манозил ҷон ба ризвон супурд ва қолаби ӯ дар аморӣ ба Ғазнин нақл карданд [15, с.113]) ва *ҷон* ***биспурдан*** (Амъои (рӯдаҳо) ӯ бар ҳам печид ва аламе сахт оғоз ниҳод ва дар он алам *ҷон биспурд* [15, с.116]) мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар таърихномаи мазкур мафҳуми "марг" бо ёрии шумори фаровони воҳидҳои фразеологӣ баён гардидаанд. Аз ҷиҳати миқдор имтиёз доштани ин гуна унсурҳои луғавии забонро бо чунин далел низ метавон собит кард, ки дар баробари корбурди як таъбир дар доираи як ҷумла ҳолатҳои истифодаи ду адади ин гуна воҳидҳои забониро дар он метавон дучор гардид. Чунончи, дар ҷумлаҳои зайл бо ибороте, мисли *ҳалок шудан* ва *ба дӯзах расидан* (…баъзе ба теғ даромаданд ва бархе дар об ғарқ гаштанд, чунонки миқдори панҷоҳ ҳазор мард аз эшон ҳалок шуданд ва ба дӯзах расиданд [15, с.261]), *ба ҷавори ҳақ рафтан* ва *даъвати маргро иҷобат кардан* (Дар аснои ин ҳолат хабар расид, ки Соҳиби Кофӣ, ки чароғе буд дар зулмати он ҳодиса ва табибе дар муолаҷати ин ноиба, ба ҷавори ҳақ рафт ва даъвати маргро иҷобат кард [15, с.92]), *ба ҷавори раҳмат рафтан* ва *ба манзили туроб таҳвил кардан* (Ва малик Нӯҳ...ба оризаи ду-се рӯза ба ҷавори раҳмат (рафт ва бо ҳасрати шубоб ба манзили туроб таҳвил кард [15, с.113]), *ваъдаи ҳақ бирасидан* ва *саҳифаи умр хатм шудан* (Султон аз баҳри салоҳи мулк ӯро ба қалъаи Ҷардиз фиристод. Он ҷойгоҳ буд, то ваъдаи ҳақ бирасид ва саҳифаи умраш хатм шуд… [15, с.158] метавон дучор омад.

Хулоса, "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" яке аз сарчашмаҳои бойи ибораву ифодаҳои рехтаву устувори забони ниёгон ба шумор омада, муаллиф ё мутарҷими асар чунин унсурҳои забонро ба андешаи на танҳо ба ақли хонанда таъсир расонидан, балки бо мақсади ба эҳсоси ӯ таъсир намудан низ истифода кардааст.

Маълум мегардад, ки дар ҳамон гузаштаи дур забони ниёгони мо на танҳо аз калимаҳо, балки аз ибораву ифодаҳои нобу дилпазир ва рӯҳро навозанда саршор буда, аз он аҳли адаб мавқеъшиносона истифода намудаанд.

Муқарриз: *Ҳасанзода А.А.* – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Байҳақӣ; таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с.
2. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ / Муҳаммадтақии Баҳор; аз ҳуруфи форсӣ баргардони Ш.Р. Исрофилниё ва Н. Саркоров. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 569 с.
3. Гардезӣ, Абӯсаид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор / Абӯсаид Абдулҳайи Гардезӣ; ба хатти кирилӣ баргардони Қ. Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 415 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 355 с.
5. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Муқаддима / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон, Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – С.301-306.
6. Қосимӣ, М.Тасвири марг дар адаби форсӣ / М.Қосимӣ // Номаи Пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи Пажӯҳишгоҳи эроншиносӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2007. - № 15-16. – С.89-146.
7. Маҳкамова Б. Сад тарзи ифодаи як мафҳум дар ашъори Лоиқ / Б.Маҳкамова. - Хуҷанд, 2002. – 28 с.

8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: УДТ, 1982. – 103 с.
9. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М., 1981. – 275 с.
10. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б.Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1968. – 163 с.
11. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х) / С.Ҳалимов. - Душанбе: УдТ, 1979. – 94 с.
12. Ҳасанов. А. Сесаду панҷоҳ муродифи гуногунрешаи як вожаи эрониасл / А.Ҳасанов // Армуғони Ганҷи сухан. Ҷ3. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – С.106-118.
13. Ҳикматуллоев Н. Семантико - стилистические особенности лексических синонимов трилогии Д. Икроми "Двенадцать ворот Бухары": автореф. дисс… канд.филол. наук / Н.Ҳикматуллоев. – Душанбе, 1993. – 20 с.
14. Ҷӯраева С. Чил муродифи як вожаи эрониасл дар “Тафсири Табарӣ” –Балъамӣ / С.Ҷӯраева // Гулистони маърифат. - Хуҷанд, 2012. - С.122-125.
15. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” / Абушшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфодиқонӣ; муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот, луғот ва феҳристи Н.И. Ғиёсов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 416 с.
16. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М: Высшая школа, 1969. – 247 с.

ЯК ДАЛЕЛИ ФАРОВОНИИ МУРОДИФОТ ДАР «ТАРҶУМАИ «ТАЪРИХИ ЯМИНӢ»

Дар мақола дар заминаи маводи “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” ифодаи мафҳуми “марг” бо ёрии таркибҳои алоҳида ва ибораҳои фразеологии ҳаммаъно баррасӣ шудааст. Аз таҳлил ва қиёси забони таърихномаи мазкур муаллиф ба натиҷае расидааст, ки аксари ин гуна таъбирҳо дар даврони баъдии инкишофи забони форсии тоҷикӣ истифода шудаанд, аммо бархе аз онҳо камназир буда, корбурдашон танҳо хосси баъзе осори таърихӣ ҳастанд. Дар ҷараёни пажӯҳиш муаллиф нишон додааст, ки қисме аз чунин таъбирот дар як шакли мушаххас, ҳиссаи дигар дар ду мувозӣ ба кор рафтаанд. Дар таърихномаи зикршуда ду навъи мувозӣ: луғавӣ ва морфологӣ ба мушоҳида расида, дар зуҳури онҳо нақши вожаҳои исму сифат ва феъл, инчунин бархе пешвандҳои шаклсози феъл назаррас аст. Чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” яке аз сарчашмаҳои бойи ибораву ифодаҳои рехтаву устувори забони ниёгон ба шумор омада, муаллиф ё мутарҷими асар чунин унсурҳои забонро ба андешаи на танҳо ба ақли хонанда таъсир расонидан, балки бо мақсади ба эҳсоси ӯ таъсир намудан низ истифода кардааст.

Калидвожаҳо: таърихнома, забони форсии тоҷикӣ, мафҳуми “марг”, ибораҳои фразеологии феълӣ, муродифот, мувозӣ, унсурҳои ташаккулдиҳандаи мувозӣ, вожаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосҳои арабӣ, пешванди шаклсоз.

ОДИН ФАКТ ИЗОБИЛИЯ СИНОНИМОВ В «ПЕРЕВОДЕ «ИСТОРИИ ЯМИНИ»

В статье на основе материала “Перевода “Истории Ямини” рассмотрено выражение понятия “смерть” с помощью отдельных конструкций и синонимичных фразеологических единиц. Из анализа и сравнения языка данного исторического трактата автор пришел к выводу о том, что некоторые из данных толкований использовались в последующий период развития персидско-таджикского языка, но некоторые из них являются редкими и их использование присуще некоторым историческим трактатам. В процессе исследования автор показала, что часть данных толкований были использованы в определенной форме, но другая часть использовалась в двух параллелях. В указанном историческом трактате наблюдаются два типа параллелей: словарный и морфологический и в их появлении велика роль существительных, глаголов и прилагательных, также некоторых словообразовательных приставок образующих глаголы. Можно придти к выводу о том, что “Перевод “Истории Ямини” считается одним из источников богатых словосочетаниями и устойчивыми фразеологическими единицами языка наших предков и автор или переводчик данного произведения использовал такие языковые элементы не только для донесения до читательских умов, но также с целью влияния на их чувства.

Ключевые слова: исторический трактат, персидско-таджикский язык, понятие “смерть”, глагольные фразеологические единицы, синонимы, паралели, элементы формирующие параллели, подлинные таджикские слова, арабские заимствования, формообразующие префиксы.

ONE FACT OF ABUNDANCE OF SYNONYMS IN THE "TRANSLATION OF THE" STORY OF YAMINI "

In the article, based on the material from the “Translation of the History of Yamini”, the expression of the concept “death” with the help of separate constructions and synonymous phraseological units is considered. From the analysis and comparison of the language of this historical treatise, the author came to the conclusion that some of these interpretations were used in the subsequent period of the development of the Persian-Tajik language, but some of them are rare and their use is inherent in some historical treatises. During the research, the author showed that some of these interpretations were used in a certain form, but the other part was used in two parallels. In this historical treatise, two types of parallels are observed: vocabulary and morphological, and in their appearance there is a great role for nouns, verbs and adjectives, as well as some derivational prefixes that form verbs. It can be concluded that the “Translation of the History of Yamini” is considered one of the sources rich in phrases and stable phraseological units of the language of our ancestors, and the author or translator of this work used such linguistic elements not only to convey to the reader's minds, but also to influence on their feelings.

Key words: historical treatise, Persian-Tajik language, the concept of “death”, verbal phraseological units, synonyms, parallels, elements forming parallels, genuine Tajik words, Arabic borrowings, formative prefixes.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Сведение об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Juraeva Sarvinoz Boboqulovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Associate Professor of Philological Science, head of chair of culturology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Tel**.: (+992) 92-774-05-01**

УДК: 81.1

СИММЕТРИЯ ВА АСИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМА

(дар заминаи робитаҳои байнифарҳангӣ)

Мақсудов У.О.

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ

Қиёс ва муқобалаи робитаҳои фарҳангиву мадании халқҳои гуногун тавассути тарҷумаҳои осори бадеӣ ва баррасии категорияҳои симметрия ва асимметрия ҷиҳати ҳамоҳангӣ ва нобаробарии матнҳо, аз усулҳои назаррас ба ҳисоб меравад.

Беҳуда нест, ки вақтҳои охир ба масъалаи робитаҳои фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, зеро бинобар тафовути фарҳангҳо, халқҳои гуногун на ҳамеша ҳамдигарро мефаҳманд. Тер-Минасова С.Г. қайд мекунад, ки омезиши фарҳангҳо ба андозаи бесобиқа расидааст ва мушкилоти тарбияи таҳаммулпазирӣ ба фарҳанги бегона, бедор кардани шавқу завқ ва эҳтиром ба онҳо, рафъи эҳсоси хашму ғазаб, танқисӣ ва нобаробарӣ хеле шадид шудааст [17, с.9]. Матнҳои тарҷума, алалхусус бадеӣ, яке аз василаҳои шиносоӣ бо фарҳанги дигар мебошанд. Ҳангоми қиёс ва муқобалаи тарҷумаи осори бадеӣ тамоми назокат ва умқи равобити байнифарҳангӣ ва байнизабонӣ ба таври вижа зоҳир мегардад.

Ба омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои асимметрияи равобити байнифарҳангӣ ағлаби муҳаққиқон таваҷҷуҳ намуда, баҳри тавсифи ин падида мафҳумҳое аз қабили «фарқият», «тафовут», «нобаробарӣ» ва «номувофиқӣ»-ро истифода бурдаанд. Дар ин росто, олимони рус Грушевитская Т.Г., Попков В.Д. ва Садохин А.П. дар бораи мушкилот ва масъалаи робитаҳои байнифарҳангӣ ҳарф зада, тафовути назарраси байни фарҳангҳоро таъкид намудаанд [10, с.9].

Персикова Т.Ф., Гудков В.А. ва Садохин А.П. дар муошират байнифарҳангӣ чунин вижагиҳоро аз қабили раванди муносибатҳои фарҳангӣ, афзоиши таваҷҷуҳи забоншиносон ба илмҳои ҷомеашиносӣ, табодули арзишҳои фарҳангӣ, танаввӯи муносибат ва муошират мардум таъкид намудаанд [10, с.9].

Ҳодисаи асимметрияи байнизабонӣ - натиҷаи нобаробарии аломатҳои луғавӣ буда, раванди тарҷума ба намуди асимметрияи байнифарҳангӣ ва фарҳангҳои мутақобила тавсиф мешавад. Зуҳури он дар муқоисаи намунаҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар доираи фазои фарҳангӣ, бадеӣ ва таърихӣ тадқиқ мегардад.

Грушаева Л.И. дар баррасии асарҳо оид ба хусусиятҳои асимметрия ва касрати ихтилофоти байнифарҳангӣ таъкид намуда, аз ҷумла менависад, ки ҳангоми ба фарҳанги бегона ворид шудан, инсон қабл аз ҳама ба масъалае таваҷҷуҳ мекунад, ки он аз фарҳангаш берун аст ва дар тафаккураш иттилои ҷадид ҳосил мешавад [9, с.13].

Омӯзиши хусусиятҳои асимметрияи байнифарҳангӣ, шарҳи мафҳумҳои калидӣ ва фазои семиотикии фарҳангро тақозо мекунад.

Таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки на танҳо намунаҳои фарҳангӣ, балки робитаҳои мутақобилаи байнифарҳангӣ, зуҳуроти симметрия ва асимметрия ифшо гарданд.

Барои омӯзиши асимметрияи байнифарҳангӣ таъйини масъалаҳои номакшуф (априорӣ) дар асимметрияи фарҳангӣ бар асоси категорияҳои умумиҷаҳонии вақт, фазо ва муошират муҳим шуморида мешавад. Ин тарзи таснифи асимметрияи байнифарҳангиро олими англис Э. Ҳол пешниҳод намуда, робитаи фарҳангҳои гуногунро тибқи ин категория ба низом даровардааст [10, с.9].

Олими дигари аврупоӣ Г.Хофстеде гурӯҳбандии фарҳангҳоро дар заминаи барномаҳои равонӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Барномаҳои равонӣ аз вижагиҳои фарҳангие чун қудрат ва тавоноӣ, ҳамбастагӣ ва канорагӯӣ, ҷасорат ва тарс асос ёфта, таҳлилу таҳқиқи он аҳаммияти хосса дорад.

Таҳлили матнҳои асл ва тарҷума имкон медиҳад, ки чӣ гуна мутарҷимон падидаҳои фарҳанги дигарро тибқи фаҳмишу ҷаҳонбинии хеш баён намуда, зуҳуроти фарҳанги бегонаро аз нигоҳи худ маънидод намудаанд. Таҳрифи иттилоъ бештар аз он сабаб ба амал меояд, ки ҳолатҳои асимметрия дар интиқоли арзишҳои фарҳангӣ таъсир гузоштааст.

Омӯзиши асимметрияи байнифарҳангӣ дар тарҷумаҳои осори бадеӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, зеро осори бадеӣ ҳамаи вижагӣ ва иттилооти фарҳангӣ ва таърихи тамаддуни миллатро фаро мегиранд. Рамзҳои дохили фарҳанги асл бо олами тафаккури фарҳангии тарҷумон омезиш ёфта, ӯро бештар ба ҳусули зуҳуроти асимметрия роҳандозӣ мекунанд. Бинобар ин, тарҷумон бояд донишҳои фарҳангӣ, таърихӣ, маданӣ, бадеӣ, ҷуғрофӣ ва луғавӣ дошта бошад, то ки ҳангоми тарҷума сохтор, мазмун ва муҳтавои матни аслро дуруст интиқол диҳад.

Бояд қайд намуд, ки асимметрияи аломатҳои забонӣ на танҳо таваҷҷӯҳи олимон, балки мутарҷимони зиёдро низ ҷалб намудааст. Масалан, Афра Бен (1640-1689) нависанда ва тарҷумони англис дар дебочаи асараш роҷеъ ба тарҷумаи Фонтенел “Гуфтугӯ дар бораи касрати оламиён” мушкилоти асимметрияи байни забонҳоро матраҳ кардааст.

Алоқамандии байни забонҳо ва асимметрияи байнифарҳангӣ дар робитаи мутақобилаи забону фарҳанг асос ёфта, аз ин қазия В.Гумболдт низ ёдовар шудааст [11, с.69]. Аз ҷумла, ӯ таъкид намудааст, ки забон - як падидаи равонӣ буда, зеро забони халқ равони он аст ва рӯҳи мардум забони он аст [11, с.71]. Ба ақидаи Г.Штайнтал, «рӯҳияи мардум, қабл аз ҳама, дар забон, баъд дар ахлоқ ва урфу одат, дину оин зоҳир шавад, зеро ин ҳама маҳсули ҳолати равонии мардум аст [18, с.115].

Ҳамчунин, рӯҳияи мардум - фарҳанги мардум аст. В.Гумболдт дар мавриди қиёс ва муқобалаи забону фарҳанг сухан ронда, ҳамбастагии онҳоро таъкид кардааст, ки сохтори забонҳо гуногун буда, зеро мардум низ гуногунандешанд [11, с.72].

Омӯзиши асимметрияи луғавӣ дар партави назария ва амалияи тарҷума аҳаммияти хосса пайдо мекунад, зеро маҳз асимметрияи аломатҳои луғавӣ боиси хатоҳои тарҷумон мегарданд.

Вижагиҳои асимметрияи байнифарҳангӣ дар интиқоли осори бадеии тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асимметрияи луғавӣ-шуурӣ ва луғавӣ-кинетикӣ тавсиф мегардад.

Матне, ки дар шароити як фарҳанги миллӣ эҷод шудааст, дорои арзиши хоссаи фарҳангӣ буда, зеро соҳибони он ба фаҳмиши умқи он мерасанд. Тарҷумаи дуруст ва ҳамоҳанг, нишонаи фаҳмиши дурусти тарҷумон мебошад.

Ба категорияи луғатҳои бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки ягонагии фарҳанг дар робитаҳои байнифарҳангӣ аҳаммият надорад. Аз ин рӯ, тарҷума ҳамчун унсури ҳамоҳангсози ду фарҳанги мухталиф буда, байнашон табодул ё интиқоли луғавӣ-фарҳангӣ сурат мегирад.

Забоншиносии фарҳангӣ чун шохаи илм, сатҳи маърифати соҳибони забонро дар робита ба санъат, фарҳанг, таърих, анъана ва урфу одат муаррифӣ мекунад [16, с.45-46].

Баррасии масъалаҳои тарҷумаи осори бадеӣ дар пояи луғавӣ-фарҳангӣ диққати муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Масалан, Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров (1976, 1983), В.В. Воробёв (1997), Д.С. Лихачёв (1994), Л.Ю. Лотман (1987, 1992, 1996), В.Н. Комиссаров (1991), А.Д. Швейтсер (1994), Н.В. Багринсева (2001), Н.Н. Болдирев (2001), Т.Ю. Виноградова (2001), А.И. Грушаева (1999), Г.В. Денисова (1998), М.К. Петров (1991), И.В. Ружитский (1994), Н.М. Салников (1996), Н. Хачатурян (1973), В.И. Хайрулин (1999), П.С. Алдер (1975), Р. Эллисон (1995), А. Вежбитская (1996), М. Клайн (1994), П.Н. Донетс (2001), Д.Ҳ. Ҳаймс (1964), К. Нэп, А. Нэп-Потсоф (1987), Е.А. Найда (1991); Р. Янг (1996); П. Зумтор (1976) осори илмиву тадқиқотии хешро ба омӯзиши ин қазия бахшидаанд.

Мавҷудияти фарҳангҳои мухталиф, густариши робитаҳои фарҳангӣ ва ғановати фарҳангҳои гуногун аз интиқоли осори бадеӣ ва муошират миллатҳо шаҳодат медиҳад. Азбаски ҳодисаҳои забонӣ ва иҷтимоӣ бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд, аломатҳои забонӣ бидуни тағйири маънои семиотикии он аз муҳити иҷтимоӣ дур буда наметавонад. Таносуб ва ҳамоҳангсозии реалияи фарҳангҳои ба ҳам мухталиф яке аз вазифаҳои мубрами мутарҷими осори бадеӣ ба шумор меравад [12, с.19].

Ҳангоми омӯзиши мубодилаи калимоти луғавӣ-фарҳангӣ, мафҳуми асосиро фарҳанг дар се калидвожа фаро мегирад: мундариҷа, ифодаи сохторӣ ва реалия, ки тавассути аломати забонӣ инъикос мегардад. Дар фарҳанг аломати забонӣ чун сохтор ва мазмун хидмат мекунад [7, с.142].

Таъйини культурема/реалия (набуди мафҳуми фарҳангӣ дар забони тарҷума) бо омилҳои берунӣ ва дохилии забон собит мегардад. Омилҳои берунӣ - таърихӣ, этноравонӣ, иқлимӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Ба омилҳои дохилӣ - номинатсияи ҳолат, намудҳои хосси реалияҳои мушаххас ворид мешаванд [1, с.143].

Баррасӣ, қиёс ва муқобалаи фарҳангҳои тоҷикиву англисӣ ва тарҷумаи осори бадеӣ-фарҳангӣ, воқеияти робитаҳои пайванди ин ду халқро баён мекунанд. Масъалаҳои симметрия ва асимметрияи байнифарҳангии ин фарҳангҳо низ маҳз ҳангоми муқобалаи сохтор, мундариҷаи тарҷумаҳои осори бадеӣ ташхис мегардад.

Асимметрияи луғавии матни асл ва тарҷума, ки дар он маълумоти фарҳангӣ инъикос ёфта, баъзан ба ҳам мувофиқ намеоянд. Дар поён падидаи асимметрияи луғавӣ тибқи се омил баррасӣ мегардад:

1) семиотикӣ;

2) парадигматикӣ;

3) ва омили синтагматикӣ [7, с.146-150].

Тибқи омили семиотикӣ, асимметрияи фарҳангӣ дар набуди яке аз воҳидҳои забонӣ зоҳир мегардад.

Мутарҷим ҳангоми маънидод, маълумоти зермазмуни аслро, ки мафҳуми пинҳонии фарҳангӣ дорад, дарк намуда, асолати реалияро ба таври тавсифӣ ё бевосита ба хонанда мерасонад. Дар ин сурат, дарки мундариҷаи реалия мушкил мегардад, зеро тавсифу тавзеҳ дар забони тарҷума баъзан тобиши нав касб мекунанд [13, с.20]. Реалияҳо, ки танҳо дар фарҳанги тоҷикӣ ё англисӣ мавҷуданд, дар забони дигар муодили лафзӣ надошта, оқибат бо усули тарҷумаи тафсифӣ маънидод мегарданд.

Муқоисаи матнҳои тоҷикӣ ва англисӣ зуҳуроти асимметрияи фарҳангиро вобаста ба омили семиотикӣ собит месозад:

а) симметрияи мундариҷа ва ифодаи аломат;

б) симметрияи мундариҷа ва асимметрияи байнифарҳангӣ;

в) асимметрияи мазмун ва баён.

Ҷадвали 1.1.

Матни асл	**Тарҷумаи I**	**Тарҷумаи II**
It made the boy sad to see the old man come in each day with his skiff empty and he always went down to help him carry either the **coiled lines** or the **gaff** and **harpoon** and the **sail** that was **furled around the mast** [22, с.9].	...инро дида дили писарбача ба ҳоли ӯ месӯхт, ин буд, ки вай ҳар рӯз ба соҳил мерафт, то ин ки барои ба хонааш бурда додани... **чангаки даста-дароз**, **гарпун** ва **бодбони ба хода** (дар ин ҷо сутуни бодбон ба назар дошта шудааст) **печонидашуда** ба мӯйсафед ёрӣ диҳад [20, с.12].	Писарак ҳар рӯз бо дасти холӣ омадани пирамардро дида, ғамгин мешуд ва ба соҳил мефуромад, ки ӯро барои овардани **чанбари ресмон** ё **найзаю чангак** ва **бодбони печонида дар гирди амуд** ёрӣ кунад [21, с.7].

Дар тарҷумаи I, ибораи “***coiled lines*** *or the* ***gaff***” чун “***чангаки даста-дароз***” маънидод шуда, он бояд “***ғалтаки ресмон***” тарҷума мешуд, ҳамчунин вожаҳои “***gaff***” - “***чангак***”, “***harpoon***” - “***гарпун***” ифода шудаанд, ки калимаи “***harpoon***” бояд “***найза***” интиқол шавад. Ин ҷо, тарҷумаҳо шояд дар такя ба нусхаи русии асар тарҷума шудаанд ва сабаби зуҳури асимметрия гаштаанд.

Воҳиди луғавии “***sail furled around the mast***” - “***бодбони ба хода печонидашуда***” бо шарҳу эзоҳ тарҷума шуда, омили ҳусули асимметрияи луғавӣ гардидааст.

Ибораи “***coiled lines***” дар тарҷумаҳои I ва II симметрия мебошад.

Хулоса, тарҷумаҳо аз лиҳози мундариҷа ва ифодаи маъно қисман мутобиқ буда, вале дар мавриди корбурди вожаҳои русӣ ва шарҳу тавзеҳот, зуҳури асимметрияи байнифарҳангӣ ба амал омадааст.

Ҷадвали 1.2.

Матни асл	**Тарҷумаи I**	**Тарҷумаи II**
How would you like to see me bring one in that dressed out over a ***thousand pounds****? [22, с.16].*	*Канӣ, пагоҳ ман моҳии* ***ҳазорфунтӣ*** *медорам ё не [20, с.17]?*	*Дилат мехоҳад фардо як моҳии* ***ҳазорфунта*** *биёрам? [21, с.17]*

Вожаи “***thousand pounds***” дар тарҷумаи I “***ҳазорфунтӣ***” ва II ***“ҳазорфунта”*** маънидод шуда, аз ҷиҳати фарҳанг асимметрия рӯй додааст, зеро чунин воҳиди ченак дар забони тоҷикӣ роиҷ нест.

Ҷадвали 1.3.

Матни асл	Тарҷумаи I	Тарҷумаи II
The **Yankees** cannot lose [22, с.16].	“**Янкӣ**”-ҳо бозиро бой намедиҳанд [20, с.18].	**Янкиҳо** набояд бой диҳанд [21, с.17].

Ҳамзамон, мафҳуми воҳидҳои луғавии “***Янкӣ***”-ҳо ва “***Янкиҳо***” - “***Yankees***” ба хонандаи тоҷик норавшан буда, дар ин намунаҳои тарҷума шарҳи калима оварда нашудааст. Пас, чунин ҳодисаро асимметрияи байнифарҳангӣ мегӯянд.

Аз мисолҳои фавқуззикр маълум мегардад, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ аз лиҳози маънои луғавӣ симметрия сурат гирифта, аммо дар баъзе ҳолатҳо барои хонанда норавшан мондааст. Пас, ин ҷо сабаби асосии зуҳури асимметрияи байнифарҳангӣ дар набуди реалияҳои фарҳангӣ мебошад.

Аз нигоҳи омили семиотикӣ, ҳолати асимметрия дар ҳоле зоҳир мегардад, ки реалияҳо дар забони тарҷума ба чашм нарасад, зеро он ба лакунаҳои фарҳангӣ рабт дорад.

Лакунаҳои фарҳангӣ ду навъанд: тобишӣ (коннотативӣ) ва танаввӯӣ (контрастӣ). Пайдоиши лакунаҳои коннотативӣ ба омезиши фарҳангҳо асос ёфтааст, аммо лакунаҳои контрастӣ дар натиҷаи тафриқаи фарҳангҳо мунъакис мегарданд [15, с.147].

Аз нуқтаи назари омили парадигматикӣ, зуҳуроти симметрия ва асимметрияи воҳиди луғавӣ дар ҳоле ба амал меояд, ки сохтор ва маънои фарҳангии матнҳо созгор ё нобаробар бошанд.

Ҷадвали 1.4.

Матни асл	Тарҷумаи I	Тарҷумаи II
“I am not religious,” he said. “But I will say ten **Our Fathers** and ten **Hail Marys** that I should catch this fish, and I promise to make a pilgrimage to the **Virgin of Cobre** if I catch him. That is a promise” [22, с.82].	Ман ба худо эътиқод надорам, гуфт пирамард. Лекин барои доштани ин моҳӣ даҳ маротиба дуои “**Парвардигор**”-ро ва ҳамон қадар дуои “**Модархудо**”-ро мехонам. Агар онро ба даст орам ба зиёрати **модархудои Кобрен** меравам [20, с.53].	Ман ба Худо эътиқод надорам, гуфт ӯ. – Аммо даҳ маротиба “**Падари мо**” ва даҳ маротиба “**Марями Муқаддас**”-ро мехонам, то ки ин моҳиро ба даст орам; ва назр мекунам, ки агар ин моҳиро гирам, ба зиёрати **Бокираи Кубро** меравам. Қавл медиҳам [21, с.83].

Дар тарҷумаҳои тоҷикӣ воҳидҳои луғавии ***“Парвардигор”*** (Our Fathers)***, “Модархудо”*** (Hail Marys) *ва* ***“модархудои Кобрен”*** (Virgin of Cobre) аз лиҳози маънои луғавӣ симметрия буда, аммо аз нигоҳи фаҳмиши фарҳангӣ асимметрия мебошанд. Зеро, ибораҳои номбурда дар фарҳанг ва оини динии тоҷикон мутадовил нестанд ва боиси зуҳури асимметрияи байнифарҳангӣ гаштаанд.

Дар тарҷумаи II, ибораи ***“Марями муқаддас”*** бо муодили англисӣ симметрия буда, аммо ибороти ***“Падари мо”*** ва ***“Бокираи Кубро”*** аз нуқтаи назари фарҳангӣ асимметрия ҳастанд.

Ҳамзамон, тарҷумаи воҳидҳои луғавии “***Парвардигор***” (*Our Fathers*) ва ***“Марями Муқаддас”*** (Hail Marys)-ро нобаробар хонда, онро сабаби асимметрияи байнифарҳангӣ номидан мумкин аст.

Ҷадвали 1.5.

Матни асл	Тарҷумаи I	Тарҷумаи II
This is the second day now that I do not know the result of the **juegos**, he thought [22, с.86].	Рӯзи дуюм аст, ки ман аз ин натиҷаи **Lueqos** хабаре надорам, - гуфт ӯ дар дилаш [20, с.55].	Ду рӯз мешавад, ки ман аз натиҷаи **бозиҳо** бехабарам, - фикр кард ӯ [21, с.87].

Дар ҷадвали боло, воҳиди луғавии “***juegos***” дар тарҷумаи I бидуни маънидод “***Lueqos***” қаламдод шудааст, зеро ин вожа дар матни асл ба сифати культурема ё реалия ворид шудааст. Лекин, он дар қавсайн баён нагаштааст. Вожаи испонии “***juegos***” дар забони англисӣ кам истифода шуда, ин баргардони мустақимро метавон асимметрияи байнифарҳангӣ номид.

Ҳоло ба чанд намунаи англисии “Реги Омӯ: Ёддоштҳои айёми кӯдакии Садриддин Айнӣ”-и Ҷон Перрӣ ва Рейчел Лер таваҷҷуҳ мекунем.

Ҷадвали 2.1.

Матни асл	Тарҷума
*Занҳои ҳамсоягони дигар ҳам, ки ҳар кадом **дардманд будаанд**, барои дардҳои худ дуо фармуданд ва “ҳар вақт пул ёбем **назри домулло**ро медиҳем гуфтанд, бурда медиҳӣ” гуфтанд [16, с.24].*	***My** other neighbors’ wives all **have various pains** and **asked** me to bring back prayers for them too, and said they’d send **you** the **money** as soon as they could [16, с.25].*

Дар ҷадвали боло, чандин навъҳои асимметрия ба амал омада, аз ҷумла ибораи “***дардманд будаанд***” аз лиҳози синтаксисӣ ба вазифаи хабари номӣ омада, аммо ибораи “***have various pains***” (дардҳои гуногун доштанд) ба шакли хабари феълӣ истифода шудааст. Ҳамчунин, вожаи “***various***” (гуногун) дар матни тарҷума илова шуда, ин ҷо омили ҷамъбандӣ дар ибораи “***занҳои ҳамсоягони дигар - other neighbors’ wives***” таъсир расонидааст ва мутарҷим ҷиҳати ҳамоҳангсозии мазмун вожаи “***various***” (гуногун)-ро илова намудааст.

Афзун бар ин, феъли “***ёбем***” бо феъли модалии “***could***” (тавонем) дар ҳолати асимметрия қарор доранд. Ба илова, нутқи айнан нақлшуда зикр шуда, дар раванди тарҷума ба нутқи мазмунан нақлшуда мубаддал шудааст, ки онро асимметрияи синтаксисӣ гӯянд.

Вале ибораи “***назри домулло***” бо вожаи “***money***” ифода шуда, бояд “***mullah’s vow***” (назри мулло) интиқол мешуд. Аслан, маънои луғавии вожаи “***назр***” дар фарҳанг “*аҳд ё паймони динӣ*” буда, адои он ҳатмӣ аст ва дар ҳоли иҷро накардан, шахс гунаҳкор мегардад. Лекин тарҷумон дунболи маънои луғавӣ гашта, тарҷумаи ӯ аз мазмуни аслӣ дур мондааст.

Ҷадвали 2.2.

Матни асл	Тарҷума
*Ман ҳам **аз барои савоб** ба ин қадар роҳ пойи пиёда **хеста** омадам... - **Кадоми ин дуоҳо** ба **кадом дард** аст? - **гуфта он зан** пурсид [16, с.24].*	*I’ve come all the way on foot **to do a good deed** … - **Which prayer** is for **which pain**?” **she** asked [16, с.25].*

Ҳодисаи асимметрия дар тарҷумаи калима ва ибораҳои “*ҳам*”, “*кадоми ин дуоҳо*”, “*хеста*”, “*гуфта*” ва “*он зан*” инъикос шудааст. Масалан, аз нуқтаи назари морфологӣ-синтаксисӣ вожаҳои “*ҳам*”, “*аз барои савоб*”, “*хеста*” ва “*гуфта*” дар матни тарҷума нобаробар ифода гардидаанд. Ё худ ибораи “*кадоми ин дуоҳо*” дар тарҷума “*which prayer*” (кадом дуо) аз лиҳози грамматика (категорияи ҷамъбандӣ) нобаробар омадааст.

Дар канори ин, ибораи “*кадом дард”* бо *“which pain*” ҳамоҳанг буда, онро симметрия мегӯянд. Лекин ибораи “*он зан*” бо ҷонишини “*she*” (ӯ) иваз шуда, зуҳури асимметрияи морфологӣ ба амал омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумлаи “*Ман ҳам **аз барои савоб** ба ин қадар роҳ пойи пиёда **хеста** омадам...*” ибораи исмии “*аз барои савоб*” бо ибораи феълии “***to do a good deed***” (кори нек кардан) мувофиқи таҳлили синтаксисӣ нобаробар буда, ҳодисаи асимметрияи синтаксисӣ рух додааст.

Ба илова, вожаи “***савоб***” ва “***a good deed***” (кори хайр), аз лиҳози маънои луғавӣ қисман баробар мебошанд. Зеро, вожаи “***савоб***” дар фарҳанг маънои “*подош (барои кори нек); 2. кори нек, кори хайр; муқоб. гуноҳ, убол; (аз) барои савоб! дар мавриди илтимосу илтиҷо гӯянд; кори савоб, кори хайр, кори нек; аз савоб намон! кори савобе кун! [23]*”-ро ифода мекунад, аммо ибораи “*a good deed*” (кори хайр) ба маънои дувум мувофиқ омадааст. Аммо вожаи “***савоб***” бояд “***reward***” (подош) тарҷума гардад. Ҳамзамон, калимаи “***deed***” дар фарҳанги Кембриҷ ба таври зайл тавзеҳ ёфтааст: “*an intentional act, especially a very bad or very good one” (амали ҳадафнок, хосса амали хеле бад ё хуб). It seems to me that a*

*lot of **evil deeds** are done in the name of religion - Ба назарам, аксари амалҳои шайтонӣ аз номи дин анҷом меёбанд. She's always helping people and doing **good deeds** - Ӯ ҳамеша ба мардум мусоидат менамояд ва дар ҳаққашон **амалҳои хайр** мекунад [19]*". Пас, маълум мегардад, ки калимаи "***deed***" ба маънои "*амал*" ифода ёфта, он бо сифатҳои "*bad" (бад) ва "good" (нек)* якҷоя меояд, аммо корбурди вожаи "*савоб*" танҳо бо вожаи "*нек*" тавъам аст.

Ҷадвали 3.1.

Матни асл	Тарҷума
*Ин хона зи **хишти куҳна** андохтаам, Дар вай **ҷашне** зи рафтагон сохтаам, То аҳли замони мо бидонанд, ки ман Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам [16, с.26].*	*I built this house from **bricks of ancient clay**, To **honor** in it those who've passed away, And tell the story of my long-last youth [16, с.26].*

Дар тарҷумаи поён ибораи *"**хишти куҳна**"* бо "***bricks of ancient clay***" (хиштҳои гили куҳна) боиси зуҳури асимметрияи луғавӣ-фарҳангӣ гаштааст.

Дар ҷойи дигар, калимаи "***ҷашн***" бо "***honor***" (шараф, ҷашни табрик) маънидод шуда, нобаробар аст. Зеро, вожаи мазкурро метавон бо яке аз калимаҳои "***celebration, holiday, festival, festivity, jubilee***" ифода намуд ва ин ҳодиса сабаби зуҳури асимметрияи семантикӣ шудааст.

Дар ҷадвали поён, байти тоҷикӣ дар тарҷума бо як мисраъ баён шудааст:

Ҷадвали 3.2.

Матни асл	Тарҷума
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман - Як умри ҷавонӣ ба чи раҳ бохтаам. [16, с.26].	*And tell the story of my long-last youth [16, с.26].*

Яъне, мисраи "*То аҳли замони мо бидонанд*" бо ибораи содаи "*And tell the story*" (ва қисса бикун) маънидод шуда, мисраи "*Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам*" ба тариқи муъҷаз "*my long-last youth*" (умри тӯлонӣ ва анҷоми ҷавониам) баён гардидааст, ки чунин шеваи баён боиси асимметрияи грамматикӣ-услубӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки зуҳуроти асимметрияи байнифарҳангӣ дар ҳолатҳои гуногун ба амал омадааст.

Ҳамзамон, маълум гашт, ки Ҷон Перрӣ ва Рейчел Лер дар маҷмӯъ тарҷумаҳоро муодилнок анҷом додаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин росто масъалаи таҳқиқи зуҳуроти симметрия ва асимметрия дар тарҷумаи осори бадеӣ муҳим буда, омӯзиш ва бозгӯи зуҳури омилҳои семиотикӣ, парадигматикӣ ва синтагматикӣ ҳоизи аҳаммият аст.

Таъйини зуҳуроти симметрия ва асимметрия дар интиқоли реалияҳо ҷиҳати интиқоли муодилноки арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ равшан ба назар расид.

Таҳқиқи зуҳуроти симметрия ва асимметрия дар раванди тарҷумаи осори бадеӣ (дар заминаи робитаҳои байнифарҳангӣ) ҷиҳати кашфи умумият ва тафовути фарҳангҳо муҳим шуморида мешавад.

Ҳаройина, омӯзиши падидаи асимметрияи байнифарҳангӣ дар фазои тарҷума ҳоизи аҳаммият буда, нобаробарии фарҳангҳоро собит месозад ва метавонад мавриди омӯзиш ва таҳқиқи алоҳидаи муҳаққиқон қарор гирад.

Муқарриз: ***Ҳомидова Н.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДПДТТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ачаева М.С. Симметрия и асимметрия лексических деривационных семейств с базовыми словами Пусто / М.С. Ачаева // Полно на русском и английском языках. Вестник Северного (Арктического) федерального университета. Много.: Гуманитарные и социальные науки. – 2018. - № 6. - С.24-31. DOI: 10.17238 / issn2227-6564.2018.6.24.
2. Вейл Г. Симметрия / Г.Вейл. - М.: Наука, 1968.
3. Верещагин Е.М. Язык и культура. Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного. Изд-е четвертое пере-раб. и дополн / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - М.: Русский язык, 1983. - 233 с.
4. Воробьев В.В. Лингвокультурология (Теория и методы). Монография / В.В. Воробьев. - М.:РУНД, 1997. - 331 с.
5. Гак В.Г. Асимметрия в языке / В.Г. Гак // Лингвистический энциклопедический словарь; гл. ред. В.Н. Ярцева. – М., 1990. – С.47.

6. Гак В.Г. Об использовании идеи симметрии в языкознании, в кн.: Лексическая и грамматическая семантика романских языков / В.Г. Гак. - Калинин, 1980.
7. Гак В.Г. Языковые преобразования / В.Г. Гак. - М.: Школа "Языки русской культуры", 1998. - 768 с.
8. Гончар, Н.Г. Асимметрия в переводе художественного текста: этнолингвокультурный аспект: дисс. … канд. фил. наук / Н.Г. Гончар. - Тюмень, 2009. - 254 с.
9. Гришаева, Л.И. Введение в теорию межкультурной коммуникации: Учебное пособие [Текст] / Л.И. Гришаева, Л.В. Цурикова. - 2-е изд., дополн. - Воронеж: Воронежский государственный университет, 2004. - 424 с.
10. Грушевицкая, Т.Г. Основы межкультурной коммуникации: Учебник для вузов [Текст] / Т.Г. Грушевицкая, В.Д. Попков, А.П. Садохин; под ред. А.П. Садохина. - М.: Юнити-Дана, 2002. - 352 с.
11. Гумбольд, В. фон. Характер языка и характер народа / В. фон Гумбольд // Язык и философия культуры. - М., 1985. - С.370-382.
12. Маркарян Е.С. Исходные посылки понимания культуры как специфического способа человеческой деятельности / Е.С. Маркарян // Философские проблемы культуры. - Тбилиси: Мецниеребе, 1980. - С.16-44.
13. Маслов С.Ю. Асимметрия познавательных механизмов и ее следствия / С.Ю. Маслов // Семиотика и информатика. - 1983. - Вып.20.
14. Пономаренко И.Н. Симметрия/асимметрия в лингвистике текста: дис. ... д-ра филол. наук / И.Н. Пономаренко. - Краснодар, 2005. - 322 с.
15. Соссюр Ф. Труды по языкознанию / Ф.Соссюр. - Москва: Прогресс, 1977. - 696 с.
16. Телия В.Н. Основные постулаты лингвокультурологии / В.Н. Телия // Филология и культура. М-лы второй межд. конф. - Тамбов, ТГУ им. Г.Р. Державина, 1999. - С.45-47.
17. Тер-Минасова С.Г. Язык и межкультурная коммуникация / С.Г. Тер-Минасова. - М., 2000.
18. Штейнталь, Г. Грамматика, логика и психология (их принципы и взаимоотношения) [Текст] / Г. Штейнталь // Хрестоматия по истории языкознания XIX - XX веков; составил В.А. Звегинцев. - М., 1956. - С.108-116.
19. Шубников А.В. Симметрия в науке и искусстве / А.В. Шубников, В.А. Копцик. - М.: Наука, 1972.
20. Хемингуей, Эрнст. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Эрнст Хемингуей. – Душанбе: Нашрдавточик, 1963. - 99 с.
21. Хемингуей, Эрнст. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Эрнст Хемингуей; бо иқдоми сафорати Амрико дар Тоҷикистон; тарҷумаи Муҳаммадсалим Азизмуродов. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 168 с.
22. Hemingway, Ernest. The Old Man and the Sea / Ernest Hemingway. - New York: Scribner, 2003. - 127 p.
23. https://translate.academic.ru/савоб/tg/ru/ (Санаи муроҷиат: 20.02.2021).

СИММЕТРИЯ ВА АСИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМА

(дар заминаи робитаҳои байнифарҳангӣ)

Дар ин мақола зуҳуроти симметрия ва асимметрияи байнифарҳангӣ дар тарҷума мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Воҳидҳои забони асл ва тарҷума дар заминаи муносибати асимметрияи байнифарҳангӣ ба силки таҳқиқ кашида шуда, ҳангоми мувофиқ ё номувофиқ будани тарҷума зоҳир мегардад. Ҳаллу фасли қазияи мазкур на танҳо дар қиёс ва муқобалаи матни асл бо тарҷума рӯйи кор меояд, балки ҳангоми таҳлилу баррасии фарҳанг, анъана ва дину оини халқҳои тоҷику англис мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Навъҳои асимметрияи парадигматикӣ, синтагматикӣ ва семиотикӣ дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Омӯзиши асимметрияи байнифарҳангӣ дар тарҷумаҳои осори бадеӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, матни асари бадеӣ асос ва муҳофизи фарҳанги миллӣ мебошад, яъне осори бадеӣ ҳамаи вижагӣ ва иттилооти фарҳангӣ ва таърихи тамаддуни миллатро фаро мегирад. Асимметрияи байнифарҳангӣ ҳини муқоисаи зуҳуроти симметрия ва асимметрияи фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ низ ба маърази таҳқиқ кашида шуд. Ҳамзамон, ҳангоми муқоисаи хусусиятҳои грамматикии матнҳои тоҷикӣ ва англисӣ равшан мегардад, ки онҳо дар аксар ҳолатҳо ба ҳам созгор нестанд. Дар мақола падидаҳое чун асимметрияи байнизабонӣ аз лиҳози лексикӣ ва грамматикӣ: морфологӣ ва синтаксисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои бознигарии муқаррароти назариявӣ ва ислоҳи усулҳои таълими амалияи тарҷума, инчунин муайян кардани усулҳо ва принсипҳои баҳодиҳии сифати тарҷума истифода бурдан мумкин аст.

Калидвожаҳо: тарҷумаи осори бадеӣ, симметрия, асимметрия, парадигматикӣ, синтагматикӣ, семиотикӣ, робитаҳои байнифарҳангӣ, асимметрияи байнифарҳангӣ, асимметрияи байнизабонӣ.

СИММЕТРИЯ И АСИММЕТРИЯ В ПЕРЕВОДЕ

(на фоне межкультурной коммуникации)

В статье исследуются явления межкультурной симметрии и асимметрии в переводе. Единицы исходного языка и языка перевода подвергаются исследованию на основе межкультурной асимметрии и выявляются при эквивалентном или безэквивалентном переводе. Решение данного вопроса заключается не только в сопоставлении исходного текста с переводом, но и в анализе культур, традиций и религий таджикского и английского народов. В статье исследуются типы парадигматической, синтагматической и семиотической асимметрий. Изучение межкультурной асимметрии в переводах художественных произведений считается важным, а текст художественного произведения является основой и хранителем национальной культуры, то есть такое произведение охватывает все особенности культуры, традиций и истории цивилизаций обоих народов. Межкультурная асимметрия также исследуется при сопоставлении явлений фонетической, морфологической и синтаксической симметрии и асимметрии. В то же время, сопоставляя грамматические особенности таджикского и английского текстов, выясняется, что они часто несовместимы. В статье также рассматривается феномен межъязыковой асимметрии с точки зрения лексики и грамматики. Результаты исследования могут быть использования для переосмысления теоретических

положений и коррекции методики преподавания практики перевода, а также уточнения методов и принципов оценки качества перевода.

Ключевые слова: перевод художественного произведения, симметрия, асимметрия, парадигматический, синтагматический, семиотический, межкультурная асимметрия, межъязыковая асимметрия.

SYMMETRY AND ASYMMETRY IN TRANSLATION

(In a sign of intercultural communication)

The paper describes the phenomena of intercultural symmetry and asymmetry in translation. The units of the source language and the target language are attracted to the study based on intercultural asymmetry and are identified by equivalent or non-equivalent translation. The solution of the given problem is not only on comparing the source text with the translation, but also on analyzing the culture, traditions and religion of the Tajik and English peoples. The article examines the types of paradigmatic, syntagmatic and semiotic asymmetries. The study of intercultural asymmetry in the translations of fiction works is considered important, and the text of a fiction works is the foundation and retaining of national culture, that is for such a work covers all the features of the culture, the history of civilization of both people. Intercultural asymmetry is also explored by comparing the phenomena of phonetic, morphological, and syntactic symmetry and asymmetry. At the same time, comparing the grammatical features of the Tajik and English texts turns out that they are often incompatible. The article also considers the phenomenon of interlanguage asymmetry from the point of vocabulary and grammar view. The results of the research can be used to develop the theoretical provisions and correct the methodology of teaching translation practice, as well as to clarify the methods and principles of assessing the quality of translation.

Key words: translation of the fiction work, symmetry, asymmetry, paradigmatic, syntagmatic, semiotic, intercultural asymmetry, interlingual asymmetry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мақсудов Умед Олимович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-885-55-50**

Сведение об авторе: ***Максудов Умед Олимович*** – Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М. Осими, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-885-55-50**

Information about the author: ***Maksudov Umed Olimovich*** - Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, candidate of pedagogical science, senior teacher of the department of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **olimi.umed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-885-55-50**

УДК: 491.550:413

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКӢ ВА ЛИНГВОКУЛТУРОЛОГИИ ЧАНД ИСТИЛОҲИ МАВОДИ МУХАДДИР ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Содатқадамов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз рӯйи маълумоти бостоншиносон башарият тақрибан чанд ҳазор сол пеш аз милод роҷеъ ба маводи нашъадор маълумот пайдо карда буд. Таърихи истифодаи маводи нашъаовар то ба тамаддуни Шумериҳо панҷ ҳазор сол қабл аз даврони мо мерасад. Дар ҳафриётҳои он давра аввалин ишораҳои хаттӣ дар бораи таҳия ва истифодаи маводи мухаддир (тарёк) бо номи “gil” пайдо шуданд, ки ин вожа маънии “шодӣ”-ро дошт. Маводи нашъаовар ҳамчун маводе, ки ҳолати инсонро тағйир медиҳад, ба юнониён ва римиҳои бостонӣ низ маълум буд. Илова бар ин, дар фарҳанги юнонӣ ба маводи аз шираи хашхош таҳияшуда номи “opio”-ро додаанд, ки тарҷумааш аз забони юнонӣ “шираи тарёк” аст.

Дар тамаддуни қадимаи Месопотамия, Миср, Юнони Қадим, Ҳиндустон ва Хитой мардуми майя ва атсекҳо огоҳӣ доштанд, ки баъзе аз растаниҳо қобилияти беҳуш кардан ва ё маст намуданро доранд.

Тавре ки аз маъхазҳои илмӣ бармеояд, ин намуд растаниҳоро дар замони худ табибони бузурги тоҷику форс Абӯалӣ ибни Сино ва Закариёи Розӣ дар табобат истифода мебурданд. Онҳо нахустин пизишконе ҳастанд, ки хосиятҳои тарёкро тақрибан ба таври комил баён карда, онро ҷузъи гиёҳон ва маводи доруӣ қарор доданд ва барои табобати баъзе аз бемориҳо онро ба кор мебурданд.

Тибқи маълумоти мавҷуда истеъмоли тарёк дар Эронзамин аз асри аввали ҳиҷрӣ оғоз шуд. Вақте арабҳо дар замони ҳукмронии Сосониён ба Эрон ҳамла карданд, лашкариёни араб ин маводи зарарнокро низ бо худ ба ин сарзамин оварданд. Арабҳо аз пеш бо тарёк ошноӣ дошта, барои табобати нороҳатиҳои ҷисмонӣ ва бартараф кардани хастагӣ аз он истифода мекарданд. Эрониҳо низ истеъмоли тарёкро аз онҳо омӯхтанд. Табиби маъруфи фаронсавӣ – Доктор Мартин дар китоби худ “Тарёк” менависад: “Мардуми чодарнишин, ки дар саҳроҳои гарм ва хушк зиндагӣ мекарданд, дар мусофиратҳои тӯлонӣ аксаран дучори мушкилоти токатфарсо буданд, ногузир барои таскини дарду аламҳои худ аз тарёк истифода мекарданд ва ҳатто шутури саворӣ ва аспҳои онҳо ҳам аз ин ангеза бенасиб наменонданд” [6].

Вале дар замони ҳозира проблемаи маводи мухаддир ба яке аз хатарҳои вазнини ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Он бо як ҷаҳиш тез паҳн гардида, аҳолии кураи заминро фаро гирифт ва ҳоло яке аз омилҳои муассири халалдор гардонидани суботу оромии ҷомеа гаштааст.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар чӣ коҳиш додани таъсири манфии маводи нашъаовар ба суботу оромии ҷомеа муборизаро бо муомилоти маводи нашъаовар пурзӯр намуда истодааст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии худ ба муносибати 10-солагии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2009 чунин изҳори андеша карда буданд: “Имрӯз густариши муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба яке аз проблемаҳои ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфта, ба асосҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва саломатии инсоният таҳдид менамояд. Дар миқёси сайёра миллионҳо одамон бар асари истеъмоли воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ азият мекашанд, садҳо ҳазор хонаводаҳо бадбахт мешаванд ва ҳазорон одамон, хусусан ҷавонон ҷони худро аз даст медиҳанд” [15].

Бояд тазаккур дод, ки сӯиистифода аз маводи мухаддир дар ҷомеа яке аз мушкилоти ҷаҳонӣ дар замони мо ба шумор рафта, ниёзманди чораандешӣ ва иқдомоти густурда дар сатҳи давлат аст. Дар ҳамаи давраҳо ҷомеа ва зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба муҳаққиқону олимон заминаи васеи фаъолияти илмиро дар қолаби мавзӯоти мухталиф ва заминаҳои дониши мавзӯӣ барои таҳқиқи истилоҳотӣ - сиёсат, қонун, иқтисод, тандурустӣ, одоб ва расму русум, фановарии иттилоот, санъат, шохаҳои фарҳангу ҳунар ва ғайра пешниҳод менамояд. Дар алоқамандӣ бо раванди ташкили системаҳои истилоҳот дар чорчӯбаи ҷаҳонисозии забон миқдори зиёде аз истилоҳоти нави забониро дар забонҳои гуногуни ҷаҳон мушоҳида ва аз онҳо

ҳамчун қисме аз афзори таҳқиқ истифода мекунем. Забони тоҷикӣ ҳам аз ин раванд истисно намебошад.

Асарҳои оламшумули адабии адабиёти классикии тоҷик, ки дар давоми қарнҳо офарида шудаанд, бешубҳа шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Чунин асарҳо аз ҷиҳати боигарии луғавӣ ва обуранги бадеӣ хеле арзишманд ҳастанд, зеро шоиру нависандагони мо бо истеъмоли калимаву ибораҳое, ки дар таркиби луғавии забони адабӣ мавҷуд буданд, иктифо накарда, дар баробари ин, аз забони зиндаи халқ таъбиру ибораҳои образнокро интихоб мекарданд ва дар навбати худ ба табиату меъёрҳои забони тоҷикӣ такя карда, чунин ибораҳои суфтаву равон месохтанд, ки аз як тараф, забони асари бадеиро ғанӣ, ва аз тарафи дигар, бадеият ва таровати онро меафзуданд. Ин, албатта, бештар ба маҳорату малакаи шоир, ба ҳунари ӯ дар интихоб ва истеъмоли воситаҳои баёни забони модарӣ алоқаманд буд.

Масъалаи истилоҳоту истилоҳотшиносӣ ва такмили ин бахши муҳим дар забоншиносии муосири тоҷик дар партави Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” имрӯз аҳаммияти боз ҳам бештаре касб кардааст.

Бояд гуфт, ки истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносии ҷаҳонӣ шохаи нисбатан ҷавон аст ва, пеш аз ҳама, дар забоншиносии рус дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар охири солҳои 20-уми асри гузашта пайдо шудаву ташаккул ёфт.

Нахустин назарияҳои истилоҳотшиносӣ дар илми забоншиносӣ низ дар дар ин давра ба миён омадаанд. Аввалин роҳбарони фаъолияти истилоҳгузинӣ ва бунёдгузорони ин илм дар Иттиҳоди Шӯравӣ академикҳо Д.С. Лотте ва С.А. Чаплигин буданд, ки дар ибтидои солҳои 30-юм асосҳои назарӣ ва методологии онро муайян намуданд. Дертар бо инкишофу пешрафти ин бахш пажӯҳишҳои амиқу густурдае дар ин замина сурат гирифт, ки дар онҳо забоншиносон ва муҳаққиқони забардаст роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни назарӣ ва амалии ин масъала изҳори ақида кардаанд.

Мо дар ин мақола вожаҳои зерини марбут ба маводи мухаддирро барои таҳлили семантикӣ ва сохторӣ интихоб ва мавриди таҳлил қарор медиҳем: *банг, чарс, ҳашиш, афюн, тарёк, кӯкнор ва шоҳдона***.**

Алиризо Маҷидӣ мақолаеро бо номи “Нукоти ҷолиб дар мавриди таърихчаи тарёк ва маводи мухаддир дар Эрон ва ҷаҳон” бо истинод (иқтибос) ба китоби Сайдании Куҳан “Фарҳанги маводи мухаддир” ба нашр расонида чунин менигорад: “Нахустин маводи мухаддире, ки дар санадҳо ва мадорики марбут ба давраҳои бостонӣ аз он ном бурда шудааст, ин *банг* аст” [6].

Ӯ идома медиҳад: “Дар “Авасто” - китоби дини зардуштӣ - чандин маротиба истилоҳи *банг* дида мешавад. Дар фасли 15-уми Вендидод чунин омадааст: “Касе бо канизаке, хоҳ номзадшуда ё номзаднашуда наздикӣ кард ва ӯро бордор сохт ва ба канизак гуфт: зани пире пайдо кун ва аз ӯ чора пурс. Пас он канизак зани пиреро барои ин кор ҷӯяд ва аз ӯ чора пурсад, ин зани пир аз барои ӯ *банг* фаро оварад ва гӯяд: бо ин бачаи худ табоҳ кун. Пас он канизак бо он бачаи хеш бимиронад. Инчунин, дар ин кирдор марду канизак ва пирзан яксон дар ин *базаҳ* варзида бошанд” [6].

Дар давраҳои бостонӣ истеъмоли *банг* ду тарз доштааст: яке истеъмоли доруӣ ва дигар истеъмоли кашиданӣ. Дар истеъмоли кашиданӣ *банг* аз назари Зардушт гиёҳи аҳриманӣ будааст.

Дар мақола Маҷидӣ аз ашъори орифи номӣ Қутбиддин алломаи Шерозӣ (вафоташ с.710 ҳ.) намунае овардааст, ки шоир пас аз тарки одати тарёк гуфтааст:

*Якчанд ба **ёқути тар** олуда шудем,*
*Якчанд пайи **зумурради суда** шудем.*
Олудагие буд ба ҳар наҳв, ки буд,
Шустем ба оби тавба, осуда шудем.

Манзури шоир аз *ёқути тар шароб* ва аз *зумуради суда банг* аст [6].

Вожаи *банг* дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин маънидод шудааст: *исм*.1) гиёҳи яксолаест, ки барои ҳосил кардани нашъа ва равған дар баъзе кишварҳои гарм парвариш мекунанд; 2) моддаи сабзранги кайфовар, ки аз шираи банг ҳосил мешавад; *нашъа, чарс* [16, с.134].

Ин калима дар “Фарҳанги Муин” чунин шарҳ ёфтааст: *банг* – 1) шоҳдона; 2) гарде, ки аз кӯбидани баргҳо ва саршохаҳои гулдори шоҳдона мегиранд, ки ба хотири доштани маводи саммӣ мухаддир аст [7, с.592].

Дар “Луғатномаи Деҳхудо” шарҳу тафсири ин калима муфассалтар омадааст: *банг***:** 1) дар санскрит « بهنگ»“бҳанг, дар авастоӣ «بنگهه» “бангҳа”, дар паҳлавӣ « منگ»“манг” (каннаб), *банҷ* ва *манҷ* муарраби он аст ва он ба *ҳашиш* итлоқ мешавад. Гоҳ барги он ва гоҳ донаи он (чарс)-ро фурӯшанд. Донаҳои кӯбидаи бангро бо шир махлут кунанд ва дар кара бизананд, то равғани банг ба даст ояд. Моеи онро (бангоб) монанди чой менӯшанд ва он дар мудовои ҳарақ-ул-бавл ба кор равад [5, с.3148].

Гар банг хурӣ, чу санг монӣ бар ҷой,
Якбора, чу банг мехурӣ, санг бихӯр [5, с.3148].

Дар “Бурҳони қотеъ” шарҳу тафсири калимаи *шоҳдона* чунин аст: тухми бангро гӯянд ва ба арабӣ *канаб* хонанд ва муарраби он *шоҳдонаҷ* бошад ва *шоҳдонақ* ҳам ба назар омадааст [3, с.201].

Калимаи мураккаби *бангоб* низ чун истилоҳи ин соҳа чунин тафсир гаштааст: обе, ки банги суда дар он ҳал кунанд ва биолоянд (Фарҳанги Онандароҷ), ҷӯшидае, ки бо миқдоре барги шоҳдона дар шир ё об, ки миқдоре қанд ҳам ҷиҳати ширин шуданаш бад-он меафзоянд, таҳия шавад ва ба унвони навъе машруботи спиртӣ дарвешон ва қаландарон ё муътодон (мубталоён) бад-он хӯранд [5, с.328].

Дар “Фарҳанги Рашидӣ” калимаи *бангобсоз* низ шарҳу тафсири худро пайдо кардааст: ***оби бангфурӯш***– он, ки бангоб фурӯшад [5, 11, с.328].

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” калимаҳои *банг* ва *бангдона* чун истилоҳи маводи мухаддир чунин тафсир гаштааст: “*банг***:** 1) гиёҳи яксолаест, ки барои ҳосил кардани нашъа ва равған дар баъзе кишварҳои гарм парвариш мекунанд; 2) моддаи сабзранги кайфовар, ки аз шираи банг ҳосил мешавад; нашъа; чарс; банг кашидан, банг задан” [16, с.134].

“*ботаника* - як навъ гиёҳи заҳрнок ва бадбуй, ки ҳамчун алафи бегона мерӯяд ва дар тиб аз он ҳамчун гиёҳи шифобахш истифода мебаранд” ;

“*бангдона*: 1) тухми банг, ки аз пӯсти он моддаи кайфовар тайёр мекунанд”; **“***бангиёна* – бангивор, мисли бангӣ” [16, с.134].

Фарҳангнигори эронӣ Саид Содиқи Гавҳарин дар “Фарҳанги луғоту таъбироти “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ” таъкид месозад, ки *банг* аз луғоти бисёр куҳансол буда, дар санскрит ба сурати bhanga ва дар “Авасто” bangha омадааст ва дар гиёҳшиносӣ ба луғати лотин cannabisindika, яъне каннаб ё канаф, дар фарҳангҳои тиббӣ ин калима гоҳе дар зайл луғати қаннаб (канаб ё канаф) забт шудааст ва онро муарраб аз каннаби форсӣ донистаанд [18, с.155].

Ӯ аз нигоҳи табобат *бангро* чунин тавзеҳ медиҳад: “Барги ӯро бангу асрору вараҳулхиёл ва ҳашиш гӯянд ва пӯсти онро каннаб ва тухми ӯро шоҳдона ва шукуфаву ғубори ӯро чарс хонанд, банҷ ва манҷ муарраби он аст, гоҳ барги он ва гоҳ донаи он (чарс)-ро фурӯшанд. Донаҳои кӯбидаро бо шир махлут кунанд ва дар кара бизананд то равғани банг ба даст ояд. Моеи онро (бангоб) монанди чой менӯшанд ва он дар табобати ҳарақулбавл ба кор меравад” [18, с.155].

Калимаи сохтаи *бангӣ* ва калимаҳои дигар аз ин майдони маъноӣ (ҳамнишинони он) низ дар аксари фарҳангҳо тафсири бамавриди худро пайдо кардаанд:

а) *бангӣ* – он, ки мубталои банг кашидан аст, муътоди банг. Ҷалолиддини Балхӣ дар мавриди *бангӣ гуфтааст*:

Сахт механдид ҳамчун бангиён,
Ғолиб омад ханда бар суду зиён [18, с.155].

б) *чарс* – гарди банг аст, ки ҷамъ карда ба сигор ё қалён ниҳода мекашанд ва он тарсу ваҳм ва иштиҳоро меафзояд; ҳашиш, нашъа;

в) *чарсдон* – қуттӣ ё халтачае, ки дар он чарс нигоҳ медоранд;

г) *чарсӣ* – он ки чарс мекашад, бангӣ.

Дар “Луғатномаи Деҳхудо” калимаҳои ***чарс ва чарсӣ*** чун истилоҳи маводи мухаддир чунин тафсир гаштааст: “*чарс* – гарди банг аст, ки кулӯла ва ҷамъ карда, пас дар қалён ниҳода бикашанд ва кайфияте диҳад, ки ҷабну (тарс) биму воҳима ва иштиҳоро биафзояд (аз “Фарҳанги Анҷуманоро”); соқаи сақизӣ (сақич, мум) ва мухаддире, ки аз барги канаб гиранд ва дарвешону қаландарон онро бо тутун ё танбоку махлут карда, дар чупуқ ва сари қалён гузошта, ҷиҳати кайф кардан кашанд; барги шоҳдона аст, ки аз мусакрот (машруботи спиртӣ) аст (Фарҳанги Низом); гарди банг, ки аз шоҳдона гиранд; ҳашиш, *зумурради суда***;** қисми банг” [5, 17, с.362].

“*чарсӣ* – он ки чарс кашад, муътод ба чарс; Он кас ки одат ба кашидани чарс дорад; рафиқи бангӣ; он ки мӯътод ба кашидани чарс аст” [5, 17, с.165].

Фарҳангнигори маъруфи эронӣ дар “”Фарҳанги Амид” вожаҳои *банг, чарс ва афюн*ро бо тафсилот ва тарзу мавриди истифодаашон шарҳ медиҳад: а) “*банг –пах*. **“***mang***”** гарде, ки аз махлуте аз баргҳо ва саршохаҳои тозагулдори шоҳдона мегиранд ва ба воситаи маводи саммӣ, ки дорад, мухаддир аст ва онро монанди сигор дар сари қалён ё чупуқ мерезанд ва тадхин (дуд) мекунанд ва моеи он “бангоб”-ро монанди мусакрот (машруботи спиртӣ) менӯшанд ва аз он маводе ҳам гирифта мешавад, ки дар тиб ба кор меравад” [1, с.283].

б) “*чарс* – моддаи сақизии (мум) мухаддир ва саммӣ (заҳрдор), ки аз гиёҳи шоҳдона мегиранд. Саршохаҳои гиёҳи шоҳдонаро дар даст ё рӯйи порчаи матои дурушт молиш медиҳанд ва моддаеро, ки аз он ҳосил мешавад, ҷамъ мекунанд; *чарсро* бо сигор ё танбоку дар сари чупуқ мерезанд ва тадхин (дуд) мекунанд” [1, с.283].

в) “*афюн* – аз калимаи юнонии (apiyon), апюн, опиюм; тарёк, шираи хашхош, шираи хушкшудаи хашхош, ки дорои кодеин ва морфин ва алкалоидҳои дигар аст. Дар таскини дард муассир аст, аммо йабусти (ташнагии) шадид меоварад ва эътиёд (одат) ба он” [1, с.283].

Фарҳангнигори маъруф Алиакбари Деҳхудо калимаи *афюнро форсӣ меҳисобад* ва маъхуз аз *апюн* меҳисобад ба маънои он тарёк (Ёддошт ба хатти марҳум Деҳхудо): “шираи мунҷамиди (хушкшуда, сахтшуда) хашхош, ки тарёк низ гӯянд, ин лафз чунон ки гумон кардаанд, маъхуз(иқтибос) аз юнонӣ нест, балки маъхуз аз Афина мебошад, ки дар забони санскрит ба маънои “шираи хашхош” аст ва онро *ҳабюн* ва *ҳапиюн* низ гуянд [Низом-ул-Атиббо]. Тарёк бошад, ки ба арабӣ “лабанулхашхош” гӯянд [5, 7, с.3148].

Калимаи *афюн*, ки муарраби апюн ва опиум аст, дар адабиёти классикии тоҷик беш аз ҳазор сол қабл низ ба ҳамин шакл дучор меояд, ки аз бостонӣ ва маъмул будани он дар фарҳанги қадимии мо гувоҳӣ медиҳад.

Дар шеъри Рӯдакӣ чунин байтро бо калимаи *опиюн* дучор меоем, ки он ба муқобили шакар чун моддаи талхтаъм оварда шудааст:

Талхиву ширинаш омехта аст,
Кас нахӯрад нӯшу шакар б-опиюн[§§§]!

Ҷалолиддини Балхӣ низ дар “Маснавии маънавӣ” *афюнро* борҳо ба кор бурдааст, ва аксаран ишора ба он меравад, ки *афюн* ба маънии дору аст. Дар байти зерин калимаи *афюн* ба маънии “наркоз, моддаи беҳушкунанда, анестезия” омадааст, ки ҳангоми ҷарроҳӣ ва аз бадан берун кашидани пайкон ба кор бурдаанд:

Медиҳанд *афюн* ба марди захмманд,
То ки пайкон аз танаш берун кунанд [18].

Донишманди маъруфи адабу фарҳанги тоҷик Носири Хусрав дар “Сафарнома”-аш афюнро хеле муфассал тасвир кардааст: “.... То ба шаҳре расидем, ки онро Асют мегуфтанд ва *афюн* аз он шаҳр хезад ва он *хашхош* аст, ки тухми он сиёҳ бошад, чун баланд шавад ва пила бандад, ӯро бишкананд, аз он мисли шира берун ояд. Онро ҷамъ кунанд ва нигоҳ доранд, афюн бошад ва тухми ин *хашхош* хурд ва чун зира аст” [8, с.67].

Носири Хусрав калимаи *афюнро* дар шакли *ҳапюн* низ дар шеърҳояш истифода кардааст:

Чӣ ҳол аст ин, ки мадҳушанд яксар?
Ки пиндорӣ, ки хӯрдастанд *ҳапюн* [8, с.372].

Дар шеъри дигари Носири Хусрав *афюн* чун моддаи талху заҳрогин омадааст ва калимаи *афюнгар* ба маънии “афюнсоз, дурусткунандаи афюн; дорусоз” ба исми фоили *шакаргар* муқобил гузошта шудааст:

Инат афюнгарасту онат шакаргар,
Ҳар ду ба хок андарун барбару мақрун [5, 5, с.3138].

Аз *афюн* дар забони тоҷикӣ калима ва ифодаҳои *афюнгар, афюнӣ* (касе, ки ба афюн одат кардааст), *афюн задан* (афюн хӯрдан), *афюнхӯр* (тарёкӣ, нашъаманд), *афюнхӯрда* (он ки тарёк кашидааст, тарёкӣ) сохта шудааст [20, с. 727].

Калимаи дигар *тарёк* аст, ки он дар адабиёти классикии тоҷик беш аз ҳазор сол ба ҳамин шакл ба кор меравад. *Тарёк* – маъхуз аз юнонӣ (афюн,опюн) шираи *кӯкнор*. Ширае, ки аз пӯсти *хашхош* гирифта мешавад, пусти сабзи хашхошро бо олати махсус чанд шикоф медиҳанд ва аз

[§§§]Дар матн *апюн* омадааст, вале ба назари мо бояд *опиюн* навишта шавад.

он шикофҳо шираи сафедранг хориҷ мешавад, ки дар муҷовирати ҳаво суфт ва қаҳваиранг мегардад. Тарёк дорои алкалоидҳои бешуморе аст, аз ҷумла морфин, кодеин, норкатин, папаверин ва ғ. [1, с.393].

Муаллифи "Фарҳанги Амид" *тарёк*-ро васеътар маънидод карда юнонӣ будани онро таъкид мекунад: " тарёк (исм) (юнонӣ) аз ta(e)r(i)yak – 1) шираи талхмазза ва қаҳваиранге, ки аз пӯсти хашхош гирифта мешавад; шираи кӯкнор; (он) дорои алкалоидҳои мутааддид, аз ҷумла *морфин, кодеин, норкутин, папаверин* ва *норсиин* аст..., дар як грамми он тақрибан 5 миллиграм морфин вуҷуд дорад, дар таскини дард, сурфа ва исҳол муассир аст, рия (шуш) ва меъдаро тахдир (беҳисӣ, беҳушӣ, анестезия) мекунад; афюн, апюн" 2) подзаҳр; тарёқ" [1, с.393].

Барои исботи ин шарҳ муаллиф байте аз Ҳофиз меорад, ки дар он *захму марҳам* ва *заҳру тарёк* ба ҳам муқобил гузошта шудааст:

Агар ту захм занӣ беҳ, ки дигаре марҳам,
Агар ту заҳр диҳӣ беҳ, ки дигаре тарёк!

Дар "Луғатномаи Деҳхудо" ду тарзи талаффузи калимаи *тарёк* - бо забар ва бо зери ҳарфи то - ишора шуда, он чун подзаҳр бо такя ба дигар фарҳангҳо тавзеҳ шудааст (Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ). Бо такя ба "Фарҳанги Рашидӣ" ва "Бурҳони қотеъ" илова мегардад, ки "маъҷуне (хамира) аст, ки муаррабаш тарёқ аст, ва мутлақ позаҳрро гӯянд. Ҳамчунин, муаллифи ин фарҳанг бо такя ба "Шарафномаи Мунярӣ" роҷеъ ба гунаи сеюми ин калима ишора мекунад: "позаҳр, ба тозӣ-ш тарёқ ва дарёқ гӯянд". Дар ин луғат бо такя ба "Ҳудуд-ал-олам" дар бораи *тарёк* чунин омадааст: "Ва андар Бушанг (ба Хуросон) гиёҳест, ки шираи ӯ тарёк аст заҳри мору каждумро". Тибқи маълумоти ин луғати муътабар, *тарёк* инчунин ба маънии афюн аст, ки гунаи форсии (тоҷикии) он ҳапюн мебошад [5, 15, с.645].

Ба ин монанд, ба маънии *позаҳр* (антидот,антияд) омадани тарёк дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ низ хеле равшан ва мафҳум баён гардидааст:

Ки ин оштӣ ҷустан аз баҳри чист,
Нигаҳ кун, ки тарёки ин заҳр чист?

Саранҷом бистар ҷуз аз хок нест,
Аз ӯ баҳра заҳр асту тарёк нест!

Агарчанд аз мор гиранд заҳр,
Ҳам аз вай тавон ёфт тарёк баҳр [22].

Бад-ӯ гуфтам охир туро бок нест,
Кушад заҳр ҷойе, ки тарёк нест.

Дар "Фарҳанги форсии Муин" маънии аввали *тарёк* "позаҳр", маънии дувумаш "шира" дониста шудааст, ки аз чок кардани ғӯзаи гиёҳи хашхош ба даст меояд [7, с.1075].

Дар забони тоҷикӣ бо ин калима вожаҳои *тарёкзан* (он ки хашхошро теғ занад то тарёки онро бигиранд), *тарёксуз* (аз байн баранда ва хунсокунандаи подзаҳр, сӯзонандаи тарёк: "Ба разм-андарун заҳри тарёксӯз, Ба базм-андарун моҳи гетифурӯз" (Фирдавсӣ), *тарёкӣ* (афюнӣ; касе, ки ба афюн хӯрдан одат дорад), тарёкдор (дорандаи тарёк, ба маънии позаҳр), т*арёкдеҳ* (тарёкдиҳанда, дорудиҳанда, шифодиҳанда), *тарёккаш, тарёкмолӣ* (тайёр кардани афюн), *тарёкӣ* (афюнӣ) тарёкбон ва ғ. истифода мешаванд.

Дар луғати "Толковый словарь живого великорусского языка" (Даль В.И.) истилоҳи *тарёк* чунин маънидод карда шудааст: "Териака - *древнее***.** Мнимое противоядие, всеисцеляющее снадобье; состав из множества ядовитых средств; сложный опийный состав... Theriak – то же от латин. Theriacum - из греческого. Териакон (антидотон), средство против змеиного яда. Не через тур. Tiryak, вопреки Миклошичу (см.Mi., EW, 354)" Ср. тур. tiryak 1. териак; 2. противоядие; 3. опиум; tiryaki 1. курильщик опиума, гашиша и пр.; наркоман, страстный курильщик; пьяница; 2. маньяк; сварливый" [4, с.754].

Teriak ё Teriaka як таркиби дорувору аст, ки дар асл тавассути юнониён дар асри 1 мелодӣ сохта шуда ва ба таври васеъ дар ҷаҳони бостон, то Эрон, Чину Ҳинд аз тариқи роҳҳои тиҷоратии роҳи Абрешим пазируфта шудааст

Муҳаммад Фикрии Ҳалободӣ "Шоҳнома"- и Фирдавсиро нахустин санаде медонад, ки дар он тарёк ба унвони як дору ном бурда шудааст. Ин ақидаро Самад Амириён дар "Фарҳангномаи

Шоҳнома”, ки дар Эрон ба нашр расидааст, низ тасдиқ кардааст [21, с.226]. Мавсуф тарёкро дар “Шоҳнома” чунин шарҳ додааст: *позаҳр, подзаҳр, зидди заҳр, доруи заҳр*. Ва аз Шоҳнома як байтро барои мисол овардааст:

Ки ин оштӣ бастан аз баҳри чист?
Нигаҳ кун, ки тарёки ин заҳр чист? [21, с.226].

Боз байтҳои зерро низ аз “Шоҳнома” барои мисол овардан мумкин аст:

Ҳаме кард ғорат, ҳаме сӯхт шаҳр,
Биполуд бар ҷойи тарёк заҳр.

Чу Рустам набошад, аз ӯ бок нест,
Дами ӯ бар ин заҳр тарёк нест.

Чу шуд гурсина, нон буд пойзаҳр,
Ба серӣ нахоҳад зи тарёк баҳр [22].

Тарёқ – муарраби тарёк аст. *Подзаҳр, позаҳр, доруи зидди заҳр*. Таркибе аз доруҳои мускин ва мухаддир, ки дар тибби қадим ба унвони зидди дард ва зидди самм (заҳр) ба кор мерафта ва навъи аълои онро тарёқи Форуқ меномиданд. Зарбулмасал халқӣ:

То тарёқ аз Ироқ оварда шавад, моргазида мурда бошад.

Калимаи дигар аз ин гурӯҳи муродифот *ҳашиш* аст, ки чунин шарҳ ёфтааст:

(а) гиёҳи хушк, воҳиди он *ҳашиша (арабӣ)*, *ҳашоиш* ҷамъи он ва низ гиёҳи шоҳдона, саршохаҳои гулдори гиёҳи шоҳдона, ки онҳоро пеш аз хушк кардан ва омода сохтан дар тадхин (дуд кардан, кашидан) ба кор мебаранд [12, с.524].

Ҳашишро дар “Фарҳанги фишурдаи пизишкӣ” чунин маънидод кардаанд: “*ҳашиш (cannabis)* - доруе, ки аз гиёҳи шоҳдонаи ҳиндӣ таҳия мешавад ва ба номҳои чарс, банг ва марихуана низ маъруф аст. Агар хурда ё тадхин (дуд) шавад, сархушӣ ва таваҳҳум эҷод мекунад ва бар идроку огаҳӣ, бахусус дарки замон асар мегузорад. Ҳашиш арзиши дармонӣ надорад ва истеъмоли он ғайриқонунӣ аст” [19, с.391].

Афюн, тарёк (opium)- осораи хашхош, ба илати доро будани морфин таъсири дардзудо ва мухаддир дорад. Дорои ҳамон корбурдҳо ва асарҳои ҷонибии морфин аст ва истеъмоли давомдори он ба вобастагӣ меанҷомад [19, с.96].

Дар луғати “Арабско-русский словар”-и Баранов Х.К калимаи афюнӣ (касе, ки афюнро истеъмол мекунад) ба шакли афюнҷӣ (курильшик опиума) омадааст [2, с.38], ки ба фикри мо дар асл баромади ориёӣ дорад ва бо мурури замон ба забони арабӣ ворид шуда, баъдан боз ба забони форсӣ аз нав ворид гардидааст. Дар забони тоҷикӣ бо ин қолиб, яъне бо ё-и нисбат бисёр калимаҳои дигар ба воситаи пасвандҳои –чӣ, -ҷи; -чик (вахиёчӣ, фарғоначӣ ва ғ.) сохта ва истифода шудаанд.

Афюн дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба шакли апюн ҳам омадааст:

Чӣ ҳолест ин, ки мадҳушанд яксар,
Ки пиндорӣ, ки хӯрдастанд апюн [5, с.3148].

Калимаи дигар аз ин гурӯҳи истилоҳот *кӯкнор* аст, ки чунин шарҳ ёфтааст: *кӯкнор – бот*. гиёҳест, ки аз тухми он равған мекашанд. Истеъмоли пусти ғузааш кайфовару хобовар буда, аз шираи танаи он маводи мухаддир –чакида ва баргу пояшро ҷӯшонида тарёк ҳосил мекунанд.

Бими ту бедор дорад бадсиголонро ба шаб,
Ҳамчу, к-андар хоб дорад кӯдаконро кӯкнор [16, с.668-669].

Баррасии ин гурӯҳи калимаҳо моро ба хулосае меорад, ки таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои алоҳидаи марбут ба маводи нашъаовар дар забони адабии тоҷик мавзӯи бисёр муҳим ва дар айни замон аз назари забоншиносӣ кам омӯхта шудааст.

Истилоҳоти марбут ба маводи нашъаовар дар ҷанбаи татбиқӣ-навъшиносӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст, корҳои илмии қобили таваҷҷуҳе дар мавриди ин гурӯҳи калимаҳо дастрас нест. Истилоҳоти марбут ба маводи нашъаовар аз ҷиҳати пайдоиш, сохтори морфологӣ, ҷанбаҳои калимасозиву наҳвӣ дар як низом тавсиф нашудааст.

Инкишофи босуръати робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ заминаи он гардидааст, ки истифодаи густурдаи ин майдони луғавиву семантикии забони тоҷикӣ муфассал таҳқиқ гардад.

Забони модарии мо дар раванди таърихи илму фарҳанг ва давлатдорӣ чун сарвати бузургу арзишманд фарҳанг ва адаби миллати бостонии моро неру мебахшаду устувор медорад. Ба

шарофати ин забони бузургу оламгир осори нотакрори гузаштагони мо аз қабили, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Носири Хусраву Хайём, Саъдиву Балхӣ, Ҳофизу Низомӣ, Ҷомиву Бедил, Дониш ва садҳо донишмандони дигар ба ҷаҳониён муаррифӣ гаштаасту тавоноии ақлонии мардуми бостонии моро ба аҳли олам ошкор сохтааст.

Имрӯз аз нигоҳи худшиносӣ ҳар як гӯяндаи забони бостонии мо ба он бояд эҳтиром дошта бошад, онро эҳтиёт кунад, доираи истифодаи онро васеъ созад ва бо ин восита эътибори забони давлатиамонро дар дохили кишвар ва хориҷ аз он боз ҳам афзунтар созад.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид / Ҳасан Амид. - Теҳрон, 1389. - 1254 с.
2. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. - Москва., 1977. – 940 с.
3. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Ҷ.I. - Душанбе, 1993. - 416 с.
4. В.И. Даль. Толковый словарь живого великорусского языка,, / Даль В.И. - М., 1909. - Том 4. - 782 с.
5. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо / Алиакбари Деҳхудо. Версияи электронии №4. - 2004.
6. Маҷидӣ, Алиризо. Нукоти ҷолиб дар мавриди таърихчаи тарёк ва маводи мухаддир дар Эрон ва ҷаҳон / Алиризо Маҷидӣ. - Теҳрон, 1375 (1997) Сомонаи интернетии 1 pezeshk.com.
7. Муҳаммад, Муин. Фарҳанги форсӣ / Муин, Муҳаммад. – Теҳрон, 1353. - Ҷ.I. - 1229 с.
8. Носири Хисрав. Девон / Хисрав, Носир. – Теҳрон, 1386. - 542 с.
9. Носири Хисрав. Сафарнома / Носири Хисрав. - Душанбе, 1970. - 105 с.
10. Касимов О.Х. Лексика и словообразование в “Шахнаме” Абулкасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. - Душанбе: Дониш, 2016. – 346 с.
11. Касимов О.Х. О некоторых собирательных терминах флоры в таджикском классическом литературном языке. / О.Х. Касимов, Ш.М. Содаткадамов // Маҷмӯаи мақолаҳои Конференсияи ҷумҳуриявии “Забон: таҳқиқ ва таълим” (24.05.2019). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 260 с.
12. Персидско-русский словарь. Т.I-II / Под редакцией Ю.А. Рубинчика. - М.: Русский язык, 1983. - 864 с.
13. Рудакӣ. Девон. - Олматӣ, 2007. - 169 с.
14. Рӯдакӣ. Девон; танзим, тасҳеҳ ва назорати Ҷаҳонгири Мансур. – Теҳрон: Интишороти Ноҳид, 1373. - 304 с.
15. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонаи интернетии www. Khovar.tj. 30 майи соли 2009.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2010. - Ҷ.I. - 949 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.I-II. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.
18. Фарҳанги луғоту таъбироти Маснавии Ҷалолуддин Муҳаммад бинни Муҳаммад бинни Муҳаммади Балхӣ / Гирдоваранда: доктор Саид Содиқ Гавҳарин. Ҷ.I. - Теҳрон, 1362. - 337 с.
19. Фарҳанги фишурдаи пизишкӣ. - Теҳрон, 1375. - 950 с.
20. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода. Ҷ.I. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. - 829 с.
21. Фарҳангномаи “Шоҳнома” / Таълифи Самад Амириён. – Теҳрон: Интишороти Кирмоншоҳ, 1381. - 714 с.
22. Фирдавсӣ, Абулқосим. «Шоҳнома». Ҷ.1-9. - Душанбе, 1987. - 1991.

ТАҲЛИЛИ СЕМАНТИКӢ ВА ЛИНГВОКУЛТУРОЛОГИИ ЧАНД ИСТИЛОҲИ МАВОДИ МУХАДДИР ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур қисме аз истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ, ки марбут ба маводи мухаддир мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар миёни онҳо истилоҳоте ба мисли “банг”, “чарс”, “ҳашиш” , “афюн”, “тарёк”, “кукнор”,”хашхош”, “шоҳдона” зикр шудаанд. Муалиф семантика ва этимологияи ин воҳидҳои лексикиро шуруъ аз Авасто - китоби таърихии ориёиҳо мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки дар онҷо “банг” ҳамчун маводи беҳискунанда (анестезия) ва воситаи сақти ҷанин (аборт) дар тибби халқӣ ёдоварӣ мешавад. Муалифи мақола ин истилоҳотро дар луғатҳои тафсирии гуногун, аз ҷумла дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ”, “Фарханги Муин”, “Луғатномаи Деҳхудо”, “Бурҳони котеъ”, “Фарҳанги Амид” ва дигар луғатҳо аз дидгоҳҳои мухталиф ва ҷудогона мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин дар мақола калимаҳои сохта аз истилоҳоти мазкур бо овардани намунаҳо аз адабиёти классикӣ нишон дода шудаанд. Дар мақола истилоҳоти интихобшуда дар фарҳангҳои классикӣ ва муосири тафсирии тоҷик дар муқоиса бо ҳамдигар баррасӣ гардидаанд. Мақола барои филологҳо-забоншиносон, мутахассисони соҳаи назорати муомилоти маводи нашъадор ва дигар дустдорони боигарии луғавии забони тоҷикӣ пешбинӣ шудааст.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, истилоҳ, афюн, чарс, фарҳангҳо, этимология, лингвокултурология.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ И ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫЙ АНАЛИЗ НЕСКОЛЬКИХ ТЕРМИНОВ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В настоящей статье рассматривается ряд терминов, связанных с наркотическими средствами в таджикском литературном языке. Среди них фигурируют такие термины, как *банг “индийская конопля, гашиш”, “чарс“(гашиш), афюн “опиум”, тарёк “опиум”, кӯкнор “опиумный мак”, хашхош “опийный мак”, шаҳдона “конопля,каннабис”* и т.д. Автор подвергает анализу семантику и этимологию данных лексических единиц, начиная с древнейшей книги арийцев – «Авеста», где банг «каннабис» упоминается как анестезирующее и абортивное средство в народной медицине. Автор статьи дифференцированно рассматривает названные термины

во многих толковых словарях, в том числе в “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” “Фарханги Муин”, “Луғатномаи Деҳхудо”, “Бурхони котеъ”, “Фарҳанги Амид” и других словарях. В статье также рассматриваются производные слова с названными терминами, которые иллюстрируются примерами из классической литературы. В статье выбранные термины рассмотрены в таджикских классических и современных толковых словарях в сравнении друг с другом. Статья рассчитана на специалистов филологов-языковедов, в области контроля за наркотиками и других знатоков лексического богатства таджикского языка.

Ключевые слова: таджикский язык, терминология, опиум, каннабис, словари, этимология, лингвокультурология.

SEMANTIC AND LINGUISTIC-CULTURAL ANALYSIS OF SEVERAL TERMS OF NARCOTIC DRUGS IN TAJIK LITERARY LANGUAGE

This article deals with a number of terms related to narcotic drugs in the Tajik literary language. Among them are such terms as bang (cannabis indika, hashish), chars (hashish), afun (opium), taryok (Opium), kuknor (opium poppy), hashhosh (opium-poppy), shahdona (cannabis) etc. The author analyses the semantics and etymology of these lexical units since the oldest book of the Aryans - "Aveasta," where the bang (cannabis indika) is referred to as an anesthetic and abortion in folk medicine. The author of the article differentiately considers these terms in many explanatory dictionaries, including, in "Farhangi zaboni tojiki," "Farhangi tafsiriya zaboni tojiki" "Farhangi Muin," "Lughatnomai Dehkhudo," "Burhoni Qotey," , "Farhangi Amid" and other dictionaries. The dissertation also considers derivative words with named terms, which are illustrated by examples from classical literature. The article selected terms considered in Tajik classic and modern only dictionaries in comparison with each other.The article is designed for linguistic philologists, specialists in the field of drug control and other fans of the lexical wealth of the Tajik language.

Key words: Tajik language, terminology, opium, anasha, dictionaries, etymology, linguoculturology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Содатқадамов Шерғозӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типология, ходими калони илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 17. E-mail: **shergozijon@yandex.com.** Тел.: **(+992) 935-96-82-00**

Сведение об авторе: ***Содаткадамов Шергози*** – Таджикского национального университета, соискатель кафедры истории языка и типологии, старший научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **shergozijon@yandex.com.** Тел.: **(+992) 935-96-82-00**

Information about the author: Sodatkadamov Shergozi – Candidate of the Department of History of Language and Typology of the Tajik National University, Senior researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **shergozijon@yandex.com.** Тел.: **(+992) 935-96-82-00**

УДК: 42:491.550

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ ДАР ШАКЛИ ҶУМЛАҲОИ СОДА

Азизова З.Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Бо баробари ташаккули миллат ва инкишофи миллӣ, худшиносии синфӣ, таҳаввулоти иҷтимоӣ, табаддулоти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, инкишофи маданияти миллӣ андешаҳои бадеӣ ва илмӣ инкишоф ёфта, фолклоршиносӣ низ ҳамчун илми мушаххас оиди намунаҳои рушди фарҳанги бадеии шифоҳии омма инкишоф ёфтааст. Бо баробари омӯзиши дигар намудҳои эҷодиёти назми халқӣ, ба омӯзиши яке аз куҳантарин ва машҳуртарин жанри фолклор – зарбулмасалу мақолҳо, ки бо дақиқии аҷиб моҳияти зуҳуроти хеле мураккабро ифода мекунанд, диққати махсус дода шудааст. Дар натиҷа, соҳаи мустақили филология – паремиология, ки ба таҳияи масъалаи намунаи жанрҳои афористии фолклорӣ – зарбулмасалҳо, мақолҳо, афоризмҳо машғуланд, ба вуҷуд омадааст.

Паремиологияи ҷаҳон (алалхусус мактабҳои паремиологии русӣ, советӣ, амрикоӣ, финӣ ва юнонӣ) дар асри XX ривоҷ ёфт ва ба натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ ноил шуд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ, мамлакатҳои Аврупо ва Амрико илми паремиология дар асри XX ба марҳилаи сифатан нав дар таърихи рушди худ ворид шуд. Ба ин нашри маҷаллаи байналхалқии паремиологӣ "Провербиум" мусоидат кард, ки аз соли 1964 дар гирди он ҳамаи паремиологҳои ҳозираи маъруф муттаҳид шуда, муҳокима ва ҳалли масъалаҳои мубрами паремиология ва паремиографияи муосирро фаъолона оғоз намуданд, якҷоя усулҳои пешқадами таҳқиқотии зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳонро таҳия ва такмил доданд [8, с.263].

Дар айни замон дар паремиология усули прогрессивии таҳлили миқдории нав васеъ истифода мешавад, ки он ҷалби маводҳои фактологиро бо мақсади тадқиқотҳои амиқи гуногуни мушкилоти бо паремиология (таърихӣ, гносеологӣ, ҷуғрофӣ, сотсиологӣ, идеологӣ, тематикӣ, мантиқӣ, фалсафӣ, типологӣ, матнӣ, лексикологӣ, грамматикӣ, услубӣ, поэтикӣ) алоқаи зич доштаро пешниҳод менамояд [8, с.264].

Бояд зикр кард, ки тӯли ин солҳо мазмуну муҳтаво, вазифаҳои зарбулмасалу мақолҳо мавриди тадқиқоти илми паремиология гаштааст, лекин оид ба сохтори грамматикӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст. Бинобар ин, мо зарбулмасалҳоро чун воҳиди синтаксисӣ ба риштаи таҳлил кашидем.

Тадқиқотҳои зарбулмасал ва мақолҳои навтарини тоҷикӣ шавқи илмиро барои коркарди муаммоҳои паремиологияи ҳиндуэронӣ зиёд намуда, барои ҳалли муаммоҳои умуминазарии паремиология мусоидат менамоянд. Зарбулмасалҳо таҷрибаи исботшудаи мардумро инъикос менамоянд ва дар тӯли асрҳо барои истифодабарӣ офарида мешаванд.

Забоншиноси рус Е.Н. Платонова меҳисобад, ки мафҳуми умумии синтаксисӣ ба ҳамаи воҳидҳои синтаксисии ҷумлаҳои сода хос мебошад. Он дар бисёр сохторҳои синтаксисӣ дида мешавад, ки дар бораи баъзе қолабҳои синтаксисӣ ҳарф задан имконият медиҳад [9, с.89].

Дар ин мақола воҳидҳои синтаксисии умумигаштаи ҷумлаҳои содае, ки дар забони зарбулмасалҳо истифода мешаванд, таҳлил гаштааст.

Чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҷумлаҳои содаро аз рӯйи мақсади гуфтор метавон ба чунин намудҳо ҷудо кард: ҷумлаи содаи ҳикоягӣ, инкорӣ, саволӣ ва амрӣ. Ҷумлаҳои ҳикоягӣ навъи хеле серистеъмоли воҳиди коммуникативии чи забони англисӣ ва чи забони тоҷикӣ маҳсуб мешаванд ва зарбулмасалҳои бо ин хели ҷумлаҳо ифодагашта, зиёданд. Вазифаи муоширатии онҳо ба муҳосиб расонидани ягон хабар аст, ки он метавонад дар шакли инкор ё тасдиқ баррасӣ карда шавад ва дар зарбулмасалҳои зерин мо онро мушоҳида карда метавонем [11, с.249]:

A clean hand wants no washing.
It is never too late to learn.
Хашм андешаро мебарад.
Сухани рост аз девона шунав.

Дар ҷумлаҳои хабарии забони англисӣ назар ба забони тоҷикӣ тартиби каноникии (тартиби устувор) калимаҳо қатъӣ риоя карда мешавад. Дар ҷумлаҳои забони англисӣ чун қоида аввал мубтадову хабар ва баъд аз он пуркунанда, сониян дигар аъзоҳои ҷумла меоянд, ки дар зарбулмасалҳо низ ин тартиб аксар вақт риоя карда мешавад.

The tailor makes man. – Одаму либос, хонаю палос.

You cannot teach old dog new tricks. – Мурғи доно ба дона фиреб нахӯрад.

Дар зарбулмасали аввал "*tailor*" мубтадо, "*makes*" хабар буда, баъдан "*man*" чун пуркунанда омадааст. Дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ бошад, тартиби калимаҳо озод мебошанд.

Дар бисёр мавридҳо мубтадои зарбулмасалҳо муайянкунанда дорад. Дар вазифаи муайянкунанда бошад, бисёртар сифат истифода бурда мешавад.

Short debts make long friends – Дӯстӣ ба ҳисоб ҷудонашаванда;

All cats are grey in the dark – Шаб ҳамаи гурба самур метобад.

Scornful dogs will eat dirty puddings.

Намади сиёҳ ба шустан сафед намешавад.

Мубтадои зарбулмасалҳои ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ баъзан бе муайянкунанда меоянд:

A cat may look at a king- "Нигоҳ кардан ба ҳеҷ кас манъ нест (яъне нигоҳ холис аст ва онро манъ кардан имконнопазир аст)".

A fool always rushes to the fore.

Dog does not eat dog.

Opinions differ.

Оби рафта ба ҷӯй боз намеояд.

Пушаймонии баъд аз коре суд надорад.

Дар зарбулмасалҳо намудҳои синтаксисии *ҷумлаҳои содаи инкориро* низ дучор шудан мумкин аст:

You cannot judge a tree by its bark.

Nightingales will not sing in a cage.

Money has no smell.

Life is not a bed of roses.

Зарбулмасалҳои намуди *ҷумлаи содаи инкориро* дар зарбулмасалу мақолҳои зерини забони тоҷикӣ дида метавонем:

Ганҷ бе ранҷ нест.

Аз тақдир ҷойи гурез нест.

Гӯшт бе устухон намешавад.

Зиндагӣ бе орзу ширин набуд.

Дар ин намуди ҷумлаҳо исмҳо ба вазифаи мубтадо меоянд ва дар онҳо калимаи муайяншаванда дида намешавад. Масалан:

Crows do not pick crow's eyes out – Забони зогро зог медонад; Забони мургро мург медонад. Дар мисоли мазкур зарбулмасали англисӣ намуди ҷумлаи инкорӣ буда, муодили тоҷикии он бошад, ба тариқи ҷумлаи ҳикоягӣ ифода ёфтааст.

Зарбулмасалҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо калимаи муайяншаванда исм буда, вазифаи мубтадоро адо менамояд:

Great barkers are no bitters – Аз абри сияҳу одами лаққӣ натарс, аз абри сафеду одами хаппакӣ битарс.

No man can serve two masters – Аз ин монда аз вай ронда.

Ҷумлаҳои амрӣ фармону амр, хоҳиш ва пешниҳодро ифода менамоянд. Зарбулмасалҳо дар шакли *ҷумлаҳои амрӣ* дар забонҳои мавриди муқоиса хеле назаррас мебошанд ва он беасос нест, чунки зарбулмасалҳо дар намуди ҷумлаи мазкур хусусияти пандомезиву дидактикӣ доранд. Байни зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса чунин намуди ҷумла бештар аст, чунки ин намуди зарбулмасалҳо ифодаҳои дидактикӣ буда, аз рӯйи маъно онҳо хусусияти тарбиявӣ доранд.

Don't put off till tomorrow what can you do today. - Кори имрӯза ба фардо магузор.

First catch your hair, then cook him. - Аввал харгӯшро шикор кун, баъд онро паз.

Sweep before your own door. – Гиребони худатро бӯй кун.

Зарбулмасалҳо бо чунин намуди ҷумла дар шакли инкор ва бе инкор дучор шуда метавонанд:

Бе инкор:

Cut your coat according to your cloth – Ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун.

Let well alone -Аз бало ҳазар.

Sweep before your own door – гиребони худатро бӯй кун.

Насиҳатгӯиро ба гапшунав кун.

Аз гунҷишкак тарсӣ арзан кор.

Дар шаҳри якчашма якчашма шав.

Инкорӣ:

Don't teach your grandmother to suck eggs – Дина аз тухм баромадӣ, имрӯз ба ман ёд медиҳӣ. Дар ин ҷо муодили зарбулмасали инкории англисӣ дар зарбулмасали англисӣ дар шакли хабарӣ омадааст.

Don't look a gift horse in the mouth – Ангурро хӯру богашро напурс.

We cannot live without our neighbors - Ҳавлӣ нахар, ҳамсоя хар.

Пеш аз тӯй нақора мазан.

Ҷумлаҳои саволӣ асосан бо се мақсад истифода мешаванд: талаб кардан, тасдиқ ё инкор кардани фикре, равшанӣ андохтан ба ягон рукни гуфтор, аз ду мафҳум интихоб кардани яке [11, с.252].

Намуди зарбулмасалҳои ҷумлаҳои саволӣ дошта дар забони англисӣ хеле каманд.

Can't the leopard change his spots?

What can you expect from a hog, but a grunt?

Is your father a glazier?

What can you get of a cat but her skin?

Ин ҷумлаҳо аз рӯйи сохт саволӣ буда, аз рӯйи мазмун хабарианд. Қисман ин шаҳодати онро дорад, ки ба зарбулмасалҳои саволӣ нусхаҳои ҷумлаҳои хабарӣ низ шомиланд.

Зарбулмасалҳои тоҷикие, ки танҳо аз як ҷумлаи саволӣ иборатанд:

Дунёро об зер кунад, мургобиро чӣ гам?

Аз хирс гайр аз хуррок боз чӣ интизор шудан мумкин?

Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пойи фил?

Харбуза хӯр, туро ба полиз чӣ кор?

Афтад бад бошад, аз оина чӣ гила?

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар забони тоҷикӣ зарбулмасалҳо дар намуди ҷумлаҳои саволӣ зиёдтар ба назар мерасанд ва онҳо бисёртар дар шакли саволу ҷавоб вомехӯранд.

Кӯса чӣ металабад? – *Риш.*

Дев киро занад? – Муфлисро.

Айбро кӣ кунад? – Маъюб.

Бахт киро? – Духтари подабонро.

Гунҷишкро кӣ кушад? – Қассоб.

Таҳлили маводҳои фактологӣ нишон медиҳад, ки намуди ҷумлаҳои саволӣ назар ба дигар намуди ҷумлаҳо дар зарбулмасалу мақолҳои ҳарду забон камтар дида мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин намуди ҷумла дар зарбулмасалҳо кам истифода гардида ва он ҳам бошад, бисёртар ба маънои хабарӣ меояд.

What does the moon care if the dogs bark at her? – Абрро бонги саг зиён накунад.

Моҳтоб, ки нури пок дорад,

Аз бонги саге чӣ бок дорад?

Аз рӯйи меъёри мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳояш, ҷумлаҳоро дар забони англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ба ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мекунанд, ки зарбулмасалҳо низ ба намуди чунин ҷумлаҳо меоянд.

A wolf in sheep's clothing; зарбулмасали мазкур ҷумлаи яктаркиба буда, сараъзояш *"a wolf"* дар вазифаи мубтадо мебошад ва хабар надорад. Зарбулмасалҳои зерин ҷумлаҳои содаи яктаркиба мебошанд:

Душманатро бо шакар куш.

Аз душман гофил мабош.

Мӯйро кӯҳ барин карда нишон медиҳад.

Дар миёни обу оташ мондан.

Зарбулмасалҳо бо намуди ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар забони англисӣ, бисёртар бо хабар, ки бо феъл ифода шудааст, дучор мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки сохтори

зарбулмасалҳо бо хабар - феъл дар байни воситаҳои ифодаи маънои бевосита ҷойи марказиро ишғол менамояд:

***Give** a dog a bad name and **hand** him.*

***Return** good for evil.*

***Come** dry out of water.*

***Jump** through a hoop.*

Ҳамаи мисолҳои болоӣ чун ҷумлаи амрӣ, ки хусусияти пандомезӣ доранд, низ маънидод карда мешаванд.

Дар байни зарбулмасалҳои ҷумлаҳои содаи сохтори ҷумлаи яктаркиба чунин намуди ҷумлаҳо вомехӯранд: бешахс, бешахси номуайян ва хулласи шахсӣ. Қисми асосии зарбулмасал ва мақолҳои сохтори ҷумлаҳои яктаркибаро, ҷумлаҳои хулласи шахсӣ ва бешахси номуайян ташкил медиҳанд, зеро ки ин намуди ҷумлаҳо барои ифодаи фикр дар шакли кӯтоҳ бисёртар мувофиқ мебошанд. Онҳо ба як шахс равона карда нашудаанд, балки онҳо ба ҳамаи одамон ишора карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки онҳо хусусияти носеҳона ва пандомезона доранд ва на барои як шахс, балки умуман барои ҳамаи одамон таъйин карда шудааст ва хусусияти тарбиявӣ дорад [10, с.14].

Дар ин намуди зарбулмасалҳо мубтадо субъекти реалиро ҷудо менамояд, аммо он ба қадри кофӣ муайян нест, аз ин рӯ, он бо ҷонишини номуайянии шахсии **“one”** ифода мешавад:

One cannot put back the clock.

One cannot blow and swallow at the same time.

One can’t please everyone.

One cannot love and be wise.

Зарбулмасалҳо бо шаклҳои ғайришахсии феъл – бо масдар (инфинитив) дар фонди зарбулмасалҳои забони англисӣ кам дучор мешаванд:

Slow to speak but quick to act.

Better be first in the village than second in Rome.

Never refuse a good offer.

Better be born lucky than rich.

Ҷумлаи бешахси номуайян дар забони тоҷикӣ мубтадо надорад. Дар чунин ҷумлаҳо хабар дар шахси сеюми ҷамъ истифода бурда мешавад. Умуман, ҷумлаҳои яктаркиба дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ бештару васеътар истифода мешавад, ки ин ба зиёд будани миқдори морфемаҳои шаклсоз дар забони тоҷикӣ алоқаманд мебошад, ки онҳоро мо дар зарбулмасалҳои мазкур дучор шуда метавонем:

Нодон сирри худа худ фош мекунад.

Некӣ куну ба об парто.

Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ низ чунин намуди ҷумла дучор мешавад ва дар онҳо мубтадо ҳаст, лек он шахсият ё предметро ифода наменамояд ва вазифаи онро ҷонишини ***“it”*** адо мекунад ва он одатан ба дигар забонҳо тарҷума намешавад. Зарбулмасалҳои бо намуди ҷумлаҳои бешахси номуайянро дар мисолҳои поён дида метавонем:

It is case to be wise after the death.

It never rains, but it pours.

Love conquerors all.

Haste makes waste.

Чӣ хеле ки маълум аст, дар ҷумлаи содаи дутаркиба ҳар ду сараъзоҳои ҷумла, ҳам мубтадо ва ҳам хабар дида мешавад. Истифодаи онро дар мисолҳои зерини англисӣ дида мебароем.

Hunger is the best sauce.

Necessity knows no law.

Дар зарбулмасалҳои мазкур ҳар ду сараъзоҳои ҷумла истифода шудаанд: мубтадо *“hunger, necessity”* ва хабар бошад *“is, knows”,* аз ин ҷиҳат, онро ҷумлаҳои дутаркиба меноманд.

Ин зарбулмасалҳои зерин сохтори ҷумлаи дутаркибаро доранд.

Liars have need of good memories.

Hungry hen dreams of chicken.

Rome was not built in a day.

Luck goes in cycle.

Дар зарбулмасали якум мубтадо *"liers"* ва хабар *"have",* дар мисоли дуюм *"hen"* мубтадо ва *"dreams"* хабар, дар мисолҳои сеюм ва чорум *"Rome, luck"* мубтадо ва *"was not built, goes"* хабар мебошанд.

Намуди ҷумлаҳои содаи дутаркиба дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ низ бисёр дучор мешавад:

Саг дар хонаи соҳибаш шер аст.

Аз шарора аланга бармехезад.

Хиёнатгар саломат наемонад.

Бояд қайд кард, ки зарбулмасалҳои дорои шакли ҷумлаҳои содаи дутаркиба аз хулосаҳои умумӣ иборат мебошанд. Таҳлили маводҳои фактологӣ нишон медиҳад, ки дар ҷумлаҳои забони англисӣ назар ба забони тоҷикӣ, дутаркибият равшану возеҳ мушоҳида карда мешавад, зеро мубтадо ва хабар элементҳои асосии ҷумла буда, бидуни онҳо сохтори ҷумлаҳои англисӣ номукаммал аст.

Инчунин, истифодаи зарбулмасал ва мақолҳо, ки сохтори синтаксисиашон дар шакли ҷумла меояд дар асарҳои нависандагони англис дида мешавад. Масалан, дар асари нависандаи машҳури англис Теодор Драйзер "Сестра Керри" зарбулмасалҳое вомехӯранд, ки муаллиф онро дар тасвири образи қаҳрамони асар ва барои ифоданок нишон додани симои он (Керри) истифода бурдааст.

Beauty speaks for itself [17, c.87].

Heart and body were having their say [17, c.590].

Хусусияти коммуникативӣ – функсионалии воҳидҳои ташаккул ва ифодаи синтаксисӣ дар зарбулмасалҳо бисёрфункционалӣ ва бисёрмаъноӣ (полисемантикӣ) мебошанд, ки ин аз он сабаб мебошад, ки дар онҳо мундариҷа мушаххас ва имкониятҳои изҳорот расмӣ мебошанд. Дар натиҷа, зарбулмасалҳо аз як намуди коммуникативӣ – прагматикӣ ба намуди дигари функсионалӣ – семантикӣ табдил меёбанд ва зарбулмасалҳо дар он ҳам бо маънои аввала ва ҳам бо маънои дуюмин истифода мешаванд.

The wind can't be caught in the net.

You must creep before you leep.

You must take fat with the lean.

You cannot judge of a tree by its bark.

Дар намуди аввал ин зарбулмасалҳо хело расмӣ менамоянд ва бештар дар тасвири ягон манзара, образ, симо, хислат истифода бурда мешаванд, лек онҳо дар ҷараёни худ дар тасвири ягон падида, чун хулоса ё панд истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди ҳамвазифа будани ҷумлаҳои ҳикоягии англисӣ ва тоҷикӣ аз лиҳози сохтор онҳо куллан фарқ мекунанд, ки ин дар зарбулмасалҳо низ дида мешавад. Танҳо ҷойи ишғоли мубтадо дар зарбулмасалҳои ин забонҳо монанд аст, вале дигар аъзоҳои ҷумла ба таври гуногун мавқеъ мегиранд. Бояд зикр кард, ки дар забони тоҷикӣ қоидаҳои ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла, ки дар фавқ оварда шуд, метавонад ба осонӣ вайрон карда шавад, ки ин хилофи забони англисист. Дар забони тоҷикӣ тартиби калима нисбат ба забони англисӣ озодтар аст. Лек як чизро бояд қайд кард, ки тартиби калимаҳо дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ низ назар ба ҷумлаҳои оддӣ устувор аст, зеро зарбулмасалҳо қолабҳои тайёри устуворе ҳастанд, ки дар нутқ истифода мешаванд. Хуллас, ҳамаи намудҳои ҷумлаҳои сода ба монанди ҷумлаи содаи ҳикоягӣ, амрӣ, хитобӣ, инкорӣ, ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бешахс, бешахси номуайян ва хулласи шахсӣ дар зарбулмасалу мақолҳо дида мешаванд ва онҳо дорои хусусиятҳои хосси худ буда, вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд.

Муқарриз: *Исмоилзода Э.* – номзади илмҳои филологӣ, досенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. 1.Азимова М.Н. Семантическая классификация фразеологизмов английского и таджикского языков / М.Н. Азимова // Учёные записки ХГУ им. Б. Гафурова. – 1998. - №1. - С.97-128.
2. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. – Москва: изд. «Высшая школа», 1966. – 189 с.
3. Б. Тилавов. Суханҳои дилафрӯз / Тилавов Б. – Душанбе: Дониш, 1973. – 131 с.
4. Виноградов В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов. – М., 1955. – 403 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Синтаксис). – Душанбе: Дониш, 1984. - С.19-20.
6. Кунин А.В. Поговорки и пословицы в современном английском языке / А.В. Кунин. Иностранные языки в школе №1. – Москва: Просвещение, 1969. – 23 с.

7. Ломтев Т.П. Предложение и его грамматические категории / Т.П. Ломтев. – Москва: Изд-во, 1972. – 200 с.
8. Масъалаҳои адабиёт ва фолклори тоҷик 1. – Душанбе, 1981. – 287 с.
9. Платонова Е.Н. Грамматические средства создания обобщённого значения в языке пословиц: диссертация / Е.Н. Платонова. - Москва, 2011. – 197 с.
10. Раджабова М.М. Структурно – семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках: диссертация / М.М. Раджабова. - Худжанд, 2010. – 164 с.
11. Усмонов К.У. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд, 2017. – 379 с.
12. Бегматова С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ -англисӣ – русӣ / С.Бегматова. – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2016. – 420 с.
13. Гварджаладзе И.С. Мчедлишвилли Д.И. Английские пословицы и поговорки / И.С. Гварджаладзе, Д.И. Мчедлишвилли. - Москва, 1979. – 77 с.
14. Писарчик А. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ / А. Писарчик, С.Тоҷиддинов, М.Ҳамидҷонова. - Сталинобод, 1960. – 226 с.
15. S. Kuskovskaya. English proverbs and sayings / Kuskovskaya S. – Minsk: Vysheishaya Shkola Publishers, 1987. – 257 p.
16. Oxford Dictionary of Proverbs. – Oxford: Oxford University Press, 2004. - 370 p.
17. Theodore Drieser. Sister Carrie. - Moscow, 1968. – 593 p.

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ ДАР ШАКЛИ ҶУМЛАҲОИ СОДА

Мақолаи мазкур ба таҳлили зарбулмасалҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки ба намуди ҷумлаҳои сода омадаанд, бахшида шудааст. Дар ҳарду забон мутобиқан сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо аз ҷумлаҳои сода ва мураккаб иборат мебошанд. Аз рӯйи мақсади гуфтор зарбулмасалҳои дар намуди ҷумлаҳои сода буда, ба ҷумлаҳои ҳикоягӣ, хитобӣ ва саволӣ ҷудо шудаанд. Зарбулмасалҳо бо сохтори ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ навъи хеле фаровони воҳиди муоширатӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда мебошанд. Агар оиди зарбулмасалҳои бо намуди ҷумлаҳои содаи амрӣ ҳарф занем, онҳо низ дар ҳарду забон қисми зиёдро ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин намуди ҷумлаҳо дар зарбулмасалҳо хислати насиҳатомезию пандомезӣ доранд ва онҳо мафҳумҳои дидактикиро ифода менамоянд. Зарбулмасалҳои намуди ҷумлаҳои содаи саволӣ бошанд, аз рӯйи сохт саволӣ буда, аз рӯйи мазмун хабарианд. Ин намуди зарбулмасалҳо дар забонҳои мавриди муқоиса хеле каманд ва дар забони тоҷикӣ бошанд, асосан бо тарзи саволу ҷавоб баён карда мешаванд. Аз рӯйи меъёри мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳояш ҷумлаҳои содаро ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ ба ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мекунанд, ки зарбулмасалҳоро низ ба намуди чунин ҷумлаҳо дучор шудан имконпазир аст. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба дар зарбулмасалу мақолҳо характери баёнотӣ доранд. Дар байни зарбулмасалҳои сохтори ҷумлаҳои содаи яктаркиба дошта чунин намуди ҷумлаҳо ба монанди, бешахс, бешахси номуайян ва хулласи шахсӣ дучор мешаванд. Дар асарҳои нависандагон зарбулмасалҳоро дар намуди ҷумлаҳои содаи яктаркибаву дутаркиба низ дучор шудан мумкин аст ва онҳо асосан барои образнок намудани сухан истифода бурда мешаванд. Дар зарбулмасалҳои бо намуди ҷумлаҳои содаи дутаркиба ҳам мубтадо ва ҳам хабар дида мешаванд ва онҳо бисёртар хусусияти тасвирӣ доранд. Ҷумлаҳои содаи инкорӣ бошанд, низ дар зарбулмасалу мақолҳои ҳар ду забони мавриди муқоиса истифода бурда мешаванд ва дар мақола таҳлил гаштаанд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал ва мақолҳо, забонҳои мавриди муқоиса, мафҳуми синтаксисӣ, воҳиди муоширатӣ, намудҳои ҷумла, муайянкунанда, муайяншаванда, ҷумлаҳои содаи яктаркиба, ҷумлаи содаи дутаркиба, мубтадо, хабар.

АНГЛИЙСКИЕ И ТАДЖИКСКИЕ ПОСЛОВИЦЫ В ВИДЕ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

Данная статья посвящается анализу английских и таджикских пословиц и поговорок в виде простых предложений. В обоих сопоставляемых языках структура пословиц и поговорок состоит из простых и сложных предложений. В соответствии с целью высказывания, пословицы в виде простых предложений можно разделить на повествовательные, повелительные и вопросительные предложения. Простые повествовательные предложение в сопоставляемых языках являются распространённым типом коммуникативных единиц. Если говорить о пословицах в виде повелительных предложений, также они составляют большую часть в обоих языках. Это свидетельствует о том, что такие виды предложений (повелительные) в пословицах имеют назидательный характер и выражают дидактические концепции. Пословицы в виде вопросительных предложений по структуре вопросительны, а по содержанию информативны. Таких видов пословиц в сопоставимых языках очень мало, а в таджикском языке в основном употребляются в виде вопросов и ответов. По критерию наличия и отсутствия главных членов предложения разделяются на односоставные и двусоставные. Такие виды предложений в пословицах встречаются часто. Пословицы в форме односоставных и двусоставных предложений имеют описательный характер, и могут быть в виде безличных, безлично – неопределенных предложений. В произведениях писателей можно встретить посливицы в виде одно – двухсоставных предложений, которые используются для образного и эмфатического описания главных героев и событий. В пословицах сопоставляемых языков также встречаются отрицательные предложения, которые проанализированы в статье.

Ключевые слова: пословицы и поговорки, сопоставляемые языки, синтаксическое понятие, коммуникативная единица, виды предложений, определение, определяемое, односоставные предложения, двусоставные предложения, подлежащее, сказуемое.

ENGLISH AND TAJIK PROVERBS IN THE FORM OF SIMPLE SENTENCES

This article is devoted to the analysis of English and Tajik proverbs in the form of simple sentences. The structure of proverbs consists of simple and complex sentences in both languages. The proverbs in the form of simple sentences according to the purpose of communication can be divided into affirmative, imperative and interrogative sentences. Simple affirmative sentences are considered to be a common type of communication unit in compared languages. The proverbs in the form of imperative sentences can also be a large part in both languages. It indicates that proverbs in the form of imperative sentences have edifying and instructive character and express didactic concepts. According to the structure the proverbs in the form of interrogative sentences are interrogative but informative in concept. These proverbs are very few in the compared languages and in Tajik they usually are used in the form of questions and answers. According to the rate of presence and absence of the main members of the sentences simple sentences can be divided into one –member and two – member sentences and certainly proverbs in such forms can be seen in both languages. One – member and two – member sentences have descriptive character in proverbs. Writers and poets use them in their works to make their narration and description of characters more figurative and exciting. Proverbs in the form of negative sentences are also are analyzed as well in this article.

Key words: proverbs and sayings, compared languages, syntactic notion, communicative units, types of simple sentence, attribute, modify, one – member sentences, two – member sentences, subject, predicate.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азизова Зарина Шавкатовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторант Ph.D кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

Сведение об авторе: ***Азизова Зарина Шавкатовна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, докторант Ph.D кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

Information about the author: ***Azizova Zarina Shavkatovn*****a** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Ph.D student of the department English Phonetics and Lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **zarina230995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-790-19-95**

УДК: 891.550

КОРБУРДИ ШИГАРДҲОИ ҲИНҶОРШИКАНӢ ВА ОШНОИЗУДОӢ**** ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Ш.Р.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба пиндори формалистони рус ҳунар (идрок) одатҳоямонро тағйир мебахшад, ҳар чизи «ошно»-ро ба назарамон «бегона» месозад, дар миёни мо ва тамоми ашёи маърифатшуда дар зеҳни мо фосила бунёд мекунад, ашёро ба масобаи он ки «барои худ вуҷуд дорад» ба чашми мо таҷалло мебахшад, ҳама чизро аз ситраи одат, ки ношӣ аз идроки ҳиссии мост, мераҳонад ва ҳисси моро дубора сомон медиҳад ва дар ин масир қоидаҳои ошно ва сохтори ба зоҳир мондагори воқеиятро дигаргун мекунад ва дар ниҳоят мавҷудияти аҷсом, ашё ва падидаҳоро дар намуди дигар бароямон дубора «кашф» менамояд.

Ҳамчунин, формалистони рус «коркарди адабиёт»- ро ошноизудоӣ гуфта, ҳақиқат ва вазифаи ҳунар ва адабиётро дар эҳдои тобиши тоза ба ашё, маърифати комилтари аҷсом ва шинохти вежагии зуҳури падидаҳо донистаанд.

Дарвоқеъ, яке аз вазоифи боризи адабиёт дар он зуҳур карда, ки бо кумаки аносири адабӣ битавонад, то афкори моро дар маърифати ашё ва ҳаводис дарёфти мутафовит бахшад ва бад-ин васила бо таҷаллии хасисаи тозаи ашё - ғарибнамоии он огоҳиамонро нисбат ба муҳити атроф, ки дар такрор ва одатзадагии шинохт «мурда» менамояд, ҷони тоза афзояд.

Ошноизудоӣ (бегонасозӣ, одатзудоӣ) як навъ техникаи ҳунарӣ буда, маъноро дар хизмати забон қарор медиҳад ва ҷиҳати дарёфти наздиктари ҳақиқат маъноро тавассути забон ва аносири забонӣ дар шеър тобиш ва ранги тоза мебахшад.

Аз оғози офариниш то ба имрӯз маонӣ ҳамрадифи инсон буда, дар назар бо такрори инсонҳо он низ такрор ёфта, дар ҳар ҳавзаи адабӣ сухан ҳамчун «моддаи шеър» авотифу афкор, ҳаяҷону эҳсосот ва дар маҷмӯъ, фалсафаи зиндагии башариятро бо тобишҳои мухталиф инъикос намудааст.

Ҳофизи Шерозӣ гуфтааст:

Як қисса беш нест ғами ишқу в-ин аҷаб,
К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номукаррар аст [13, с.75].

Агар аз рӯзи хилқати башар то ба имрӯз ба филми рӯзгори инсоният дида андӯзем, бисёре аз қисматҳои он: ошиқӣ (ба масобаи Лайлию Маҷнун), таҳамтанӣ (мисли Рустам), интихоби куфр ё имон, зулм ё адолат, вафо ё ҷафо, иқболу саодат ва ё бадбахтӣ, умеду орзу ва ё яъс, хайр ё шар, ҳавову ҳавас ва ё иктифо дар заминаи ақл, зебоипарастӣ, худшиносӣ, ҳувият ва амсоли онҳо ба назар такрор менамояд, ҳамчунон ки Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

Ҳаст тӯмори дили ман ба дарозои абад,
Барнавишта зи сараш то хати поён туву ман [2].

Дар ин замина, ба қавли Фирдавсии бузург «дар боғи маънӣ» «гули ночида ва набӯида» намондааст:

Сухан ҳарчи бояд ҳама, гуфтаанд,
Дари боғи маънӣ ҳама руфтаандт [10, с.6].

Пас, ҷавҳари адабиёти «ошноизудоӣ» ва «мултазам» (бегонасозӣ, дурсозӣ) ҳунари адабиест, ки бо ишқ омезиш ёфта, бо шарбати «забони номукаррар» гарди такрор аз рӯйи гули маънӣ мешӯяд ва ба он ҷони тоза бахшида, хонандаро ба сӯйи дарёфти наздиктар ва нобтар аз «таҷриба» (асл) ҳидоят менамояд. Бад-ин минвол ҳунар дар водии адабиёт дар қолаби забон «ҷилва» мекунад ва «аз ҳадди ҷаҳон раста, беҳаду андоза» мешавад, ки Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

Ҳин, сухани тоза бигӯ, то ду ҷаҳон тоза шавад,
Вораҳад аз ҳадди ҷаҳон, беҳаду андоза шавад [2].

Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст:

****Истилоҳи «Остранения» - (Defamiliarization. Ostrannenja). «Ошноизудоӣ» маҳсули зеҳни (назарияи) Виктор Борисович Шкловский буда, истилоҳи «Бегонасозӣ» маҳсули тафаккури (назарияи) Юрий Николаевич Тынянов аст.

Тафи сухан шуда табхолаи лаби қосид,
Чӣ хуб кард, ки ин гармӣ аз паём кашид [9, с.144].

Ё:

Бурун фишонд Зуҳурӣ зи мағз атри сухан,
Шамомҳо зи шамими ту дар машом кашид [9, с.144].

Ё ки:

Шабнаме дар рӯзи кас нашнид гул,
Булбулони тозаилҳонем мо [9, с.28].

Дар назарияи нақди ҳунарӣ ва адабӣ мафҳуми ошноизудоӣ, ки бунёдгузори он мунаққид, адиб ва формалисти бузурги рус Виктор Шкловский†††† аст, на донистани шакли чизҳо, балки интиқоли ҳисси ашёст, бад-он гуна, ки дар идрок маърифат меёбанд ва ҳунар бо афзудани печидагию душворӣ ва замони фароянди идрок аз онҳо ошноӣ мезудояд.

Гиря хуш рангинбисоте чида дар бозори шавқ,
Мечакад ёқути тар аз панҷаи мижгони мо [9, с.23].

Ё:

Гашт он рӯз, ки тобанда таноби рагу пай,
Хайма зад доғи таманнои ту дар синаи мо [9, с.24].

Ба пиндори бархе ошноизудоӣ эҷоди нукоти ихтилофӣ-баёни ҳарфе бар хилофи ҳарфҳоест, ки то кунун гуфта шуда ва баръакси қавли соири шуаро ин ё он ҳаракот ва хусусиёти ашёро инкор мекунад ва ё ба сифот ва феъли он тағйир мебахшад. Чунончи, маъмулан сифати «боди сабо» муждарасонист, ки Ҳофиз гуфта:

Сабо ба луфт бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро[13,34].

Ё:

Эй сабо, гар ба ҷавонони чаман боз расӣ,
Хидмати мо бирасон сарву гулу райҳонро [13, с.40].

Аммо бар хилофи сифати мазкур Хоқонӣ дар байти зер «боди сабо»-ро муждарасон намедонад ва ба қавли бархе «бегонасозӣ» маҳз ҳамин «хилофгароӣ» аст:

Боди сабо дурӯғзан асту ту ростгӯ,
Он ҷо ба рағми боди сабо мефиристамат [10, с.72].

Ба пиндори ин ҷониб, бо назардошти мақулаҳои маърифати офаридаҳои адабӣ, ки аз ҷониби мактаби формалистони рус эҷод шудаанд, ҷанбаҳои ҳунарӣ - забони равон, тавсифи содиқонаи дунёи отифии шоир, тасвирҳои бадеъ ва тоза, ғофилгириҳои шоирона, таркиб ва мусиқии шеър дар ҳамбастагӣ бидуни корбасти «ошноизудоӣ» (бегонасозӣ) наметавонанд, ки шохиси ҳунар (шеър) ва ҳувияти ҳунарманд(шоир) - адибро ба пуррагӣ тачассум намоянд.

Бидуни тардид метавон иддао намуд, ки ин навъи ҳунари адабӣ-ошноизудоӣ дар адабиёти классики мо бесобиқа нест ва дар ҳавзаи ҳунарии сабки ҳиндӣ адибони мо дар сурудаҳои худ ба ашё, ҳаводис ва падидаҳо бо диди ҳунарӣ ва мармуз, бо назари нав – ошноизудоии истибдолӣ ва ё ҷойгузинӣ ва бегонасозии таркибӣ ва ё сохторӣ нигариста, тозагие дар шинохти асолати ҳамон ашё ва ё ҳодиса андохтаанд. Чунончи, Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст:

Рандаи нолатароше ба каф оварда нафас,
Дард дар даст марезод дами тешаи мо [9, с.34].

Ё:

Ҷигари ишқ даромад, ҷигари ақл гурехт,
Фахри шерони ҳавас рӯбаҳии бешаи мо [9, с.34].

Ҳамин минвол, ҳавзаи маърифати мафҳуми «ошноизудоӣ» васеъ буда, на ихтилофсароӣ, балки «ноошно», «бегона» намудани ашё ва ё ҳаводис аз ҳавзаи одат ва ошноии онҳо ва ё бо ибораи дигар, печида кардани чизҳо ва дур намудани ашё аз сифоту хусусиёти аслӣ ва бад-ин васила намоиш додани вижагиҳои маъноии вожаю ибораҳо, ҳувият бахшидан ба тобишҳои гуногуни дарки мафҳум (ашё, ҳодиса, падида) ва муайян намудани шохиси сухан (шеър) аст.

††††Шкловский, Виктор Борисович (1893-1975), муаллифи мақолаҳои «Растахези калима (калимот)» (“Воскрешение слова”) ва «Ҳунар ҳамчун шигард» («Искусство как приём»).

Шудаст киштии сабру шикеб дарёӣ,
Виқори кӯҳи сабук, пои мост лангари мо [9, с.45].

Ё:

То ҳавас ҳар сӯ наяндозад **бисоти хирагӣ**,
Ишқ дукондори **бозори ҳаё**ро гарм кард [9, с.122].

Вазифаи ҳунари адабӣ ба андешаи Виктор Шкловский ноошно ва дур намудани чизҳо аз сифоту хусусиёти аслии онҳо ва дар ин замина шинохти тоза ва маърифати ҷанбаҳои дигари айни ҳамон ашёст [1, с.69-88].

Яке аз мушаххасоти шеъри Зуҳурӣ дар он аст, ки дар сухан растахези калимот: зиндасозии мазомин ва маонӣ баъд аз марг‡‡‡‡ (забонзадашавӣ, куҳнагӣ, обшусташавӣ, такрорёбӣ ва ё маъмулгардӣ), тақвиятбахшии идроки ҳисси хонанда ва ё шунаванда, зудудани гарди такрор аз рухи сухан ва ғубори одатро аз чашму гӯши мухотаб бо «шаҳди ноб» ноил гардида, «пояи вазъи худ» (шеъри хешро)- ро «дигар» гуфтааст, ки дарвоқеъ дуруст буда, рисолати ҳунарии худро комилан сомон бахшидааст:

Ба хай аз рух гулоб мерезад,
В-аз сухан шаҳди ноб мерезад [9, с.212].

Ё:

Пояи дигар аст вазъи маро,
Минбар аз чӯби дори Мансур аст [9, с.98].

Агар Фирдавсӣ дар асри X аз рангрезии таровати гулҳои «боғи маънӣ» ва намондани «маънои тоза» сухан гуфтааст, пас, барои шоири асри XVI ниҳоят кори сангин аст, ки аз дарёфти маънии «номукаррар» ҳарф занад. Аз ин ҷо, Зуҳурӣ ҷиҳати тозагии маъно ва тобишҳои нави забони ҳунарӣ, эъҷози сухан, дурии парвози мурғи хаёл ва бад-ин васила маърифати ҷаҳони комилан тозаи адабӣ зеҳни худро дар кураи оташи ҷустуҷӯ пухтааст ва ба василаи борикандешӣ, хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ бардошти ҷадид аз сухан кардааст.

Зуҳурӣ дар иртиботи ҳамешагӣ бо шеъри худ қарор дошта, сари интихоби ҳар як вожаю иборот мунтазам талош ва ҷаҳд варзида, дар тарошидани пайкараи шеър бо дасти тешаи хаёл ҷон кандааст, чунончи Нодири Нодирпур гуфта:

Пайкартароши пираму бо тешаи хаёл
Як шаб туро зи мармари шеър офаридаам.
То дар нигини чашми ту нақши ҳавас ниҳам,
Нози ҳазор чашми сияҳро харидаам [7, с.196].

Мафҳуми «ошноизудоӣ»-ро метавон бо ибороти «тарзи тоза», «шеваи тоза» ва «шеваи нав» дар эҷоди шоирони сабки ҳиндӣ ҳамрадиф донист.

Соиби Табрезӣ фармудааст:

Ҳар кӣ чун Соиб ба **тарзи тоза** дерин ошност,
Дам ба завқи андалеби боғи Омул мезанад [1, с.74].

Ё:

Миёни аҳли сухан имтиёзи ман Соиб
Ҳамин бас аст, ки бо **тарз** ошно шудаам [1, с.75].

Ё ки:

Мунсифон устод донандам, ки аз маъниву лафз,
Шеваи тоза, на расми бостон овардаам [1, с.76].

Зуҳурии Туршезӣ дар баробари «тарзи нав» «тарзабонӣ»-ро муодили (ҳамрадифи) «одатзудоӣ» дониста, фармудааст:

Зи юмни мадҳи шаҳаншоҳи Наврас аст ин файз,
Ки **тарзи нав** шуда табъи сухантирози маро [9, с.32].

Ва:

Ба шукри дидаи тар **тарзабони**е дорам,
Ки заҳри гиря тароватдеҳи шакарханд аст [9, с.102].

Ва ё:

Тарзабон гардида Хизр аз алаташгӯёни туст,
Зоди роҳи тафтаҷонӣ оби ҳайвон баргирифт [9, с.209].

‡‡‡‡Маҳмуди Котиб, Ҳасан - шоири аввалҳои асри X111, ки роҷеъ ба «марги калимот» бар асари такрору куҳнагии онҳо дар қасидае сухан гуфтааст.

Ва ба пиндори Зуҳурӣ на ҳама кас ба «тарзабонӣ» - шеваи ноби сухан ноил гашта, «зулоли висол»-ро тавассути «хабар»-лафз ва маънии тоза ифода менамояд:

Бигӯ, қосид, ар донӣ ин **тарзабонӣ**,
Зулоли висол аз хабар метаровад [9, с.402].

Зуҳурии Туршезӣ сароҳатан иброз медорад, ки бо завқи худододаи худ лафзу маънии мукарраргашта дар тарзи дигарон (стили соири шуаро)-ро «ошнозудоӣ» (бегона месозад) мекунад ва тавассути пироҳани тозаи лафз, ки аз хасисаи ашё дур аст, маънии бикр ва наздиктар ба воқеият («таҷриба») меофарад:

Мукаррар гашта **тарзи дигарон** дар ишқбозиҳо,
Зуҳурӣ **завқ** дорад, **ошно бегона** месозад [9, с.410].

Чӣ тавре ки ишора рафт, ҳувияти вижаи Зуҳурии Туршезӣ дар забони хосси шеъри ӯ зуҳур карда, шеърашро хос ва худи ӯро соҳиби сабки хос (соҳибтарз) намудааст, ки сароҳатан худ ин маъниро иброз дошта, "ғазалтирозӣ" (суханороӣ, суханпардозӣ, шоирӣ)-ашро аз ғизолон (маҷозан "маъшуқа") гуфтааст:

Чун Зуҳурӣ шуд, он ки **соҳибтарз**,
Аз ғизолон ғазалтирозӣ кард [9, с.418].

Тамҳидоти Зуҳурӣ ҷиҳати «ошноизудоӣ», «сохторшиканӣ» ва ороияи тарзҳои нав барои баёни тозатари мафоҳим дар бакоргирии истилоҳоту таркиботи маҷозӣ ва киноёт дар маонии зоҳири шеър, ки аз маъруфтарин хусусияти сабки ӯст, равшан таҷассум ёфтааст. Манзур аз «гармии мазмун» низ дарёфти маонии ногуфта аст, ки нуктаи мавриди назарро ба масобаи ахгар нурафзо ва гармибахш намуда, эҳсоси идрокро такон мебахшад:

Зуҳурӣ, нукта ахгар мешавад аз гармии мазмун,
На раҳм аст офати парвози мурғи нома бар гаштан [9, с.620].

«Дар ҳар ҳарф сад тӯмор мондан» ишора ба коркарди бисёри рӯйи ҳар як вожаю иборот аз ҷониби шоир аст ва дигар он, ки тӯмор дуои навишта ҷиҳати дафъи бало ё нохушиҳои дигар буда, Зуҳурӣ бар он даъвост, ки ҳар ҳарфи каломи худро бо ҳунарӣ адабӣ ва шигардҳои нотакрори он чунон офаридааст, ки дар ниҳоят ҳар ҳарф худ ба тӯмор мубаддал гардида, аз офати такрор наҷот ёфта, ҷовидонагӣ гирифтаанд:

Нигаҳдорӣ муҳол аз баҳри шарҳи шавқ мехоҳам,
Чӣ суд аз нома дар ҳар ҳарф сад тӯмор мемонад [9, с.440].

Зуҳурии Туршезӣ истилоҳот ва таркиботеро, ки дар шеър ба маънои киноя ва маҷоз корбаст шудаанд, дар як баробар ба маънои аслиашон низ истифода менамояд. Чунончи;

Ҳаромам бод <u>роҳатҳои хошоки таҳи паҳлу</u>,
Агар дар <u>хор-хори бистари санҷобом</u> андозад [9, с.438].

Ё:

Гувоҳи <u>гармии хун доғҳои пайкари</u> мо,
Ба муҳри шуълаузорон расид маҳзари мо [9, с.36].

Дар мавриди истифодаи киноя ва маҷоз Зуҳурии Туршезӣ нишонаҳое дар шеър мегузорад, ки тавассути онҳо маънии зоҳирии истилоҳот ва таркибот низ инъикос мегарданд. Чунончи, дар байти зер таркибҳои «хори ғам» ва «пойи дил» ба маънои маҷоз омада, истифодаи вожаҳои «сӯзан» ва «хор» ба маънои аслии «тоза кардани по аз хор» тавассути сӯзанро ифода намудаанд:

Гар хори ғаме рафт ба пойи дили Маҷнун,
Лайлӣ зи мижа сӯзани он хор фиристод [9, с.446].

Равиши дигари Зуҳурии Туршезӣ ҷиҳати зудудани ранги ошноӣ аз сухан ва баёни тоза дар паҳлуи ҳам гузоштани ороияҳои адабӣ бар амсоли иҳом бо киноя, маҷоз бо киноя, ташбеҳу тамсил бо ташхис аст, ки на танҳо тобишҳои услубӣ, балки маъноӣ ва сабкӣ низ гирифтаанд ва инро метавон шартан «шеваи муодиласозӣ»-и ӯ номид. Чунончи, дар байти зер дар таркибҳои «нахли ҳавас» ва «ларзаи ҳасрат» истиораи равшан оварда шуда, ба маънои киноя ба «сарсабз» будани орзую ҳавас, «сербаргу бор» будани он ва ба маънои асл дорои самар будани нахл ишора рафта, дар иборaи «ларзаи ҳасрат» низ бо маҷоз шиддати зиёди ҳасрат ва ба маънои асл пайомадаи «афшондан» будани ларза инъикос ёфта, замири мунфасили «мо» ҳангоми иттисол бо исм дар ин ҷо ҳинҷоргурезии наҳвиро тавлид карда ва на маънои «ман афшонанда ҳастам», балки «ман афшоншавандаам»-ро бозгӯ намудааст:

Зуд бар нахли ҳавас не бор мемонад на барг,
Ларзаи ҳасрат чунин гар медиҳад афшони мо [9, с.35].

Дар байти зер таркиби «пушт бар роҳат кардани дил» маҷозӣ буда, маънои ҳақиқии худро низ, ки дар ҳолати пушт бар замин хобидан роҳат ва осудагӣ мебахшад, инъикос кардааст:

Кучо дил пушт бар роҳат бад-ин осудагӣ кардӣ,
Накардӣ рӯй агар дар хеш доғаш синаи поро [9, с.36].

Дар байти зер «захмпарвар кардани ҷигаргоҳи шикор» маҷозист ва захм дар шикор низ маънои ҳақиқии таркибро ба хотир меорад.

Ғамзаи сайёд то кай дар камин хоҳад нишаст?
Захмпарвар кун ҷигаргоҳи шикори хешро [9, с.37].

Дар байти зерин шигарди адабии Зуҳурӣ дар инъикоси як ҳолат дар дохили ҳолати дигари ба он монанд (ҳолат дар ҳолат ва ё ҳодиса дар ҳодиса) ба воситаи як вақҳи иштироки зоҳирӣ дар таркибҳои «тамошо дар тамошо» ва «ҳайрат кардани ҳайрат» тобиши тоза гирифта, мазмуни бикр эҷод кардааст, ки ин равиш танҳо хосси шеъри Зуҳурист ва ба назари бархе аз муҳаққиқин ифрот ва ё тафрит дар сабки ҳиндист:

Дил аз андешаи васли ту олӣ карда ҳимматро,
Тамошо дар тамошои ту ҳайрат карда ҳайратро [9, с.38].

Ва ҳамин гуна шигарди адабии шоир аз нигоҳи сарфӣ бо исм дар мисоли таркибҳои «ба назар муҳтоҷ будани назар» ва «пар задани парвона ба парвона» таҷассум ёфта, ниҳоят хушоянд садо дода, мазмуни тоза эҷод кардааст:

Ду ҷаҳон азназарафтодаи мост,
Назар, аммо **ба назар** муҳтоҷ аст [9, с.218].

Ё:

Шамъ аз шуълаи ҳусни ту барафрӯхта аст,
Гирди ӯ пар зада **парвона ба парвонаи** мо [9, с.39].

Шигарди адабии Зуҳурӣ бо феъли «рафтани аз по рафтан»:

Аз куҳанпирон шудему навҷавонӣ барнахӯрд,
Рафт аз по рафтану сарви равоне барнахӯрд [9, с.452].

Шигарди адабии Зуҳурӣ бо зарф дар таркиби «ба оғӯшам ба оғӯш», ки дар ибораи «ба оғӯшам» зарфи макон (ҳоли макон) ва дар ибораи «ба оғӯш» аз нигоҳи наҳвӣ пуркунандаи бавосита шуда, ишора ба ҳолати «оғӯши боз»-ест, ки рабти бештар аз қабо дорад:

Ба оғӯшам ба оғӯш аз қабо наздиктар омад,
Бару дӯше, ки натвонад зи давраш пираҳан бӯсад [9, с.454].

Дар байти зер дар баробари ба маънои маҷозӣ корбаст шудани таркибҳои «оби теғ» ва «решаи нахли муҳаббат» маънии аслии аз об нуму гирифтани решаи нахл низ фаҳмида мешавад:

Ба тӯбиқомате нозам, ки оби теғи бедодаш
Давонад дар рагу пай решаи нахли муҳаббатро [9, с.41].

Дар байти зер низ бо он ки «ҳангомаи гармӣ» ва «гудози насиҳат» ба маънои маҷозӣ ба кор гирифта шудаанд, маънои аслии «гарм шудан аз оташ» ва «насиҳати носеҳ» дарк мешавад.

Зи оташпорае дорам чунон ҳангомаи гармӣ,
Ки дар лабҳои носеҳ мегудозонам насиҳатро [9, с.42].

Ва дар байтҳои зер низ:

Шавқ дар айни доманафшонист,
Зада дар шуъла ғӯта ахгари мо [9, с.42].

Рашки ахгар шуда ашк аз тафи наззораи мо,
Шуъла дар боли самандар зада фаввораи мо [9, с.43].

Дар лаҳад миннати кас бори бару дӯш мабод,
Эй хуш он мурда, ки гарди сари роҳаш кафан аст [9, с.222].

Барои доғи худ ҷо хуш макун ҷуз синаи покон,
Ки доғат низ мебояд чу холат дилнишин бошад [9, с.453].

Шигарди дигари Зуҳурӣ дар офаридани таркибҳоест, ки аз мазмуни такрор лафз ва маънии номукаррар сохтаанд. Чунончи, Калими Кошонӣ гуфтааст:

Хати сабзе ба рухи сабз ба ҷое дидам,
Дом ҳамранги замин буд, гирифтор шудам.

Зуҳурии Туршезӣ ҳамин маъниро либоси тозатар пӯшонидааст:

Куҷо саъйи қазо симурғи дилро болу пар бастӣ?
Набудӣ дона аз холи ту гар доми муҳаббатро [9, с.41].

Шигарди дигари шеърии Зуҳурӣ дар равиши «ошноизудоӣ» эҷоди таркиб ва истилоҳоти ҷадид аст, ки шоир дар ин масъала бо истифода аз усулҳои тозаи адабӣ бисёр сару кор гирифта, «забони хосси шеърӣ» сохта, як вожаро дар мафҳуми киноя ва маҷоз то ҷое мусталеҳ гардонидааст, ки бар амсоли ибороти фразеологӣ «рехта» ва «ивазнашаванда» гардида, забони ҳунарии ӯро ба ҳадди ниҳояти камол расонидаанд. Чунончи,

Кӯчаи осудагӣ:

Агар мебоядат дар кӯчаи осудагӣ манзил,
Бурун рез аз сарои табъ рахти расму одатро [9, с.40].

Саҳрои ҳичрон ва бароти гиря:

Аз тафи **саҳрои ҳичрон** дар ҷигар хунам намонд,
Ваҳ, **бароти гиря** дигар бар куҷо хоҳам навишт [9, с.256].

Гули субҳ:

Дар гулистон бар **гули суҳб** аст шабнам аз ғубор,
Ғунча ахгар шуд, тафи оҳам саборо гарм кард [9, с.460].

Нахли ҳавас ва ларзаи ҳасрат:

Зуд бар **нахли ҳавас** не бор мемонад на барг,
Ларзаи ҳасрат чунин гар медиҳад афшони мо [9, с.52].

Доғи таманно:

Гашт он рӯз, ки тобанда таноби рагу пай,
Хайма зад **доғи таманнои** ту дар синаи мо [9, с.54].

Таъмири аҳвол:

Умеди дидани фардо бурун мебурд рахт аз дил,
Ба ҷо воқеъ шуд ин **таъмири аҳволи** хароб имшаб [9, с.116].

Девони ноз:

Мурувват азл гардидаст дар **девони ноз**и ӯ,
Аҷаб гар ин қадар бемеҳрӣ аз сад бевафо ояд [9, с.466].

Шигарди дигари шеърии Зуҳурӣ дар равиши «ошноизудоӣ» эҷоди таркиботи севаҷҳа аст, ки тавассути онҳо шоир тавонистааст ба вожаҳои исмии оддӣ ду сифати пайдарҳамро ба як таркиб андозад ва чизи номаҳсусро дараҷадор намуда, маънии ғариб офарад: Чунончи, офтоб-исм, офтоби рашк як чизи номаҳсус ва рашки нокомӣ чизи номаҳсуси дигар аст:

Офтоби рашки нокомӣ:

Зи ҳасрат сӯхтам дар **офтоби рашки нокомӣ**,
Кунам гар орзӯйи сояи девор меғунҷад [9, с.467].

Забони хомаи ноз:

Аз **забони хомаи нозат** ба дашноме хушам,
Ғояте дорад ҷафо, то кай ҷафо хоҳам навишт [9, с.257].

Саҳни шабистони орзу:

Берӯз гашт **саҳни шабистони орзу**,
Имшаб сари фасона ба домони хоб бод [9, с.472]!

Корбурди истиора дар феъл ва ё истиораи табъия бакоргирии феъл ба маънои маҷозӣ дар ҳунар буда, бо як исм сохта мешавад ва ҷумлае падид меоварад, ки баён аз он ба истиораи мураккаб бо истилоҳ таъбир мешавад. Чунончи, дар байти зер бо феъли «рӯидан»-рӯидани хуршед, ранг, фарсанг ва афғон тасвир ёфта, вижагии ҳунарии шоирро дар корбурди истиораи табъия намоиш додааст:

Назар дар дида медӯзад ба сӯяш чун тавон дидан,
Ки **сад хуршед** аз он рухсори **оташранг мерӯяд**[9,478].

Ё:

Баҳор омад чӣ ҳосил, к-аз дили ман **ранг мерӯяд**,
Гули ғам дар риёзи хотирам садранг мерӯяд [9, с.478].

Кунам ҳарчанд кӯшиш пеши роҳам дуртар гардад.
Ба роҳи ишқ дар ҳар гом сад **фарсанг мерӯяд** [9, с.478].

Раҳи аҳволи мо гӯё маонӣ мезанад имшаб,
Ки таври дигар афғон аз ниҳоди **чанг мерӯяд** [9, с.478].

Зи комам **талхи**и сад ҳанзали ишқи бутон **рӯяд**,
Ба оби ҳасрати ман кай баҳори бехазон рӯяд.

Истиораи табъия дар феъли «даравидан»:

Мечашам заҳри ту, дар ком, **шакар медаравам**,
Равшанам карда агар шом, **саҳар медаравам**.

Зарра хуршед шавад, шаъшаъа гар бахш кунам,
З-ин **фурӯғ**е, ки зи рӯят **ба назар медаравам.**

Роҳҳоро ҳама дар ишқ супурданд ба ман,
Аз камингоҳи ҷаҳон хавфу **хатар медаравам.**

Эй хуш он чеҳра, ки аз дарди қаноат шуда зард,
Мекашам акс дар оинаву **зар медаравам**.

Ончунон оҳи маро партави доғаш кардаст,
Шуълавар аз маҳу хуршед **шарар медаравам**.

Мешавад ҳар тарафе ҳарфу ҳикоят хирман,
Қосидонро зи забон баски **хабар медаравам**.

Сухан, агар бофасоҳату балоғати комил сароида шавад, ба “сеҳри мубин” табдил меёбад, ки бо қудрати афсуни худ шунавандаро ҷоду (мусаххар) мекунад. Дар ҳадиси Расули акрам (с) омадааст, ки: “Инна мин-ал баёнӣ ласеҳрун”[§§§§]. Сухани сеҳрангез (“сеҳри ҳалол”) оинаест, ки ҳар кӣ дар он рӯнамо шавад, акси худро мебинад, ҳусну қубҳи худро дармеёбад ва ҷамоли ботину зоҳири хуро ҷалол мебахшад.

Низомӣ фармудааст:

Аз чошнии дами саҳархез,
Сеҳри дигар аз сухан барангез [4, с.82].

Албатта, сухан шакли зуҳури дониш буда, қабл аз баён дар майнаи сари инсон андеша падид меояд. Сухан сурати тафаккур, ибрози пиндор буда, Пайғомбари ислом гуфтори инсонро дини ӯ шуморидааст[8,22].

Низомии Ганҷавӣ гуфтааст:

Аввал андеша, пас аз ин шумор,
Ин сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор [5, с.39-40].

Зуҳурии Туршезӣ гуфтааст:

Зи ҳайвон ба нутқ одамӣ бартар аст,
Пас одамтар он, к-ӯ суханвартар аст [9, с.478].

Воқеан, дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ абёти зиёдест, ки метавон онҳоро сухани сеҳрангез (“сеҳри ҳалол”) пиндошт ва шигардҳои ҳунарии тозаи шеъриро дар онҳо пайдо кард, ки бо истифода аз воситаҳои ададӣ офаридани мазомини ҷадид аз зумраи онҳост.

Вобастаҳои ададӣ ва воҳидҳои ибтикорӣ дар шеъри Зуҳурии Туршезӣ, ки басомад доранд, шигарди дигари «ошноизудоӣ»-и шеъри ӯро инъикос карда, моро ба сангарҳои ноошнои маънӣ ва масири мазомини латиф ҳидоят намуда, дар мавриди баёни маонии мухталиф замон, вақт, фосила, андоза, ҳаҷму ғунҷоиш ва теъдоду миқдорро ифода карда, тибқи гурӯҳбандии Шафеии Кадканӣ [6, с.36], ки ба муодилае шабеҳ аст, зоҳиран ба низоми наҳвии абёти шоир равшанӣ андохтаанд.

1.Адад+моддӣ+моддии монандӣ- **Сад чашма нола:**

Бар Бесутун гиристам аз дарди Кӯҳкан,
Сад чашма нола аз дили хоро кушода шуд.

[§§§§] Дарвоқеъ, баъзе аз баён сеҳр аст.

Таркиби «сад чашма нола» хосси Зуҳурӣ буда, мо таркибҳои «сад чашма сафо», «сад чашма оҳанг», «сад чашма нағма», «сад чашма мусаффоӣ», «сад чашма тозагӣ», «сад чашма шоридан» ва амсоли инҳоро метавонем дар зеҳни худ ба идрок супорем, аммо шоир аз хусусияти чашма дур рафта, «бегонасозӣ» карда, «нола»-ро сифати чашма карда, мазмуни тоза эҷод кардааст.

2.Адад+моддӣ+интизои монандӣ - **сад чаман пажмурдагӣ**

Сад чаман пажмурдагӣ дар ғунчаи дил чида,
Аз баҳористони ту ба раге Ирам бар хеш зан.

3.Адад+интизои монандӣ **- сад бехудӣ:**

Сад бехудӣ ба ним нигоҳи ниҳон харид.
Ниқоб чун зи рух он офтоб бардорад,

Нозем он фитрокро, к-аз ҳасрати ӯ ҳар замон,
Сад ғами фарбеҳ бар сайди лоғар медамад.

Бигардонад зи раҳ **сад корвони сабру тоқат**ро,
Агар аз гӯшаи чашме нигоҳе дар камин бошад.

Пойи сабр аз ҳалқаҳои оҳ дар занҷир бод!
Бар хаданги ғамзае **сад чашми ҳасрат** дӯхтам,

Кардем иҷора кишти доғе,
Сад хирмани роҳат аст тавфир.

Сад хирмани мурод зи ҳар хӯша мениҳам,
Ҷое, ки кишта тухми умед аз замини дил.

Чӣ сон гунҷида дар як қатра **сад дарёи бетобӣ**?
Ба тӯфони муҳаббат аз дили худ лангаре дорам.

Ҷамъ аст дар шигофи ҷигар **сад хаданги ноз**,
Мижгони дарозу зулфи парешони кистӣ?

Дигар вижагии шигардии Зуҳурӣ дар он аст, ки дар таркибҳои ба тариқи «ошноизудоӣ» сохтаи худ мафҳуми мутазодро ба кор бурда, дар қолабҳои «сад тараб ободӣ», «сад тараб шодӣ», «сад тараб хурсандӣ», «сад тараб ханда» таркиби мутаззодии «сад тараб ғам» эҷод кардааст, ки ба маънои «дар ҳаҷми сад тараб ғам дорам» бозгӯ намудааст.

Сад тараб ғам:

Арзон наметавон зи касе ними ҷон харид,
Мушкил ба **сад тараб ғам**е аз ман тавон харид [9, с.486].

Сад боғ рангу бӯй:

Чун навбаҳор қисмати мероси хеш кард,
Сад боғ рангу бӯй ба гулрӯи мо расид [9, с.487].

Сад офтоб фурӯғ:

Сармояе надошт Зуҳурӣ чунон ба каф,
Сад офтоб фурӯғ аз ниқоб бардорад [9, с.488].

Сад захм рашк:

Сад захм рашк дар дили пурхун ниҳода сар,
То кай ҷигар хаданги ғамашро сипар шавад [9, с.489].

Сад хуршед ранг:

Назар дар дида медӯзад ба сӯяш чун тавон дидан,
Ки **сад хуршед** аз он рухсори оташ **ранг мерӯяд** [9, с.478].

Сад сафҳа сабру ҳуш:

Хиромидию шуд **сад сафҳа сабру ҳуш** помолат,
Биё, биншин, ки ҳар кас бар сарат сад ҷон фурӯ резад [9, с.484].

Сад чаман гул:

Хорчинони сари кӯе зи боғи чеҳрае,

Сад чаман гул дар гиребони тамошо рӯфтаанд [9, с.480].

Сад Миср шакар:

Номи туро ҳаловати **сад Миср шаккар** аст,

Хуш лаззате захира ниҳодаст коми ман [9, с.610].

Таркиби «сад Миср шакар» дар ашъори шоирони сабки ҳиндӣ басомад дошта, аз ҷумла Абдулқодири Бедил низ фармудааст:

Сад Миср шакар об шуд аз шарми ҳаловат,

Пеши ду лаби ӯ, ки муқаррар шуда қандаш [3].

Дар байтҳои фавқи Абдулқодири Бедил ва Зуҳурии Туршезӣ вожаи «ҳаловат» дар мавриди истифодаи таркиби «сад Миср шакар» то андозае зоҳиран наздикии маъноии онҳоро инъикос намудааст, ки Зуҳурӣ ҳаловат аз номи маъшуқаро ба «сад Миср шакар» баробар шуморида, андозаи захираи лаззати комашро муайян намуда, Абдулқодири Бедил ба ҳамин андоза об шудани шакарро аз шарми ҳаловат дар муқобили қанди ду лаби маъшуқа изҳор доштааст.

Хулоса, Зуҳурии Туршезӣ бо бакоргирии шигарди «ошноизудоӣ», истиора дар феъл ва ё истиораи табъия, вобастаҳои ададӣ ва воҳидҳои ибтикорӣ, дар паҳлуи ҳам гузоштани ороятҳои адабӣ бар амсоли иҳом бо киноя, маҷоз бо киноя, ташбеҳу тамсил бо ташхис, ки на танҳо тобишҳои услубӣ, балки маъноӣ ва сабкӣ низ гирифтаанд ва инро метавон шартан «шеваи муодиласозӣ»-и ӯ номид, ҷиҳати тозагии маъно ва тобишҳои нави забони ҳунарӣ, эҷози сухан, дурии парвози мурғи хаёл ва бад-ин васила маърифати ҷаҳони комилан тозаи адабӣ зеҳни худро дар кураи оташи ҷустуҷӯ пухтааст ва ба василаи борикандешӣ, хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ бардошти ҷадид аз сухан кардааст.

Зуҳурии Туршезӣ чашми завқи худ, идрок ва эҳсоси худро бо оби мусаффои забони ҳунарӣ шустааст, то ҳар чизи оламро бо назари дигар бинад ва аз он назокату латофат ба мо дарак бидиҳад.

Мафҳуми «ошноизудоӣ», ки дар адабиётшиносии ҷаҳон дар қарни XX таҳаввулоти тоза андохт, маҳсули зеҳни Виктор Шкловский - адиби рус буда, яке аз назарияҳои адабии мактаби формалистони рус аст, ки дар шинохти чиз (ашё, ҳодиса, ҳолат) аз равзанаи «бегонасозӣ», дур кардани сифат ва хусусияти аслии чиз ва бо ҳамин роҳ андӯхтани нигоҳи тоза ба он ва дар ниҳоят, маҳз бо ҳамин равиш офаридани забони ноби ҳунарию адабӣ ва маънои ҷадид мебошад.

Мукарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, досенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмадӣ, Алиакбар. Ошноизудоӣ ва нақши он дар халқи шеър / Алиакбар Аҳмадӣ, Ҳафтодар, Ризоӣ Ғулобаббос, Иброҳим Номдорӣ // Маҷаллаи Сухан. – Теҳрон, Давраи 5. - № 2. Зимистони 1392. - 162 с.
2. Балхӣ, Ҷалолиддин. Девони кабир / Ҷалолиддин Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 782 с.
3. Бедил, Абдулқодир. Куллиёт.Ҷилди 5 / Абдулқодир Бедил. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 456 с.
4. Ганҷавӣ, Низомӣ. Достони Лайлӣ ва Маҷнун / Низомии Ганҷавӣ; муқаддимаи Бертельс Е.Э. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Сталинобод, 1947. - 82 с.
5. Ганҷавӣ, Низомӣ. Махзан-уласрор / Низомии Ганҷавӣ № матни илмӣ-интиқодӣ; тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан А.Ализода. - Боку, 1960. - 312 с.
6. Нодири Нодирпур Буттарош. Шеъри муосри Эрон / Нодирпур, Нодир; мураттиб Алиасғари Шеърдӯст. - Душанбе: Пайванд, 2012. - 476 с.
7. Ҳазору як ҳадис. – Душанбе: Ориёно, 1991. – 144 с.
8. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазалиёт / Зуҳурии Туршезӣ; бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1622 с.
9. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома.Ҷилди 1. / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 282 с.
10. Шервонӣ, Хоқонӣ. Девон / Хоқонӣ Шервонӣ. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 312 с.
11. Шарипов Ш.Р. Фарҳанги суханварӣ дар фаъолияти касбии хизматчии давлатӣ / Ш.Р. Шарипов. - Душанбе: Ирфон, 2015. – 128 с.
12. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ; мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ.Шанбезода. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 742 с.
13. Шарипов Ш. Равишҳои ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ / Ш. Шарипов // Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе: Лингвопарк, 2017. - № 2-3(26-27). - 222 с.
14. Шафеии Кадканӣ. Растохези калимот. Дафтари гуфторҳо дар бораи назарияи адабии суратгароёни рус / Кадканӣ, Шафеӣ. - Теҳрон: Сухан, 1391. - 512 с.
15. Шафеи Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Кадканӣ, Шафеӣ. – Теҳрон: Сухан, 1363. - 712 с.
16. Шафеи Кадканӣ. Шоири оинаҳо / Кадканӣ, Шафеӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. - 338 с.
17. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шеър ва адабиёти Эрон / Нуъмонӣ, Шиблӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақии Фахруддоии Гелонӣ. Китоби дувум. Ҷилди сеюм. - Теҳрон: Ошно, 1348. – 204 с.
18. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369. – 312 с.

19.Якобсон Р.О. Мактаби расмӣ ва адабиётшиносии муосири рус / Р.О. Якобсон; Ed.-comp. Т.Глантз; Эд. Д.Сичинава; тарҷума бо чех. Е.Бобракова-Тимошкина. - Москва: Забонҳои фарҳангҳои славянӣ, 2011. - 280 с.

КОРБУРДИ ШИГАРДҲОИ ҲИНҶОРШИКАНӢ ВА ОШНОИЗУДОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Дар мақола муаллиф кӯшидааст, ки дар бораи мавқеи истифодаи шигардҳои (приёмҳои) ҳинҷоршиканӣ (аз қоидаҳои забонӣ берун рафтан ба ҳадде, ки мазмун нофаҳмо шавад) ва ошноизудоӣ (бегонасозӣ, одатзудоӣ, як навъ дур кардани хусусият ва хосияти аслии ашё ва ба ашё вобаста кардани хосияти ғайриаслӣ), ки дар сабки ҳиндӣ, бавежа ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ як навъ техникаи ҳунарӣ буда, маъноро дар хизмати забон қарор медиҳад ва ҷиҳати дарёфти наздиктари ҳақиқат маъноро тавассути забон ва унсурҳои забонӣ дар шеър тобиш ва ранги тоза мебахшад. Дар назарияи нақди ҳунарӣ ва адабӣ мафҳуми ошноизудоӣ, ки бунёдгузори он мунаққид, адиб ва формалисти бузурги рус Виктор Шкловский аст, на донистани шакли чизҳо, балки интиқоли ҳисси ашёст, ки дарк карда мешавад. Ҳунари адабӣ бо мураккабгаёнӣ аз ашё ва мафҳум хусусияти аслии онҳоро мегирад. Ин навъи ҳунари адабӣ - ошноизудоӣ дар сабки ироқӣ низ ба чашм мерасад ва дар сабки ҳиндӣ ниҳоят бисёр дида мешавад. Вазифаи ҳунари адабӣ ба андешаи Виктор Шкловский ноошно ва дур намудани чизҳо аз сифоту хусусиёти аслии онҳо ва дар ин замина шинохти тоза ва маърифати ҷанбаҳои дигари айни ҳамон ашёст. Яке аз мушаххасоти шеъри Зуҳурӣ дар он аст, ки дар сухан растохези калимот: зинда кардани маъно баъд аз марг (забонзадашавӣ, куҳнагӣ, обшусташавӣ, такрорёбӣ ва ё маъмулгардӣ), тақвиятбахшии дарки хонанда ва ё шунаванда, тоза кардани гарди такрор аз рухи суханро ноил гардидааст. Мафҳуми «ошноизудоӣ» (остранения/defamiliarization), ки дар адабиётшиносии ҷаҳон дар қарни XX таҳаввулоти тоза андохт, маҳсули зеҳни Виктор Шкловский - адиби рус буда, яке аз назарияҳои адабии мактаби формалистони рус аст, ки дар шинохти чиз (ашё, ҳодиса, ҳолат) аз нигоҳи «бегонасозӣ», дур кардани сифат ва хусусияти аслии чиз ва бо ҳамин роҳ андӯхтани нигоҳи тоза ба он ва дар ниҳоят, маҳз бо ҳамин равиш офаридани забони ноби ҳунарию адабӣ ва маънои нав мебошад.

Калидвожаҳо: ғазал, шигардҳои (приёмҳои) ҳинҷоршиканӣ, ошноизудоӣ, сабки ҳиндӣ, ҳунари адабӣ, мураккабгаёнӣ, адабиёт, назарияи адабӣ, формализм, ороятҳои адабӣ, сухан, ташбеҳ, маҷоз, истиора, талмеҳ, киноя, борикандешӣ, хаёлбандӣ, нозукбинӣ, мазмунофаринӣ, таркиб, нақди адабӣ, сохтор, шакл.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ЛИТЕРАТУРНЫХ ПРИЕМОВ: ОТКЛОНЕНИЯ ОТ ПРАВИЛ ЯЗЫКА И ОТСТРАНЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

В статье автор пытается объяснить позицию употребления идиом (отклонения от правил языка до степени непонятности содержания) и фамильярности (отчуждения, привыкания, своеобразного удаления изначальной природы и свойств объекта и его связи с объектом). неаутентичный), который в индийском стиле, особенно в газелях Зухури Туршези, является своего рода художественной техникой, которая ставит смысл на службу языку и придает новый цвет и значение языку через язык и языковые элементы, чтобы найти истину ближе. В теории художественной и литературной критики понятие фамильярности, основанное великим русским критиком, писателем и формалистом Виктором Шкловским, является не знанием формы вещей, а восприятием восприятия вещей. Литературное искусство, с его сложностью, приобретает оригинальный характер с помощью предметов и концепций. Этот вид литературного искусства также известен иракскому стилю и очень распространен в индийском стиле. Задача литературного искусства, по мнению Виктора Шкловского, состоит в том, чтобы убрать незнакомые вещи и избавить их от их первоначальных качеств и характеристик и на этой основе обеспечить чистое признание и просветление других аспектов того же самого. Одна из особенностей поэзии Зухури заключается в том, что в речи слова встают: возрождая смысл после смерти (говорение, старость, смывание, повторение или популяризация), усиливая восприятие читателя или слушателя, очищая повторяющуюся пыль от духа речи. Концепция «клеветы», которая произвела революцию в мировой литературе XX века, является детищем русского писателя Виктора Шкловского и является одной из литературных теорий русской формалистической школы познания. С точки зрения «отчуждения», это удаление изначального качества и природы объекта и, следовательно, свежий взгляд на него, и, наконец, создание таким образом нового художественного и литературного языка и смысла.

Ключевые слова: появление кислотности, газель, рифмы (приемы), знакомство, индийский стиль, литературное искусство, сложность, литература, теория литературы, формализм, литературная риторика, риторика, метафора, аллегория, метафора, воображение, тонкость, создание содержания, композиция, литературная критика, структура, форма.

CONSUMPTION OF LITERARY TECHNIQUES AND DEPARTURE IN GAZELS OF ZUKHURI TURSHEZI

In the article, the author tries to explain the position of the use of idioms (deviations from the rules of the language to the degree of incomprehensibility of the content) and familiarity (alienation, addiction, a kind of removal of the original nature and properties of the object and its connection with the object). inauthentic), which in Indian style, especially in the gazelles of Zuhuri Turshezi, is a kind of artistic technique that puts meaning at the service of language and gives new color and meaning to language through language and linguistic elements in order to find the truth closer.In the theory of art and literary criticism, the concept of familiarity, founded by the great Russian critic, writer and formalist Viktor Shklovsky, is not knowledge of the form of things, but the perception of the perception of things. Literary art, with its complexity, takes on an original character from objects and concepts. This type of literary art is also known for the Iraqi style and is very common in the Indian style. The task of literary art, according to Viktor Shklovsky, is to remove unfamiliar things and rid them of their original qualities and

characteristics and, on this basis, provide a clear recognition and enlightenment of other aspects of the same. One of the features of Zukhuri's poetry is that words stand up in speech: reviving meaning after death (speaking, old age, washing away, repeating or popularizing), enhancing the perception of the reader or listener, clearing the repetitive dust from the spirit of speech. The concept of "slander", which revolutionized the world literature of the twentieth century, is the brainchild of the Russian writer Viktor Shklovsky and is one of the literary theories of the Russian formalistic school of knowledge. From the point of view of "alienation", it is the removal of the original quality and nature of the object and, therefore, a fresh look at it, and, finally, the creation in this way of a new artistic and literary language and meaning.

Key words: the appearance of acidity, gazelle, rhymes (techniques), acquaintance, Indian style, Viktor Shklovsky, literary art, complexity, literature, theory of literature, formalism, literary rhetoric, rhetoric, metaphor, allegory, metaphor. imagination, subtlety, content creation, composition, literary criticism, structure, form.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Шариф Раҳмонович*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. E-mail: **ssssharif@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-757-32-28**

Сведение об авторе: ***Шарипов Шариф Рахмонович*** - Академия государственного управлении при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и документации. E-mail: **ssssharif@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-757-32-28**

Information about the author: ***Sharipov Sharif Rakhmonovich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of Philology, associate of the Department of Tajik Language and Documentation. E-mail: **ssssharif@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-757-32-28**

УДК: 809.155.0:008

ШАРҲИ МАЪНОҲОИ ЛУҒАВИИ ВОЖАИ «HEALTH» (САЛОМАТӢ) ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ахмедова А.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забони ҳар миллат таҷрибаи пешинаи ҷомеаро инъикос менамояд, ки дар ниҳоят бо мафҳумҳои фарҳангӣ шаклҳои устуворро мегирад.

Консепти «саломатӣ» дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо вожаи «health» ифода ёфтааст. Консепти мазкур дар низоми луғавии забони англисӣ вожаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он ки консепти «саломатӣ» дар аксари забонҳо шабеҳ аст, барои як қатор илмҳо, аз ҷумла илмҳои тиб, равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, экология объекти омӯзиш қарор дорад, бояд мафҳуми илмии “саломатӣ” ҳамаҷониба ва мукаммал тафсир гардад.

Омӯзиши консепти мазкур дар забоншиносии фарҳангӣ ва таҷассуми он аз нуқтаи назари ташаккули тамоюлоти арзишии халқҳои гуногун хеле ҷолиб аст.

Консепти «саломатӣ» аз тарафи як қатор олимону забоншиносон омӯхта шудааст. Аз ҷумла, забоншиносон Усачева А.Н. (2002), Аксенова Е.Д. (2007), Бухтоярова Г.Ю. (2010), Петкау А.Ю. (2015), Дубинец З.А. (2018) дар асоси як забон, Некора Н.Е. (2008), Мельникова С.А. (2012), Тимошенко Л.О. (2005), Туленинова Л.В. (2008), Ялалова Р.Р. (2014), Байрамова Л.К. (2015), Киселева Л.С. (2017), Л.Р. Сакаева (2017) дар асоси муқоисаи забонҳо консепти «саломатӣ» - ро омӯхта, таҳқиқ намудаанд.

Яке аз аввалин таҳқиқот дар забоншиносии муосир консепти «саломатӣ» дар асоси забони англисӣ аз тарафи Усачева А.Н. таҳқиқ гардидааст. Забоншинос Усачева А.Н. дар кори илмии худ параметрҳои забонии мафҳуми «вазъи саломатӣ»-ро дар забони англисии муосир таҳлил намуда, воситаҳои забоншиносии (лексикии) забони англисиро, ки мафҳуми фарҳангии «вазъи саломатӣ» -ро ифода менамоянд, ба таҳқиқ фаро гирифтааст.

Дар китоби худ «Мафҳум ва айният, ё ин ки роҳ ба сӯйи худ» забоншинос ва философи литвагӣ Роландас Павилёнис оид ба саломатӣ чунин гуфтааст: Агар мо табиати «беморӣ» -ро нафаҳмида бошем, меъёри «саломатӣ»-ро ба ҷо овардан ғайриимкон аст. Агар ҳамаи одамон танҳо солим бошанд, калимаи «солим», ки ба шахс дахл дорад, он вақт маъное надорад.

Петкау А.Ю дар мақолаи худ консепти саломатиро ҳамчун падидаи фарҳангӣ (дар асоси маводи паремиологии русӣ) ба тасвиб даровардааст. Ӯ муҳтавои консепти «саломатӣ»-ро дар заминаи то инқилоб, шӯравӣ ва пасошӯравӣ таҳлил намуда, омӯзиши мазмуни семантикии консепсияро дар маводи паремиологӣ гузаронида, исбот намудааст, ки мафҳуми «саломатӣ» дар фарҳанги русӣ доимист, зеро падидаи таҳлилшуда маънои фарҳангиро дар саросари кишвар нигоҳ дошта, асрҳо, дар зери таъсири омилҳои экстралингвистӣ тағйир наёфтааст.

Абӯалӣ ибни Сино ба тарзи ҳаёти солим ва беҳдошти саломатӣ аҳаммияти хосса додааст. Ӯ дар байни меъёрҳои ҳифзи саломатии инсон омилҳои асосӣ: парҳез, вазни бадан, таъсири муҳити зист, фарҳанги либоспушӣ, гимнастика, тарбияи ҷисмониро муайян намудааст.

Аз тарафи ҷарроҳи шоистаи соҳаи тиб Н.М. Амосов дар китоби ӯ «Энсиклопедияи Амосов. Алгоритми саломатӣ” чунин муқаррароти асосии «Алгоритми саломатӣ...» пешниҳод гаштааст: 1) ба аксари бемориҳои инсон танбалӣ ва чашмгуруснагӣ айбдор аст, на табиат ё ҷомеа; 2) барои солим будан, бояд инсон - фаъолияти ҷисмонӣ кунад, ғизои муътадил истеъмол намояд ва обутоб ёбад. Бо гуфтаҳои боло ҳамфикр буда, қайд менамоем, ки беҳдошти саломатӣ дар ғизои солим ва тарбияи ҷисмонист.

Лексемаи «health» дар фарҳанги тафсирии нашри нуҳуми «Oxford Advanced Learner’s Dictionary» ба таври зайл таъриф шудааст:

*1. the condition of a person’s body or mind [**маҳтул**. ҳолати бадан ё ақли одам]. Exp: Exhaust fumes are bad for your health (Газҳои ихроҷшуда ба саломатии шумо зарароват аст);*

*2. the state of being physically and mentally healthy [**маҳтул**. Вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ]. Exp: She was glowing with health and clearly enjoying life (Вай саломат менамуд ва аз зиндагӣ лаззат мебурд);*

*3. the work of providing medical services [**маҳтул**. Кор дар самти хизматрасониҳои тиббӣ]. Exp: All parties are promising to increase spending on health (Ҳамаи ҳизбҳо ваъда медиҳанд, ки хароҷоти соҳаи тандурустиро меафзоянд);*

*4. how successful something is [**маҳтул**. то чӣ андоза муваффақ будан] the health of your marriage/finances (зиндагии осоишта) [7, с.705].*

Мавриди тазаккур аст, ки яке аз тафсироти вожаи «health» дар фарҳанги тафсирии мазкур, дорои маънои the «Health Minister», «the Department of Health» мебошад ва он ба «Вазорати тандурустӣ», «шуъбаи тандурустӣ» дар забони тоҷикӣ рост меояд, ки он дар дигар луғатҳои тафсирии забони англисӣ қайд нашудааст.

Дар фарҳанги «Longman Dictionary of Contemporary English» бо чунин маъноҳо ифода ёфтааст:

*1. your physical condition and how healthy you are [**маҳтул**. ҳолати ҷисмонии шумо ва чӣ гуна солим будани шумо];*

*2. the state of being healthy [**маҳтул**. вазъи саломатӣ] [6, с.660].*

Вожаи «health» дар фарҳанги «The Concise Oxford Dictionary of Current English» бо маъноҳои *«soundness of body [**маҳтул**. солимии бадан]; condition of body [**маҳтул**. ҳолати бадан]»* омадааст [9, с.565].

Дар луғати электронии «Cambridge learner's Dictionary» лексемаи «health» чунин мафҳумро дорост:

*1. the condition of the body and the degree to which it is free from illness, or the state of being well [**маҳтул**. ҳолат ва дараҷаи беҳбудии бадан ё вазъи саломатӣ];*

*to bein good/poor health [**маҳтул**. дар ҳолати хуб/бад будани саломатӣ]; Exp: Regular exercise is good for your health (Машқи мунтазам барои саломатии шумо хуб аст);*

*2. the condition of something that changes or develops, such as an organization or system the financial health of the business[**маҳтул.** ҳолати чизе, ки тағйир ё рушд мекунад, ба монанди ташкилот ё система; беҳбудии молиявии тиҷорат].*

Мафҳуми «health» (саломатӣ) аз нуқтаи назари арзёбии маҷмӯи аломатҳое, ки хосси он мебошанд, баррасӣ шудааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки консепти «health» (саломатӣ) дар забони англисӣ вазъи солими равонӣ ва ҷисмониро ифода менамояд. Инчунин, маънои рушди ташкилот ё система ва беҳбудии молиявии тиҷоратро низ дорост.

Дар луғати электронии «Webster's New World Dictionary & The saurus» калимаи мазкур ба маъноҳои зерин омадааст:

*1. condition of body or mind [**маҳтул**. ҳолати бадан ё ақл];*

*2. the state of being physically and mentally healthy [**маҳтул**.вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ];*

*3. soundness or vitality, as a society or culture [**маҳтул**.солимӣ ё коршоямӣ, ҳамчун ҷомеа ё фарҳанг].*

Лексемаи «health» дар фарҳанги «Oxford wordpower dictionary» ба таври зайл таъриф шудааст:

*1. physical or mental well-being, freedom from disease, pain or defect [**маҳтул**. солимии ҷисмонӣ ё равонӣ, озодӣ аз беморӣ, дард ё нуқсон];*

*2. normalcy of physical and mental functions [**маҳтул**. Функсияҳои муқаррарии ҷисмонӣ ва ақлӣ].*

*3. Soundness [**маҳтул.**солим] [8, с.297].*

Дар луғати онлайни «English- English Dictionary» вожаи «health» бо вазъи солимӣ ва беҳбудӣ аз беморӣ ифода шуда, чунин шарҳ ёфтааст:

*1. a healthy state of wellbeing free from disease [**маҳтул**. вазъи солимии беҳбудӣ аз беморӣ];*

*2. the general condition of body and mind [**маҳтул.** Ҳолати умумии бадан ва ақл].*

Дар луғати «Oxford wordpower dictionary» ва «English - English Dictionary» вожаи «health» бо вазъи солимӣ ва беҳбудӣ аз беморӣ, функсияҳои муқаррарии ҷисмонӣ ва ақлӣ ифода шудааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки шарҳи вожаи мазкур ба ҳолати умумии бадан ва ақл равона шудааст.

Вожаи «health» дар луғати онлайни «Collins English Dictionary» ҳамчун исми шумориданашаванда қайд шуда, бо маъноҳои зерин омадааст:

1. *a person's health is the condition of their body and the extent to which it is free from illness or is able to resist illness [**маҳтул**. саломатии инсон ин ҳолати бадан ва дараҷаест, ки он аз беморӣ озод аст ва ё ба беморӣ муқобилият карда метавонад]. Exp: Caffeineisbadforyourhealth (Кафе ин ба саломатии шумо зараровар аст);*

2. *health is a state in which a person is not suffering from any illness and is feelingwell [**маҳтул**.саломатӣ ҳолатест, ки дар он шахс аз ягон беморӣ азият намекашад ва худро хуб ҳис мекунад] Exp: In hospital they nursed me back to health (Дар беморхона онҳо маро сиҳат намуданд);*

3. *to drink some one's health [**маҳтул**. аз барои саломатии касе нӯшидан];*

4. *the health of something such as an organization or a system is its success and the fact that it is working well [**маҳтул**. муваффақияти чизе монанди ягон созмон ё система дар он аст, ки он хуб кор мекунад] Exp:There's no way to predict the future health of the banking industry(ягон пешгӯии беҳбудии ояндаи соҳаи бонкӣ нест).*

Дар баробари ифодаи вазъи солими бадан лексемаи «health»-ро инчунин дар мавриди нӯшидани қадаҳ аз барои саломатии касе низ истифода мебаранд.

Мафҳумҳои «healthy» ва «солим» дар забони англисӣ ва тоҷикӣ, аз сифатҳои якрешагӣ таркиб ёфта, бо лексемаҳои «health» ва «саломатӣ» ягонаанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки лексемаи «health» дар луғатҳои забони англисӣ бо таърифҳои зерин ифода мешаванд:

1. *having good health; well; sound – саломатии хуб доштан, солим, тавоно будан;*
2. *showing or resulting from good health (a healthy color) – дар натиҷаи саломатии хуб солим вонамудан;*
3. *healthful: helping to produce, promote ormaintain good health; salutary; wholesome - саломатӣ: мусоидат ба истеҳсол, тарғиб ё нигоҳдории саломатии хуб; солим; фоидабахш;*
4. *normaland sensible – шахси муқаррарӣ (солимии равонӣ ва ҷисмонӣ) ва солимақл.*

Ҳамин тавр, таҳлили маъноии вожаи ***саломатӣ*** дар забони англисӣ *«health»* дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ нишон дод, ки лексемаи мазкур дар забонҳои муқоисашаванда маъноҳои умумиро, аз ҷумла, *тандурустӣ*; *вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ; солимии бадан; ҳолати бадан; солим, тавоно будан; солимақл; вазъи солимии беҳбудӣ аз беморӣ; зиндагии осоишта; оилаи солим; беҳбудии молиявии тиҷорат*; *сиҳат ёфтан (шудан) тандуруст шудан, аз беморӣ шифо ёфтанро* ифода менамояд.

Вожаи ***health*** дар забони англисӣ *то чӣ андоза муваффақ будан, дар беҳбудии оилавӣ ва молиявӣ (how successful something is, the health of your marriage/finances)-ро* ифода менамояд, ки ҳолати мазкур танҳо ба мардуми англисзабон хос буда, дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад.

Дар забони англисӣ консепти «саломатӣ» бо сифати *healthy* (тандуруст), бо исмҳои *condition* (вазъият), *wellbeing* (беҳбудӣ), *state* (ҳолат), *strength* (боқувват), *fitness* (фитнес), *vigour* (қувва), *wellness* (саломатӣ), *soundness* (солимӣ), *robustness* (бардам), *healthiness* (саломатӣ), *salubrity* (шифобахшӣ), *haleness* (зиндадилӣ), *form* (шакл), *shape* (намуд), *tone* (қувват), *constitution* (ҷасомат), *fettle* (вазъият) ифода меёбад.

Аз таҳлили луғатҳо инчунин бармеояд, ки лексемаи *healthy* метавонад, бо маъноҳои маҷозии «large, vigorous, etc.» (a healthy yell)) - «азим, боқувват, баланд, бардам» бо аломати *informal (ғайрирасмӣ)* дар гуфтугӯ, инчунин successful and working well - «муваффақ, корчалон» (a healthy economy; Your car doesn't sound very healthy) ва «large and showing success» -муваффақ (Мисол: *a healthy bank balance- беҳбудии молиявӣ)* ояд. Дар навбати худ бояд қайд намуд, ки лексемаи *тандуруст* «*healthy*» ба маънои «large and showing success» - муваффақ дар сарчашмаҳои идеографии тоҷикӣ мукотиба надорад [1, с.42].

Лексемаи *condition,* ки бо яке аз маъноҳои худ муродифи вожаи health гаштааст, дар фарҳанги «Oxford Advanced Learner's Dictionary», чунин тафсир шудааст: *the state of somebody's health or how fit they are -вазъи саломатии касе ё то чӣ андоза мувофиқ будани онҳо.*

He is overweight and out of condition –Ӯ вазни зиёдатӣ дорад. You are in no condition to go anywhere - Шумо барои ба ягон ҷо рафтан ҳеҷ гуна шароит надоред. The motorcyclist was in a critical condition in hospital last night. Шаби гузашта мотосиклист дар беморхона дар ҳолати вазнин қарор дошт.

Ва инчунин ҳамчун исми шуморидашаванда бо маънои an illness or a medical problem that you have for a long time because it is not possible to cure it - беморӣ ё мушкилоти тиббӣ,

ки шумо муддати тӯлонӣ доред, табобати он имконнопазир аст*: a medical condition. [**маҳтул**. Вазъи тиббӣ]* меояд [7, с.307].

He suffers from a serious heart condition - Ӯ аз сактаи қалб дард мекашад.

Исми шумориданашавандаи *wellbeing* ҳаммаънои вожаи health буда, дар фарҳанги забони англисӣ ҳамчун general health and happiness: emotional/ physical/ psychological well-being*[**маҳтул**. саломатӣ ва хушбахтии умумӣ: беҳбудии эҳсосотӣ, ҷисмонӣ, равонӣ]*; to have a sense of well-being шарҳ ёфтааст [7, с.1710].

Councils are responsible for the physical and mental wellbeing of their residents, yet last year some spent only 0.4 per cent of their budget on mental health - Шӯроҳо барои солимии ҷисмонӣ ва равонии сокинони худ масъуланд, аммо соли гузашта баъзеҳо танҳо 0.4 фоизи буҷаи худро барои солимии равонӣ сарф карданд [12].

Вожаи *strength* исми шумориданашаванда, ба маънои *your strength is the physicalenergy that you have, which gives you the ability to perform various actions, such as lifting or moving things [**маҳтул**. қувваи шумо ин неруи ҷисмонӣ мебошад, ки ба шумо қобилияти иҷрои амалҳои гуногун, ба монанди бардоштан ё ҳаракат доданро медиҳад]*меояд, ки вожаи мазкур ба қатори синонимҳои лексемаи health ворид гаштааст.

She has always been encouraged to swim to build up the strength of her muscles. - Ӯро ҳамеша дастгирӣ мекарданд, то ки ба шиноварӣ машғул шуда қуввати мушакҳои худро мустаҳкам кунад.

He threw it forward with all his strength. - Вай онро бо тамоми қувваташ пеш кард.

You don't need strength to take part in this sport. - Барои иштирок дар ин варзиш ба шумо неру лозим намешавад.

Лексемаи *fitness* низ муродифи вожаи health буда, он аз решаи *fit* ва суффикси исмсози-*ness* таркиб ёфта, он дар фарҳанги «Oxford Advanced Learner's Dictionary» ҳамчун *healthy and strong, especially because you do regular physical exercise[**маҳтул**.солим ва қавӣ, хусусан аз он сабаб, ки шумо мунтазам машқҳои ҷисмонӣ мекунед] [7, с.571]* тафсир шудааст.

Top athletes have to be very fit - Варзишгарони беҳтарин бояд дар ҳолати хуб қарор дошта бошанд.

He won't be fit to play in the match on Saturday – Ӯ дар бозии рӯзи шанбе иштирок карда наметавонад.

He's had a bad cold and isn't fit enough for work yet – Вай сахт шамол кашидааст ва ҳоло кор карда наметавонад [7, с.571].

Вожаи *robustness* ҳаммаънои лексемаи health буда, аз сифати *robust ва* пасванди исмсози *–ness* таркиб ёфта, дар фарҳанги забони англисӣ дорои маънои *strong and healthy [**маҳтул.** солим ва бардам]* мебошад [7, с.1301].

Вожаи *vigour* ҳаммаънои вожаи health буда, дар луғати онлайни «Collins English Dictionary» чунин ифода ёфтааст:

*Vigour is physical or mental energy and enthusiasm. [**маҳтул**. Қувваи неруи ҷисмонӣ ё равонӣ ва ғайрат аст].*

His body lacks the bounce and vigour of a normal two-year-old - Дар бадани ӯ устуворӣ ва нерӯи кӯдаки дусолаи муқаррарӣ намерасад [11].

Лексемаи *wellness* аз решаи *well* ва пасванди-*ness* таркиб ёфта, дар фарҳанги забони англисӣ бо маънои *the state of being health [**маҳтул**. вазъи саломатӣ* дарҷ гардидааст [7,с. 1710]. Лексемаи *wellness* дар забоншиносии муосир серистеъмол буда, махсусан дар баробари вожаи health истифода мешавад. Дар лавҳаҳои ғизои солим низ навиштаҷоти *wellness* қайд шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки вожаи *well* махсусан бо шарҳи *well is used especially to talk about your own health, to ask somebody about their health or to make a comment on it [**маҳтул**. дар бораи саломатии худ гуфтан, оиди саломатии касе пурсидан ё тавзеҳ додан оиди он]* ва инчунин бо якчанд ифодаҳои ***all right*** *(Are you filling all right? – Оё шумо хуб ҳастед?),* ***OK*** *(She says she's OK now, and will be back at work tomorrow. - Ӯ мегӯяд, ки ҳоло хуб аст ва фардо ба кор хоҳад омад),* ***fine*** *("How are you?" "Fine, thanks" - Шумо чӣ хелед? " "Хубам ташаккур"),* ***healthy****(Keep healthy by exercising regulary. - Бо машқҳои мунтазам саломатиатонро нигоҳ доред),* ***strong*** *(After a few weeks she was filling stronger. – Баъд аз якчанд ҳафта ӯ худро хубтар ҳис мекард)* ба қатори муродифоти вожаи health дохил мешаванд [7, с.1709].

Дар натиҷаи таҳлилҳо маълум гашт, ки маънои вожаи «health» дар луғати тафсирии нашри нуҳуми «Oxford Advanced Learner's Dictionary», маънои the «Health Minister», «the Department of Health» ба «Вазорати тандурустӣ», «шуъбаи тандурустӣ» дар забони тоҷикӣ рост меояд, ки он дар дигар луғатҳои тафсирии забони англисӣ қайд нашудааст [7, с. 705].

Вожаи қуҳани *fettle* низ дар фарҳанги тафсирии забони англисӣ ба маънои *healthy «саломатӣ»* истифода мешуд [7, с.556].

Хулоса, таҳлили луғавии вожаҳои ифодакунандаи консепти *«саломатӣ/health»* нишон дод, ки дар забони англисӣ доираи луғавии консепти мазкур васеъ буда, он аз лексемаҳои мухталиф иборат аст. Қисмати марказии доираи луғавии консепти *«саломатӣ»* -ро дар забони англисӣ вожаҳои *healthy* (тандуруст), *condition* (вазъият), *wellbeing* (беҳбудӣ), *strength* (боқувват), *fitness* (фитнес), *vigour* (қувва), *wellness* (саломатӣ), *soundness* (солимӣ), *healthiness* (саломатӣ) ташкил медиҳанд. Қисмати ғайримарказии доираи луғавии консепти *«саломатӣ»* бошад, аз калимаҳои *state* (ҳолат),*robustness* (бардам), *salubrity* (шифобахшӣ), *haleness* (зиндадилӣ), *form* (шакл), *shape* (намуд), *tone* (қувват), *constitution* (ҷасомат), *fettle* (вазъият), *OK* (хуб будан), *fine* (хуб), *strong* (қавӣ) таркиб ёфтааст.

Мувофиқи низомномаи Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ: «Тандурустӣ на танҳо набудани беморӣ ё нуқсонҳои ҷисмонист, инчунин ин вазъи солимии пурраи ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ» мебошад. Аммо қисми зиёди нашрияҳо дар бораи иқтибоси дар боло овардашуда баъзе эродҳои танқидӣ доранд, масалан, «... чунин таърифи васеи сотсиологӣ то андозае баҳснок аст, зеро фоиданокии иҷтимоии инсон на ҳамеша бо ҳолати биологии ӯ рост меояд», ки бо он ихтилофи назар ғайриимкон аст, дар хотир доштани мисолҳои сершумори фаъолияти иҷтимоии маъюбон ё беморони фавтида, ки «зиндагиро ба тарзи мувофиқ ва ифодакунанда» меомӯзанд [10, с.8].

Манбаъҳои англисӣ инчунин шартҳои зарурии саломатӣ - набудани зарари ҷисмонӣ, фаъолияти муътадили ҷисмониро таъкид мекунанд. Дар баробари ин, агар дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ консепти «саломатӣ» вобаста *ба ҳолату вазъияти солимии инсон* тафсир шуда бошад, дар фарҳангҳои забони англисӣ он инчунин бо маъноҳои *гизои солим, фаъолияти вазорати тандурустӣ ва муайян кардани дараҷаи муваффақият* ифода меёбанд, ки ин гуна тафсирот дар тасвири забонии тоҷикзабонон дида намешавад.

Муқарриз: ***Хуҷова М.У.*** – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии Маркази мероси хаттии АМ ИТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Туленинова Л.В. Концепты «здоровье» и «болезнь» в английской и русской лингвокультурах: дис. ... канд. фил. наук: 10.02.20 / Туленинова Лариса Владимировна. - Волгоград, 2008. - 248 с.
2. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 996 с.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. / Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2015. – 1050 с.
4. Collins, H. Collins COBULD English Dictionary / H. Collins. – London, 1995. – 1536 p.
5. Hornby A.S. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English / A.S. Hornby. – Oxford, 1982. – 1899 p.
6. Longman Dictionary of Contemporary English. - Pearson Education Limited, 2001. - 1668 p.
7. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English: Oxford Advanced Genie [Text] / A.S. Hornby. - Oxford University Press, 2015. - 9-ed. - 1539 p. - Software: TEXT ware A/S, Copenhagen – DVD.
8. Oxford wordpower dictionary [Text] / Ed. By Sally Wehmeier. - Oxford: Oxford University Press, 1998. - 746 p.
9. The Concise Oxford Dictionary of Current English. - Edited by H. W. Fowler and F.G. Fowler; based on the Oxford Dictionary fifth edition Revised by E. MoINTOSN Etymologies revised by G.W.S. Friedrichsen. - Oxford at the Clarendon Press, 1964. - 1558 p.
10. Payne, Wayne A. Shaping Your Health [Text] I Wayne A. Payne, Dale B. Hahn II Understanding Your Health. - McGraw - Hill Higher Education, 2000. - P.4-9.
11. https://www.collinsdictionary.com/dictionary/english/vigour
12. ***https://www.collinsdictionary.com/dictionary/english/resident*** *TIMES, SUNDAY TIMES (2016)*

ШАРҲИ МАЪНОҲОИ ЛУҒАВИИ ВОЖАИ «HEALTH» (САЛОМАТӢ) ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба шарҳи маъноҳои луғавии вожаи «health» (саломатӣ) дар забони англисӣ маълумот дода шудааст ва инчунин муродифҳои он дарҷ гардидаанд. Дар қисмати аввали мақола доир ба таҳқиқи тафсири луғавии консепт маълумоти мухтасар дода шудааст. Консепти «саломатӣ» дар тасвири забонии ҷаҳони англисзабонон бо вожаи «health» ифода ёфтааст. Консепти мазкур дар низоми луғавии забони англисӣ вожаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он, ки консепти «саломатӣ» дар аксари забонҳо шабеҳ аст, барои як қатор илмҳо, аз ҷумла илмҳои тиб, равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, экология объекти омӯзиш қарор дорад, бояд мафҳуми илмии саломатӣ ҳамаҷониба ва мукаммал тафсир гардад. Дар мақола ҳамчунин дар асоси тафсирҳои лексикографӣ вожаҳои дар мавзӯъ таҳлилгардида, калимаҳое, ки ба онҳо дохил карда шудаанд, асосҳои ташаккули

калимаҳо ва калимасозӣ, этимологияи лексемаҳои омӯхташуда, инчунин синонимҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мувофиқи низомномаи Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ: «Тандурустӣ на танҳо набудани беморӣ ё нуқсонҳои ҷисмонист, инчунин ин вазъи солимии пурраи ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ» мебошад. Дар муқоисаи таърифҳои консепти «саломатӣ» дар забони англисӣ маҷмӯи омилҳои солимии ҷисмонӣ ва равонӣ, вазъи солимии бадан, беҳбудии молиявии тиҷорат ба назар гирифта шудааст.

Калидвожаҳо: консепт, саломатӣ, тандурустӣ, фарҳанг, тафсир, вожа, луғат, солимии ҷисмонӣ ва равонӣ.

ЛЕКСИЧЕСКАЯ ТРАКТОВКА ЛЕКСЕМЫ «HEALTH» (ЗДОРОВЬЕ) В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье даётся объяснение лексического значения слова «здоровье» в английском языке, а также его синонимов. В начале статьи дается краткий обзор изучения концептуальной лексической интерпретации. Понятие «здоровье» выражается в лингвистическом описании англичан словом «health». Это понятие является ключевым словом в лексической системе английского языка. Учитывая, что понятие «здоровье» одинаково в большинстве языков, для ряда наук, включая медицину, психологию, политологию, экологию, научное понятие здоровья должно иметь всестороннюю интерпретацию. Лексикографическое представление здоровья включает лексикографические интерпретации субстантивов здоровья и слов, входящих в их словообразовательные гнезда, исследуются этимология изучаемых лексем, а также их синонимы. Согласно Всемирной организации здравоохранения: «здоровье является состоянием полного физического, душевного и социального благополучия, а не только отсутствием болезней и физических дефектов». Сравнение определений понятия «здоровье» на английском языке учитывает совокупность факторов физического и психического здоровья, а также финансового благополучия бизнеса.

Ключевые слова: концепт, здоровье, толковый словарь, лексикография, слова, словарь, физическое и психическое здоровье.

LEXICALINTERPRETATIONOF "HEALTH" INENGLISHLANGUAGE

The article contains information on lexical interpretation of "health" in English and also its synonyms. The article begins with a brief overview of the study of conceptual lexical interpretation. The concept of "health" is express edin English by the word "health". This concept is a key word in the lexical system of the English language. Considering that the concept of "health" is the same in most languages, for other sciences, including medicine, psychology, political science, ecology, the scientific concept of health must have a comprehensive interpretation. Lexicographic representation of health substances and words included in their word-formative nests are analyzed, the etymology of the studied lexemes, as well as their synonyms, are investigated. According to the World Health Organization: "Health is a state of complete physical, mental and social well-being, and not only the absence of disease and physical defects". A comparison of the definitions of the concept of "health" in English takes into account a set of factors of physical and mental health, physical health, financial well-being of the business.

Key words: concept, health, explanatory dictionary, lexicography, words, dictionary, physical and mental health.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ахмедова Азиза Алиёровна*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, докторанти Ph.d кафедраи грамматика ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-28-77-66**

Сведение об авторе: ***Ахмедова Азиза Алиёровна*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, докторант Ph.D кафедры грамматики и теории перевода. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-28-77-66**

Information about the author: ***Akhmedova Aziza Aliyorovna*** – Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, doctoral student Ph.D of the Department of Grammar and Translation Theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **aziza061994@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-28-77-66**

УДК: 491.550

ИДИОМАҲОИ ТАВСИФӢ

Убайдуллоева М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таснифоти маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ аз таснифотҳои маъмул ва анҷомёфта маҳсуб мешавад. Вобаста ба ин масъала олимони зиёди хориҷиву ватанӣ ақидаҳои худро баён дошта, ифодаҳои рехтаро ба идиомаҳо, фраземаҳо ва ифодаҳои ғайриидиоматикӣ ҷудо кардаанд [ниг.: 10, с.159; 27, с.162; 33, с.111-167; 21; 13; 14].

Ба ин тариқ, идиомаҳо ҳамчун қабати устувор ва дорои маънои маҷозӣ дар таснифоти маъноии ВФ-и забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд. Ба ин нисбат ки қисмати зиёди захираи фразеологии забонамонро маҳз ҳамин навъи фразеологизмҳо ташкил медиҳанд, аз қабили **гурги борондида, дарди сар, гули сари сабад, боми ҷаҳон** ва ғайра:

Иноқ, ки **гурги борондида** ва асабҳояш осуда буд, аз ин сухани Замонбек чандон хафа нашуд [16, с.480]. Аз ҳамин **дарди сар** халос шавем, гуфтанду як одами бегонаро раис карда фиристоданд, ки шахси беғараз ба ҳамаашон як хел муомила мекунад [19, с.247.] … **гули сари сабади** ин зиёфат Қориишкамба ва ноиб дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯҷаи ишкамбанда буданд [3, с.125]. Аз канори деҳа дарёи машҳури Панҷ бо шӯру валвала ҷорист ва қад-қади он роҳи мумфарш печутоб хӯрда, то маркази **Боми Ҷаҳон** - шаҳри Хоруғ тӯл кашидааст [1, с.54].

Як нукта шоистаи зикр аст, ки идиомаи тавсифии гурги борондида дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз ибораҳои рехтаи серистеъмол ба шумор меравад. Ибораи мазкур таърихи тӯлонӣ дошта, дар осори адибони классик низ зиёд истифода шудааст. Масалан, муҳаққиқ Ш.Шарифов ибораи **гурги борондида**ро дар ҳошияи як байти Камоли Хуҷандӣ: «Маро аз гиряи беҳад матарсонед, эй ёрон, Ки гурге инчунин борон фаровон ёд меорад» таҳқиқ намуда, аз фарҳангномаҳои зиёд гунаҳои дигари ин ибораро зикр кардааст [34, с.99-116].

Мувофиқи назарияи олими риштаи фразеология, профессор Ҳ. Маҷидов: “идиомаҳо (аз калимаи юнонии “idioma” гирифта шуда, маъноаш “ифодаи махсус” мебошад), ё худ ифодаҳои идиоматикӣ чунин воҳидҳои фразеологии махсуси забонамонро ташкил медиҳанд, ки бо мазмуни яклухту пуробуранг ва сохти ба қисмҳо ҷудонашавандаи худ ба калимаҳо наздикӣ доранд” [21с.29].

Мавсуф нақши маънои маҷозиро дар устувории идиомаҳо таъкид намуда, зикр менамояд, ки онҳо ба забонҳои дигар дар шакли айнан тарҷума намешаванд ва ин яке аз нишонаҳои муҳимми онҳост: “...ифодаҳои идиоматикии пуробурангу пурҷилои фақат ба тоҷикӣ хос ба забонҳои дигар айнан тарҷума намешаванд. Дар мавриди тарҷумаи ифодаҳо мутарҷим бояд ифодаҳои ҳамвазну ҳаммаънои онҳоро дар забонҳои тарҷумашаванда пайдо кунад” [21,с.32].

М. Фозилов яке аз забоншиносе, ки дар самти фразеология хидматҳои шоён кардааст, дар мавриди идома чунин назар дорад “Ғайр аз ин, як гурӯҳ воҳидҳои фразеологии забонамон бо хосиятҳои махсуси идиоматикиашон фарқ карда меистанд. Ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда аз хусусиятҳои муҳимми воҳиди фразеологӣ аст” [32, с.12-13].

Забоншинос М. Саломов зимни таҳқиқи масоили воҳидҳои фразеологӣ дар ғазалиёти шуарои садаҳои XI-XIV вобаста ба сохтори ибораҳои идиоматикӣ чунин ишора мекунад: “... ҳадафи ин сохтори грамматикӣ ифодаи маънои ягонаи калима мебошад. Яъне, ҳар як воҳиди фразеологӣ аз рӯйи ифодаи маъноаш ба ифодаи маъноии як калима баробар аст. Бояд зикр кард, ки ин маъно аз муносибатҳои семантикии калимаҳое ҳосил мегардад, ки дар сохтори таркиби ҳар як воҳиди фразеологӣ нақш гузоштаанд [29, с.160].

Таҳқиқоти забоншинос Г. Зоғакова дар ин ҷода боиси эътироф аст, зеро номбурда идиомаҳоро дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ (дар асоси осори адабии С. Айнӣ) таҳқиқ карда, ба масъалаҳои назариявии идиомаҳо, мавқеи образ дар он, истифодаи санъатҳои бадеӣ, маънои аслӣ ва образнок дар идиомаҳо, мундариҷаи маъноӣ ва гурӯҳҳои семантикии ифодаҳои идиоматикӣ, маънои мафҳумӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳ шудааст [15].

Ӯ бар он назар аст, ки “Воҳидҳои идиоматикӣ қисмати аз ҳама муъҷазу пуробуранг ва муассири воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, бо бисёр хусусиятҳои худ, яъне мавҷуд

будани нишонаҳои асосӣ ва иловагиашон аз дигар гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Яке аз паҳлуҳои дигари басо муҳимми воҳидҳои идиоматикиро мундариҷаи семантикии онҳо, ки унсурҳои маъноии зиёдеро дар бар гирифтааст, ташкил медиҳад [15, с.161].

Забоншинос Ҳ. Дӯстов зимни баррасии идиомаҳои муболиғавӣ зикр мекунад, ки “яке аз унсурҳои муҳимтарини мундариҷаи идиомаҳои муболиғавӣ ифодаи образ мебошад. Образ дар таркиби воҳидҳои идиоматикии муболиғавӣ ифодаи аломату хусусияти барҷастаи ашё ва воқеаву ҳодиса мебошад, ки он дар шакли маънои махсус ифода меёбад” [12, с.18].

Таҳқиқи хусусиятҳои хосси идиомаҳо аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ ба таври густурда сурат гирифтааст. Аз ҷумла, забоншиносони хориҷӣ: В.В. Виноградов, Ю.А. Рубинчик, Баранов, А В.А. Архангелский, А.В. Кунин, Ю.Ю Аввалиани аз олимони тоҷик: Н. Маъсумӣ, Р. Эгамбердиев, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов аз зумраи он нафароне мебошанд, ки ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фразеология ба хусусиятҳои хосси идиомаҳо низ диққати махсус зоҳир намудаанд. Минбаъд шогирдони мактабҳои илмии онҳо М. Саломов, Ҳ. Дӯстов, Г. Зоғакова, Н. Гадоев, М. Мирзоева ба майдони таҳқиқ омада, ба пайравӣ аз устодон доир ба фразеологизмҳои забони тоҷикӣ таҳқиқотҳои судманд анҷом додаанд. Онҳо дар асару мақолаҳои худ ҳангоми баррасии масъалаҳои фразеологияи забони тоҷикӣ ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи идомаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Олими рус, профессор А. Баранов идомаро чунин таъриф додааст: “Идиомаҳо ин бунёди забарвожаҳоеанд, ки дараҷаи баланди вижагии идиоматикӣ ва устуворӣ доранд [7, с.69].

Муҳаққиқони дигаре, ки доир ба масъалаҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқоти судманд анҷом додаанд, зимни таҳлили масоили идиомаҳо ба паҳлуҳои мухталифи онҳо ишораҳо кардаанд [11; 29; 22]. Баъдтар забоншиносони риштаи забоншиносии муқоисавӣ дар таҳқиқоташон собит сохтаанд, ки тарҷумаи таҳтуллафзии идиомаҳо ба дигар забонҳо вазифаи мушкил аст ва тарҷумаи хуб ба маҷмӯи омилҳои забоншиносӣ, инчунин ба маҳорати тарҷумон вобаста аст [9, с.85].

Ҳамин тавр, дар баробари дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ фразеологизмҳои тавсифӣ низ ба қабатҳои маъноӣ тасниф мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тавсифҳои фразеологӣ низ ба навъҳои идиома, фразема ва ифодаҳои ғайриидиоматикӣ ҷудо мешаванд, ки миёни онҳо идиомаҳои тавсифӣ бо нишонаҳои худ фарқ мекунанд. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи идиомаҳои тавсифӣ дар он аст, ки онҳо дар шакли ифодаҳои идиоматикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологӣ ва раванди фразеологизатсияро соҳибанд. Яъне, зери муҷаррадгардии махсуси фразеологӣ ҳодисаи марҳила ба марҳила образнок гардидани ифодаи рехта дар назар дошта мешавад. Образнокии ифодаҳои идиоматикии тоҷикӣ бошад, аксаран дар заминаи маҷоз сурат мегирад. Масалан, дар тавсифҳои идиоматикии зерин ҳамин муносибати зинавии образ ва нишонаи олии абстраксияи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст: **барги сабз** ба маънои «туҳфаи ночиз», **савдои умр** «дарси ҳаёт, нозукиҳои зиндагӣ», **салмаи сақат** “ҳар чизи барзиёд, нодаркор” ва ғайра:

Дар Бухоро магар моро фаромӯш кардед, ки **барги сабз** гӯён ягон савғоӣ наовардед, ин дафъа агар Бухоро равед, моро аз ёд набароред [2, с.95]. Лекин минбаъд ҳушёр шавад. Ҳа, эҳтиёт шавад, ин **савдои умр** аст [23, с.259]. Маслиҳати ба Зарина додаам ба сари худам **салмаи сақат** шуд [23, с.452] .

Идиомаи тавсифии “салмаи сақат” -ро забоншинос Г. Зоғакова ба қатори “воҳидҳои идиоматикие, ки пайдоиши онҳоро ба мушкилӣ маънидод кардан мумкин аст” [15, с.163] ворид намудааст.

Нишонаи дигаре, ки ба идиомаҳои тавсифӣ хос аст, ин ифодаи комили маънои маҷозӣ ба тариқи ҷузъҳои таркибии он аст. Дар воҳидҳои фразеологии тавсифии идиоматикӣ низ ба монанди дигар навъҳои идиомаҳо ҷузъҳои таркибии ифода пурра ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Дар чунин ибораҳо, ки дар қолаби ибораҳои исмии изофӣ созмон меёбанд, имконияти бештари инъикоси маънои маҷозӣ ҷой дошта, ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи дуюми ибора онро дар ифодаи маъноҳои гуногун соҳиб мешаванд. Ба таври дигар, дар ин гуна ибораҳои рехтаи тавсифӣ ҳама ҷузъҳои таркибии ифода ба маънои маҷозӣ омада, дар якҷоягӣ маънои ягонаи воҳиди фразеологиро таъмин

менамоянд. Агар дар фраземаҳои тавсифӣ сохтори ифода дар заминаи ба маънои луғавӣ кор фармуда шудани яке аз ҷузъҳо ва иваз шудани он бо калимаҳои дигари забон як андоза фарқ кунад, дар идиомаҳои тавсифӣ мавқеи калимаҳои таркибӣ ноҷунбон ва ивазнашаванда аст.

Онҳо ҳамчун воҳиди яклухти ниҳоят рехташуда дар ифодаи ин ё он маънову мафҳуми барои соҳибони забон фаҳмо истифода бурда мешаванд. Шумораи чунин фразеологизмҳо дар таркиби фразеологии забонамон зиёд буда, дар ифодаи мафҳумҳои муайян ба кор бурда мешаванд. Ба мисли ибораҳои тавсифии **нури дида** "фарзанди азиз", **лахти ҷигар** «фарзанд», **тиллои сафед** ишора ба "пахта", **сайқали рӯйи замин** ишора ба шаҳри «Самарқанд» ва монанди инҳо:

– Узр дорам, **нури дида**. Бахт ёрам шаваду додарамро биёбам, модарам осуда гардад, хонаатро ҳам мепӯшонаму дару тирезаатро ҳам месозам [31, с.36]. – Ҳа, **нури дида**, бобои Муллоро як зиёрат кунам, гуфтам, - ба кат наздик шуда, ба овози баланд маънидорона гуфт Мирзошариф [31, с.39]. Магар фарзанд, **лахти ҷигара** фаромӯш карда мешавад? [31, с.27] . Ман мегӯям, ки, - овози раис акаи Кулӯларо ба худ овард, - агар маро ҳурмат кунед, обрӯи колхозро хоҳед, мисли Кулӯла Ниёзович хурду калонро ба ҳашари чидани «**тиллои сафед»** бароред [31, с.135]. Доду бедод, **сайқали рӯйи замин**, шаҳри Самарқанд, ба дасти урус гузашт [18, с.43] .

Тавре зикр намудем, идиомаҳо воҳидҳои рехтае мебошанд, ки ҳам аз ҷиҳати устувории сохту таркиб ва ҳам ифодаи маънои маҷозии ҷузъҳои таркибӣ аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекунанд. Дар ин маврид бояд таъкид намуд, ки аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки дар воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ хусусияти устувории ҷузъҳо ва ба маънои маҷозӣ омадани вожаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ бештар ба назар мерасанд [29, с.161-162; 20, с.52].

Муайян шудааст, ки маънои маҷозӣ дар шаклгирии идиомаҳо саҳми калон дорад. Ба таври дигар, ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ дар дохили идиомаҳо аз маънои асосии луғавии худ канда шуда, пурра ба маънои маҷозӣ корбаст мешаванд. Ба назари мо, маҳз ҳамин маънои маҷозӣ ва инъикоси пурраи он дар калимаҳои таркибии фразеологизм устувории онро ҳамчун воҳиди яклухтмаъно таъмин менамояд. Инро дар мисолҳои зайл мушоҳида намудан мумкин аст: **банди ҷигар** ба маънои "азиз", **марги сафед** "героин", **гурги хонадон** "шахси бегонае, ки аз сирри хона бохабар бошад".

Ва фаҳмид, ки писараш кайҳо бо "**марги сафед**" ошно шуда будааст [35, с.38]. Фухшоҳ боз нидо намуд: - Бо мо бошад **банди ҷигар** [35, с.36]. Ман дар ин ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам… агар кӯтоҳ карда гӯям, ман дар он ҷо **гурги хонадон** шуда будам… [2, с.317].

Идиомаҳои тавсифӣ дар ифодаи мафҳумҳои муайян ба тариқи сифатчинӣ дар қолаби ибораҳои изофӣ истифода мешаванд. Ҷузъҳои асосӣ ва дуюми онҳо бештар аз исму сифатҳои гуногун таркиб меёбанд ва маҳз дар заминаи чунин робитаи муайянкунандагиву муайяншавандагӣ сохтори яклухти чунин ифодаҳои рехта шакл мегирад. Сохту таркиби устувори идиомаҳои тавсифӣ, ки ба ифодаи маънои маҷозии ҷузъҳои таркибии он сахт вобаста аст, ба маънои яклухти аксаран яккалимагии онҳо ишорат мекунад. Чунончи, **чӯҷаи парӣ** «хело зебо», **мусичаи бегуноҳ** «беайб, бенуқсон, ҳалим, бечора»**, сари қоқ** «танҳо, бе ҳеҷ чиз мондан», **қути лоямут** ва ғайра:

Гуфтанд, ки арӯс мисли **чӯҷаи парӣ** хушрӯ аст [31, с.26]. Ҳама чун **мусичаи бегуноҳ** каракӣ андохтанд [24, с.169] . Як **сари қоқаш** монд [24, с.71]. Дар соли савуми ҷанг – соли 1916 меҳнаткашон ва фақирон чунон хонавайрон шуданд, ки барои **қути лоямуташон** нони хушк намеёфтанд [3, с. 145].

Ҳамин тариқ, вазифаи идиомаҳои тавсифӣ низ мисли дигар воҳидҳои фразеологӣ ба маънову мафҳумҳои гуногун ишорат кардан аст. Ҳарчанд ҷузъҳои таркибии он ба маънои маҷозӣ истифода шаванд ҳам, вале асоси тавсиф – сифатчинӣ, дар онҳо ба ифодаи маънои ягонаи ибораи рехта кумак мерасонад. Яъне, мундариҷаи маънои ин қабил фразеологизмҳо дар заминаи тавсиф ва сифати ашё ё ҳодисаи муайян сурат мегирад ва ба ғайр аз маънои мафҳумӣ боз тобишҳои дигарро низ, аз қабили баҳодиҳӣ, эҳсосотӣ ва ифоданокӣ ифода мекунад. Масалан, дар ибораҳои идиоматикии тавсифии зерин бар иловаи маънои мафҳумӣ боз тобишҳои дигари маъноӣ низ мушоҳида мешаванд: **моҳи беайб** «шахси бенуқсу камбудӣ», **ачузаи сафед** (маводи мухаддири героин), **дили сафед, рӯйи сурх:**

Чун ду - се раҳ аз дуру наздик хостгорҳо омаданду ноумед баргаштанд, Ороста садо андохт, ки агар **моҳи беайб** мебуд, домани якеро не, якеро мегирифту мерафт [6, с.69]. **“Ачузаи сафед”** дар ботини Шерзод ҷо шуда буд [35, с.38]. Бо **дили сафеду рӯйи сурх омадӣ**, хуш омадӣ! [6, с.24].

Профессор Ҳ. Маҷидов дигар хусусияти идиомаҳоро дар доро будани унсурҳои эҳсосӣ дар онҳо дониста чунин меорад: “Воҳидҳои идиоматикӣ аз воситаҳои муҳимтарини ифодакунандаи тафаккури бадеӣ дар забон мебошанд. Онҳо баробари ифодаи ҳолати муайян боз унсурҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ, обуранги бадеӣ ва ҳолатҳои дигарро низ мунъакис мекунанд” [21, с.10].

Идиомаҳои тавсифӣ бар замми ифодаи маънои мафҳумӣ инчунин эҳсосоту ҳаяҷонро низ ифода мекунанд. Дар онҳо, ки сифати ашёву ҳодиса баён мешавад, ифодаи маънои эҳсосотӣ низ ба назар мерасад. Маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи маъноии идиомаҳои тавсифӣ мавқеи намоён дошта, ба тавассути ин гуна ибораҳои рехта қабатҳои мухталифи эҳсосот ва ҳаяҷони гӯянда ифода мешаванд. Агар дар қисмате эҳсосоти мусбат ба тариқи маънои эҳсосотӣ сурат гирад, дар гурӯҳи дигар эҳсосоти манфӣ маҳаки асосии маънои идиомаро ташкил додааст.

Масалан, дар тавсифҳои фразеологии зерин эҳсосоти мусбати гӯянда боиси шакл гирифтани маънои эҳсосотӣ дар фразеологизм гардидааст:

-Натарс, Саид, **дасти** профессор **сабук [35, с.16],** Духтарбача **зинати хона** ва давлати хонадон аст. Духтарбача боғи ватан ва чароғи миллат аст [2, с.19].

Дар дигар гурӯҳ бошад, ифодаи эҳсосоти манфии шахс ба мушоҳида мерасад: **гурги дупо** “қаллоб, дузд”, **чашми кач** “нияти вайрон”:

Вай ба Соҳиб гила кард, ки агар ӯ ҷӯраи ҷониаш бошад, пас чаро ба маъшуқаи ӯ Рухсора бо **чашми кач** нигарист, ҳатто аз банди дасташ дошт [18, с.13]. Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро **гургони дупо** рабудаанд [2, с.84].

Дар идиомаҳои тавсифӣ маънои фразеологӣ дар заминаи ба маънои маҷозӣ омадани тамоми ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд омада, муносибатҳои грамматикӣ ва мустақилияти маъноию луғавии ҷузъҳои таркибии ибора комилан аз байн мераванд ва онҳо ба як воҳиди рехтаю устувори ба ҳиссаҳо ҷудонашавандаи забон мубаддал мегарданд. Ин гурӯҳи ибораҳои фразеологиро аз сабаби он ки ниҳоят рехтаю устувор ва дорои маънои яклухту доимиянд, метавон аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳи идиомаҳои тавсифӣ, ки гурӯҳи аз ҳама рехтаю устувори воҳидҳои фразеологӣ мебошанд, дохил намуд. Чунончи, **ситораи хунук**, **калони калон** “раиси ноҳия” ва ғайра.

Ситораи хунукаш ба ман ҳеҷ хуш наомад [28, с.57]. Пагоҳ **калони калон** ба мактаб меомадааст [28, с.83]. **Замири дилашро** ғайр аз худаш каси дигар намефаҳмид ва модом ки одати умум буд, касе таҳқиқ ҳам карда намегашт, ки дили он «пошикаста» болидан дорад ё нолидан [19, с.34].

Гурӯҳе аз идиомаҳои тавсифӣ аз маънои аслии ибораҳои изофӣ, ки ин ё он ҳодисаву ашёро тавсиф мекунанд, дар натиҷаи марҳила ба марҳила маҷозонидан ба вуҷуд омадаанд. Яъне, чунин идиомаҳои тавсифиро ҳам дар шакли аслӣ ва ҳам маҷозӣ тасаввур ва маънидод кардан мумкин аст. Чунончи, бори зиёдатӣ, сутуни хона, мурғи посӯхта ва ғайра:

Бори зиёдатӣ. Агар ба маънои аслии ин идома таваҷҷуҳ намоем, он боре, ё анволест, ки аз меъёри муқаррарӣ зиёд аст. Ибораи **бори зиёдатӣ** бо мурури замон аз маънои аслии худ дур шуда, ба як ибораи рехтаю устувори “шахс ё чизи нодаркор” табдил ёфтааст:

Не, Азимаро нафрин кард, охир, баъди дар ҷанг бенишон гаштани шавҳараш худаш писарашро бурда ба хонаи бачагон супорида, аз “**бори зиёдатӣ”** халос шуда буд [30, с.30].

Идиомаи тавсифии “сутуни хона” низ ҳам дорои маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ мебошад. Чунончи, маънои аслии он сутуне мебошад, ки боми хонаро аз афтидан нигоҳ медорад. Ибораи мазкур бо маънои маҷозӣ муъҷазу ҷаззоб ва мушаххасу ифоданок гашта, маънои “пуштибон, ҳомӣ”-ро ифода мекунад:

Бо вуҷуди ин, шукрона мекарданд, шукронаи тану ҷони Шерзод, ки ӯ **сутуни хона** мегардад [35, с.27].

Агар ба маънои аслии ибораи фразеологии **мурғи посӯхта** нигарем, маънои “он мурғе, ки пояш сӯхтааст”-ро баён мекунад. Аммо ба маънои маҷозии он нигарем, маънои “шахси ранҷдида, ранҷкашида”-ро ифода мекунад:

Мурғи посӯхта барин саҳро ба саҳро, кӯча ба кӯча медавӣ [35, с.473].

Ба ин тариқ, аз таҳлили идиомаҳои тавсифӣ маълум мегардад, ки онҳо бо як қатор нишонаҳо аз дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ тафовут дошта, дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ қабати махсусро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд дар атрофи ин навъи идиомаҳо дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти судманд ва мукаммал сурат нагирифта бошад ҳам, вале баъзе қайдҳо вобаста ба табиати забонии идиомаҳо ба назар мерасанд. Маънои маҷозӣ дар шаклгирии идиомаҳои тавсифӣ нақши асосӣ дорад ва он ба василаи унсурҳои таркибии ифодаи рехта инъикоси худро меёбад. Ҳамчунин маълум гардид, ки мундариҷаи маъноии идиомаҳои тавсифӣ дар заминаи тавсифи ашё ё ҳодисаи муайян аз тобишҳои маъноӣ бой буда, аз маъноҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра иборат аст.

Муқарриз: ***Солеҳов Н.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азиз, А. Як қадам он сӯ: ҳикоя / А.Азиз // Садои Шарқ. – Душанбе, 2020. – №12. – С.56-55.
2. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
3. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.
4. Баҳманёр. Аспи обӣ: маҷмӯаи ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. – 192 с.
5. Баҳманёр. Ишқи сайёд: ҳикояҳо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 88 с.
6. Баҳманёр. Сармаддеҳ. Шоҳаншоҳ: маҷмӯаи ҳикояҳо ва роман. – Душанбе: Адиб, 2013. – 472 с.
7. Баранов, А. Основы фразеологии / А. Баранов, Д. Добровольский. – М.: Наука, 2013. – 312 с.
8. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
9. Бойматова, Д.М. Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю: автореферат: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D). ихтисоси забоншиносӣ / Д.М. Бойматова. – Душанбе, 2019. – 56 с.
10. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологические единиц в русском языке / В.В. Виноградов Лексикология и лексикография: избранные труды. - М.: Наука, 1986. - 161 с
11. Гадоев, Н. Баъзе хусусиятҳои вохидхои фразеологӣ дар лаҳҷаи Кӯлоб / Н. Гадоев. – Душанбе, 2017. – 232 с.
12. Дӯстов, Ҳ.Ҷ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ.Ҷ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. – №4. – С.17-20.
13. Дӯстов, Ҳ.Ҷ. Ибораҳои фразеологии изофӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ.Ҷ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2016. – №4/7 (217). – С.18-21.
14. Зогакова, Г. Идиомы в современном таджикском литературном языке (на материале художественных произведений С. Айни): Автореф. дисс… канд. филол / Г. Зогакова. – Душанбе, 2011. – 26 с.
15. Зоғакова, Г. Унсурҳои маъноии ифодаҳои идиоматикӣ дар насри бадеии Садриддин Айнӣ / Г. Зоғаков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2012. – №4/6 (97). – С.161-163.
16. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 560 с.
17. Кӯҳзод, Ӯ. Бандии озод: ҳикояҳо, роман / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 1984. – 267 с.
18. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳайҷо: роман / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2015. - Нашри мукаммал. – 416 с.
19. Кӯҳзод.Ӯ. Кини Хумор: повест / Ӯ.Кӯҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 238 с.
20. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х. Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
21. Маҷидов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва образи бадеӣ / Ҳ. Маҷидов // Адаб, 1993. – №9-10. – С.12-14.
22. Мирзоева, М.М. Хусусиятҳои наҳвии муродифоти луғавию фразеологии насри бадеии С. Айнӣ / М.М. Мирзоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – №5. – С.13-16
23. Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахабя / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – Ҷ.1. – 556 с.
24. Мӯсо, Ш. Чеҳраи модар / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.
25. Назаров, М. Вожаҳои ифодагари бовариҳо чун унсури таркиби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ / М. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Сино. 2012. – №4/1. – С.95-100.
26. Ҳасанзода, С.А. Лахти чигар: ҳикоя / С.А. Ҳасанзода // Садои Шарқ. – Душанбе, 2020. – №11. – С.54-64.
27. Рубинчик, Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 275 с.
28. Саломов, М.Қ. Вижагиҳои забони ғазалиёти шоирони асрҳои XI-XIV (Таҳлили сохтори фонетикӣ, семантикӣ ва фразеологию луғавӣ) / М.Қ. Саломов. – Душанбе, 2018. – 354 с.
29. Самадов, А. Паррончакҳо: повест ва ҳикояҳо / А. Самадов. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 192 с.
30. Самадов, А. Пиёлаи шикаста: ҳикояҳо / А. Самадов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.
31. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ.1. – 952 с.
32. Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.
33. Шарифов, Ш. Дар ҳошияи як байти Хоҷа Камол (нақду баррасии таъбири маъруфи “гурги борандида”) / Ш. Шарифов // Фаслномаи илмию адабии Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – №3. – С.99-116.
34. Шералӣ, М. Анкабут: повест / М. Шералӣ // Садои Шарқ. – Душанбе, 2020. – №11. – С.20-48.

ИДИОМАҲОИ ТАВСИФӢ

Дар мақолаи мазкур ба яке аз гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ – идиома дар заминаи фразеологизмҳои тавсифии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ таваҷҷуҳ шудааст. Муаллиф дар асоси маводи муътамади илмӣ собит намудааст, ки идиомаҳо аз дигар навъҳои маъноии воҳидҳои фразеологии забони

тоҷикӣ фаро карда, дар таркиби ифодаҳои рехтаи тавсифӣ низ вомехӯранд. Ин ҳолатро ӯ ба он вобаста медонад, ки тавсифҳои фразеологӣ вобаста ба табиати худ танҳо дар қолаби ибораҳои изофӣ шакл гирифта, онҳо дар шакли ифодаҳои идиоматикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологӣ ва раванди фразеологизатсияро соҳиб буда, мавқеи калимаҳои таркибашон ноҷунбон ва ивазнашаванда аст. Хусусияти фарқкунандаи идиомаҳои тавсифӣ аз дигар воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ки агарчанде ҷузъҳои таркибии онҳо ба маънои маҷозӣ истифода шаванд ҳам, вале асоси тавсиф – сифатчинӣ дар онҳо ба ифодаи маънои ягонаи ибораи рехта кумак мерасонад. Яъне, мундариҷаи маънои ин қабил фразеологизмҳо дар заминаи тавсиф ва сифати ашё ё ҳодисаи муайян сурат мегирад ва ба ғайр аз маънои мафҳумӣ боз тобишҳои дигарро низ аз қабили баҳодиҳӣ, эҳсосотӣ ва ифоданокӣ ифода мекунад. Дигар хусусияти идиомаҳои тавсифӣ маъно аслӣ ва маҷозӣ доштани онҳост. Маънои аслии онҳо дар асоси маънои аслии ҷузъҳои таркибии ибора ба вуҷуд омадаанд, алоқаю муносибатҳои грамматикӣ дар байни ҷузъҳои таркибии онҳо устувор буда, мустақилияти маъноию луғавии вожаҳои таркиби ибора ҳангоми ба маънои аслӣ омадани он маҳфуз мешавад. Маънои фразеологӣ дар асоси ба маънои маҷозӣ омадани ҳамаи ҷузъҳои ибора пайдо шуда, муносибатҳои грамматикӣ ва мустақилияти маъноию луғавии ҷузъҳои таркибии ибора ба пуррагӣ аз байн меравад ва ба як воҳиди рехтаю устувори ба ҳиссаҳо ҷудонашавандаи забон табдил меёбад.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, идиома, идиомаҳои тавсифӣ, маънои эҳсосотӣ, ибораи изофӣ, ибораҳои рехтаву устувор, сифатчинӣ.

ОПИСАТЕЛЬНЫЕ ИДИОМЫ

В статье рассматривается одна из семантических групп фразеологизмов - идиомы на основе описательной фразеологии современного таджикского литературного языка. На основе достоверных научных материалов автор доказала, что идиомы охватывают и другие типы семантических единиц таджикского языка, а также встречаются в описательных выражениях. Она объясняет это тем, что фразеологические описания в силу своей природы образуются только в виде дополнительных фраз, они имеют высокую степень фразеологической абстракции в виде идиоматических выражений, а также их порядок слов неизменен и незаменим. Отличительной чертой описательных идиом от других фразеологизмов является то, что, хотя их компоненты используются в переносном смысле, основой описания является прилагательное, которое помогает выразить единое значение фразы. Другими словами, содержание значения этого типа фразеологии основывается на описании и качестве конкретного объекта или события, и, помимо концептуального значения, оно также выражает другие нюансы, такие как оценка, эмоция и выразительность. Другой характеристикой описательных идиом является то, что они имеют как прямое, так и переносное значение. Их первоначальное значение основано на исходном значении компонентов фразы, грамматические отношения между их компонентами сильны, а семантическая и лексическая независимость слов во фразе сохраняется, когда дело доходит до ее первоначального значения. Фразеологическое значение формируется на основе переносного значения всех частей фразы, полностью утрачиваются грамматические отношения и семантико-лексическая самостоятельность составных частей фразы, и она становится прочной и неделимой единицей языка.

Ключевые слова: фразеологизм, идиома, описательные идиомы, эмоциональное значение, изафетные словосочетания, эпитет, концептуальное значение.

DESCRIPTIVE IDIOMS

The article discusses one of the semantic groups of phraseological units - idioms based on the descriptive phraseology of the modern Tajik literary language. Based on reliable scientific materials, the author proved that idioms cover other types of semantic units of the Tajik language, and are also found in descriptive expressions. The author explains that the phraseological descriptions by virtue of their nature are formed only in the form of additional phrases and that they have a high degree of phraseological abstraction as idiomatic expressions and in the process of phraseology. In addition, the order of words remains unchanged and indispensable. A distinctive feature of descriptive idioms from other phraseological units is that, although their components are used in a figurative sense, the basis of the description is an adjective that helps to express the unified value of the phrase. In other words, the content of this type of phraseology is based on the description and quality of a particular object or event. In addition to a conceptual value, it also expresses other nuances such as evaluation, emotion and expressiveness. Another characteristic of descriptive idioms is that they have both direct and figurative meaning. Their initial value is based on the initial value of the components of the phrase. The grammatical relationship between their components is strong, and the semantic and lexical independence of words in the phrase is preserved when it comes to its initial value. The phraseological value is formed on the basis of the portable value of all parts of the phrase. The grammatical relationships and the semantic-lexical independence of the components of the phrase are completely lost, making it a solid and indivisible unit of the language.

Key words: phraseologism, idioms, descriptive idioms, emotional importance, izofan phrases, epithet, concessional value.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант Ph.D-и кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Сведение об авторе: ***Убайдуллаева Мавзунахон Азамовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-970-75-57**

Information about the author: ***Ubaidullaeva Mavzunakhon Azamovna*** - Tajik National University, doctoral Ph.D department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mavzunakhon@list.ru.** Tel.: **(+992) 92-970-75-57**

УДК: 42:491.550

НАЗАРИЯИ ҚОНУНИЯТИ МУТОБИҚАТҲО, МУОДИЛНОКИИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА ДИНАМИКӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТАРҶУМА

Кесамирова С. Р., Мусоямов З.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Донистани моҳияти забон ва вусъатёбии таърихи он баҳри ҳалли масъалаҳои умдаи фарҳанги инсонӣ воҷибтар аз таҳлили меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад. Забонро метавон муҳимтарин воситаи омӯзиши падидаи фарҳангӣ шуморид.

Мутобиқати байнизабонӣ, хешӣ ва монандии забонҳо диққати забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст. Забоншиносони асри гузашта ба монанди, А.А. Реформатский, Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, В.М. Алпатов, М. Норматов, Ю. Найда, И.С. Алексеева мушкилоти муодилнокӣ, муодилнокии нопурра ва бемуодилии воҳидҳои луғавии забонро яке аз муҳимтарин вазифаҳои забоншиносии муқоисавӣ эътироф намудаанд. Вобаста ба ин масъала онҳо водор шуданд, ки мувофиқи ақидаҳои назариявии худ ҳалли ин мушкилотро дарёфт кунанд.

Мақсад ва муҳтавои мақола дар он зоҳир мегардад, ки конунияти назарияи мутобиқати воҳидҳои луғавии байнизабониро аз нигоҳи тарҷумашиносон муайян намуда, фарқияти муодилнокии динамикиро аз функсионалӣ равшанандозӣ намоем.

Дар забоншиносии муқоисавӣ аслан забони модариро бо забони бегона мавриди муқоиса қарор медиҳанд, ки яке забони сарчашма ном гирифтаасту дигаре забони муқоисашаванда. И.А. Стернин мутобиқати байнизабониро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: 1. Мутобиқати калима бо калима (хаттӣ), 2. Мутобиқати калима бо ибора (векторӣ), 3. Лакунаҳо – воҳидҳои бемуодил [11, с.35].

Ҳангоми муқоисаи воҳидҳои луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мушкилоти аз ҳама муҳим ин ёфтани дараҷаи муодилнокии онҳо дар забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Дараҷаҳои муодилнокии воҳидҳои луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ то ҳол дар забоншиносии тоҷик муқоиса карда нашуда буданд, танҳо бемуодилии воҳидҳои луғавӣ аз тарафи Турсунов Ф.М., махсусан таснифоти реалияҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқот бурда шудааст [12]. Аз ин лиҳоз, муодилнокӣ ва муодилнокии нопурраи воҳидҳои луғавии забони англисӣ ва тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ ба шумор меравад. Оё воҳидҳои луғавии забони англисӣ дар фонди луғавии забони тоҷикӣ муодилҳои худро доранд, ё ин ки аз рӯйи сохти фонетикӣ, грамматикӣ ва маъноӣ онҳо ба ҳам мутобиқанд? Барои муайян намудани мутобиқати байнизабонӣ забоншинос бояд ин зинаҳоро гузарад: 1) барои муқоиса кардан асос дошта бошад; 2) омилҳое, ки монандиҳоро ташкил мекунанд, онҳоро муайян созад; 3) муайян сохтани дараҷаҳои якхелаи шакли ифодаёбӣ дар ҳар як забон вобаста ба мундариҷаи равонӣ; 4) дарёфти муодилнокӣ, ки мувофиқи худро аз рӯйи қиёс ёфтааст; вуҷуд доштани муодилнокӣ ва муодилнокии нопурра дар воҳидҳои луғавии забонҳои муқоисашавандаи хеш ва бегона.

Яке аз ҳолатҳое, ки воҳидҳои луғавии ду забон дар вақти муқоиса мутобиқи худро намеёбанд, ин бемуодилии воҳидҳои луғавӣ мебошад. Моҳияти мафҳуми бемуодилии воҳидҳои луғавӣ дар он аст, ки ин гуна калимаҳо падидаи фарҳангии махсуси худро доранд ва ҳангоми муқоисаи луғатҳо дарк карда мешавад, ки чунин калимаҳо хусусияти миллӣ доранд. Ҳар як забон воҳидҳои луғавии миллию фарҳангии ба худ хос дорад. Дар забони англисӣ низ чунин воҳидҳо дида мешаванд:

"*… Here is where the party with the lodge – keeper came, and they have covered all tracks for six or eight* ***feet*** *round the body [13, с.94]*.

Тарҷума: *Дар ин ҷо онҳое истодаанд, ки аз қаровулхона омада буданд, онҳо тамоми чизҳоро дар атрофи мақтул ба масофаи шаш ё ҳафт* ***фут*** *зер кардаанд* [3, с.43].

Дар ин ҷо калимаи ***feet*** ҳамчун ***фут*** тарҷума шудааст, ки аз рӯйи мазмуни ҷумла масофаро нишон медиҳад. Аз ин мисол бармеояд, ки ин калима аз рӯйи мазмун муодили худро наёфта, танҳо бо роҳи транскрипсия ва транслитератсия интиқол ёфтааст. Чунин воҳидҳои луғавии бемуодил дар назарияи тарҷума бо роҳи транскрипсия ва эзоҳ дар поварақ ба дигар забон гузариш меёбанд.

Мутобиқати байнизабонӣ монандиҳои воҳидҳои забоние мебошанд, ки мавриди тарҷума ё ин, ки муқоисаи забонҳо аз рӯйи сохтори семантикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ таҳлил карда мешаванд. Дар муқаддимаи забоншиносӣ ва назарияи тарҷума дарҷ шудааст, ки байни мутобиқати забонҳо ва муодилнокӣ дар тарҷума фарқияти назаррас вучуд дорад, вале ин тавр нест. Муодилнокӣ дар тарҷума ҳамчун эквивалент номбар шуда, бо ин мафҳум инъикоси шабеҳиятро ҳангоми тарҷума дар ду забон мефаҳмонад. Мутобиқати байнизабонӣ бошад, хешӣ ва монандии байни забонҳо мебошад, ки дар луғатҳои дуҷониба ба чашм мерасад. Аммо, бояд қайд кард, ки муодилнокии тарҷумавӣ як ҳиссаи махсуси мутобиқати байнизабонӣ мебошад. В.Н. Комиссаров муодилнокии тарҷумаро ҳамчун як ё якчанд воҳидҳои забонӣ муяйян сохтааст, ки ҳангоми тарҷума, барои интиқоли мазмуни воҳидҳои махсуси забони матни асл истифода мешавад [7, с.161]. Ӯ се намуди монандиҳои байнизабониро муайян кард: монандиҳои доимӣ (калимаҳое, ки ҳамеша мутарҷим ба онҳо муодил меёбад, яъне истилоҳот, номҳои ҷуғрофӣ ва ғайра), монандиҳои интихобӣ (якчанд аломатҳое, ки мунтазам ҳангоми интиқол ва ифодаи мазмуни матни асл мутарҷим онро вомехӯрад) ва монандии тасодуфӣ (истифодабарии тасодуфии воҳидҳои забонӣ хангоми тарчума) [7, с.163-169].

Аввалин шахсе, ки монандии забонҳоро дарк кард Филиппе Сассети буд. Дар қарнҳои XVI ӯ дар номаҳои аз Ҳиндустон расидааш ёдовар мешуд, ки забони ҳиндуӣ баъзе шабеҳиятҳо бо забонҳои итолявӣ ва лотинӣ дорад. Мутаассифона, дар хулосабарории мактубҳояш далелҳои устувори илмӣ дида намешуд. Баъд аз ин забоншиносону олимони дигар низ, мисли В. Ҷонс, Расмус Кристиан Раск монандиҳоро дар воҳидҳои луғавии ин забонҳо дарёфт намуданд. Расмус Кристиан Раск қайд намуд, ки барои монандии забонҳо шабеҳияти воҳидҳои луғавӣ кифоя нест, ба ғайр аз он бояд мутобиқати сохти грамматикӣ ҳангоми муқоиса дар бар гирифта шавад [16]. Калимаҳое, ки аз рӯйи воҳидҳои луғавӣ ва мутобиқати фонетикиашон ба як оилаи забонҳо, яъне забонҳои ҳинду - аврупоӣ дахл доранд, ба монанди инҳо мебошанд: *mather* (англисӣ), *модар* (тоҷикӣ), *mote* (литовӣ), *mater* (лотинӣ), *mere* (фаронсавӣ), *mutter* (олмонӣ). Дар ин асос метавон гуфт, ки дар забоншиносӣ мутобиқатҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ вуҷуд доранд, ки ин гуна монандӣ ва мутобиқатиро дар назарияи тарҷума муодилнокӣ ном мебаранд.

Вилгелм фон Ҳумболдт яке аз забоншиносони шуҳратманд ба шумор меравад. Вай якчанд қонунияти мутобиқати грамматикиро дар соҳаи забоншиносӣ дарёфт. «Барои омӯзиши забони бегона, забони хориҷиро бо забони модарӣ ва забони лотинӣ дар сатҳи муқоисаи муносибатҳои грамматикии онҳо, ки дар қоидаи забонҳо қабул шудааст, дидан мумкин аст. Барои роҳ надодан ба хатогиҳо, забонро бо тамоми унсури сохториаш бояд омӯхт. Барои ба қисматҳо тақсим кардани онҳо, бояд муайян созем, ки дар забони мазкур бо кадом шаклҳои мушаххас мувофиқати муносибатҳои грамматикӣ ифода карда мешавад» [2, с.64]. Ӯ бештар бо масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ сарукор дошт. Ба назар мерасад, ки шаклҳои грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ дар муқоисаи забонҳо маҳдуданд. Ҷумлаи дутаркибаи забони англисӣ *She aimed at becoming a doctor* ба забони тоҷикӣ *чун: Ӯ кӯшиши духтур шудан дошт* тарҷума мешавад. Дар ин сурат герундияи забони англисӣ, яъне ***becoming*** ҳамчун масдари ***шудан*** дар забони тоҷикӣ интиқол ёфтааст. Ин гуна ҳолатҳо барои тарҷумон мушкилиҳои зиёдеро пеши назар меорад, чунки функсия ва сохтори грамматикии забони англисӣ ва тоҷикӣ дар бисёри мавридҳо мутобиқ нестанд. Ҳангоми интиқол аз забони матни асл ба матни тарҷума герундий ҳамчун масдар ба забони тоҷикӣ тарҷума мешавад. Аз рӯйи сохтори грамматикӣ ва конструксияи синтаксисӣ дар забонҳои муқоисашаванда баъзан номутобиқатиҳо дида мешаванд. Масалан, герундияи забони англисӣ ҳамчун мафҳум дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ аффиксҳои исмсоз ҳастанд, ки феълҳоро ба исм табдил медиҳанд, вале ин гурӯҳ ҳамчун герундий номбар карда намешаванд. Дар мисоли дигар *He crept slowly going up the stairs. - Вай оҳиста хазида, бо зинапоя боло баромад*. Дар ин мавриди феъли замони гузаштаи номуайян ***crept*** мутобиқати грамматикии сифати феълиро чун ***хазида*** гирифтааст. Чунин тағйирёбии ҷумлаҳо мавриди тарҷума ҳамчун тағйиротҳои грамматикӣ номгузорӣ карда мешаванд.

Дар забоншиносии умумӣ ду мафҳуми аз якдигар фарққунанда мавҷуд мебошанд: *мутобиқатҳои наздик ва мутобиқатҳои тахминӣ*. *Мутобиқати наздик* ҳамон муодилҳои мутлақ мебошанд, ки дар назарияи тарҷума тасниф ва дарҷ шудаанд. *Мутобиқати тахминӣ* муодилҳои нопурра мебошанд, ки қисман тарҷума мешаванд. Муодил – ин воҳиди луғавии нутқ мебошад, ки аз рӯйи функсия/ вазифа бо дигар воҳиди нутқи забон мутобиқ буда, кадом

вазифае, ки воҳиди нутқи дигар забон иҷро кунад, дар баробари он ин воҳид ҳам он вазифаро иҷро менамояд [9, с.253].

Дарки назарияи мувофиқати луғавӣ дар забонҳои гуногун аввалин бор соли 1950 аз тарафи Я.И. Ретскер ба амал омадааст [10]. Гарчанде мувофиқати луғавии байнизабонӣ нуқтаи назари нав ба шумор намерафт, вале заҳматҳои олими машҳур дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар асоси муҳимтарин фарзияҳо таваҷҷуҳи худро бештар ба қонунияти хусусиятҳои мувофиқати байнизабонӣ равона кардааст. Дар ин замина ӯ аҳамиятнокии назария оид ба қисматҳо ва намудҳои гуногуни мувофиқатҳои воҳидҳои луғавии байнизабониро дар тарҷумашиносӣ муайян сохт. Ғайр аз ин, олими тарҷумашинос кӯшиш карда буд, ки дараҷаҳои луғавӣ-маъноии воҳидҳои луғавии байнизабонии муқоисашавандаро тасниф намояд.

Ҳангоми бардоштани масъалаи моҳияти муодилнокӣ Я.И. Ретскер чунин мешуморад, ки дар раванди тарҷума се зинаи мутобиқатҳо сохта мешаванд: 1) муодилҳое, ки дар асоси шабеҳиятҳои маъноӣ муқаррар шудаанд, вале берун аз қоидаҳои анъанавии забонӣ мебошанд; 2) мутобиқатҳои матнӣ ва интихобӣ; 3) тамоми намудҳои интиқоли тарҷумавӣ. Муодили зинаи якум аз дигар зинаҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Муодилҳои зинаи аввал дар доираи забон дида мешаванд, вале ду зинаи дигар ба доираи нутқ дахл доранд. Дар заминаи ин ақида зергурӯҳҳои ҷуфти муодилнокӣ ҳамчун муодили пурра ва нопурра тасниф шудаанд. Бо дигар мафҳум бошад, онҳоро чун муодилҳои мутлақ ва муодилҳои нисбӣ ном мебаранд. Ба ақидаи олими мазкур интиқолшавии воҳидҳои луғавиро ба ҳафт роҳу воситаҳо тақсим кардан мумкин аст: конкретикунонӣ, тафриқа, инкишофи маънӣ, генерализатсияи маъноҳо, тарҷумаи антонимӣ, дигаргунсозии комил ва ислоҳоти мазмуни гумшуда ҳангоми тарҷума. Таснифоти мазкури Я.И. Ретскер то ҳол арзиши илмӣ ва амалии худро гум накардааст [10].

Назарияи қонунияти мутобиқатҳо, ки аз тарафи Я.И. Ретскер баррасӣ шудааст, дар доираи мафҳуми муодилнокӣ танҳо муносибати микровоҳидҳои луғавии дохиликатниро дарбар мегирад ва мутобиқату воҳидҳои байниматнии забонҳои тарҷумашавандаро истисно менамояд. Дар таснифоти дигари мутобиқатҳои байнизабонии Я.И. Ретскер исмҳои хос, истилоҳот ва шумораҳо ҳамчун муодилҳои доимӣ таҷассум ёфтаанд, ки ҳамеша мутобиқи худро дар дигар забон меёбанд, вале Л.С. Бархударов исмҳои хосро ба гурӯҳи якуми воҳидҳои луғавии бемуодил тақсим намудааст. С. Влахов ва С. Флорин исмҳои хосро чун реалия ном бурданд, чунки ба ақидаи онҳо исмҳои хос муодили худро дар дигар забон надошта, бо роҳи транслитератсия ва транскрипсия тарҷума мешаванд [8, с.27].

Аз ақидаҳои зикршуда бармеояд, ки дар замони муосир, дар самти тарҷумашиносӣ мафҳумҳои ба ҳам шабеҳ чун муодилнокӣ, монандӣ, мутобиқати байнизабонӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Аз ин бармеояд, ки истилоҳи «муодилнокӣ» ҳамчун баробараризишӣ ва баробармаъноиро ифода намуда, «мутобиқати комилӣ» бошад, маънои баробарии пурраро эзоҳ дода истодааст ва «шабеҳият» бошад, мувофиқати мукаммалро маънидод мекунад. Бояд қайд кард, ки монандӣ, мувофиқат, мутобиқат, баробармаъноӣ, баробараризишӣ, ҳама ин мафҳумҳо аз рӯйи маъно ба ҳам наздик буда, дар доираи як мафҳум таҷассум меёбанд, чун муодилнокӣ. Аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки дар замони муосир истилоҳи муодилнокӣ баробарии мазмуну мундариҷа, сохтор, услуб, баробармаъноии функсионалӣ ва коммуникативиро ҳам дар матни асл ва ҳам дар матни тарҷума инъикос мекунад. Шарҳи мафҳуми муодилнокӣ дар асари В.С. Виноградов чунин ифода ёфтааст: «Бояд ҳатман қайд намуд, ки муодилнокии матни асл ва тарҷума, пеш аз ҳама, фаҳмиши мазмуни ахбори матн ба таври умум на танҳо ба ақл, балки ба ҳиссиёти хонанда таъсир бахшад, новобаста аз он ки равшансозии муҳтавои матн ва зерматн дар он дарҷ гардад. Вобастагии муодилнокии тарҷума ҳангоми дар кадом шароит ба вуҷуд омадани мазмуни матни асл ва дар кадом шароит айнан интиқол ёфтани он дар матни тарҷума дида мешавад. Ин гуна тафсири муодилнокӣ комилӣ ва бисёрзинагии ин мафҳумро инъикос менамояд ва аз рӯйи маъно, сохтор, вазифа, алоқа, прагматика, тавсифоти жанрӣ алоқамандии зич дорад» [4, с.9].

Дигар назария оид ба муодилнокӣ вуҷуд дорад, ки онро муодилнокии динамикӣ ном бурдаанд. Асосгузори ин назария Ю. Найда буда, дар байни олимони тарҷумашинос машҳуртарин ба ҳисоб меравад. Мувофиқи назарияи муодилнокии динамикӣ дар тарҷума Ю. Найда ин равандро ба се зина тақсим намудааст: редуксияи матни асл то дараҷаи оддӣ ва фаҳмо будани сохтори маъноии он; дар зинаи сохтори оддитарин интиқол додани мазмуни матни асл

ба матни тарҷума; таҳдиди муодилнокии ифодаҳои маъноӣ ва услубӣ дар забони тарҷума [14, с.68].

Дар корҳои таҳқиқотии де Ваард ва Найда, ки соли 1986 ба чоп расида буд, дар он оид ба усули намунавии лексикографӣ зикр гардидааст, ки фарогири тақризҳои манфӣ мебошад. Луғатҳои дузабонаи анъанавӣ муодилҳои комилан номувофиқро пешниҳод менамоянд, чунки дар онҳо танҳо тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва тарҷумаи сатр ба сатр дида мешавад, ки дар ин ҳолат мазмун ва мундариҷаи калима ва ифода зоҳиран интиқол мегарданд [15].

Назарияи муодилнокии динамикӣ бештар дар ҳолате истифода мешавад, ки агар мазмуни матн нофаҳмо бошад ё ин ки ҳангоми тарҷума, матн тафсирҳои гуногунро пешниҳод намояд. Яке аз принсипҳои асосии ин назария роҳ надодан ба думаъноии матн мебошад. А.Ф. Тайтлер оиди муодилнокии динамикӣ истодагарӣ карда, ақидаҳои худро ба таври мусбӣ чунин зикр намудааст: «Сохтакорӣ намудан ба норавшании мазмуни матни асл ё ин ки думаъноӣ пешниҳод кардан – ин хатогии тарҷумон ба шумор меравад ва аз ҳама хатогии калонтарини тарҷумон бошад ин ироа кардани бисёрмаъноӣ аст» [17, с.19].

Муодилнокии формалӣ одатан мазмуну мундариҷаи матни аслро пурра ба матни тарҷума интиқол намедиҳад. Шунавандагони матни тарҷума он калимаҳои маҷозие, ки дар матни асл истифода шудаанд, мантиқан зуд дарк карда наметавонанд ва ин сабабгори истифодаи муодилнокии динамикӣ мегардад, зеро муодили динамикӣ аз қолаб баромада он калимаҳои образноку маҷозиро дар матни тарҷума шарҳи маънӣ мекунад. Истифодаи муодилнокии динамикӣ низ дар чорчӯбаи муайяне, ки аз тарафи Ю. Найда тасниф ёфтааст, зоҳир мегардад:

- Вақте ки тарҷумаи таҳтуллафзӣ мазмуни ғалатро возеҳ диҳад.
- Дар мавриде, ки калимаҳои иқтибосӣ холигиҳои маъноиро пайдо намуда, мазмуни матнро коста менамоянд.
- Агар муодилнокии формалӣ маънои торикро ба вуҷуд орад.
- Дар раванди истифодабарии муодилнокии формалӣ, пайдо шудани тафсири думаъноие, ки дар нақшаи тарҷумон набуд, онро дар бар мегирад.
- Вақте ки муодилнокии формалӣ вайронсозии қоидаҳои грамматикӣ ва услубии забони мақсадро ба вуҷуд орад [14, с.44-46].

Дар чунин ҳолатҳо тарҷумон метавонад муодилнокии динамикиро дар ҷараёни тарҷума мавриди истифода қарор диҳад. Мафҳуми дигаре дар бораи муодилнокӣ аз тарафи Г. Егер ба вуҷуд омадааст, ки муодилнокии муоширатӣ ном дорад: «Муодилнокии муоширатӣ – ин муносибат байни матни асл ва матни тарҷума буда, дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки агар ҳангоми интиқоли матни асл ба матни тарҷума номутобиқатии арзиши муошират дар матн дида шавад» [6].

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки мутобиқати байнизабоние, ки дар забоншиносӣ баррасӣ мешавад аз муодилнокии тарҷумавӣ каме фарқ дорад, зеро дар мутобиқати байнизабонӣ воҳидҳои луғавӣ новобаста аз матн дар ду забон аз ҷиҳати сохтори фонетикӣ, грамматикӣ, луғавӣ ва маъноиашон омӯхта мешаванд. Муодилнокии тарҷумавӣ бошад, вобаста ба мазмуни матн бо кадом роҳу усулҳо дар раванди тарҷума, ҳангоми интиқоли ахборот аз забони А ба забони Б мазмунан муодили худро ёфтан ё наёфтанаш таҳқиқот бурда мешавад. Муодилнокии тарҷумавӣ бештар ба мазмуни матн такя мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И. С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студ. учреждений высш. проф. образования / И.С. Алексеева. - 6-е изд., стер. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ. - М.: Академия, 2012. - 368 с. - (Высш. проф. образования).
2. Алпатов, В.М. История лингвистических учений: учеб. пособие. - 4-е изд., испр. и доп. / В.М. Алпатов. - М.: Языки славянской культуры, 2005. - 368 с.
3. Артур, Конан Дойль. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс / Дойль, Артур Конан. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с. (тарҷ. аз русӣ)
4. Виноградов, В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. - М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. - 224 с.
5. Гумболдт, В. фон Избранные труды по языкознанию / В. Гумболдт; общ. ред. Г.В. Рамишвили; послесл. А.В. Гулыги, В.А. Звегинцева. - М.: ОАО ИГ «Прогресс», 2000. - 400 с. (пер. с нем.)
6. Комиссаров, В.Н. Современное переводоведение / В.Н. Комиссаров Учебное пособие. - М.: ЭТС. - 2002. - 424 с.
7. Нелюбин, Л.Л. «Введение в технику перевода (когнитивный теоретико прагматический аспект): учеб. пособие / Л.Л. Нелюбин. – М: Флинта: Наука, 2009. – 109 с.

8. Нелюбин, Л.Л. Толковый переводческий словарь / Л.Л. Нелюбин. – 4-е изд., испр. – М.: Флинта: Наука, 2006. – 320 с.
9. Рецкер, Я.И. Пособие по переводу с английского языка на русский язык. - 3е изд., перераб. и доп. / Я.И. Рецкер. - М.: Просвещение, 1982. - 159 с. - В надзаг.: Гос. центр, курсы заоч. обучения иностр. яз. «ИН-ЯЗ».
10. Стернин, И.А. Контрастивная лингвистика. Проблемы теории и методики исследования / И.А. Стернин. - М.: АСТ: Восток - Запад, 2007. - 288 с.
11. Турсунов, Ф.М. Безэквивалентная лексика в переводе (на материале английского и таджикского языков): Монография / Ф.М. Турсунов. -Душанбе, 2015. -432 с.
12. Arthur, Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes / Doyle, Arthur Conan. – USA: Quality Paperback Book Club, 1994. - 307 p.
13. Nida, E.A. The Theory and Practice of Translation / E.A. Nida, C.R. Taber. -Leiden: Koninklijke Brill. NV, 1969/1982. - P. 199.
14. Nida, E. The theory and Practice of Translation / E. Nida, Ch.R. Taber. - Leiden, 1969. – 220 p.
15. Rask, Erasmus. A Grammar of the Anglo-Saxon Tongue / Erasmus Rask; A new Edition enlarged and improved by the Author; translated from the Danish by B. Thorpe. - Copenhagen, 1830.
16. Tytler, A.F. Essay on the principles of Translation. Amsterdam. Studies in the theory and history of Linguistic studies. Book 1. / A.F. Tytler. – Amsterdam, 1978. – Vol. 13. – 457 p.

НАЗАРИЯИ ҚОНУНИЯТИ МУТОБИҚАТҲО, МУОДИЛНОКИИ ФУНКСИОНАЛӢ ВА ДИНАМИКӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТАРҶУМА

Мақолаи мазкур марбут ба мотобиқати воҳидҳои луғавии байнизабонӣ буда, дар он тамоми ҷанбаҳои мутобиқатҳои забонӣ аз нигоҳи муҳаққиқони илми тарҷума ва забоншиносӣ дарҷ мегардад. Инчунин фарқияти мутобиқати тарҷумавӣ аз мутобиқати байнизабонӣ назаррас мебошад. Дар раванди таҳқиқоти мазкур қайд карда мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ аслан забони модариро бо забони бегона мавриди муқоиса қарор медиҳанд, ки яке забони сарчашма ном гирифтаасту дигаре забони муқоисашаванда. Ҳангоми муқоисаи воҳидҳои луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мушкилоти аз ҳама муҳим ин ёфтани дараҷаи муодилнокии онҳо дар забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола баррасӣ мешавад, ки мутобиқати байнизабонӣ монандиҳои воҳидҳои забоние мебошанд, ки мавриди тарҷума ё ин ки муқоисаи забонҳо аз рӯйи сохтори семантикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ таҳлил карда мешаванд. Дар муқаддимаи забоншиносӣ ва назарияи тарҷума дарҷ шудааст, ки байни мутобиқати забонҳо ва муодилнокӣ дар тарҷума фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Мутобиқати байнизабоние, ки дар забоншиносӣ баррасӣ мешавад, аз муодилнокии тарҷумавӣ каме фарқ дорад, зеро дар мутобиқати байнизабонӣ воҳидҳои луғавӣ новобаста аз матн дар ду забон аз ҷиҳати сохтори фонетикӣ, грамматикӣ, луғавӣ ва маъноиашон омӯхта мешаванд. Муодилнокии тарҷумавӣ бошад вобаста ба мазмуни матн муодили худро ёфтан ё наёфтанаш таҳқиқот бурда мешавад. Дигар назария оид ба муодилнокӣ вуҷуд дорад, ки дар мақола чун муодилнокии динамикӣ ном гирифтааст. Мувофиқи назарияи муодилнокии динамикӣ дар тарҷума Ю. Найда ин равандро ба таври комил равшан гардонидааст.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, мутобиқати байнизабонӣ, мутобиқати фонетикӣ, мутобиқати грамматикӣ, мутобиқати луғавӣ, мутобиқати тарҷумавӣ, муодилнокӣ, муодилнокии динамикӣ, муодилнокии функсионалӣ.

ТЕОРИЯ О ЗАКОНОМЕРНОСТИ СООТВЕТСВИЯ, ФУНКЦИОНАЛЬНОЙ И ДИНАМИЧЕСКОЙ ЭКВИВАЛЕНТНОСТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ ПЕРЕВОДА

В статье рассматривается соотношение межъязыковых лексических единиц, а также все аспекты языкового соотношения с точки зрения исследователей лингвистической и переводческой науки. Также весьма существенным является различие переводческого соответствия от межязыкового. В процессе исследования отмечается, что в сопоставительном языкознании фактически сопоставлют родной язык с чужим, то есть иностранным, в ходе которого один язык является источником, а другой- сопоставительным. При сопоставлении лексических единиц английского и таджикского языков наиболее важной проблемой является определение уровня их эквивалентности в языкознании. В данной статье также рассматривается вопрос о том, что межъязыковые соотношения - это соотношения языковых единиц, которые во время перевода или сопоставления языков анализируется по своей семантической, фонетической, грамматической и лексической структуре. Введении в языкознание и теории перевода говорится о том, что между соотношениями языков и эквивалентностью в переводе существует значительное различие. Межъязыковое соотношение, которое рассматривается в языкознании, мало отличается от переводческой эквивалентности, так как в межязыковом соотношении лексические единицы независимо от текста на обоих языках изучаются с точки зрения фонетической, грамматической, лексической структуры. Переводческая эквивалентность изучается путем выявления его эквивалентности в зависимости от содержания текста. Существует еще одна теория об эквивалентности, которая в статье упоминается как динамическая эквивалентность. Согласно теории динамической эквивалентности, в переводе Ю.А. Найда прекрасно прояснила этот процесс.

Ключевые слова: лингвистика, межязыковое соотношение, фонетическое соотношение, грамматическое соотношение, лексическое соотношение, переводческое соотношение, эквивалентность, динамическая эквивалентность, функциональная эквивалентность.

THE THEORY OF CORRESPONDENCE LAW, FUNCTIONAL AND DYNAMIC EQUIVALENCE FROM THE POINT OF VIEW OF THE TRANSLATION RESEARCHERS

The article discusses the relation of inter-language lexical units, as well as all aspects of the language correlation from the point of view of researchers of linguistic and translation science. The very significance is the difference in translation correspondence from inter-language. In the process of research, it is noted that in comparative linguistics they

actually compare the native language with a foreign one, that is, a foreign one, during which one language is a source and the other is a comparative one. When comparing the lexical units of English and Tajik, the most important problem is determining the level of their equivalence in linguistics. This article also examines the question of how inter-language relations are the relations of linguistic units, which during translation or comparison of languages are analyzed according to their semantic, phonetic, grammatical and lexical structure. From an introduction of linguistics and translation theory suggests that there is a significant difference between language relationships and equivalence in translation. The inter-linguistic correlation, which is considered in linguistics, differs little from translation equivalence, since in the inter-linguistic correlation lexical units, regardless of the text in both languages, are studied from the point of view of phonetic, grammatical, lexical structure. Translation equivalence is studied by identifying its equivalence depending on the content of the text. There is another theory of equivalence, which is referred to in the article as dynamic equivalence. According to the theory of dynamic equivalence, translated by Nida E. A. perfectly clarified this process.

Key words: linguistics, inter-language correlation, phonetic correlation, grammatical correlation, lexical correlation, translative correlation, equivalence, dynamic equivalence, functional equivalence.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** **–** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи англиси факултети забони англисӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Мухаммадиев 17/6. E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**
Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис, декани факултети забони англисӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Мухаммадиев 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com.**
Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 988-14-05-87**

Сведения об авторах: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** – Таджиский государсвенный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой английской филологии факультета английского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**
Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич – Таджиский государсвенный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, дотцент кафедры английской филологии, декан факультета английского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com.**
Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 988-14-05-87**

Information about the authors: ***Kesamirova Saodat Rustamovna*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, candidate of philological sciencies, head of the Department of English Philology, English Language Faculty. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadieva Str. 17/6. E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 987-52-41-41**
Musoyamov Zubaidullo Muminshoevich – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, candidate of philological sciencies, docent of the Department of English Philology, English Language Faculty. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadieva Str. 17/6. E-mail: **zubaidullo@gmail.com.**
Тел.: **(+992 37) 232-50-00; (+992) 988-14-05-87**

УДК: 811.21″373

ҶУМЛАҲОИ ҚИСМАН ИНКОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Элназаров Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҷумлаҳои инкориро дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ метавон ба се гурӯҳ тасниф намуд: а) ҷумлаҳои умумиинкорӣ; б) ҷумлаҳои қисман инкорӣ ва в) ҷумлаҳои тасдиқӣ – инкорӣ.

Мавриди тазаккур аст, ки ҷумлаҳои қисман инкорӣ қисмати бузурги ҷумлаҳои инкориро ташкил менамоянд ва тафовути онҳо аз ҷумлаҳои умумиинкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он хабар асосан дар шакли тасдиқӣ кор фармуда мешавад ба истиснои баъзе ҳолатҳое, ки дар онҳо хабар дар шакли инкорӣ меояд. Ҳамчунин ахбор ва ё маълумоти дар ҷумла зикргардида инкор нагардида, танҳо баъзе ҷузъҳо дар ҷумла инкор мегарданд. Баъзе олимон ва забоншиносон онро инкори ремавӣ ном бурдаанд [5, с.92-96]. Забоншиноси тоҷик З. Холназарова таъкид мекунад, ки дар забони тоҷикӣ он ҷумлаҳое қисман инкорӣ мебошанд, ки хабарҳои онҳо дар шакли чида омада, дар муносибати хилофӣ қарор гиранд [26, с.24-25]. Аммо чунин мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои қисман инкорӣ он қадар дуруст нест. Бояд тазаккур дод, ки хабарҳои дар муносибати хилофӣ қарордошта, яъне дар шаклҳои тасдиқӣ – инкорӣ омада, намуди дигари ҷумлаҳо, ҷумлаҳои тасдиқӣ – инкорӣ месозанд, на ин ки барои сохтани ҷумлаҳои қисман инкорӣ корбаст мегарданд.

Ба ақидаи олимон дар ҷумлаҳои қисман инкорӣ алоқаи байни субъект ва предикат, яъне байни мубтадо ва хабар алоқаи мусбат вуҷуд дошта, дар ҷумлаҳои мазкур субъект, объект ва ё дигар ҳолатҳое, ки дар заминаи он амал бояд иҷро гардад, рад карда мешаванд [14, с. 77]. Мисол: ***Одатан обҳои калони равон дар сармоҳои сахт на аз тарафи боло ва на аз ҳар ҷо - ҳар ҷо, балки аз як ҷо ях баста меоянд*** [1, с.209]***. Обычно бегущая вода реки в сильные морозы замерзает не местами, а с одного места*** [2, с.209]. Дар мисолҳои овардашуда амал иҷро мегардад, вале он бо каме ноҷурӣ ва норасоӣ ба анҷом мерасад ва қисме аъзоҳои он ба истиснои хабар шакли инкорӣ мегиранд. Дар ҷумлаҳои қисман инкорӣ асосан замон, макон ва сабабу натиҷаи амал инкор гардида, аммо худи амал ба иҷро мерасад, яъне **ях мебандад (замерзает)**, хабар дар шакли тасдиқӣ, аммо макон дар шакли инкорӣ омадааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар бунёд ва ташкили ҷумлаҳои қисман инкории забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҳиссачаҳо саҳми назаррас доранд, ки мавқеи онҳо пеш аз дигар аъзоҳои ҷумла муқаррар гардидааст, бо ибораи дигар, онҳо пеш аз хабар мавқеъ нагирифта, пеш аз аъзоҳои дигари ҷумла ҷой мегиранд. Ин мавқеъгирии ҳиссачаҳо дар ташкили ҷумлаҳои қисман инкорӣ дар ҳар ду забон ба назар мерасад ва онҳо мавқеи устувори худро нигоҳ медоранд.

Дар бунёд ва ташкили ҷумлаҳои қисман инкорӣ ҳиссачаҳои инкории “не”, “на” дар забони тоҷикӣ ва ҳиссачаҳои инкории **“не”**, **“ни”** дар забони русӣ вазифаи асосиро ба анҷом мерасонанд. Мисол: ***Дар ҳамин вақт як деҳқони миёнақади на он қадар ҷавон, ки дар тан либосҳои деҳқонии бечоравор дошт, монанди он ки бо қорӣ шинос бошад, омада ба ӯ бо таъзим ҳурматкорона даст пеш гирифта салом дод*** [1, с.236]. Муқоиса: ***В это время к нему подошел не очень молодой дехканин среднего роста в старой бедной форме одежды, приложив руку к груди, здоровался с ним как старому доброму знакомому*** [2, с.231].

Дар таснифи ҷумлаҳои инкорӣ олимон нуктаҳои назари гуногун доранд ва қайд кардан бамаврид аст, ки то ба ҳол фикри ягонае доир ба ин таснифот мавҷуд нест. Дар илми забоншиносии тоҷик олимон фикрҳои худро доир ба ҷумлаҳои инкорӣ баён доштаанд. Забоншиносон Ш. Рустамов ва З. Холназарова дар мақолаи хеш инкорро ба пурра ва нопурра тақсим карда қайд мекунанд, ки дар инкори нопурра на хабар, балки дигар аъзоҳои ҷумла инкор мешаванд [18, с.56]. Академик Б. Ниёзмуҳаммадов ҷумлаҳои инкориро ба ҷумлаҳои яктаркиба дохил намуда қайд менамояд: «Дар байни ҷумлаҳои сода ҷумлаҳое низ ҳастанд, ки ба воситаи як калима ва ё иборае, ки ба аъзоҳои алоҳида ҷудо намешавад, ифода меёбанд. Маънои асосии ин хел ҷумлаҳо аз тасдиқ ва ё инкор кардани гуфтаҳои дар матни боло баёншуда иборат аст. Инчунин, қайд карда мешавад, ки ин гуна ҷумлаҳо бештар дар нутқи диалогӣ ба кор бурда мешаванд» [13, с.225]. Профессор М.Қосимова мақолаеро дар бораи **«Инкор дар ҷумлаҳои сода»** ба табъ расонида, чанд ҷиҳати ин масъаларо тавзеҳ додааст [9, с.21-24]. Аммо дар масъалаи таснифоти ҷумлаҳои

инкорӣ аз ҷониби онҳо пешниҳоде ба назар намерасад, гарчанде ки онҳо доир ба ин масъала фикрҳои ҷолиби хешро баён намудаанд.

Олимон ва забоншиносони рус дар китоби «Русская грамматика» тамоми ҷумлаҳои инкориро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд а) ҷумлаҳои умумиинкорӣ; б) ҷумлаҳои қисман инкорӣ [17, с.407]. Вале дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин таснифи ҷумлаҳои инкориро мушоҳида нанамудем. Доир ба таснифи ҷумлаҳои инкорӣ мулоҳизаҳои олим Сухарева А. ҷолиби диққатанд. Забоншиноси мазкур он ҷумлаҳоеро инкорӣ номида буд, ки дар онҳо ҳиссачаҳои инкорӣ пеш аз хабар меоянд [22, с.4]. Аз мулоҳизарониҳои боло метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки баъзе омилҳо дар сохтори ҷумлаҳои инкории забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо ҳам наздиканд ва мувофиқат менамоянд, инчунин он унсурҳои грамматикие, ки дар забонҳои мазкур корбаст мегарданд, ҳамгун ва ҳамвазифаанд.

Ҳамчунин мавридҳое низ ба назар мерасанд, ки новобаста аз мавқеи ҳиссачаҳои мазкур ҷумлаҳое, ки бояд умумиинкорӣ бошанд, хусусият ва тобиши маънои қисман инкорӣ медиҳанд. Дар забони тоҷикӣ дар ташаккули чунин ҷумлаҳо мавқеи муайян ба ҳиссачаҳои маҳдудии «танҳо, фақат» хос мебошад. Мисол: ***Ба кор танҳо Сӯҳроб наомад.*** Ҷумлаи дар боло омада маънои онро дорад, ки «***ба кор ба ғайр аз Сӯҳроб дигар коргарон омаданд***» танҳо Сӯҳроб наомад. Яъне, байни коргарони дигар ва феъл - хабари ҷумла алоқаи мусбат мавҷуд аст. Аммо бо вуҷуди он ки хабари чунин ҷумлаҳо инкорӣ аст, вале новобаста аз он чунин ҷумлаҳо ба ҷумлаҳои қисман инкорӣ дохил мешаванд. Муносибати мусбати ҷумлаҳо инчунин бо ҳиссачаи маҳдудии **танҳо, фақат // только** ифода мегарданд. Мисол: ***Лекин ман фақат ҳаминашро фаҳмида наметавонам*** [4, с.251] // ***Я не могу однако же понять только того...*** [3, с.183]. Дар ҷумла қайд мегардад, ки "**ман ҳама чизро мефаҳмам**" "**ба ҷуз…",** дар ин ҳангом инкори ҷузъӣ ба миён меояд ва на тамоми ҳолат, балки як ҷузъи он инкор мегардад. Бо чунин тарзи ифода низ метавонанд ҷумлаҳои қисман инкорӣ сохта шаванд, ки дар ду забони мавриди назар ҳамгун ба назар мерасанд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар ташаккул ва баҳамоии ҷумлаҳои қисман инкорӣ чунин калимаҳо ва таркибҳо корбасти васеъ доранд:

1. Ҳиссачаҳои инкорӣ:

а). Ҳиссачаи инкории **на, не//не.** Дар китоби «Русская грамматика» вобаста ба мавқеъ ва ҷойгиршаии ҳиссачаи **не** намуди ҷумла муайян карда мешавад. Ҳиссачаи инкории «не» пеш аз аъзоҳои дигари ҷумла омада, (на пеш аз хабар) ҷумлаи қисман инкорӣ сохта метавонад [17, с.407]. Мисол: ***Аммо ҳар чӣ гӯед, ихтиёратон, лекин гап дар ҷонҳои мурда не, дар ин ҷо ягон чизи дигар пинҳон аст*** [4, с.246] //***Но только, воля ваша, здесь не мёртвые души, здесь скрывается что-то другое*** [3, с.180].

Метавон бо боварии том қайд намуд, ки ҳиссачаи инкории **не** ва **на** дар забони тоҷикӣ ва ҳиссачаи инкории **не** дар забони русӣ ҳамрадиф ва муодили якдигар мебошанд ва дар ҷумла объектро инкор карда, ҳамзамон барои сохтани ҷумлаҳои қисман инкорӣ мавриди корбаст қарор меёбанд.

Новобаста ба шабоҳат ва ҳамгунии забонҳои мавриди назар баъзе вижагиҳо дар ифода ҳангоми тарҷумаи ҷумлаҳои қисман инкорӣ ба назар мерасад. Ин маънои онро дорад, ки баъзе ҷумлаҳои умумиинкории забони тоҷикӣ дар тарҷума ба забони русӣ ба ҷумлаҳои қисман инкорӣ бадал шуданашон мумкин аст. ***Ҳақиқатан ҳам ои шикоят набуд, балки мумкин буд оҳан шамол хӯрда сурфа кунаду лекин ин помешики девпайкар шамол нахӯрад*** [4, с.191] // ***И точно, не на что было жаловаться: скорее железо могло простудиться и кашлять, чем этот на диво сформированный помещик*** [3, с.141].

б). Дар ташаккули ҷумлаҳои қисман инкорӣ ҳиссачаҳои **не // на** корбаст мешаванд. Мисол: ***Шумо ин гапатонро метавонед ба хизматгоратон гӯед, на ба ман*** [4, с.115] // ***Вы можете это сказать вашему слуге, а не мне*** [3, с.85]. Дар ҷумлаи мазкур бо ҳамин маъно ҳиссачаи **на** дар забони тоҷикӣ муодил ва ҳамвазифаи ҳиссачаи **не** дар русӣ шуда амада метавонад.

в). Дар ташаккули ҷумлаҳои қисман инкорӣ пайвандаки такрории ***на…на…// ни…ни…*** нақши муҳим дорад, ки хабари чунин ҷумлаҳо дар шакли тасдиқӣ меояд. Доир ба ин масъала фикри Б. Камолиддинов ҷолиби диққат аст. Ӯ қайд мекунад, **на…на…** на ҳамчун ҳиссача, балки чун пайвандаки такрорӣ истифода мегардад, ки дар ташкили ҷумлаҳои қисман инкорӣ нақши назаррас дорад [6, с.144]. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ёрии пайвандаки **на...на...** дар забони тоҷикӣ аъзоҳои дигари ҷумла ғайр аз хабар

шакли инкорӣ мегиранд. Дар ин маврид тамоми ҷумла маънои инкорӣ нагирифта, танҳо баъзе аз ҷузъҳои он шакли инкорӣ мегиранд. Мисол: ***…онҳо аз ин пеш на бойро дидаанд ва на Абдунабии марҳумро…*** [1, с.225] ***//...они до этого не видели ни бая и ни умершего Абдунаби.***

2. Дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ барои сохтани ҷумлаҳои қисман инкорӣ пешоянди **бе // без** корбаст мешаванд, ки онҳо барои маънои рад додани баъзе аъзоҳои ҷумла хизмат менамоянд. Мисол: ***…яке аз он муллобачаҳо мувофиқи шартамон ҳар рӯз бе тарк дар вақти муайян ошашро тайёр мекунад*** [1, с. 180] // ***Один из учеников согласно нашему договору готовит свой плов в определенное время без перерыва.*** Бояд қайд намуд, ки бо ёрии пешоянди **бе//без** танҳо баъзе аломат ва ё предмет дар ҷумла ширкат намекунанд, инкор мегардад. Муҳаққиқ Озерова Н.Г. истифодаи пешоянди **без** - ро танҳо бо муайянкунандаҳои номутобиқ ишорат намудааст [14, с.77-78]. Мавриди зикр аст, ки он ҳамчунин барои ифодаи аломат, субъект ва ё объекте, ки дар ташаккули ҷумла саҳм надорад, истифода мегардад.

3. Пайвандакҳои инкорӣ

Дар ташаккули ҷумлаҳои қисман инкорӣ пайвандакҳо низ истифода мешаванд.

а). Пайвандаки **бе он ки//но…не…**

Забоншиносони маъруфи тоҷик Ниёзмуҳаммадов Б. ва Зикриёев Ф. дар бораи пайвандаки таркибии «бе он ки» андешаронӣ намуда, онро пайвандаки тарзи амал гуфтаанд [6, с.67-68]. Мавриди зикр аст, ки пайвандакҳои мазкур низ дар сохтану бунёди ҷумлаҳои инкорӣ мавқеи муайян доранд. Мисол: ***Не,- гуфт Ҳамроҳрафиқ,- бе он ки чашмашро аз замин канад*** [1, с.254]. ***Нет! - проборматал Хамра Рафик, но лица так и не поднял*** [2, с.246].

б). Дар ташаккули ҷумлаҳои қисман инкории забони тоҷикӣ пайвандаки хилофии **балки, на ин ки** вазифаи муҳимро иҷро менамояд. Унсури мазкур бо пайвандаки инкории **а** дар забони русӣ ҳамвазифа буда, дар як зинаи корбаст қарор мегирад. Мисол: ***Қаллоби дигар шуморо фиреб медиҳад, ба шумо на ин ки ҷонҳо, балки ҷон гуфта чизи бекораро мефурӯшад…***[4, с.133] // ***Другой мошенник обманет вас, продаст вам дрянь, а не души***…[3, с.99]. ***Ман омадаам марҳамат пурсам, на ин ки адолат*** [15, с.122] // ***Я приехала просить милости, а не правосудия*** [16, с.49]. Муқоиса: ***На ин ки ҳамин ҳавои на онқадар хунук ба пойи одам таъсир кунад?*** [1, с.193]. ***На ин ки шишаи тафсонро ба дастатон гиред!*** [1, с.192].

в). Дар сохтани ҷумлаҳои қисман инкории забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҷуфти пайвандакҳои инкорӣ: **на танҳо… ҳатто, на фақат**… **ҳатто //не только... но; не только… даже** низ мавқеи муҳимро доро мебошанд. Мисол: ***...аз дасту пойи ӯ гирифта мурдавор кашола карда, на танҳо аз пеши мирзо, ҳатто аз дари сарой берунаш карданд***… [1, с.288]**.** Муқоиса: ***Они схватили его за руки, за ноги и выволокли, как покойника, не только из помещения, но и за ворота…*** [2, с.273].

г). Ҷуфти пайвандаки «**на …балки»** дар ташаккули ҷумлаҳои қисманинкории забони тоҷикӣ мавқеи намоён доранд. Чӣ тавре ки профессор М.Қосимова дар мақолаи хеш қайд менамояд: «Ҷуфти пайвандаки «**на …балки»** дар ташкили ҷумлаҳои инкорӣ мавқеи асосиро доро буда, дар ҷумлаҳои инкорӣ «**На**» пеш аз аъзои ҷумла ҷой мегирад ва онро инкор менамояд ва аъзои дигар бо «балки» тасдиқ мегардад» [8, с.27]. Ҳамвазифаи он дар забони русӣ «**не… а**» мебошад. Тафовути ҳиссачаи «**на**» аз ҷуфти пайвандаки мазкур дар он мушоҳида мегардад, ки агар қисмати аввали ҷумла бо ҳиссачаи **на** инкор шавад, қисмати дуюм бояд бо пайвандаки хилофии «**балки**» маънои тасдиқро ба миён орад. Агар дар ҷумлаҳои мазкур ҷуфти мазкур бо хабарҳои чидаи ҷумла ояд, бо ёрии он на ҷумлаҳои қисман инкорӣ, балки ҷумлаҳои тасдиқӣ – инкорӣ сохта мешаванд. Мисол: ***Берг назокатомез бо Вера суҳбат карда мегуфт, ки ишқу муҳаббат эҳсоси индунёӣ набуда, балки эҳсоси илоҳӣ мебошад // Берг с нежной улыбкой говорил с Верой о том, что любовь есть чувство не земное, а небесное*** [17, с.82].

ғ). **на… балки // не… а**

Ҳамчунин дар ташаккул ва бунёди ҷумлаҳои қисман инкорӣ таркибҳои пайвандакии «на… балки…» мавқеи муҳимро доро мебошанд. Мисол: ***…на як-ду гузарро, балки нимаи шаҳрро гардиш кардам*** [1, с.193] // ***... прогуливался не только одну или две улицы, а половину города*** [2, с.277]. Дар ин ҳолат худи амал ба иҷро расида, субъект ва объекти амал инкор мегардад. Мавриди зикр аст, ки чунин таркиб дар ҷумлаҳои тасдиқӣ-инкорӣ низ истифода мегардад, ки онҳо бо хабарҳои чида корбаст мегарданд: ***Хароҷоти онҳоро акнун ман***

медиҳам; шумо не, ман; ҳамаи харочотҳоро ба гарданам мегирам [4, с.65] // ***Теперь я плачу за них, а не вы; я, а не вы; я принимаю на себя все повинности*** [3, с.49].

д). Дар ташаккули ҷумлаҳои қисман инкории забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҷуфти дигари пайвандакҳои **на танҳо … балки, на фақат…балки…// не только… но** истифода мегарданд**.** Мисол: ***…баъзеҳояшон на танҳо бепул шуданд, балки ба болои ин аз Қорӣ-Исмат қарздор ҳам шуда буданд*** [1, с.227] // ***Некоторые из них не только потеряли деньги, но и даже стали должниками у Кори-Исмата***. ***…бо дасти худ ҳамаро як-як на фақат ном ба ном навиштан гирифт, балки ҳатто сифатҳои лоиқи таърифи ҳар кадомашонро ҳам қайд кард*** [4, с.137]. //***…собственноручно принялся выписывать всех не только поименно, но даже со значением похвальных качеств*** [3, с.192].

е). Ҷуфти пайвандаки **на ин ки… балки// не… а**

Дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҷумлаҳои қисман инкорӣ бо ҷуфти пайвандакҳои **на ин ки… балки//не…а, а не…** сохта мешаванд. Мисол: ***Ин духтар на ин ки ҷияни попи инҷоӣ, балки духтари Иван Миронов аст…*** [15, с.103]. ***Эта девушка не племянница здешнего попа, а дочь Ивана Миронова*** [16, с.41]**.** ***Лекин ман душманро нобуд кардаам, на ин ки меҳмонро; дар роҳи хало ва бешаи тира, на ин ки дар хона, дар пушти печ нишаста; бо гурзи шашпар, на ин ки бо гапҳои занона*** [15, с.96]. // ***Но я губил супротивника, а не гостя; на вольном перепутьи да в темном лесу, не дома, сидя за печью; кистенем и обухом, а не бабьим наговором*** [16, с.38]. ***Ин лаҷом аст, ки ҷиринг-ҷиринг мекунад, на ин ки пул*** [15. с.89]. ***Это бренчит уздечка, а не полтина*** [16, с.31].

Мавриди тазаккур аст, ки баъзе ҷумлаҳои қисман инкории забони русӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ метавонанд ҳам бо маъноҳои ҷумлаи умумиинкорӣ ва ҳам қисман инкорӣ ифода гарданд. Мисол: ***С первого взгляда она не очень мне понравилась*** [16, с.10]. Муқоиса: ***Ба назари аввал, вай ба ман чандон маъқул нашуд*** [15, с.29]. Ва ё: **Ба назари аввал, вай ба ман на онқадар маъқул шуд.** Дар чунин ҳолат инкор дар ҷойивазкунии воситаҳои инкорӣ ба амал омада метавонад. Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷумлаҳои қисман инкорӣ дар тарҷума ба забони тоҷикӣ гоҳе шаклан ба ҷумлаҳои умумиинкорӣ мубаддал мегарданд, аммо маънои қисман инкории онҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки воситаҳое, ки барои сохтани ҷумлаҳои қисман инкорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ истифода мегарданд, ҳамгунанд, онҳо ба наздикиву хешии ин ду забон далолат менамоянд ва собит менамоянд, ки ин ду забон аз як оилаи бузург пайдо гардидаанд. Вале, чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, дар тарҷума гоҳо ҷумлаҳои қисманинкории забони русӣ ба ҷумлаҳои умумиинкории забони тоҷикӣ бадал мегарданд ва онҳоро шаклан ба ҷумлаҳои қисманинкорӣ тарҷума намудан нодуруст мебошад, чунки моҳият ва маънои чунин ҷумлаҳо гум мешавад. Аз ин рӯ, бояд он муодиле бояд корбаст шавад, ки мантиқан дуруст, мувофиқ ба табиат ва меъёри забони тоҷикӣ бошад ва ё баръакс.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.Ч.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Осори баргузида. Дар ду ҷилд / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. - Ҷ.2. – 463 с.
2. Айни, С. Повести и очерки / С.Айни; пер. с тадж.- Душанбе: Маориф, 1983. – 398 с.
3. Гоголь, Н.В. Мертвые души / Н.В.Гоголь. – Москва - Ленинград, 1948. – 372 с.
4. Гогол, Н.В. Ҷонҳои мурда / Н.В.Гогол. (Тарҷумаи Э. Муллоқандов). – Сталинобод, 1955.- 498 с.
5. Долинин, К.А. Отрицание и коммуникативная структура предложения / К.А. Долинин // Грамматические исследования. Сб. науч. трудов ЛГПИ им. А.И. Герцена. – Л. 1975. - Ч.1.
6. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 1967. - 184 с.
7. Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф.Зикриёев. - Душанбе, 1976.
8. Қосимова, М. Оид ба баъзе вазифаҳои калимаи «балки» / М.Қосимова // Масъалаҳои филологияи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1967 – С.22-29.
9. Қосимова, М Инкор дар ҷумлаҳои сода / М.Қосимова // Мактаби советӣ, 1973. - №7. - С.21-24.
10. Лермонтов, М.Ю. Избранные сочинения / М.Ю. Лермонтов. – Москва, 1987. – 623 с.
11. Лермонтов, М.Ю. Қаҳрамони даврони мо / М.Ю. Лермонтов. (Тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ). – Душанбе: Маориф, 1977. – 182 с.
12. Мещанинов, И.И. Члены предложения и части речи / И.И. Мещанинов. - М.-Л., Изд-во АН СССР, 1945. – 322 с.
13. Ниёзмуҳаммадов, Б. Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. - 103 с.
14. Озерова, Н.Г. Средства выражения отрицания в русском и украинском языках / Н.Г.Озерова. - Киев, 1978. - 117 с.

15. Пушкин, А.С. Духтари капитан / А.С.Пушкин. - Душанбе: Маориф, 1978. - 144 с.
16. Пушкин, А.С. Капитанская дочка / А.С.Пушкин. – Москва, 1980. - 55 с.
17. Русская грамматика / Н.Ю.Шведова. - М., 1980. - Т.2. - 709 с.
18. Рустамов, Ш. Тарзи ташаккул ва моҳияти ҷумлаҳои инкорӣ / Ш.Рустамов, З.Холназарова // Мактаби советӣ, 1983. - №8. - С.13-16.
19. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1988. 344 с.
20. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ / Б.Сиёев. - Душанбе, 1972. – 236 с.
21. Собирҷонов С. Ҷумлаҳои саволии муқобилмаъно / С.Собирҷонов // Актуальные проблемы иранской филологии. - Душанбе: Дониш, 1985. - С.143-149.
22. Сухарева, А.А. К вопросу об отрицательных в современном русском литературном языке /А.А. Сухарева // Ученые зап. Ташкент. пед. ин-та», 1958. - В.19 ч. – Ч 4. - С.4.
23. Толстой, Л.Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 8 ҷилд.Ҷ.1 / Л.Н. Толстой (Тарҷумаи Ҳ.Аҳрорӣ). – Душанбе: Ирфон, 1978. - 440 с.
24. Толстой, Л.Н. Избранные сочинения. В трех томах. Т.1 / Л.Н. Толстой. - М.Художественная литература, 1988. - 671 с.
25. Халилов, А. Ҳиссачаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А.Халилов. - Душанбе: Дониш, 1977. - 117 с.
26. Холназарова, З. Отрицание и средства его выражения в простых предложениях современного таджикского литературного языка: дис. …канд.филол.наук: 10.02.20 / З.Холназарова. – Душанбе, 1986. - 178 с.
27. Холназарова, З. Вазифа ва мавқеи **не** дар ҷумлаҳои сода / З.Холназарова // Масъалаҳои забоншиносӣ. - Душанбе, 1985. - С.172.
28. Ҳамроқулов, Х. Ибора ва калимаҳои модалӣ / Х.Ҳамроқулов // Мактаби советӣ, 1974. - №5. - С.14-19.
29. Ҳасанов, А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А.А. Ҳасанов. - Хуҷанд, 2003. - 256 с.
30. Ҳошимов, С. Имконоти услубии ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ / С.Ҳошимов // Мактаби советӣ. – Душанбе, 1990. - №3. - С.21-32.
31. Ҳусейнов, Ҳ. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Ҳ. Ҳусейнов, К. Шукурова. - Душанбе: Маориф, 1983. - 255 с.
32. Элназаров Б.Д. Ҷонишинҳои инкорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / Б. Элназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2014. - №4/1(129). - С. 65-67.
33. Элназаров Б.Д. Частица «на» в таджикском языке и ее выражения в русском языке / Б.Д. Элназаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №2(82). - С.11-14.

ҶУМЛАҲОИ ҚИСМАН ИНКОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Зуҳуроти инкор яке аз масъалаҳои нисбатан камомӯхташуда дар забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад ва аз ин рӯ, дар муқоиса бо забони русӣ омӯхтани он натиҷаҳои мусбат медиҳад, зеро масъалаи ифодаи инкор дар забони русӣ ба таври назаррас мавриди пажӯжиши вижаи забоншиносони рус қарор гирифтааст. Аммо ин масъала дар илми забоншиносии тоҷик мавриди пажӯҳиши вижаи забоншиносон қарор нагирифта, танҳо дар асарҳои ҷудогона ба масъалаҳои гуногуни инкор баҳсҳо сурат гирифтаанд. Чунин тарзи бархурд ниёз ба таҳлили амиқро талаб менамояд, зеро аксари маълумотҳо доир ба зуҳуроти инкор ҷузъӣ мебошанд ва доир ба ҷумлаҳои инкорӣ маълумоти кофӣ дода нашудаанд. Дар мақолаи мазкур, ки доир ба роҳҳои ифода ёфтани ҷумлаҳои инкорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ сухан меравад, мавқеи асосиро тарзҳои ташаккул ва роҳҳои ифода ёфтани як намуди ҷумлаҳои инкорӣ - ҷумлаҳои қисман инкорӣ ишғол менамоянд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки тамоми унсурҳои асосиро, ки барои ташаккули чунин намуди ҷумлаҳо истифода мегарданд, ба таври назаррас гурӯҳбандӣ намояд ва умумияту вежагии сохтори чунин ҷумлаҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нишон диҳад. Дар таснифи унсурҳои забонӣ методи муқоисаи забонҳоро самаранок истифода бурдааст. Муаллиф ба таври синхронӣ зина ва дараҷаҳои корбасти ҳиссачаҳову пайвандакҳоеро, ки барои сохтани ҷумлаҳои қисман инкорӣ истифода мегарданд, мавриди пажӯҳиши вижа қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки муаллифи мақола дар таҳлили маводи адабӣ ба асарҳое такя мекунад, ки онҳо дар ҳар ду забон ҳамтои оригиналӣ ва тарҷумашударо доро мебошанд.

Калидвожаҳо: ҷумла, категорияи инкор, ҷумлаҳои қисман инкорӣ, воситаҳои ифода, ҳиссача, пайвандак, синтаксис.

ЧАСТНООТРИЦАТЕЛЬНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Категория отрицания является одной из наименее изученных проблем в таджикском языке, поэтому его изучение, в сравнении с русским языком, дает положительные результаты, поскольку вопрос выражения отрицания в русском языке серьезно изучен русскими языковедами. В таджикском языкознании этот вопрос был только лишь предметом некоторых исследований лингвистов, и поэтому только в отдельных работах обсуждались различные вопросы отрицания. Такой подход требует глубокого анализа, так как большая часть информации о феномене отрицания фрагментарна, а предмет отрицания представлен недостаточно. В данной статье, посвященной способам выражения отрицательных предложений в таджикском и русском языках, основную роль играют способы образования и способы выражения одного вида отрицательных предложений, частноотрицательных предложений. В данной статье автор попытался существенно сгруппировать те языковые элементы, которые используются для формирования данного типа предложений, и показать общность и специфику структуры таких предложений в таджикском и русском языках. При классификации языковых элементов эффективно используется метод языкового сравнения. Одновременно автор исследовал степень использования отрицательных частиц и союзов для построения

частноотрицательных предложений. Следует отметить, что автор статьи при анализе литературного материала опирается на произведения, имеющие оригинальный и переведенный аналог в обоих языках.

Ключевые слова: предложения, категория отрицания, частноотрицательные предложения, средства выражения, частица, союзы, синтаксис.

PARTIALLY NEGATIVE SENTENCES IN TAJIK AND RUSSIAN

The category of negation is one of the least studied problems in the Tajik language, therefore, its study in comparison with the Russian language gives positive results, since the question of expressing negation in Russian has been seriously studied by Russian linguists. In Tajik linguistics, this issue was only the subject of some research by linguists, and therefore only in separate works various issues of negation were discussed. This approach requires deep analysis, since most of the information about the phenomenon of denial is fragmentary, and not enough is provided for denial. In this article, devoted to the ways of expressing negative sentences in the Tajik and Russian languages, the main role in this article is played by the methods of formation and ways of expressing one type of negative sentences, partially negative sentences. In this article, the author tried to substantially group those linguistic elements that are used to form this type of sentences, and to show the generality and specificity of the structure of such sentences in the Tajik and Russian languages. In this article, devoted to the ways of expressing negative sentences in the Tajik and Russian languages, the main role in this article is played by the methods of formation and ways of expressing one type of negative sentences, partially negative sentences. In this article, the author tried to substantially group those linguistic elements that are used to form this type of sentences, and to show the generality and specificity of the structure of such sentences in the Tajik and Russian languages.

Key words: sentences, category of negation, partial negative sentences, means of expression, particle, conjuntions, syntax

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Элназаров Баҳодур*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузарг. Мавлонбеков, 1. E-mail: **bakhodur_elnazarov1987@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-60-75-54**

Сведение об авторе: ***Элназаров Баходур*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафуров, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **bakhodur_elnazarov1987@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-60-75-54**

Information about the author: ***Elnazarov Bahodur*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pas. Mavlonbekov, 1. E-mail: **bakhodur_elnazarov1987@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-60-75-54**

УДК: 491.550-4

ЛЕКСИКАИ СОҲАИ МОҲИДОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тасвири забонии ҷаҳони ҳар як қавму қабила гуногун буда, дар он хусусиятҳои миллии забон ва фарҳанг таҷассум мегардад. Инсон қодир аст, тавассути забон фарҳангу тамаддун ва он оламеро, ки ӯро иҳота намудааст таҷассум намояд. Тасвири ҷаҳон донишҳои шахс, этнос ва ҷомеаро оид ба ҳақиқати объективӣ инъикос менамояд. Гарчанде тасвири забонии ҷаҳон қолаби умумии дар тафаккури тамоми одамон як хел инъикосёфта мебошад, аммо аз сабаби гуногунии забонҳо ва хусусиятҳои хосси онҳо бо забонҳо ва вожаҳои гуногун ва инчунин бо тарзҳои гуногун ифода меёбад. Масалан, хусусиятҳои забони тоҷикӣ бештар дар шеър таҷассум ёфтааст ва осори назмӣ дар забони мо бештар аз осори насрӣ буда, шоирон ҳангоми тасвири нозуктарин мавзӯъҳои зиндагӣ аз вожаҳову таркибҳои асили забони тоҷикӣ бештар истифода кардаанд:

Дилбари моҳипазам бошад ба рух чун офтоб,
Моҳии худро даруни деги ӯ кардам кабоб [10, с.451].

Дар айни замон мафҳуми “тасвири забонии ҷаҳон” маводи маъмули омӯзиш миёни мутахассисони фанҳо ва сатҳҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Мавзӯи мустақими омӯзиш тасвири миллии ҷаҳон дар умум, ҳамин тавр баъзе аз ҷузъҳои он консептҳо - гурӯҳҳои луғавӣ ба ҳисоб меравад [5, с.99].

Тадқиқоти шуури лингвистии намояндагони гурӯҳҳои гуногуни этникӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазири забоншиносии муосир дар айни замон буда, дар ин ҷода олимон сайю кӯшишҳои беандоза намуда истодаанд.

Бояд зикр намоем, ки ҳар як соҳибзабон ҷаҳонеро, ки ӯро иҳота кардааст бемонеа тасвир карда метавонад. Масалан, воҳидҳои луғавии *даҳанҳалолкунӣ* (дар моҳи шарафи Рамазон истеъмоли моҳӣ, ки барои покиза нигоҳ доштани забон ҳатмист), *ҷомаи қӯрвоқа* (обе, ки аз будани чунин навъи обсабз моҳӣ инкишоф намеёбад), т*акичак* (ҳашароте, ки тавассути он моҳиро медоранд), *қӯрмоқ* (асбоби моҳидорӣ) фақат хосси намояндагони ин мавзеъ буда, дунёи махсуси онҳоро ба тасвир мекашад. Масалан, зарбулмасали “*Рыба пахнет с головы*” (моҳӣ аз калааш ганда мешавад) ва “золотая рыбка” (моҳии ноёб), гарчанде ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, аммо бархилофи ҷаҳонбинии мардуми мо хусусиятҳои хосси тасвири ҷаҳонро аз тарафи русҳо нишон медиҳанд. Ё ин ки баръакси ҳол мақоли “*Моҳӣ нахоҳӣ думаш гир”,* ки дар забони тоҷикӣ дар мавриди “агар кор накунӣ ба ҳила аз сар во кун” ва ё “*тухми анқо*” (чизи ноёб) хосси мардуми тоҷик буда, барои дигар қавму қабилаҳо бегона аст. Инчунин, хусусияти хосси дигари забони тоҷикӣ он аст, ки дар аксарияти ҳолатҳо соҳибзабонон фикри худро тавассути зарбулмасалу мақолҳо ифода менамоянд, ки ин аз ғановатмандии забони нобу шевои мо дарак медиҳад.

Зарбулмасалу мақол дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум барои исботу тасдиқ ё инкори фикр, барои назокату нафосати нутқ, барои муассир ва нишонрас шудани сухан аҳаммияти ниҳоят бузург дорад [4, с.99].

Лексикаи соҳаи маишӣ барвақт диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст ва маводи тадқиқи забоншиносон гардидааст. Аз ҷумла бештари муҳаққиқони соҳаи забоншиносии тоҷик диққати худро ба масъалаи ташаккули истилоҳоти илмӣ равона кардаанд ва барои мураттаб намудани истилоҳоти илмии ифодакунандаи олами ҳайвоноту наботот, албатта, рӯ ба лаҳҷаву шеваҳои тоҷик мениҳанд, зеро дар он ҷо калимаву истилоҳоте маҳфуз мондаанд, ки аксарияти онҳо аз даврaҳои аввали рушди забонамон сарчашма мегиранд.

Мусаллам аст, ки вожаҳое, ки дар робита ба мавзӯи моҳидориву моҳипарварӣ дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, бо ҳаёти иҷтимоии ин мардум алоқамандии сахт доранд. Моҳидорию моҳипарварӣ низ аз қадимулайём яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, калимаву истилоҳоти зиёде дар ифодаи ин шуғл дар забони мо мавриди истифода қарор доранд, ки дар фарҳанги” Бурҳони қотеъ” овардани ин истилоҳ аз он шаҳодат медиҳад: *парпин* бар вазни рангин; моҳипарвариро гӯянд ба арабӣ ҷадвор хонанд [8, с.227].

Моҳигирӣ ҳамчун як бахши муҳимми иқтисодие буд, ки аҳолии водии Ҳисор, аз ҷумла мардуми Ҳакимиву Қаратоғ бо ин шуғл рӯзгори худро пеш мебурданд. Иқлими ин мавзеъ ва табиати ин ҷо барои моҳидориву моҳипарварӣ хеле мутобиқ буд. Обҳои дараи Қаратоғ ва кӯли Париён чунон ҳам тозаву шаффоф буданд, ки ҳатто шинои моҳиҳоро бе ягон монеа дидан мумкин буд. Оид ба ин ақида дар китоби ”Деҳаи Ҳакимӣ” чунин оварда шудааст: Ҳатто рӯзона ҳаракати ҳайвонҳоро дидан мумкин буд. Гулмоҳиҳои дарёи шӯхобаш воқеан дар бомаззагӣ беқиёс буда, машҳури водии Ҳисори зарнисор гаштааст [1, с.25].

Гарчанде ин навъи шикор дар ин минтақа аз гузашта арзи вуҷуд дошт, аммо дар асри Х1Х бо сабаби дар ин мавзеъ сукунат ихтиёр кардани қавму қабилаҳои гуногун, асосан, яҳудиҳои самарқанд, барлосҳо, мӯсобозориҳо ин амали нек дар ин мавзеъ хеле рушд кард. Бо рушди ин соҳа, ҳатто дар Қаратоғ касби *моҳипазӣ* пайдо шуд, ки овозаю шуҳрати он ҳунармандон ба дигар минтақаҳои кишвари мо паҳн гашт ва ба ин мавзеъ бештар сайёҳон барои истеъмоли моҳибирён меомаданд. Лексикаи соҳаи моҳидорӣ низ мавриди омӯзишу пажӯҳиши забоншиносон қарор гирифтааст. Гарчанде дар забоншиносии тоҷик дар ин мавзӯъ корҳои назаррас намоён нестанд, аммо дар корҳои лаҳҷашиносони тоҷик оид ба ин мавзӯъ қайду ишораҳо ҷой доранд. Дар забоншиносию шевашиносии рус доираи омӯзиши ин мавзӯъ хеле фарох аст. Зеро моҳипарварӣ ва моҳидорӣ яке аз шуғлҳои асосии мардуми рус аст. Лексикаи соҳаи моҳидорӣ диққати бисёри шевашиносонро (дар забони русӣ - Г.А.) ба худ ҷалб мекунад [6, с.105].

Инчунин дар тартиб додани луғати истилоҳоти касбӣ низ омӯзишу пажӯҳиши ин соҳа мавқеи калонро мебозад ва аз ин рӯ, барои омӯзиши луғоти соҳаи моҳипарварӣ забоншиносон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Масалан, дар ин бобат забоншиноси рус Герд чунин ибрози ақида намудааст: “Ба масъалаи ташаккули истилоҳоти илмӣ аз рӯйи маводи истилоҳоти номи моҳиҳо муҳаққиқон диққати хосса додаанд” [3, с.5].

Бо сабаби гуногунии лаҳҷаву шеваҳо истилоҳоти соҳаи моҳидорӣ низ дар лаҳҷаҳои мазкур хусусиятҳои хосси худро доро мебошад. Калимаи “*моҳӣ”* дар ин минтақа бештар ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, дар шакли “*маҳӣ”* маъмул аст. Калимаву истилоҳоти ин соҳа имкон медиҳанд, ки онҳоро бо нишон додани хусусиятҳои хоссашон ба гурӯҳҳо ҷудо намоем, аз ҷумла:

1. **Калимаҳои ифодакунандаи навъҳои моҳӣ**: *гулмоҳӣ, ширмаҳӣ, лақамаҳӣ, мормаҳӣ, зағорамаҳӣ, сағмаҳӣ, гурмаҳӣ, қизиллола* ва ғайра. Муодили калимаи “*мормаҳӣ”* дар лаҳҷаи тоҷикони Китоб “*маховак*” ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми пажӯҳиши “Лаҳҷаҳои тоҷикони Китоб” муҳаққиқ М. Маҳмудов ин истилоҳро, айнан дар ҳамин шакл овардааст: *маховак* - як навъ моҳӣ, ки ба мор монанд аст [7, с.178].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки аз сабаби он ки мардуми Қаратоғи водии Ҳисор аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд муҳоҷир шуда омаданду бо мардуми узбектабор зиндагӣ менамуданд, дар ин лаҳҷа баъзе калимаҳое, ки туркианд ба назар мерасанд. Истилоҳи мураккаби “*қизиллола”* дар ифодаи “*моҳии сурх*” низ аз калимаи туркии қизил (сурх) ва лола (гул) ба зуҳур омада, дар гузашта низ миёни мардуми тоҷик дар ин шакл дар истифода қарор доштааст, ки айнан дар ҳамин шакл оварда шудани ин вожа дар луғати “Чароғи ҳидоят” аз он шаҳодат медиҳад: *моҳии қизиллола*- мураккаб аст аз моҳӣ ва қизиллола; ва он аз навъи моҳии сурхранг бувад [11, с.190].

Истилоҳи *гӯрмоҳӣ* дар забони адабии тоҷик низ маъмул аст: *гӯрмоҳӣ/ гурримаҳӣ* як навъ моҳиест, ки дар оби ширин зиндагӣ мекунад, моҳии пурқимати саноатист [16, с.556].

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи *ширмоҳӣ* дар ин мавзеъ ба тағйироти маъноӣ дучор шудааст. Аз ҷумла, дар деҳаи Чиртак *ширмоҳӣ* ба маънои духтари сафедпӯст низ мавриди истифода қарор гирифтааст:

Ширмоҳии ман ғарава тамошо дора,
Тангаи гардануш арзиши як дунё дора.
Аз ишқаки ӯ сухтаву алҷима шидам,
Аз ошиқии ма бехабару дусад ошно дора.

Номи моҳиҳо вобаста ба сохт, ранг, хусусияти табиии онҳо гузошта шудааст, ки ин ақидаро мо дар пажӯҳиши забоншиноси варзидаи украинӣ А. Берлизов ҳангоми таҳқиқи “Лексикаи моҳидорӣ дар лаҳҷаҳои украинии Поднестровяи Поён” мушоҳида намудем: “Таҳлили шуморавӣ нишон дод, ки қисми зиёди номгузории моҳиҳо ба ранг, хусусиятҳои

ранг ва хусусиятҳои табиии онҳо вобастагии зич доранд” [2, с.6]. Ин ҳодисаи забониро мо бе шакку шубҳа дар номгузории моҳиҳо дар водии Ҳисор мушоҳида карда метавонем, *масалан истилоҳоти ширмоҳӣ, маҳии сафед, маҳии хокистарӣ, маҳии зард, маҳии қизиллола* дар робита бо ранги онҳо ба зуҳур омадаанд. Истилоҳоти *заҳорамоҳӣ, сагмоҳӣ, лақамоҳӣ, мормоҳӣ* дар вобастагӣ бо хусусиятҳои табиии онҳо гузошта шудаанд.

2. **Калимаҳое, ки асбобҳои моҳидориро ифода мекунанд**: қ*армоқ* (шаст), *тӯр/* сетка (матои боқуввати аз ришта бофташуда), *чач* (аз навдаҳои борику дарози зарбед сабади дарозрӯя бофта, дар ҷараёни об мегузоранд), *экран* (тавассути қувваи барқ доштани моҳӣ) ва ғайра. Истилоҳи *қармоқ* моли забони туркӣ буда, дар луғат низ айнан дар ҳамин шакл омадааст [12, с.606].

Калимаи ”*дастӣ*” низ дар мавриди доштани моҳӣ истифода бурда мешавад. Дар кӯлҳо бо усули *дастӣ,* яъне лоиқа кардани оби кӯл, ки дар ин ҳолат моҳӣ нафастанг шуда, болои об мебарояд, дошта мешавад. Бояд гуфт, ки худи калимаи “*дастӣ”* ҳамчун вожаи маънисоз дар таркибҳои ба монанди алочаи *дастӣ*, қолини *дастӣ,* кавши *дастӣ*, гӯшвори *дастӣ,* мошинаи *дастӣ* дучор меояд. Истилоҳоти *банди зеҳ* (жилка), *чангак* (крючок), *гараб* (чӯби моҳидорӣ), *куркурак* (қисми тобмедодагии шаст), *қургошим* (сурб барои вазнин нигоҳ доштан) дар ин лаҳҷа ба таври фаровон истифода мешаванд. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор шакли аслии ин калима “ шаст” истифода бурда мешавад, ки дар луғат чунин тафсир шудааст*: шаст* адади маъруф; ва қуллобе, ки бад- он моҳиро шикор кунанд, ва нарангушт, ки ба арабӣ ибҳом хонанд [11, с.140].

Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар ин бахши калимаву истилоҳот калимаи “ *тӯр”/ “тур*” каме тафсир мехоҳад. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки калимаи “тӯр” айнан дар ҳамин шакл дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” оварда шудааст, аммо маънои “матои сурохдор”- ро ифода накарда, чунин тафсир шудааст: тур- паҳлавон, далер; номи писари миёнаи Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”; аҳли Тӯрон. Шояд ин калима ҳамон калимаи “тюль”- и русӣ бошад, ки ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, дар шакли “тур” ба забони мо иқтибос шудааст. Оид ба этимологияи калимаи “тур” (тюль) забоншиноси варзида Н. Шанский чунин овардааст: “Тюль аз забони фаронсавӣ дар нимаи аввали асри X1X дар шакли TuLLe (топонимия) матоъ номгузорӣ карда шудааст, бо номи маҳалле, ки дар он ҷо ин матоъро тайёр намудаанд, ба монанди кашмир ва ғайра ба забони русӣ гузаштааст [15, с.6].

Агар қисми зиёди ин калимаҳо дар нутқи моҳидорон истифода шаванд, вале қисми дигарашон дар нутқи одамоне пайдо мешавад, ки ҳеҷ иртибот бо моҳидорӣ надоранд. Масалан, калимаи “тӯр" ба ғайр аз маънои “матои сӯрохдор барои доштани моҳӣ” ба маънои “матои ҳарире, ки занҳо дар пеши фаранҷӣ, инчунин дар сар мепартоянд” низ дар истифода қарор дорад: Ира шира Маҳмудҷон *тӯраки* маҳиқапекаша гифта, таҳтул накара буромада рафт (Қ); Мурғфарёд Маҳмудҷон *тури* моҳиқапиша гирифта, авсарӣ нокарда бурмада рафт (Ч). Эшонқул ҳамиқа сол салту сувайт гашта, гашта як пирдухтари коладори сию панҷсолая бе тӯю тамошо гифта оварда, намонд, ки ман ба дилам як келинчаки *тӯру* тоқидора ёваму орзуҳои дилам шиканад (Ш); Эшонқул ҳамқадар сол муҷаррад гашта, гашта як духтари пиршудаи чундукдори сию панҷсолара бе базму шодӣ гирифта оварда, намонд, ки ман таъби дилум як аруси *туру* тоқипуша ёвуму орзуҳои дилум шикана (Ч).

Инчунин дар ин мавзеъ калимаву истилоҳоти *тӯрбофӣ* (бофтани тӯр тавассути чангак) ва *тӯргирӣ* (тӯр дӯхтан дар гирди рӯймол ва даструймолча) низ истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки феъли “*тӯр гирифтан”* дар мавриди дӯхтани тӯр дар гирди рӯймол ва дастрӯймолча мавриди истифода қарор мегирад: Шотимки Нигина то саҳара нӯмоли мана *тӯр гирфта* шавад (Қ); Ҳамаи корота мону гирди нӯмоли келина *тӯр гир*. Феъли “*тӯр партофтан”* дар мавриди доштани моҳӣ ва ба сар партофтани тӯр мавриди истифода қарор мегирад. Дар луғат “тӯр” ба маънии “матои сӯрохдоре, ки занҳо дар сар мепартоянд”, таркиби луғавии “пардаи занбӯрин – пардаи сӯрохдор, ки занон дар бурқаъ дӯхта пеши рӯ доранд” оварда шудааст [11 с.52], ки хеле табиӣ номгузорӣ карда шудааст, зеро ҳамон сӯрохиҳои ин матоъ ба хонаи занбӯр шабоҳат доранд.

Бояд зикр кард, ки гурӯҳҳои мавзӯии оид ба соҳаи моҳидорӣ дар забони русӣ бештар дида мешавад. Шевашиносони рус номҳои асбобҳои моҳидориро ба чанд гурӯҳ ҷудо намудаанд:

1. Номгӯи асбоби моҳидорӣ аз тӯр;
2. Номгӯи домҳои аз ришта бофташуда;
3. Номгӯи асбоби моҳидории чангакдор;
4. Номгӯи асбоби моҳидории хордор.

Бар хилофи номи моҳиҳо, ки таърихи маърифати инсонро оид ба олами ҳайвонот инъикос мекард, номгузории асбобҳои моҳидорӣ ва қисматҳои онҳо таърихи рушди амалии захираҳои моҳидориро тасвир кардааст [9 с.15].

3. Номи ашхосе, ки бо моҳӣ сару кор доранд: *маҳигир/ маҳиқап/ маҳидор* (шахсе, ки ба моҳидорӣ шуғл меварзад), *маҳифурӯш* (шахсе, ки моҳиро дар бозор мефурӯшад), *моҳипаз* (шахсе, ки ба пухтани моҳӣ шуғл меварзад), *маҳипарвар* (шахсе, ки ба парвариши моҳӣ машғул аст) ва ғайра.

4. Калимаҳое, ки барои муайян кардани шароити моҳидорӣ истифода мешаванд: *маҳиқапии зимистона*, *маҳиқапии тобистона, маҳиқапии саҳарӣ, маҳиқапии бегонӣ, маҳиқапии рӯзона, маҳиқапии шабона* ва ғайра.

5. Калимаҳое, ки макони зисти моҳиро ифода менамоянд: *маҳихона, ҳавз, дарё, кӯл, обанбор, ҳавзҳои сунъӣ* ва ғ.

6. Луғоти марбут бо моҳиковӣ, аниқтараш бо хӯроки моҳӣ: *такичак/ бузак/ харак/ чирчирак/ хараки хокӣ, кирми сурхак, кирми партови гов* ва ғайра. Истилоҳи харак дар забони адабии тоҷик низ дар шакли харак маъмул мебошад: *Харак* - навъе аз ҳашаротро гӯянд ва тақрибан 1000 намуди харак мавҷуд аст [16 с.450]. Доираи истеъмоли вожаи *харак* дар ин мавзеъ каме фарох буда, ба чанд маъно мавриди истифода қарор дорад. Масалан: *харак* (хари хурд), *харак* (асбобе, ки дар дутор барои рост нигоҳ доштани тор хизмат менамояд), *харак* (асбоби чӯбии дароз, ки дар он 10-12 кас менишинанд), харак (асбобе, варзишие, ки аз рӯйи он мепаранд).

7. Номи хӯрокҳое, ки аз моҳӣ омода мешаванд; *маҳия (ро) кабоб кардан, маҳибирён, маҳишӯрбо.* Инчунин ба ин маънӣ дар луғат калимаи м*оҳ(и) ёна* оварда шудааст, ки дар гузашта ба маънои “навъе аз нонхӯриш; ва он ин аст, ки моҳиро дар он андохта ҳал созанд” корбаст мешудааст [11, с.190]. Гарчанде забоншиноси варзида С. Ҳалимиён ҳангоми таҳқиқи “Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидоӣ Насафӣ” ба номи амалиёти хӯрокпазие, ки дар осори Сайидои Насафӣ оварда шудаанд, таркиби луғавии “моҳиро кабоб кардан”- ро ворид намудааст, аммо, мутаассифона, барои намояндагони ин лаҳҷаҳо ин воҳиди луғавӣ бегона менамояд, зеро моҳиро кабоб намекунанд [14, с.26].

Инчунин, дар ин бахш калимаву истилоҳотеро вохӯрдан мумкин аст, ки аз забони форсӣ ба забони русӣ иқтибос шудаанд. Масалан, истилоҳи “*икра”* дар ифодаи “тухми моҳӣ” аз забони авестоӣ ба забони форсӣ гузаштааст, ки дар гузашта маънои “ях”-ро доштааст. Ва баъдан аз забони форсӣ ба дигар забонҳо гузаштааст [13, с.126].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки пайдоиши ибораҳои *Алимардони маҳипаз, Ашури маҳипаз, Акбари маҳимаз, Холи маҳипаз* ба истилоҳоти касбӣ иртибот дошта, аз серистеъмол будани вожаи *маҳӣ/ моҳӣ* ва сохтани таркибу ибораҳо бо он далолат мекунанд.

Дар калимаҳои марбут ба моҳидорӣ нақши феъл бағоят фаъол аст. Он бештар ба амалҳои моҳидорӣ марбут аст, масалан: *банди зеҳа(ро) а(з) гараб ҷудо кардан, света ба кор бурдан, тӯра партофтан, маҳия(ро) ба ях ларзондан, яха шикоф каран, такичака дар қармоқ мондан, бо ов мубориза бурдан, қӯрмоқа(ро) тов додан, маҳия(ро) пароканда каран* аз фаъол будани феъл шаҳодат медиҳанд.

Аз соли 1929 фаъолияти тарҷумонӣ ва аз соли 1939 фаъолияти драматургии Сотим Улуғзода оғоз мешавад. Мутаассифона, ин самтҳои фаъолияти нависанда низ бо иллати фирори фарзандаш муддате аз назарҳо дур мондааст. Аввали солҳои 1970 дар бинои Академияи илмҳои Тоҷикистон пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардида буд, ки дар он масъалаи бурду бохт ва комёбиву норасоиҳои соҳаи драматургияи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар маърӯзаҳои иштирокчиён оид ба фаъолияти драматургии устод Сотим Улуғзода сухане ҳам гуфта нашуд. «Ниҳоят Ҷалол Икромӣ, - менависад М. Наҷмиддинов, - ки дар президиум менишаст, сухан гирифт ва назди минбар омада гуфт: «Сад афсӯс, ки аз эҷодиёти Улуғзода ҳамчун драматург дар маърӯза як сухан нашуд. Улуғзода бунёдгузор, поягузори мустаҳками драматургия ва киносенарияи тоҷик аст. Магар мумкин аст ҳарф назадан дар бораи киносенарияҳои «Қисмати шоир», «Ибни Сино» ва филмҳои он, ки дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар Қоҳира мукофоти «Уқоби тиллоӣ» гирифтааст. Улуғзодаро аз сафи ҳизб ронданд, аз сафи нависандагӣ не. Ӯро аз касби драматургӣ ҳеҷ кас хориҷ накардааст. Сотимхон дар театр ва кинои тоҷик номи худро абадӣ сабт кунондааст. Чашмпӯшӣ ва замонасозӣ ба эбашу ҳаддаш. Ман (Мутеулло Наҷмиддинов – С. Э.) вақти суханронии Ҷалол Икромӣ ба рӯйи Турсунзода назар мекардам, ки ба чӣ ранг тағйир меёбад. Аз таърифи Икромӣ чеҳраи ӯ (Мирзо Турсунзода – С. Э.) қаноатманд шукуфт ва аз ҷойи нишасташ гуфт: Эроди Икромӣ ба маърӯза дуруст аст. Ман дар муҳокимаи баъди навишти маърӯза набудам. Дина аз сафар баргаштам. Ҷалол Икромӣ суханашро гуфту дигар дар президиум рафта нанишаст. Баръакс, поён фуромада, дар сафи якуми маҷлисгоҳ, дар паҳлуи Улуғзода омада нишаст ва дасти ӯро гирифта фишурд» [5, с.127].

Воқеан, Сотим Улуғзода ҳамчун драматурги касбӣ ҳангоми барҳаёт буданаш асарҳое ба вуҷуд овардааст, ки то кунун зеби саҳнаи театри тоҷик мебошанд.

Сотим Улуғзода бо осори таърихии худ дар насри тоҷик роҳу равиши тозаи муносибат бо воқеаҳои таърихиро тарҳрезӣ карда, бо ҳамин ҷанбаи миллӣ ва маърифатии насри таърихии тоҷикро тақвият бахшид. Асарҳои таърихии нависанда, чӣ хеле ки аз муҳтавои қиссаи «Ривояти суғдӣ» бармеояд, дар офариниши воқеии образҳои таърихӣ саҳми муносиб мегиранд, инчунин як давраи мукаммали таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷикро басо асоснок ва боварибахш ба хонанда пешкаш менамоянд. Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» тақдири гузаштагони мо дар асрҳои VII – IX, то давраи ташаккули халқи тоҷик, бо тамоми бурду бохташ, воқеъбинона нишон дода шудааст. «Мехостам (С. Улуғзода – С. Э.) ба ҳамин муносибат чанд калима дар бораи «Ривояти суғдӣ» ба шумо гӯям. Ин ривоят афсона нест ва ба ахбори таърихнависон пурра такя мекунад. Воқеаҳое, ки дар ин ҷо, баён шудаанд, воқеаҳои асосӣ, ки дар ин ҷо тасвир шудаанд, ҳамааш дар ахбори таърихномаҳои Наршахӣ, ахбори Гардезӣ, Табарӣ ҳаст. Ва сарчашмаҳои дигарро, ки дастрас набуд, Саид Нафисӣ дар китоби «Муҳит ва зиндагонии Рӯдакӣ» гирд овардааст. Ба ҳадде, ки як қисми диалогҳо айнан тасвири ҳол гирифтааст. Чунончи, гуфтугӯи Саид бинни Усмон бо Муовия – он чизҳое, ки мунаққид (манзур Атахон Сайфуллоев аст) эрод гирифт, ки афсона аст, масалан, воқеаҳои Молик Ибн –ур- Райб ё ба хотуни Бухоро ошиқ шудани Саид бинни Усмон, ё тарсонидани онҳо Хотуни Бухороро ба воситаи даровардани ӯ ба хаймаи ким – кадом як марди девсурат… Дар ахбор оид ба Саид бинни Усмон гуфта мешавад: марде буд бисёр фасеҳ ва некурӯй ва далер. Ва пеш аз он дар навоҳии Мадина будӣ. Ва инчунин вохӯрданаш бо паҳлавони Суғд дар ҷанги Самарқанд ва ҳамаи ин чизҳо ҳаст. Бо фиреб, мунофиқона паҳлавони Суғдро асир гирифтанаш ҳаст. Ё нав гуфтем, дар бораи муносибати Хотун ва Саид бинни Усмон гуфта мешавад… Саид ба вай шефта шуд. Ва мардуми Бухоро ба забони бухороӣ дар ин маънӣ сурудҳо бахшиданд. Ман (С. Улуғзода – С. Э.) чаро маҷбур шудам… мумкин буд аҳаммият надиҳам. Ман маҷбур шудам (ба мунаққид (Атахон Сайфуллоев – С. Э.) ҷавоб диҳам. Чунки воқеаҳои ҳақиқиро ин афсона аст, гуфта… Ин аҷиб аст, ки баъзеҳо гумон мекунанд, ки ҳар чӣ ҳаст, ба онҳо маълум аст. Ҳар чӣ онҳо донанд, бо ҳамон дониш қатъ мешавад. Дуруст, чандин умр даркор, ки ҳамаи ин чизҳоро кас хонаду донад. Модом ки хабар надоред, ё намедонед, ё мутолиа накардаед, одами андак баандеша ба ҳар сурат хомӯш меистад» [9, с.7].

Фикри навиштани қиссаи «Ривояти суғдӣ» ба С. Улуғзода маҳз баъди он пайдо мешавад, ки писараш Азиз соли 1967 Шӯравиро тарк карда, масъалаи аз албоми адабии ба муносибати Анҷумани адибони Тоҷикистон таҳияшуда баровардани Сотим Улуғзода ба

миён меояд. «Дар ҳамин замина, М. Турсунзода ба С. Улуғзода маслиҳат медиҳад, ки бо ягон роҳ содиқ будани худро ба ватану миллат ошкор созад. Ҳамин маслиҳат боиси он шуд, ки устод Улуғзода солҳои 70-уми асри ХХ ҳикояи «Марги Ҳофиз» ва қиссаи «Ривояти суғдӣ»-ро навишт ва гуфтанӣ шуд, ки фарзанди ӯ хиёнат накардааст» [1, с.12].

Вақте ки бо ин саҳифаи рӯзгори Сотим Улуғзода дар муқоиса бо қиссаи «Ривояти суғдӣ» шинос мешавем, шоҳиди он мегардем, ки образҳои марказии асар падару писар, талоши падари номурод ва писари муборизи ҷавони суғдӣ баҳри озодӣ аз ғуломӣ дар мадди назари нависанда қарор ёфтааст. «Сотим Улуғзода, – зикр мекунад Х. Шарифов, – дар қиссаи «Ривояти суғдӣ», ба назари мо, таҳти таъсири фирори писараш ва таассуроти он будааст, зеро қаҳрамонҳои марказии қисса падару писар буда, фоҷиаи падари номурод, ки писари ҷасуру тавоноёш гирифтори ғуломӣ ва асирӣ мегардад, тасвир шудааст. Мавзӯи дигари ин қисса ватанхоҳӣ ва ватанпарастӣ аст. Қаҳрамони марказӣ – ҷавонмарди суғдӣ дар асорат ҳам баҳри озодӣ ҷадал менамояд ва дар ин ҷода ҷони худро нисор мекунад» [12, с.183].

Зарбазаниҳои сиёсатмадорон ба нависанда ба итмом нарасида буд, ки вазъи сиёсии ҷомеаи собиқ Ҳукумати Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба куллӣ дигаргун шуд. Азбаски ҳамсари устод С. Улуғзода русзабон буд, вазъияти нооромии сиёсии пойтахти Тоҷикистон аввал ба оилаи ӯ таъсири худро расонд. Моҳи феврали соли 1989 дар Тоҷикистон вазъияти ноҳинҷор ҳукмфармо гардид ва ин вазъият характери миллатчигиро касб кард. Ба замми ин, соли 1991 давлати шӯравӣ рӯ ба парокандагӣ оварда ва ҷумҳуриҳое, ки тобеи идеологияи Ҳизби коммунист буданд, соҳибистиқлол шуданд. Тоҷикистон низ дар радифи дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ истиқлол ба даст оварда. Ин солҳо вазъи саломатии С. Улуғзода низ чандон хуб набуд ва рафъи камбудиҳои рӯзгорро завҷаи нависанда Любов Андреевна ба уҳда дошт. Рӯзе баъди бозгашт аз бозор дар сари роҳе, ки Любов Андреевна сӯйи хона меомад, як гурӯҳ ҷавонони бетарбияи маҳалла ҳамсари адибро нашинохта, дашному ҳақоратҳои гӯшношунид медиҳанд ва «чаро ба Россияаш намеравад, дар маҳаллаи мо озодона гаштугузор мекунад ин зани рус»-гӯён таҳқираш мекунанд. Баъди фирори фарзанд, таҳқири завҷааш аз ҷониби авбошон азоби рӯҳии нависанда як бар сад афзуд ва оқибат боиси ҳичрати якумрии нависанда аз Тоҷикистони азизаш гардид.

Муҳаққиқони рӯзгору осори Улуғзода пуртоқатӣ, фурӯтанӣ, дурандешӣ, шиква накардан аз сахтиҳои нависандаро ҳамеша таъкид менамоянд. Мутаассифона, ин дафъа ба он таҳқир нависанда таҳаммул карда натавонист. «Як вақт дар сари ин кӯча Фазлиддинро корд зада буданд ва оқибат аз зарби теғи онҳо ӯ мурд. Акнун ман ҳам (С. Улуғзода – С. Э.) дар ин кӯча гашта наметавонам, дилам аз ин ҷо ях барин шуд» [5, с.118]. Ҳамин тавр, аҳли оилаи Сотим Улуғзода баъди ин моҷаро ба шаҳри Маскав рахти сафар бастанд.

Ҷудоӣ барои Сотим Улуғзода барин нависандаи худогоҳу худшинос аз ватан ва ёру диёр хеле сангин буд. Бахусус, барои як олиме, ки ояндаи худро эҳсос карда бошад. Барои он шахсоне, ки бузургонашон чӣ арзише доранд, лаҳзаи видои ду нависандаи бузург С. Улуғзода ва Ҷ. Икромӣ аз аҳаммият холӣ набуда, дорои арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва тарбиявӣ мебошад. «Ман, - қайд намудааст профессор Ҷонон Икромӣ, - тасодуфан шоҳиди лаҳзаи видои ду нависандаи бузург (С. Улуғзода ва Ҷ. Икромӣ – С. Э.) гардидам. С. Улуғзода субҳидам ба назди хонаи мо, аз пеши даричаи боғ ба падарам нидо кард. Падарам, чун ҳарвақта дар паси миз ғарқи кор буд. Ман баромада Улуғзодаро ба хона даъват кардам, вале ӯ тангии фурсатро узр пеш оварда, рад кард. Ин дам падарам низ аз ошёнаи дуюм Улуғзодаро дида, поин шуд. Модарам низ аз паси падарам баромаданд. Аммо Улуғзода хоҳиш намуд, ки онҳоро танҳо гузоранд. Ман дуртар рафта истодам. Баъд аз салому алейк Сотим Улуғзода гуфт: «Ман омадам, ки бо ту ҳамешагӣ хайрухуш кунам. Аз афташ, дидор ба қиёмат мемонад… Агар хатое карда бошам ё туро ранҷондаам, аз гуноҳи ман гузар».

Дар чашмони Улуғзода ашк ҳалқа зад ва ӯ падарамро ба оғӯш гирифт. «Ман туро бахшидам, ту ҳам маро бубахш, агар хатое аз ман гузашта бошад ё ҳарфи ноҷое гуфта бошам. Дидор ба қиёмат… Хайр дӯстам». Падарам низ гиря кард. Онҳо чанд дақиқа якдигарро хомӯшона оғӯш намуда, ҳамин тавр хомӯшона аз ҳам ҷудо шуданд. Улуғзода оҳиста-оҳиста ба сӯйи хонааш равон шуду падарам аз паси ӯ менигарист. Ин лаҳзаро ман то зинда ҳастам, фаромӯш намекунам.

Рӯзи дигар Сотим Улуғзода бо аҳли оилааш аз Душанбе кӯчида рафт» [4, 4].

9-уми сентябри соли 1991 Тоҷикистон истиқлоли сиёсиву фарҳангӣ ба даст оварда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ном гирифт ва ҳамчун кишвари мустақил эълон гардид. Аммо ин хурсандӣ дер давом накарда, дар ин кишвари азияткашида соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки ба сари мардуми он хонавайрониву сарсониҳо овард.

Хушбахтона, сессияи XVI-уми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати XII, ки аз 16. 11. 1992 то 02. 12. 1992 дар вилояти Суғд давом кард, халқи тоҷикро аз ин бухрони шадиди сиёсӣ раҳоӣ бахшид.

Вазъи сиёсии кишвар бо сарварии раиси Шӯрои Олии ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович оҳиста-оҳиста рӯ ба эътидол овард. Бар асари мулоқоту вохӯриҳои пайдарпайи Сарвари давлат ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гурӯҳҳои мухолифини тоҷик 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи сулҳи тоҷикон ба имзо расид.

Маълум, ки дар тамоми давраҳои таърихӣ ҳастии миллатро ба воситаи адабиёту фарҳанги он мешиносанд ва қадршиносӣ мекунанд. Ҳанӯз дар асрҳои IX-X баъди ба сари қудрат омадани шоҳони Сомонӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон бо омезиши фарҳанги гузаштаву замони худ забону адабиёти наверо ба вуҷуд оварданд, ки сабаби пойдории фарҳанг ва бақои миллати тоҷик гардид. Яъне асри X-ро, бе муболиға, метавон давраи тиллоии инкишофи ҳама соҳаҳои адабу фарҳанги тоҷикон номид. Ҳамин падидаи некро истиқлоли сиёсиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми он файзёб гардонид.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба аҳли зиё пайваста меафзояд. Маҳз ҳамин сиёсати маорифпарварона ва фарҳангдӯстонаи Президентамон нисбат ба аҳли зиё буд, ки эшон моҳи майи соли 1995 ҳангоми вохӯрии сарони давлатҳои аъзои ИДМ дар шаҳри Маскав ба шарафи 50–солагии Ғалаба бар Германияи фашистӣ фурсати муносиб ёфта, ба аёдати Сотим Улуғзода рафта буданд, ки таассуроти ин сафар чунин аст. «Домулло, ба Ватан баргардед, - мегӯяд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - як шакароб хӯред, ҳама дардҳо рафъ мешаванд. Ман омадам, ки Шуморо барам. Хонаву ҷоятон обод, духтурони беҳтаринро ба нигоҳубину табобати шумо вобаста мекунам». Ин лаҳза аз чашмони устод ашк рехт ва ҳаракати аз ҷо хестан намуданд. Устод Ватан мегуфтанду оби чашмонашон беист мерехт» [10, с.3].

Ҳарчанд ки аёдату суханҳои самимонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сотим Улуғзода таъсир расонда, лаҳзае ҳам бошад сабукӣ бахшида бошад, вале дурии чандинсола аз ватан, ёру диёр, дӯстону наздикон ва пайвандон устодро хеле беҳолу бемадор карда буд.

Ҳамин тариқ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода фирори фарзанд, таҳқири ҷавонони пастфитрати бефарҳанг ва дурии ватанро таҳаммул накарда, 25-уми июни соли 1997 дур аз ёру диёр дар шаҳри Маскав аз олам гузашт. Ҷасади нависандаро бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди шаҳри Душанбе сохтанд ва мазори Лучоби шаҳри Душанбе манзили ҷовидонаи Сотим Улуғзода шуд.

Пӯшида нест, ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли зиё доимо пайваста таваҷҷуҳ мекунад: «Мо аз таърихи начандон дури Ватанамон низ номи даҳҳо шахсиятҳоеро бо ифтихор ба забон оварда метавонем, ки ба нафъи миллати хеш хизмати фидокорона ва бузург кардаанд… Бо назардошти хизмати шоёни нависандагони забардаст Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ дар рушди адабиёти муосири тоҷик, ки ҷашни 100–солагии онҳо дар назар аст, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Иттифоқи нависандагон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати шаҳри Душанбе дар бобати абадӣ гардонидани хотираи онҳо бояд тадбирҳо андешанд» [11, с.1].

Маҳз ҳамин самимияти Сарвари давлатамон буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2008, № 594 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода гузошта шуд ва ин намунаест аз силсилаи қадршиносиҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба аҳли зиё, махсусан нисбат ба Сотим Улуғзода.

Устод Улуғзода на танҳо дар миёни мардум маҳбубияти хосса дошт, балки аҳли қалам низ дар симои ӯ яке аз сутунҳои наср ва поягузорони драматургияи тоҷикро медиданд ва эҳтиром қойил буданд. Зиндаёд Бозор Собир ҳамин муҳаббати аҳли адабу фарҳанги тоҷикро нисбат ба Сотим Улуғзода дар шеъре бо номи “Ба ёди устод Сотим Улуғзода” бо меҳру ихлос ва эҳтирому самимияти том баён кардааст. Дар шеъри мазкур

бузургвории устод Улуғзода ва шукӯҳу шаҳомати шахсияти ӯ дар рӯёрӯйи ҳаводиси пурандуҳи рӯзгор файласуфона ва то андозае мармуз ифода шудааст. Инак, он шеър:

Ҳастии бузургон чист?
Чизе, ки нагардад нест.
Ҷоне ҳама дар меҳнат,
Ҷисме ҳама дар сабқат.

Ҳамчун маҳи шабхӯрда,
Кам гаштану хам гаштан,
Ҳамчу маҳи нав аз нав,
Зам гаштану зам гаштан.

Садпора шудан сад бор,
Чун об ба ҳар сӯе.
Боз омада пайвастан,
Чун об ба як ҷӯе.

Бечо шудан аз ҷое,
Аммо на ба вайронӣ.
Девори Бухоро буд,
Исмоили Сомонӣ.

Шиштан масали хуршед,
Ҷастан масали хуршед.
Хуршед ҳамешинад,
Хуршед намешинад.

Як зарра ҷудо гаштан,
Дар ҳар қадаме аз худ.
Як зарра адо гаштан,
Бо ҳар аламе аз худ.

Бар хеш асо кардан,
Болои баландатро.
Лағжида наафтодан,
Дар шебии умр аз по... [8, с.15-16]

Моҳи сентябри соли равон мардуми фарҳангдӯсту адабпарвари тоҷик 110 – солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзодаро бо як олам ифтихор таҷлил мекунад. Ҳарчанд ба санаи таваллуди ин адиби шинохта зиёда аз як аср пур шуда бошад ҳам, аммо саҳифаҳои зиндагӣ ва роҳи тайкардаи ин шахсияти фарҳангӣ чун нишони баланди фазилати инсонӣ ҳоло ҳам намунаи ибрат ва мавриди омӯзиши алоқамандонашон мебошад.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 205 с.
2. Зайниддинов, М. Ифшогари рози сухан / М. Зайниддинов // Ёде аз бузургон. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – С.58-86.
3. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 327 с.
4. Икромӣ, Ҷонон. Зиндачудоии Сотим Улуғзода бо нури чашмонаш Азиз / Ҷонон Икромӣ // Минбари халқ. – 2007. – 7 июл. - С.3-4.
5. Наҷмиддинов, М. Сурати башарию сирати малакӣ / М. Наҷмиддинов // Садои Шарқ. – 2000. – №7–12. - С.106-130.
6. Самадов, А. Шермарди қаламрави сухан / А. Самадов // Улуғзода, А. Ривояти суғдӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – С.3-17.
7. Саъдуллоев, А. Достоне аз ҳамосаи миллат / А. Саъдуллоев // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2003. – 28 март. – №13 (8766). – С.4.
8. Собир, Б. Ба ёди устод Сотим Улуғзода / Б. Собир // Офтобниҳол. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С.15-16.
9. Улуғзода, С. Оё мавзӯи таърихӣ метавонанд замонавӣ бошад? (Таҳияи Ҷамилаи Мурватиён) / С. Улуғзода // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 5 июл. – № 27 (1946). – С.6-7.
10. Хушқадам, Ҳ. Диду боздид дар кишвари Русия / Ҳ. Хушқадам. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 100 с.

11. Ҷабборова, М.Т. Донишманди озодандешу воқеъбин / М.Т. Ҷабборова // Ганҷинаи сухан. – 2009. – 20 май. – С.2.
12. Шарифзода, Х. Гӯяндаи ҳамосаи миллат / Х. Шарифзода // Сездаҳ мақола. – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – С.153-167.

САҲИФАҲОИ ЗИНДАГӢ ВА АҲВОЛУ ОСОРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мақола ба баррасии инъикоси саҳифаҳои зиндагӣ ва аҳволу осори Сотим Улуғзода дар илми адабиётшиносӣ ва ҳам ховаршиносии тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои охир, махсусан баъд аз касби истиқлол кардани Тоҷикистон, ҳам дар илми адабиётшиносӣ ва ҳам ховаршиносии тоҷик, омӯзиш ва муайян намудани роҳи тайкардаи бархе аз чеҳраҳои шинохтаи сиёсию фарҳангии асри XX, намояндагони илму адаби тоҷик, мақолаву асарҳои илмӣ ва баъзан хотироту ёддоштҳои хонандбоб навишта ва нашр шудаанд. Махсусан, доир ба шахсият, рӯзгору осор ва роҳи эҷодии тайкардаи Сотим Улуғзода хотироту ёддошт, мақолаҳои илмиву оммавӣ ва публитсистии зиёде аз ҷониби муҳаққиқон рӯйи чоп омадааст. Мутаассифона, бо гузашти айём шумораи касоне, ки аз ҳаёти он чеҳраҳои сиёсию адабӣ ва фарҳангии асри XX вуқуфи комил доранд, кам мешавад. Муаллиф қайд намудааст, ки моҳи сентябри соли равон мардуми фарҳангдӯсту адабпарвари тоҷик 110 – солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзодаро бо як олам ифтихор таҷлил мекунад. Ҳарчанд ба санаи таваллуди ин адиби шинохта зиёда аз як аср пур шуда бошад ҳам, аммо саҳифаҳои зиндагӣ ва роҳи тайкардаи ин шахсияти фарҳангӣ чун нишони баланди фазилати инсонӣ ҳоло ҳам намунаи ибрат ва мавриди омӯзиши алоқамандонашон мебошад.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, инъикоси саҳифаҳои зиндагӣ ва аҳволу осор, роҳи эҷодии тайкардаи Сотим Улуғзода, намунаи ибрат ва мавриди омӯзиш.

СТРАНИЦЫ ЖИЗНИ И НАСЛЕДИЯ СОТИМА УЛУГЗАДЕ

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению публикации в таджикской литературоведческой и историографической науке относительно жизни и творческого наследия Сотима Улугзаде. Автор отмечает, что в последние годы, особенно после пробретения Таджикистаном независимости в таджикской литературоведческой и историографической науке был изучен и определен пройденный жизненный путь некоторых известных политических и культурных личностей XX века, представителей таджикской науки и литературы и были изданы научные статьи, книги с воспоминаниями о них. Особенно относительно жизни и творческого наследия, личности и пройденного творческого пути известного таджикского писателя Сотима Улугзода было издано очень много научных и публицистических статей, воспоминаний со стороны таджикских исследователей. К сожалению, со временем, сокращается число тех личностей, которые имели непосредственную связь и хорошо осведомлены о жизни и наследии политических, культурных и литературных научных деятелей прошлого столетия страны. Автор отмечает, что в сентябре таджикский народ с чувством гордости будет отмечать 110 – летие со дня рождения Народного писателя Таджикистана Сотима Улугзода. Хотя со дня рождения этого известного литератора и прошло сто лет, но его пройденный жизненный путь и страницы его плодотворной деятельности до сих пор являются примером для подражания и изучения.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, отражение страниц жизни и наследия писателя, пройденный творческий путь Сотима Улугзаде, пример подражания и изучения.

PAGES OF LIFE AND HERITAGE OF SOTIM ULUGZADE

In this article, the author examines and studies publications in Tajik literary and historiographic science regarding the life and creative heritage of Sotim Ulugzade. The author notes that in recent years, especially after Tajikistan gained independence in the Tajik literary and historiographic science, the life path of some famous political and cultural personalities of the 20th century, representatives of Tajik science and literature was studied and scientific articles were published, books with memories of them. Especially regarding the life and creative heritage, personality and the traversed creative path of the famous Tajik writer Sotim Ulugzoda, a lot of scientific and journalistic articles, memoirs by Tajik researchers were published. Unfortunately, over time, the number of those individuals who had a direct connection and are well aware of the life and heritage of political, cultural and literary scientists of the last century of the country is decreasing. The author notes that in September the Tajik people will celebrate the 110th anniversary of the birth of the People's Writer of Tajikistan Sotim Ulugzod with a sense of pride. Although a hundred years have passed since the birth of this famous writer, his life path and the pages of his fruitful activity are still an example for imitation and study.

Key words: Sotim Ulugzoda, reflection of the pages of the life and heritage of the writer, the creative path of Sotim Ulugzade, an example of imitation and study.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сироҷиддини Эмомалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 17

Сведение об авторе: ***Сирожиддин Эмомали*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the author: ***Sirojiddin Emomali*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Contemporary Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 8 Т 2(075)

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ ТАШБЕҲ ДАР РОМАНИ СОРБОН «ДОСТОНИ ПИСАРИ ХУДО»

Ӯлмасова З.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Нависандаи номвари тоҷик Сорбон дар давраи шӯравӣ ҳикояву қиссаҳои зиёде аз дасти таълиф бароварда бошад ҳам, романи таърихӣ иншо накарда буд. Фақат дар охири солҳои 80-уми қарни XX нияти эҷодии ӯ дар бораи тадқиқи бадеии воқеаҳои гуногуни таърихӣ қавӣ гардид, ки боиси ба гузаштаи халқи худ амиқтар сар фурӯ бурдани ӯ гардид. Баъд аз ба вуқӯъ омадани истиқлолияти миллии Тоҷикистон диққату эътибори ӯ ба давраҳои гуногуни ҳаёти халқи тоҷик бештар шуданд. Нависанда натиҷа гирифт, ки ҳар қадар ба ин халқ ва кишвари ӯ ҳуҷуми аҷнабиён зиёд мегардид, вале ӯ дар пеши аҷнабиёни ғоратгар сари таъзим фуруд намеовард, балки бо қурбониҳои афзун бошад ҳам, кишвар шаъну шарафи худро дифоъ менамуд. Ҳамосаи бузурги ӯ «Достони писари Худо» аз зумраи ҳамин гуна асарҳои ӯст.

Романи Сорбон «Достони писари Худо» (иборат аз шаш китоб дар ду ҷилд) аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои таърихист, ки роҷеъ ба ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори пурфоҷиаи Искандари Мақдунӣ (356-323), шоҳи ҷавони Мақдуния ва Юнони қадим, лашкаркаши ҷаҳонгир навишта шуда дар он ба консепсияи шахсиятҳои қаторӣ аҳаммияти калон дода шудааст. Ӯ бо таърихи Эрон ва Осиёи Марказӣ дар давраи рӯзгор ва кишваркушоиҳои пурхунаш робитаи ногусастанӣ доштааст. Искандар ҳамагӣ 33 сол умр дида бошад ҳам, пас аз падари худ шоҳ Файлақуси II чун ба сари қудрат омад, дар роҳи муттаҳид кардани Мақдуния ва Юнон мубориза бурд, алайҳи форсҳо ҷангида, дар соҳилҳои руди Граник (334), Исса (333) ва шаҳри Гавгамела (331) пирӯзӣ ба даст овард, ҳокимияти Хаҳоманишиёнро сарнагун карда онро ба худ тобеъ намуд, ба Осиёи Марказӣ ҳамла оварда (329), онро ба итоати худ даровард, ба Ҳиндустон лашкар кашид ва дар ғарибӣ ҷон ба ҷаббор супурд. Манзури Искандар Шарқу Ғарбро муттаҳид кардан, империяи ягона ташкил намудан ва ҳукмрони ягонаи ҷаҳон гардидан буд. Аммо ба мақсад расида натавонист.

Академик Б.Ғафуров бо далелҳои муътамад, факту рақамҳо ва муҳокимаронихои мантиқӣ ба исбот мерасонад, ки дар натиҷаи ҷоҳпарастӣ, найрангу дасиса ва кушторҳо, бо мақсади ба даст овардани тахту тоҷ давлати Ҳахоманишӣ заиф гардида буд. «Искандар ба тавассути хабарҳое, ки аз Форс мерасид, аз вазъияти ноустувори давлати Ҳахоманишӣ ба хубӣ огоҳ гардида буд [4, с.119]. Сорбон ҳамаи бахши дуюми романи худро, ки аз сездаҳ банд (97 саҳифа) иборат мебошад, дар асоси ҳамин маводи таърихӣ менависад ва ба воситаи образҳои инсонӣ ва манзараҳои бадеӣ нишон медиҳад, ки империяи Ҳахоманишӣ дар натиҷаи фитнаю мансабталошӣ ва қатли ҳамдигарии шоҳон ва дигар аркони ҳукумати давлати Ҳахоманишӣ таназзул меёфт ва Искандари Мақдунӣ аз ин вазъияти сиёсӣ истифода бурда, ба мамлакати Форс лашкар кашид. Агар дар китоби «Тоҷикон» подшоҳони Ҳахоманишӣ Ардашери II, Мнемон, Ардашери III, Ох, Арсас, Дорои III, Қудумон, хоҷасарой Боҳуй чун сарварони ноуҳдабаро ва ҳилагар тазаккур ёфта, оқибати фоҷеонаи ҷоҳпарастиҳо таъкид шуда бошад, дар «Достони писари Худо» ҳамаи ин воқеаҳои фоҷеавӣ ва сабабгорони онҳо батафсил тасвир ёфтаанд ва образҳои роҳбарони бехиради давлати Ҳахоманишӣ зиндаю ҷоннок, бо хӯю хислат ва амалиёташон ба тасвир омадаанд.

Аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимме, ки дар «Достони писари Худо» ҳаллу фасли бадеии худро ёфтаанд, масъалаи ватандӯстӣ ва садоқат ба халқу мамлакати худ мавқеи намоён доранд. Ғояҳои ватандӯстӣ дар робита бо мубориза алайҳи Искандари Мақдунии ҷаҳонхоҳ ва лашкари ғоратгари ӯ ифода ёфтаанд. Ҳуҷуми ғосибони мақдунию юнонӣ ба Осиёи Сағир, Порс ва Суғду Бохтар дар байни аҳолии ин мамлакатҳо нисбат ба Искандар муносибатҳои гуногунро ба вуҷуд оварданд, ки ин муносибатҳо ба мавқеи синфии онҳо вобаста буд. Чунонки ишора карда будем, баъзе ҳокимону волиёни шаҳрҳо бо мақсади аз даст надодани ҷоҳу мансаб Искандарро бо нону намак пешвоз гирифтанд, бархе дигар бо мақсади хунрезӣ нашудан ва сулҳу оштӣ ӯро хуш истиқбол карданд, мансабдороне чун шаҳрдори Ориёи Сотирбарзан буданд, ки пойи ӯро бӯсиданд, мисли ҳокими Хоразм,

ашрофзодаи Порс Мифрон дар Лидия ба Искандар калиди арки Сардаро ҳадя кард, аммо аксарият ватани худро аз юриши аҷнабиён дифоъ карданд ва дар ин роҳ ҷон ба ҷаббор супориданд. Сокинони шаҳри Тир намунаи дурахшони ватандӯстиро нишон доданд. Онҳо тамоми воситаҳоро истифода бурданд, бахусус ҷавонони ватанпараст синаи худро сипар сохта сарзамини худро ҳимоя карданд ва бар зидди душман ҷангиданд, вале дар набардҳои нобаробар шикаст хӯрданд. Ҳамин гуна манзараҳои муборизаи шадид дар кӯҳистони Мардӣ низ воқеъ гардид, ки Искандар аз диловарию шуҷоати онҳо ба ваҳму ҳарос афтод.

Сорбон дар асоси пажӯҳиш ва фарогири маводи фаровони таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ на танҳо ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти лашкаркашии Искандарро аз айёми кӯдакӣ то вафоташ батафсил тасвир менамояд, балки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии тамоми кишварҳоро, ки ӯ фатҳ карда буд, бо образ ва манзараҳои бадеӣ нишон медиҳад. Искандар ҳар шаҳрро, ки бо куштору сӯхтор ғасб менамуд, бо мақсади шуҳратпарастӣ ва зиндаю пойдор нигоҳ доштани номи худ ба ҷойи он шаҳри тоза месохт. Ин аст, ки ба ин васила маданияти мақдуниву юнонӣ ҳам дар Эрону Осиёи Марказӣ роҳ меёфт.

Мазмуну муҳтавои таърихии романи Сорбон «Достони писари Худо»-ро ҳамаи номҳои ҷуғрофӣ, ки пойи номубораки Искандар ва лашкари сершумори ӯ ба он сарзаминҳо расидаанд, солҳову моҳҳо, ҳатто рӯзҳои ба вуқӯъ омадани воқеаҳо, дар асар бо ному насаби худ шомил шудани шахсиятҳои таърихӣ ва ашхоси воқеӣ, муҳимтар аз ҳама, ҳаққонӣ ва реалистона ба риштаи тасвир кашидани вақоеи таърихӣ ва кушодани моҳияти онҳо ташкил менамоянд. Гоҳо сарчашмаҳои илмӣ ва адабиро ишора месозад. Ин усули таълифи Сорбон аз дебочаи роман оғоз ёфта, минбаъд дар тамоми асар давом мекунад. Ӯ дар дебоча усули илмии муқоисавиро пеш мегирад, ба «Қуръон» ва «Таврот», хусусан ба асари донишманди ҳиндӣ Абулкаломи Озодӣ «Куруши Кабир» такя кардаву иқтибосҳо оварда ба фикри дақиқ шарик мешавад, «Зулқарнайн Куруш аст, на Искандари Мақдунӣ» [13, с.10]. Ҳамчунон Сорбон ба исбот мерасонад, ки «… Искандари Мақдунӣ бо он хунхорӣ, қатли ом карданҳо, зулму ситам, андар ҷазираи Тир дуним ҳазор ҷавони шуҷоъро маслуб кардан, бо оташ задани Тахти Ҷамшед, сӯхтани китоби «Авесто», ғорату бурданҳо наметавонист пайғамбар бошад, агарчи лақаби Зулқарнайнро мегирифт» [13, с.10].

Дар роман тарзи баёни драмавию лирикӣ низ ба назар мерасанд, ки дар роҳи тасвири ҳамосавии воқеияти таърихӣ кумак кардаанд. Шаклҳои гуногуни инъикос, таҳлилу ҷамбасти бадеии ҳаёт - афсона, ривоят, нома, хоббинӣ ва амсоли инҳо низ корбаст шудаанд, то ки таърихи замони Искандар бо тамоми муаммоҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фоҷеаҳояш тасвиру тадқиқи реалистии худро ёфта бошанд.

Манзури мо дар мақола таҳқиқи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар романи дар фавқ зикршудаи Сорбон мебошад. Муҳаққиқи илми бадеъ Тӯрақул Зеҳнӣ қонуниятҳои зерини санъати ташбеҳро оварда зикр мекунад: «Ташбеҳ монанд кардан аст. Нависанда барои равшантар тасвир кардани чизе гоҳо ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти чизи дигар монанд мекунад. Вале дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯйи сифат, ё хусусият, ё кирдору атвор – аз ягон ҷиҳат, бояд як навъ монандие мавҷуд бошад. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадеӣ хизмат мекунад» [8, с.42].

Истифодаи саъатҳои бадеӣ яке аз вижагиҳои сабки нависандагии Сорбон мебошад. Нависанда ба мақсади тасвири ботафсили воқеаҳо аз воситаҳои бадеӣ устодона истифода мебарад ва бо ёрии онҳо моҳияти предметро муайян мекунад. Дар «Достони писари Худо» ташбеҳ, саҷъ, тавсиф, талмеҳ, киноя, истиора, муболиға, зарбулмасалу мақол, таъкиду такрор ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ фаровон истифода шудааст.

Тамоми воситаҳои тасвири бадеӣ ба хусусиятҳои ғоявии роман тобеъ буда, дорои ғояи баланд мебошанд. Яке аз муҳимтарин воситаҳои бадеӣ, ки дар бораи тасвири вазъияти ҳаёт, барҷастаю образнок нишон додани воқеаҳою манзараҳо, тамоми хислати қаҳрамонҳо, ҳолати рӯҳӣ, амалиёт ва хислатҳои персонажҳо дар роман аз ҳама бештар ба кор рафтааст, ташбеҳ мебошад.

Албатта, ба риштаи таҳлил кашидани ҳамаи ташбеҳҳои роман, ки тақрибан 1400 саҳифаро ташкил мекунад, ҷою мавриди дигарро тақозо менамояд. Мо дар поён иҷмолан тақрибан сад ташбеҳи дар ин роман корбаст гардидаро мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Аввалин чизе, ки ҳангоми шиносоӣ бо ташбеҳҳои романи Сорбон ба назар мерасад, он аст, ки аксарияти кулли ташбеҳоти ӯро ташбеҳи равшан, ки онро сареҳ ва ё мутлақ низ меноманд [8, с.52], ташкил мекунад. Ва ин ҳолат аз табиати наср ва воқеоти тасвиршаванда сар мезанад. Ба ибораи дигар, дар ҳамаи ин ташбеҳот монандшавандаю монандкунанда, адоти ташбеҳ, аҳёнан аломати муштараки байни монандкунандаю монандшаванда, яъне ваҷҳи ташбеҳ мавҷуд аст. Масалан:

-- Вале як селаи хурд дар фазои хушк ва тафсон аз ташнагӣ даҳон воз карда, чун раҳнавардони ҷигарсӯхта ҳалқак зада, гоҳ пару бол афшондаву… [13, с.13].

-- Олимпиадаи огоҳ аз гирудорҳои рӯзгор ва дилу нияти шоҳони бадкеш хавф дошт аз шавҳар, то мабод, ки чун худойи Осмон Крон бачахӯр бошад [13, с.17].

-- Олимпиада мегирист алам кашида, Искандар механдид рӯҳи модар болида дошта ва баръакс Искандар мегиристу Олимпиада механдид, чунонки Яъқубу Юсуф аз шодии дидор [13, с.57].

Дар роман баъзан ёридиҳандаи монандӣ бо ёрии феъли мондан, ки ба маънои шабеҳ будан корбаст шудааст ва бино ба гуфти Тӯрақул Зеҳнӣ – «… ин ҳолат… дараҷаи ташбеҳро боло мебардорад» [8, с.51].

-- … домони кашоли ӯ гоҳи гирд гаштанаш санги осиёро монад [13, с.70].

-- Ва равшанойӣ лашкари хеш миёни деворҳои баланди сангӣ бидид, ки гулӯи кӯзаро мемонд [13,328].

-- Сарбози кироя фоҳишаро монад. Имрӯз ҳамроҳи ту ҷангад, фардо муқобили ту [13, с.387].

-- Бо чунин ҳусну малоҳат як сарпечи пораи сиёҳ ба сар андохта, ки шабу моҳи тобонро монад [13, с.415].

-- Нӯшдоруйи пас аз маргро монад [13, с.489].

-- Гардани дарози хамгаштаи шутур мори сарбардоштаву ҳанӯз тирнагаштаро мемонд [13, с.555].

Чунин ташбеҳот дар саҳифаҳои дигари роман аз ҷумла 1, 557;1, 692 ва ғайра ба мушоҳида расиданд.

Дар баъзе мавридҳо Сорбон ташбеҳотеро истифода мебарад, ки дар назари аввал хонанда фавран ташбеҳ будани онҳоро идрок намекунад:

-- Ягон-ягон фурӯ мерафтанд он сарҳо низ ва баъди чанд муддат асбонӣ бо тӯфон истодагарӣ карда натавониста губсаросо дамида рӯйи об мешмурданд [13, с.315].

-- Бо вуҷуди бо каф пинҳон карданаш… сипаҳсолор орази зебои Барзин ва гардани нефертитиёнайи ӯро дид [13, с.404].

-- Сипоҳи мақдуниву юнонӣ баркосо ва чун мӯру малах шаҳрро фаро гирифт… [13, с.461].

-- Шоҳи бе тоҷи хусравонӣ, ҷомайи фохир ба хок оғишта, мӯросо сӯйи рӯшанӣ мерафт [13, с.492].

-- Эрис чун дид, ки шоҳ рағбати афзун дорад, товусвор хиромид ва гирди ҳалқаи гетерҳо гашт [13,88].

Дар мисолҳои боло «губсаросо», «нефиртитиёна», «баркосо», «мӯросо» ҳамагӣ ташбеҳҳои равшананд, зеро суффиксҳои «-осо», «-вор» ва «-ёна» ба маънии «мисли», «ба сони» омадааст. Ин иддао махсусан дар мисоли сеюм, ки баъди вожаи «баркосо» ташбеҳи равшан бо адоти «чун» омадааст, возеҳ ба назар мерасад.

Лозим ба таъкид аст, ки ташбеҳоти Сорбон асосан ташбеҳоти нозук, табиӣ, дилчасп ва реалӣ мебошанд, вале аҳёнан ташбеҳоти муҷаррад низ ба чашм мерасад.

-- Ва чарҳҳои фурӯрафта ба рег қурси қамарро монанд, ки як карчи онро сояи Замин рӯпӯш карда бошад [14, с.118].

-- Ҳаво тира гашта аз гардани суми асби саворон, ки гӯйи дуди ғазаби шоҳу сипоҳаш бошад [14, с.90].

-- Санги сапед хунин шуд, гӯйи рӯйи моҳ доғдор [13, с.380].

-- Баҳри бетаг ҳамаро чу мағоки олам фурӯ мекашид [13, с.466].

Чӣ тавре ки маълум аст, дар назм … муҳимтарин шарти ташбеҳ ин аст, ки ташбеҳкунанда аз ташбеҳшаванда болотар истад, сифат ва хислатҳои чизи ташбеҳкунанда аз чизи ташбеҳшаванда мукаммалтар ва олитар бошад, то ки барои беҳтар намоён шудани хислатҳои чизи ташбеҳшаванда ёрӣ дода тавонад [8, с.65]. Ба назар чунин менамояд, ки ин мулоҳиза дар осори мансур на ҳамеша сидқ дорад. Дар наср бояд ташбеҳкунанда

барҷаста, барои хонанда мутавассит зуд идрокшаванда ва, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, тасвир ё тасаввуршаванда бошад. Ба ташбеҳҳои зерини Сорбон таваҷҷуҳ мекунем:

-- Юнониён бирафтанд ба ҷанг чу мӯру малах [13, с.24].

-- Искандар чун ҳамеша ҳамлайи фаврию ногаҳонӣ кард ва сипоҳи Доро аз хандақҳо, обкашҳо ва хамиҳо гӯйи мӯру малах рехтанд [13, с.336].

-- Сипоҳи мақдуниву юнонӣ барқосо ва чун мӯру малах шаҳрро фаро гирифт [13, с.461].

-- Сипоҳи пиёдаи мақдунӣ чун нонхӯракҳо ба деворҳо часпиданд; бар сари бораҳо нишаста, нардбонҳоро кашида дарун гирифтанд ва рехтанд ба диж. Каси аз дур ё болову баландӣ дида мегуморид, ки об рехтаанд ба хонаи мӯрон [13, с.483].

Эҳтимол, ба назари аввал чунин намояд, ки ташбеҳоти мазкур зебою нафис ва дилчасп нестанд, вале онҳо дар матн вазифаи асосӣ – барҷастаю возеҳ тасаввур шудани манзараи ҳуҷуми як лашкар ба қалъа ё шаҳреро дар зеҳни хонанда хуб ичро мекунанд.

Дар роман аҳёнан ташбеҳҳои анъанавӣ, ки дар назму насри классикӣ хеле серистеъмол буданд, аз қабили ташбеҳи рӯй ба моҳ дучор мешаванд:

-- Ба чунин ҳусну малоҳат як сарпечи порайи сиёҳ ба сар андохта, ки шабу моҳи тобонро монад [13, с.415].

-- мӯйи сиёҳи фатилайи хосси духтарони юнонӣ шонаҳояшро пӯшида буд ва рӯяш чу моҳ метофт миёни шаб [13, с.515].

Рашидаддини Ватвот дар бораи ташбеҳи неку ва писандида изҳори мулоҳиза карда гуфтааст: «… мушаббаҳ мавҷуде бошад ҳосил дар аён, мушаббаҳкунанда мавҷуде бошад, ҳосил дар аён. Ва, албатта, неку писандида нест он чӣ ҷамоате аз шуаро карданд ва мекунанд: чизе ташбеҳ кардан ба чизе, ки дар хаёлу ваҳм мавҷуд бошад, на дар аён. Чунончи, ангишти афрӯхтаро ба дарёи мушкин, ки мавҷаш заррин бошад, ташбеҳ кунанд, на ҳаргиз дарёи мушкин мавҷуд аст дар аён ва на мавҷи заррин» [1].

Ташбеҳкунандаҳои роман, чӣ тавре ки дар боло дидем, ба истиснои баъзе мисолҳои ангуштшумор чизҳои мушаххасанд, бинобар ин, барои тасвири равшану возеҳ ва образнокии воқеаҳо ва зоҳир шудани хислатҳои қаҳрамонони асар ёрӣ мерасонанд. Вале таҳлили ташбеҳоти асар як қонуниятмандии аҷиберо ошкор сохт. Ташбеҳкунандаҳои қариб 50 фоизи ташбеҳоти мавриди баррасии мо ба олами ҳайвонот, аз ҷумла бара, гург, боз, чӯҷа, хурӯс, мокиён, паланг, рама, шағол, мурғхона, гӯсфанд, қӯч, кабк, шер ва ғайра тааллуқ доранд. Аҷобати ин ташбеҳот дар он аст, ки аксари кулли онҳо аз ҳаёти деҳот гирифта шудаанд. Ба ташбеҳҳои зерин диққат фармоед:

Ба бозу чӯҷа ё уқобу мурғ монанд кардани ташбеҳшавандаю ташбеҳкунанда:

Шӯрид шоҳ ва пахш кард гетерро чунон ки боз чӯҷаро [13, с.86].

-- Иллириён, ки чунин овард надида буданд, чу мурғони рамидаву хӯсида, аз чанги уқоб ба пар-пар даромаданд, дижу шаҳру зану фарзанд ба ҳоли худ гузошта, пойи гурез тез карданд [13, с.98].

Ба хурӯсу мокиён ё кабку боз ё товусу тазарв монанд кардани ташбеҳшавандаю ташбеҳкунанда:

-- Искандар низ гирди эшон гашт, чунон ки хурӯс даври мокиён: дасти росташро чу боли хурӯс кашол карда ва қомат якпаҳлу карда хиромид [13, с.88];

-- Қомат баланд дошта, сари сина хурӯсона дамида, гардан фароз карда, болафшон ҳамла овард сӯйи гетераи боҳунар ва ӯ чу мокиёна гурезон хешро ба ҳалқаи раққосаҳо зад [13, с.88].

Тойис чарх гашту давр гашту гирд ва ларзону ҷунбону хиромон чу кабк омад ҷониби боз… Искандари дурандеш баланд шуд аз маснади шоҳӣ ва омад чун боз ҷониби кабк. Аз андешаҳои ботинӣ монанд буданд ин ду мурғро. Аммо чу ба майдон омад Искандар, оне қарор гирифт; пасон бол кушод чу товус сӯйи тазавр. Бол кушод чунон ки хурӯс гирди мокиён [13, с.516].

Ба палангу рама, шағолу мурғхона, гургу гӯсфанд, қӯчу меш монанд кардани ташбеҳшавандаю ташбеҳкунанда:

-- Талояи сафдару сафшикан пеш гузашт ва ҳамлавар шуд ногаҳон, чунон ки палангон сӯйи рама [13, с.98].

-- Искандари дамонтар аз шери жаён хашмиву бурун рафта аз хеш ҳамлаҳои ногаҳонӣ мекард, чунон ки гургон сӯйи рама [13, с.482].

-- Замину замон пур аз доду фарёд гашт, чунон ки шағолон ба мурғхонаҳо шабохун зада бошанд [13, с.98].

-- Ва баробари чун деву ёв ҳуҷумовар шудани саворон ғалмағал ва доду фарёди хурду бузург ба миён омад; чунон ки галаи шағолон зада бар селаи мурғон [13, с.482].

-- Шаҳр бад-он мемонд, ки галайи шағолони гурусна ба хайли муғони хонагии болшикаста дарафтода; куштаву хӯрда, сер шуда, ҳомӣ кор канда ба ҳаво меномида бошанд [13, с.670].

-- Миёни шеру инсон шарте набошад, чунон ки миёни гургу гӯсфанд туро роҳат набувад аз дасти ман [13, с.26].

-- … онҳо ба сони гургу гӯсфанд андар ин хаймаанд [13, с.403].

-- Шоҳ чу кӯчи масти бинаш бӯ гирифта ва варам карда миёни гетерҳо истода ҳайрон… [13, с.519].

Ҳарчанд ҳамаи ташбеҳоти боло, ва умуман ташбеҳоти роман хеле табиӣ ва зебоанд, ташбеҳ ва санъатҳои бадеие, ки дар тасвири гетерҳо ва хосса Тойиси Отинӣ ба кор рафтаанд, ҳусни нотакрор доранд: Ба ин гурӯҳ аз ҷумла ташбеҳи Тойис ба кабк дохил мешаванд:

-- Майлу муродаш он буд, ки Тойис чун кабки сияҳабрӯйи ақиқнӯл бихиромад сӯяш [13, с.524].

-- … ба сарсинаи испед, ки монад сари синаи кабки дариро: бардамида, дилкаш, шаҳватангез [13, с.60].

-- Ба назари шоҳ гетерҳои хушрӯ мусичаҳои бегуноҳ, кабӯтарони сабукбол ва кабкҳои хушхиромро монанд [13, с.87].

-- Гетери гандумгуни хушрафтор бештар монанд буд ба кабки маст ва ёде аз рақси Тойис меовард [13, с.87].

-- Эрис чун дид, ки шоҳ рағбати афзун дорад, товусвор хиромид ва гирди ҳалқаи гетерҳо гашт [13, с.88].

-- Ӯ ба кабки дарӣ монанд буд: сапед, чашму абрӯи сиёҳ дорад ва минқори сурх [13, с.404].

Як қатор ташбеҳоти Сорбон дар ниҳояти зебоӣ ва возеҳию равшанӣ ба амали рассом мемонанд, ки ягон манзараи табиатро тасвир карда бошад. Дар наср ба кам андар кам нависандагон даст медиҳад, ки дар ташбеҳоти ба назари аввал оддию маъмулӣ ба чунин тасвирҳои барҷаста ноил гарданд:

-- Сарбозони назди даромадгоҳ ва атрофии диж, ки барои дифоъу муқобилат аз касе фармон нагирифта буданд чу парандагони сармохӯрда гардан миёни шонаҳо кашида, тарсу ба фавҷи саворони мусаллаҳу дирафшдори дами боргоҳ менигаристанд [13, с.51].

-- Хоҳарони… дар пояи авранги арӯсӣ чун мурғакони сармозада гардан миёни шонаҳо фурӯ кашида менишастанд [13, с.217].

Ташбеҳкунандаи «мурғони сармозадаи гардан, миён, шонаҳо фурӯ кашида» дар барҷастагӣ шеъри маъруфи шоири рус С.Есенинро ба хотир меорад:

А по двору метелица
Ковром шелковым стелется,
Но больно холодна.
Воробышки игривые,
Как детки сиротливые
Прижались у окна.
Озябли пташки малые,
Голодные усталые
И жмутся по плотней [6, с.27].

Ташбеҳҳоро Сорбон аксаран дар якҷоягӣ бо санъатҳои талмеҳ (ҳам асотирӣ, юнонию мисрӣ, аз қабили Худои Осмон – Крон ва Нефертитӣ ва ҳам эронию мусалмонӣ, яҳудиасл, мисли Яъқубу Юсуф ва нӯшдоруи баъди марг) ва муболиғаю иғроқ, тазод, такрор корбаст мекунад.

Ягона эроде, ки дар ин бобат метавон гирифт, он аст, ки баъзе ташбеҳҳо такрор ба такрор истифода мешаванд, ки ин то андозае таъсирбахшии онҳоро халалдор месозад. Масалан, ташбеҳкунандаи мӯру малах дар чанд ҷойи асар [13, с.24; 13, с.336; 13, с.461] ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бояд таъкид кард, ки Сорбон дар корбасти санъатҳои бадеӣ малака ва маҳорати баланд зоҳир намуда, анвои гуногуни санъатҳои бадеиро ба батни матн даромехта, ҷаззобию шевоӣ ва фасоҳату малоҳати забону сабки романи «Достони писари Худо» -ро ба миён овардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидаддин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқуш-шеър / Рашидаддини Ватвот [пер. с перс.; исследование и коммент. Н.Ю.Чалисовой]. – М.: Наука, 1985. – 374 с.
2. Гафуров, Б. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Гафуров. – М.: Наука, 1972. – 658 с.
3. Гафуров, Б. Краткая история таджикского народа / Б.Гафуров. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1947. – 384 с.
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон: иборат аз 2 кит. / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Кит.1. – 704 с.
5. Ғафуров, Б. Тоҷикон: иборат аз 2 кит. / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Кит.2. – 416 с.
6. Есенин, С. Собрани сочинений в двух томах. Том.1. / С.Есенин. – М.: Советская Россия, 1990. – С.480.
7. Есенин, С. Собрани сочинений в двух томах. Том.2. / С.Есенин. – М.: Советская Россия, 1990. – С.384.
8. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 327 с.
9. Кожинов, В. Историзм в литературе: Краткая литературная энциклопедия / В. Кожинов. - М.: Советская энциклопедия, 1966. – С.227-230.
10. Османова, З.Г. Художественная концепция личности в литературах советского Востока / З.Г. Османова. – М.: Наука, 1972. – 265 с.
11. Петров, С.М. Советский исторический роман / С.М. Петров. – М.: Совет. писатель, 1958. – 483 с.
12. Рымарь, Н.Т. Введение в теории романа / Н.Т. Рымарь. – Воронеж: ВГУ, 1989. – 156 с.
13. Сорбон. Достони писари Худо: дар 2 ҷ. / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2005. - Ҷ.1 – 704 с.
14. Сорбон. Достони писари Худо: дар 2 ҷ. / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2005. - Ҷ.2 – 627 с.
15. Фрейденберг.О.М. Поэтика сюжета и жанра / О.М. Фрейденберг. - М.: Лабиринт, 1997. – 448 с.

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ ТАШБЕҲ ДАР РОМАНИ СОРБОН «ДОСТОНИ ПИСАРИ ХУДО»

Романи Сорбон «Достони писари Худо» (иборат аз шаш китоб дар ду ҷилд) аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои таърихист, ки роҷеъ ба ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори пурфоҷиаи Искандари Мақдунӣ (356-323), шоҳи ҷавони Мақдуния ва Юнони қадим, лашкаркаши ҷаҳонгир навишта шуда дар он ба консепсияи шахсиятҳои қаторӣ аҳаммияти калон дода шудааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки истифодаи санъатҳои бадеӣ яке аз вижагиҳои сабки нависандагии Сорбон мебошад. Нависанда ба мақсади тасвири ботафсили воқеаҳо аз воситаҳои бадеӣ устодона истифода мебарад ва бо ёрии онҳо моҳияти предметро муайян мекунад. Дар «Достони писари Худо» ташбеҳ, сачъ, тавсиф, талмеҳ, киноя, истиора, муболиға, зарбулмасалу мақол, таъкиду такрор ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ фаровон истифода шудааст. Тамоми воситаҳои тасвири бадеӣ ба хусусиятҳои ғоявии роман тобеъ буда, дорои ғояи баланд мебошанд. Яке аз муҳимтарин воситаҳои бадеӣ, ки дар бораи тасвири вазъияти ҳаёт, бачастаю образнок нишон додани воқеаҳою манзараҳо, тамоми хислати қаҳрамонҳо, ҳолати рӯҳӣ, амалиёт ва хислатҳои персонажҳо дар роман аз ҳама бештар ба кор рафтааст, ташбеҳ мебошад. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки як қатор ташбеҳоти Сорбон дар ниҳояти зебоӣ ва возеҳию равшанӣ ба амали рассом мемонанд, ки ягон манзараи табиатро тасвир карда бошад. Дар наср ба кам андар кам нависандагон даст медиҳад, ки дар ташбеҳоти ба назари аввал оддию маъмулӣ ба чунин тасвирҳои барҷаста ноил гарданд. Дар хулоса муаллиф таъкид мекунад, ки Сорбон дар корбасти санъатҳои бадеӣ малака ва маҳорати баланд зоҳир намуда, анвои гуногуни санъатҳои бадеиро ба батни матн даромехта, ҷаззобию шевоӣ ва фасоҳату малоҳати забону сабки романи «Достони писари Худо» -ро ба миён овардааст.

Калидвожаҳо: адабиёти тоҷик, насри даврони Истиқлолият, романи таърихӣ, Сорбон, «Достони писари Худо», поэтикаи асар, санъатҳои бадеӣ, истифодаи санъати ташбеҳ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ФИГУРЫ СРАВНЕНИЯ (ТАШБЕХ) В РОМАНЕ СОРБОНА «ПОВЕСТЬ О БОЖЬЕМ СЫНЕ»

Роман Сорбона «Повесть о Божьем сыне» (в шести книгах и двух томах) относится к числу тех исторических произведений, которые посвящены жизни и трагической борьбе Александра Македонского (356 – 323), молодого царя Македонии и Древней Греции, военачальника, покорившего мир. Он, как и Кир Великий, намеревался объединить все страны мира, создать великую империю и стать абсолютным властелином. Использование поэтических фигур и тропов является одной из особенностей писательского стиля Сорбона. Писатель искусно применяет художественные приемы с целью подробного описания событий и с их помощью определяет суть предмета. В «Повести о Божьем сыне» использованы такие художественные средства выразительности, как сравнение (ташбех), садж, восхваление (тавсиф), талмех, намек и двусмысленность (киноя, истиора), гипербола (муболига), пословицы и изречения (зарбулмасалу макол), эпитеты (таъкид), лексические повторы (такрор) и другие. Все художественно-выразительные средства соответствуют идейным особенностям романа и передают его основную мысль. Одно из основных средств художественной выразительности, которое передает жизненные обстоятельства, ярко и образно описывает события и пейзажи, раскрывает характерные черты героев произведения, характеризует душевное состояние и действия персонажей и чаще всего используется в романе, – сравнение (ташбех). Автор статьи отмечает, что ряд сравнений Сорбона по красоте и открытости похожи на работу художника, создающего природный пейзаж. Не все писатели могут добиться в прозе такой яркой выразительности с помощью простых и общепринятых на первый взгляд сравнений. В заключении автор подчёркивает, что Сорбон

проявляет высокое мастерство в применении средств художественной выразительности, соединяет в тексте несколько художественных фигур, что придает особую красноречивость и выразительность языку и стилю романа «Повесть о Божьем сыне».

Ключевые слова: таджикская литература, проза эпохи независимости, исторический роман, писатель Сорбон, «Повесть о Божьем сыне», поэтика произведения, художественная фигура, использование художественной фигуры сравнения (ташбех).

THE USE OF AN ARTISTIC COMPARISON FIGURE (TASHBEH) IN SORBON'S NOVEL "THE STORY OF GOD'S SON"

Sorbon's novel "The Story of God's Son" (in six books and two volumes) is one of those historical works that are dedicated to the life and tragic struggle of Alexander the Great (356 - 323), the young king of Macedonia and Ancient Greece, a military leader who conquered the world. He, like Cyrus the Great, intended to unite all the countries of the world, create a great empire and become the absolute ruler. Sorbon's writing style is characterized by the use of poetic figures and metaphors. The writer masterfully employs artistic techniques to vividly describe events and, with their assistance, discover the subject's essence. The Tale of God's Son uses such artistic means of expression as comparison (tashbeh), saj, praise (tavsif), talmeh, hint and ambiguity (kinya, istira), hyperbole (muboliga), proverbs and sayings (zarbulmasalu makol), epithets (takid), lexical repetitions (takror) and others. All artistic and expressive means correspond to the ideological characteristics of the novel and convey its main idea. One of the main means of artistic expression, which conveys life circumstances, vividly and figuratively describes events and landscapes, reveals the characteristic features of the heroes of the work, characterizes the state of mind and actions of the characters and is most often used in the novel - comparison (tashbeh). A lot of analogies of Sorbon in terms of beauty and openness, according to the author of the article, are similar to the work of an artist constructing a natural scene. Not all writers can attain such vivid expressiveness in prose using basic and widely accepted comparisons at first glance. In conclusion, the author stresses that the Sorbon demonstrates tremendous competence in the use of creative expression by combining many creative figures in the text, giving the language and style of the novel "The Tale of God's Son" a distinctive eloquence and expressiveness.

Key words: Tajik literature, prose of the era of independence, historical novel, writer Sorbon, "The Story of God's Son", poetics, artwork, artistic figure, use of the artistic figure of comparison (tashbeh).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯлмасова Замира*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузарг. Мавлонбеков, 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Сведение об авторе: ***Ульмасова Замира*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлянбеков, 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Information about the author: ***Ulmasova Zamira*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Philology, Professor of the Department of Modern Tajik Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov, Ave., 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

УДК: 891.550

МАВҚЕИ СУРУД ВА ПОРЧАҲОИ МАНЗУМ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Саъдӣ Қосимӣ Абдулқодир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шӯриши Восеъ дар таърихи халқи тоҷик яке аз воқеаҳои муҳим буда, аввал дар байни мардум, баъдан дар ашъори шоирони мардумӣ ва пасон дар осори адибон инъикос ёфт. Бахусус устод С. Улуғзода дар романи «Восеъ» воқеаҳои ин шӯришро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, нақлҳои воқеӣ моҳирона ва ба таври ҳақиқӣ ба қалам додааст. Зимни тасвирҳои худ, ин устоди сухан, ба ҳайси тасвири бадеӣ аз ашъори халқӣ низ истифода намудааст. Дар ин мақола мо ба ҳамин масъала изҳори назар менамоем.

Пеш аз он ки ба таҳқиқи мавзӯи мавриди назарамон бипардозем, ба чанд нукта ишора намуданро мувофиқ медонем. Ин нукот аст, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро сабти сурудҳои бахшида ба Восеъ асосан солҳои сиюми асри XX ҷалб намудааст. Қариб ҳамаи он суруду нақлу ривоятҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқони шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва муҳаққиқони дигар сабт шудааст, дар бойгонии ФФТ (Фонди фолклори тоҷик), ки ҳоло «Ганҷинаи фолклори тоҷик»-и ба номи академик Р.Амонов ном дорад, нигаҳдорӣ мешавад.

Гирдоварандагон ва муҳаққиқони «Сурудҳои шӯриши Восеъ» С. Раҳимӣ, О. Исматӣ, Алӣ Хуш, А.Н.Болдирев, Л. Бузургзода, Н. Маъсумӣ, Б. Шермуҳаммадов, Р. Раҳмонӣ, С. Эмомалӣ ва дигарон аз аввали солҳои сиюм то имрӯз назари худро дар бораи ин суруд гуфтаанд. Дар асоси сурудҳои марбути Шӯриши Восеъ, ки дар ҳамин бойгонӣ маҳфуз аст, соли 1985 маҷмӯаи «Восеънома» дар таҳияи Б. Шермуҳаммадов ба нашр расид. Баъдан дар таҳияи С. Эмомқул (С. Эмомалӣ) бо ҳамин унвон - «Восеънома» соли 2003 маҷмӯаи дигар аз чоп баромад.

Маълум мешавад, ки устод С. Улуғзода дар қатори асарҳои таърихӣ, воқеа ва ҳодисаҳои асри XIX ва нимаи аввали асри XX худаш бевосита ба макони зиндагии Восеъи қаҳрамон рафта, бо мардуми зодгоҳи ӯ ҳамсуҳбат шудааст. Дар ин бора, дар яке аз мусоҳибаҳо бо адабиётшинос М.Муллоҷонов устод С. Улуғзода гуфтааст: «Солҳои сол ният доштам дар бораи Восеъ романе нависам. Восеъ шахси таърихӣ, одами аҷоибе будааст. Як худи тарҷумаи ҳоли пур аз фоҷиа ва романтикаи ӯ барои як романи калон кифоя мекунад. Вале ба навиштани роман ҳеҷ ҷуръат намекардам. Ким-чӣ намерасид, ба назарам. Ва ана акнун, баъди сафари Балҷувону Ховалинг фаҳмидам, ки мушоҳидаи ҳаёт, дидани диёри Восеъ ва одамони он сарзамин намерасидааст» [6, с.85].

Дар охири романи «Восеъ» аз ҷониби худи С. Улуғзода порае аз мақолаи академик М. Шукуров зери унвони «Ба ҷойи охирсухан» оварда шудааст, ки дар он эшон дар бораи ин роман бомуҳаббат чунин гуфтаанд: «Дар асари калони эпикӣ тасвир кардани шӯриши Восеъ барин воқеаҳои таърихӣ барои нависандаи хуштаҷриба ҳам душвориҳои зиёде дорад. Душвории асосӣ иборат аз ин аст, ки дар бораи ин ҳаракати халқ, дар хусуси худи Восеъ ва наздикони ӯ сарчашмаи муътамади таърихӣ кам аст. Хушбахтона, дар солҳои сӣ сурудҳое, ки халқ дар бораи он шӯриш ва пешвои худ эҷод кардааст, навишта гирифта шуда буданд. Дар ин таронаҳои таърихӣ образи қаҳрамони халқ ба вуҷуд оварда шуда, меҳру муҳаббати заҳматкашон нисбат ба ӯ, ғаму андуҳи онҳо аз шикасти муборизаи адолатхоҳонаи вай бо сӯзу гудозе ифода гардидааст.

Вале ин сурудҳои таърихӣ асосан фикру ҳиссиётеро, ки халқ аз он воқеаи бузург ҳосил кардааст, ифода намуда, рафти воқеаҳоро бо ҳама тафсилу ҷузъиёташ тасвир накардаанд ва аз бисёр ҷиҳатҳо барои роман мавод дода наметавонад» [12, с.333-334].

Баъди ин гуфтаҳо устод М. Шукуров ба ҳамон мусоҳибаи М. Муллоҷонов бо нависанда ишора намуда, иқтибоси зеринро меорад: «Сотим Улуғзода бо истифодаи таҳқиқоти... муаррихон қаноат накарда, низ аз забони сокинони Ховалингу Балҷувон нақлу ёддоштҳо ҷамъ кардааст. Ӯ дар соли 1961 ба мунаққид Масъуд Муллоҷонов гуфтааст: **«Қишлоқ ба қишлоқ гашта, он ҷойҳои таърихиро бо чашми худ дида, бо бисёр мӯйсафедоне, ки шӯриши Восеъро дар ёд доранд, ҳамсуҳбат шудам, материали гаронбаҳое ҷамъ кардам»**.

Дар айни замон нависанда, албатта, бисёр санадҳои адабӣ ва таърихии охирҳои садаи XIX: дастхатҳо, тазкираҳо, қайдҳои сафари сайёҳони ҳамон давра ва ғайраро низ **«мисли олими таърихшинос»** омӯхтааст» [12, с.334].

Дар ҳақиқат, ин гуфтаи академик М. Шукуров (Шакурӣ) дуруст аст, ки дар ин роман С. Улуғзода ба мисли як олими пухтакор ба тамоми сарчашмаҳои таърихӣ, этнографӣ ва фолклорӣ дар айни замон сурудҳо ва порчаҳои манзум муроҷиат намуда, онҳоро саррофона ба кор бурдааст. Вақте ки романро гаштаву баргашта бо диққат мутолиа намудем, маълум шуд, ки нависандаи закитабъ аз осори манзум зиёд истифода набурдааст, балки онро дар мавридҳои зарурӣ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ барои таъсирбахш шудани воқеаҳо ба хонанда, ба кор бурдааст.

Ӯ ишора бар он менамояд, ки суруд дар кадом мавридҳо боиси дилхушӣ мегардад. Нависанда ҳанӯз дар аввалҳои роман аз базмхонаи амирзода ёдовар мешавад, ки агарчи дар он матни суруд нест, вале аз тасвири адиб маълум мегардад, ки базм бесуруд намешавад: «Абдулаҳадхон-тӯра аз шароби ноб сархуш дар базмҳои ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта, дилхушӣ карда нишаста буд, маҳрам даромада, ба арз расонд, ки Мирзоакрамбойи бӯстонӣ ба хизмат омадааст ва мехоҳад ба дидори мубораки Тӯра мушарраф шавад. Тӯра фармуд, ки бойро ба базмхона ворид намоянд» [12, с.6].

Агар дар тасвири фавқи нависанда аз базму созандаву навозандагони ашроф ёдовар шуда ва дар он матни манзумеро наоварда бошад, вале ӯ ҳангоми тасвири ҳолати Восеъ, эҳсоси ошиқонаи вай нисбати Аноргул аз як суруди машҳури халқӣ байтеро оварда, ба суруд муҳаббат доштани мардуми одиро нишон додааст: «Бегоҳирӯзӣ буд, ӯ аз пеши дари Наимшоҳ гузаштаравон як байти таронаеро, ки шабҳои тобистон дар хирман барои Аноргул мехонд, тараннум кард:

...Ҷонона, дар ин диёр ҳастӣ ё не?
Бар қавли худат қарор ҳастӣ ё не?

Ин овоз Аноргулро, агар мурда бошад, аз гӯр мехезонд. Ӯ бо дили тапону рухсораи алвон дар дами дари ҳавлӣ пайдо гардид» [12, с.49].

Маъмулан устод С. Улуғзода дар ҳамаи асарҳояш аз анъанаҳои халқӣ, ба хусус фолклорӣ, ба таври мунтазам истифода менамояд, ки ин истифодаи эшон бисёр моҳирона аст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки нақлу ривоятҳо, аз ҷумла порчаҳои манзумро чи хаттӣ ва чи китобӣ беҳуда истифода набарад. Ҳар кадоме аз матнҳои бакорбурдаи ӯ ҳатман мақсаднок аст. Порчаи манзумеро мисол меорем, ки маъмулан он дар шаклҳои гуногун ва ҳатто дар шакли насрӣ низ дар байни мардум роиҷ аст. Ин порчаи манзум дар бораи гузашти умри инсон ва ғанимат шумурдани он мебошад. Пеш аз овардани ин пораи шеърӣ С. Улуғзода дар бораи гузашти умри одамӣ диалоги ду ашрофзодаро меорад. Барои он ки моҳияти овардани ин порчаи манзум маълум шавад, мо гуфтугӯи пеш аз онро меорем, ки чунин сурат мегирад:

«– Аморатпаноҳ, шумо имсол ба чанд даромадед?

Қушбегӣ аз ин саволи ногаҳонӣ ҳайрон монд.

– Худо хоҳад, дар сари чиллаи зимистон ҳафтоду ҳаштро пур мекунам, – ҷавоб дод ӯ ва баъд фикр кард, ки шояд бий-додхоҳ ӯро пири фартут ва аз ин рӯ ба мансаби қушбегигӣ нолоиқ шуморад, бинобар ин, боз илова кард: – Аммо, Худоро шукр, худам ҳоло бардам, бақувват ҳастам.

Ҳоло он ки сару гардани ларзон, се-чорто дандони ягон-ягон ба нафаскашии хир-хираки аморатпаноҳ асло ба дурустии суханаш далолат намекарданд.

– Умри дароз давлати худодод аст, – гуфт Остонақул – ва аммо умри дароз бо сиҳатии тан – дучанд давлат... Ин фақир, – Остонақул одатан дар бораи худаш «ин фақир» гуфта гап мезад, – дар овони ҷавонӣ дар як баёз қитъае хонда будам, гӯянда он қитъаро ба ёд оварда хонд:

Нишоти умр бошад то ба сӣ сол,
Ба чил ояд – таназзул боядат кор.
Ба панҷоҳ гар равӣ ёбӣ ту сустӣ,
Ба шаст ойӣ – наёбӣ тандурустӣ.
Ба ҳафтод аст, марги мард зебо,
Ба ҳаштод омадӣ – афтодӣ аз по.
Навад навмедии умр аст, эй ёр,

Ба сад ойӣ – шавӣ аз умр безор.

– Аммо агар нек мулоҳиза кунем, – суханашро давом дод Остонақул, – маълум мешавад, ки фикри шоир саҳеҳ нест, худи тимсоли аморатпаноҳ даъвои шоирро рад мекунад. Ҷаноби аморатпаноҳ баъди сисолагӣ ҳам нишоти умрро дидаанд, дар чилсолагӣ корашон на ин ки таназзул надида, балки дар айни равнақу ривоҷ будааст, дар панҷоҳ ҳеҷ сустӣ наёфтаанд, дар шаст билкул тандуруст будаанд, аз ҳафтод ҳам сиҳат саломат гузаштаанд, акнун боз бардаму бақувват рӯ ба ҳаштод рафта истодаанд» [12, с.146].

Нависандаи моҳиру нозукбин баъди овардани порчаи манзум, онро дар гуфтори персонажи асар идома дода, моҳияти он шеърро мефаҳмонад. Маҳз баъди идомаи гуфтугӯ таъсири шеър ба хонанда низ бештар мешавад.

Анвои шӯхӣ, бозӣ, байтбарак, мушоира ва дилхушиҳои зиёде дар байни мардум аст. Мардумшиносон ва фолклоршиносон аксари онҳоро сабт кардаанд, вале дар кадом контекст баргузор шудани онҳоро на ҳамавақт шарҳ додаанд. Гоҳе адибон лаҳзаҳои ҷолиби анъанаҳои мардумиро чунон шарҳ медиҳанд, ки дар он ҳолат онҳо чун муҳаққиқ амал менамоянд. Инак, мисоле меорем, ки дар он нависанда дар кадом ҳолат рух додани сурудхонӣ, баёни эҳсоси ботинии ҷавононро дар муҳити деҳот тасвир намудааст:

«Гулъизор чормағзҳоро канда, шӯхона ба тарафи Ризо ҳаво медод. Ризо дошта мегирифт. Хоҳиш мекард, ки Ризо ҳам ба вай чормағз партояд.

Дар поёни ин бозӣ Гулъизор баногоҳ пурсид:

– Ризо, чаро ту аз ман канора мегирӣ? Маро бад мебинӣ чӣ?

Ризо ба зудӣ ҷавоб надод. Баъди як сукути дароз гуфт:

– Бад мебинам ё не, худат медонӣ... Агар падару модаратро рӯйихотир намекардам... Агар нону намак дар миён намебуд... Боз агар аз гап кардани мардум наметарсидам... – ӯ ҷумлаашро тамом накарда боз ба сукут рафт.

– Ин қадар агару магари ту бисёр будааст! – хандид Гулъизор. – Хуб, ин агару магар набошад, чӣ мекардӣ? – кунҷковӣ намуд вай.

– Дар он вақт... ман дар он вақт ба ту чунон гапҳое мегуфтам, ки... худат ҳайрон мешудӣ, – ҷавоб дод Ризо.

– Қавл медиҳам, ки ҳайрон намешавам, – боз хандид Гулъизор. – Чиҳо мегуфтӣ Ризоҷон?

– Мегуфтам, ки... ман дар он вақт... ба қавли ту, бе ин агару магар... мегуфтам, ки Гулъизор духтари аз ҳама нағз, аз ҳама зебо, аз ҳама ширин аст. Гулъизор ақлу ҳуши маро ба тамом дуздида, диламро ҳам бурдааст. Дар номакаш бимирам, садқаи қадакои раъноям, рӯякои зебоям, чашмакои шаҳлоям шавам. Ана ҳамин тавр мегуфтам.

Дили Гулъизор тапид, чеҳрааш сурх шуд, қариб буд, ки дасту пояш аз дарахт канда шуда, ба замин фурӯ ғалтад. Ба Ризо пушт гардонда, ба чормағзи дар дасташ буда дуру дароз назар дӯхт. То ин вақт ҳеҷ касе ба вай чунин суханҳо нагуфта буд. Суханони Ризо ба гӯшаш чун савти рӯҳфазое садо медоданд.

Ризо боз гуфт:

– Аз гапам хафа шудӣ, Гулъизор?

Духтар сари инкор ҷунбонд.

Хомӯшие ба миён омада хеле тӯл кашид. Сипас, Гулъизор худ ба худ дубайтии зеринро бо овози паст замзама кард:

Ситора дар ҳаво кабки зарин аст,
Худам ангуштару ёрам нигин аст.
Илоҳо, ту нигинамро нигаҳ дор,
Ки ёри аввалу охир ҳамин аст.

Ризо ҳам, гӯё дар ҷавоби вай, ин дубайтиро ба ҳамоҳанг тараннум кард:

Нигори нозанин, ман аҳли дардам,
Сарамро гар буранд, аз ту нагардам.
Сарамро гар буранд бо ханҷари тез,
Ба хун ҷавлон кунам, гирди ту гардам.

– Ту байти бисёр медонӣ, Ризо? – пурсид Гулъизор.

– Бисёр не, –гуфт Ризо, – эҳтимол, ту аз ман бисёртар донӣ.

– Медонам, ки ба ту бой медиҳам. Хайр, майлаш, ту сар кун.

Байтбараки онҳо иборат буд, аз ин ки байтро, кӣ бисёртар медонад. Гулъизор фикр карда истода, ин мисраъҳоро хонд:

Себарга бигуфт: Дар замин сабза манам,
Бунафша бигуфт: Ҷавони пурғамза манам.
Садбарг бигуфт: Ту лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошиқони саргашта манам.

Ризо дар ҷавоб ин дубайтиро ба хотир овард:

Рӯзгорамро сияҳ кардию мегӯйӣ: шаб аст,
Ларзае бар ҷонам афкандию мегӯйӣ: таб аст.
Устухонам сӯхтӣ, хокистарам додӣ ба бод,
Хоки олам бар сарам резад ту мегӯйӣ: кам аст.

Гулъизор:

Эй қаландарбача, ин ҷо аз куҷо афтодаӣ?
Ё магар саргаштаӣ, дар мулки мо афтодаӣ?
Булбули бехонумони ошён гумкардаӣ?
Андалеби бенаво, ин ҷо чаро афтодаӣ?

Ризо:

Ҳеҷ кас дар ошиқӣ монанди ман бемор нест,
Сӯзише дар сина дорам, тоқати гуфтор нест.
Мардумон гӯянд: «Он гул хайма дар саҳро задаст»,
Он гулеро дӯст медорам, ки дар кӯҳсор нест.

– Ту байти бисёр медонистаӣ, ман шаҳрамро ба ту додам, – гӯён Гулъизор хушҳолона хандида, бозиро бас карда фуромаданӣ шуд.

Ризо бошад, худро аз шохи дарахт ба рӯйи сабза партофт. Гулъизор бо танаи дарози дарахт ғеҷида, фуромаданаш лозим буд, ҷавон:

– Ист, нағеҷ, куртаатро медаронӣ, – гуфта ӯро бо такя кунондани пояш ба ду кафи дасти худ, ба замин фуровард.

Баъди ду рӯз мулоқоти танҳо ба танҳо, бадеҳагӯйӣ, изҳори муҳаббати дилдодагон дар чормағзи дигар такрор ёфт. Ризо маҳбубаи худро вақти аз дарахт фуровардан дар оғӯш гирифта, аз рухсорааш бӯсид, бехабар аз он ки Қосим дар боғ пайдо шуда буд ва онҳоро медид.

– Ҳой беномусҳо, ин чӣ нағма? – мардак аз таги ток ба сӯйи инҳо қадам зада, фарёд кашид.

Гулъизор бо шунидани овози амакаш гурехта, аз боғ бадар рафт. Ризо истод.

– Падарлаънати шум, валадзино! – Қосим дос дар даст ба вай ҳамла кард. Ӯ чунон дашномҳои қабеҳе ба забон ронд, ки бо мақоли халқ «подшоҳро аз асп пиёда мекарданд». Ризоро ба задани бо дос ҷуръат накард, аммо як ду мушт ба сараш фуровард. Ризо дам назад, муқобилат накард; хомӯшонаву сархам аз боғ баромада рафт» [12, с.180-183].

Дар гузаштаҳо, ки телевизион вуҷуд надошт, суруду таронагӯӣ, дубайтиву рубоихонӣ, дар байни мардуми деҳот бисёр рух медод. Аз ҷумла, академик Р. Амонов ҳангоми таҳқиқи рубоиҳои мардуми Сари Хосор дар бораи мусобиқаҳо ва мушоираҳои ҷавонон, ҳофизон ба воситаи рубоиҳо ва дубайтиҳо ишора намудааст [1, с.45-74].

Муҳаққиқи осори С. Улуғзода профессор С. Эмомалӣ ҳангоми таҳқиқи осори ӯ, дар асоси омӯзишҳояш ба як нуктаи муҳим ишора менамояд ва мегӯяд: «Аввалин сухани бадеиро оид ба ин воқеаи муҳимми таърихӣ ва сарвари шуҷои он – Восеъ мардуми тоҷик сурудааст, ки ба ин, пеш аз ҳама, силсилаи «Сурудҳои шӯриши Восеъ» дохил мешавад. Ин падидаро метавон ҳамовозии халқ ба ҳаводиси таърихӣ ва беш аз он ба пешвои шӯришгарон – Восеъ таъбир намуд» [13, с.109].

Худи С. Улуғзода дар асоси мушоҳидаҳо, пурсишҳо ва дидаҳои худ дар романи «Восеъ» маъруфияти ӯро дар байни мардум шарҳ дода, махсусан ишора менамояд, ки дар бораи ин қаҳрамони миллат таронаҳо ва достонҳо месуруданд. Ин сурудаҳо мардумро водор менамуд, ки дар гирди ӯ ҷамъ шаванд ва барои адолат муборизо баранд:

«Дар байни аҳолӣ дар бораи Восеъ таронаҳо, достонҳо пайдо шуданд. Худи ӯ дар деҳоти кӯҳистон ин таронаҳоро шунида, ҳайрон мешуд. Гӯянда ва сарояндагон ӯро Восеи баҳодур ном ниҳода, корномаҳояшро ба риштаи назм кашида буданд. Дар ҷумлаи ин корномаҳо: гурезондани Восеъ дар овони ҷавонӣ андозчинони мири Қаротегинро аз Норинҷ, қиссаи ба занӣ гирифтани ӯ духтари Наимшоҳи дарвозиро, панҷа андохтанаш ба доруғаи шӯрапушти муштзан, халос карда оварданаш бародархондаи худ Назир-паҳлавонро аз асорати ғарибӣ низ ёдоварӣ карда мешуд. Ром кардани Восеъ «бо мадади

Хоҷаи Хизр» аспи ёбоии лақаиро, банд кардани вай ҳокимро бо сухани далерона дар таги қалъаи Балҷувон ва ниҳоят ҳуҷуми баҳодуронааш ба болои ҳокиму закотчии амир дар Ховалинг, – ҳамаи инро гӯяндагон ва ҳофизон бо як илҳому ифтихори ҷӯшоне тараннум менамуданд.

Дар деҳаи Лечан, баъд аз хитобати Восеъ ба халқ ҳофизе думбураашро навохта, суруде оғоз кард, мазмуни суруди ӯ ин буд: як вақтҳо дар кӯҳистон баҳодуроне буданд, ки дар сахтӣ ва мусибатҳо ба майдон баромада, халқи худро аз ғосибон, зӯроварон, ғоратгарон муҳофизат мекарданд, аммо баъд аз истилои манғит он баҳодурон мурда, ё пир шуда, ба гӯшаю канорҳо хазида, кам–кам аз байн рафтанд, аммо акнун боз баҳодурони нав баромаданд, ки сарвари онҳо – баҳодури баҳодурон Восеъ аст... .

Суруди ҳофиз нақароти дилошӯб ва шуҷоатбахше дошт, ки ин буд:

Восеъ, ғазост имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз.
Ғавғои рӯзи машҳар,
Бар фуқарост имрӯз.

Дар ин давраи тайёрии шӯриши халқӣ Восеъ намехост, ки лашкараш зиёд бошад, зеро бо гурӯҳи калони саворон деҳа ба деҳа гаштан гаронӣ мекард ва инчунин аз ваҷҳи озуқа, ҷаву беда ҳам нобоб буд, аммо бо вуҷуди ин лашкари вай рӯз то рӯз зиёд мегардид: дар ҳар қишлоқ ба вай саворони нав ҳамроҳ шуда, бо ихтиёри худашон аз ақиби вай рафтан мегирифтанд. Бо ин тариқ, саворони ӯ дар якчанд рӯз ба зиёда аз саду панҷоҳ нафар расид» [12, с.217-218].

Дар идомаи тасвири С. Улуғзода ҳамин чор мисраи боло дар роман, хеле баҷо ва мувофиқ чанд бор такрор мешавад, ки он ба шӯришгарон як навъ ғизои маънавӣ мебахшид. Аз ҷумла, дар саҳифаи 238, 243-и роман шӯришгаронро ҳофизон ва одамони зиндадил бо шӯхӣ, ширинкорӣ, аскиягӯӣ, сароидани суруд рӯҳияе бештар мебахшиданд:

«Шаби ситоратоб даромад. Дар қароргоҳ ғалоғулаи чақ-чақ баланд буд. Мардум аз вазъияти пурхавфу хатари худ сарфи назар намуда, ҳазлу шӯхӣ мекарданд, аския мегуфтанд. Саркарда дар «хайма»-и худ аз ҳар ҷо-ҳар ҷо хандаҳои қоҳ-қоҳ мешунид. Вай дар болои чакманаш дароз кашида ва бедор буд, шарикаш Саидалӣ масти хоб. Як вақт дар берун аз байни гурӯҳе дринг–дринги думбра баланд гардид. Гулқурбон ном ҳофизи хамӣ дар давраи калони сари гулхан нишаста, думбраашро соз мекард. Баъд овози ҳалқумии соф ва баланде, мақоми синахароше оғоз ёфт. Ҳофиз таронаи наверо, ки аз афти кор худаш баста буд, мехонд:

Ай ҷавру зулми мирон
Гардида мулк вайрон
Ҷазир гаштай фақирон
Чи шӯрай ин дар майдон?
Ай қир шидан фақирон,
Дайро ҷӯшид чун тӯфон.

Гулқурбон баъди ҳар банд нақароти суруди шӯришгаронро ҳар бор каме дигаргун карда, месуруд, чунончи, ин тавр:

Восеъ, ғазост имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз.
Ғавғои рӯзи маҳшар,
Бар фуқарост имрӯз.

Халқи ба ҳофиз гирд омада, сурудашро дар ғояти хомӯшӣ гӯш мекарданд. Восеъ хеста, чакманро ба китфаш партофта, ба давраи сари гулхан рафт. Зуд аз паҳлуи ҳофиз ҷой холӣ карда, ӯро нишонданд. Ҳофиз торафт табъаш монанди чашмаҳои диёраш саршор шуда, бо як хурӯшу туғёни дил нағма мекард. Чеҳраҳои сомеон ҷиддӣ, чашмҳо ба дур ё ба оташи гулхан дӯхтагӣ, – мисли ин буд, ки ҳама якбора ғарқи фикру хаёле гардидаанд. Гӯё, ки акнун якбора ба фаҳми ҷиддият ва бузургии кори пешгирифтаашон расида, дар ҳайрату андеша мондаанд. Дар поёни суруд Восеи мутаассиршуда ба ҳофиз миннатдорӣ баён кард:

– Шод бошӣ, додар, асло кам нашавӣ. Бо таронаат ба дилҳои мо қувват додӣ.

Шаб ором. Дар осмони бекарона ситораҳои бешумор медурахшиданд. Ҷо–ҷо дар байни сабзаҳои сиёҳтоби домани талҳо чароғаки кирми шабтоб чашмак мезанад. Чирроси ҳашароти орамида ва гоҳ–гоҳ гуфтугӯйи паст–пасти қаровулон ва якто–нимто одамони

шабзиндадор, шиҳаи аспон ба гӯш мерасад. Заврақи рахшони моҳ дар баҳри ахзари фалак шино мекунад. Восеъ аз хурроки Саидалӣ дилгир шуда, «рахт»–и хобашро аз коза берун кашидааст. Хоби нооромеро, ки соате чашмонашро пӯшонда буд, акнун аз вай гурехта ҷояшро барои хаёлу андешаҳои парешон холӣ кардааст. Бар рӯйи сабзаи тар пуштнокӣ дароз кашида, Восеъ воқеаҳои се рӯзи охир – се рӯзи пас аз ҷанги Мазори Додаракро аз назари хаёл мегузаронад, таҳлил мекунад, ба маърази муҳокима мекашад...» [12, с.242-243].

Фотима хоҳари ҷигарбанди Восеъ воқеаи ба дор кашидани Восеъро бо чашми худ мебинад. Бо азоби сангин ба зодгоҳаш мерасад, ки ин лаҳзаро нависанда ба таври воқеӣ, он тавре ки дар байни мардум мушоҳида намудааст, тасвир менамояд. Дар ин ҷо дар ҳамон оҳанги мардумӣ, дар ҳамон қолаби шеърӣ, ки баъдҳо дар байни мардум хеле роиҷ гардид, адиб марсиясароии мардумро ёд менамояд:

«Дар Дараи Мухтор ӯро базӯр шинохтанд: зани сию ду солаи кулфатзада, риёзати беҳисоб кашида, мӯяш сафед гашта ва дар ҳам печида баданаш мисли чӯб хушкида, пӯсташ сиёҳ гашта буд. Як зайл мегуфт:

– Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаландона ҷон дод. Халқон гуфтанд: “Ёдуш ба хайр, баҳодур будай!”

Маъракаи азодорӣ як ҳафта давом кард. Аз деҳу дараҳои дуру наздик ба Дараи Мухтор тӯда-тӯда мардум саллаҳошонро ба миён баста, ба даст асо гирифта меомаданд, мотам мегирифтанд. Ҳофизон суруди машҳури шӯришро, бо бадал кардани калимаҳояш, ҳамчун марсия – суруди мотам адо менамуданд:

Восеъ фаност имрӯз,
Ҷон дар азост имрӯз,
Ғавғои рӯзи маҳшар
Бар фуқарост имрӯз.

Дар поёни ҳафтаи азодорӣ пирамарде ба чувозхонаи Восеъ ишора карда, ба ҷамоат чунин гуфт:

– Додарон, дар ин ҷо Восеъ чувоз мекашид. Ин чувозкундаро худаш фармуда тарошонда буд. Биёед аҳду паймон мекунем, ки ҳаминро аз Восеъ ба ёдгор нигоҳ медорем. Восеи шаҳид дар ватанаш қабр надорад, ҳамин, чувозхона ба ҷойи қабраш зиёратгоҳи ӯ шавад. Омин, Аллоҳу акбар!» [12, с.331-332].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки масъалаҳои таҳқиқи осори фолклорӣ, аз ҷумла сурудҳои халқӣ дар осори нависандагон муҳим буда, муҳаққиқ аз ин тариқ ҳунари нависандаро дар офаридани образҳои барҷастаи миллӣ ошкор месозад. Чунки дилбастагии мардуми тоҷик ба шеъру суруду тарона аз замонҳои қадим вуҷуд дошт. Мисоли барҷастаи он ашъори шоирони адабиёти классики мост. Ба ин васила, мо аз тариқи ин мақола барои муҳаққиқон ёдовар шудан хостем, ки дар оянда ба масъалаҳои машҳуртарин жанри фолклорӣ, яъне суруд низ таваҷҷуҳ намоянд.

Муқарриз: ***С.Эмомалӣ*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р.Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346 с.
2. Восеънома / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 137 с.
3. Восеънома / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор С.Эмомқул. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 48 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилдҳои 1-14 / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373(=1994). – 21149 с. (Ба алифбои форсӣ).
5. Нальский Я. Ҳофиз Бобоюнус Худойдодзода (187-1945) / Я.Нальский // Сурудҳои Бобоюнус; тартибдиҳандагон: Б.Раҳимзода, Я.Нальский. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1951. – С.3-62.
6. Муллоҷонов М. Нависандае, ки дӯсташ медорам / М. Муллоҷонов // Ҳамдами халқ ҳамқадами замон. – Душанбе: НДТ, 1962. – 162 с.
7. Нальский Я. Народный поэт (Бобо Юнус Худойдод-заде) / Я. Нальский. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1955. – 195 с.
8. Пирумшоев Х. История изучения восстания Восе / Х. Пирумшоев. – Душанбе: Маориф, 1995. – 137 с.
9. Раҳмонӣ Р. Восеъ / Р. Раҳмонӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ.1. А-М. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2015. – С.194.
10. Раҳмонӣ Р. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р.Раҳмонӣ, С.А. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – 352 с.
11. Сӯфиев А. Фолклор – санъати сухан / А.Сӯфиев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 208 с.
12. Улуғзода, С. Восеъ (Роман) / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 336 с.

13. Эмомалӣ, С. Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри XX) / С. Эмомалӣ. – Душанбе: МДМТ, 2020. – 238 с.

СУРУД ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар ин мақола фақат ба як нукта, ин ҳам чӣ гуна аз сурудҳои халқӣ ва порчаҳои манзум истифода бурдани С. Улуғзода дар романи «Восеъ» сухан гуфта шудааст. Маълум мешавад, ки адиб дар канори асарҳои таърихӣ, воқеа ва ҳодисаҳои асри XIX ва нимаи аввали асри XX худаш бевосита ба макони зиндагии Восеи қаҳрамон рафта, бо мардуми диёри ӯ ҳамсуҳбат шудааст. Нависанда ҳанӯз дар аввалҳои роман аз базмхонаи амирзода ёдовар мешавад, ки дар онҳо созандагиву навозандагӣ мавқеъ доштааст. Маъмулан устод С. Улуғзода талош намудааст, ки дар нақлу ривоятҳо, аз ҷумла порчаҳои манзумро чи хаттӣ ва чи китобӣ беҳуда истифода набарад. Ҳар кадоме аз матнҳои бакорбурдаи ӯ ҳатман мақсаднок аст. С. Улуғзода дар асоси мушоҳидаҳо, пурсишҳо ва дидаҳои худ дар романи «Восеъ» маҳбубият ва мъруфияти ӯро дар байни мардум тасвир намуда, махсусан ишора менамояд, ки «дар бораи ин қаҳрамони миллат таронаҳо ва достонҳо» месуруданд. Дар мақола муаллиф оид ба ин масъала андешаҳои назарии худро бо мисолҳо тасдиқ менамояд.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, романи «Восеъ», таърих, шӯриш, сурудҳои шӯриши Восеъ, фолклор, мушоира, ҳофиз.

ПЕСНЯ КАК ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ИЗОБРАЖЕНИЕ В ПОВЕСТИ "ВОСЕ" СОТИМА УЛУГЗОДА

В статье рассматривается, как фольклорные песни или отрывки стихов использованы в романе Сотима Улугзода «Восе». Оказывается, автор в XIX веке и первой половины XX века, непосредственно побывав в родном краю героя Восе, имел возможность побеседовать с местными жителями этого края. Писатель в начале романа напоминает о пирах Амирзоде, который мог сочинять и имел исполнительские качества. Как правило, С. Улугзода отмечал, что пересказ и передача, в том числе отрывков стихов, как в письменной, так и книжной форме не употреблялись. С. Улугзода на основе наблюдений и исследования предложений в романе «Восе» описывает всеобщее признание и популярность у жителей, национальных героев в песнях и в поэмах. В статье автор обосновывает свою точку зрения и приводит многочисленные примеры.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, повесть "Восе", история, восстание, песни, восстание Восе, фольклор, состязания поэтов, певец.

SONG AS AN ARTISTIC IMAGE IN THE ROMAN OF "VOSE" OF SOTIM ULUGHZODA

This article deals with how to the help of a folk song or passages of verse of the people and the environment, in the roman "Vose"of Sotim Ulughzoda. It turns out that the author in a place with historical works, events and emergence in the nineteenth century and the first half of the twentieth century directly visiting the native land, the hero of the Vose, had the opportunity to talk with the locals of this region. The writer at the beginning of the roman recalls the Amirzoda, which has an essay and executive qualities. As a rule, S. Ulughzoda noted that the retelling and legend, including the segments of the poem, both written and book signs were not preferably used. Each of the texts by his employment is reasonable. S. Ulughzoda, based on observations, surveys and proposals in his roman, "Vose", describes universal recognition and popularity in the inhabitants, especially the announcement of the national hero in songs and in the poems. In the article, the author determines his point of view and gives examples.

Key words: Sotim Ulughzoda, the roman of "Vose", history, uprising, the songs of uprisingVose, folklore, the contest of poets, singer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саъдӣ Қосимӣ Абдулқодир*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 121.
Тел.: **(+992) 918-45-66-93**

Сведение об авторе: ***Саади Косими Абдулкадир*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 121. Тел.: **(+992) 918-45-66-93**

Information about the author: ***Saadi Kosimi Abdulkodir*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, candidate of philology, associate professor of the Department of Theory and History of Literature of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.
Тел.: **(+992) 918-45-66-93**

УДК: 891.550

ТАМСИЛ ВА ЧИГУНАГИИ КОРБУРДИ ОН ДАР РИСОЛАИ “АХЛОҚ-УЛ-АШРОФ”-И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффорзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Низомиддин Убайди Зоконӣ яке аз маъруфтарин ва ҳунармандтарин нависандагони қарнҳои XIII-XIV ба ҳисоб меравад. Ӯ соли 668 ҳ. / 1270 милодӣ дар деҳкадаи Зокони вилояти Қазвин таваллуд ёфта, тахминан солҳои 768-772 ҳ. / 1367-1371 дар Шероз вафот намудааст [5, с.87]. Дар таърихи насри порсӣ осори мансури Убайди Зоконӣ амсоли: “Рисолаи дилкушо”, “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Садпанд”, “Даҳфасл”, “Ришнома” аз мақому мартабаи бузурге бархурдор буда, дар сархатти беҳтарин осор дар ганҷинаи насри порсӣ қарор доранд. Ҳама осори насрии Убайд дар насри порсӣ аз дигар асарҳои то замони вай ва баъд аз ӯ фарқи назаррас доранд, зеро ҳамаи онҳо на бар пояи таърифоту тавсифоти бемоя ва бардурӯғу пуртакаллуф ва ё нишон додани ҳунари нависандагӣ, балки танҳо ба манзури ифшои чигунагии ҳаёт ва ахлоқи воқеиву бепардаи даврони муаллиф навишта шудаанд. Аз ин нигоҳ аст, ки муҳаққиқи эронӣ Ҳусайни Саффоридӯст Убайдро хуршед ва ситораи бебадили насри порсӣ эътироф намудааст [13, с.151].

Яке аз маъруфтарин осори Убайд рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф” ба ҳисоб меравад. Асари мазкур тибқи нишондоди муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Парвиз Нотили Хонларӣ ва Аббос Иқболи Оштиёнӣ, дар сабки насрпардозии Саъдии Шерозӣ иншо шудааст [16, с.123; 9, с.38]. Устод Забеҳуллоҳ Сафо дар мавриди вақҳия, тасмия, яъне сабаби чунин ном гирифтани “Ахлоқ-ул-ашроф”-ро дар пайравӣ аз “Авсоф-ул-ашроф”-и Хоҷа Насируддини Тусӣ қаламдод карда, вале боз ишорат низ намудааст, ки интихоби чунин ном дар асари Убайд “аз боби таъна ва тасхор” буда, дар мавзӯъ ва тарзи баён аз рисолаи Хоҷа бо бунёди танзомезу тамасхуронаи худ фарқи назаррас дорад [12, с.1270]. Асари мазкур чи аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа, чи аз ҳайси сабк ва тарзи баён ва чи аз нигоҳи бадеият яке аз беҳтарин осори Убайди Зоконӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Ҳакими Озар дар хусуси пояи рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Убайди Зоконӣ басо бачо қайд менамояд: “Ин рисолаи мухтасар, бидуни он ки гирифтори ороябандӣ ва санъатпардозӣ бошад, ба баёне сода ва гоҳ ба забони кӯчаву бозор дар пайи ифшои разоили ахлоқии мардуми асри хеш аст. Агар ин назарро бипазирем, ки дар арзишгузории адабӣ метавонем як асар ё риштаи осорро қивомёфтатарин осори нависандае бидонем ва осори дигарро аз нигоҳи дурӣ ва наздикӣ ба ин осори қивомёфта таҳлил кунем, бояд бигӯем, “Ахлоқ-ул-ашроф” на танҳо аз назари сохтору қолаб, балки аз назари муҳтавову лаҳн низ яке аз беҳтарин ва қивомёфтатарин расоили Убайди Зоконӣ дар заминаи нақди рафтори ҳокимон ва инъикоси фасоди сиёсиву иҷтимоии дастгоҳи Элхонон ва ҳукуматҳои вобаста ба онон аст” [8, с.93].

“Ахлоқ-ул-ашроф” аз муқаддима ва ҳафт боб иборат аст, ки унвонҳои онҳо чунинанд: Боби аввал: “Дар ҳикмат”, боби дувум: “Дар шуҷоат”, боби сеюм: “Дар иффат”, боби чаҳорум: “Дар адолат”, боби панҷум: “Дар саховат”, боби шашум: “Дар ҳилм ва виқор”, боби ҳафтум: “Дар ҳаёву сидқ ва раҳмату шафқат”.

Бобҳо ба қисматҳо ё фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд, ки муаллиф онҳоро мазҳаб унвон гузоштааст. Қисматҳо ё фаслҳои аввал якбора пас аз шумораи тартибии боб омада, номи умумии боб дар таркиби фасл омадааст. Масалан: “Боби аввал: “Дар ҳикмати мазҳаби мансух”. Аммо фаслҳои дувуми ҳар боб бе унвони фасл, ҳамин хел ба василаи вожаи *мазҳаб* номгузорӣ шудаанд; пас аз он ки фасли якуми ҳар боб ба анҷом мерасад, бо сарлавҳаи алоҳидаи марбут бар мавзӯи умумии боб оварда мешавад. Масалан, пас аз итмоми фасли якуми ҳар боб ба ҳайси фасли дувум унвони “Мазҳаби мухтор” омада, вожаи мазҳаб дар он ба сифати фасл истифода гардидааст.

Дар ҳар мазҳаб, яъне фасл, Убайд яке аз хислатҳои инсониро дар мисоли қудамо ва муосирон мавриди шарҳу баён қарор медиҳад. Агар дар мазҳаби мансух, ки ба ахлоқи пешиниён бахшида шудааст, суханони муаллиф аксаран аз рӯйи эҳтиром ва муҳтотона матраҳ гашта бошанд, дар мазҳаби мухтор, ки ба абнои рӯзгори худи муаллиф бахшида шудаанд, баръакс суханони вай басо дурушту талх ва баъзан берун аз доираи ахлоқ тарҳрезӣ мешаванд. Ҳарчанд ки устод Холиқ Мирзозода дар ин маврид бар ин назар аст,

ки “Убайд ба ҳеҷ кадоми ин мазҳаб тарафдор нест, ӯ ҳар дуро ҳам танқид ва масхара мекунад” [6, с.4], инсоф он аст, ки Убайд ба мазҳаби мансух, яъне ахлоқ ва сирати мутақаддимон диди нек дорад. Ӯ дар мавриди ахлоқи пешиниён на назари шахсии худ, балки назари муосиронро нисбат ба онон матраҳ менамояд.

Аз нигоҳи истифодаи ороёҳо ё васоити зинаткории сухан “Ахлоқ-ул-ашроф” миёни дигар осори насрии Убайд фарқи назаррас дорад. Мазмуну мундариҷаи асари мазкур аслан бар танзу киноёт бунёд ёфтааст. Аммо, бо вуҷуди бунёни танзиву киноӣ, дар “Ахлоқ-ул-ашроф” дигар васоити тасвири бадеӣ амсоли: тамсил, талмеҳ, ташбеҳу истиора, муболиға ва дигар ороёҳои сухан ҷилваи назаррас доранд.

Агар танзу киноятро ба назар нагирем, миёни кулли санъатҳои бадеӣ дар “Ахлоқ-ул-ашроф” мақоми санъати тамсил аз ҳама баландтару назаррастар аст. Қариб дар ҳар сафҳаи асари мазкур метавон навъе аз тамсилро бархурд шуд, ки омили боз ҳам таъсирбахштар ва ҷолибтар шудани матни асар гардидааст.

Тамсил яке аз маъруфтарин ва роиҷтарин васоити тасвири бадеӣ ҳам дар назм ва ҳам дар насри форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар кутуби луғат, аз ҷумла “Фарҳанги забони тоҷикӣ” маънои тамсил *мисол овардан* ва *ташбеҳ кардан* оварда шудааст [14, с.317]. Тамсил ба ҳайси яке аз асоситарин воҳидҳои маҷозии сухан дар баробари ташбеҳу истиора, ки ду рукни пойбарҷойи маҷоз ба шумор мераванд, дар тасвироти бадеӣ мақоми аввалдараҷаро ишғол менамояд, зеро вазифаи он дар офариниши мазомин ва сувари гуногуни шоирона ва мухайялу мусаввар намудани мафҳумҳо басо назаррас аст.

Ин аст, ки Шамси Қайси Розӣ тамсилро навъе аз истиора қаламдод кардааст, ки ин таърифи ӯ то ҷое аз мақоми баланди тамсил далолат менамояд, танҳо бо ин фарқият, ки дар тамсил бар хилофи истиора андеша ба таври мисол матраҳ мегардад [11, с.294]. Иллат дар он аст, ки мисол дар тамсил танҳо тавассути ҷузъи мушаббаҳун биҳи оварда мешавад ва ҷузъи мушаббаҳ зикр намегардад. Бо ин ки гоҳ-гоҳе дар тамсил низ ҷузъи мушаббаҳ иштирок менамояд, аммо он бисёр ба нудрат мушоҳида мешавад; зеро вазифаи асосии тамсил, аслан, ба таври мисол овардани мафҳумҳо аст, на ташбеҳи мафҳумҳо ба якдигар, чунонки дар ташбеҳ ва истиора ин вазифа аз вазоифи асосӣ ба ҳисоб меравад [15, с.79].

Дар нигоҳ ба навъ ва тарзи истифода санъати тамсил дар “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Убайди Зоконӣ дорои хусусиятҳои назаррас мебошад. Дар умум дар асари мазкур тамсил дар се шакл мавриди истифода қарор гирифтааст: 1) тамсилҳое, ки дар шакли ҳикояти алоҳида матраҳ гардидаанд; 2) тамсилҳое, ки дар шакли шеър оварда шудаанд; 3) тамсилҳое, ки дар шакли мақолу зарбулмасал корбурд шудаанд.

Тамсилҳои ҳикоявӣ. Миёни анвои тамсил дар “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Убайд тамсилҳое, ки дар шакли ҳикоёт истифода гардидаанд, мақоми баландтар доранд, зеро аввалан онҳо аз нигоҳи теъдод бештаранд, сониян ҳаҷми онҳо дар қиёс бо тамсилоти шеърӣ, ирсолулмасалҳо ва мақолу зарбулмасалҳо бузургтар аст, то он ҷо ки дар баробари матни асосии асар қисмати қобили таваҷҷуҳи онро фаро мегиранд. Дар “Ахлоқ-ул-ашроф” 10 тамсил дар шакли ҳикоят оварда шудаанд, яъне дорои ҷанбаи ривоятиву ҳикоявӣ мебошанд. Тамсилоти навъи мазкур, дар навбати худ, аз вижагиҳои шакливу сохторӣ бархурдоранд. Аз ин теъдод чаҳортои он ҳаҷман бузургтаранд, чун матни онҳо дар қиёс бо шаш тамсили мустафоди боқимонда нисбатан дарозтар мебошад.

Бузургтарин ҳикояти тамсилии “Ахлоқ-ул-ашроф” мутааллиқ ба мазҳаби мухтори боби панҷуми асар мебошад, ки ба мавзӯи саховат бахшида шудааст. Тамсили мазкур 172 калимаро фаро мегирад. Муаллиф дар он аз даҳони “бузурге аз акобир” сухан гуфта, ба василаи он тамсил аз бухлу имсок ва беҳимматии табақаи ашроф мезанад. Вижагии назарраси тамсили мазкур иборат аз он аст, ки дар он воситаҳои тасвири бадеӣ монанди танзу киноя, саҷъ, талмеҳ, маҷоз, истиора, тазод ва ташхис нақши муассир мебозанд. Махсусан санъати саҷъ дар он ба таври бас марғубу таъсирбахш истифода гардидааст. Аз сӯйи дигар, суханони танзомезу киноядори муаллиф дар ин ҳикояти тамсилӣ ба нуқтаи авҷи худ мерасад. Дар ҳикояти мазкур як байти пандуандарзӣ низ истифода гардидааст, ки он ҳам дар пардаи танз аст, зеро манзури муаллиф аз овардани он аслан на панд додан, балки масхара кардани он бузург мебошад. Матни ҳикояти тамсилии мазкур чунин аст: “Он чӣ ин бечора мушоҳида карда, бузурге аз акобир, ки дар сарват Қоруни замони худ буд, чун аҷал бар вай шабехун овард ва умед аз зиндагонӣ қатъ кард, ҷигаргӯшагони худро, ки тифлони хонадони карам буданд, ҳозир кард ва гуфт: “Эй фарзандон, рӯзгоре

дароз дар касби мол заҳматҳои сафар ва ҳазар таҳаммул намудаам, ҳалқи худ ва шуморо ба сарпанҷаи гуруснагӣ фишурда, то ин чанд дирам захира кардаам. Зинҳор аз муҳофизати он ғофил мабошед ва ба ҳеҷ ваҷҳ дасти харҷ бад-он маёзед ва яқин донед:

Зар азиз офаридааст Худой,
Ҳар кӣ хораш накард, хор нашуд.

Ва агар касе бо шумо гӯяд падари шуморо дар хоб дидам, биринҷу ҳалво мехоҳад, зинҳор, то ба макри ӯ фирефта нашавед, ки ман он нагуфта бошам ва мурда чизе нахӯрад. Ва агар ман низ худро дар хоби шумо намоям ва ҳамин илтимос кунам, ба он илтифот набояд кард, ки онро изғоси иҳлом (хобҳои парешон – Ғ.Ш.) хонанд ва монанди ин дев намояд. Ва ман он чӣ дар зиндагӣ нахӯрда бошам, дар мурдагӣ таманно накунам". Ин бигуфт ва ҷон ба хизонаи молик фиристод" [3, с.154].

Чунонки дида мешавад, ҳикояти мазкур аз чанд ҷумлаи мураккаби бо ҳам алоқаманд иборат буда, дар маҷмӯъ як матни мантиқан воҳидро ташкил медиҳад.

Дар матни ҳикояти мазкур, чунонки зикр гардид, танзу ришханд ҷилваи махсус дорад ва шояд ин ҳикоят дар маҷмӯаи насри Убайди Зоконӣ дар иртибот бар истифодаи санъати мазкур яке аз беҳтарин ҳикоёт ба ҳисоб равад. Зеро асоси матн бо танзу киноят ва ришханду тамасхур бунёд ёфтааст. Танзҳои Убайд саропойи матни ҳикоятро фаро гирифта, ҳамагӣ ба "бузурге аз акобир" нигаронида шудаанд. Дар оғози ҳикоят муаллиф худро бечора хонда, мушоҳидаи худро дар бобати суханони "пандомез"-и бузург нақл мекунад. Худи ибораи "бузурге аз акобир" тамасхурона аст. Ин бузург, бо ин ки Қоруни замони худ ва сарвари "хонадони карам" аст, насиҳате, ки ба фарзандонаш менамояд, батамом хилофи ному унвонаш мебошад. Бинобар ин, Убайд, ки он бузургро Қоруни замон ва фарзандони ӯро "ҷигаргӯшагон" ва "тифлони хонадони карам" меномад, ба таври танзу киноят роҳандозӣ шудааст. Ибораи "чанд дирам" низ танз аст, чун ин чанд дирам бо Қоруни замон ва сарвари хонадони карам мувофиқат намекунад. Байти шоҳид низ аслан на ба манзури насиҳат, балки ҷиҳати тамасхуру танз оварда шудааст ва дар ин матн ҷанбаи пандуандарзӣ бо танзу киноят ихтилот ёфтааст.

Дар матни ҳикояти тамсилӣ санъати маҷоз низ ҷилваи махсус дорад. Вожаи "ҷигаргӯша" ва ибораҳои "Қоруни замон"-у "тифлони хонадони карам" аз роҳи маҷоз ба вуҷуд омадаанд. Қорун, дар навбати худ, санъати талмеҳ аст, чун ишорат бар шахси таърихӣ менамояд. Аммо дар ҳикоят маҷоз бештар тавассути таркибҳои феълӣ роҳандозӣ шудаанд. Аз ҷумла, "шабехун овардани аҷал" (ба маънои наздик омадани марг), "умед аз зиндагонӣ қатъ кардан" (ба маънои ноумед шудан аз зиндагӣ), "дар сарпанҷаи гуруснагӣ фишурдани ҳалқ" (ба маънои гуруснагии сахт кашидан), "дасти харҷ ёзидан" (ба маънои харҷ кардан), "ҷон ба хизонаи молик фиристодан" (ба маънои вафот кардан) таркибҳои феълие мебошанд, ки комилан тавассути маҷоз сохта шудаанд. Ҷолибияти маҷозҳои мазкур дар он ҷилвагар мегардад, ки дар ҳар яке аз онҳо, дар навбати худ, санъати дигари бадеӣ нуҳуфтааст, ки муҷиби бадеътар гаштани онҳо гаштааст. Маҷози "шабехун овардани аҷал" тавассути санъати ташхис сохта шудааст, зеро дар он *аҷал* ҳамчун инсоне коргир шуда, ки барои барбод додани душмани худ қасди шабона ҳуҷум кардан дорад. Маҷози "умед аз зиндагонӣ қатъ кардан" ба воситаи санъати киноя ба вуҷуд омадааст, зеро маънои он киноят аз ноумед шудан аз зиндагӣ аст. Маҷози "дар сарпанҷаи гуруснагӣ фишурдани ҳалқ" ва "дасти харҷ ёзидан" ҳар ду ба василаи санъати истиора матраҳ гардидаанд, чун *сарпанҷаи гуруснагӣ* ва *дасти харҷ* истиораи изофӣ мебошанд.

Чунонки дида мешавад, дар ҳикояти тамсилии боло санъатҳои гуногуни бадеӣ низ истифода гардида, муҷиби боз ҳам ҷолибтару муассиртар шудани тамсили мазкур гардидаанд.

Ҳикояти тамсилии дигар, ки он ҳам нисбат бар дигар ҳикоёти тамсилии "Ахлоқ-ул-ашроф" ҳаҷман бузургтар аст, марбут бар боби мазкури асар мебошад. Ин ҳикоят 129 калимаро дар бар гирифта, муаллиф тавассути он дар мисоли "яке аз бузургони аср",- чунонки худи Убайд онро бо ин тарзи норавшану маҷҳул овардааст,- кулли акобир ва аъёну ашрофи замони худро мавриди ҳаҷву тамасхур қарор додааст. Аммо бар хилофи ҳикояти фавқ, ин ҳикоят батамом орӣ аз васоити тасвир аст, ки ба муҷиби он сабки гуфтор низ дар он басо соддаву наздик ба муҳовара аст ва дар он инҳирофи муаллиф аз мураккабгӯйиву мушкилбаёнӣ сахт эҳсос мешавад. Бинобар ин, ҳикояти тамсилии мазкурро метавон яке аз беҳтарин ҳикоёти осори Убайд ва хусусан "Ахлоқ-ул-ашроф" эътироф намуд. Ҳикоят чунин аст: "Ва ҳам яке аз бузургони аср бо ғуломи худ гуфт, ки аз

моли худ порае гӯшт бихар ва зирабои муаттар бисоз, то бихӯрам. Чун сер шавам, туро озод кунам. Ғулом шод шуд, зирабой сохт ва пеш овард. Хоҷа обаш бихӯрд ва гӯшт ба ғулом супурд. Рӯзи дигар гуфт: “Бад-он гӯшт нахӯдобе музаъфар бисоз, ки чун бихӯрам, туро озод кунам”. Ғулом фармон бурд ва нахӯдобе тартиб кард ва пеш овард. Хоҷа обаш бихӯрд ва гӯшт ба ғулом супурд. Рӯзи дигар гӯшт музмаҳил шуда буд. Гуфт: “Ин гӯшт бифрӯш ва порае равған бихар ва аз он таоме бисоз, то бихӯрам ва туро озод кунам”. Ғулом гуфт: “Эй хоҷа, бигзор, ки ман ҳамчунон ғуломи ту бошам ва агар, албатта, чизе дар хотири муборак мегузарад, ба нияти Худо ин гӯштпораро озод кун” [3, с.155].

Мақсуди Убайди Зоконӣ аз овардани ҳамчунин тамсили бузургҳаҷм агар аз як тараф, ба боди ҳаҷву тамасхур додани бузургони даврони худ бошад, аз ҷониби дигар, кушодани ҳақиқати воқеии тарзи ҳаёт ва рӯзгузаронии онон хоҳад буд. Убайд бад-ин тариқ, ахлоқи пасту дунҳимматӣ, гадотабъиву муфтхӯрӣ ва бухлу имсоки акобири замони хешро мавриди тасвири воқеӣ қарор додааст. Ин аст, ки пас аз овардани ҳикояти тамсилии мазкур ӯ илова менамояд: “Алҳақ, бузург ва соҳибҳазм касеро тавон гуфт, ки эҳтиёти маош бад-ин наҳҷ ба тақдим расонад. Лоҷарам, то дар ин дунё ояд, азизулвуҷуд ва муҳтоҷилайҳи мезияд ва дар охират улувви дараҷоташон аз шарҳ мустағнӣ аст” [3, с.155].

Дар “Ахлоқ-ул-ашроф” ҷуз аз ҳикоёти тамсилии бузургҳаҷм, ҳамчунин 7 ҳикояти хурди тамсилӣ истифода гардидаанд. Яке аз зеботарин ҳикоёти тамсилии хурд дар асари мазкур ҳикояти зерин ба ҳисоб меравад: “Яке дар аснои васоё фармуда бошад, ки эй писар, зинҳор бояд ки забонро аз лафзи наам гӯш дорӣ. Ҳамвора лафзи “ло” бар забон ронӣ ва яқин донӣ, ки кори ту бо “ло” бошад, кори ту боло бошад ва то бар лафзи ту наам бошад, дили ту ба ғам бошад” [3, с.153-154].

Чизе ки дар ҳикояти мазкур таваҷҷуҳи хонандагонро бештар аз ҳар чизи дигар ба худ ҷалб менамояд, вуҷуди ҳамоҳангӣ миёни вожаҳову ибораҳо ва таркибҳову ифодаҳо мебошад, ки муаллиф онҳоро тавассути санъати саҷъ ба вуҷуд овардааст. Чунончи ин ҳолат дар ҳикояти мазбур миёни *ронӣ* ва *донӣ*, *кори бо “ло” бошад* / *кори ту боло бошад*, *наам бошад* / *ба ғам бошад* ба назар мерасад. Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, дар ҳикояти тамсилии зикршуда санъати саҷъ мақоми калидӣ дорад, зеро тавассути он матни ҳикоят, агар аз як тараф, дорои оҳанги марғуб гашта бошад, аз тарафи дигар, басо хонданибобу таъсирбахш гаштааст. Саҷъ дар ин ҳикоят ду вазифаро иҷро кардааст: вазифаи ба вуҷуд овардани хушоҳангӣ ва таъмини бадеияти хос, ки муҷиб ба бахшидани ғизои бадеӣ-эстетикӣ ба хонандагони худ гаштааст.

Тамсилҳои шеърӣ. Яке аз хусусиятҳои ҳикоёти тамсилии Убайд дар “Ахлоқ-ул-ашроф” – ин бо мисолҳои шеърӣ зинат додани он аст. Дар асари мазкур мақоми амсилаи шеърӣ ё ашъори истишҳодӣ низ басо баланд аст. Ин мисолҳои шеърӣ дар шакли мисраоти алоҳида ва абёт оварда шуда, ҷанбаҳои гуногуни фикриро доро мебошанд, ки аз асоситарини онҳо тақвият додани фикр, мудаллал намудан ва идомаи мантиқӣ бахшидан ба фикри муаллиф мебошанд. Аввалин мисоли шеърӣ, ки дар “Ахлоқ-ул-ашроф” ба ҳайси ирсол-ул-масал истифода гардидааст, марбут бар қисмати муқаддимаи асар мебошад. Ин байти тамсилӣ дар матни муқаддимаи асар ҷанбаи тақвиятбахшандагӣ ва пурра ва ҷамъбаст кардани мазмунро дорад. Ҳангоме ки Убайд дар хусуси унвони асараш ва бобҳову фаслҳои он (/ мазҳабҳо) сухан меронад, фикри худро бо байти тамсилӣ, ки моли дигар шоир аст, ҷамъбаст менамояд: “...Ин мухтасар, ки ба “Ахлоқ-ул-ашроф” мавсум аст, дар қалам овард ва онро бар ҳафт боб мавсум гардонид. Ҳар боб муштамил бар ду мазҳаб, яке мазҳаби мансух, ки қудамо бад-он наҳҷ зиндагонӣ кардаанд ва яке мазҳаби мухтор, ки акнун бузургон ихтироъ фармудаанд ва бинои умури маош ва маод бар он ниҳода. Ҳарчанд ки ҳадди ин мухтасар ба ҳазл мунҳанӣ мешавад, аммо:

Он кас ки зи мулки ошноист,
Донад, ки матои мо куҷоист” [3, с.143].

Яке аз хусусиятҳои ба кор гирифтани тамсилоти байтӣ дар асари мазкури Убайд - ин андаруни ҳикояти тамсилӣ истифода кардани он мебошад. Дар байти зерин ҳамин вижагӣ мушоҳида мегардад: “Бузургзодае хурдае ба дарвеш дод, магар то инон хабари он воқеа ба самъи падари бузургвораш расониданд. Бо писар дар ин боб итобе мекард. Писар гуфт, ки ман дар китобе хондаам, ки ҳар кас, ки бузургӣ хоҳад, бояд ки ҳар чӣ дорад, исор кунад. Ман бад-он ҳавас он хурда исор кардам. Гуфт: “Эй аблаҳ, ғалат дар лафзи исор кардаӣ, ки ба тасҳиф хондаӣ. Бузургон гуфтаанд, ки ҳар кас ки бузургӣ хоҳад, бояд ки ҳар

чӣ дорад, анбор кунад, то бад-он азиз бошад. Намебинӣ, ки акнун ҷумлаи бузургон анбордорӣ мекунанд, то бад-он азиз бошанд ва шоир гуфта:

Андак-андак ба ҳам шавад бисёр,

Дона-донаст ғалла дар анбор” [3, с.155].

Чунонки дида мешавад, ҳикояти тамсилии мазкур тавассути амсилаи шеърӣ, ки василаи тақвият бахшидани фикр мебошад, ҳусни анҷом пазируфтааст.

Дар “Ахлоқ-ул-ашроф” мисраоти алоҳида низ ба ҳайси ирсолулмасал ё мақоли халқӣ истифода шудаанд, ки ба василаи онҳо Убайд афкори худро аз даҳони абнои даҳр дар мисоли бузургону бузургзодагони давронаш тақвият бахшидааст. Як хусусияти истифодаи мисраоти тамсилӣ дар асари мазкур иборат аз он аст, ки онҳо бар хилофи байтҳо, ки аксаран дар дохили ҳикоёти тамсилӣ ҳамчун давоми мантиқии ин ҳикоёт ба кор рафтаанд, тобеи ҳикоёт набуда, баръакс дар матни умумии асар оварда шудаанд ва мантиқан на тобеи ҳикояти тамсилӣ, балки тобеи матни умумии асар мебошанд. Аз ин ҳайс метавон гуфт, мисраоти тамсилӣ то ҷое аз истиқлол бархурдоранд, зеро дар матн муваҷҷиди тамсил маҳз ин мисраот ба ҳисоб мераванд, ҳол он ки дар ҳикоёт ҷуз аз абёти шоҳид, ки ҳукми тамсилро доранд, худи ҳикоёт низ ҳамчун тамсил истифода гардидаанд ва ба наҳве вазифаи тамсил андар тамсилро иҷро менамоянд. Аммо дар матне, ки мисраот истифода шудаанд, танҳо ин мисраот вазифаи тамсилро иҷро менамоянд ва худи матни умумӣ орӣ аз тамсил аст. Масалан, дар матни зерин аз қисмати мазҳаби мухтори боби шашуми асар, ки ба ҳилму виқор бахшида шудааст, Убайд бо истифода аз мисраъ, ки ёдовари мақоли халқӣ аст, киноят бар беномусиву бадахлоқии бузургони давронаш намудааст: “...Боз он бузурги соҳибтавфиқ, ки ба зинати ҳилму виқор музайян аст, агар ҳазор бор маҷмӯи атбоъ ӯро дар баробари к... бидаранд, аз камоли ҳилм сари мӯе ғубор бар хотири мубораки ӯ нанишинад. Лоҷарам, чандон ки зинда аст, мураффаҳ ва осуда рӯзгор ба сар мебарад ва аз аҳлу атбоъ хушнуд ва эшон аз ӯ фориғ. Агар вақте туҳмате ба ӯ расонанд, бад-он мултафит нашавад ва гӯяд:

Гар саге бонге кунад, бар боми каҳдон, ғам махӯр [3, с.157].

Дар ҳикояти тамсилии боло мисраи овардашуда, на танҳо василаи тақвият додани фикр мебошад, ҳамчунин, он идомаи мантиқӣ ва мавзӯии матн ба ҳисоб меравад, зеро мундариҷаи ҳикоят бо ин мисраъ хотима пазируфта, тавассути он ҷамъбасти мантиқӣ пайдо менамояд. Ҳарчанд мисраи додашуда дар ин ҳикоят то ҷое вазифаи талмеҳро низ иҷро менамояд, аммо аз он ҷо ки он навъе мақоли халқӣ ё зарбулмасалро ба хотир меоварад (амсоли ин мақоли халқӣ: “Саг меҷакад ё ак-ак мекунад, корвон мегузарад”), ба тамсил наздикии бештар пайдо менамояд.

Ҳамин вижагӣ, яъне ҳамчун давоми мантиқии матн истифода кардани мисраъ дар “Ахлоқ-ул-ашроф” дар чанд ҷойи дигар низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, вақте ки Убайд дар қисмати мазҳаби мухтори боби ҳафтум, ки ба ҳаёву сидқ бахшида шудааст, аз даҳони бузургони давр чигунагии муносибат бо дигаронро баррасӣ менамояд, мисраъеро ҳамчун тамсил меоварад: “Мард бояд назар бо қоидаи худ дорад ва чун аз шахсе ғаразе, ки дорад, ҳосил кунад ва таваққуи дигар боқӣ намонад. Агар худи падараш бошад, қатъан бад-ӯ илтифот нанамояд. Ва ҳар кас, ки аз умр бархурдорӣ талабад, бояд ки назар бад-ин турраҳот накунад, ҳар бомдод бо қавме ва ҳар шабҳангом бо тоифаи дигар ба сар барад ё аз суҳбату наъмати ҳамгинон маҳзуз ва муталаззиз гардад ва мардум аз ӯ малул нашаванд ва яқин шиносад:

К-аз ҳар деге наволае хуш бошад” [3, с.160].

Дар матни мазкур мисраъ ба ҳайси тамсил, навъи мақоли он истифода шуда, ду вазифаро иҷро мекунад: аввалан, ҳамчун давоми мантиқии матн ба ҳисоб меравад, сониян, ҷиҳати тақвияти мазмуни матн истифода шудааст.

Тамсилҳое, ки дар “Ахлоқ-ул-ашроф” дар шакли мисраъ оварда шудаанд, ҷуз аз он ки бо матни асар робитаи зич доранд ва аксаран вазифаи идомаи матнро иҷро мекунанд, ҳамчунин вазифаи аслиеро, ки барои ин санъат хос аст, яъне тамсил задан бар мафҳуме, касе ва чизе ва ё мисоли шабеҳ тарошидан аз дигар мафҳумҳову ашёро низ адо менамоянд. Чунончи дар матни зерин аз мазҳаби мухтори боби охири асар, ки ба раҳмат ва шафқати бузургони давр бахшида шудааст, ин вазифаи тамсил тавассути ду мисраи муҷовир ба назар мерасад: “Ва аммо раҳмат ва шафқат. Асҳобино бағоят мункири ин қисманд. Мефармоянд, ки ҳар кас ки бар мазлуме ё маҳруме раҳмат кунад, исён варзида бошад ва

худро дар маърази сахат оварда, бад-он далел, ки ҳеҷ амре бе хости Худованди таоло ҳодис нашавад, ҳар чӣ аз ҳазрати Ӯ, ки ҳаким аст, ба бандагон расад, то воҷиб нашавад, воқеъ нагардад... Донистӣ, ки он кас лоиқи он бало нест, бад-ӯ нафиристодӣ. Ҳар кас, он чӣ бад-ӯ мерасад, сазовори он аст.

Саг гӯшнаву зоғ кӯру буз лоғар беҳ.

Низ гуфтаанд:

Нест кӯре, ки ба кӯрӣ набувад арзонӣ" [3, с.162].

Чунонки дида мешавад, мисраоти зикршуда аввалан идомаи матн ба ҳисоб мераванд, баъдан ҳамчун мисол ҷиҳати тамсил задани мазлумону маҳрумон истифода гардидаанд.

Тамсилҳо дар шакли мақолу зарбулмасалҳо. Яке аз анвои назарраси тамсилпардозӣ дар матни "Ахлоқ-ул-ашроф"-и Убайди Зоконӣ ин тавассути мақолу зарбулмасал овардани он аст. Шояд яке аз муҷиботи ирсолулмасал ном ниҳодани тамсил нақши амсолу мақол дар он бошад, чунончи бисёре аз муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Муаззама Иқболӣ, дар ҷое ки аз тамсил сухан мегӯяд, истилоҳи ирсолулмасалро ба кор мебарад ва онро иборат аз "гунҷонидани масали машҳур бо калимоти қассори бузургон дар шеър ва ё сурудани мисраъе, ки ҳолати масал пайдо кунад", медонад [4, с.206].

Зимнан қайд кардан бамаврид аст, ки мақолу зарбулмасал аз анвои рехтаву инсиҷомёфта ва мухтасару муҷази тамсил ба ҳисоб мераванд. Дар мақолу зарбулмасал шоир ё нависанда агар аз як тараф, рухдоду ҳодиса, қисса ва сухани маъруферо ба ҳайси мисол ҷиҳати тақвияти андешаи хеш биёварад, аз ҷониби дигар, он суханро ба ҳадде муҷазу мухтасар баён менамояд, ки ба туфайли ин тарзи баён он дар зеҳни ҳар хонанда ба зудӣ нақш мебандад ва ҳамзамон бар вай як навъ таъсири маънавӣ мебахшад. Аз ҳамин нигоҳ аст, ки мақолу амсол ва зарбулмасал аз ҷанбаи пандуандарзӣ низ бархурдор мебошанд ва аз ин ҷиҳат ба хонандагону шунавандагон асари вижа низ мебахшанд.

Дар "Ахлоқ-ул-ашроф"-и Убайд ҳамин навъи тамсил дар баробари тамсилҳои ҳикоявӣ ва шеърӣ мукаррар мушоҳида мешавад. Яке аз маъруфтарин анвои тамсили мазкур мақолҳои халқие мебошанд, ки Убайд онҳоро аз забони зиндаи халқ барчидааст, зеро онҳо ифодаву таркибҳои мардумиро ба ёд меоваранд. Ин навъи мақолҳо, агарчи дар худ як навъ дуруштиро нуҳуфтаанд ва то ҷое аз доираи одоб низ убур мекунанд, аммо бисёр таъсирбахш буда, аз ҷониби муаллиф басо баҷову мувофиқ истифода гардидаанд. Ба ин мисол шуда метавонанд ду мақоле, ки Убайд онҳоро дар мазҳаби мухтори боби дуюми асар – "Дар шуҷоат" истифода намудааст, яке: "*Ҳез зиву дер зӣ*" ва дигаре: "*Мардон дар майдон ҷаҳанд, мо дар каҳдон ҷаҳем*". Ин ду мақоли халқӣ дар матни асар ҷуз аз вазоифе, ки дар боло дар хусуси тамсил оварда шуданд, ҳамчунин вазифаи ҷамъбасткуниву хулосабандии муаллифро дар бобати назари бузургони давр нисбат ба мафҳуми шуҷоат иҷро менамоянд. Бинобар ҳамин хусусият, овардани мақолҳои мазкур якҷо бо матни марбути он ҷолибтар аст: "Ва мефармоянд (яъне: "асҳобино" – Ғ.Ш.), ки шахсе, ки бар қазияи ҳавлнок иқдом намояд ва бо дигаре ба муҳорибат ва муқотилат дарояд, аз ду ҳол холӣ набошад: ё бар хасм ғолиб шавад ва ӯро бикушад, ё баръакс. Агар хасмро бикушад, хуни ноҳақ дар гардан гирифта бошад ва таъбияи он лошак оҷилан бад-ӯ лоҳақ гардад ва агар хасм ғолиб шавад, роҳи дӯзах муқаррар аст. Ва чӣ гуна оқил бар ҳаракате, ки аҳадди тарафайни он бад-ин навъ бошад, иқдом намояд. Ва кадом далел равшантар аз ин ки ҳар ҷо ки арӯсе ё самоъе ё ҷамъияте бошад муштамил бар луту ҳалво ва хилъату зар, ҷамъияти муханнасону ҳезон ва чангиёну сухрагонро он ҷо талаб кунанд.Ва ҳар ҷо ки тиру табару найза бояд хӯрд, аблаҳеро ёд диҳанд, ки ту марде паҳлавони лашкаршикан ва гурди сабилдор ва диловарӣ ва ӯро дар баробари ин теғҳо доранд, то чун он бадбахтро дар масоф бикушанд. Ҳезакону муханнасони шаҳр шамотаткунон кун ҷунбонда ва гӯянд:

Тиру табару найза намедонам хӯрд,

Луту майю мутрибам аҷаб месозад.

Ва чун паҳлавонеро дар маърака бикушанд, ҳезакон ба саломат аз дур назора кунанд ва бо ҳам гӯянд: "Эй ҷон, Худовандгор, ҳез зӣ дер зӣ". Марди соҳибҳазм бояд, ки рӯзи ҳайҷо қавли паҳлавонони Хуросонро дастур созад, ки мефармоянд, ки мардон дар майдон ҷаҳанд, мо дар каҳдон ҷаҳем" [3, с.146].

Хусусияти вижаи мақолҳои мазкур иборат аз он аст, ки муаллиф ҳар дуро ба сифати танз ба кор бурдааст, яъне ба василаи ин ду мақол Убайд аз даҳони худи муосирон ононро зоҳиран таърифу ситоиш менамояд, вале дар асл мақсади муаллиф аз ин тарзи адо мазоҳу

масхара кардани бузургони давр аст, ки мафҳуми шуҷоатро бо бадахлоқӣ ва тарсуӣ омехта намудаанд ва аз асли шуҷоате, ки қудамо аз он сухан мегуфтанд, дур гаштаанд.

Тавассути мақолу амсол ва зарбулмасалҳо Убайд акобири муосири худро ба боди тамасхур дода, ойини рӯзгордорӣ ва сулуки бадахлоқонаи ононро ба тарзи муассире аз даҳони худи эшон ба риштаи мазоҳу масхара мекашад ва ба дигар маънӣ, амсолу мақолҳоро василаи баёни андешаҳои танзомезу киноядори хеш қарор медиҳад. Чунончи дар матни поён аз боби шашум, ӯ чигунагии назари "асҳобино"-ро роҷеъ ба ҳилму виқор оварда, бад-ин тариқ беномусии онҳоро ифшо менамояд ва суханони хешро тавассути мақоли маъруфи арабии "Ал-ғазаб ғул-ул-ақли" (Ғазаб душмани ақл аст) аз забони худи бузургони давр тақвият мебахшад: "Ва яке аз қавоиди ҳилм он аст, ки агар ҳарам ва атбои бузургеро ба туҳмате муттаҳам мегардонанд ва ӯ аз ҳиллияти ҳилм ва зинати виқор орӣ мебошад ва ғазаб бар мизоҷи ӯ муставлӣ шуда, девона мегардад, ки "Ал-ғазаб ғӯл-ул-ақли" ва қатлу ҳарби зану бача ва масла гардонидани ҳавошиву хадам раво дорад. Ӯ ба дасти худ хонаи худ бармеандозад ва зану бачаро аз худ мутанаффир мегардонад ва шабу рӯз мутафаккиру ғамнок мебошад..." [3, с.156].

Чӣ хеле ки дида мешавад, дар матни боло Убайд мақоли мазкурро ба манзури масхараи "асҳобино" оварда, онро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи танзиёти матн истифода намудааст. Агарчи мақоли мазкур аз рӯҳи пандуандарзӣ бархурдор аст, аммо дар ин матн орӣ аз ин вазифаи худ гашта, ҳамчун василаи намоёнидани беномусии бузургони муосири муаллиф хидмат намудааст.

Хусусияти намоёни корбурди мақолу амсол дар матни "Ахлоқ-ул-ашроф" иборат аз ҳамин назари нави муосирони Убайд дар мисоли акобири давр роҷеъ ба суханони сойиру маъруф, ҳатто нисбат ба оёту аҳодис мебошад. Худи Убайд ин назари муосиронашро бо танзу тамасхур ба ифодаи "таъвил фармудан" зикр намудааст. Чунончи ин маъниро дар боби фавқуззикр дар мавриди шарҳи дайюс метавон мушоҳида кард: "Ва дар амсол омадааст: "*Ад-дайюс саид-уд-драйн*" ("Беномус хушбахти ҳар ду дунёст"). Таъвил чунин фармудаанд, то дар ин дунё бошад, чун ба иллати ҳамият мубтало нест, фориғулбол метавонад зист ва дар он дунё, чун расул (с.) фармудааст, ки "*Ад-дайюс ло ядхилул ҷанна*" ("Дайюс ба биҳишт намеравад"), он ҷо низ чун ӯро ба биҳишт набояд рафт, аз кудурати суҳбати шайхакону зоҳидон, ки дар биҳишт бошанд ва рӯйи турши эшонро набинад, ба юмни ин сират осуда бошад. Ва ҳар ҷо ки шайхеро бубинад, гӯяд:

Гар туро дар биҳишт бошад ҷой,
Дигарон дӯзах ихтиёр кунанд.
Бад-ин далел дайюс саид-уд-дорайн тавонад буд" [3, с.157].

Чунончи дида мешавад, амсоли "*Ад-дайюс саид-уд-дорайн*" ва "*Ад-дайюс ло ядхилул ҷанна*" дар матн на аз ҷониби муаллиф, балки аз забони "асҳобино" оварда шудаанд.

Бояд зикр кард, ки тарзи баёни Убайд дар рисолаи "Ахлоқ-ул-ашроф", умуман, дурушт аст ва ширингуфторӣ дар одоби гуфтор дар он камтар ба назар мерасад. Ин нуктаро муҳаққиқи эронӣ Эраҷ Вомиқӣ ҳам зикр карда, рисолаи мазкурро аз тундтарин ва сахттарин осори насрии Убайд қаламдод намудааст, ки бачост [1, с.251]. Иллати чунин таъриф дар он нуҳуфтааст, ки "Ахлоқ-ул-ашроф" саропо аз танзу киноя ва ришхандҳои тунду нишонрас нисбат ба акобиру ашрофи даврони муаллиф иборат буда, ҳадафи худи Убайд ҳам аз таълифи ин асараш на нишон додани ҳунари нависандагӣ, балки нишон додани урфу одат ва тарзи воқеии ҳаёт ва ахлоқи махлут бо бадрафториву маноҳии ин бузургон мебошад. Чунонки аз муҳтавои асари мазкур дида мешавад, Убайд яке аз хислатҳои накуҳидаи табақаи ашрофро иборат аз ғӯтавар будани онон дар беномусӣ мебинад ва аз онон ба унвони дайюс ном мебарад. Убайд шахси дайюсро чун яке аз афроди ҷомеаи ашрофи даврони худ қаламдод карда, бад-ин тариқ ӯро аз забони худи онон мавриди ситоиш қарор медиҳад. Дар боби мазкур дар идомаи "таърифот"-и шахси дайюс ҳатто ӯро бо шахси қозӣ, ки пешоҳанги ахлоқӣ дар ҷомеаи мутадаййини ӯ ба ҳисоб меравад, ҳамҷинс мешуморад ва бо ин ҳамсонсозии як шахси бадахлоқ бо қозӣ сатҳи ахлоқи воломақомони даврони худро бозгӯйӣ менамояд. Дар ин маврид ҳам Убайд василаи ҳамсонсозӣ ё қиёс ҳадиси набавиро қарор медиҳад. Чунончи: "Қозиён ва атбои эшон ба воситаи он ки ба исён ва тазвиру талбис ва макру ҳаромхорагӣ ва зулму буҳтон ва нуктагириву гувоҳӣ ба дурӯғ ва ҳирс ва ибтоли ҳуқуқи мусулмонон ва тамаъ ва ҳиллату ифсод дар миёни халқ ва бешармиву ахзи ришват мавсуф буда ва дар дайюс ҳамин хисол маҷбул аст, пас миёни эшон ҷинсияти куллӣ тавонад буд. Ва ба сабаби ҷинсият дайюс

суҳбати қозиён аз Худо хоҳад, ки "*Ал-ҷинсу илал ҷинсил ямилу*" ("Ҷинс ба ҷинс майл мекунад")..." [3, с.158].

Чӣ гуна ки дида мешавад, вазифаи амсоли фавқуззикр, ки Убайд онро тавассути ҳадис овардааст, дар матни боло аслан на бори маънавиву ҳикматии он, балки ифшои ахлоқи бузургон ва мазоҳу масхараи онон аст. М. Рачабов, муҳаққиқи яке аз беҳтарин осори таҳқиқотӣ оид ба ҷаҳонбинии Убайди Зоконӣ дар ин маврид бачо қайд менамояд, ки Убайд тавассути ифшои ахлоқ ва сирати воқеии аъёну ашрофи давр макри ононро низ дар иртибот бар доштани сифоте ҳамчун ҳилму виқор ошкор сохта, бар ин назар аст, ки бузургон бо истифода [10, с.90].

Дар "Ахлоқ-ул-ашроф" дар мавриди суханони мансури бузургон, ки ҳукми амсол ё зарбулмасалро касб кардаанд, ҷуз аз аҳодиси паёмбар як сухани ҳикматомези Саъдии Шерозӣ ҳам, ки мансуб ба "Гулистон"-и вай мебошад ва ҳукми амсоли сойирро гирифтааст, истифода гардидааст. Ин сухан "Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез" мебошад. Мақоли мазкурро Убайд дар мазҳаби мухтори боби ҳафтуми асараш, ки ба мавзӯи ҳаёву сидқ ва раҳмату шафқат бахшида шудааст, истифода намудааст. Тавассути ҳамин мақол ҳам Убайд ахлоқи "асҳобино" – бузургони давронашро бо танзу киноя мавриди тамасхур қарор дода, аз даҳони онон афъоли накуҳидаро аз забони худи онон таърифу ҷонибдорӣ менамояд. Аммо, чун матни марбут бар мақоли мазкур ҳаҷман бузург аст, аз дарҷи он иҷтиноб мепазирем.

Санъати тамсил дар осори Низомиддин Убайди Зоконӣ, бахусус "Ахлоқ-ул-ашроф"-и вай нишондиҳандаи сабку ҳунари нависандагии ӯст, ки омехта бо тарзи махсуси иншои вай мебошад. Устод Сайид Нафисӣ, бо ин ки сабки Убайдро дар баҳои куллӣ бардоште аз тарзи нависандагии Саъдӣ қаламдод кардааст, ҳамчунин ба таври махсус зикр намудааст, ки "сабки ширин ва бисёр ҷолиби таваҷҷуҳе гузошта, ки ҳанӯз ба вай мунҳасир аст ва бо он ки пайдост аз Саъдӣ пайравӣ карда, сухани вай равонтар ва бепироятар уфтодааст" [7, с.219].

Дар анҷоми мақола метавон зикр кард, ки санъати тамсил дар матни "Ахлоқ-ул-ашроф"-и Убайд вазифаҳои гуногун, аз ҷумла, василаи ҳамсонсозии мафҳумҳову мазомин, тақвият бахшидани фикру андешаҳои муаллиф (ки бештар аз забони бузургони даврони вай маръӣ мегарданд) ва ҳамчунин идома бахшидани мазомин ва мавзӯи асосии матнро ичро намуда, ҷузъи ҷудонашавандаи матни умумии асар маҳсуб мешаванд. Аз нигоҳи сохтор ва ё тарзи баён тамсилҳои Убайд бо се тариқ матраҳ гаштаанд: ҳикоёт, амсилаи шеърӣ ва амсолу мақол. Дар ҳар се анвои шаклӣ низ вазифаҳои фавқуззикр баръало мушоҳида мешаванд. Танҳо фарқияте ки миёни анвои мазкур ба чашм мерасад, дар чигунагии тарзи баён нуҳуфтааст, ки он иборат аз тӯл ва тахфифи сухан аст, ки дар ҳикоёти тамсилӣ сухани муаллиф тӯлонитар, дар абёту мисраот муҷаз ва дар мақолу амсол, чунонки хосси онҳост, ба маротиб муҷазтар мебошанд.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Вомиқӣ, Эраҷ. Убайди Зоконӣ – латифасарои қарни сукут / Эраҷи Вомиқӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Интишороти "Ашкон", 1375. - С. 242-264.
2. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ.- Душанбе: НДТ, 1963. - 259 с.
3. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с.
4. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ / Муаззама Аъзами Иқболӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1363. - 253 с.
5. Кошонӣ, Мир Тақиуддин. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор. Бахши Кошон / Мир Тақиуддини Кошонӣ. - Теҳрон: Маркази пажӯҳишии мероси мактуб, 1384 ҳ. - 759 с.
6. Мирзозода, Х. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Х. Мирзозода // Газетаи муаллимон. - Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон.- №35 (596), 30-юми июли 1939. - С.4.
7. Нафисӣ, Саид. Дар бораи Низомиддин Убайди Зоконӣ ва осори ӯ / Саид Нафисӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Ашкон, 1375. - С.216-221.
8. Озар, Муҳаммад Ҳаким. Услуб ва сохтори "Ахлоқ-ул-ашроф" / Муҳаммад Ҳакими Озар // Адабпажӯҳӣ. - №7. - Теҳрон, пойизи 1390. - С.89-120.
9. Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Баррасии аҳвол ва осори Убайди Зоконӣ / Аббос Иқболи Оштиёнӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Ашкон, 1375. - С.29-44.
10. Раджабов Муса. Мировоззрение Убайда Зокони / Муса Раджабов. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.
11. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам / Шамс Қайси Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.

12. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳичрӣ / Забеҳуллоҳи Сафо. - Ҷилди савум.- Бахши дувум. - Теҳрон: Фирдавс. - 993 с.
13. Саффоридӯст, Ҳусайн. Нигоҳе ба танзи Убайди Зоконӣ / Ҳусайни Саффоридӯст // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Ашкон, 1375. - С.151-156.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 948 с.
15. Шамисо, Сирус. Баён ва маонӣ / Сируси Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1374 х. / 1995. - 254 с.
16. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Як мунтақиди иҷтимоии забардаст / Парвиз Нотили Хонларӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Ашкон, 1375. - С.121-132.

ТАМСИЛ ВА ЧИГУНАГИИ КОРБУРДИ ОН ДАР РИСОЛАИ “АХЛОҚ-УЛ-АШРОФ”-И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Дар мақола дар хусуси чигунагии истифодаи санъати бадеии тамсил дар осори насрии Низомиддин Убайди Зоконӣ дар мисоли рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф” сухан меравад. Тибқи суханони муаллифи мақола, “Ахлоқ-ул-ашроф” пас аз “Рисолаи Дилкушо” дувумин рисолаи бузургҳаҷми адиб ба ҳисоб меравад. Он аслан бар суханони танзу киноя ва чӣ хеле ки худи Убайд оварда, бар ришханд бунёд ёфтааст, ки муаллиф онҳоро бештар дар қисмати дувуми ҳар боби асар матраҳ намудааст. Асари мазкур фарогири дебоча ва ҳафт боб буда, дар бобҳо дар хусуси ҳикмат, шуҷоат, иффат, адолат, саховат, ҳилм, сидқу раҳмат сухан ба миён меравад. Ҳар боб, дар навбати худ, аз ду фасл ё қисмати алоҳида, аммо мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат буда, муаллиф онҳоро бо вожаи мазҳаб номгузорӣ кардааст. Чунонки муаллиф қайд менамояд, агарчи рӯҳи “Ахлоқ-ул-ашроф” иборат аз танзу киноят ва ҳазлу ришханд аст, аммо он тавассути дигар орояҳои бадеӣ низ, монанди: тамсил, ташбеҳу истиора, талмеҳу ташхис, муболиға ва дигар васоити тасвири бадеӣ зинат ёфтааст. Миёни ҷамеи орояҳои сухан дар асари мазкур мақоми аз ҳама назаррасро санъати тамсил ишғол менамояд. Санъати тамсилро метавон чун сутуни устувор дар бинои “Ахлоқ-ул-ашроф” маҳсуб донист, зеро беҳтарин андешаҳои муаллиф аслан тавассути ҳамин ороя роҳандозӣ гаштаанд. Дар “Ахлоқ-ул-ашроф”,- қайд менамояд муаллифи мақола,- санъати тамсил умуман бо се роҳ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки инҳоянд:1) тавассути ҳикоёт; 2) тавассути амсилаи шеърӣ; 3) тавассути амсол, мақолу зарбулмасалҳо. Ҳар се роҳи корбурди тамсил дар асар мақоми назаррас дошта, ба василаи онҳо Убайд беҳтарин афкори танзомези хешро аз забони бузургони давр, ки аз онҳо ба унвони “асҳобино” ном мегирад, матраҳ менамояд. Тамсилҳои ҳикоётӣ дар “Ахлоқ-ул-ашроф” дар шакли ҳикоёти хурду бузург, амсилаи шеърӣ дар шакли байтҳо ва мисраоти ҷудогуна ва мақолу зарбулмасалҳо дар шакли суханони маъруфи халқӣ ва оёту аҳодис роҳандозӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, “Ахлоқ-ул-ашроф”, тамсил, ҳикоёти тамсилӣ, абёти тамсилӣ, мисраоти тамсилӣ, мақолу зарбулмасал, танзу ҳикоят.

ПРИТЧА И СПОСОБЫ ЕЕ ПРИМЕНЕНИЯ В ТРАКТАТЕ «ЭТИКА АРИСТОКРАТИИ» УБАЙДА ЗОКОНИ

В данной статье речь идёт о способах применения художественно-изобразительного средства притчи в творчестве Низамуддина Убайда Зокони на примере его знаменитого прозаического произведения “Ахлок-аль-ашроф” («Этика аристократии»). По словам автора статьи, “Ахлок-аль-ашроф” после “Рисолаи дилкушо” (“Увеселительный трактат”) является вторым объёмным произведением литератора. Этот трактат в сущности основан на насмешках и намёках, названных самым писателем издёвками, которые автор использовал в основном во вторых частях каждой главы. Вышеупомянутое произведение состоит из оглавления и семи глав, в которых речь идёт о мудрости, отваге, невинности и чистоте, справедливости, щедрости, терпеливости и снисходительности, преданности и милосердии. Каждая глава, в свою очередь, охватывает две части, названные автором “мазхабом” (верой или образом действий). Как отмечает автор, невзирая на то, что “Ахлок-аль-ашроф” в своей сущности написано в духе насмешки, намёка и издёвки, и заслуженное внимание к этому трактату в основном объясняется этими средствами художественно-изобразительного описания, он украшени другими приёмами поэтическо-эстетического изложения, такими как: притча, сравнение и метафора, указание и персонификация, гипербола и другие художественные средства. Среди всех вышеупомянутых средств в “Ахлок-аль-ашроф” должное место занимает притча, которую можно считать устойчивой опорой в построении этого произведения. Так как самые привлекательные мысли автора изложены в основном посредством этого поэтического приёма. В “Ахлок-аль-ашроф”, как отмечает автор,- притча в общности использована тремя способами: 1) рассказами; 2) стихами; 3) пословицами и поговорками. Вышеупомянутые сопособы применения притчи очень заметны в произведении и с их помощью Убайд от имени современных вельмож и аристократов (названных автором “асхобино”, то есть “хозяева”) описывает свои лучшие мысли. Притчи-рассказы изложены в формах больших и маленьких рассказов, поэтических примеров – в формах бейтов-двустиший и строк, а поговорки и пословицы – в формах народных изречений, аятов (стихов-отрывков из Корана) и хадисов (преданий пророка).

Ключевые слова: Убайд Зокони, “Ахлок-аль-ашроф”, притча, притчи-рассказы, поэтические притчи или притчи-стихи, притчи-бейты, притчи-строки, поговорки, пословицы, насмешки.

PARABLE AND METHODS OF ITS APPLICATION IN THE TRACT "ETHICS OF ARISTOCRACY" BY UBAID ZOKONI

This article deals with the ways of using the artistic and pictorial means of the parable in the work of Nizamuddin Ubayd Zokoni on the example of his famous prose work "Ahlok al-ashrof" ("Ethics of aristocracy"). According to the author of the article, "Ahlok al-ashrof" after "Risolai Dilkusho" ("Treatise of pleasure") is the

second voluminous work of the writer. This treatise is essentially based on ridicule and innuendo, named by the writer himself, which the author used mainly in the second parts of each chapter. The above work consists of a table of contents and seven chapters, which deal with wisdom, courage, innocence and purity, justice, generosity, patience and condescension, devotion and mercy. Each chapter, in turn, covers two parts, called by the author "madhhab" (faith or mode of action). As the author notes, despite the fact that “Akhlok-al-ashrof” in its essence is written in the spirit of ridicule, allusion and mockery, and the deserved attention of the features of this treatise is mainly reflected by these means of artistic and pictorial description, and is decorated with other aesthetic presentation, such as: parable, comparison and metaphor, indication and personification, hyperbole and other artistic means. Among all the aforementioned means in "Ahlok al-ashrof" a parable occupies a proper place, which can be considered a stable support in the structure of this work. Since the author's most attractive thoughts are expressed mainly through this poetic device. In “Ahlok-al-ashrof”, as the author notes, the parable is used in general in three ways: 1) stories; 2) poetry; 3) proverbs and sayings. The aforementioned ways of using the parable are very noticeable in the work, and with their help, Ubaid, on behalf of modern nobles and aristocrats (called by the author “askhobino”, that is, “masters”), describes his best thoughts. Proverbs-stories are presented in the form of large and small stories, poetic examples - in the forms of double-verse and misraot-lines, and sayings and proverbs - in the forms of folk sayings, ayats (verses-excerpts from the Koran) and hadith (the prophet's legend).

Key words: Ubayd Zokoni, “Ahlok-al-ashrof”, parable, parables-stories, poetic parables or parables-verses, parables-bayts, parables-lines, sayings, proverbs, mockery.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффорзода Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведение об авторе: ***Гаффорзода Шохрух*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforzoda Shokhrukh*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of the Tajik language and teaching methods of the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 9 (с 53)

ТАНОСУБИ ҲАВОДИСИ ТАЪРИХӢ ДАР АСАРҲОИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИК

(андешаҳо дар ҳошияи повестҳои Сотим Улуғзода “Ривояти суғдӣ” ва Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Деваштич”)

Мунира Раҳимзода

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Повест дар таърихи адабиёти ҳар як халқи мутамаддин, аз он ҷумла халқи тоҷик, ба туфайли ба вуқӯъ омадани воқеаҳои бузурги сиёсию иҷтимоӣ ва гардишҳои намоён дар ҳаёти ҷомеа шакл гирифтааст. Дар адабиёти тоҷик низ повест дар натиҷаи ғалабаи ҳаёти нав ва падидаҳои тозаи он дар ҷомеа арзи ҳастӣ кардааст.

Мавзӯи повестҳои таърихӣ, сабки эҷодӣ ва забони онҳо гуногун бошанд ҳам, як матлаби муаллифонашон муайян мегардад: онҳо бо мақсади истифодаи сабақҳои таърих, барои равнақи ҳаёти ҳозира ва рӯшан тасаввур кардани оянда навишта шудаанд.

Вижагиҳои асосии повестҳои таърихии даврони истиқлол инъикоси воқеият, таносуби ҳаводиси таърихӣ ва тахайюли бадеӣ дар тасвири равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳаёти ҷомеа, офариниши симои шахсиятҳои бузург, амирон, сиёсатмадорон, донишмандон, шоирон, файласуфҳо, пешвоёни дину оин, санъаткорон, ошиқону маъшуқон, саркардаҳо, фидокорон ва сарсупурдаҳои роҳи наҷот, озодӣ ва бахту саодати халқ, мавқеи сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва ахлоқии онҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар ҳақиқат, нигоҳи нависандагон ба эҷоди асарҳои таърихӣ, тақдири инсонҳои воқеӣ, паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ дар давраи истиқлолият дигаргун шуд. Воқеаҳои имрӯзу дирӯз, қаҳрамонони муосиру ашхоси таърихӣ дар насри муосири тоҷик бо диди нав қаламдод мегарданд. Вобаста ба ин муҳаққиқони соҳаи адабиёт низ осори гаронбаҳои таърихии нависандагонро ба силки таҳқиқ кашида, фикру ақоиди хешро доир ба ин масоил баррасӣ менамоянд [1, 2, 3, 5, 14, 15].

Адабиётшинос Ӯлмасова З.Ҳ. таъкид мекунад, ки “Агар дар адабиёти шӯравӣ, вобаста ба талаботи шароити ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, танҳо Садриддин Айнӣ образи шахсиятҳои таърихӣ – Муқаннаъ ва Темурмаликро дар очеркҳои бадеӣ ва таърихии худ офарида бошад, дар замони мо, ки сензура бардошта шуд, озодии сухан фаро расид, худогоҳии миллӣ пайваста бо тафаккури таърихӣ инкишоф ёфт, чеҳраҳои Абӯмуслиму Муқаннаъ, Спитамену Шерак, Деваштич барин пешвоёни ҳаракатҳои халқӣ дар роҳи озодӣ дар асарҳои таърихӣ ҳамчун қаҳрамонони мусбат ва сазовори пайравӣ мавриди тасвир қарор гирифтанд” [13, с.37].

Муносибати нав ба таърих, ба мероси илмӣ, адабӣ, динӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, қабл аз ҳама, дар китобҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зуҳур карданд ва минбаъд аҳли илму адаб онро ҷонибдорӣ намуданд.

Асарҳои дар мавзӯъҳои таърихӣ эҷодгардидаи С.Улуғзода, ки аз даврони шӯравӣ оғоз гардида буд, аз ҷумла «Қисмати шоир» (1957), «Восеъ» (1967), «Ривояти суғдӣ» (1977), «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980), «Фирдавсӣ» (1985) дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии давраҳои таърихӣ ва урфу одатҳои мардуми Шарқи мусулмонӣ ба вуҷуд омада, дорои ҷанбаи пурқуввати воқеӣ ва табиӣ мебошад. Таълифоти ин адиби навҷӯ ва густурдадониш доираи имконоти насри муосири тоҷикро фарох гардонидааст. Маҷмӯи тозаҷӯӣ ва навовариҳои С.Улуғзода дар жанрҳои мухталиф ҷойгоҳи мушаххас доранд. Ӯ дар роҳи такмили ҳунарии жанрҳои таърихӣ қобилият ва қареҳаи хос зоҳир намудааст. Асарҳои дар фавқ зикршуда хонандаро ба худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ҳидоят мекунанд.

Миллати тоҷик ба манзалати саҳифаҳои дурахшони таърихи гузаштаи худ мерасад. Муборизаи қаҳрамононаи аҷдодони халқи - тоҷик мардуми суғд бар зидди истилогарони араб дар асри VII, ки Сотим Улуғзода онро дар повести “Ривояти суғдӣ” бо забони образноки фасеҳу малеҳ тасвир кардааст аз ҳамин қабила саҳифаҳои пуршарафи таърихӣ ба шумор меравад. Повест асоси воқеӣ дошта, ҷавонмардию корнамоиҳои гузаштагони халқи тоҷикро инъикос менамояд. Асар ҳаҷман калон набошад ҳам, мазмунан васеъ аст. Вай рафти дуюмин ҳуҷуми калони арабҳоро ба Мовароуннаҳр ва ҷанги зидди онҳоро тасвир менамояд.Тамоми асарро ҳиссиёти наҷиби ватандӯстӣ ва озодихоҳии аҷдодони халқи тоҷик фаро гирифтааст. Нависанда образи вакилони халқ - Виркани паҳлавон,

падари ғамхораш Ревахшиён ва ҳамсари вафодори қаҳрамони марказӣ Наниманчаро, ки дар роҳи озодӣ қурбон мешаванд, бо муҳаббат ва санъати баланд эҷод кардааст.

Тавсифоти нависанда дар тасвири баъзе образҳои ҳукуматдорони Суғд, Хотун – маликаи Бухоро, зани соҳибҷамол, ватандӯст, хирадманд ва фуқаропарвар аз ҳадди эътидол мегузарад ва ӯ як андоза ба образи идеалӣ табдил ёфтааст. Дар баробари ин, қаҳрамонони мусбати повест Ревахшиён, Виркан, Ёдхишетак ва қаҳрамонони манфӣ Молик – ибн – ур – Райб, Нуфарн, Саид ибни Усмон мебошанд, ки ҳама якҷоя образи халқро пурра мекунанд.

Нависанда дар заминаи тасвири лаҳзаҳои таъсирбахши ҳунарӣ муқобилияти сахти мардум, қаҳрамонию ҷоннисориҳои ниёгони тоҷикон – суғдиёни одиро зидди арабҳои истилогар хеле муассир нишон додааст.

Таърих дар сурате маъною моҳият пайдо менамояд, ки барои имрӯз хизмате ба ҷо оварад. С.Улуғзода ин масъаларо ба дараҷаи баланди бадеӣ ҳал кардааст. Садоқату вафодории суғдиён нисбат ба ёру диёри худ ва муборизаи асирони суғд дар роҳи озодӣ, ки аз зиндагии ғуломона мурданро авло медонанд, хонандаҳои повестро дар рӯҳи ватандӯстӣ ва нафрату кароҳат нисбат ба истилогарони хориҷӣ тарбият мекунанд. Агар нависанда хайрхоҳӣ ва ёрии ранҷбарони арабро нисбат ба ғуломони суғд нишон медод ва дар байни онҳо ба вуҷуд омадани ғояи муборизаи муттафиқонаро бар зидди ҳокимони истисморгар тасвир мекард, аҳаммияти замонавии повест зиёдтар мегардид.

Мавзӯъҳои таърихӣ доманадоранд. Ин ҷо маводҳои гаронбаҳое, ки бисёр нависандагонро қувваю илҳоми эҷодӣ мебахшанд, хеле фаровонанд. Ҷавҳари сухан дар сари ҷаҳонбинии равшани илмӣ, муносибати объективона ба таърих ва маҳорати баланд дар ҳалли дурусти ғоявию бадеии онҳост.

Агар нависандагони даврони истиқлол аз асарҳои С.Улуғзода чигунагии сохт ва банду басти асар, сужетсозӣ, образофаринӣ, таҳқиқи рӯҳию равонии образи қаҳрамон, забони тасвирии нависанда ва муколамаи қаҳрамонон ва персонажҳои асарҳо, манзаранигорӣ ва дигар ҳунарҳои адабиро омӯхта бошанд, дар замонаш С.Улуғзода, ки яке аз тарҷумонҳои борикбин буд, аз эҷодиёти Л.Н.Толстой бардошт карданашро чунин шарҳ додааст: «Аз хурдсолӣ ман ҳикояҳои Л.Н.Толстойро бо шавқи беандоза мехондам, баъдтар қиссаю романҳои ӯ «Ҳоҷӣ Мурод» ва «Эҳё»-ро мутолиа кардам, ки неруи тасвир ва эъҷози қаламаш маро мутаҳаййир сохт. Толстой ба назари ман абаринсон, даҳое менамуд, ки қодир аст бо як ҳаракати килкаш оламу табиатро инъикос карда метавонад. Вале вақте дар Маскав дар музеи Толстой ман авроқи парешони дастхати «Эҳё»-ро дидам, ки баъзе саҳифаҳои он то шонздаҳ бор рӯйнавис шуда буданд, фаҳмидам, ки нависанда ба мавзунияту фасоҳат ва мукаммалии шаклии асарҳояш бо кадом ранҷу азоб ноил мегардидааст». Сипас, Улуғзода нақши тарҷумаи асарҳои Л.Н.Толстойро дар рушди насри реалистии халқҳои мухталифи ҷаҳон, махсусан дар адабиёти Шарқ таъкид мекунад: «адабиёти халқҳои мамлакати мо, махсусан халқҳое, ки насри реалистӣ, романи муосир дар адабиёти онҳо баъди давраи Октябр таҳти таъсири файзбахши адабиёти бузурги рус арзи ҳастӣ кардааст» [8, с.170-171].

Нависандаи таърихнигор Давлатшоҳи Тоҳирӣ, ки мавзӯъ ва муҳтавои аксарияти асарҳои таърихиаш воқеаҳои пеш аз истилои арабҳоро фарогир аст, дар асари худ “Деваштич” (1987) аз повести таърихии С.Улуғзода “Ривояти суғдӣ” бардошт намудааст. Сужети асар, қабл аз ҳама, аҳволи ҷамъиятӣ ва сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри пеш аз истилои арабҳо, ҳуҷуми арабҳо ба ин мамлакатҳо, ихтилолҳое, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр рӯй додаанд, махсусан эътирози шадиди оммаҳои халқро нисбат ба ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзаминро инъикос мекунад.

Повестҳои таърихии адабиёти тоҷикӣ, воқеаҳо ва одамоне, ки дар онҳо тасвир ёфтаанд, майлу рағбати хонанда, ҳиссу ҳаяҷони ӯро бедор накарда наметавонанд, зеро ҳамаи онҳо аз мағзи дили худи нависандагон мегузаранд. Онҳо муносибати фаъолу пурэҳтироси адибро нисбат ба қаҳрамонон ва дигар персонажҳое ифода менамояд, ки дар радифи эшон неруҳои муборизи мардуми пешқадам ва иртиҷоии таърихи тоҷикон саф кашидаанд.

Воқеаи фараҳбахши таърихӣ бозёфти асноди кӯҳи Муғ ё "Бойгонии Деваштич" аст, ки барои муайян кардани таърих кумак мерасонад ва эҳсос мегардад, ки С. Улуғзода ҳангоми навиштани "Ривояти суғдӣ" дақиқан аз ин ҳуҷҷатҳо истифода кардааст ва номҳоеро шабеҳи "Ревахшиён, Ёдхишетак, Виркан, Наниманча" –ро ба қалам додааст.

Таваҷҷуҳ мекунем ба яке аз образҳои асари Сотим Улуғзода Ёдхишетак, ки Давлатшоҳи Тоҳирӣ низ дар повести “Девештич” ба силки тасвир кашидааст. Нависанда дар повести “Ривояти суғдӣ” расму оини Суғдзаминро ба риштаи таҳқиқи бадеӣ кашида, таъкид бар он мекунад, ки ҳар сол дар иди Наврӯз дар баробари дигар маъракаҳои идона нахустпаҳлавони Суғдиро муқаррар мекарданд ва ҳамчунин аз рӯйи анъана нафари мағлуб ба дасти ғолиб кушта мегардид ва ё ба ғуломӣ меафтод.

Ҳанӯз аз саҳифаҳои аввали асар дар суҳбати Ревашхиён ва фарзандаш исми Ёдхишетак - паҳлавони суғдӣ аз тарафи қаҳрамони марказӣ ба забон гирифта мешавад:

“Виркан гуфт:

— Падар, Наврӯз наздик аст.

— Наздик, — тасдиқ кард пирамард ва пурсид. — Чаро ту ёди Наврӯз кардӣ?

— Ман бо Ёдхишетак набард кардан мехоҳам” [10, с.43].

Агар дар повести “Ривояти суғдӣ” Ёдхишетак ҳамчун паҳлавони суғдӣ тасвир шуда, дар ҷашни Наврӯз бо Виркан дар набард инъикос ёфта бошад, дар повести Давлатшоҳи Тоҳирӣ ҳамчун ихшид (ҳоким) ба силки тасвир кашида шудааст. Дар асарҳо Ёдхишетак аз образҳои мусбат ба ҳисоб рафта, ҳамчун марди паҳлавон, хирадманд, ғамхору некрой ва адолатпарвар таҷассум ёфтааст. Ёдхишетак зотан нармгуфтор ва таҳамтани хушмуомила буд.

С.Улуғзода образи Ёдхишетакро дар се маврид ба тасвир гирифтааст: аввал гӯштингирии Ёдхишетак бо Виркан дар ҷашни Наврӯз, дуюм, суҳбати Ёдхишетак бо ишхид пас аз ба ғуломӣ фаромадани Виркан ва сеюм ба суҳбати Ревашхиён омадани Ёдхишетак.

“Инак, дар майдони машқи сарбозон Ёдхишетак-паҳлавони паҳлавонон ва Виркани ҷӯяндаи ин номи фохира аз дуҷониб баромаданду шутурмурғвор ҷаҳида-ҷаҳида, дастҳояшонро чун боли уқоб афшонда-афшонда ба истиқболи якдигар равон шуданд.

Дар миёнҷои майдон ба якдигар расида ду даст ба ду даст гирифтанду як-як китф ба китф расонда вохӯрӣ карданд. Ҳар ду то миён луч, мӯи сари ҳар ду то буни гардан фаромада ва бо чамбараки нафиси симин баста. Ёдхишетак бузургпайкар, сари синаву китфони тавоноюш пурмӯй, қадаш аз ҳариф ним сар баландтар.

Виркан нисбат ба ӯ борик, мушакҳои бозувонаш ва ду паҳлӯяш арғамчинвор печида ва ҷаста» [10, с.43]..

Мақсади ниҳонии Виркан аз набард бо паҳлавони Суғд ин рафъи нодориву муҳтоҷии хонаводааш буд. Дар баробари ин, зафар бар Ёдхишетак ӯро паҳлавони лашкари подшоҳ хоҳад кард ва ин мансаб ба вай иззату дороӣ меовард, вале Виркан ба мақсад нарасида, ба ғуломӣ гирифтор шуд ва боиси хонавайронӣ (бо расму оини суғдиён никоҳи занушуӣ, ки дар назди қозӣ ба миён меомад, дар натиҷаи аз тарафайн ба ғуломӣ гирифтор шудан тарафи дигар аз қайди никоҳ озод хоҳад шуд –М.Р.) ва ба ғаму андуҳ гирифтор шудани падару ҳамсар гардид.

Дар вақти суҳбати қаҳрамонон хислат ва характери онҳо ошкор мегардад, ки С.Улуғзода моҳирона симои ду паҳлавонро дар суҳбати ихшид ва Ёдхишетак нишон медиҳад, ки як навъ баҳодиҳӣ ба образҳои асар ва нишон додани қалби инсони гӯянда (Ёдхишетак) ба шумор меравад.

Ихшид пурсид:

--Ҳарифатро чӣ гуна ёфтӣ?

--Ҳарифи шоистаест, шоҳам, -- ҷавоб дод Ёдхишетак – Ба неру шерро монад ба тезчанголӣ палангро ва бо чобукӣ гурбаро.

--Ту аз ӯ бим дорӣ?

--На шоҳам, ғуломи шоҳам (Ёдхишетак худро дар назар дорад) умедвор аст, ки бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург фардо ба вай зафар ёбад.

Аз ин суҳбат дар баробари паҳлавонии Виркан хислати Ёдхишетаки суғдӣ намудор мегардад, ки бо вуҷуди бо Виркан ҳариф будан аз паҳлавонии ӯ сухан намуда, аз кушта шудани вай норозист:

-Мо хоҳони зафари туем, аммо ... ҳайф аст, ки ҷавонпаҳлавоне мисли Виркан кушта гардад.

-- Савганд ба Зарвони бузург, ки инро ғуломи шоҳам низ намехоҳад ва агар шоҳи бузург нафармояд, ғуломи шоҳам ӯро намекушад, аммо ғуломи шоҳам чӣ кунад, ки ин расмро пешиниён ниҳодаанд ...

Симои Ёдхишетаки паҳлавонро нависанда дар мавриди сеюм чунин ба тасвир гирифтааст, ки аз ҳалимиву хоксорӣ, нармгуфторӣ ва меҳрубон будани паҳлавони суғдӣ дарак медиҳад. Пас аз фориғ шудан аз набард ва ба ғуломии бозаргон Нӯфарн афтодани Виркан падар ғамзада буду ҳардамхаёл. Ёдхишетакпаҳлавон ба назди Ревашхиёни дилшикаста меояд ва ба ӯ бо суханҳои нарму дилбарона муроҷиат мекунад. Паҳлавон ба лаби суфа нишаста гуфт:

— Аз ман ранҷиданат бечост. Гуноҳи ман чист ?.. Чаро ту шукр накунӣ, ки ба ҳар ҳол писарат зинда монд?.. Ноумед нашав, шояд вай рӯзе ба ту баргардад. Инак, ман ба ту баҳои ӯро овардам, ин чорсад дирамро бигир. — Гӯянда ҳамёни пулро сӯйи Ревахшиён афканд.

— Ман бо писарат на бо ихтиёри худам набард кардам, на бо ихтиёри худам фурӯхтамаш, аз ман наранҷ, падар [10, с.56].

Дар ҳақиқат, Ёдхишетаки паҳлавон бо амри хеш ба набард набаромада буд, бинобар ин, дар ин маврид ӯ ҳақ буд.

Повести Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Девештич” асари таърихии тарҷумаиҳолӣ буда, ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори фарзанди барӯманди тоҷик Девештич писари Ёдхишетакро (708-722) фарогир аст. Повест бо воқеаҳои таърихӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии водии Зарафшон замони истилои арабҳоро дар бар мегирад. Масъалаи асосии повести “Девештич” ватандӯстии қаҳрамони марказии асар ва бар зидди истилогарони араб фидокорона ҷангидани Девештич ва пайравони вай мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки Девештич баъди ихшиди (ҳокими) Суғд шуданаш ба вилоятҳои гуногуни Мовароуннаҳр – Хатлон, Чоч, Истаравшан, Фарғона ва Ҳоқони Турк мактубҳои имдодӣ навишта, онҳоро барои муборизаи муттаҳидона бар зидди арабҳо ба ҷанг даъват намуд. Дар натиҷа, дар солҳои 719 – 720 дар Суғд ду лагери зидди арабӣ: яке бо сардории ихшид Ғурак, ки аз назари арабҳо ҳокимияташ ғайриқонунӣ буд ва дигаре бо сарварии Девештич ташкил ёфт. Ғурак аслан дар ноҳияҳои марказии Суғди Самарқанд ва Девештич бошад, дар кӯҳистони Суғд, асосан дар водии Зарафшон ба ҷанги зидди арабҳо омодагӣ медиданд. Соли 720 аҳолии минтақаҳои марказии Суғд бо якҷоягии неруи ҷангандаи туркҳо арабҳоро аз Самарқанд ронданд.

Чеҳраи қаҳрамони марказиро нависанда чунин ба қалам додааст: “Девештич писари Ёдхишетак марди 40-45 сола, гӯсфандчашм, мӯйҳои дарози қаҳварангаш аз зери кулоҳхӯди заррини дандонадор то китф фаромада, дар кулоҳхӯд тасвири шохчаяки гул кардаистодаи бодом ва қурси офтоб, ки бо марвориду забарҷад мурассаъ, ба назар мерасанд. Риши зери манаҳаш тоза тарошида шуда, дар дасти рости ӯ рамзи ҳокимӣ ба монанди дос, ки аз санги қиматбаҳои сиёҳранг тарошида шуда буд, болои дилаш нигаҳдор аст. Тахти заррини ӯ низ бо сангҳои ранга устокорона зеб дода шудаанд [4, с.8].

Ҳамзамон асарҳои дар мавзӯи таърихӣ эҷодшудае низ ҳастанд, ки асосан бо неруи тахайюли бадеӣ арзи ҳастӣ кардаанд ва танҳо номи қаҳрамонони марказии онҳо аслӣ буда, дигар персонажҳо, воқеаҳо, хатҳои сужет ва ғайра бофтаю сохтаи муаллифон мебошанд. Дар мавриди повести Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Девештич” бошад қаҳрамони марказӣ ва бархе аз образҳои таърихӣ ба силки таҳқиқи бадеӣ кашида шудаанд, ки ифодакунандаи воқеияти асар мебошанд.

Девештич аз персонажҳои марказии асар буда, донишманд ва соҳиби ақлу хирад комил буд ва дар баробари ин, соҳибдониш будани ҷомеаи хешро мехост, зеро маҳз дар ин ҳолат ҳақиқату адолат ва зиндагии босаодат насиб мешаваду сарзамин ободу давлат сарсабз ва халоиқаш дар сериву пурӣ умр ба сар мебаранд. Дар ин маврид идоракунии мамлакат низ осонтар мегардад, чунки арзишҳои бад ба монанди: ҷаҳл, зулм, дасиса, рибохӯрӣ ва дуруғгӯӣ дар байни мардум кам мегарданд. Фикри олии дигари Девештич он буд, ки дар гирдогирди хеш ҳар чӣ бештар шахсиятҳои хирадманду некандеш, дурандешу ояндабин, сиёсатмадори боқувват ва олимони шинохтаро ҷамъ бояд овард.

Ҳамаи риштаҳои сужет дар алоқамандӣ бо ҳамдигар инкишоф ёфта, замони зиндагӣ, рушду камол ва фаъолияти давлатӣ ва муносибатҳои шахсию ҷамъиятӣ, олами эҳсосу афкори ӯро ба пуррагӣ нишон медиҳанд. Дар риштаҳои сужет як давраи таърихи шаҳрҳои Самарқанду Суғд, тақдири қаҳрамонон ва дигар персонажҳо ба тасвир омадаанд ва саҳнаҳои ҷанг моҳирона инъикос ёфтаанд.

Дар муомилаю муносибати қаҳрамонон ва персонажҳои асар нисбат ба ҳамдигар, дар шинохти худ ва дигарон, дар ҷараёни муносибатҳои шахсию ҷамъиятӣ, дар эҳсоси

масъулияти шаҳрвандӣ ва амсоли инҳо сифату хислатҳои мухталифи аъзои ҷомеа ба зуҳур меоянд. Ва ҳама дар повести “Девештич” ба таври ҳақиқӣ инъикос ёфтаанд, гоҳо муфассал, баъзан иҷмолан таҳлилу тадқиқ гардидаанд. Ин аст, ки муаллиф тавонистааст образ ва характерҳои типии хеле рангоранг эҷод намояд, тавассути онҳо табақаҳои гуногуни ҷамъиятро фаро бигирад.

Шиддати ҳиссу ҳаяҷони қаҳрамони асар дар муколамаҳои ӯ бо дигар персонажҳо низ ба зуҳур омадаанд, ки қувваи ҷанбаи субъективии тасвирро ифода месозанд. Гоҳо дар муколамаҳо фикру ақидаҳои илмӣ ба назар мерасанд, ки намунаҳои бархӯрдории повестро аз услуби илмӣ гирифтаанд. Дар ин мавридҳо Девештич ва дигар персонажҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо далел, бо факту рақам, мисолҳои рӯшан қотеона изҳори андеша кунанд.

« …соли 708 буд. Девештич бегоҳирӯзӣ дар қасри худ афшини бузурги Истаравшан — Зурвандодро қабул кард. Зурвандод ҳамсоли Девештич, аспрӯ, тезнигоҳ, зардина, чашмони хурди кабуд…..Либоси ӯ ба монанди сару либоси Девештич аст» [4, с.8].

Дар мавриди дӯстии Афаруну Девештич ва дигар дӯстон аз рафти сужет маълум мегардад, ки дӯстии онҳо дар худ садоқат, матонат, рисолат, адолат, рафоқат ва каромат доштааст. Ин арзишҳои нек дар мавриди ҳуҷуми арабҳо ба Суғдзамин ва таҳти фишори сахт гирифтор шудани онҳо, аз ҷониби дӯстони Девештич: Шашпир, Фриадар, Афарун ва Девахшайк ба таври намоён ба назар мерасад:

«…аз пушти Шашпир найза заданд.. Афаруни ҳокими Хохсарро тирҳои бешумори камонғулакҳо ба замин афтониданд…Девахшайкро шамшерҳои бисёре бурда – бурда намуданд....Фриадар бошад, бо дастаи хурде навъе карда худро ба он тарафи кӯҳ гирифта рафт…Чокарони шахсии Девештич ана ҳамин тавр то охири умр ба ӯ содиқона хизмат карданд» [4, с.147].

Ба ҳамин тариқ, қаҳрамонони асар садоқати хешро ба Ватан ва ба пешвои он – Девештич нишон медоданд, ки аз ватандӯстиву худогоҳӣ ва вафодор будан нисбати ҳокими хеш дарак медоданд.

Монологҳои ботинии қаҳрамонон ва персонажҳо, муроҷиати онҳо ба Аҳурамаздо, Худои яккаву ягона, гуфтугӯи қаҳрамони марказӣ бо Аҳурамаздо, бо аспи хеш, гуфтугӯи Девештич бо хеш ва ғайра бо эҳсос ва шӯру шар иброз меёбанд.

Ин гуна монологҳое, ки шиддати фикру андеша, ҳиссиёту ҳаяҷон, ҷанги эҳсосу ақли қаҳрамони асосӣ ва дигар персонажҳоро ба зуҳур меоранд ва аз тақвияти мабдаи субективӣ дарак медиҳад, кам нестанд.

Тасвири ҳолатҳои рӯҳии қаҳрамонон ва персонажҳои повести «Девештич» аз ҳастии иҷтимоии онҳо ҷудо нест. Нависанда инро дар робита бо ҳамдигар мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор медиҳад, ки ин вижагӣ маҳорати ӯро дар офариниши образҳои реалистӣ нишон медиҳад ва аз падидаҳои муҳимми поэтикаи повест аст.

Аз мисолҳое, ки баррасӣ шуданд, метавон натиҷа гирифт, ки Давлатшоҳи Тоҳирӣ саноеи суханро на танҳо бо мақсади таҷдиди таърих ва нишон додани чеҳраҳои ашхоси таърихӣ корбаст мекунад, балки ҳамчун воситаҳои муҳимми услубсоз ба кор мебарад. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар повест намунаҳои барҷастаи шакли ин намуди жанр ба ҳисоб меоянд. Онҳо барои пурратар ва комилтар ифода кардани фикру андешаҳои нависанда истифода шудаанд.

Дар адабиёти давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон повести таърихӣ равнақу ривоҷ ёфт ва ба яке аз жанрҳои асосии наср мубаддал гардид. Аз пешрафт ва такомули он ҳамин рақамҳо далолат мекунанд, ки нависанда Давлатшоҳи Тоҳирӣ дар давоми сию се сол дувоздаҳ повести таърихӣ ба нашр расонид, ки мавзӯъ ва масъалаҳои хеле гуногуни таърихи халқи тоҷик ва мардумони суғднажодро фаро гирифтаанд.

Муқарриз: ***Улмасова З.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДХ.

А Д А Б И Ё Т

1. Набиев, А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон / А.Набавӣ. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
2. Набиев, А. Адабиёт ва нақди адабӣ / А.Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 302 с.
3. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср / А. Набавӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. - 322 с.
4. Облоқулов, Д. Девештич / Д. Облоқулов. - Душанбе: Адиб, 1987. - 254 с.
5. Сайфуллоев, А. Уфуқҳои тозаи наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. – 766 с.
6. Тоҳирӣ, Д. Девештич / Д.Тоҳирӣ. - Душанбе: Истеъдод, 2020. – 400 с.
7. Тоҳирӣ, А. Рухшона / А.Тоҳирӣ. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 376 с.
8. Улугзода, С. Единение / С.Улугзода – Душанбе: Таджикгосиздат., 1963. – 200 с.

9. Улуғзода, С. Мунтахабот: иборат аз 4 ҷ.Ҷ.3. / С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 423 с.
10. Улуғзода, С. Ривояти суғдӣ / С.Улуғзода. - Душанбе: Адиб, 2002. - 220 с.
11. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С.Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1956. – 362 с.
12. Улуғзода, С. Фирдавсӣ / С.Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 272 с.
13. Ӯлмасова, З. Истиқлол ва инкишофи романи таърихӣ / З. Ӯлмасова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – 344 с.
14. Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.
15. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

ТАНОСУБИ ҲАВОДИСИ ТАЪРИХӢ ДАР АСАРҲОИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИК

(андешаҳо дар ҳошияи повестҳои Сотим Улуғзода “Ривояти суғдӣ” ва Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Деваштич”)

Дар мақола таъкид шудааст, ки вижагиҳои асосии повестҳои таърихии даврони истиқлол инъикоси воқеият, таносуби ҳаводиси таърихӣ ва тахайюли бадеӣ дар тасвири равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии ҳаёти ҷомеа мебошанд. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки асарҳои дар мавзӯъҳои таърихӣ эҷодгардидаи С.Улуғзода, ки аз даврони шӯравӣ оғоз гардида буд, аз ҷумла «Қисмати шоир» (1957), «Восеъ» (1967), «Ривояти суғдӣ» (1977), «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980), «Фирдавсӣ» (1985) дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии давраҳои таърихӣ ва урфу одатҳои мардуми Шарқи мусулмонӣ ба вуҷуд омада, дорои ҷанбаи пурқуввати воқеӣ ва табиӣ мебошанд. Асарҳои дар фавқ зикршуда хонандаро ба худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ҳидоят мекунанд. Повести Давлатшоҳи Тоҳирӣ “Деваштич” асари таърихии тарҷумаиҳолӣ буда, ҷараёни зиндагӣ ва кору пайкори фарзанди барӯманди тоҷик Деваштич - писари Ёдхишетакро (708-722) фарогир аст. Повест бо воқеаҳои таърихӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии водии Зарафшон замони истилои арабҳоро дар бар мегирад. Масъалаи асосии повести “Деваштич” ватандӯстии қаҳрамони марказии асар ва бар зидди истилогарони араб фидокорона ҷангидани Деваштич ва пайравони вай мебошад. Дар охир муаллиф таъкид месозад, ки дар адабиёти давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон повести таърихӣ равнақу ривоҷ ёфт ва ба яке аз жанрҳои асосии наср мубаддал гардид. Аз пешрафт ва такомули он ҳамин рақамҳо далолат мекунанд, ки нависанда Давлатшоҳи Тоҳирӣ дар давоми сию се сол дувоздаҳ повести таърихӣ ба нашр расонид, ки мавзӯъ ва масъалаҳои хеле гуногуни таърихи халқи тоҷик ва мардумони суғднажодро фаро гирифтаанд.

Калидвожаҳо: насри даврони истиқлол, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, тафовути повестҳои таърихии С.Улуғзода “Ривояти суғдӣ” ва Д.Тоҳирӣ “Деваштич”

СООТНОШЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКИХ СОБЫТИЙ В ТВОРЧЕСТВЕ ТАДЖИКСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ

(на примере повестей Сотима Улугзода «Согдийская легенда» и Давлатшахи Тохири «Деваштич»)

В статье подчеркивается, что основными чертами исторических сюжетов периода независимости являются отражение действительности, взаимосвязь исторических событий и художественного воображения при описании политических, социальных и нравственных процессов в обществе. Автор статьи отмечает, что произведения С. Улугзода на исторические темы, восходящие к советским временам, в том числе «Судьба поэта» (1957 г.), «Восе» (1967 г.), «Согдийская легенда» (1977 г.) «Мудрецы Востока» (1980) и «Фирдоуси» (1985) являются результатом серьезного изучения исторических периодов и обычаев народов мусульманского Востока и имеют сильный реальный и естественный аспект. Вышеупомянутые произведения направляют читателя к национальному самосознанию. Рассказ о таджикском царе «Деваштиче» - это исторический перевод, рассказывающий о жизни и деятельности великого таджикского сына Деваштича, сына Йодхишета (708-722). История охватывает исторические, политические, социальные и моральные события Зеравшанской долины во время арабского завоевания. Основная тема повести “Деваштич” - патриотизм главного героя и самоотверженная война Деваштича и его последователей против арабских захватчиков. В заключение автор подчеркивает, что в литературе периода государственной независимости Таджикистана исторический рассказ получил развитие и стал одним из основных жанров прозы. Прогресс и развитие этих фигур свидетельствует о том, что писатель Давлатшохи Тохири за тридцать три года опубликовал двенадцать исторических рассказов, охватывающих широкий круг тем и вопросов истории таджикского народа и народа Согда.

Ключевые слова: проза эпохи независимости, национальное самосознание, различия между историческими повестями С. Улугзода «Согдийская легенда» и «Деваштич» Д. Тохири.

THE CORRELATION OF HISTORICAL EVENTS IN THE WORK OF TAJIK WRITERS

(in the context example of the Sotim Ulugzoda’s story "The Sogdian legend" and Davlatshohi Tohiri "Devashtich")

The article emphasizes that the main features of historical plots of the period of independence are the reflection of reality, the relationship between historical events and artistic imagination in describing political, social and moral processes in society. The author of the article notes that S. Ulugzod's works on historical themes dating back to Soviet times, including "The Fate of a Poet" (1957), "Vose" (1967), "Sogdian Legend" (1977)) , "Piri, Wise Men of the East" (1980) and "Ferdowsi" (1985) are the result of a serious study of the historical periods and customs of the peoples of the Muslim East and have a strong real and natural aspect. The above mentioned works, guide the reader towards national self-awareness. The story about the Tajik king "Devashtich" is a historical translation telling about the life and work of the great Tajik son Devashtich, the son of Yodhishet (708-722). The story covers the historical, political, social and moral events of the Zeravshan Valley during the Arab conquest. The main theme of Devashtich's story is the patriotism of the protagonist and the selfless war of Devashtich and his followers against the Arab invaders. In conclusion, the author emphasizes that in the literature of the period of state independence of Tajikistan, the historical story developed and became one of the main genres of prose. The progress and

development of these figures testifies to the fact that the writer Davlatshohi Tohiri in thirty-three years published twelve historical stories covering a wide range of topics and issues of the history of the Tajik people and the people of Sogd.

Key words: prose of the era of independence, national identity and self-knowledge, differences between the historical stories of S. Ulugzod "Sogdian legend" and "Devashtich" D. Tohiri.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимзода Мунира*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1.E-mail: **munira-tv@ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-792-10-60**

Сведение об авторе: ***Рахимзаде Мунира*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **munira-tv@ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-792-10-60**

Information about the author: ***Rahimzoda Munira*** - Khujand State University named after B.Gafurov, Applicant for the Department of Contemporary Tajik Literature. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Mavlyanbekov Ave., 1. E-mail: **munira-tv@ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-792-10-60**

УДК: И-85

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ САБКИ НИГОРИШИ РИСОЛАИ “ЛУҒАТИ МӮРОН”- И ШАЙХИ ИШРОҚ

Исмоилова М.О.
Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Адабиёти ирфонии форсу тоҷик дар охири асри XI ва давоми асри XII милодӣ ба марҳилаи рушду нумуи худ расида бошад ҳам, муттасил бо ҷараёнҳои мухталифи фалсафӣ бархӯрдҳо дошт. Равнақи фанҳои дақиқ, аз қабили риёзиёту нуҷум, таъсиси расадхона, ислоҳи тақвим, рӯйи кор омадани осори зиёди илмӣ, инчунин густариши фалсафаи навафлотунӣ дар ҳавзаҳои гуногуни фикриву маърифатӣ ба адабиёту тасаввуф бетаъсир набуд. Дар ин даврон олимону файласуфон ва нависандагону адибоне зуҳур карданд, ки аз таълимоти пайравони мактаби машшоия, аз ҷумла Форобӣ ва Ибни Сино истиқболи афзун намуданд ё ба танқиду ташреҳи осори онҳо пардохтанд. Чеҳраҳои маъруфи ин сарҳалқа Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1056-1111), Имом Фахриддин Муҳаммад ибни Умари Розӣ (1148–1210) ва Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ (1154-1191) ба ҳисоб мераванд.

Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ ҳамчун адибу нависанда ва орифи барҷаста дар пешрафти адабиёти форсу тоҷик мақоми шоиста дорад.

Дар рисолаҳои ирфонии хеш ба забони форсӣ Шайхи Ишроқ масъалаҳои муҳиммеро ба маърази баррасӣ кашидааст, ки фарогири мубоҳисаву муҷодалаҳои шинохти Офаридгор, олам, гардиши беохири замин дар фазо, сайри чаҳор унсур дар ниҳоди ашё, робитаи замин бо коинот, инчунин баррасии хосияти эҳсосоту отифаҳои ботиниву ғаризии инсонро фаро гирифтаанд. Яке аз чунин рисола ин рисолаи «Луғати мӯрон» мебошад.

Рисолаи «Луғати мӯрон» бо ҳамди Худо ва манқабати Ҳазрати Муҳаммад (с) оғоз мешавад. Сипас нависанда мегӯяд, ки яке аз дӯстони азизе, ки бо ман таваҷҷуҳи зиёд дошт, дархост намуд, ки доир ба роҳи дурусти сулук чанд сухане бигӯям. Сӯҳравардӣ менигорад, ки ин гуфтор танҳо ба он хотир тадвин месозад, ки агар он рафиқ онро аз ноаҳлон нишон надиҳад. Аз ин рӯ, ин рисола «Луғати мӯрон», яъне «Забони мӯрон» ном дошта, аз чанд бахш ё ҳикоёти гуногуни мазмунан ба ҳам пайваста иборат аст.

Қисмати асосии «Луғати мӯрон» ба тарзи баёни қиссаҳои дохилии «Калила ва Димна» ва осори тамсилии маъруфе, ки реша ба фарҳанги ҳиндӣ доранд, шабоҳат дорад.

Мухтасари мундариҷаи асар чунин аст. Мӯрчагони тезпою серҳаракат ва пойбастаи лаззатҳои дунявӣ барои дарёфти рӯзӣ рӯ ба саҳро меоранд. Дар роҳ чашми онҳо ба шохаҳои гиёҳон афтод, ки субҳгоҳӣ қатраҳои шабнаму жола рӯйи баргҳо нишаста буд.

Яке аз дигаре пурсид, ки: Ин чист?

Яке гуфт, ки: Асли ин қатарот аз замин аст.

Ва дигаре гуфт: Аз дарёст.

Ҳамин гуна, баҳси шадид дар миёни мӯрон бархост.

Мӯре доно миёни эшон буд, гуфт: Лаҳзае сабр кунед, то фаҳмем, ки ин қатраҳо ба кадом ҷониб майл доранд, зеро ҳар касеву ҳар чизе ба асли худ майлу кашише дорад. Асл ё сабабе чизҳоро ба асли худ шавқи баргаштану омехтан медиҳад. Масалан, агар кулӯхеро, ки асли он замин аст, ба тарафи осмон партоянд, боз ба замин меафтад.

Ин маъниро Сӯҳравардӣ чунин шарҳ медиҳад: «... чун асли ӯ суфлист ва қоидаи «кулли шайъин ярҷиъу ило аслиҳи» мумаҳҳад аст ба оқибат кулӯх ба зер ояд? Ҳар чӣ ба зулмати маҳз кашад, аслаш ҳам он аст. Ҳар чӣ равшанӣ ҷӯяд, ҳам аз равшанист» [12, с.39].

Ҳамин гуна, мӯрон дар ин андеша буданд, ки офтоб гарм шуд ва шабнам аз тану барги рустаниҳо ҷудо шуда, оҳанги боло кард, яъне бухор шуд. Мӯронро маълум гашт, ки он аз замин нест, чун аз ҳаво буд, ба ҳаво рафт.

Бо овардани ин тамсил нависанда ба шарҳи масъала ба куллӣ хотима набахшида, воқеаи дигареро ёдовар мешавад.

Сангпуште чанд дар соҳил нишеман доштанд. Вақте бо шавқу ҳаваси зиёд ва осоиши тамом ба дарё назаре мекарданд, мурғе зебову мунаққаш бар сари об диданд, ки чун мурғон бозӣ мекард, гоҳ ғӯта мехӯрд, гоҳ аз об мебаромад.

Яке аз эшон гуфт: Оё ин офаридаи зебо обист ва ё ҳавоӣ?

Дигаре гуфт: Агар обӣ набошад, дар об чӣ кор дошт?

Сеюм гуфт: Агар обӣ бошад, бе об зиста наметавонад.

Шахсе огоҳтар дар миёни онҳо буд, гуфт, ки аз мурғ чашматонро дур накунед. Агар бе об вақти зиёд парвоз кунад, обӣ нест ва ба об эҳтиёҷ надорад.

Ногоҳ боде сахт вазид ва мавҷ дар ҷӯш омад. Мурғак дар авҷи ҳаво нишаст.

Дар ин ҳол аз он одаме, ки ҳолати мурғро бештар назорату қазоват мекард, пурсиданд, ки ин фикри ту аз куҷо маншаъ мегирад?

Вай гуфт, ки Шумо сухани Абӯтолиби Маккиро дар ҳаққи Пайғомбари мо нашунидаед, ки дар боби вақду хавф мегӯяд: «Дар ҳоли вақд макон аз Пайғомбар бармедоштанд. Ва бузургон аз ҷумлаи ҳуҷуби ақл, ҳаворову маконро ва ҷисмро шумаранд. Ва ҳама мутаффиқанд, ки то ҳиҷоб барнахезад, шуҳуд ҳосил нашавад. Ва ин гавҳар, ки дар маҳалли шуҳуд меояд, махлуқу ҳодис аст» [12, с.42].

Баъди шунидани ин сухан ҳамаи сангпуштон бонг баровардand, ки: «Гавҳаре, ки дар макон бошад, чун аз макон бадар равад?» Аз ҷихот чун мунқатеъ шавад?» [12, с.42].

Сангпушти доно гуфт, ки ин қисса дароз аст ва онро мухтасар гуфтам.

Сангпуштон бонг баровардand, ки: Эй ҳоким, ту маъзулӣ. Ва хок бар ӯ пӯшониданд ва дар нишеман рафтанд.

Бо ин тамсили дуюм ба охир мерасад. Аз рӯйи сужети ҳикояҳо метавон дарёфт, ки дар байни қаҳрамонони онҳо як тан донотару огоҳтар аст.

Бахши сеюми рисола аз маҷлиси мурғон дар боргоҳи Ҳазрати Сулаймон ҳикоят менамояд. Ҳамаи мурғон дар назди ҳазрати Сулаймон ҳозир буданд ва андалеб ҳузур надошт. Сулаймон мурғи пайғомбарандаро гуфт, ки андалеб низ бояд бо мову шумо бошад. Моро зарурати як ҷо ҷамъ омадан аст.

Чун пайғоми Сулаймон ба андалеб расид ва ҳанӯз аз ошён берун наомада буд. Вай бо ёрони худ муроҷиат карда гуфт, ки: фармони Сулаймон чунин аст ва ӯ дурӯғ намегӯяд. Агар ӯ нияти бо мо дар як ҷо ҷамъ шуданро дошта бошад, мулоқоти вай бо мо муяссар намешавад ва ӯ дар ошёни мо намеғунҷад. Бо ин ҳама илоҷи дигар нест.

Аз миёни мурғон яке солхӯрда буд, маслиҳат дод, ки чун малик Сулаймон дар ошёни мо нағунҷад, мо низ ошёнро тарк гуфта, ба наздики ӯ меравем. Агар ин кор накунем, мулоқот муяссар намешавад.

Ҳикояти чорум ба ҷоми гетинамойи Кайхусрав иртибот дорад, ки гӯё ба василаи он подшоҳ бар чизҳои пинҳон огоҳ мешуд, коинотро наззора мекард ва ҳар чизеро, ки мехост, мефаҳмид.

Ин ҷом ғилофи аз чарми нарму даббоғишуда сохта шуда, даҳ бандкушо дошт. Агар шоҳ мехост, ки бар чизҳои нуфуҳтаву пинҳонбуда чизеро бубинад, он ғилофро дар харита меандохт. Агар ҳамаи бандҳо кушода мебуд, ҷом берун намеомад. Агар ҳамаи бандҳоро мебаст, дар коргоҳи харрот пайдо мешуд. Вақте ки офтоб дар миёнаи осмон меомад, Кайхусрав ҷомро дар баробари он медошт. Чун офтоб нури худро бар ҷом меафшонд, ҳамаи нақшҳои пинҳони олам дар он зоҳир мешуд.

Ҳикояти панҷум низ мисли ҳикоёти пешин рамзгунае аст, ки инс бо ҷин дӯстиву муколама барқарор менамоянд. Мазмуни он чунин аст, ки касеро бо подшоҳи ҷин рафоқат ҳосил мешавад. Вай аз ҷин мепурсад, ки туро кай дида метавонам?

Ҷин дар посух мегӯяд, ки як шоха гиёҳи хӯшбӯеро дар оташ андоз ва дар хонаи худ ҳар чӣ аз оҳанпора, ҷасадҳои шашгона, ҳар он чӣ садову оҳанг дорад ё ашёеро, ки доимӣ дар хона асту ту ба он дил бастаӣ, берун партову дур кун. «Пас, ба дарича берун нигар, баъд аз он ки дар доирае нишаста бошӣ, чун кундур сӯхта шавад, маро бубинӣ» [12, с.43].

Ҳикояти шашум аз хусумату душмании хаффошон –кӯршабпаракон ё дастболон бо ҳирбо – ҷонвари рангомез, ҳафтанранг, сусмор ё бӯқаламун аст. Кинаву адовати хаффошону ҳирбо хеле шадид гардид. Хаффошон қасд карданд, ки чун шаб дарояд, ҳирборо ба асорат мегиранд, бар ӯ сиёсат мекунанд ва интиқом аз вай меситонанд.

Ҳамин тавр ҳам шуд, вақте пардаи сиёҳи шаб ҳама ҷоро фаро гирифт, хаффошон бо кумаки якдигар ҳирборо дастгир карданд ва то субҳ дар маҳбас нигоҳ доштанд.

Бомдод машварат карданд, ки чӣ гуна ӯро азоб диҳанд ва ройи муносибро дар қатли ӯ диданд. Сипас, маслиҳат карданд, ки чӣ гуна ӯро бояд бикушанд. Азбаски хаффошон худ дар вақти равшании офтоб маъзуру бечора мешаванд, ин маслиҳатро раво диданд, ки ҳирборо дар тасфи офтоб нигоҳ доранд.

Сӯҳравардӣ ин амали беҳударо чунин тавзеҳ медиҳад: «Албатта, ҳеч азобе бадтар аз муҷовирати офтоб надонистанд. Қиёс бар ҳоли хеш карданд ва ӯро ба мутолаати офтоб таҳдид карданд. Ҳирбо аз Худои худ ин мехост ва худ орзуи ин навъ қатл мекард.

Чун офтоб баромад, ӯро аз хонаи нуҳусати худ бадар андохтанд, то ба шуои офтоб муаззаб шавад. Ва он таъзиб эҳёи ӯ буд» [12, с.44].

Хулосаи нависанда чунин аст, ки агар хаффошон медонистанд, ки ба ҷойи азоб ба ҳирбо чӣ некие кардаанд ва завқи вай аз хоҳишҳои онҳо чӣ тафовуте дорад, дар ғазаб мемурданд.

Ҳикояти ҳафтум низ тамсилист ва аз воқеаи афтодани ҳудҳуд дар миёни бумон хабар медиҳад. Гӯё ҳудҳуд ба сабаби раҳгузар буданаш ба қароргоҳи бумон менишинад. Ин мурғ, ки биноии комилу тез дорад, ба миёни бумони рӯзкӯр меафтад. Он шаб ҳудҳуд дар ошёнаи бумон қарор мегирад ва онҳо хабарҳои гуногунро ба вай нақл мекунанд.

Чун бомдод фаро мерасад, ҳудҳуд рахти сафар мебандад ва қасди паридан менамояд.

Бумон аз рафтори вай тааҷҷуб мекунанду мегӯянд, ки «Эй мискин, ин чӣ бидъат аст, ки ту овардаӣ? Ба рӯз касе ҳаракат кунад?» [12, с.44].

Ҳудҳуд гуфт, ки ин фикри шумо хатост ва ҳамаи мавҷудот асосан ҳаракат дар рӯз мекунанд.

Бумон, ки қадри офтоб намедонистанд ва лаззати нуру рӯшноӣ набурда буданд, ба андешаи худу тафаккури худ собит истоданд.

Ҳарчанд ҳудҳуд гуфт, ки ҳолати шумо бар акси рафтору аъмоли дигар мавҷудот аст ва ҳамаи анвори ин ҷаҳон туфайли нури офтоб аст, бумон сари итоат ба ин сухани ҳакимона хам накарданд.

Вақте ҳудҳуд гуфт, ки «ҳамаро дар тариқи қиёс ба зоти худ илҳоқ макунед, ки ҳама кас ба рӯз бинад ва инак, ман мебинам, дар олами шуҳудам, дар аёнам, ҳуҷуб муртафеъ гаштааст. Сутури шориқро беэътибори райбӣ бар сабили кашф идрок мекунам» [12, с.44], бумон фарёдҳо баровардаанд. Гуфтанд, ки ин мурғ мубтадеъ аст ва хилофи мо дар рӯз мебинад. Пас ба минқору чангол даст ба чашми ҳудҳуд мезаданду ӯро дашном медоданду мегуфтанд, ки: «Эй рӯзбин!» зеро ки рӯзкӯрӣ назди эшон ҳунар буд. Ва гуфтанд, ки: «Агар бознагардӣ, бими қатл аст» [12, с.45].

Ҳудҳуд аз тарси ҷисму ҷон андеша кард, ки бояд бо мардум ба қадри донишашон сухан гуфт ва чашмашро пӯшида, худро ба кӯрӣ андохта гуфт, ки: «Инак ман низ ба дараҷаи шумо расидам ва кӯр гаштам» [12, с.45].

Бумон даст аз озори ҳудҳуд бардоштанд.

Хулосаи Сӯҳравардӣ ин аст, ки дар миёни бумон ифшои сирри рубубият куфр аст. Аз ин рӯ, ҳудҳуд то вақти мурдан дар миёни бумон бо ҳазорон азоб худро бардурӯғ кӯр вонамуд мекард.

Ҳикояти ҳаштуми қиссаи «Луғати мӯрон» боз бо мурғон иртибот мегирад. Подшоҳе боғи зебои пургулу раёҳин дошт. Дар миёни он обҳои поку ширин ҷорӣ мешуданд ва дар шохаҳои дарахтони назарраби он мурғони хушнаво нағмасароӣ мекарданд. Аз ҷумла, дар боғ товусони нақшинбол низ зиёд буданд.

Боре подшоҳ товусеро аз байни онҳо интихоб карда, фармуд, ки барои он чарме дӯзанд, ки ҳеҷ ҷойи нақшҳои рангоранги ӯ намоён набошад. Ҳамчун супориш дод, ки ба сари он саллае низ пӯшонанд, ки зебогии худро дида натавонад.

Бо гузашти вақт товус ҳама чиз, ҳатто малику боғро ва дигар товусонро фаромӯш кард. Дар худ нигоҳ мекард ва ба ҷуз чарм ва маскани ба ғояти зулмату ноҳамворӣ чизе намедид. Ба худ андешид, ки ҳеҷ чиз латифтар аз чарм нест ва ҳеҷ макон азимтар аз он сӯрохии салла натавонад буд. Товус чунин эътиқод мекард, ки агар касе болотар аз ин айшеву камоле ва ҷойгоҳе даъво кунад, куфри мутлақу сақати маҳз ва ҷаҳли сирф бошад.

Ҳарчанд ба димоғи товус бӯйи гулу бунафша ва дарахтон мерасиду изтиробе дар вай падид меомад, шавқу нишоти парандагӣ дар вуҷудаш ҳосил мешуд, боз ҳамоно ба ҷуз либоси чармӣ чизе намедид. Олам дар назари ӯ ба ғайр аз салла ва ғизо ҷуз аз арзан чизе дигар набуд.

Товус ҳама чизҳо фаромӯш карда буд. Савту оҳанги товусону мурғони дигар, савтҳои дилнишини мурғони ҳаво, манзараву зебоиҳои боғ ва ҳамаро аз ёд бурда буд. Ҷаҳолати ӯ аз он буд, ки худро, ватанро фаромӯш карда буд

Баъди гузашти вақт подшоҳ фармуд, ки он мурғро биёвареду аз саллаву чарм халос диҳед.

Ҳамин гуна, товус чун аз он ҳиҷоб берун омада худро дар миёни боғ дид, ба нақшҳои худ, манзараҳои зебои боғ, мурғони рангоранг, нағмасароӣ, буттаву дарахтони сарсабз ва ҷинси гуногуни мавҷудотро дида, аз пинҳониву пӯшидагии худ ҳасратҳо хӯрд.

Ҳикояти нуҳуми рисола бо ёдкарди Идриси пайғомбар шурӯъ мешавад, ки гӯё бо ситорагон суҳбат мекард. Боре ӯ аз моҳ пурсид, ки: «Туро чаро вақте нур кам мешавад ва гоҳе зиёдат?»

Моҳ дар посух мегӯяд, ки ҷирми ман сиёҳ аст ва сайқалу софӣ ва маро ҳеч нест. Валекин вақте ки дар муқобалаи офтоб бошам, нури он бар ҷисми ман, мисли сурати одамон дар муқобили ойина зоҳир шавад. Агар офтоб бештару пурратар бо ҷисми ман рӯ ба рӯ ояд, аз ҳилолӣ ба бадрӣ, яъне аз камӣ ба зиёдӣ тараққӣ мекунам.

Идрис аз моҳ мепурсад, ки дӯстии тую офтобро чӣ ҳадд аст?

Моҳ дар посух мегӯяд, ки то ба ҳадде ки ҳар гаҳ ки дар худ нигарам, дар ҳангоми тақобул, офтобро бинам. Зеро ки мисоли нури қурси офтоб дар ман зоҳир аст, чунонки ҳама равшану намоён аст. Ҳар қадар ки ман нури офтобро қабул кунам, равшантар мешавам. Пас, дар ҳар назаре, ки ба зоти худ кунам, ҳама офтобро бинам. «Набинӣ, ки агар оинаро дар баробари офтоб бидоранд, сурати офтоб дар ӯ зоҳир гардад? Агар тақдиран оинаро чашм будӣ ва дар он ҳангом, ки дар баробари офтоб аст дар худ нигаристӣ, ҳама офтобро дидӣ. Агарчи оҳан аст, «анашшамс» гуфтӣ, зеро ки дар худ илло офтоб надидӣ. Агар «аналҳақ» ё «субҳонӣ мо аъзама шаънӣ» гӯяд, узри ӯро қабул воҷиб бошад» [12, с.46-47].

Дар бахши даҳум Сӯҳравардӣ дар мисоли офтоб ба паҳноии беохири ҳастии Худованд изҳори назар менамояд. Ӯ менависад, ки Худо аз макону ҷиҳат муназзаҳ аст ва Ӯ ботилкунандаи хатоҳост. Бо зикри мисоле, ки дар хона ҳама чиз ба кадхудой монанд мешавад, яъне рафтори соҳибхона ба ҳама таъсир мекунад ё тартибу низоми хона ба ӯ иртибот дорад, нависанда аз раво будани ҳукми Офаридгор ба тамоми офаридагон хабар медиҳад.

Дар бахши ёздаҳум мегӯяд, ки «ҳар чӣ монеи хайр аст, бад аст ва ҳар чӣ ҳиҷоби роҳ аст, куфри мардон аст. Розӣ шудан аз нафс ба он чи ӯро даст диҳад ва бо ӯ сохтан дар тариқи сулук аҷз аст ва ба худ шод будан табоҳ аст ва агар низ баҳри Ҳақ бошад. Ба куллӣ рӯй ба Ҳақ овардан ихлос аст» [12, с.47].

Дар бахши дувоздаҳум ҳикояти аблаҳеро меоварад, ки чароғе дар пеши офтоб дошт. Гуфт: «Эй модар, офтоб чароғи моро нопадид кард» [12, с.47].

Модар мегӯяд, ки чароғ барои ҷойи танг аст ва, аз ин рӯ, чун онро аз хона берун орӣ, хосса ба назди офтоб, ҳеч намонад.

Ин маънои онро надорад, ки ҳастиву равшании чароғ гум мешавад, балки он аст, ки чашм чун чизе азимро бинад, кӯдаки ҳақирро дар муқобилаи он набинад. Касе, ки аз офтоб дар хона равад, агарчи равшан бошад, ҳеч тавонад дидан.

Ба усули ривоятӣ баён кардани матлаб дар Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ бесабаб нест, зеро ин усул, ба қавли адабиётшиноси тоҷик Ю.Салимов, ҳанӯз аз марҳалаи нахустини ташаккули адабиёти мо роиҷ будааст. Муҳаққиқи ёдшуда бино ба андешаҳои олими эронӣ Абдулваҳҳоби Қазвинӣ менависад: «Қадимтарин сарчашмаи хаттӣ, ки дар хусуси ровиён маълумот додааст, муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурист. Дар «муқаддима» номи чанд ровӣ зикр шудааст, ки асар аз нақли онҳо фароҳам омада будааст. Он ровиён Моҳи Марзбони Ҳиравӣ, Шодони Барзини Тӯсӣ, Озодасарв, Моҳуи Хуршеди Нишопурӣ ва дигаронанд» [10, с.75].

Ровии сужети асарҳои Сӯҳравардӣ на танҳо ӯ, балки бештар шахсиятҳои номаълуме, монанди пир, шайх, устод ҳастанд, ки дар баландии кӯҳ, сари куй, водӣ, вилоят, иқлим аз воқеа ё аз моҳияти чизеву ҳолате сухан мегӯянд.

Адабиётшиноси тоҷик Х.Мирзозода дар фасли «Насри адабиёти асрҳои XI-XIII» менависад, ки осори мансури дар ин қарнҳо эҷодгардида асосан бо услуби бадеӣ ва илмӣ рӯйи коғаз меомаданд. Агар тибқи ин баррасӣ ба моҳияти ҳунарии асарҳои Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ назар карда шавад, маълум мегардад, ки рисолаҳои форсии ӯ яке аз муҳимтарин осори илмии фалсафии асрҳои IX-XIII ба шумор мераванд [6, с.394].

Асарҳои Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ, бавижа рисолаҳои форсии ӯ аз муҳимтарин осори илмии фалсафии асрҳои 1X-X111 ба шумор мераванд. Сабкшиноси эронӣ Сируси Шамисо дар «Сабкшиносии наср» роҷеъ ба чигунагӣ ва анвои насри қарни шашуми ҳиҷрӣ (садаҳои 11 ва 12 мелодӣ), замони Салҷуқиёнро чунин менависад: «Дар

наср сабки мусаллат насри фаннӣ аст, аммо насри мурассал махсусан дар кутуби илмӣ ва ирфонӣ роиҷ аст, илова бар ин насри байнобайнӣ (қисмате мурсал ва қисмате фаннӣ) вуҷуд дорад» [16, с.109]. Муҳаққиқи мазкур сабки насри рисолаҳои форсии Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардиро «шеваи рамзӣ ва тамсилӣ» [16, с.111] гуфта, фарогири матолиби фалсафӣ будан, ба сурати ҳикоёт ва саволу ҷавоб баён шудани онҳоро алоҳида таъкид намудааст.

Дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ аз аввалин адибони ҳакимест, ки матолиби фалсафиро бо забони форсӣ-тоҷикӣ баён карда тавонистааст. Ин нукта ҳам ҳунари нависандагӣ, забондонии ӯ ва ҳам зарфияту имконияти забони форсӣ-тоҷикиро баён мекунад. Ин корро ӯ дар замоне анҷом дод, ки забони арабӣ ҳамчун забони илму ҳунар ҷойи забони форсӣ-тоҷикиро пурра гирифта буд ва забони форсӣ-тоҷикӣ он шуҳрату овозаи худро дар назди арабҳо ва ҳатто дар назди соҳибони забон аз даст дода буд.

Ҳамин гуна, равшан мегардад, ки Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ адиби соҳибсабк буда, барои тавзеҳи муҳимтарин масъалаҳои ирфонӣ аз равишҳои мухталиф истифода менамояд. Агар дар ҷое усули ҳикоят андар ҳикоятро ба кор барад, дар мавриди дигар тарзи нақлу баёни воқеот услуби насри ривоятиро ба хотир меорад. Нависанда барои баёни рамзҳои ирфониву фалсафӣ тамсилро воситаи хуб дониста, асосан ба таълифи ҳикоёте пардохтааст, ки қаҳрамонони онҳо ғайриинсонанд. Бо ин роҳ Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ пайванди мантиқии тамоми мавҷудот, робитаи ногусастании ашёву ачром ва ҳақиқати офариниши одаму оламро басо ҷолиб шарҳ додааст.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурафеи Ҳақиқат. Сӯҳравардӣ шаҳиди фарҳанги миллӣ / Ҳақиқат, Абдурафе. – Теҳрон: интишороти «Кумиш», 1378.
2. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони андеша. Мақолоту ишорот дар заминаи андеша ва ахлоқ / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон: Амири Кабир, 1369. - 446 с.
3. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Сирри най. Ҷ.1.(Нақду шарҳи таҳлиливу татбиқии Маснавӣ). (иборат аз 2 ҷилд) / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон, 1358. - 606 с.
4. Исмаилова М. “Шиҳобуддин Яҳёи Сӯҳравардӣ ва хусусиятҳои ғоявӣ-бадеии рисолаҳои форсии ӯ”: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / М.Исмаилова. – Душанбе, 2016. – 164 с.
5. Маҷмӯаи мусаннифоти форсии Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ. Дар се ҷилд; тасҳеҳ ва таҳшияи Саид Ҳусайни Наср. - Теҳрон, 1378.
6. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Аз давраи қадим то асри XIII. Китоби 1 (II) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 424 с.
7. Пурномдориён Тақӣ. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ. Таҳлиле аз достонҳои ирфонӣ-фалсафии Ибни Сино ва Сӯҳравардӣ. Нашри шашум. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 22+622 с.
8. Рӯдакӣ А. Девон /таҳия, тасҳеҳ, сарсухан ва ҳавошии Қодири Рустам. - Олмотӣ, 2007. - 256 с.
9. Рӯдакӣ. Девони ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ (матни илмӣ ва интикодии профессор Расул Ҳодизода ва доктор Алии Муҳаммадии Хуросонӣ). - Душанбе: Пайванд, 2009. - 613 с.
10. Салимов Ю. Ёдгори умр. Ҷ.1 / Ю.Салимов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. - 564 с.
11. Сино, Абӯалӣ. Пирӯзинома / Абӯалӣ Сино; таҳияи Ш.Ҳусейнзода ва Х. Шарифов. - Душанбе: Маориф, 1980. - 104 с.
12. Сӯҳравардӣ, Шиҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш. Қиссаҳои шайхи ишроқ / Шиҳобуддин Яҳё ибни Ҳабаш Сӯҳравардӣ. - Теҳрон: нашри марказ, 1375. - 38+ 110 с.
13. Табрезӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Мақолоти Шамс / Шамсиддин Муҳаммади Табрезӣ. – Теҳрон: 1377. - С.270.
14. Абулқосими Фирдавсии Тӯсӣ / Бо татбиқу тасҳеҳ аз рӯйи нусхаи Маскав ва Жюлмул, бо кӯшиши Фаромарзи Нидоӣ). - Теҳрон: Само, 1376. - 1529 с.
15. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1 (Ахтарони адаб) / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 2007. - 478 с.
16. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии наср. Чопи панҷум / Сируси Шамисо. - Теҳрон: нашри Митро, 1377. - 319 с.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ САБКИ НИГОРИШИ РИСОЛАИ “ЛУҒАТИ МӮРОН”- И ШАЙХИ ИШРОҚ

Дар рисолаҳои форсии ирфонии хеш Шайхи Ишроқ масъалаҳои муҳиммеро таҳлил кардааст, ки фарогири мубоҳисаву муҷодалаҳои шинохти Офаридгор, олам, гардиши беохири замин дар фазо, робитаи замин бо коинот, инчунин баррасии хосияти эҳсосоту отифаҳои ботиниву ғаризии инсонро фаро гирифтаанд. Яке аз чунин рисолаҳо рисолаи «Луғати мӯрон» мебошад. Қисмати асосии «Луғати мӯрон» ба тарзи баёни қиссаҳои дохилии «Калила ва Димна» ва осори тамсилии маъруфе, ки реша ба фарҳанги ҳиндӣ доранд, шабоҳат дорад. Ровии сужети асарҳои Сӯҳравардӣ на танҳо ӯ, балки бештар шахсиятҳои номаълуме,

монанди пир, шайх, устод ҳастанд, ки дар баландии кӯҳ, сари куй, водӣ, вилоят, иқлим аз воқеа ё аз моҳияти чизеву ҳолате сухан мегӯянд. Ҳамчунин Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ ҳолатҳои гуногуни равонии инсон, амсоли муҳаббату ғазаб, ҳаракат, шаҳват, шавқу завқ ва ғайраро ба нур иттисол мебахшад. Нависанда барои ифодаву баёни чунин ҳадафҳо шеваи хосро интихоб намудааст. Забони ӯ дар назари аввал содаву равон, вале баробар бо шарҳи масъалаҳо мафҳуму истилоҳоти зиёд ба он ворид мешаванд ва сухан ба печидагуфторӣ майл мекунад. Нависанда барои баёни рамзҳои ирфониву фалсафӣ тамсилро воситаи хуб дониста, асосан ба таълифи ҳикоёте пардохтааст, ки қаҳрамонони онҳо ғайриинсонанд. Бо ин роҳ Шайх Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ робитаи мантиқии тамоми махлуқоту мавҷудотро басо равшан шарҳ додааст.

Калидвожаҳо: Шайхи Ишроқ, рамзпардозӣ, Сӯҳравардӣ, ирфон, ирфонӣ, сабк, инсони комил, рамз, солик, маънӣ, ҷанбаҳои адабӣ, қисса.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СТИЛЯ ТРАКТАТА ШЕЙХА ИШРАКА «ЯЗЫК МУРАВЬЁВ»

В своих персидских мистических трактатах Шейх Ишрак проанализировал важные вопросы, в том числе дебаты и споры о создателе, Вселенной, бесконечном вращении земли в космосе, отношениях земли со Вселенной, а также природе человеческих эмоций и инстинктов. Один из таких трактатов - «Язык муравьёв». Основная часть трактата «Язык муравьёв» похожа на стиль рассказов «Калилы и Димны» и известных притч, уходящих своими корнями в индийскую культуру. Рассказчиком произведений Сухраварди является не только он, но и многие неизвестные личности, такие как старик, шейх, мастер, которые говорят с высот гор, холмов, долин, регионов, климатов о событии или сути происходящего. Шейх Шихабуддин Сухраварди также освещает различные психические состояния человека, такие как любовь и гнев, движение, похоть, страсть и так далее. Писатель выбрал уникальный способ выразить мысли и цели. На первый взгляд, его язык простой, но в то же время с описанием проблемы в него входит множество понятий и терминов, а речь имеет тенденцию усложняться. Писатель считает, что притча становится хорошим инструментом для выражения мистических и философских символов и сосредоточился на написании рассказов, в которых главные герои не люди, а животные, птицы и пресмыкающиеся. Таким образом, шейх Шихобуддин Сухраварди очень четко объяснил логическую связь между всеми существами.

Ключевые слова: Шейх Ишрак, символизм, Сухраварди, мистика, мистицизм, стиль, совершенный человек, символ, значение, литературные аспекты, сказка.

SOME FEATURES OF THE STYLE OF SHAIKH ISHRAK'S TREATISE "THE LANGUAGE OF ANTS"

Sheikh Ishrak analyzed important issues, including debate and controversy about the Creator, the Universe, the endless rotation of the Earth in space, the relationship of the Earth with the Universe, and the nature of human emotions and instincts in his Persian mystical treatises. One of such treatises is “The language of ants”. The main part of “The language of ants” is similar to the way of telling the inner stories of "Kalila and Dimna" and famous parables rooted in Indian culture. The narrator of Suhrawardi's works is not only himself, but also many unknown persons, such as an old man, a sheikh, a master, who speak from the heights of mountains, hills, valleys, regions, climates about the event or the essence of what is happening. Sheikh Suhrawardi also illuminates various mental states of man, such as love and anger, movement, lust, passion and so on. The writer has chosen a unique way to express such goals. At first glance, his language is simple and fluent, but at the same time with the description of the problem, many concepts and terms enter it, and speech tends to be complicated. The writer considers parables a good tool for expressing mystical and philosophical symbols and focuses on writing stories in which the main characters are non-humans. Thus, Sheikh Suhrawardi explained the logical connection between all beings very clearly.

Key words: Sheikh Ishrak, symbolism, Suhrawardi, mysticism, style, perfect man, symbol, meaning, literary aspects, fairy tale.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмоилова Мутриба Охунҷоновна*** - Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. И.Сомонӣ, 169. E-mail: **ismoilova1984@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-730-21-50**

Сведение об авторе: ***Исмаилова Мутриба Охунджоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. И.Сомони, 169. E-mail: **ismoilova1984@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-730-21-50**

Information about the author: ***Ismailova Mutriba Okhundzhonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni Ave., 169. E-mail: **ismoilova1984@gmail.com.** Tel.: **(+992) 92-730-21-50**

УДК: 891.550:070

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ Ӯ.КӮҲЗОД

Каримова Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бадеият аз хусусиятҳои асосии осори адабӣ ба шумор меравад. Ҳар як адиб воқеа, ҳодиса ва манзараҳои гуногуни зиндагиро мушоҳида намуда, онҳоро дар маркази мавзӯъ, шаклу санъат ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ гузошта бо услуби ба худ хос ба риштаи наср мекашад. “Ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва пешқадамтарин нависандагони муосир аз он сабаб ба дили хонанда ҷой гирифтаанд, ки дар онҳо маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо перояи бадеият ороиш ёфтаанд. Дар ашъори онҳо ғояҳои баланд, маъниҳои барҷаста ва мазмунҳои нозуку латиф дар шакли зебое, бо калима ва таркибҳои суфтаву ҳамвор, бо роҳи тасвироти бадеию саноеи адабӣ ифода ёфтаанд” [4, с.3] – қайд намудааст, адабиётшинос Турақул Зеҳнӣ. Халқи тоҷик дар давоми ҳазор сол як адабиёти бузург эҷод намудааст, ки дорои санъати олӣ буда, ғояҳои баланди инсонпарваронаеро ифода кардааст ва чи аз ҷиҳати ғоявӣ, чи ба эътибори шакли бадеӣ хусусиятҳои хоссе дорад.

Сухани бадеӣ гуфтори айнии воқеист ва ҳақиқати чунин сухан дар қиёсу тасдиқи берунии ҳусн зоҳир мешавад. Санъатҳои бадеӣ дар публитсистика ба таври васеъ кор фармуда мешаванд. Истифодаи санъатҳои бадеӣ ба асари публитсистӣ як навъ ҳусну тозагӣ мебахшанд ва завқи эстетикии хонандаро дучанд мегардонанд.

Чунонки маълум аст, санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд: санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ. “Санъатҳои маънавӣ дар асоси ба назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо сохта мешаванд. Аммо санъатҳои лафзӣ ба шакли калимаву ибораҳо асос ёфтаанд” [4, с.41].

Аксари санъатҳои шеърӣ, ки дар эҷодиёти классикон мавқеи калон доштанд ва имрӯз низ дар асарҳои нависандагони муосири тоҷик ба кор мераванд, санъатҳои маънавӣ мебошанд. Онҳо барои ифодаи мазмуни баланд бештар ёрӣ расонида метавонанд.

Санъатро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан қатъӣ ва собит нест. Баъзе аз муаллифони санъатшинос санъатеро лафзӣ шумурда бошанд, баъзе аз онҳо он санъатро маънавӣ ҳисоб кардаанд. Инчунин, як қисм аз муаллифон санъатеро ҳам ба гурӯҳи маънавӣ, ҳам ба гурӯҳи лафзӣ мансуб доштанд. Вале, Т. Зеҳнӣ дар асари худ “Санъати сухан” санъатҳоеро, ки бисёртар аз калимабозӣ, ҳарфбозии маҳз иборатанд, ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ мансуб дониста, боқимондаро ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил намудааст, ки дар дохили онҳо санъатҳои духӯра низ ҳастанд. Ба монанди: луғаз, бароати истеҳсол, таъмия, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, ҳусни тахаллус, ҳусни таълил ва ғайраҳо [13, с.41].

Санъатҳо ба ҳамдигар таъсир мекунанд. Ҳарчанд ки санъати лафзӣ зебоии лафз ва санъати маънавӣ муҷиби ҳусни маънӣ мегарданд, мумкин аст, ки маънӣ бо таъсири ҳусни лафз некутар ва дилчасптар шавад ва дар навбати худ шакл бо таъсири ҳусни маънӣ то ҳадде зебоӣ, раъноӣ касб кунад.

Санъатҳои бадеӣ дар адабиёти бадеӣ барои обуранги бадеӣ пайдо намудани асар васеъ истифода мегарданд. Аммо баъзан дар асарҳои публитсистӣ низ санъатҳои бадеиро мушоҳида намудан мумкин аст. Баъзеҳо андеша доранд, ки санъатҳои бадеӣ танҳо маҳсули сухани шоирону нависандагон, ки асари бадеӣ меофаранд, мебошад. Албатта, дар фаъолияти адабии бадеӣ санъатҳои бадеӣ зиёд кор фармуда мешаванд ва ин бесабаб нест. Сухани бадеӣ гуфтори айнии воқеист ва ҳақиқати чунин сухан дар қиёсу тасдиқи берунии ҳусн зоҳир мешавад. Бинобар ин, тасвири бадеӣ шакли асосии ҳунари адабист. Аммо дар сухани адабӣ ҳам гоҳо мумкин аст санъати бадеӣ истифода нашавад ё камистеъмол бошад. Аз ин рӯ, санъатҳои бадеӣ дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла дар публитсистика ба таври васеъ кор фармуда мешавад, ҳатто дар забони гуфтугӯӣ низ онро истифода мебаранд. Тавре ишора шуд, санъатҳои бадеӣ ба асари публитсистӣ як навъ ҳусну тозагӣ мебахшанд ва завқи эстетикии хонандаро дучанд мегардонанд.

Тамоми нависанда ва адибон дар навиштаҳояшон чи асари бадеӣ ва чи публитсистӣ аз санъатҳои бадеӣ васеъ истифода намудаанд, зеро бидуни истифодаи санъатҳо навиштаҳо ҷолибу нишонрастар набаромада ва дар маҷмӯъ ба хонанда завқи эстетикӣ бахшида наметавонанд. Аз ин рӯ, нависандагон барои пуробуранг гаштани асарҳояшон

кӯшиш менамоянд, ки аз санъатҳои бадеӣ моҳирона истифода кунанд. Ӯрун Кӯҳзод низ аз он нависандагонест, ки меҳоҳад навиштаҳояш ба дили хонанда роҳ ёбад ва дар шинохти зебоипарастӣ ба ӯ кумак расонад. Адиб дар осори хеш аз санъатҳои бадеии ҳам лафзӣ ва ҳам маънавӣ бо камоли маҳорат истифода бурдааст. Ӯ дар осори бадеии худ тамоми санъатҳои бадеиро истифода намудааст, аммо дар осори публитсистиаш бештар санъатҳои маънавии ташбеҳ, маҷоз, муболиға, тавсиф, истиора, ва киноя ро кор фармудааст. Нависанда дар лавҳа, очерк, памфлет, фелетон ва дар ҳаҷвномаҳояш ин намуди санъатҳоро мавриди истифода қарор додааст.

Муболиға яке аз навъҳои санъатҳои маънавӣ ба ҳисоб меравад. Гоҳо нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефарорад. Дар забони халқ муболиға болобардорӣ ва муҳобот номида мешавад. Нависанда дар ситоиш ва таърифи Шарофат ном қаҳрамонашро дар асари публитсистии “Дар ҷустуҷӯи бахти ман” ба воситаи қаҳрамони дигар ба болотарин нуқта мебардорад. Яъне, муаллиф дар нутқи қаҳрамонаш зебоӣ ва хислати Шарофатро аз будаш зиёд карда тасвир намудааст: “Духтари бисёр нағз, - таъриф кард ӯ ва худаш аз таърифаш маст шуд. - Мислаш дар олам нест. Духтар не тилло. Ҳар як кокулаш баҳои як мамлакат” [6, с.151].

Дар ин мисол нависанда санъати муболиғаро дар тасвири симои мусбат ба кор бурдааст. Метавон гуфт, ки муболиғаро ҳамчун симои қаҳрамони манфӣ низ инъикос кард. Мисоли ин гуфтаҳо дар ҳамин асари публитсистӣ дар симои Шарофат, ки дар боло зикраш рафт ва ӯро ҳангоми тасвир ба тилло баробар намуда буд, ба мушоҳида мерасад: “Вай духтар не, бало будааст. Афташ хушк шавад, дидорашро замин кашад. Ба ӯ шарму ҳаёро баста монӣ, намеистад” [6, с.151].

Ӯрун Кӯҳзод маҳорати баланди суханвариашро ба кор бурда, бо истифода аз санъати муболиға тавонистааст, ки як қаҳрамонро дар як вақт ба болотарин нуқта расонад ва инчунин ба пасттарин дараҷа фарорад. Ин намуди тасвир ба асар то як андоза завқи бадеӣ зам намудааст.

Санъати муболиғаро адиб дар очекҳояш низ ба кор бурдааст. Масалан, дар очерки “Достони муаллим” нависанда хушҳолии қаҳрамонашро, ки ҳангоми дидани Раҳматуллои завхоз, ки бо ҳамроҳии писараш машқи хат мекард, яъне муаллим аз заҳмати худ болида гӯё пару бол мебароварда бошад, чунин тасвир менамояд: “Аз дидани он ки Раҳматуллои завхоз рӯйи хона, болои гилем, дар паҳлуи писараш ба шикам хобида хат машқ мекард, пару бол мебароварда” [6, с.13].

Дар ин мисол муаллиф аз муболиғаи иғроқ, ё ин ки мухтасаран гӯем аз иғроқ истифода кардааст. Яъне, агар пару бол баровардани инсон ба ақл дуруст ояд ҳам, вале ба одату воқеъ рост намеояд. Аз ин рӯ, ин намуди муболиғаро иғроқ ном мебаранд.

Ҳамин гуна дар очерки “Саттори роҳбалад” низ корбурд шудани санъати муболиғаро дидан мумкин аст. “Ҳама роҳҳо таҳти назарашон аст – пашша пар занад, мебинанд” [6, с.20].

Дар очерки мавриди назар санъати тавсиф низ кор фармуда шудааст. Мисол: “Писарчаи ширмакаш пеши назараш омад: афтидану хестанаш ҳам ширин, даҳон кушода гап назаданаш ҳам ширин, почак зада ғаш карданаш ҳам ширин...” [6, с.37].

Нависанда ба воситаи санъати тавсиф дар ин ҷо воқеаи ҷон додани Сатторро, ки дар ин вақт фарзанди азизаш ба хотираш мерасад, тасвир намудааст. Бояд гуфт, ки дар ин навъи санъати бадеӣ нависанда барои тасвир кардани воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизе хеле барҷаста нишон дода шуда бошад. Сифатҳое, ки дар ҷумлаи боло омадаанд, хислатҳои асосии предмети тасвиршавандаро тавсиф кардаанд.

Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳое ҳастанд, ки як ё якчанд сифати муайян доранд ва ин калимаҳо аксаран бо ҳамин сифатҳои худ якҷоя мавриди истифода қарор мегиранд. Чунончи, шери жаён, сарви равон, модари меҳрубон, гули хандон, фарзанди азиз ва ғайра. Ин тарз калимаҳое, ки ба сифати доимии ягон исм табдил ёфтаанд, низ ба қатори тавсиф дохил мешаванд, ки мисоли онҳоро метавон дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод баръало мушоҳида кард.

Санъати истиора яке аз навъҳои санъати маънавӣ мебошад, ки истифодаи он на танҳо ба асарҳои бадеӣ, балки ба асарҳои публитсистӣ ҳам муъҷазӣ ва барҷастагӣ зам мекунад. Ӯ. Кӯҳзод дар осори публитсистӣ санъати истиораро барои дар пеши назари

хонанда беҳтар ҷилва додани асари публитсистӣ кор бурдааст. Масалан, дар лавҳаи “Хонаи худӣ” чунин омадааст: “Лекин говатон даромадан наметонад” [6, с.148]. Санъати истиора дар ин ҷумла дар асоси монандии ду ҳодиса калимае ба худ маънои маҷози гирифтааст, ки ин калимаи гов ба яке аз кормандони шуъбаи милитсия ташбеҳ дода шудааст. Бояд гуфт, ки истиора ба ташбеҳ монанди дорад, аммо фарқи онҳо дар он аст, ки дар истиора танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад. Инчунин, истиора аз ташбеҳ дида муъҷаз ва барҷастатар буда, дар ифодаи эҳсосот ва тасвири ягон лавҳаи ҳаёт ва табиат беҳтарин воситаи бадеӣ мебошад. Дар ин нигошта калимаи “говатон” ба ҷойи яке аз зердастони прокурор омадааст. Агар говатон нагуфта, котибатон ва ё ин ки зердастатон гуфта мешуд, таъсири матлубро ба хонанда намебахшид. Зеро дар ин асар одаме, ки ба назди прокурор даромадан мехост, инсони мағруру худхоҳ буд ва ӯ котибро аз худ чанд зина паст ва нодон меҳисобид. Нависанда тавонистааст дар тасаввури хонанда милитсионери худхоҳ, ки ғайр аз худ касеро доно намепиндошт ва котибе, ки гуфтаҳои роҳбарашро бе чуну чаро иҷро мекард, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар осори публитсистӣ ҷо намояд.

Ё ин ки дар очерки “Достони муаллим”: “Шербачаҳо туро ба ҷойи буз тохтанӣ буданд, - гуфт вай, - мо намондем” [6, с.16].

Дар ин ҷумла ибораи “шербачаҳо” ба ҷойи одамони “Ҳазрат”, ки сардори босмачиён аст омадааст. Пас, шербачаҳо истиорашаванда ва одамони “Ҳазрат” соҳибистиора мебошанд. Нависанда барои фарқ кардан аз сухани одӣ ифодаи боз ҳам муассиртар ва равшантаре ба кор бурда “босмачиён” – ро ба шербачаҳо, ки дар далериву ҷасорат аз дигар ҳайвонҳо фарқ доранд, монанд кардааст, яъне сардори босмачиён одамонашро далеру ҷасур ва нотарс мисли шер медонад. Инчунин “Одамонам туро ба ҷойи буз тохтанӣ буданд”, гӯем, як ҷумлаи одӣ ва бе истифодаи бадеият буда, таъсири матлубро иҷро карда наметавонист ва далериву ҷасурии босмачиён мушоҳида намегардид. Аз ин рӯ, Ӯрун Кӯҳзод дар очерк босмачиёнро ба шербачаҳо шабеҳ дода, дар як сурати бадеии зебо ба таври истиора ифода намудааст.

“Шармаш меомад, ки вай ҷавони бардаму боқувват савора мераваду ҳамроҳи пӯсту устухонаш пиёда” [6, с 6].

Дар ҷумлаи боло калимаи лоғарро ба маънои маҷози истифода карда, Табарро бинобар лоғару нотавон буданаш пӯсту устухон гуфтааст, ки ин ифода хосси санъати истиора мебошад ва ин истиора аз ҷиҳати шакл истиораи пӯшида мебошад. Барои он ки дар истиораи пӯшида баъзан нависанда истиорашавандаро зикр накарда ба ҷойи он ягон узв, ягон сифат, хулқ, хислат ва аломати онро ба таври изофат ба соҳибистиораи худ мансуб медонад. Мисолҳои дигарро метавон дар асарҳои публитсистӣ “Артист” ва “Арафаи Наврӯз” дар шакли истиораи пӯшида мушоҳида намуд:

“Қоғази ба об партофта барин буд” [6, с.161].

“Норизост, ки паррончак шуданду баромада рафтанд. Дигар ёди лона намекунанд” [6, с.38].

Муаллиф, дар ҳар ду мисол истиорашавандаро зикр накарда, дар ҷумлаи аввала ҳолати ӯро, яъне истиорашавандаро ба қоғази дар об афтода ва дар ҷумлаи дувум истиорашавандаро (писарони Миробид дар назар аст) ба паранда, инчунин хонаашро ба лонаи паранда ташбеҳ додааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани очеркҳои публитсистӣ санъати ташбеҳро кор фармудааст. Ташбеҳ ин монанд кардан аст, ки нависанда барои равшантар тасвир кардани қомати зебо ва расои қаҳрамони очерки “Никоҳ бо корд” Санавбар, яъне қади баланди ӯро ба ниҳол, ки аслан дароз мешавад, монанд кардааст, истифода намудааст. Чунончи:

“Духтараш Санавбар барҳои домани камзӯлашро пушт партофта, қади ниҳолашро дуто карда ҳавлӣ мерӯфт ва зарраҳои чанги хеста ба абрӯвони камону мижгонҳои дарозаш менишаст. Чашмони оҳубаррагии вай ба замин дӯхтагӣ буд” [6, с.43]. “Вақти видоъ расид ва ҳамин лаҳза қомати нилоҳе пеш баромад, ки рӯймоли шоли сиёҳи гулдор барқад партофтагӣ буд” [6, с.45].

Дар ибораҳои “қади ниҳолаш”, “қомати ниҳол” қаду қомат монандшаванда ва ниҳол монандкунанда мебошад, зеро ки қад ба ниҳол монанд карда шудааст.

Ба ғайр аз очеркҳо дар лавҳаҳои адиб низ истифодаи санъати ташбеҳ ба назар мерасад. Масалан дар лавҳаи публитсистии “Дар ҷустуҷӯи бахти ман” оварда шудааст:

“Ман туро ба як паризоди замон шинос кунам, ки шир барин сафеду гул барин нозук бошад” [6, с.152].

Дар ин ҷумла санъати ташбеҳ истифода шудааст, ки сафедии рӯйи духтарро ба шир ташбеҳ додааст ва зебоиашро ба гул баробар кардааст. Дар ин ҷо паризод монандшавандаю ширу гул монандкунанда буда, барин ёридиҳандаи монандӣ, пасоянд аст, чунки ба сабаби ҳамин хислат ширу гулро ба паризод - духтар монанд кардааст, яъне шир аз сабаби сафед ва гул аз сабаби нозук буданаш ба сафедиву зебогии духтар монанд шудааст. Ин тарзи истифодаи ташбеҳро ташбеҳи равшан гуфтан мумкин аст, зеро ки ин ташбеҳ ба воситаи ёридиҳандаи монандӣ сохта шудааст. Ин намуди ташбеҳ дар очерки “Достони муаллим” бештар ба мушоҳида мерасад.

“Садоқати ӯ ба садоқати ҳайвони дастомӯхт ва “иззатдида” шабоҳат дошт” [6, с.6].

“Фаҳмишу биниши онҳо ба монанди ҷойгиршавии иморати деҳ пасту баланд, зина ба зина буд, албатта. Охир, дар кучо воқеъ шудааст, ки як гурӯҳи одамон, чун як себу ду тақсим, ба якдигар монанд бошанд?” [6, с.9].

Дар баробари очеркҳои публитсистӣ, инчунин дар памфлетҳои Ӯрун Кӯҳзод низ санъати ташбеҳ ба кор бурда шудааст. Дар памфлети олиҷанобе, ки бо сарлавҳаи “Тахти равон ва тахтбардорон” иншо шудааст, санъати ташбеҳ барои обуранги бадеӣ ва дилчасп шудани памфлет бо як маҳорати баланди суханварӣ кор фармуда шудааст: “Чун қоғаз сафед шудани ранги рӯйи Ҷавони паҳлавон ба Ходими калон форид”. Дар ин ҷумла низ ташбеҳи равшан истифода шудааст, зеро он бо ёридиҳандаи монандии **чун** сохта шудааст.

Дар баробари ин, мехоҳем санъати маънавии киноярo низ дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод баррасӣ намоем, зеро ин навъи санъат на танҳо дар асарҳои бадеӣ истеъмоли зиёд дорад, инчунин дар асарҳои публитсистӣ низ санъати киноярo нависандагони муосири тоҷик хеле зиёд ба кор мебаранд. Бахусус, Ӯрун Кӯҳзод аз киноя қариб дар ҳамаи асарҳояш истифода намудааст.

Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба ибораи дигар, мурод акси гапи гӯянда аст. Масалан, аз хубӣ баҳс карда бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда нағзиро фаҳмонидан киноя аст. Ғайр аз ин, киноя қисме аз санъатҳои фолклор низ ба ҳисоб меравад, ки бо порчаҳои хурду кӯтоҳе воқеаро ба таври мисол баён карда, аз он воқеаи дигарро мурод карда нишон медиҳад. Ин қабил суханҳо дар нутқи шифоҳии ҳамарӯзаи мардум ба кор бурда мешавад. Ба монанди:

1. Бо ҷумлаи “Ҳамаро мон, аммаро меҳмон кун” чунин одатеро, ки баъзеҳо кори муҳимми заруриро монда ба кори булҳавасонаи шахсӣ машғул мешаванд, мазаммат мекунад.

2. Ҷумлаи “Дарро задам – девор кафид” – дар ҳаққи одами каҷфаҳме, ки ҳақиқати гапро нафаҳмида ғавғо бардорад, гуфта шудааст.

3. Ҷумлаи “Гӯшти хар – дандони саг” дар ҳолати ҷанг ва кашмакашии одамҳои ҷангараи бадаъмол гуфта мешавад.

Ҳамаи инҳо киноярҳои нозуки халқӣ мебошанд, ки Ӯрун Кӯҳзод низ аз ин дурдонаҳо дар осораш фаровон истифода намудааст.

Лавҳаи дигари нависанда, ки “Роҳ” ном дорад, аз аввал то охир моломоли санъати киноя аст. Дар ин лавҳа санъати киноя дар ибораи мошини наву куҳна корбурд шудааст. Аз хулосаи ин лавҳа бармеояд, ки нависанда дар киноя аз мошини наву куҳна муносибати насли ҷавону куҳансолро дар назар дорад. Ӯрун Кӯҳзод аз воқеияти имрӯза киноя мекунад ва маслиҳат медиҳад, ки “мошини пеш аз роҳ дур афканда шавад”. Мурод аз гуфтаи нависанда дар он аст, ки бояд ба насли ҷавон дар ҳама кор имконият дода шавад ва набояд садди роҳи онҳо гашт. Яъне, киноя, ки адиб сохтааст, нештаре ба насли куҳансол аст. Дар ин лавҳа киноя дур истифода шудааст.

Чӣ тавре ки қайд карда гузаштем, қариб дар тамоми осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод санъати киноя мушоҳида мешавад. Инчунин, дар ҳаҷвияҳои публитсистӣ, бахусус дар “Абрпораҳои осмони соф” ҷумлаҳои киноямез гоҳ аз забони худи муаллиф ва гоҳ аз забони қаҳрамононаш сохта шудаанд, ки онҳо ба асари публитсистӣ ҷанбаи бадеӣ бахшидаанд. Масалан: “Ҳаминро ҳам Худо гирифт” – мурод аз ин киноя дар он аст, ки ҳамсояҳои Саттор дигар намоиши бемузд тамошо нахоҳанд кард. Нависанда лаҳзаи баъди ба деҳа омадани эшони Тӯрахонро тасвир намуда ин киноярo истифода кардааст. Яъне, ба андешаи мардум омадани эшони номбурда он қадар кори хуб набудааст ва барои ҳамин онҳо киноя намуда чунин мегуфтанд. Ё ин, ки дар ҷумлаи дигар, “Маккора ба

таълимоташ ҷомаи замонавӣ мепӯшонад” яъне, киноя аз он аст, ки Тӯрахон ҳар коре ки барои худ муносиб медонад, новобаста аз кори хилофи шариат будан, ба он як ривояте аз дин пеш меорад ва ин хислати ӯро Нуъмон пай бурда чунин киноя мезанад. Дар ҷойи дигари асар боз як киноя “Баддаҳан – дия, дар ҳамин ҷо ҳам баддаҳониашро кард” омадааст, нисбат ба чунин одате, ки баъзе нафарон бе истиҳола ва бе андеша гап мезананд, гуфта мешавад. Дар асар раис аз беандеша сухан гуфтани Султоналӣ киноя кардааст.

Ҳамин тавр, дар осори публитсистӣ амсоли адабиёт воқеияти иҷтимоӣ тавассути донишу таҷриба, тавоноиву маҳорат ва интуитсияи эҷодкор маърифат мешавад. Ӯрун Кӯҳзод низ аз таҷрибаву маҳорати суханварии хеш истифода намуда, ба асарҳои публитсистиаш то андозае рангу таровати бадеӣ бахшида, ҷиҳати ҷолибӣ ва таъсирнокии онро қавӣ гардонидааст. Истифодаи санъатҳои бадеӣ, бахусус санъатҳои маънавӣ, дар асарҳои публитсистӣ ба нависанда кумак намудааст то ин ки асарҳояш ба худ таровату зебоии бештар касб намоянд.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Журбина Е. Искусство очерка / Е.Журбина. – М.: Советский писатель, 1957. – 221 с.
2. Журбина Е. Теории и практика художественно – публицистических жанров / Е.Журбина. – М., 1990.
3. Здоровега В. Слово тоже есть слова / В.Здоровега. – М.: Мысль, 1979. – 174 с.
4. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
5. Кӯҳзод Ӯ. Сареву савдое / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 134 с.
6. Кӯҳзод Ӯ. Як сару сад хаёл / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
7. Межелайтис Э. Лирические этюды / Э. Межелайтис // Знамя. – 1965. - №10. – С.150-159.
8. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
9. Плеханов Г.В. Искуства и литература / Г.В.Плеханов. - М., Госполитиздат, 1948. - 303 с.
10. Садуллоев А. Горизонты публицистики / А.Садуллоев. – Душанбе, 2009. – 308 с.
11. Салихов Н.Н. Краткий словарь литературоведческих терминов / Н.Н. Салихов, А.Л. Спектор. – Душанбе: РТСУ, 2014. – 130 с.
12. Стюфляева М. Поэтика публицистики / М.Стюфляева. - Воронеж, 1975. – 221 с.
13. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. - Қ.4 / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.
14. Черепахов М.С. Проблемы теории публицистики / М.С. Черепахов. – М.: Мысль, 1973. – 272 с.
15. Шарипов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х.Шарипов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ Ӯ. КӮҲЗОД

Санъатҳои бадеӣ яке аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеианд, ки бо ёрии онҳо санъаткор фикр, ғояву мақсад ва мазмунеро дар шакли муъҷазу таъсирбахш ифода менамояд. Санъатҳои бадеӣ воситаи муҳимми ороиши сухан буда, дар адабиёти бадеӣ ҳамчун унсури шакл сохти нисбатан устувори анъанавӣ доранд. Санъатҳои бадеиро дар адабиётшиносии гузашта илми бадеъ гуфтаанд, ки он яке аз ҷузъҳои сегонагии илми балоғат, яъне маонӣ, баён ва бадеъ аст. Дар гузашта аркони баён, бадеъ ва маонӣ аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Ягонагии инъикоси бадеӣ ба маҷмӯи образҳои шеърӣ ва образҳои мутаҳаррик, хоҳ лирикӣ ва хоҳ этикӣ вобаста аст. Санъатҳои бадеӣ ҳамчун воситаи ифода шакли дорои маъно ва дар айни замон шакли тафаккури эҷодиёти нависандаанд. Публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод масъалаҳоеро фаро мегирад, ки ба замони муайян хос нестанд, балки бо рӯҳи умумибашарии худ ба ҳаёти имрӯзаю ояндаи мардум иртибот мегиранд. Умуман, дар осори публитсистии адиб дар баробари истифодаи факту далел, ҷанбаи бадеӣ, яъне корбурди ҷумлаҳои маҷозиву образнок ва муҳимтар аз ҳама истифодаи санъатҳои бадеӣ мунтазам такмил ёфта ба публитсистикаи нависанда обуранги бадеӣ мебахшанд. Муаллифи мақола дар заминаи публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод, истифодаи санъатҳои маънавиро дар асарҳои публитсистии адиб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: санъатҳои бадеӣ, истиора, ташбеҳ, муболиға, маҷоз, обуранги бадеӣ, завқи эстетикӣ, рӯйдодҳои зиндагӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ СРЕДСТВ В ПУБЛИЦИСТИКЕ У. КУХЗОДА

Художественные средства играют большую роль в написании литературных произведений. Они помогают автору наделять описываемые явления определенными специфическими чертами, дать им более качественную оценку. Публицистический текст часто строится как научное рассуждение: выдвигается важная общественная проблема, анализируются и оцениваются возможные пути ее решения, делаются обобщения и выводы, материал располагается в строгой логической последовательности, используется общенаучная терминология. Это сближает его с научным стилем. Публицистические выступления отличаются достоверностью, точностью фактов, конкретностью, строгой обоснованностью. Это также сближает его с научным стилем речи. Средства эмоционального воздействия, употребляемые в этом стиле речи, многообразны. В большинстве своем они напоминают изобразительно-выразительные средства художественного стиля речи с той, однако, разницей, что основным их назначением становится не создание художественных образов, а именно воздействие на читателя, слушателя, убеждение его в чем-то и информирование, передача сведений. Публицистика Уруна Кухзода охватывает проблемы, которые не

ограничены рамками определенного времени. Они сочетаемы с мировыми проблемами, имеющими прямое отношение к нашим предкам. В своих публицистических произведениях У. Кухзод использует разные художественные средства, факты, образы, которые дополняют суть издаваемого материала. Они помогают читателю пройти по тонкой и острой сюжетной линии. В данной статье автором анализируется использование художественных средств в публицистике У. Кухзода, которая предназначена для широкого круга читателей.

Ключевые слова: художественные средства, публицистическое наследие, аллегория, гипербола, художественные аспекты, жизненные события, художественный образ, эстетический вкус.

USE OF ART FUNDS IN PUBLICITY U. KUHZOD

Artistic means play an important role in the writing of literary works. They help the author to endow the described phenomena with certain specific features, to give them a better assessment. A journalistic text is often constructed as a scientific argument: an important social problem is put forward, possible solutions are analyzed and evaluated, generalizations and conclusions are made, the material is arranged in a strict logical sequence, and General scientific terminology is used. This brings it closer to the scientific style. Publicist speeches are distinguished by their reliability, accuracy of facts, concreteness, and strict validity. This also brings it closer to the scientific style of speech. The means of emotional influence used in this style of speech are diverse. For the most part, they resemble visual and expressive means of artistic style of speech with the difference, however, that their main purpose is not to create artistic images, but to influence the reader, listener, convince him of something and inform, transmit information. Publicist of Urun Kuhzod covers problems which are not limited within a certain time. They are combined with world problems that are directly related to our ancestors. On his publicist works, U. Kuhzod uses various artistic means, facts, images that complement the essence of the published material. They help the reader navigate a subtle and poignant storyline. In this article, the author analyzes the use of artistic means in the journalism of U. Kuhzod, which is intended for a wide range of readers.

Key words: artistic means, journalistic heritage, allegory, hyperboly, aesthetic taste, artistic image, life events, artistic aspects.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Каримова Ҳилола* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи назарияи ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

Сведение об автор: ***Каримова Хилола*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе. пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

Information about the author: ***Karimova Hilola*** - Tajik National University, doctorant Ph.D of department of the theory of the latest Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Тел.: **(+992) 906-55-56-63**

УДК: 891.550-95

ФАРИДУН МУШИРӢ ВА НАҚДИ АДАБӢ

Саидов О.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Камтар иттифоқ меафтад, ки шоир ё ҳунарманде бо нашри нахустин маҷмӯаи худ аз ҷониби ҷомеаи адабӣ гарм истиқбол шавад ва дар кӯтоҳ замоне ба авҷи шуҳрату маҳбубият расад. Шинохту пазириши расмӣ маъмулан замон мехоҳад. Замоне ки дар домани он раванди камолу пухтагӣ сурат мепазирад. Аксари шоирон ин роҳи дарози пурранҷу заҳматро паймудаанд, вале дар радифи инҳо ҳастанд шоироне, ки бо аввалин намунаи осори хеш мавриди таваҷҷуҳи нақди адабӣ, ноқидону адабиётшиносони маъруф қарор гирифтаанд ва ҳамчун шоиру ҳунарманди асил пазируфта шудаанд. Ф. Муширӣ аз ҷумлаи чунин адибон мебошад.

Мавсуф намояндаи наслест, ки то нимаи дуюми даҳаи чилуми асри гузашта ба майдони адабиёти муосири форсӣ гом ниҳоданд ва маҷрои шеъри муосирро дигаргун сохтанд. Замони вуруди ин насл мусодиф ба давроне буд, ки шеъри нав ё шеъри нимойӣ оҳиста-оҳиста машҳуру решадор мешуд. Мушириро наметавон шогирди мустақили Нимо хонд, вале ӯ дар радифи дигарон дар роҳи камолу густариши шеви Нимо гомҳои муассире бардоштааст.

Ба навиштаи Ш. Лангрудӣ “ Фаридун Муширӣ чун Нодирпур ва Нусрат Раҳмонӣ аз шоирони маҳбубу матраҳ ва асаргузори даҳаи сиюм аст. Ашъори Муширӣ чун шеъри Нодирпур ашъори эҳсосотӣ, тасвирӣ ва равон, бо маншаи навқудомоӣ ва муътадил буд, ки умуман дар қолаби дубайтиҳои пайваста суруда мешуд” [4, с.151].

Соли 1955 нахустин маҷмӯаи ӯ бо номи “Ташнаи тӯфон” мунташир мегардад ва баҳсу ҷадалҳои зиёдеро ба амал меоварад. Маҷмӯа ба ҷуз ашъори Муширӣ шомили як муқаддима аз Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр ва ёддоште аз муҳаққиқу донишманди саршинос Алии Даштӣ буд. Гузашта аз ин, дар маҷмӯа андешаҳои Ф. Муширӣ дар атрофи шеъри муосир ва шебу фарози он ҷойгузин шуда буд. Шояд яке аз иллатҳои таваҷҷуҳи беандозаи адабиётшиносон вуҷуди ҳамин ёддоштҳо буд.

Гап дар ин аст, ки дар ибтидои даҳаи панҷоҳуми қарни гузашта бархурди нақди адабӣ ба шеъру ҷараёнҳои шеърӣ вусъатҳои чашмгир пайдо менамуд. Дар ағлаби маҷаллаҳову нашрияҳои адабӣ ашъору сабки эҷодии шоирон мавриди баррасиву арзёбӣ қарор мегирифт. Махсусан масъалаи суннат ва таҷаддуд мавзӯи рӯз ба шумор мерафт.

Дар хусуси муқаддимаи устод М. Шаҳриёр бояд таъкид намуд, ки муҳтавои он матлаби хоссе дар атрофи шеъру масоили марбут ба он надорад. Манзур аз он муборакбоди як адиби ҷавон ва таъкиди ин нукта аст, ки вай дар олами шеър шахси тасодуфӣ нест. Дар шеъраш ҷавҳарест. Аз мурури номаи Шаҳриёр равшан аст, ки эшон бо шоир дидори мустақим надошта ва бар мабнои ашъораш арзи матлаб намудааст.

Аз ҷониби дигар бо дасти бузургтарин ғазалсарои муосир навиштани муқаддима ба маҷмӯаи як шоири ҷавон метавонад пураҳаммият бошад. Лозим ба зикр аст, ки худ устод М. Шаҳриёр ҳарчанд то охири умр ба суннати шеъри форсӣ пойдор монд, вале ба Нимо ва сабки шеваи пешгирифтаи ӯ беэътино набуд. Бо ӯ ошноии наздик дошт ва таҳти таъсири “Афсона”-и ӯ манзумаи “Ду мурғи биҳиштӣ”-ро эҷод намуда буд.

Ду ёддошти дигар, ки дар оғози маҷмӯаи “Ташнаи тӯфон” омада буданд, асосан ба масоили шеъри наву навпардозӣ, таҳаввул ихтисос доштанд, ки баъди гузашти солҳо боз ҳам ҷалби назар мекунанд.

Нахуст муносиб медонем ба андешаҳои Муширӣ нигоҳе андозем. Муаллиф дар ёддошти хеш нахуст хотирнишон мекунад, ки ҳамаи баҳсу ҷидолҳо, нашри мақолаҳо, нақди ашъори шоирони навпардоз гувоҳ бар аҳаммияти мавзӯъ аст. Нуқтаи дуюме, ки дар ёддошт бар он ишорат шуда, пешинаи таърихиву фарҳангист. Шоир дар ёддошташ иброз намуда, ки дар ин сарзамин ҳазорон подшоҳону лашкаркашон, сиёсатмадорон ба сар бурдаанд, вале вуҷуди чеҳраҳои дурахшону тобноки шоирони бузург аст, ки аз қаъри асрҳо рух боз мекунад ва ин миллатро зинда нигоҳ медорад.

Масъалаи дигаре, ки шоир дар матлабаш зикр менамояд, масъалаи пешравии замон ва таҳаввулу тағйир дар ҷомеа ва аҳволи зиндагӣ аст, ки амрест ногузир. Вақте ки дар

ҷомеа тарзи зиндагӣ дучори таҳаввулу дигаргунӣ мешавад, ба раванди эҷоду офариниш низ бетаъсир наемонад.

Мавсуф зикр мекунад, ки дар ин аср “мувофиқи эҳтиёҷоти замон шеъри порсӣ ниёзманди таҳаввул буд ва ин таҳаввулро шуарои ҳунарманд дар камоли маҳорат анҷом доданд ва шеър вориди марҳалаи навине шуд ва дорои уфуқи васеътаре ончунон ки бояд гардид. Ин кор кори осоне набуд. Эронӣ пас аз он ки барқ ба бозор омад, чароғи нафтиро фаромӯш кард. Родиюро зуд пазируфт ва аз он истиқбол кард. Агарчанд рӯзи дигар дастгоҳе ба ҷойи родию ихтироъ шавад, метавонад родиюро фаромӯш кунад, вале шеърро наметавон ногаҳон аз ӯ гирифт ва иттилооти бесару таҳ бо номи шеър таҳвилаш дод ва ӯро водор кард ҳамчунон, ки ғазалҳои Саъдиву Ҳофизро дӯст медошт, онҳоро ҳам дӯст бидорад” [5, с.17].

Манзури Ф. Муширӣ тавре, ки аз мурури ёддошташ бармеояд, иборат аз он аст, ки бо номи таҳаввулу дигаргунӣ набояд комилан аз суннати дерина сар тофт ва ҳама доштаҳоро аз байн бурд. Ҳадафи дигари шоир аз манзур сохтани ёддошт нишон додани сабабҳои тамоюлаш ба шеъри навқудомӣ мебошад.

Аз дидгоҳи вай таҳаввулеро, ки дар шеър эҷод шудааст, бояд бо мулоимату меҳрубонӣ ҳифз намуд ва аз ҳадди муҷоз набояд таҷовуз намуд. Ба андешаи ӯ масъалаи қолабҳои шеърӣ ва тағйири онҳо ҳарчанд масъалаи муҳим аст, вале аз нигоҳи моҳият дуюмдараҷа аст. Матлаби аслӣ дар асри ҳозир рӯҳи шеър ё мавзӯи шеър аст. Ба дигар сухан, мазмуни тоза аст. Шоир барои тағйири андешаҳои хеш мисоли ҷолибе мезанад: “Шароби хубро чи дар ҷоми ақиқ, чи дар ливони булур ва чи дар финҷони тилло, ҳатто агар дар кафи даст бирезем, мастӣ медиҳад. Шеъри хуб ҳам ҳукми ҳамин шаробро дорад. Дар ҳар қолабе, ки баён шавад, дар рӯҳ таъсир мекунад, вале он обро дар ҷоми ақиқ ё ҳар зарфи дигаре ба номи шароб ва ё ба умеди маст шудан бинӯшем, худамонро фиреб додаем ” [5, с.18].

Хулласи калом, дар ин ёддошт шоир иброз медорад, ки дар навпардозӣ набояд шитобкорӣ намуд. Бояд ҳар як гом ба таври амиқ омӯхтаву санҷида бардошта шавад, дар акси ҳол ин ҷонибдорӣ аз таҳаввул нест, балки душманӣ ба он аст.

Ёддошти дувум чунончи қайд шуд, муталлиқ ба Алии Даштӣ буд. Ин ёддоштро метавон ду навъ бознигарии ҷараёни таҷаддуду навпардозӣ дар саҳнаи шеъри муосир донист.

Муаллиф дар оғози навиштаи хеш бар асоси ашъори маҷмӯаи “Ташнаи тӯфон” ба ин натиҷа мерасад, ки “шеъри форсӣ вориди марҳилаи таҳаввул шудааст ва такрори гуфтаҳои қудамо ва афтодан ба ҳоли ибтизол берун меояд ва шеъри нав рафта-рафта сурати ҳақиқии худро мегирад” [5, с.14].

Мавсуф баъдан ҷараёни зуҳуру заминаҳои пайдоиши навпардозиро дар адабиёти муосир маънидод менамояд. Ба андешаи Алии Даштӣ тамоюл ба навгӯйӣ ва навҷӯйӣ ҳамзамон бо инқилоби Машрута ва дар натиҷаи густариши муносибат бо мағрибзамин, рафтуомадҳо пайдо шуд. Ҳарчанд гомҳои нахустин дар асри таҳаввул бисёр соддаву маъмулӣ буданд ва намунаҳои осор нишон медиҳад, ки шоирон ба умқу кунҳи мавзӯи навпардозӣ нарасида буданд.

Иддае хаёл карданд, ки корбурди вожагону таъбироти бегона дар шеър боиси таҳаввулу дигаргунӣ дар шеър мешавад.

Баъдҳо бар асари тарҷумаи осори шоирони ғарбӣ ва ошноӣ бо шеъри Фаронса ибтикороти дигаре карданд. Дар корбурди ҷойгоҳи қофия ихтилоле ба вуҷуд оварданд. Аз ин гузашта, гурӯҳе пайдо шуданд, ки вазнро сарфи назар намуданд.

Ба навиштаи мавсуф “ вақте шеър ба авҷи ҷаззобиву малоҳат расид, ки аз маънӣ ҳам сарфи назар карданд ва ҳазёнҳое ба унвони шеъри нав бо қоғази хубу чопи марғуб мунташир сохтанд” [5, с.16].

Алии Даштӣ корномаи аксари шоирони навпардозро дар ин ёддошт абасу беҳосил меномад ва афсӯс мехӯрад, ки ин тоифаи навпардоз ҳатто ба шоирони соҳибсабк таъсир карда ва гурӯҳе аз онҳо ба ин мусобиқаи ҳазёнхонӣ ҳамроҳ шуданд.

Ба ақидаи Алии Даштӣ яке аз заминаҳои бидъату навоварӣ доштани донишу иттилоот дар заминаи адабиёти классикӣ аст. Ҳеҷ касе қодир нест бидуни мушкил, бо осонӣ ба марзи таҳаввул бирасад. Тағйиру дигаргунӣ заминаҳои лозимро иқтизо дорад. А. Даштӣ таъкид менамояд, ки “онҳое, ки бидуни тӯшаву таҷҳизоти кофӣ мехоҳанд шеъри

нав бисозанд ба он ҷавонони бечораву бемояе мемонанд, ки хаёл мекунанд аз кашидани нуқуши бемаънӣ ва оғушта кардани пардае бо рангҳои гуногун Пекосу мешаванд” [5, с.17]

Донишманди дигар дар идомаи матлаби хеш изҳор дошта, ки шеър дар Эрон бояд қиёфаву сурати хешро иваз кунад, вале таҳаввулу бидъате, ки дар пайкари шеър рух медиҳад, пеш аз ҳама, бояд ба ду ҷанба равона шуда бошад.

Шоирони навпардоз дар дараҷаи аввал мутаваҷҷеҳи тахайюлу тасаввур дар шеър бошанд, сипас, ӯро лозим аст ба тарзи таъбир диққат кунад” [5, с.15].

А. Даштӣ барои равшан сохтани масъале мисолҳое аз ашъори Нимо, аз Ф. Таваллулӣ ва дигар шоирон нақл намуда, камбуду инҳирофравиҳои шеъри навро ба гунае собит месозад ва дар зимн хитоб ба муаллифи маҷмӯа менависад: “дар ҳар сурат мутолиаи ашъори Шумо ба ман навид дод, ки рафта-рафта қариҳа ва мувҳиботи эронӣ бо роҳи мустақим афтода ва он бориқае, ки забонро ба сухан мекушояд ва аслу манбаъи шеъру илҳом мешавад, дар рӯҳи табақаи ҷавон дурахшидан гирифта аст” [5, с.16].

Зикр шуд, ки чопи “Ташнаи тӯфон” мавриди диққати бисёре аз адабиётшиносону муҳаққиқон қарор гирифт ва накдҳои пуршуморе атрофаш ба табъ расид. Яке аз тақризҳои муфассал навиштаи М.А. Солис буд, ки дар маҷаллаи “Дар роҳи ҳунар” мунташир гардида буд [13].

М.А. Солис ҳамон гуна ки равшан аст, яке аз нимошиносони маъруфи муосир ва чеҳраи боризи шеъри нав аст. Зимни нақди маҷмӯа эшон матолибе дар атрофи ёддошти А. Даштӣ изҳор дошта, ба баъзе андешаҳои ӯ эрод мегирад. Нахуст ба нақли ҷумлаҳои оғозини ёддошт ба ғалатҳои наҳвӣ ва мантиқии муаллиф ишорат меварзад.

Эроди дигари М. А. Солис ба дидгоҳи А. Даштӣ нисбат ба шеъри “Вакдор”-и Нимо Юшиҷ аст, ки дар матни ёддошт ба сифати мисол омадааст. М.А. Солис андешаҳои А. Даштиро дар атрофи қитъаи мазкур берешаву бемантиқ мехонад ва таъкид мекунад, ки аслан маҷмӯа ба чунин муқаддимае ниёз надошт. Хуб буд, А. Даштӣ андешаҳои хешро дар маҷалла ё расонаи дигаре ба чоп мерасонид. Мунаққиди ёдшуда ҳамчунин афкори ҷолиби диққат перомуни шеъру шеваи ҳунарии Ф. Муширӣ арза медорад. Аз ҷумла зикр месозад, ки “Фаридун шоири тавоноест ва ҳунараш дар тариқи саҳеҳе пеш меравад. Пайдост, ки дар баргузидани алфоз диққат дорад. Ғолибан саҳеҳу пухта сухан меронад ва ба он ки мавзӯоти шеъри ӯ мунҳасиран дар меҳвари ишқу дардҳо ва ҳолати ишқ мегардад, вале ҳамин ҳолотро бо зебоӣ баён мекунад. Эҳсосаш аз худаш ва ғолибан аз даричаи чашми худаш дунёро менигарад, на шоирони гузашта” [13, с.168].

Номбурда зимнан ба вуҷуди бархе аз таъбироту иборoти қудамо дар шеъри шоир ишорот намуда, таъкид менамояд, ки вақте муҷассамаи мармарину хуштароши шеъри ӯ пеши назари хонанда ҳувайдо мешавад, метавон аз вуҷуди иборoти қадим чашмпӯшӣ намуд.

Ногуфта намонад, ки М.А. Солис маҷмӯаро бисёр амиқу мӯшикофона таҳлилу арзёбӣ намудааст. Ҳатто иштибоҳу норасоиҳои сарфиву наҳвӣ аз мадди назари вай пинҳон намондааст. Ба ҷуз ин, сарчашмаҳои илҳоми ӯро аз адабиёти классикӣ ва таъсирпазирии вайро аз шоирони муосир бисёр дақиқу равшан бозгӯ кардааст.

Ба ақидаи ӯ “Муширӣ аз миёни шоирони муосир бо шеъри Шаҳриёр унси бештаре дорад. Чунонки таъсири ин шоир ба баъзе аз осори вай дида мешавад (Гузашта аз Хонлариву Таваллулӣ, ки дунболи онҳо меравад), ин таъсирро метавон дар қитаъоти “Майгун ”, “Селзада” “Хазони биҳишт”, “Интизору ишқ” эҳё кард” [13, с.169].

Назари мунаққиди муҳтарам перомуни шеъри Ф. Муширӣ мусбат аст, вале тавре ки аз мурури нақди ӯ бармеояд, ангезаи аслии таълифи он андешаҳои А. Даштӣ атрофи шеъри нав ва махсусан шеъри Нимо аст, ки зикраш рафт.

Аммо қазия ба ин тамом намешавад. Чопи маҷмӯаи дувуми шоир, бо номи “Гуноҳи дарё” дар соли 1956, боз ҳам ғавғое барангехт. Сабаби аслӣ мақолаи Абдулҳамид Оятӣ буд, ки перомуни ин маҷмӯа дар маҷаллаи “Интиқоди китоб” ба табъ расида буд. Дар он мақола муаллиф шоирони даҳаи панҷоҳумро шоирони фосид ва давраи мазкурро замони таназзулу инҳитоти шеъри форсӣ номида буд.

Гап дар ин аст, ки соли 1953 дар Эрон тавассути Америка табаддулоти низомӣ сурат гирифт ва ҷунбишҳои озодихоҳона, неруҳои демократӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуданд. Садҳо нафар зиндонӣ шуданд, бархе тарки Эрон намуда ба хориҷ фирор намуданд. Ағлаби шоирон, ки ба ҷунбишҳо эътимоди зиёд доштанд, ноумеду шикастарӯҳ шуданд. Аксар гӯшанишин гардиданд ва ба дунёи даруни худ фурӯ рафтанд. Ин буд, ки дар ин давра

адабиёти шаб, адабиёти маргандешӣ ба вуҷуд омад. Ағлаби сурудаҳо ба ҷуз бозтоби яъсу ноумедӣ, ғаму андуҳ, дарунмояи дигаре надоштанд. Ф.Муширӣ низ мутаассир аз вазъи нобасомони замон ва нозири вазъи равонии ин насли шикастхӯрда ва гузашта аз он, ҳаводори он дар аксари ашъори “Гуноҳи дарё” аз яъсу ноумедӣ, маргу нестӣ сухан мегӯяд. Оятӣ маҳз ба ҳамин ҷанбаи шеърӣ ӯ хурда гирифта, шеърашро ба боди интиқод мекашад. Аз ҷумла менависад: “шоир буме аст, ки бар харобаи дунё ба тамошо нишаста, ҳеҷ умеде надорад. Беҳуда ба дунё омада. На ғами баҳор дорад ва на нишоти хазону ба қавли Саъдӣ на бар уштуре савору на чу хар бар зери бор аст. Чун мурғи паршикастае сар зери боли ғам бурда ва то ва ҷавоби ”Азроил” лабайк гӯяд, бори худро баставу муҳайё нишастааст. Ин молихулиё чунон ӯро ба худ машғул дошта, ки ногоҳ дасте хашмгини шабе ба дари хонааш мекӯбад ва деворҳоро хароб мекунад ва ӯ, ки аз насими сард ва намноке меларзад, худро дар панҷаи касе асир мебинад, вақте хуб нигоҳ мекунад, мебинад, ки марг ҳамон ошнои қадимии ӯст. Забонаш банд меравад ва ба ӯ ба коми авҳом фурӯ меравад ва он гоҳ аз даруни гӯр бо охирин ранҷ чунин гуфтугӯ мекунад

Эй охирин ранҷ,
Ман хуфтаам бар синаи хок.
Барбод шуд он хотири аз ранҷ хурсанд,
Акнун ту танҳо мондай, эй охирин ранҷ!” [4, с.318].

Албатта, нуқтаи иттикову ҳадафи аслии мунаққиди мазкурро метавон пай бурду даркаш кард. Аз сӯйи дигар, наметавон воқеияти замонро нодида гирифт. Гап дар ин аст, ки яке аз сабабҳои ҷаззобияти ҳар шеъру сурудае таваҷҷуҳи шоир ба ниёзу эҳтиёҷи замон аст. Барои мисол ҳангоме ки ҷомеа гирифтори мушкилоти печидаву бунбаст аст, оё метавон бар хилофи воқеият шеъре саропо шодиву фарағ, умеду зиндагӣ суруд. Ба гумони ғолиб метавон бар хилофи маҷрои дарё ҳаракат намуд. Адабиёти муосири Эрон дар ин замина намунаҳои шоиста дорад.

Масалан, ҳамзамони Ф. Муширӣ Сиёвуши Касроӣ. Аз шоироне, ки ҳама ӯро бо манзумаи “Ораши камонгир”-аш мешиносанд. Ин манзума бо фазову рӯҳи пӯёе, ки дорад, замоне эҷод шуд, ки ҷомеаи эронӣ бо сангинтарин вазъе гиребонгир буд. Дар Эрон ба дасти бегонагон табаддулоте сурат гирифта буд ва тамоми ҷунбишҳои озодихоҳу раҳоибахш, неруҳои демократӣ шикаст хӯрда буданд, ҳама ғарқ дар дарёи яъсу ноумедӣ буданд.

“Ораши камонгир” бо созу барге, ки дорад, ба дилҳо умед мебахшад, мардуми ранҷкашидаву сархӯрдаро умед ба зиндагӣ, ба оянда мебахшад.

Аммо аз сӯйи дигар, шоири “Гуноҳи дарё”-ро ҳам наметавон барои ашъори ғамбору андуҳгин ва маргандешона сарзаниш кард. Вазифаи шеър аст, ки фазову рӯҳи аср, чеҳраи ростини зиндагиро тарсим намояд. Чун ҳастӣ наметавонад фақат аз хурсандӣ, шодиву фараҳ иборат бошад. Замон мегузарад, вазъ тағйир мекунад, ҷомеа рӯ ба беҳбудӣ гом бармедорад. Ранҷҳо ранг мебозанд. Танҳо масири тайшударо шеър аст, ки зиндаву ҷовид нигоҳ медорад. Гоҳо дар шеърҳои он маҷмӯа мо ба фазое дучор мешавем, ки бисёр воқеиву бараҳна аст ва дар айни замон асари комили ҳунарӣ аст.

Баргардем ба нақди Оятӣ. Оятӣ мисоле чанд аз маҷмӯаи “Гуноҳи дарё”- ро нақл мекунад ва бо лаҳни шадидтар шоирро интиқод мекунад: “буми мо (манзур Ф.Муширӣ - С.О.) шоири пурмуддао аст. Муътақид аст, ки ин иҷтимоъи бебасират қадри чунон бузургвореро надониста ва дарвоқеъ, чун Фирдавсӣ гавҳаре аст, ки рӯзгораш ба гардани хазона бастааст ва аз байте, ки ба қавли худаш мансуб ба Фирдавсӣ аст ва онро дар оғози китоб оварда, метавон ба мизони ин худхоҳӣ пай бурд” [4, с.219].

Оятӣ дар идомаи нақди худ ба ин нуқта ишорат мекунад, ки як асари ҳунарӣ бояд як ҷанбаи ризоиятбахш дошта бошад. Ё фикри олӣ дошта бошад, ё “фурми олӣ”, вале “Гуноҳи дарё” аз ҳарду бенасиб аст. Ба андешаи Оятӣ аз мурури ашъори маҷмӯа наметавон фаҳмид, ки муаллифи он чӣ хислат дорад. Мансуб ба кадом фирқа аст. Мавсуф аз он хашмгин аст, ки Муширӣ фақат ба иҷтимоъ бад мегӯяд.

Вай ба ин ҳам басанда накарда, Мушириро ба адами тасаллут бар забони форсӣ гунаҳгор медонад ва бар ин назар аст, ки шеъри ӯ низ мисли дигар шоирон аз сабку услуби Ф. Таваллулӣ пайравӣ мекунад. Ба ин маънӣ, ки ғазалиёти қадимро ба ҳамон мафҳумҳои куҳна ба қолаби дубайтӣ мекашонанд. Ба андешаи ӯ, бояд таназзулу инҳитоти адабиро дар ашъори шоироне мисли Ф.Муширӣ ҷустуҷӯ намуд. Матлаби худро Оятӣ чунин ҷамъбандӣ мекунад: “ Ин даста на монанди Нимо, Бомдод, Соя, Сиёвуш, Оянда

навсозанду ҳунарнамо ва на монанди Матину Парвину Шаҳриёр куҳнапардозу чирадаст” [9, с.322].

Интишори мақолаи Оятӣ сабаб шуд, ки баҳси доманадоре дар атрофи он шурӯъ гардад. Аз миёни посуххои мунташира махсусан навиштаи шоири гаронмоя Н. Нодирпур ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Сабаби иқдоми ӯ ба посухгӯӣ, қабл аз ҳама, дар он буд, ки шеъри аксари шоирони даҳаи панҷоҳумро дар адабиётшиносии он рӯз бо доштани дарунмояҳои ғамину яъсолуди ҳиссӣ, дунёбезориву маргандешӣ романтизми сиёҳ мешумурданд, аз ҷумла шеъри Нодирпурро. Нодирпур низ мақолаи Оятиро мутаваҷҷеҳи худ ҳам медонист.

Посухи Нодирпур “Гуноҳи фаҳми Шумо” унвон шуда буд. Мавсуф дар оғози матлабаш хитоб ба Оятӣ изҳор дошта буд, ки “мақолаи ӯ нусхаи бадали бисёр касоне аст, ки дар ин авохир дар бораи шеър менависанд ва ҳам як сифати муштарак доранд. Гуё аз як мағз таровидаву аз як мағз ҷӯшиданд. Ба дигар маънӣ андешаи онҳо қолабӣ аст ва бадбахтона ҳама чизро бо “метри хушбинии” хеш месанҷанд ва иддао доранд, ки ҳама бояд мисли онҳо фикр кунад, дунёро аз диди онҳо тамошо намояд. Ҳама осорро осори бадбинона ё пессимистӣ мехонанд дар ҳоле ки “як асари бадбинона мумкин аст хушбахтарин мафоҳимро ба хонанда илқо кунад” [7, с.42].

Нодирпур мунаққидоне мисли Оятиро аз гурӯҳе медонад, ки фарангдидаву аз дарди аслии мардуму ҷомеа бехабаранд ва гузашта аз ин ҳунари асилро дарк намесозанд. Зиндагии мураффаҳи фарангӣ аз ёдашон нарафтааст. Дар қисмати баъдии мақола Нодирпур бо дифоъ аз Муширӣ, дақиқтараш ба ҳимоят аз шеъри муосир мегузарад. Ӯ бо зикри шавоҳиди зиёд дидгоҳҳо ва шавоҳиди маъхуз аз ҷониби Оятиро ботил месозад. Масалан, Оятӣ зимни баррасии шеъри “Офтобпараст” шоирро ба маргандешӣ гунаҳгор карда буд. Бар хилофи ӯ Нодирпур мегӯяд: “аммо тааҷҷуби ман ин аст, ки ҳамин қитъаи мавриди интиқоди Шумо ки “Офтобпараст” ном дорад, ба хилофи бархе дигар аз қатаъоти ин китоб дар ситоиши зиндагӣ суруда шуда ва бо ин сухан поён меёбад:

То марг наёмадааст, бархезам
Дар домани зиндагӣ биёвезам” [7, с.47].

Ф. Муширӣ дар маҷмӯаи “Гуноҳи дарё” шеъре дорад, ки шомили абёти зерин аст:

Он рӯз шоирам, ки бигӯям мадеҳи ин
Он рӯз шоирам, ки бихонам санои он

Оятӣ дар мақолаи худ ба ин ҷанбаи шеъри шоир низ эрод гирифта буд. Нодирпур бошад гуфтаҳои ӯро зери суол мебарад ва таъкид мекунад, ки бар хилофи дарку тасаввури мунаққиди муҳтарам бозори чунин ашъоре косид нест ва мадеҳасароён ҳанӯз ҳам побарҷоянд, иҷтимоъ онҳоро аз домани худ берун накардааст. Мадеҳасароӣ танҳо барои подшоҳон нест. Ҳар асре фазову вазъе дорад ва иқтизое Оятӣ дар нақди хеш ба ҷанбаҳои забонии шеъри Ф. Муширӣ интиқод карда буд. Нодирпур дар посух бо зикри шавоҳид нодурустии андешаҳои вайро собит месозад. Масалан, чунин навишта: “аммо нуктагириҳои Шумо аз суханони дигаратон ҷолибтар аст. Пас аз нақли ин байт аз “Гуноҳи дарё”

Хурд силӣ гул аз боди ғазабнок,
Ба ҳар силӣ ги гуле афтод бар хок.

хурда мегиред, ки “миёни феъли хурд” ва “уфтода” таносуби замонӣ нест”. Аммо бигӯед бубинем, ки оё миёни феъли “омада” ва “зад” дар ин байти Низомии Ганҷавӣ таносуби замонӣ ҳаст?

Шаҳнаи маст омада дар кӯйи ман,
Зад лагаде чанд фарорӯйи ман.

ва пас аз овардани ин байт аз ҳамин китоб

Чаманро ларзаҳо дар тору пуд аст,
Рӯҳи Марям зи силиҳо кабуд аст.

бар гӯянда метозед, ки “тасаввури тору пуд барои чаман бисёр номуносиб аст”, аммо ман мепурсам, ки вақте Саъдӣ дар оғози “Гулистон” менависад: “фаррош боди саборо фармуда, то фарши зумураддин бигустаронад” ва бад-ин гуна чаманро ба фарш ташбеҳ мекунад, чаро тасаввури тору пуд барои чаман “бисёр номуносиб аст”. Магар фарш тору пуд надорад” [7, с.51].

Мавсуф ба хотири исботи берешагии афкори Оятӣ мисолҳои фаровоне аз шоирони бузурги классик мисли, Ҳофизу Саъдӣ меорад ва таъкид мекунад, ки муаллифи “Гуноҳи дарё” гуноҳе надорад, “Гуноҳ аз фаҳми Шумост” [7, с.52].

Нодирпур бар хилофи Оятӣ давраи муосирро на инҳитоти адабӣ, балки давраи шукуфоии адабиёт медонад. Ба қавли ӯ, “шӯру ҷӯши имрӯзаро дар табъи ҷавонони шоир ва ё шоирони ҷавон дар камтар адворе аз адвори куҳан мебинем ва дар камтар рӯзгоре чунин танаввуъеро дар кори ин гурӯҳ меёбем. Шояд иллати ин ҷӯшу хурӯш ин бошад, ки шеър бори дигар паноҳгоҳи рӯҳии мардуми ин мамлакат шуда аст” [7, с.53].

Нодирпур бидуни он ки аз марзи маъмул берун шавад, ба Оятӣ хитобан изҳор медорад, ки бо чунин шевае, ки ба Ф. Муширӣ бархурд намудааст, агар бихоҳад ба шеъри пешиниён мисли Ҳофизу Саъдӣ, Мавлоно бархурд намояд, дучори чунин мушкилот мегардад. Бояд ба шоир танҳо ба мисли шоир нигоҳ кард. Зеро шоир мардуми тобеъ ва шефтаи эҳсосоту авотифи хеш аст. Бар мабнои эҳсосоти хеш имкон дорад гоҳе файласуф ва гоҳе каси дигаре ҷилва кунад. Ё бешак ба ҳеҷ маслаке тобеият надошта бошад.

Нуқтаи дигар, ки Нодирпур ба он таъкид меварзад, вазъи замону асри мавриди назар аст, ки дучори таҳаввулоте шуда, вале барои камолу пешрафти ҷавонон шароити лозимаро надорад.

Аз зикри ин нақлу қавлҳо метавон чунин натиҷа гирифт, ки мақолаи Оятӣ бо вуҷуди доштани бадлаҳниву хусуматҳои ошкори ғайри ҳунарӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дошт.

Матлаби мазкур сабаб шуд, ки баҳси бузурге дар атрофи шеъри нав оғоз гардад. Бар асоси ин баҳсҳо шеъри романтики навқудамоӣ комилан аз шеъри нимоӣ ва шеваи арзаи он ҷудо шуд.

Дар поён лозим ба тазаккур аст, ки даҳаи панҷоҳум аз нигоҳи нақди ашъори шоирони ҷавон чунин намунаҳо зиёд дорад, ки мо ба сифати шоҳид маҷмӯаҳои Ф. Муширирo интихоб намудем.

Аҷиб ин аст, ки қабл аз ҳар мунаққиде худи шоирон ҳастанд, ки ба дафтарҳои шеърии якдигар нақд навиштанд ва дар сурати лузум аз шеър ва ҷараёнҳои тозаи он ҳимоят намудаанд. Дар нақду арзёбии шеъри он даврон махсусан нақши Н. Нодирпур, М. А. Солис, Ф.Фарухзод, Ф. Таваллулӣ, А. Шомлу ва дигарон бисёр бориз аст.

Мурури фазои адабии он даврон муҳаққиқонро ба ин натиҷа мерасонад, ки ки насли тозаи адабиёт ба он чи дар паҳнаи шеър мегузарад, бетафовут нестанд. Аксар дар арсаи шеъру шинохти мабонии он, сарчашмаҳои рукуду такомули он, таъсирпазирӣ аз шеъри қавму миллатҳои дигар мутолиоти фаровон доранд.

Насли мазкур зарурату ногузир будани таҳаввулро дар марзи шеъру шоирӣ дарк кардаанд ва муътақид буданд, ки бе пазириши аносири навпардозӣ, тағйири шеваи кори қадимиён тарсиму бозтоби саҳнаҳои асри ҳозир имконпазир нест.

Дар ин миён нашри муқаддимаву ёддоштҳоро дар маҷмӯаи нахустини Ф. Муширӣ ва маҷаллаи “Интиқоди китоб” метавон як такони муассиру халлоқ ҳисоб кард.

Ва, ниҳоят, он чӣ дар ин нақду баррасиҳо бисёр арзишманд аст, назари мусбати ноқидон аст, ки аксар ба шеъри Ф. Муширӣ ҷойгоҳи вижае қоил шудаанд.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ало Исмоил Нурӣ. Сувар ва асбоб дар шеъри имрӯзи Эрон [Матн] / Нурӣ, Ало Исмоил. – Теҳрон, 1348. - С.586.
2. Армуғон, Беҳдорванд. Ин рӯзҳо, ки мегузарад [Матн] / Баҳдорванд Армуғон. - Теҳрон, 1388.
3. Даштӣ, Алӣ. Муқаддима / Алии Даштӣ (бар “Ташнаи тӯфон” аз Ф. Муширӣ [матн] Муширӣ Ф. Ташнаи туфон Ф. Муширӣ). – Теҳрон: Наврӯз, 1344. – С.175.
4. Лангруди Ш. Таърихи таҳлили шеъри нав [матн] / Ш. Лангрудӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1377. – Ҷ.II. - С.699.
5. Муширӣ Ф. Ташнаи туфон Ф. Муширӣ [матн] / Ф.Муширӣ. – Теҳрон: Наврӯз, 1344. – С.175.
6. Муширӣ Ф. Гуноҳи дарё [матн] / Ф. Муширӣ: - Теҳрон: Нил, Мурдоди 1335. - С.98.
7. Нодирпур Н. Гуноҳ фаҳми Шумо [матн] / Н. Нодирпур // Маҷаллаи “Интиқоди китоб”. - Теҳрон, 1335. - №6.
8. Обидӣ, Комёр. Дар зулоли шеър, Зиндагӣ ва шеъри Амир Ҳушангӣ Ибтиҳоз [матн] / Комёр Обидӣ. - Теҳрон, 1377. - С.376.
9. Оятӣ, Абдулҳамид. Гуноҳи шоир. Нақд бар “Гуноҳи дарё. Аз Фаридун Муширӣ [Матн] / Абдулҳамид Оятӣ. – Теҳрон: “Интиқоди китоб”, 1335, - № 9.
10. Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х.Отахонова. - Душанбе, 1972.
11. Ошно. Пайванд. - Теҳрон, 1388.
12. Пурномдориён Тақӣ. Хонаам абрист [Матн] / Тақӣ Пурномдориён. - Теҳрон, 1377.
13. Солис Ахавон. Нақди “Гуноҳи дарё” [Матн] / Ахавони Солис // Маҷаллаи “Дар роҳи ҳунар”. – 1334. - №2.
14. Ҳуқуқӣ М. Шеъри нав аз оғоз то имрӯз [Матн] / М. Ҳуқуқӣ. - Теҳрон, 1377. - С.603.
15. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. [матн] / А.Ҳакимов. - Душанбе: Ирфон, 1982.

ФАРИДУН МУШИРӢ ВА НАҚДИ АДАБӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи мақолаҳои танқидие бахшида шудааст, ки ба маҷмӯаҳои шеъри шоири машҳури муосири Эрон Ф. Муширӣ ихтисос доранд. «Ташнаи тӯфон» аввалин маҷмӯаи шоир аст, ки соли 1955 ба табъ расида, фарогири муқаддимаҳои шоири номӣ М. Шаҳриёр ва адабиётшиноси саршинос Алии Даштӣ мебошад. Маҳз ҳамин муқаддимаҳо муҷиби баҳсҳои пуршӯри адабӣ дар атрофи «шеъри нав» ва шахсияти эҷодии шоири ҷавон Ф. Муширӣ гашта буд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар он рӯзҳо М. Шаҳриёр ва Алии Даштӣ шахсиятҳои шинохташуда буданд ва муқаддимаи онҳо бар китоби шоири камшинохташуда аҳаммияти босазое дошт. Таваҷҷуҳи ин чеҳраҳои барҷаста, ки худ аз ҷонибдорони сабки суннатӣ буданд, аксари шоирону ноқидонро дар тааҷҷубу шигифтӣ андохта буд. Дар бархе аз нақдҳо зикр шуда буд, ки ҷойгузин сохтани чунин муқаддимаҳое дар маҷмӯаҳои шоирони ҷавон нобаҷо аст, вале таҳлили андешаҳои муаллифони муқаддимаҳо нишон медиҳад, ки ҳадафи онҳо шарҳу тавзеҳи вижагиҳои шеъри нави форсӣ будааст. Масалан, ба ақидаи А. Даштӣ бо зуҳури Нимо Юшиҷ дар таърихи адабиёти Эрон фасли тозае оғоз гардид. Нимо мактаби наверо бунёд гузошт, аммо сабки ӯро кӯркӯрона, бе донистани мероси пурғановати гузашта дунбол кардан имконнопазир аст. Нашри маҷмӯаи дуюми шоир «Гуноҳи дарё» низ боиси баҳсҳои гарми адабӣ гардид. Пас аз чопи маҷмӯа дар маҷаллаи «Интиқоди китоб» нақди адабиётшинос А. Оятӣ бо номи «Гуноҳи шоир» мунташир шуд. Мавсуф дар мақолаи хеш Ф. Мушириро ба адиби рӯҳафтода, ғампарасту маргандеш муттаҳам карда буд. Бо шумори ин ки мақола дар маҷмӯъ ба адабиёти муосир дахл дошт, бисёре аз шоирон мисли Нодири Нодирпур, М.Солис ва дигарон ба он посух гуфта ва ағлаби дидгоҳҳои мунаққидро мардуд сохтанд.

Калидвожаҳо: шеър, шоир, баҳс, маҷмӯа, адабиёт, давраи нав, нақд, маҷалла, дидгоҳ, мерос, эҷодиёт.

ФАРИДУН МУШИРИ И ЛИТЕРАТУРНАЯ КРИТИКА

Статья посвящена исследованию критических статьей, посвященных поэтическому сборнику известного современного иранского поэта Ф. Мушири. «Жажда бури»- первый сборник поэта, который вышел в свет в 1955 году с содержательным предисловием знаменитого поэта М.Шахрияра и видного литературоведа Али Дашти. Именно эти предисловия стали причиной обширного литературного дискурса вокруг «новой поэзии» и творческой личности молодого поэта Ф.Мушири. Следует отметить, что в то время М.Шахрияр и Али Дашти являлись яркими личностями и их предисловия для книги малоизвестного поэта имели особое значение. Обращение подобных крупных фигур, которые были сторонниками традиционного стиля, у многих поэтов и критиков вызвало удивление и недоумение. В некоторых заметках было отмечено, что для сборника начинающего поэта писать предисловие неуместно. Но анализ воззрений авторов предисловий показывает, что они хотели охарактеризовать особенности новой персидской поэзии. По мнению Али Дашти, с приходом Нимо Юшиджа в персидской литературе началась новая эра. Нимо основал свою школу, но следовать его манере вслепую, без знания богатого творческого наследия поэтов - классиков, невозможно. Издание второго сборника поэта - «Вина море» также вызвало бурную дискуссию. После издания сборника в литературном журнале «Интикоди китоб» (Критика книг) была напечатана критическая статья литературоведа А.Ояти под названием «Вина поэта». Автор в статье обвинил Ф.Мушири в пессимизме и бездарности. Поскольку статья касалась современной поэзии, многие поэты, такие как Н. Нодирпур, М. Солис, вступили в дискуссию и игнорировали воззрения А.Ояти. Позиция у критиков была разная, но все отметили способности и поэтический талант Ф.Мушири.

Ключевые слова: поэзия, поэт, дискуссия, сборник, литературы, новая эра, критика, журнал, воззрения, наследие, творчество.

FARIDUN MUSHIRI AND LITERARY CRITICISM

This article is devoted to the study of critical articles on the poetry collection of the famous modern Iranian poet F. Mushiri. “Tashani tufon”(thirst for a storm) is the first collection of the poet, which was published in 1955 with a meaningful preface by the famous poet M. Shahriyar and prominent literary critic Ali Dashti. It was these prefaces that caused an extensive literary discourse around the “New poetry” and the creative personality of the young poet F. Mushiri. It is worth to mention that at that time M. Shahriyar and Ali Dashti were outstanding personalities and their prefaces for little-known poet were a particular importance. The appeal of such prominent figures, who were supporters of the traditional style, caused surprise and bewilderment among many poets and critics. In some critic notes, it was mentioned that it is inappropriate to write a preface for a collection of an aspiring poet. But an analysis of the views of the authors of the prefaces shows that they wanted to characterize the features of the new Persian poetry. According to Ali Dashti, with the arrivel of Nimo Yushij, a new era began in Persian literature. Nimo founded his school, but it is impossible to follow his style blindly, without knowing the rich creative heritage of the classical poets. Publishing second collection of the poet- “Gunohi daryo” (the blame of the River) also caused a stormy discussion. After the publication of the collection in the literary magazine “Intikodi kitob” (Critique of books), a critical article by the literary critic A. Oyati entitled “The poet’s blame” was published. The author in the article accused F. Mushiri of pessimism and mediocrity. So far as the article dealt with modern poetry, many poets like N. Nodirpur and M. Solis entered the discussion and ignored the views of A. Oyati. The critics had different positions, but everyone noted the ability and poetic talent of F. Mushiri.

Key words: poetry, poet, discussion, collection, literature, new era, critique, magazine, view, heritage, creation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидов Одинаҳмад Сайдамирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Odinahmad-94@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-96-10-26**

Сведение об авторе: ***Саидов Одинахмад Сайдамирович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иранской филологии факультета восточных и европейских языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Odinahmad-94@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-96-10-26**

Information about the author: ***Saidov Odinakhmad Saidamirovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Iranian Philology, of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. E-mail: **Odinahmad-94@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-96-10-26**

УДК: 891.550

САЪДӢ ВА ИНТИХОБИ АВЗОН ДАР ҒАЗАЛ

Абдулманнонзода Муҳаммадсиддиқ
Донишгоҳи давлатии Данғара

Арасту шеърро ба мусиқӣ шабоҳат кардааст [11, с.73], ки комилан дуруст аст, зеро танҳо шеър аст, ки ба ҷиҳати якнавохтиву ҳамоҳангӣ ва танини махсуси худ ба мусиқӣ иртиботи мантиқӣ дорад. Ғазалиёти Саъдӣ ҳам дар ин маврид беҳтарин намунаи шабоҳати шеър бо мусиқӣ аст, зеро ҷанбаи хушоҳангии савту лафз ва равонии калом дар он ба таври махсус эҳсос мешавад.

Равониву хушоҳангии калом яке аз назаррастарин вижагиҳои поэтикии ғазалиёти Саъдӣ ба ҳисоб меравад. Агарчи дар эҷоди равонии шеъри Саъдӣ то ҷое содагии тарзи баён ҳам нақш дорад, вале дар ин маврид воситаи асосии равонӣ вазнҳои махсуси интихобнамудаи шоир мебошанд, ки дар матни ғазалҳои вай, пеш аз ҳама, мусиқиву тараннуми махсуси овозиро таъмин менамоянд, на содагии тарзи баёнро. Равонӣ дар шеър ба мусиқӣ майл намудани он мебошад, аз ин ҷиҳат ин мавзӯъ бештар бар вазни арӯз алоқамандӣ дорад, то бар содагӯйӣ ё саҳли мумтанеъ.

Муҳаққиқи эронӣ Зиё Муваҳҳид вижагии мусиқойии ғазалиёти Саъдӣ ва Ҳофизро дар интихоби авзони гӯшнавоз, парҳез аз сактаҳои вазнӣ, парҳез аз шакли мухаффаф ва шикастаи калимаҳо, корбурди вожаҳое, ки такрори сомитҳо ва мусавватҳои онҳо бофте хушоҳанг эҷоди кунад, парҳез аз калимаҳои маҷҳулу номаънус, парҳез аз радифҳову қофияҳои душвор, парҳез аз таъбирҳои печида ва тасвирҳои номутаносиб қайд намудааст [5, с.33]. Бояд зикр намуд, ки агарчи нишондоди муҳаққиқи мазкур дар мавриди ғазалиёти Саъдӣ бамавриданд, аммо баъзе аз онҳо тааммулталабанд. Бахусус дар мавриди парҳез аз шакли мухаффаф ё мухтасари вожаҳо ва корбурди вожаҳои номаънусу маҷҳул дар ғазалҳои Саъдӣ, суханони муҳаққиқи мазкур чандон мувофиқат наменамоянд.

Мо чунин мешуморем, ки аз асоситарин омилҳои хушоҳангии ғазалиёти Саъдӣ – ин интихоби авзони дилнишину гӯшнавоз мебошад. Радифу қофия, вожаҳои равону бесакта, таобиру тасвирҳои хубу малеҳ ва монанди инҳо, агарчи дар равонии матни ғазалҳои шоир бетаъсир нахоҳанд буд, аммо, ба андешаи мо, омили муҳимми танинангезӣ, хушнавоӣ ва гӯшнавозии ғазалиёти шоир – ин вазнҳои хушоҳангтарини шеъри форсӣ маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, Саъдӣ дар эҷоди ғазалҳои худ аз бисёр вазнҳои маъмулу роиҷи назми форсӣ истифода намудааст. Аз муосирони Саъдӣ шоирони дигари ғазалсаро низ, монанди Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ дар эҷоди ғазал бар ҷанбаи мусиқоиву равонии он аҳаммияти хосса медоданд [1, с.66]. Аммо, бояд қайд кард, ки дар мавзӯи равонӣ ва ҷанбаи мусиқӣ мақоми Саъдӣ хосса аст, чун ба иттифоқи ҷамеи соҳибони тазкираҳо ва муҳаққиқон, Саъдӣ дар фанни ғазал устоди дараҷаи аввал эътироф гардидааст ва яке аз омилҳои асосии шуҳрати вай дар ғазалсароӣ ҳамин равониву мусиқоии каломи ӯст.

Роиҷтарин баҳрҳое, ки шоир дар жанри мазкур бештар аз онҳо истифода кардааст, аз баҳрҳои аслӣ ҳазаҷ, раҷаз, рамал, мутақориб ва аз баҳрҳои фаръӣ музореъ, сареъ, мунсареҳ, муҷтас (с) ва хафиф ба ҳисоб мераванд. Баҳрҳои мазкур аз мусиқидортарин баҳрҳо дар шеъри форсӣ ба шумор рафта, яке аз асоситарин омилҳои малҳун шудани каломи мавзун эътироф гаштаанд. Ба василаи баҳрҳои мазкур ҷанбаи мусиқоӣ ва танинангезии ғазалиёти Саъдӣ таъмин гардида, каломи вай лаҳни ба худ хоссе пайдо менамояд.

Маълум аст, ки миёни авзони арӯз баҳрҳо аз нигоҳи равониву дилнишинӣ мутафовит буда, яке бар дигаре дар мусиқибахшии калом бартарӣ ё фарқ доранд. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти Саъдӣ бештар дар мавриди ғазалҳои вай аёнтару маълумтар инъикос мешавад, зеро дар нигоҳ бар матни ғазалҳои шоир намунаҳои зиёдеро метавон ташхис дод, ки ҷанбаи мусиқоии онҳо қиёсан бештар мебошанд ва нисбат бар дигар ғазалҳои ӯ фарқи назаррас доранд. Дар таҳлили оморие, ки мо дар атрофи зиёда аз 600 ғазали Саъдӣ ба анҷом расонидем, маълум гардид, ки дар маҷмӯаи ғазалиёти шоир мавқеи шаклҳои ғайрисолими баҳрҳои аслӣ ва баҳрҳои фаръӣ назаррастар мебошад. Дар ғазалиёти Саъдӣ дар нигоҳ бар басомади корбурди баҳрҳо ҷойи якумро баҳри рамал – 193 ғазал, ҷойи дуюмро баҳри ҳазаҷ – 123 ғазал, сеюмро муҷтасс – 110 ғазал, чаҳорумро баҳри музореъ – 90 ғазал, панҷумро раҷаз – 31 ғазал, шашумро хафиф – 32 ғазал, ҳафтумро мунсареҳ – 24

ғазал, ҳаштумро сареъ – 9 ғазал ва нуҳумро баҳри мутақориб ишғол менамояд, ки дар ин баҳр дар девони шоир 5 ғазал мавҷуд аст. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки дар нигоҳи амиқ бар баҳрҳову анвои онҳо, мавқеи баҳрҳои музоҳиф, яъне дорои зиҳофот дар ғазалиёти шоир болотар мебошад. Чунончи, дар нақшаи зер басомади корбурди зиҳофоту мутафарриоти авзони ғазалиёти Саъдӣ ба ин тариқ аст:

Мавқеъ	**Номи баҳр ва зиҳофоти марбути он**	**Теъдоди ғазал**
1	Муҷтасси мусаммани махбуни аслам	52 ғазал
2	Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур	42 ғазал
3	Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф	31 ғазал
4	Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ	28 ғазал
5	Рамали мусаммани махбуни маҳзуф	26 ғазал
6	Рамали мусаммани мақсур	22 ғазал
7	Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур	21 ғазал
8	Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур	20 ғазал
9	Рамали мусаммани матвии махбун	19 ғазал
10	Рамали мусаммани махбуни мақсур	18 ғазал
11	Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф Рамали мусаммани машкул Музореи мусаммани ахраби арӯзу зарб - солим	17 ғазал 17 ғазал 17 ғазал
12	Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф Рамали мусаммани маҳзуф	16 ғазал 16 ғазал 16 ғазал
13	Хафифи мусаддаси махбуни аслам	15 ғазал
14	Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф	14 ғазал
15	Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ Рамали мусаддаси маҳзуф	12 ғазал 12 ғазал
16	Рамали мусаддаси мақсур	10 ғазал

Дар таҳлили оморӣ мо теъдоди то 10 ғазалро мавриди бозбинӣ қарор додаем ва шумори ғазалҳои дар нақша зикршуда иборат аз 364 адад мебошад, ки зиёда аз 50%-и ғазалиёти шоирро ташкил медиҳанд, ҳол он ки дар девони шоир зиёда аз 300 ғазали дигар мавҷуданд, ки дар баҳрҳои зиёди музоҳаф, аммо миқдоран камтар аз 10 номгӯйи ғазал суруда шудаанд.

Теъдодан зиёд будани баҳрҳои музоҳаф ё мутафарриоти мазкур аз таваҷҷуҳи махсуси шоир бар онҳо далолат менамояд. Махсусан, мутафарриоти чаҳор баҳри аввали дар нақша овардашуда, монанди: муҷтасси мусаммани махбуни аслам, муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ, музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ва музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, ки Саъдӣ 153 ғазали худро тавассути онҳо сурудааст, нишон медиҳад, ки шоир бар корбурди онҳо майли бештар дошта, авзони мазкурро аз дигар навъҳои арӯз болотар донистааст.

Шамси Қайси Розӣ ҳам мутафарриоти баҳри муҷтассро авзони дилкаш қаламдод намудааст [9, с.129]. Дар ҳақиқат, на танҳо мутафарриоти дар нақшаи боло овардашудаи баҳри муҷтасс, балки дигар музоҳафоти баҳри мазкур низ аз шумори равонтарин буҳури назми форсӣ, хоссатан жанри ғазал, ба ҳисоб мераванд. Ҳамин аст, ки шоир 110 ғазали худро бо панҷ навъи баҳри муҷтасс сурудааст, ки аз шумори равонтарину дилкаштарин ғазалҳои форсӣ маҳсуб мешаванд. Аз шумори ғазалҳое, ки дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни аслам суруда шудаанд, намунаи зерин аз як ғазали шоир ба ҳайси мисол пешниҳод мегардад, ки садру ибтидои он зиҳофи махбун, рукни аввали ҳашвайн махбун – аз рукни фоъилотун, рукни дувуми ҳашвайн махбун – аз рукни мустафъилун ва арӯзу зарб аслам (мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъул) мебошад:

Кӣ баргузашт, ки бӯи абир меояд?
Кӣ меравад, ки чунин дилпазир меояд? [14, с.300].
v-v- / vv-- / v-v- / --

Баҳри музореъ низ аз авзони қобили таваҷҷуҳ дар девони Саъдӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи тоҷик Р. Тағоймуродов қайд менамояд, ки баҳри музореъ “аз маъмултарин баҳрҳои фаръии арӯз аст, ки ҳам дар шеъри форсии тоҷикӣ ва ҳам дар шеъри арабӣ мавриди истеъмол қарор мегирад” [12, с.131]. Ҷойи зикр аст, ки навад ғазале, ки Саъдӣ дар баҳри музореъ сурудааст, танҳо марбут бар се шуъбаи ҳаштрукнаи баҳри мазкур

мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки анвои ҳаштрукна аз шуъбаҳои серистеъмол ва равонтарини баҳри музореъ ба ҳисоб мераванд. Яке аз ин мутафарриоти ҳаштрукнаи серистеъмоли баҳри музореъ дар ғазалиёти Саъдӣ мусаммани ахраби макфуфи мақсур (мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон) ба ҳисоб меравад, ки намунаҳои он дар эҷодиёти шоир нисбат ба ду шуъбаи дигари баҳри мазкур аз нигоҳи теъдод 42 адад бештар мебошанд. Абёти дар ин вазн сурудашуда дар садру ибтидо ахраб: мафъӯлу – аз рукни мафоъӣлун, дар рукни нахусти ҳашвайн макфуф: фоъилоту – аз рукни фоъилотун, дар рукни дувуми ҳашвайн макфуф: мафоъӣлу – аз рукни мафоъӣлун ва дар арӯзу зарб мақсур: фоъилон – аз рукни фоъилотун мебошанд. Намунае аз ин шуъба:

Инон магар зи раҳмати маҳз офаридаанд,
К-ороми ҷону унси дилу нури дидаанд [15, с.106].
--v / -v-v / v--v / -v~

Дувумин шуъбаи серистеъмоли баҳри музореъ дар девони шоир – ин ахраби макфуфи маҳзуф ба ҳисоб меравад, ки Саъдӣ 31 ғазали худро бо ин вазн сурудааст. Шуъбаи мазкур танҳо бо ҳиҷои дуюми рукни охири худ аз шуъбаи болоӣ фарқ мекунад, дар он *фоъилон* бар *фоъилун* иваз мешавад (мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун). Аз ҷумла:

Он рӯй бин, ки ҳусн бипӯшид моҳро
В-он доми зулфу донаи холи сиёҳро [14, с.175].
--v / -v-v / v--v / -v-

Баҳри рамал низ аз буҳури бисёр равону дилкаш ба ҳисоб рафта, дар девони Саъдӣ ғазалҳои бо баҳри рамал дар қиёс бо кулли дигар баҳрҳо бештар ба назар мерасанд (193 адад). Аммо бояд қайд кард, ки Саъдӣ дар баҳри солими рамал ва мутафарриоту шуъбаҳои алоҳидаи он қиёсан бо баҳрҳои алоҳидаи муҷтассу музореъ ғазалҳои камтар сурудааст. Ба андешаи мо, сабаби ин камтаваҷҷуҳии шоир ба баҳри рамалу мутафарриоти он, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҷанбаи мусиқоии он дар қиёс бо баҳрҳои муҷтассу музореъ камтар аст.

Бо баҳри солими рамал дар девони Саъдӣ ҳамагӣ 5 ғазал дарёфт гардид. Агарчи шаклҳои мусаддасу мураббаи ин баҳр дар назми форсӣ мавҷуданд, дар ғазалиёти Саъдӣ танҳо шакли мусаммани он истифода гардидааст. Ғазалҳои бо баҳри солими рамали мусамман (фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун) сурудаи Саъдӣ аз ҷумлаи равонтарин ғазалҳои вай маҳсуб мешаванд. Аз ғояти равонӣ ашъори Саъдӣ дар ин вазн, баъзан, наздик ба наср мешавад ва хонанда фикр мекунад, ки он каломи мансур аст, на назм. Аз ҷумла:

Ҳар кӣ чизе дӯст дорад, ҷону дил бар вай гуморад,
Ҳар кӣ меҳробаш ту бошӣ, сар зи хилват барнаёрад [14, с.246].
-v-- / -v-- / -v-- / -v--

Аммо Саъдӣ бо мутафарриоти баҳри мазкур дар маҷмӯъ 188 ғазал эҷод намудааст, ки ин аз таваҷҷуҳи зиёди Саъдӣ ба шуъбаҳои ғайрисолими баҳри рамал далолат менамояд.

Саъдӣ бо вазни рамал бештар ашъори ҳаштрукна (мусамман) сурудааст, ки теъдоди онҳо умуман 162 ададро дар бар мегирад, ҳол он ки ғазалиёти дар мутафарриоти шашгона (мусаддас)-и ин баҳр сурудааш иборат аз 12 адад мебошанд.

Шуъба ё навъи фаръии аз ҳама серистеъмоли баҳри рамал дар девони Саъдӣ – ин рамали мусаммани махбуни аслам (фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълун) маҳсуб мешавад, ки дар ин вазн шоир 34 ғазалро эҷод намудааст. Вазни мазкур аз чаҳор рукн дар ҳар мисраъ ё ҳашт рукн дар як байт буда, садру ибтидои он солим - фоъилотун, ҳашвайн махбун - фаъилотун ва арӯзу зарб аслам - фаълун мебошад. Намуна:

Он на ишқ аст, ки аз дил ба даҳон меояд
В-он на ошиқ, ки зи маъшуқа ба ҷон меояд [14, с.120].
-v-- / vv-- / vv-- / --

Навъи дувуми фаръии серистеъмоли баҳри рамал дар девони Саъдӣ мусаммани махбуни арӯзу зарб – махбуни маҳзуф (фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилун) мебошад, ки тавассути он шоир 26 ғазал сурудааст. Ин навъ аз анвои қаблӣ бо рукни охири худ, ки дар арӯзу зарб махбуни маҳзуф – фаъилун (vv-) мебошад, фарқ менамояд:

Ҳар киро боғчае ҳаст, ба бӯстон наравад,
Ҳар кӣ маҷмуъ нишастаст, парешон наравад [14, с.289].
-v-- / vv-- / vv-- / vv-

Миёни ҳамаи баҳрҳои асливу фаръӣ баҳри ҳазаҷ ягона баҳре ба ҳисоб меравад, ки Саъдӣ ба навъи солими он (мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун /) ғазали бештар эҷод намудааст. Баҳри ҳазаҷи солим аз шумори равонтарин авзони шеъри форсӣ, аз ҷумла ғазалиёти Саъдӣ ба ҳисоб меравад. Ин баҳр дорои оҳанги махсуси ҳузнангез мебошад ва дар ошиқонаҳои Саъдӣ ҳам ҷуз аз мусиқии равон оҳанги риққатнокеро ато намудааст. Чунончи, ғазали зерин бо ин матлаъ, ки дар ҳамин вазн суруда шудааст, аз равонтарин ғазалиёти Саъдӣ шумурда мешавад:

Ду чашми масти майгунат бибурд ороми ҳушёрон,
Ду хоболуда бирбуданд ақл аз дасти бедорон [14, с.386].
v--- / v--- / v--- / v---

Таҳлили қиёсии кулли авзони марбут бар баҳри ҳазаҷ нишон дод, ки дар девони шоир баҳри солими ҳазаҷ дар мавқеи аввал қарор дорад ва навъҳои фаръии он – ҳар яке дар алоҳидагӣ баъд аз он меистанд. Чунончи, дар девони шоир бо баҳри ҳазаҷи солим (v---/v---/v---/v---) 23 ғазал, ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур (--v/v-v-/v-~) 20 ғазал, ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф (--v/v--v/v--v/v--) 17 ғазал, ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи мақсур (--v/v--v/v--v/v-~) ва ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (v---/v---/v--) 16 ғазал, ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (--v/v-v-/v--) 14, ҳазаҷи мусаддаси мақсур (v---/v---/v-~) 9 ғазал, ҳазаҷи мусаддаси мақбузи мақсур (v---/v-v-/v-~) 5 ғазал ва ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи муханнақ (--v/v-v-/v---) 3 ғазал ба чашм мерасад.

Омори мазкур нишон медиҳад, ки Саъдӣ бар анвои фаръии баҳри ҳазаҷ низ бетаваҷҷуҳ набуда, баръакс, нисбат ба онҳо майли бештар доштааст. Дар девони Саъдӣ аксари ғазалҳои дар анвои фаръии баҳри ҳазаҷ сурудашуда ба шакли шашрукна – мусаддаси он тааллуқ доранд, ки дар маҷмӯъ иборат аз 67 адад буда, бештар аз 66% ғазалиёти ин анвоъро ташкил медиҳанд. Аммо ғазалҳои ҳаштрукна – мусамман иборат аз 33 адад буда, 34%-ро дар бар мегиранд.

Миёни анвои фаръии баҳри мазкур дар мавқеи аввал баҳри шашрукна – ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур қарор дорад, ки бо теъдоди зиёдтари худ мавқеи аввалро ишғол карда, тахминан 18%-ро ташкил медиҳад. Ин навъ аз мутафарриоти бисёр равону дорои мусиқии хос буда, садру ибтидои он ахраб – мафъӯлу, ҳашви ду мисраъ мақбуз – мафоъилун ва арӯзу зарб мақсур – мафоъӣл мебошад. Чунончи:

Имрӯз чунонӣ, эй парирӯй,
К-аз моҳ ба ҳусн мебарӣ гӯй [14, с.181].
--v / v-v- / v-~

Қофия ва хусусиятҳои он дар ғазалҳои Саъдӣ

Дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ қофия ба ҳайси яке аз рукнҳои муҳимми шеър ва таъминкунандаи ҷанбаҳои гуногуни лафзӣ, адабӣ ва мусиқоии он дорои мақоми басо назаррас мебошад. Абдулҳусайни Зарринкӯб эҳсосу андешаи шоириро филиз ҳисобида, танҳо вазну қофияро омили аслии об кардани ин филиз медонад ва ба фӯлод ва “қудрату ҷилои фӯлодин” табдил бидиҳад [3, с.85]. Дар нигоҳ бар девони Саъдӣ метавон хусусиятҳои гуногуни қофияро дар матни ғазалҳои ӯ муайян намуд ва бо ин роҳ нақши онҳоро дар ба вуҷуд омадани сабки махсуси шоир ташхис дод. Муҳимтарин хусусиятҳо дар корбурди қофия, ки дар маҷмӯъ бавуҷудоваранда ё созандаи шохисаҳои сабкӣ дар ғазалиёти Саъдӣ ба шумор мераванд, инҳо чигунагии истифодаи қофия дар дарун ё миёни матни ғазал, бакоргирии имола дар қофиябандӣ ва такрори қавофӣ дар абёт ба ҳисоб мераванд.

Аз хусусиятҳои назарраси ғазалиёти Саъдии Шерозӣ – ин истифодаи қофияҳои нав ба ҳисоб меравад, ки дар мавриди худ камназиранд. Яке аз вижагиҳои қофиябандии Саъдӣ ба кор гирифтани бандаки хабарӣ дар шахси ғоиб (3-юм)-и шумораи ҷамъ бо ҳарфи равӣ - охирин ҳарфи маънодори калима ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар яке аз ғазалҳои шоир, ки бо матлаи:

Дилбаро, пеши вуҷудат ҳама хубон адаманд,
Сарварон бар дари савдои ту хоки қадаманд [15, с.110],

оғоз мешавад, бо вожаҳои охири байти мазкур вожаҳое амсоли *ғаманд, ҳараманд, санаманд, бидаманд, каманд, рақаманд, бичаманд, ҳакаманд, хадаманд, баҳаманд, аламанд, ситаманд, бираманд* ҳамқофия гардидаанд, ки ин тарзи қофиябандӣ нодир аст.

Дар мавриди дигар Саъдӣ пасванди “*–гӣ”-ро* бо вожаҳои ҳамқофия алоқаманд сохтааст. Аз ҷумла дар ғазали дигар бо матлаи:

Сахт зебо меравӣ якборагӣ,
Дар ту ҳайрон мешавад наззорагӣ [15, с.171],

ин ҳолат ба назар мерасад. Саъдӣ бо қофияҳои матлаъ вожаҳоеро амсоли: *парирухсора(-гӣ), бора(-гӣ), майхора(-гӣ), овора(-гӣ)* ва *бечора(-гӣ)* ҳамқофия намудааст. Бояд зикр намуд, ки чунин ҳолати қофиябандӣ нодир аст ва дар мавриди худ нав ба ҳисоб меравад.

Дар ғазали дигар Саъдӣ дар қисмати қофия вожаҳоро бо ихтисораи бандакҷонишини шахси 1-уми танҳо: -и*м* (-ам, -ям), ки соҳибиятро ифода мекунад, истифода намудааст. Матлаи ғазали мазкур:

Бо фароғат чанд созам, барги танҳоим нест,
Дастгоҳи сабру поёни шикебоим нест [15, с.241].

Хусусияти дигари ғазалиёти Саъдӣ бакоргирии қофияҳои дарунӣ дар матни ғазал мебошад. Агарчи дар девони шоир дар аксари намунаҳои жанри мазкур як навъ мусиқӣ ва хушоҳангии вижа эҳсос мешавад, аммо бо таваҷҷуҳи дақиқтар бар матни ашъори вай метавон ғазалҳои алоҳидаро дарёфт кард, ки дар онҳо оҳангнокӣ ва мусиқии бештар мушоҳида мешавад. Ин қабил ғазалиёт қиёсан бо дигар ҳамтоёни жанрии худ фарқи басо назаррас доранд ва ганҷинаи сурудаҳои дилнишину тараннумдор ва оҳангноки шоирро ташкил медиҳанд.

Корбурди тарсеъ ё қофияи дарунӣ дар дохили матни ғазалҳои Саъдӣ бо роҳҳои гуногун сурат гирифта, дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад. Яке аз ин роҳҳо дар бастани қофияи даруниест, ки танҳо дар мисраи аввали байти ғазал сурат мегирад, яъне мисрае, ки ба қофияи умумии абёти ғазал ягон робитае надорад. Ба вуҷуд овардани чунин ҳолат аз ҷониби Саъдӣ, бе шубҳа, танҳо бо мақсади таъмин намудани мусиқии бештар дар андаруни байт, ба вижа мисраи якум мебошад. Чунончи, дар байти зерин ҳамин ҳолат ба чашм мерасад:

Дилшудаи *пойбанд*, гардану ҷон дар *каманд*,
Заҳраи гуфтор на, к-ин чӣ сабаб в-он чарост? [15, с.49].

Чунин тарз асосан дар ашъори вазнашон мутановиб ё худ даврӣ дида мешавад, вале гоҳе дар авзони баҳрҳои ҳазаҷу рачази мусаммани солим низ мушоҳида мешавад. Чунонки аз байти боло дида мешавад, қофиябандӣ тавассути вожаҳои ишоратшуда танҳо ба мисраи якум тааллуқ дорад ва танҳо ҷанбаи мусиқоии ҳамин мисраъро меафзояд. Вале набояд фаромӯш намуд, ки миёни мисраи якум ва дуюм ҳамоҳангиии умумие низ мавҷуд аст, ки он ба василаи вазни воҳиди ғазал (-vv- / -v~ / -vv- / -v~) сурат мепазирад.

Роҳи дигари қофиябандӣ дар ғазалҳои Саъдӣ – ин дар як байт се бор сурат пазируфтани ҳамоҳангӣ ё ягонагии танини ҳуруф мебошад. Чунин тарзи қофиябандӣ ба қофияи аслии байт, ки қоидатан дар охири мисраъ (агар мисраъ радиф надошта бошад) омада, онро ҳусни анҷом мебахшад ва ё пас аз радиф оварда мешавад, алоқае надорад. Яъне қофияҳои дарунӣ ҷуз аз қофияҳои умумии матни ғазал мебошанд ва бо он ҳеҷ гуна робитаи шакливу оҳангӣ надоранд. Ба дигар маънӣ, бо бастани чунин навъи қофия шоир мусиқии иловагие бар ғазали худ бахшида, оҳангнокӣ ва ё хушсадоии онро дучанд менамояд. Масалан, дар байти зерини шоир ҳамин ҳолат мушоҳида мегардад:

Марав ҳар сӯву ҳар ҷо *гаҳ*, ки мискинон наянд *огаҳ*,
Намебинад касат *ногаҳ*, ки ӯ шайдо намебошад [15, с.100].

Бояд зикр намуд, ки агарчи вожаи “*гаҳ”* ва ду ҷузъи “*гаҳ*” дар вожаҳои “*огаҳ”* ва “*ногаҳ”* дар миқдори ҳуруф ва ҳамоҳангӣ ба радиф монандӣ доранд, аммо чун ҳар се вожа дар алоҳидагӣ маъниҳои мутафовиту ҷудогона доранд ва дар ҷинси худ дорои маънои воҳиду аз ҳам фарқкунанда мебошанд, онҳо ба қофия тааллуқ доранд, то бар радиф. Инро ҳам қайд кардан бамаврид аст, ки вожаҳои *гаҳ, огаҳ* ва *ногаҳ* ҳеҷ вақт бо ҳам радиф шуда наметавонанд, зеро яке аз талабот дар қоидаи радифбандӣ – ин такрор ё ягонагии маънӣ аст; дар сурати ғайр, яъне риоя нашудани ягонагии маъноӣ онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ бо ҳамдигар радиф шуда наметавонанд. Чунин тарзи истифода аз санъати тарсеъ, яъне ҷуз аз қофияи умумии ғазал дар ҳар байт ба таври алоҳида ба кор бурдани вожаҳои наздикталаффуз ё ҳамоҳанг дар девони Саъдӣ кам мушоҳида намешавад.

Радиф ва вижагиҳои он дар ғазалиёти Саъдӣ

Вожаи радиф дар луғатномаҳо, аз ҷумла “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, ғайр аз маънои аслияш, ки қатору саф мебошад, ҳамчунин, дар маънои истилоҳияш “калима ё ибора, ки дар охири ҳар байти шеър пас аз қофия такрор меёбад”, зикр гардидааст [13, с.115]. Симо Дод ҳам вожаи радифро наздик бо ҳамин нишондоди луғатномаи мазкур маънидод

кардааст: “Радиф дар суннати назми форсӣ як ё чанд калимаи мустақил ва ҳатто ҷумла ҷудо аз қофия аст, ки якҷо бо қофия айнан такрор шавад ва шеър дар маъниву вазн бад-он эҳтиёҷ дошта бошад” [2, с.235]. Шафеии Кадканӣ дар “Мусиқии шеър” радифро “яке аз неъматҳои шеъри форсӣ” ҳисобида, онро аслан моли шоирони порсигӯ ё шеъри форсӣ медонад ва чунин ақида дорад, ки шоирони араб ва турк дар назм радифро аз шуарои форсӣ ба орият пазируфтаанд. Мавсуф дар ин хусус чунин зикр менамояд: “Аз баррасии шеърҳои форсӣ ва арабӣ ва туркӣ ба хубӣ дониста мешавад, ки радиф хосси эрониён ва ихтирои эшон аст, зеро то он ҷо ки медонем, дар ин се забон радиф вуҷуд дорад, аммо дар ҳеҷ кадом ба аҳаммият ва собиқаи форсӣ нест” [4, с.124-138].

Бояд қайд намуд, ки дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ радиф аз ҷойгоҳи хосса бархурдор аст ва бо суратҳои гуногун ва рангину дилнишини худ каломи ошиқонаи ӯро ҳусну таровати бештар мебахшад. Агарчи дар маҷмӯаҳои ғазалиёти Саъдӣ намунаҳои зиёди берадиф ё бо қофияи танҳоро низ метавон вохӯрд, аммо зикр кардан бамаврид аст, ки қисмати аъзами ғазалҳои шоир бо радиф ва анвои он эҷод шудаанд ва дар қиёс бо намунаҳои берадиф басо зеботару мусиқидортар мебошанд.

Назаров, Маҳини Даврон, Илҳом Назриев, Санҷар Ҳошимӣ, Мирзои Салимпур, Нурмуҳаммади Холзода, Абдуфаттоҳ Шафиев, Барнои Қодирдухт, Сайф Сафар, Мардони Муҳаммад, Фарзони Муҳаммадӣ, Хуршеди Ҳамдам.

Дар ин рӯйихат номи Маҳастии Дӯстмурод, ки барои радио мавод менавишт ва ҳамчун наворбардор аз моҳи сентябри соли 2017 то моҳи августи соли 2018 фаъолият мекард, нест. Зеро ӯ бо хоҳиши худ фаъолияти рӯзноманигориашро дар дафтари душанбегии РО қатъ кард.

Фарзон Муҳаммадӣ (Машарипов) 8 сентябри соли 2017, баъди дувуним соли кор ба нишони эътироз тарки Радиои "Озодӣ" кард. Ӯ дар номае ба раҳбарияти Радиои "Озодӣ" мудири бахши тоҷикӣ Соҷидаи Мирзоро ба зӯргӯй, қонуншиканӣ ва маҳалгароӣ айбдор кард ва аз ҷумла навишт, бо вуҷуди пирӯзӣ дар озмун барои кор дар Прага Соҷидаи Мирзо ӯро бо роҳҳои сунъӣ аз имкони кор дар дафтари марказии радио маҳрум кард ва ба ҷояш як нафари дигарро дар Прага ба кор гирифт [29].

Сайф Сафар, яке аз хабарнигорони ҷавон ва ояндадори тоҷик баъди ҳамагӣ ним соли ҳамкорӣ бо Радиои "Озодӣ" истеъфо додааст, менависад Мирзои Салимпур. «Манобеи сомонаи "Ахбор" гуфтанд, ки Сайф Сафар ба далели фишоре, ки дар ҷои кор рӯбарӯ шуда буд, ба маризӣ печид ва бояд табобат мегирифт, вале мудири бахши тоҷикии Радиои "Озодӣ" Соҷида Ҷахфарова (Соҷидаи Мирзо) розӣ нашудааст» [3].

Собиқ хабарнигори Радиои «Озодӣ» Мирзои Салимпур моҳи августи соли 2016 бо мусоидати Соҷидаи Мирзо ва Аббоси Ҷаводӣ аз кор рафт. Ӯ дар як матлабаш мегӯяд, ки «ватандӯстӣ бо ғараз намешавад. Соҷидаи Мирзо барои ҳар думликониаш аз ҳукумат чизе тамаъ дорад» [39].

Ба қавли Фарзон Муҳаммадӣ дар давраи роҳбарии Соҷидаи Мирзо ҳар рӯз дастикам 10 соат ва он тараф то 14 ва ҳатто 16 соат кор кардани коргарон дар Радиои "Озодӣ" як амри маъмулӣ шудааст. Коргарони дафтари марказии ин радио дар Прага соати 7-и субҳ ба кор омада, маҷбуранд то соати 20 ва ҳатто 21 кор кунанд, ки дар як рӯз 13-14 соатро ташкил медиҳад. Вале Соҷидаи Мирзо барои он ки ба коргарон ҳаққи иловагӣ пардохт накунад, рӯзи корӣ онҳоро дар санадҳо ҳамагӣ 8 соат нишон медиҳад.

Мирзои Салимпур мегӯяд, ки аҳволи хабарнигорони ин радио дар Тоҷикистон боз ҳам бадтар аст. «Дар дасти сомонаи "Ахбор" санадҳое ҳаст, ки гоҳо то соати ду ва ҳатто сеи шаб кор кардани хабарнигорони Радиои "Озодӣ" дар Душанберо собит мекунад. Вале дар санадҳо, ин кори амалан "нон-стоп"-и ин коргарони бечораи тоҷик, ки ба як шароити ғуломӣ шабоҳат дорад, ҳамагӣ 8 соат нишон дода мешавад» [29].

Чунин тарзи корфармоии хабарнигорон дар фаъолияти бахши тоҷикии Радиои «Озодӣ» нав набуда, аз собиқ мудирони шуъбаи тоҷикӣ Аббоси Ҷаводӣ ва Қудрат Шаҳидӣ ба мерос гузаштааст. Масалан, дар давраи мудири бахши тоҷикии Радиои "Озодӣ" будани Қудрат Шаҳидӣ дар соли 2008-ум мухбирони дафтари Душанбе Холиқи Сангин ва Сайёфи Мизроб низ аз кор озод карда шуда буданд. Аз ҷумла, 9 июли соли 2008 журналисти тоҷик Сайёфи Мизроб (Достиев) баъди 11 соли фаъолият дар дафтари душанбегии Радиои «Озодӣ» бинобар поймол шудани ҳуқуқи кориаш аз вазифа истеъфо дод [24].

Бояд гуфт, ки Фарзон Муҳаммадӣ соли 2020, баъди тағйирот дар роҳбарияти бахши тоҷикӣ боз ба РО баргашт ва ҳоло ҳамчун хабарнигор дар вилояти Суғд фаъолият дорад.

Охири моҳи марти соли 2018 баъди 8 соли мудири дафтари Душанбе буданаш Хуршеди Ҳамдам (Андамов) аз вазифааш сабукдӯш гардида, ба ҷояш Нисо Расулова таъйин гардид. Ба қавли Мирзои Салимпур Нисо дар поёни соли 2017 барои кор дар бахши шабакаҳои иҷтимоӣ дар дафтари Радиои "Озодӣ" дар Душанбе истихдом шуд ва ҳамагӣ баъди 5 моҳи кор ба мақоми мудири дафтари ин радио расид [27]. Ӯ дар ин вазифа зиёд кор накард. Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон ба ӯ аккредитатсияи кор надод ва сипас худи маъмурияти РАО шартномаи корашро тамдид накард. Баъди ӯ Мирзонабии Холиқзод, ки пеш аз Хуршед Андамов мудири дафтари Душанбе буд, тақрибан 2 моҳ иҷрокунандаи мудири дафтар буд. Аввали соли 2019, вақте ки М. Холиқзод ба дафтари марказии РАО\РО ба Прага даъват шуд, Зарангези Наврӯзшоҳ иҷрокунандаи вазифаи мудири дафтари бахши тоҷикӣ дар Душанбе таъйин гардид. Баъди тақрибан 5 моҳ аккредитатсияи фаъолияти ӯ аз ҷониби Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон тамдид нагардид ва корманди техникии офиси мазкур Муҳаммадвафо Раҳматов иҷрокунандаи вазифаи мудири дафтари РАО/РО дар Душанбе таъйин карда шуд.

Дар давраи мудири шуъбаи тоҷикӣ будани Соҷидаи Мирзо ва директори минтақавии умури Осиёи Марказии Радиои “Аврупои озод”/Радиои “Озодӣ” будани Аббос Ҷаводӣ (озартабори Эрон) кормандонаш то андозае усулҳои асосии фаъолияти журналистиро фаромӯш карда буданд. Хабарнигории CA-news (KZ) аз қавли собиқ муҳаррири Радиои “Азаттык» Асем Токаева дар фейсбук, менависад, ки Аббоси Ҷаводӣ аксаран сиёсати редаксияи қазоқиро бар зиёни стандартҳои ҳақиқатнигории журналистӣ ва қоидаҳои худи ширкати радио вайрон мекард. А. Ҷаводӣ ба муҳаррирони редаксияи қазоқӣ супоришҳое медод, ки зидди воқеъбинона ва бе сонсур пахш кардани иттилоъ буданд. Журналистоне, ки бар зидди чунин тарзи фаъолият эътироз мекарданд, бо баҳонаи “азнавташкилкунӣ”аз кор ронда мешуданд [5].

Мавзӯи мазкурро 25 апрели соли 2019 хабарнигори рӯзномаи «The Wall Street Journal» Ҷесика Донатӣ низ дар як мақолааш бо номи «Расонаи америкоӣ ба далели тарғиботи ҳокими худкома таҳти тафтиш қарор гирифтааст» (US Broadcaster Under Scrutiny for Disseminating Autocratic Propaganda) матраҳ кардааст [42]. Дар мақола гуфта мешавад, ки мақомоти федеролии Амрико фаъолияти яке аз бахшҳои хабарии Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ»-ро, ки аз ҷониби Ҳукумати Амрико бо мақсади густариши арзишҳои демократӣ дар хориҷ ташкил шудааст, тафтиш мекунанд. Ин тафтиш дар вокуниш ба шикоятҳоест, ки мегӯянд, бахши тоҷикии ин радио, ба гуфтаи намояндагони ҷомеа, кормандони худи нашрия ва ёддошти дохилии Департаменти давлатӣ, ба таблиғот ба фоидаи режимҳои худкомаи Осиёи Марказӣ машғул шудааст [42].

Мақомоти радио дар як изҳорот, ки поёни моҳи марти соли 2019 дар пайи муроҷиати «The Wall Street Journal» ба ин радио дар Интернет нашр шуд, шикоятҳоро эътироф карданд. Дар изҳорот ҳамчунин гуфта мешавад, ки фаъолияти бахши тоҷикӣ "ҷавобгӯи меъёрҳои Радиои «Аврупои озод» /Радиои «Озодӣ» набуд” [42].

Дар пайи шикоятҳо ва тафтишот мудири барномаҳои Осиёи Марказӣ Аббос Ҷаводӣ ва мудири бахши тоҷикии Радиои “Аврупои озод”/ Радиои “Озодӣ” Соҷида Ҷахфарова аз вазифаашон сабукдӯш гардиданд.

Донишманди тоҷик Ҳафиз Бобоёров, ки дар Олмон машғули таҳқиқоти илмист, бахши тоҷикии Радиои “Озодӣ”-ро айбдор кард. Ӯ гуфт, ки Радиои "Озодӣ” ним соат суҳбати ӯро дар бораи фошкориҳои "Диссернет” сабт карда, ба ҷойи нашр дар сомонаашон дар ихтиёри асардуздон ва ҳомиёни онҳо гузоштааст [31].

Қобили зикр аст, ки сиёсати кадрӣ дар Радиои “Озодӣ” мувофиқ ба сиёсати пахши барномаҳо ва писанд будан ба роҳбарият сурат мегирад. Олег Туманов, собиқ корманди Радиои «Озодӣ» мегӯяд, аз чор се ҳиссаи штати умумии кормандонро муҳоҷирон аз кишварҳое, ки дар он барномаҳои радио пахш мешаванд, ташкил медиҳанд. Вале дар маъмурият ягон нафар муҳоҷир кор намекунад. Онҳоро аз дараҷаи муайян боло баромадан наметонанд [8].

Принсипи мазкури таъини кадрҳо ҳоло ҳам истифода мешавад ва кам дар кам муҳоҷирон аз собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба дараҷаи сармуҳаррир ё мудири бахшҳои пажӯҳишии радио таъйин мешаванд.

Ба гуфти собиқадорон муносибати кормандони радио ба ҳам чандон самимӣ нест. Хабаркашию дасисабозии кормандон қариб дар ҳамаи редаксияҳои радио ба назар мерасад.

Юлиан Панич, собиқадори Радиои «Озодӣ» мегӯяд: «Нохуширо асосан аз худиҳо, аз русҳо интизор мешавӣ. Вақте буд, ки як тӯдаи одамони беистеъдод роҳбарӣ мекарданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки усулҳои корбарии шӯравиро истифода бурда, кормандони ба худашон номақбулро дар назди америкоиҳо сиёҳ намоянд» [17].

Воқеан, ёдам ҳаст, ки дар давраи роҳбари бахши тоҷикии радио будани Аббоси Ҷаводӣ тоҷикон соли 1995, вақти нав ба кор шурӯъ карданашон дӯсту иттифоқ буданд, вале баъди ҳамагӣ ду-се сол ба ҳам бегона шуданд.

Дар бораи хабаркашию дасисабозии кормандони радио Валерий Коновалов низ ёдовар шуда, мегӯяд: «дасисабозӣ чунон авҷ гирифта буд, ки ҳатто дар бахши русии Радиои «Озодӣ» як гурӯҳи яҳудиён гурӯҳи дигари яҳудиёнро бо антисемитизм (яке аз шаклҳои хусумати миллӣ ва динӣ нисбат ба яҳудиён) муттаҳам мекарданд» [6].

Аз болои ҳамкорон ба роҳбарият хабаркашӣ карда, ба онҳо наздик шудан ва гурӯҳбозию маҳалбозиҳо дар таърихи радио ба ҳукми анъана даромада, ҳамаи ин дасисабозиҳо барои манфиатбардорию мустаҳкам кардани мавқеи шахсӣ равона шудаанд.

Олег Туманов, собиқадори Радиои «Озодӣ» мегӯяд: «Ин ашхос дар бонкҳо суратҳисоби вижа доранд, ки ба он ҷо барои аз болои ҳамкорон хабаркашӣ карданашон хадамоти амниятӣ маблағ мегузаронад. Бинобар ин барои муҳити кории «Озодӣ» нобоварӣ ба ҳамдигар ва шубҳаю ҷанҷол характернок аст» [34].

Чунин амали номатлубу нангин ҳоло ҳам дар Радиои «Озодӣ» идома дорад. Аля Пустова, хабарнигори сомонаи politonline.ru 15 марти соли 2015 аз қавли Ксения Ларина, ки шавҳарашро ба вазифаи мудири бахши русии Радиои «Озодӣ» даъват карданд, вале ҳамагӣ баъди ним сол аз кор ронданд, дар бораи ахлоқ ва муносибати кормандони ин радиои бонуфуз мегӯяд:

«…муборизони озодӣ шабонарӯзӣ аз болои ҳамкоронашон суханчинӣ мекунанд ва туҳмату бухтон менависанд ва бо ин кӯшиш мекунанд, ки ба хӯҷаинонашон мақбул бошанд» [1].

Моҳи декабри соли 2014 собиқ сармуҳаррири барномаи хабарии Радиои «Озодӣ» барои Осиёи Марказӣ Александр Орлов дар мусоҳибааш ба Телевизиони RT дар бораи сиёсати редаксионӣ дар РАО/РО гуфт, ки проблема бо роҳбарияти радио ҳангоми пахши хабарҳо дар бораи Сурия дар соли 2014 оғоз гардид. Мавзӯи мазкур таҳти сонсури шадид қарор дошт. Маро барои шаҳри Ракка аз кор озод карданд, гуфт ӯ.

Мо бояд пайваста дар бораи Сурия, ки барои Осиёи Миёна мавзӯи муҳим аст, гузориш мекардем. Вақте ки америкоиҳо Раккаро муҳосира карданд ва ҳар рӯз 150 тайёра ба шаҳр парвоз карда, онро 450 адад тӯпҳои вазнин гулӯлаборон мекарданд, аз мо талаб менамуданд, ки ҳар чӣ кам дар дар бораи Ракка ҳарф занем, гуфт Александр Орлов [38] дар мусоҳибааш ба мухбири Телевизиони RT.

Албатта, дар чунин муҳити бади психологӣ на ҳар кас тоб меорад. Масалан, корманди бахши тоҷикии РАО/РО Равшани Темуриён ба чунин дасисабозиҳо тоб наоварда, моҳи маи соли 1999 пас аз 5 соли кор Радиои «Озодӣ»-ро тарк кард.

Дар бораи ба Канада кӯч бастани оилаашон духтари Р. Темуриён-Наргис чунин мегӯяд: «... Падарҷонам, ки рӯзноманигори тавоно ва шахси бисёр поквиҷдонанд ва наметавонанд дурӯғ бигӯянд ва дурӯягиро таҳаммул намоянд, маҷбур шуданд Радиои «Аврупои озод» / Радиои «Озодӣ»-ро бо хоҳиши худ тарк намоянд. ... гапу калоча ва хабаркашиҳои баъзе ҳамкорони падар он касро бемор ва заиф сохтанд. Мо танҳо ба хотири аз даст нарафтани падар аз чунин муҳити заҳролуд ва ноҷавонмардонаи Радиои «Озодӣ» тасмим гирифтем, ки ба Канада кӯч бандем [28].

Бояд гуфт, ки воқеан ҳам, мудири вақти шуъбаи тоҷикии Радиои «Озодӣ» Аббос Ҷаводӣ худ муаллиф ва коргардони асосии дасисабозиҳо дар редаксия буд. Ӯ дасисабозиро ба усули роҳбарии кормандон табдил дод. Ҷаводӣ кормандони босаводу боистеъдодро, ки дар журналистика аз ӯ як сару гардан болоянд, тазъиқу фишор оварда, бо ҳар васила байни аҳли шуъба тухми низоъ мекорид, то ки онҳо ба иттифоқ наоянд ва сарварии туркро дар бахши тоҷикӣ хотима набахшанд. Мисоли рӯшани ин гуфтаҳо аз кор сабукдӯш кардани журналисти поквиҷдону боистеъдоди тоҷик Обид Шукурзода аст. Ӯ аз ботаҷрибатарин корманди шуъба маҳсуб шуда, зиёда аз 20 сол собиқаи корӣ дар телевизиону радио ва матбуоти Тоҷикистон дошт. О. Шукурзода ба ғайри кори ҳаррӯза ҳар ҳафта маҷаллаи фарҳангии «Армуғон»-ро таҳия мекард, ки аз беҳтарин барномаи РО буд. Тӯли 6 соли кор дар РО Аббоси Ҷаводӣ ягон маротиба маоши ӯро зиёд накард, агарчи дар ин муддат маоши дигарон якчанд дафъа афзуд. Билохир моҳи феврали соли 2001 О. Шукурзода бо дархости А. Ҷаводӣ аз кор озод карда шуд.

Ба кор ҷалб кардани мутахассисон ба радиоҳои хориҷӣ асосан аз мувофиқ омадани ақидаи довталабон ба роҳбарияти радиоҳо вобаста аст. Онҳо ба касбият ва малакаи кормандон чандон эътибор намедиҳанд. Масалан, барои роҳбарияти Радиои «Озодӣ» ба ҳадафҳои онҳо мувофиқ омадани ақидаи журналистон асосӣ аст ва аз рӯйи ҳамин принсип онҳоро ба кор мегиранд. Дар сурати тағйир ёфтани ақида ва муносибати журналист ба ҳадафҳои роҳбарият ӯро аз кор сабукдӯш мекунанд. Масалан, Равшани Темуриён ва Обид Шукурзода, ки ҳисси баланди ватанпарастӣ доштанд, бо пешниҳоди Аббоси Ҷаводӣ аз кор озод карда шуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Американское радио "Свобода" выгнало Бабицкого за правду о карателях/ politonline.ru. - 2008-2015. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.politonline.ru/comments/22880821.html Санаи мурочиат: 20.03.2015).

2. Байден начал замену неугодных руководителей радиостанций/ ИА Красная Весна. – 2021. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://rossaprimavera.ru/news/5dfc2929 (Санаи мурочиат: 22.01.2021).
3. Истеъфои Сайф Сафар аз Радиои “озодӣ”/ akhbor.com .- 2017. - [Манбаи электронӣ] - http://akhbor.com/-p2462-117.htm (Санаи мурочиат: 21.06.2017).
4. Истеъфои эътирозии Хуршеди Ҳамдам аз Радиои “Озодӣ”: нангу номус барои ман аз ҳама чӣ болост!/ akhbor.com .- 2018. - [Манбаи электронӣ] - URL: 18/05/2018 http://akhbor.com/-p6120-117.htm (Санаи мурочиат: 20.05.2018).
5. Казахская редакция Радио Свободы «Радио Азаттык» превратилась в «придаток пропаганды назарбаевского режима», - бывший редактор Асем Токаева/ CA-news. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://ca-news.org/news:1492039 (Санаи мурочиат: 24.01.2019)
6. Коновалов В. «Свобода»-«Красный архив», а также о русских и русофобии / В. Коновалов//Литературная Россия. - 1997.- 9 декабря.
7. Қазияи Қаюмзод ҳамла ба мустақилияти Озодист / RFE/RL, Inc. - 2013. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.ozodi.org/articleprintview/24881942.html (Санаи мурочиат: 23.01.2013).
8. Ларионова Н. «Свобода» в лицах / Н. Ларионова // Правда. - 1989.- 20 февраля.
9. Мирзои Салимпурро ҳам аз "Озодӣ" ронданд/ИА tojnews. - 2016. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.tojnews.tj/tj/news/mirzoi-salimpurro-kham-az-ozodi-rondand (Санаи мурочиат: 30.08.2016).
10. Муким Дж. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Дж. Муким. - Душанбе, 2005.-180 с.
11. Муқим Ҷовид. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. Монография / Ҷовид Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006.- 71 с.
12. Муқимов М.А. Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ / М.А. Муқимов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. -№5. - С. 315-320. ISSN 2413-516X.
13. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017.- 4/2. - С. 266.-271.
14. Мулоқот бо Президенти Радиои “Аврупои озод», Радиои «Озодӣ” Ҷеймӣ Флай/Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.prezident.tj/node/21770 (Санаи мурочиат: 07.11.2019).
15. Намояндаи Вазорати умури хориҷии ИМА гуфт, аз ҳаққи кормандони Радиои Озодӣ ҳимоят мекунад/ RFE/RL, Inc. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/30237813.html (Санаи мурочиат: 26.10.2019).
16. Нахустин паёми мудири нави Радиои “Озодӣ” Салими Аюбзод/ akhbor.com. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://akhbor.com/-p8946-155.htm (Санаи мурочиат: 06.04.2019).
17. Ниточкина А. Юлиан Панич: дважды в одну реку / А. Ниточкина // Огонёк. - 1990.- №25.
18. Объявлен временный президент «Радио Свобода» /Asia-Plus. 2013. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://asia-plus.tj/ru/news/obyavlen-vremennyi-prezident-radio-svoboda (Санаи мурочиат: 20. 01. 2013).
19. Панфилов А.Ф. За кулисами Радио «Свобода» / А.Ф. Панфилов. - М.: Изд-во Международное отношение, 1974. - С. 21.
20. Президент Радио Свободная Европа/Радио Свобода Томас Кент покинул свой пост/RFL/RL. - 2018. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.svoboda.org/a/29519910.html (Санаи мурочиат: 01. 10. 2018).
21. Продажная свобода/ИИ Centrasia. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://centrasia.org/newsA.php?st=1556648160 (Санаи мурочиат: 30.04.2019).
22. Радио «Свобода» сменило руководителей программ Центральной Азии и двух бюро / ИА Фергана. - 2021 [Манбаи электронӣ] – URL: https://fergana.agency/news/106316/ (Санаи мурочиат: 15.03.2021).
23. Радио Свободная Европа/Радио Свобода возглавил Томас Кент/RFL/RL. 2016. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.svoboda.org/a/27790740.html (Санаи мурочиат: 10. 06. 2016).
24. С. Мизроб против "Радио Свобода"/ mynet.tj. - 2017. - [Манбаи электронӣ] - http://www.mynet.tj/news/?sahifai=300&clips=18002&clipscat=1 (Санаи мурочиат: 20.08.2008).
25. Суд талаби радиои "Озодӣ"-ро қонеъ кард/СҶ ИНДЕМ. - 2013. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://www.tojnews.org/node/7346 (Санаи мурочиат: 27.05.2013).
26. Тағйироти кадрӣ дар “Озодӣ”: Рустами Ҷонӣ – ба ҷои Хуршеди Ҳамдам (Видео)/ akhbor.com.- 2018. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://akhbor.com/-p5217-117.htm (Санаи мурочиат: 18.02.2018).
27. Тағйироти кадрӣ дар Радиои “Озодӣ” баъди моҷарои “бадрафтории ҷинсӣ” /RFE/ RL.- 2018. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://akhbor.com/-p5605-117.htm (Санаи мурочиат: 30.03.2018).
28. Темуриён Р. Марде, ки ғурурашро раҳо накард / Р. Темуриён // Зиндагӣ. - 2006. - 6 апрел.
29. Фарзони Муҳаммадӣ Радиои “Озодӣ”-ро ба суд медиҳад/ akhbor.com .- 2018. - [Манбаи электронӣ] - URL:http://akhbor.com/-p3765-117.htm (Санаи мурочиат: 10.10.2017).
30. Финкельштейн Э. Русские голоса в зарубежном эфире / Э. Финкельштейн // Знамя. - 1996.- №7.- С. 179-192.
31. Ҳушдор: Радиои “озодӣ” ҳамсуҳбатонашро ба мақомот мефурӯшад/ akhbor.com. - 2017. - [Манбаи электронӣ] - URL: http://akhbor.com/-p5907-117.htm (Санаи мурочиат: 28.04.2018).
32. Узбекский писатель стал директором центральноазиатских программ «Радио Свобода» /ИА Фергана. - 2020 [Манбаи электронӣ] – URL: https://fergana.news/news/114171/ (Санаи мурочиат: 15.01.20).
33. Чоҳкан – зери чоҳ! Аббос Ҷаводӣ: ҲНИТ ману Соҷидаи Мирзоро аз пули бедардимиён маҳрум кард/ akhbor.com.- 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://akhbor.com/-p9424-168.htm (Санаи мурочиат: 12.06.2019).
34. Что нового на «Свободе»?//Советский патриот.-1989.-24 мая.

35. Ҷеймӣ Флай ва Эмомалӣ Раҳмон озодии баён ва аккредитатсияро баррасӣ карданд/ RFE/RL, Inc. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/rferl-president-discussed-media-freedom-and-accreditation-with-rahmon/30258416.html (Санаи мурочиат: 07.11.2019).
36. Ҷейми Флай дигарбора президенти Радиои Озодӣ таъин шуд/ RFL/RL. - 2021. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ozodi.org/a/31087216.html (Санаи мурочиат: 05.02.2021).
37. Шаповал С. Я не верю в мир с границами / С. Шаповал // Независимая газета. - 1996.-7 мая.
38. Экс-сотрудник "Радио Свобода"* рассказал о редакционной политике холдинга/ МИА «Россия сегодня. - 2020. - [Манбаи электронӣ] – URL: https://radiosputnik.ria.ru/20201214/tsenzura-1589229108.html (Санаи мурочиат: 14.12.2020).
39. Як дурӯғи шохдор барои “сафед” кардани Соҷидаи Мирзо / akhbor.com. - 2017. - [Манбаи электронӣ] - http://akhbor.com/-p3874-168.htm (Санаи мурочиат: 20.10.2017).
40. Mickelson S. Americas other voice/ S. Mickelson - Praeger, 1983.-P. 3.
41. Ted Lipien returns to U.S. international broadcasting as head of RFE/RL/ USAGM. - 2020. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/2020/12/18/ted-lipien-returns-to-u-s-international-broadcasting-as-head-of-rfe-rl/ (Санаи мурочиат: 19.12.2020).
42. US Broadcaster Under Scrutiny for Disseminating Autocratic Propaganda/ akhbor.com. - 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.wsj.com/articles/u-s-broadcaster-under-scrutiny-for-disseminating-propaganda-11556184602?mod=searchresults&page=1&pos=1 (Санаи мурочиат: 25.04.2019).

СОХТОР ВА СИЁСАТИ КАДРИИ РАДИОИ «АВРУПОИ ОЗОД»/РАДИОИ «ОЗОДӢ»

Дар мақолаи мазкур сохтор ва сиёсати кадрии Радиои “Аврупои озод”/Радиои “Озодӣ” мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. РАО/РО расонаи хабарӣ аст, ки бо сармоягузории Конгресси ИМА тавассути Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) фаъолият мекунад. Шӯрои идоракунандагони Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) роҳбарияти умумии тамоми радиошунавонии байналхалқиро, ки Ҳукумати ИМА маблағгузорӣ мекунад, ба дӯш дорад. Ба фаъолияти радио бевосита президенти он, ки ҳамзамон директори генералӣ маҳсуб мешавад, роҳбарӣ мекунад. Ӯ масъули ҳамоҳанг сохтани сиёсати умумии радиошунавонӣ бо дастури сиёсати хориҷии «Қасри Сафед», Департаменти давлатӣ ва Конгресси ИМА мебошад. Президент лоиҳаҳои навро мутобиқ мекунад, ба гирифтани маблағҳои иловагӣ муваффақ мегардад. Пас аз президент директори барномаҳо, маъмури таъминоти техникӣ ба фаъолияти радио роҳбарӣ мекунанд. Ибтидои соли 1995-ум дар таърихи Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» бори аввал тағйироти ҷиддии кадрӣ гузаронида шуд. Бинобар аз 227 млн. доллар то 75 млн. доллар кам карда шудани буҷаи радио аз ҷониби Конгресси ИМА як қисми кормандон ба нафақа гусел карда шуданд ва ё аз кор сабукдӯш гардиданд. Ҳамон солҳо дар бахшҳои гуногуни Радиои «Аврупои озод»/ Радиои «Озодӣ» ҳудуди 1100 нафар кор мекарданд. Пас аз ислоҳоти кадрӣ солҳои 1995-2000 дар офиси марказии Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ» беш аз 500 нафар хабарнигорону таҳиягарон ва кормандони техникиву идорӣ фаъолият доштанд. Дар ибтидои соли 2021 бошад, шумораи кормандони РАО/РО 623 нафарро ташкил медод. 2 апрели соли 2019 Аббос Ҷаводӣ, мудири собиқи идораи барномаҳои Осиёи Марказии Радиои “Озодӣ” ҳамроҳи Соҷида Мирзо, мудири бахши тоҷикии ин радио ба далели поймол кардани принсипҳои журналистика пеш карда шуданд. Салими Аюбзод директори шуъбаи тоҷикии Радиои “ Озодӣ” таъйин гардид. Баъди президент шудани Ҷо Байден 22-юми январи соли 2021 Ҷеймӣ Флай аз нав президенти РАО/РО таъйин гардид.

Калидвожаҳо: ВАО, Вашингтон, ИМА, Прага, Радиои “Аврупои озод” / Радиои “Озодӣ,” СССР, тарғибот, Тоҷикистон, Ҷеймӣ Флай, Салими Аюбзод, USAGM.

СТРУКТУРА И КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА РАДИО "СВОБОДНАЯ ЕВРОПА" / РАДИО "СВОБОДА"

В данной статье исследуются структура и кадровая политика Радио «Свободная Европа» / Радио «Свобода». РСЕ/ РС финансируется Конгрессом США через Агентство США по глобальным СМИ (USAGM). Совет управляющих Агентства США по глобальным СМИ (USAGM) отвечает за общее управление всеми международными радио и телепередачами, финансируемыми правительством США. Радио напрямую управляется президентом, который одновременно является генеральным директором. Он отвечает за координацию общей политики радиовещания с директивой Белого дома по внешней политике, Государственным департаментом и Конгрессом США. После президента операциями радио руководит программный директор и технический администратор. В начале 1995 года впервые в истории Радио «Свободная Европа»/Радио «Свобода» произошли значительные кадровые изменения. Таким образом, с 227 млн. долларов до 75 миллионов долларов сократился бюджет радио. В результате сокращения бюджета радиостанции Конгрессом США некоторые сотрудники были уволены. В те годы в различных редакциях Радио «Свободная Европа» / Радио «Свобода» работало около 1100 человек. После кадровой реформы 1995-2000 гг. в головном офисе РСЕ/РС работало более 500 журналистов, разработчиков, технического и административного персонала. В начале 2021 года количество сотрудников Радио Свобода составляло 623 человека. 2 апреля 2019 года за нарушение принципов журналистики были уволены Аббос Джавади, бывший директор Центральноазиатского управления Радио «Свободная Европа» / Радио Свобода и Соджида Мирзо, директор таджикской редакции. Салими Аюбзод был назначен директором таджикской службы Радио Свобода. После инаугурации Джо Байдена 22 января 2021 года Джейми Флай был повторно назначен президентом Радио Свобода.

Ключевые слова: СМИ, Вашингтон, США, Прага, Радио «Свободная Европа»/Радио «Свобода», СССР, пропаганда, Таджикистан, Джейми Флай, Салими Аюбзод, USAGM.

STRUCTURE AND PERSONNEL POLICY "FREE EUROPE" / RADIO "LIBERTY"

This article analyzes the structure and personnel policy of Radio Free Europe / Radio Liberty. RFE/RL is funded by the US Congress through the US Agency for Global Media (USAGM). The Board of Governors of the United States Agency for Global Media (USAGM) is responsible for the overall management of all US government-funded international radio and television broadcasts. The radio is directly controlled by the president, who is also the CEO. He is responsible for coordinating overall broadcasting policy with the White House Foreign Policy Directive, the State Department, and the US Congress. After the president, radio operations are led by a program director and technical administrator. In early 1995, for the first time in the history of Radio Free Europe / Radio Liberty, significant personnel changes took place. Thus, the radio budget was cut from $ 227 million to $ 75 million. As a result of the budget cut of the radio station by the US Congress, some employees were fired. In those years, about 1,100 people worked in the various editions of Radio Free Europe / Radio Liberty. After the personnel reform of 1995-2000. RFE / RL head office employed over 500 journalists, developers, technical and administrative staff. At the beginning of 2021, the number of Radio Liberty employees was 623 people. On April 2, 2019, Abbos Javadi, the former director of the Central Asian department of Radio Free Europe / Radio Liberty, and Sojida Mirzo, the director of the Tajik editorial office, were fired for violating the principles of journalism. Salimi Ayubzod was appointed director of the Tajik service of Radio Liberty. Following the inauguration of Joe Biden on January 22, 2021, Jamie Fly was reappointed as President of Radio Liberty.

Key words: mass media, Washington, USA, Prague, Radio Free Europe / Radio Liberty, USSR, propaganda, Tajikistan, Jamie Fly, Salimi Ayubzod, USAGM.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 070.1 (575.3)

ҲАЙСИЯТИ ҚАҲРАМОНҲОИ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ ДАР ОЧЕРК АЗ НИГОҲИ ПРЕДМЕТИ ИНЪИКОС, ҲАДАФИ МУАЛЛИФ, МЕТОД ВА ИСТИФОДА АЗ ФУНКСИЯҲОИ ТАҲЛИЛӢ-МАЪРИФАТПАРВАРӢ

(дар мисоли китоби «Очерк: ташаккул, таҳаввул ва вазъи кунунӣ»)

Ҳамидиён И.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳайсият ва шахсияти доктори илмҳои филологӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор Асадулло Саъдуллоев ниёз ба муаррифӣ надорад. Саҳми устод дар ташкили мактаб ва равияи хос дар журналистикаи ватанӣ, табрияи мутахассисони соҳибунвон ва касбӣ барои ВАО бебаҳс аст.

Бо мақсади дар рӯҳияи ифтихору худшиносии миллӣ, бунёдкорию созандагӣ, ободонию шукуфонии диёр ва донишандӯзӣ тарбия намудани насли наврас бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат аз 28 апрели соли 2019, таҳти рақами 181 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №148-и шаҳри Ваҳдат ба номи Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Асадулло Саъдуллоев гузошта шуд.

Зимнан, профессор А.Саъдуллоев муаллифи 40 асар ва беш аз 1000 маводи публитсистӣ аст.

Осори устод басо пурғановату серпаҳлу дониста мешавад: "Нависандагони советӣ дар мубориза баҳри сулҳ" (1977), "Дарё равон аст" (1985), "Публитсистикаи Мирзо Турсунзода" (1988), "Агар сухан коргар шавад" (1992), "Бомдоди шубоб" (1994), "Озодии сухан ва матбуот" (ҳаммуаллиф, 1995), "Хосияти адабиёт" (Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ, 2000). "Очерк. Таҳқиқи публитсистӣ" (Кобул, 1984), "Ҳамосаи инсони кору пайкор" (Кобул, 1984), "Хандаи созанда" (Ҳаҷв дар адабиёти даризабонон - Кобул, 1988), "Журналистикаи радио" (иборат аз се китоб, 1985-1987), Жанрҳои журналистикаи радио (ҳаммуаллиф, 2005), "Саҳифабандӣ ва чопи газета" (2010), "Рангҳои зиндагӣ" (Насри мустанади муосири тоҷик, 2007), "Асосҳои журналистикаи телевизион" (ҳаммуаллиф, 2008), "Эссе" (2010), "Очерк: генезис, развитие и современное состояние" (ҳаммуаллиф, 2012), "Муаммои назарияи публитсистика" (ҳаммуаллиф, 2015) ва ғайра.

Дар доираи ин мақола мо кӯшиш мекунем, ки роҷеъ ба ҳайсияти қаҳрамон дар мисоли китоби «Очерк: ташаккул, таҳаввул ва вазъи кунунӣ» (ҳаммуаллиф Азим Аминов) андешае чанд баён дошта бошем.

Мавзӯи баҳси меҳварии асар тибқи мундариҷаи он мушкили таносуби воқеият ва бадеият, пайроҳаи шукуфони муаллиф, композитсияи поэтикаи очерк, муаллиф-қаҳрамони очерк, хотирот дар очеркҳои Ф.Муҳаммадиев, оғози публитсистӣ дар асари журналистӣ, шоҳидони тағйироти бузург, публитсистика дар саҳифаи маҷаллаи «Помир», консепсияи инсон дар маркази нашрияи «Азия-плюс» ва замимаҳо – адабиёти оммавӣ, мавзӯи очерк, решаҳои гносиологии образи публитсистӣ, асосҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеии очерк, поэтикаи матни журналистӣ ва унсурҳои бадеии очерк мебошад.

Тавре муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва Н.Солеҳов менависанд: «Публитсистика ба ташаккули афкори ҷамъият, ақида, нуқтаи афкор, манфиат ва часпу талош ёрӣ мерасонад, ба институтҳои иҷтимоӣ таъсир мегузорад, дар ҳаёти сиёсӣ ва идеологӣ, дар ҳаёти ҷомеа нақши муайян дорад, ҳамчун силоҳи босалоҳият дар муборизаҳои ғоявӣ саҳм гирифта, ба тарбияи ҷамъиятии омма, таблиғ ва ташвиқ, усули ташкил ва интиқоли ахбори иҷтимоӣ ёрӣ мерасонад» [18, с.14].

Дар бораи очерк зиёд навиштанду менависанд. Ҳам муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ. Ҳамзамон, аз ҷониби пажӯҳишгарон [7] таъкид мешавад, ки рушди очерки муосири тоҷик бо ташаккули матбуот алоқаи қавӣ дорад, ки оғози чунин ибтикороти эҷодӣ нимаи аввали солҳои даҳуми асри ХХ, ки давраи пуравҷи пайдоиш ва таҳаввули матбуоти тоҷик ба маънои имрӯзааш буд, маҳсуб меёбад. Дар саҳифаҳои «Бухорои шариф», «Оина», «Рӯзномаи баҳри Хазар», «Садои Туркистон», «Иштирокиюн» ва «Шуълаи инқилоб» публитсистони шинохта Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдурауфи Фитрат, Мирзоҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷи Бухороӣ, Саидризо Ализода ва дигарон осоре ба чоп расонидаанд, ки дар онҳо воқеият аз диди шахсияти пешнигар арзёбӣ мешуд.

Таҳаввулоти баъдии очерк ба фаъолияти рӯзноманигориву публитсистии адибони тоҷик иртиботи қавӣ дорад, ки оғози он солҳои 20-30 сурат гирифта буд. Дар ин давра ададн нашри мақоллаву рӯзномаҳо ба маротиб афзуда буд, ки ин падида дар шакл гирифтани фаъолияти адибони навқалам аз таърихи матбуоти даврагӣ ба мушоҳида мерасад. Як силсила очеркҳое, ки ба тамоми рӯзгори шӯравӣ иртибот дошт, эҷод шуданд ва ин адибони тоҷикро низ ба кори очеркнависӣ раҳнамун сохт. Мирзо Турсунзода, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил ва Абдусалом Деҳотӣ ба таълифи очерк пардохтанд. Дар очеркҳои «Колхози Коммунизм»,«Тирози ҷаҳон»-и С.Айнӣ, «Ҳикоёти устоди мисриён»-и Ҳ.Карим, «Шарафи коргар»-и Алихуш, «Зани ягонаи ҷумҳурият»-и Ҷ.Икромӣ, «Як қаҳрамони асри мо»-и Р.Ҷалил ва дигарон бештар фактҳои барҷастаи рӯйдод аз диди сиёсати замон тавзеҳ дида, аз тахайюл камтар кор гирифта мешуд.

Дар солҳои 40-уми асри гузашта низ очерк ташаккул ёфтааст. Инкишофи он ва истифодаи ҷузъиёти он дар дигар жанрҳо аз талаботи давр сар зада буд. Тасвири набардгоҳҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, корнамоии ҷангии фарзандони шуҷои халқ тавассути жанри очерк сурат гирифт. Корномаи қаҳрамонони очеркҳои Сотим Улуғзода «Як ва саду як», «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад», Раҳим Ҷалил «Қаҳрамон», «Писарҷон», Ҷалол Икромӣ «Қаҳрамони канори Днепр», «Достони марди танкшикан», Фотеҳ Ниёзӣ «Кабири ҳоитӣ», «Азими мерган» ва дигарон то ба имрӯз қимати худро гум накардааст ва ин асарҳо бо рӯҳи устувори қаҳрамонони худ, бо таъкиду исрори муаллифони хеш дар парвариши эҳсоси масъулиятшиносии ҳар як фарди ҷомеа нақши муҳим бозиданду мебозанд. Ҷиҳати ҷолиби диққати аксари ин очеркҳо додани эътибори хосса ба офаридани портретҳои қаҳрамонон, ба таъкиди характери онҳо мебошад.

Солҳои баъдӣ жанри очерк таҳаввулоти куллӣ дид. Ба табъ расидани мақмӯаҳои калони очеркҳо, аз қабили «Таджикские очерки», «У подножия Памира», «Очерки», «Норак» ва ғайра на танҳо дар ин давра падидаи тозае буд, балки он як навъ марҳалаи такомули ин жанрро ҷамъбаст кардааст. Очеркҳои С. Улуғзода «Саёҳати Бухоро бо С. Айнӣ», Ҷ. Икромӣ «Оё чӣ бояд кард?», П. Толис «Имтиҳони аввалин», Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон», А. Сидқӣ «Ҷӯра- саркор» дар адабиёти тоҷик ба марҳалаи нави воқеанигорӣ асос гузоштаанд. Очерк аз таҳқиқи факту воқеият ба таҳқиқи характер ё ҷузъиёти он, кӯшиши офаридани симои шахсиятҳои воқеӣ пардохт.

Очерки муосир хусусиятҳои наве пайдо кард. Вай акнун аз қайди факту рақамҳо ва баёноти сатҳию хушк иборат нест, воқеиятро пардоз намекунад, балки ба муҳимтарин масъалаҳои ҷомеа дахолат намуда, проблема ба миён мегузорад. Очерки хуб як порчаи бадеии ҳаёти халқ гардидааст, ки ба фикр кардан водор менамояд, роҳҳои дигаргун ва беҳтар кардани ҷомеа ва зиндагиро нишон медиҳад [15, с.262].

Профессор И.Усмонов [18, с.96] бар ин назар аст, ки очерк жанри публитсистию бадеӣ буда, дар хусуси одамони пешқадам, шахсоне, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, ба таври бадеӣ нақл мекунад. Аслан услуби очерк нақл не, балки тасвир аст. Хусусияти публитсистии очерк дар он зоҳир мешавад, ки вай дар бораи одамони аниқ, бо факту рақамҳои конкрет навишта мешавад. Аммо ин нақли хушку холӣ не, балки нақли бообуранг, нақли бадеӣ аст ва хусусияти бадеии очерк низ дар ҳамин зоҳир мешавад».

Дар китоби худ А.Саъдуллоев ва А.Аминов [17, с.8] чунин зикр мекунанд: «Очерк саҳми шоистаро барои таъйиноти бадеии инсонҳо ва дар мақмӯъ ҷомеа гузошта, солҳои мадид ба наслҳои пасоянд чеҳраи таърихӣ ва воқеии қаҳрамонони давронро ба мерос монд».

Очерк аз жанрҳоест, ки дахолати мустақилонаи муаллифро ба воқеаҳои рӯз тақозо дорад ва на танҳо адибону публитсистон, балки бисёр кормандони соҳаҳои дигари илму фарҳанг, махсусан, олимон ва санъаткорон низ ба ин восита дидаву мушоҳидаҳои худро дар баррасии воқеоти рӯз ба қалам доданд [17, с.108].

Очерк «асари телевизионии ҳуҷҷатии сужетдорест» [8, с.46], ки воқеаҳояш мувофиқи сенарияи адабӣ инкишоф меёбад ва сохтори композитсиониаш дар заминаи драматургияи воқеа, факт ва сарнавишти инсон сурат мебандад. Ба очерк нақли образнок хос буда, мавқеи муаллиф мувофиқи раводиди сенария, муносибаташ ба рӯйдодҳои тасвиршаванда, проблемаҳо ва одамон муайян карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки очерк жанри печида ва банду басташ мураккаб аст. Вай аз намоишҳои ҳуҷҷатӣ бо ҷузъиёти образнокаш фарқ карда меистад. Муаллиф бояд лаҳзаҳоеро ёбад, ки тавассути он таъкидҳои муаллифӣ ба тамошобин аён шуда истад.

Ҷустуҷӯҳои гӯё беохири эҷодӣ кори шуҳратпарасту ҳарроф нест. Очерк ҷустуҷӯи бомароми эҷодӣ, сабру таҳаммул ва касбияти олиро тақозо дорад. Очерк як пораи мукаммали ҳаёт аст, зиндагии шахсеро, инкишофи соҳаеро, тағйироти лоиқи ибратеро инъикос менамояд. Ҳар андоза, ки муаллиф ин масъулиятро ҳамаҷониба ва амиқ эҳсос намояд, ҳамон андоза паҳлуҳои ҳаёти қаҳрамон назди ӯ возеҳтар намо медиҳанд.

Нишонаи жанрӣ ва услубии очерк тавъамшавии воситаҳои инъикоси бадеӣ ва публитсистӣ бо мафҳум ва образ аст. Ошкоркунии омилҳои хос ба воситаи фардият ё аломатҳои инфиродӣ аз нишонаҳои дигар мебошад. Асоси очеркро таассуроти муаллиф аз мушоҳидаҳо, дидаҳо ва саргузаштҳо ташкил медиҳад.

Дар очеркҳои устод Асадулло Саъдуллоев хислати инсон метавонад ба тамоми маънӣ мавриди инъикос қарор гирад – авзои рӯҳии ӯ, кӯшишҳояш дар зиндагӣ, худбаҳодиҳӣ, амалҳои мушаххас, паси сар кардани вазъияти душвор ва амсоли инҳо. Очеркҳои муаллиф истифодаи сарчашмаҳои сахттаъсирро низ фарогир аст. Аз ҷумла, суҳбати ошкорою бошитоб, методҳои барқарорсозии факт, ҳолатҳои таҳрикдиҳандаю иғвоангез, мушоҳидаи тӯлонии муаллиф нисбат ба объект ва ғайра.

Очерк жанри публитсистикаи бадеӣ аст, ки аз тамоми воситаҳо ва имкониятҳои бадеӣ ва тасвирии ду ҳунари ҷозиби санъат – адабиёт ва кино истифода бурда метавонад. Ва шояд аз ҳамин ҷиҳат аст, ки хусусиятҳои жанрии очерк дар назарияи адабиёт чун яке аз жанрҳои махсуси ҳамосӣ басо муфассал оварда шудааст. Фактҳо, аллакай, аз чашми мо пинҳон шудаанд ва мо бояд онҳоро тарзе эҳё бахшем, ки тобишашон аз муҳтавои баландашон дарак диҳад, хонандаро ба андеша водор созад. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки дар баъзе ҳолатҳо сужаҳои ҷудогонаро аз ҳаёти қаҳрамонон (объектҳо) «бозӣ» доронда, зинда мегардонанд. Аммо ҳар гуна муаллиф чашмдори комёбӣ аст.

Муҳаққиқ С.Гулов [6, с.12, 40] бар он аст, ки муваффақияти ҳар як очерк ба ҷаҳонбинӣ ва мавқеи ҷамъиятии муаллифи он вобаста аст. Очерк нисбат ба ҳамаи жанрҳои дигар аз қолибҳо ва қонунмандиҳои ихтисосӣ озодтар аст. Вай маъмулан аз ҷузъиёти тамоми жанрҳо бамаврид истифода мекунад.

Ба ибораи дигар, дар очерк симоҳое ба тасвир кашида шудаанд, ки аз нигоҳи худшиносӣ ва назари инфиродиашон ба тип (шиноси ношинос) шабоҳат доранд [15, с.16].

Тавзеҳ, тақвият ва мушаххасоти падидаи фаъолмандии эҷодкор аз меъёрҳои асосии самтнокӣ ва некнигарои ҳунар аст. Чун он ба дидгоҳи иҷтимоию фалсафӣ ва зебоишиносии адиб иртибот дорад. Рӯзноманигорӣ сабк, услуб ва воситаҳои офариниши гуногун дорад, аммо онҳо бояд ба ифодаи мақсади асосӣ нигаронида шаванд ва ин воситаҳои тасвир бояд мақсади пешгузоштаи эҷодкорро возеҳ нишон диҳанд.

Муҳаққиқи нуктасанҷ Б.Қутбиддин [3, с.46] низ бар ин аст, ки “симои кору пайкор” яке аз маъниҳои шартии очерк мебошад. Барои тасдиқи фикри худ ӯ аз китобҳо ва асарҳои бадеии профессор Асадулло Саъдуллоев мисол меорад.

Профессор А.Саъдуллоев [13, с.115] менависад, ки очерк бетараф буда наметавонад, ба он дарки беҳисонаи ҳаёт, карахтии иҷтимоӣ ва нусхабардории маҳз хос нест. Очерк тадқиқи пурэҳтиросу амиқи мавзӯъ, возеҳии хулосаҳо, ҳассосият ва равонии нақлро мехоҳад.

Очерк хусусияти хуби тарбиявию таъсиррасонӣ дорад ва дар пешрафти илму маърифат, театр кино, касбу кори гуногун мусоидат мекунад. Хусусияти таъсиррасонии очерк дар он аст, ки матн ба тасвир пайваст буда, образу бадеият ин пайвастагиро қавитар нишон медиҳад. Имрӯзро барои имрӯз нишон медиҳад, фардоро барои фардо. Инсонро ба зиндагӣ дилгарм месозад. Профессор И.Усмонов менависад, ки хусусияти фаврии очерк ин жанрро ҳамрадифи рӯзгор мекунад. Ҳеҷ як воқеаи муҳим аз назари очеркнависон дар канор наmemонад. Агар очеркҳои матбуоти тоҷикро аз назар гузаронем, имрӯз ҳам ин чиз баръало намудор мешавад.

Ҳадафи очерк инъикоси симои инсон, симои кор, офарандаи симои қаҳрамони воқеан идеалӣ мебошад. Асоси онро воқеаи ҷудогонаи сужетдор, факт ва сарнавишти инсон ташкил медиҳад. Очерк баёни образнокро талаб мекунад. Исботи факту далел ва инъикоси воқеаҳо ба аудитория таъсир расонида метавонад. Дар очерк мавқеи муаллиф мушаххас аст. Пеш аз ҳама, назари бадеии муаллиф инъикос меёбад. Ба ақидаи профессор Асадулло Саъдуллоев «диди инфиродии муаллиф маълум шуда меистад». Муаллиф гоҳ аз парда бурун омада аз роҳу усулҳои муошарата бинандаро огоҳ месозад ва гоҳ аз парда дар бораи муҳимтарин рухдод ё қаҳрамон сухан меорояд.

Нозукии ин жанрро бо мисоли мушаххас профессор А.Азимов [1] дар заминаи чанд мавзӯи худшиносию худогоҳӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки дар онҳо симои инсон хислати меҳварӣ дорад.

Публитсист навигарӣ меҷӯяд, ӯ ҳамеша дар ковиш аст. Объекти таҳқиқи ӯ қаҳрамони воқеӣ мебошад, ки дар нақли порчае аз рӯзгор умри ҳамсуҳбат ба тасвир кашида мешавад.

Публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев дар маҷмӯъ ба афкори мусбати замонааш марбут аст. Қаҳрамонҳои ӯ ҳамеша намунавианд, аз дигарон фарқ мекунанд. Маҳорати касбии устод низ дар он зоҳир мегардад, ки объектро дар такя ба предметҳои дар назари аввал маъмул, аммо комилан нав ҷилва медиҳад. Дар таълифи очеркҳо сарҳадро пеш намегузошт. Ҳар навиштаю очерки профессор А.Саъдуллоев аз ҳамдигар, ба иборае худашон, мутафовиту мутафарриқанд. Онҳо ба аудитория навигарӣ меомӯзанд. Ва сабаби аслии ин муваффақият низ тавъам будани пайванди назария ба амалия ва илм ба адабиёти устод будааст. Дар такя ба ин ду шохаи бузурги як дарахти комил публитсист Асадулло Саъдуллоев қонунмандиҳои табиат, рафтори объективии одамон, суръати воқеият, бархӯрди ҷамъият ва авзои иҷтимоиро дар мисоли адибони ҳамсолан баръало инъикос намудааст.

Ба гумони ғолиб, инъикоси зиндагии қаҳрамонҳои Асадулло Саъдуллоев бо истифода аз аносири функсияҳои таҳлилӣ-маърифатпарварӣ (пажӯҳиши тамоюлҳо), ташкилӣ-идоракунанда (коркарди амалҳо), алоқавӣ-иттилоотӣ (ҳамдигарфаҳмӣ, мувофиқат) ва машваратӣ-методӣ ба тасвир кашида мешавад.

Очеркҳои Асадулло Саъдуллоев мутобиқ ба се унсури асосӣ ҳастанд - **аз нигоҳи предмети инъикос** (воқеаҳои ҷолиб инъикос шуда, инсон ҳамчун субъекти муносибат ва фаъолияти мақсаднок ё бошуурона баромад мекунад, масъалаи муҳимми иҷтимоӣ баррасӣ мегардад), **аз нигоҳи ҳадафи муаллиф** (дар пасманзари воқеаҳо кушодани хислати инсонҳо ва рафторҳои ба худ хосси онҳо меистад, хосияти амиқи инфиродӣ дорад, ҳолатҳои ҷудогонаи рӯзгор, сабабҳои кирдор, фаҳмонидани моҳияти иҷтимоии рафтор баррасӣ мешаванд) ва **аз нигоҳи методи инъикос** (методҳои илмӣ ҷамъбаст шуда, усулҳои таҷрибавӣ ва бадеӣ-эстетикӣ ҳамчун қабати беҳамтои одамшиносӣ ба кор мераванд).

Нишонаи жанрӣ ва услубии очеркҳои Асадулло Саъдуллоев дар китоби «Очерк: ташаккул, таҳаввул ва вазъи кунунӣ» тавъамшавии воситаҳои инъикоси бадеӣ ва публитсистӣ бо мафҳум ва образ аст. Ошкоркунии омилҳои хос ба воситаи фардият ё аломатҳои инфиродӣ аз нишонаҳои дигар мебошад. Дар очеркҳои худ устод А.Саъдуллоев аз дигар жанрҳои журналистика, махсусан мусоҳиба, шарҳ, суҳбат ва ғайра фаровон истифода мекунад.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки очерк ба омӯхтани ҳаёти рӯзмарра ва ё иҷтимоъ сару кор дорад. Он жанри одамшиносист. Махсусияти очерк дар омезиши меъёрҳои таҳқиқи иҷтимоиву публитсистӣ ба инъикоси бадеӣ аст. Ҳанӯз аз солҳои 20-уми садаи гузашта омӯхтани таҷрибаи ҳаррӯзаи халқ оғоз ёфт ва дар солҳои 30-юм навъи очерк асоси эҷодиёти аксарияти нависандагон буд. Муаллифони хориҷӣ [12, с.416] ҳам ин андешаро ҷонибдоранд.

Аз таҳқиқи устод А.Саъдуллоев мо ба натиҷае мерасем, ки дар асарҳои адибони рус Б.Агапов, А.Ливанов, Ю.Вебер ва тоҷик Р.Амонов, Ӯ.Кӯҳзод, А.Самадов, С.Турсун, Б.Абдурраҳмонов, Х.Муҳаббатов Ш.Мӯсо ва дигарон комёбӣ ва муваффақият ба илм ва дониш рабт дорад [19].

Ғайр аз ин, устод А.Саъдуллоев роҷеъ ба осори Мирзо Турсунзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷонибек Акобир, Мутеулло Наҷмиддинов, Сорбон, Баҳром Фирӯз, Раҷаб Мардон, Ато Ҳамдам, Бозор Собир, Сайф Раҳимзод, Меҳмон Бахтӣ, Ҷумъа Одина, Леонид Чигрин, Раҳим Ҳайдар, махсусан Абдулҳамид Самад, Карроматулло Мирзоев, Шодон Ҳаниф, Бахтиёр Муртазоев ва дигарон асарҳои мондагор эҷод кардаанд, ки дар маркази онҳо ҳаёти инсон меистад. “Ман”-и қаҳрамон эҳсоси бузурги масъулият аст. Он дар ҳаёти рӯзмарра ҳам мавқеъ дорад. Публитсистон Асадулло Саъдуллоев ва Азим Аминов дар китоби «Очерк: ташаккул, таҳаввул ва вазъи кунунӣ» бар дӯши худ масъулияти тағйиротеро бар таҳаввулоте мегиранд, ки дар ояндаи наздик метавонад дар ҳаёти маънавии ҷомеа ҷиҳати рушди фарҳанг нақши бориз дошта бошад. “Ман”-и онҳо ҳамчун узви ҷомеа дар ҳамаи самтҳо эҳсосшаванда аст.

Ниҳоят, мавқеи публитсистӣ дар се навъи асарҳо намоён мешавад:

Якум - асарҳое, ки қаҳрамонҳояш аз ҳаёт гирифта шуда, рӯйдодҳо дар такя ба решаҳои таърихӣ иншо шудаанд. Дар чунин асарҳо мавқеи публитсистӣ дар муҳокимаронии қаҳрамонҳо, эзоҳҳои муаллифӣ ва суханҳои муқаддимавӣ намоён мешавад.

Дуюм – вақте ки рӯйдодҳо ва мушкили воқеии марбут ба ягон давраи таърихӣ муҳокима мегарданд, хонанда муҳтавои суҳбатро дуруст ва дақиқ дарк мекунад.

Сеюм – асарҳое, ки мавқеи муаллифӣ барҷаста инъикос ёфтаанд. Публитсистон ба сифати объект умдатан нафаронеро интихоб мекунанд, ки дар зиндагӣ онҳоро хуб мешиносанд, ҳамсол ва ҳамнасли худанд. Дар чунин ҳолат хоҳ-нохоҳ мавқеи ҷамъиятӣ ва маънавии муаллиф ҳосил мегардад, ки иртиботи ӯро ба мушкилоти рӯзмарра пайванд мекунад.

Барҳақ, дар осори публитсистии А.Саъдуллоев мо унсурҳои чеҳракушоӣ ва муборизаро мебинем, ки ба мутобиққунии ҳадафҳои фалсафӣ ба манфиати сиёсати ҷамъиятии ҷомеа равона гардидаанд. Ин мақсадҳо муттасил ба афкори оммавӣ таъсир расонида, аз васоити таблиғотию ташвиқотӣ истифода мебаранд. Ба ибораи муосир гӯем, Асадулло Саъдуллоев имиджмейкер аст, ки иртиботсозии ҳирфаиро барои ташаккули нуфузи мусбати қаҳрамон ва муқобилат ба иттилооти манфӣ ҷиҳати ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба инсон ва объекти очерк корбаст кардааст.

Хулосаи умда ва калидии мақола ин аст, ки хидмати профессор Асадулло Саъдуллоев ҳамчун публитсист дар очеркҳои худ муаррифӣ (хизматрасонӣ) ба субъект ифода ёфтааст. Онҳо чун фишанги тавонои афкори умум барандаи манфиати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ ва ё дар маҷмӯъ, ҷомеа ҳастанд, ки “аз ҷузъиёти иҷтимоӣ, идеологӣ, равонӣ ва мантиқӣ истифода карда, ба вазифаҳо равшанӣ меандозанд” [17, с.40].

Муқарриз: ***Гулов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик (солҳои 1920-30) / А. Азимов. – Душанбе, 1998. – 100 с.
2. Азимов, А. Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ / А. Азимов, М. Муродӣ. – Душанбе, 2018. – 112 с.
3. Бахтиёри Қ. Воқеияти тасвир / Қ.Бахтиёр. – Душанбе, 2014. – 114 с.
4. Вартанова, Е.Л. Постсоветские трансформации российских СМИ и журналистики. – 2-е изд., испр. / Е.Л. Вартанова. – М., 2013. – 280 с.
5. Гавҳаршинос. – Душанбе, 2001. – 137 с.
6. Гулов С. Амвоҷи сухан / С.Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.
7. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П.Гулмуродзода. – Душанбе, 2006. – 160 с.
8. Егоров В. Терминологический словарь телевидения / В.Егоров. – М., 1997. – 209 с.
9. Қутбиддинов, Б. Хосияти публитсистика / Б. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
10. Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2013. – 160 с.
11. Муродов, М. Аз замон то замон (нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик) / М. Муродов. – Душанбе, 2010. – 248 с.
12. Очерки по истории российского телевидения. – М., 1999. – 416 с.
13. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 256 с.
14. Саъдуллоев А. Рангҳои зиндагӣ / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2007. – 217 с.
15. Садуллоев А. Горизонты публицистики / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2009. – 308 с.
16. Садуллаев А., Аминов А. Очерк: генезис, развитие и современное состояние / А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2012. – 216 с.
17. Солеҳов Н. Муаммои назарияи публитсистика / Н.Солеҳов, А.Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.
18. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И.Усмонов. – Душанбе, 2009. – 125 с.
19. Устоди устодон / Таҳияи Ҳамидиён И. И. – Душанбе, 2015. – 264 с.
20. Учёнова, В. Творческие горизонты журналистики / В. Учёнова. – М., 1976. – 204 с.
21. Черепахов, М. Проблемы теории публицистики / М. Черепахов. – М., 1973. – 267 с.

ҲАЙСИЯТИ ҚАҲРАМОНҲОИ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ ДАР ОЧЕРК АЗ НИГОҲИ ПРЕДМЕТИ ИНЪИКОС, ҲАДАФИ МУАЛЛИФ, МЕТОД ВА ИСТИФОДА АЗ ФУНКСИЯҲОИ ТАҲЛИЛӢ-МАЪРИФАТПАРВАРӢ

(дар мисоли китоби «Очерк: ташаккул, таҳаввул ва вазъи кунунӣ»)

Очерк дар шинохти инсонҳо ва таъйиноти умдаи онҳо саҳми бағоят бузург гузошта, тӯли таърих ба наслҳо чун офарандаи чеҳраи таърихӣ ва воқеии қаҳрамонҳо хидмат кардааст. Жанри очерк на аз рӯйи мавзӯъ ва на аз рӯйи навъи матбуот мушаххас мегардад. Барои мисол, очерки матбуотӣ аз рӯйи ҳамон меъёрҳое муайян мегардад, ки очеркҳои маҷалла ва китобӣ ба онҳо дахл мегиранд. Истисно очерки илмию бадие мебошад, ки ташаккули он ба афзоиши нақши илм дар ҳаёти мо мавқеи калидӣ пайдо менамояд. Ин ҷо авлавият ва бартарият ба дастовардҳои илм дар ҳаёти мо дода мешавад. Дар мақола таъкид мегардад, ки дар меҳвари ҳамаи очеркҳои А.Саъдуллоев ҳамеша инсон, муваффақият, мушкилот ва дастовардҳои ӯ меистанд. Ба онҳо «ман» хос аст. Махсус зикр мегардад, ки дар эҷодиёти профессор Асадулло Саъдуллоев очеркҳо мутобиқ ба се унсури асосӣ ҳастанд - *аз нигоҳи предмети инъикос* (воқеаҳои ҷолиб инъикос шуда,

инсон ҳамчун субъекти муносибат ва фаъолияти мақсаднок ё бошуурона баромад мекунад, масъалаи муҳимми иҷтимоӣ баррасӣ мегардад), *аз нигоҳи ҳадафи муаллиф* (дар пасманзари воқеаҳо кушодани хислати инсонҳо ва рафтарҳои ба худ хосси онҳо меистад, хосияти амиқи инфиродӣ дорад, ҳолатҳои ҷудогонаи рӯзгор, сабабҳои кирдор, фаҳмонидани моҳияти иҷтимоии рафтор баррасӣ мешаванд) ва *аз нигоҳи методи инъикос* (методҳои илмӣ ҷамъбаст шуда, усулҳои таҷрибавӣ ва бадеӣ-эстетикӣ ҳамчун қабати беҳамтои одамшиносӣ ба кор мераванд). Мақола ба доираи васеи хонандагон тавсия мегардад.

Калидвожаҳо: Асадулло Саъдуллоев, публитсистика, қаҳрамон, ташаккул, таҳаввул, вазъи муосир, инсон, иҷтимоъ, мушкилот.

РЕПУТАЦИЯ ГЕРОЕВ АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВА В ОЧЕРКЕ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПРЕДМЕТА ОТРАЖЕНИЯ, ЦЕЛИ АВТОРА, МЕТОДА И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ АНАЛИТИЧЕСКИ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКИХ ФУНКЦИЙ

(на примере книги «Очерк: генезис, развитие и современное состояние»)

Очерк внес крупный вклад в художественное изображение людей и общества в целом, на протяжении долгой истории создавал и оставил поколениям на память облик исторических, действительных героев жизни. Жанр очерка не определяется ни темой, ни родом издания. К примеру, газетный очерк оценивается теми же критериями, что и очерки, написанные для журнала или книги. Исключение составляет научно-художественный очерк, развитие которого обусловлено возрастанием роли науки в нашей жизни. Здесь главенствует популяризация достижений науки и знаний. В статье рассказывается, что во всех очерках А.Саъдуллаева в центре стоит человек и его успехи, проблемы, трудности и достижения. Ему присуще свое «Я». Особо подчеркнуто, что в произведениях профессора Асадулло Саъдуллаева очерк состоит из этих элементов формообразующих жанров: *с точки зрения предмета (*интересные события, человек как субъект общения и целенаправленной деятельности или же сознательно, важные социальные вопросы), *с точки зрения цели автора* (за обликом событий нахождение характерных особенностей человека и отношения между людьми, особенность частного мнения, отдельные случаи жизнедеятельности, причины поступков, разъяснение важности социального взаимодействия) и *с точки зрения метода отображения* (подведение итогов научных методов, эмпирических и художественно-эстетических как уникальная сторона изучения человека). Статья предназначена для широкого круга читателей.

Ключевые слова: Асадулло Саъдуллоев, публицистика, очерк, герой, развитие, генезис, современное состояние, человек, социум, проблемы.

THE REPUTATION OF ASADULLO SADULLAYEV'S CHARACTERS IN THE ESSAY FROM THE POINT OF VIEW OF THE SUBJECT OF REFLECTION, THE AUTHOR'S GOAL, METHOD AND USE OF ANALYTICAL AND EDUCATIONAL FUNCTIONS

(on the example of the book " Essay: Genesis, development and current state»)

The essay made a major contribution to the artistic purpose of people and society as a whole.over the course of a long history, it created and left generations with the image of historical, real life heroes. The genre of an essay is not determined by the subject or type of publication. For example, a newspaper essay is evaluated by the same criteria as essays written for a magazine or book. The exception is a scientific and artistic essay, the development of which is due to the increasing role of science in our lives. It is dominated by the popularization of science and knowledge. The article explains that in all the essays of A. Sadullaev, the person and his successes, problems, difficulties and achievements are at the center. It has its own "I". It is emphasized that in the works of Professor Asadullo Sadullaev, the essay consists of these elements of formative genres: *from the point of view of the subject* (interesting events, a person as a subject of communication and purposeful activity, or consciously, important social issues), *from the point of view of the author's goal* (behind the appearance of events, finding the characteristic features of a person and the relationship between them, the peculiarity of private opinion, individual cases of life, the reasons for actions, explaining the importance of social interaction) and *from the point of view of the display method* (summing up scientific methods, empirical and artistic-aesthetic as a unique aspect of human study). The article is intended for a wide range of readers.

Key words: Asadullo Sadulloev, journalism, essay, hero, development, genesis, current state, person, society, problems.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **i.hamidiyon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 919-70-81-70**

Сведение об авторе: ***Хамидиён Илхомджон Иномзода*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **i.hamidiyon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 919-70-81-70**

Information about the author: ***Hamidiyon Ilhomjon Inomzoda*** - Tajik national University, candidate of philological Sciences, Associate Professor of the Department of Television and Radio Broadcasting of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 17. E-mail: **i.hamidiyon@gmail.com.** Tel.: **(+992) 919-70-81-70**

УДК: 070.3

ИФОДАИ ЭҲТИРОМ ДАР МУСОҲИБАИ МАТБУОТИ ХУСУСӢ

Шарифов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як халқу миллатро аз рӯйи ягон хусусияташ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Тоҷикон аз азал ҳамчун халқи соҳибфарҳанг, соҳибтамаддун ва дорои заковати баланд, дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд. Яке аз хусусиятҳои хосси мардуми тоҷик (ҳамаи халқҳои форсизабон) ин иззату эҳтироми байни ҳамдигарист. Эҳтиром ҳам ба воситаи сухан ва ҳам ба тариқи навишт мушоҳида мешавад. Мусаллам аст, ки сухани нарму гуворо ва оҳанги эҳтиром дошта, дар ҳама ҳолат ба инсон хушоянд аст ва дили касро ба зиндагӣ гарм сохта, неруву равони тоза мебахшад.

Категорияи эҳтиром маҳз дар забон ва ба воситаи забон ифода мешавад, чунки забон воситаи ягонаи муомилаву муошират ва ифодаи фикри аъзоёни ҷамъият аст. Фикр, пеш аз ҳама, ба воситаи калимаву ибора ва ҷумла баён карда мешавад, бинобар ин, таркиби луғавӣ ва сохти дастурии забон рукнҳои асосии забон ба шумор меравад [1, с.26].

Худи калимаи эҳтиром дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" чунин шарҳ дода шудааст:

Эҳтиром: ҳурмат, иззату икром.

Мизбон пай ба ҳоли меҳмон бурд,
Роҳи икрому эҳтиром сипурд (*Ҷомӣ*).

Вақте ки мо дохили доруссалтанаи Русия шудем, бо эъзозу эҳтироми лоиқ моро қӯнуш фармуданд (*Аҳмади Дониш*). Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба тарзи зайл шарҳ ёфтааст:

Эҳтиром: ҳурмат, иззату икром; **эҳтироми** *касеро* **ба ҷо овардан** касеро мувофиқи қадраш иззату икром кардан; **эҳтиром кардан (намудан)** ҳурмат кардан.

Эҳтироман: барои эҳтиром, ба сабаби ҳурмат.

Эҳтиромгузор: соҳиби иззату эҳтиром.

Эҳтиромгузорӣ: муҳтарам шумурдан, соҳибэҳтиром донистан.

Эҳтиромӣ: эҳтиромнок, ҳурматнок: **унвони эҳтиромӣ**

Эҳтиромкор: он ки нисбат ба ҳама ҳурмату эҳтиром дорад.

Эҳтиромкорона: бо эҳтиром, бо иззату икром, эҳтиром зоҳир карда, эҳтиромкунон.

Эҳтиромкунанда: *ниг.* **эҳтиромкор.**

Эҳтиромона: *ниг*. **эҳтироман.**

Яке аз рукнҳои асосии воситаҳои ахбори омма, матбуот (рӯзномаю маҷаллаҳо) ба шумор меравад. Матбуот оинаи ҷомеа буда, мардум ба воситаи он аз бурду бохтҳо ва камбудиҳои ҷомеа огоҳ мегарданд. Тавре профессор Баҳриддин Камолиддинов қайд мекунад: "Забони воситаҳои ахбори омма вазъи кунунии забони адабии тоҷикиро инъикос менамояд" [4, с.3]. Албатта, ин вазифаро дигар ҷузъҳои ВАО (телевизион, радио ва ғ.) то ҷое иҷро мекунанд, аммо нақши матбуот зиёдтар аст. Зеро дастрасӣ ба телевизион, радио ва интернет дар баъзе навоҳии дурдаст мушкил аст.

Мо низ тасмим гирифтем атрофи риоя гардидан ё нагардидани эҳтиром ва фурӯтанӣ дар мусоҳибаҳои матбуоти муосири тоҷик дар мисоли рӯзномаи «Фараж» (хусусӣ) тадқиқоте анҷом диҳем.

Назар ба гуфтаи муҳаққиқ, Мушаррафа Ҷӯраева, воситаҳои луғавӣ-грамматикии ифодакунандаи маънии ҳурмату эҳтиром ҷонишинҳои шахсҳои дуюми ҷамъ **шумо** ва сеюми ҷамъ **эшон**, ҷонишинҳои нафсию таъкидӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ, бандакҳои феълию хабарӣ мебошанд. Маънии эҳтирому сипос инчунин бо ёрии феълҳо ифода меёбад [18, с.28].

Ифода гардидани эҳтиром тавассути ҷонишинҳои шахсӣ

Ҷонишини ***Шумо***

Ҷонишин бо ҳиссаҳои номии нутқ - исм, сифат, шумора ва ҳамчунин бо зарф алоқаманд буда, дар ҷараёни ифодаи фикр ба ҷойи онҳо меояд. Маънои луғавии онҳоро пурра дар бар гирифта натавонад ҳам, ба предмет ва аломату хусусият, тартибу миқдори он ишора мекунад, ҷонишин имконият медиҳад, ки фикри гӯянда бо роҳҳои гуногун баён гардад, яъне барои такрор нашудани як калима имкон медиҳад

Назар ба гуфтаи муҳаққиқи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ Сиёев Б. ҷонишини **шумо** таърихи дурудароз дорад. "Шакли пештараи он дар забони қадим, ки ибтидои ҳазорсолаи IV - III пеш аз мелодро фаро мегирад, дучор нашавад ҳам, дар забони миёна дар шакли **smah** истеъмол шудааст" [11, с.8].

Дар ҳақиқат, дар забони ҳозираи тоҷик воситаи машҳуртарини ифодакунандаи эҳтиром - ин ҷонишини шахси дуюми ҷамъ, яъне **шумо** ба ҳисоб меравад. Ҷонишини мазкур ғайр аз маънои эҳтиром, инчунин ифодакунандаи маънои гурӯҳи зиёди одамон аст. Вазифаи асосии ҷонишини **шумо** категорияи ҷамъ аст. Ба кадом маънӣ омадани ҷонишин аз матн аён мегардад. Мисол:

Ҳамагон нағз медонанд, ки дар ин замона бидуни интернет зиндагонӣ кардан чандон шавқовар нест, вале ба гуфтаи мутахассисони соҳа, «бо интернет ҳам чандон зиндагии осудаву шавқовар гузаронида намешавад». Ба гумони **шумо**, бо кадомаш зиндагӣ хуштар мегузарад (Фараж, 20.01.2016)?

Бародарон, дарди **шумор**о хуб мефаҳмам, аммо қонун қонун аст. Хилофи қонун амал карда наметавонам (Фараж, 12.08.2015).

Шояд **шумо** дарк карда бошед, ки ин мисолро ман барои он овардам, ки имрӯз интернет ҳам ҳамин нақшро офарида истодааст (Фараж, 20.01.2016).

Профессор: Мо аз **шумо** барин касалҳо безор шудем! (Фараж, 1.07.2015. С.6)

Тавре мушоҳида кардем, дар мисолҳои боло ҷонишини **шумо** ба вазифаи аслияш, яъне шахси дуюми ҷамъ омадааст. Дар мисолҳои мазкур муроҷиат ба гурӯҳи зиёди одамон ба воситаи ҷонишини **шумо** сурат гирифтааст.

Ҷонишини **шумо** дар ифодаи эҳтиром ва одоби муомила шунавандаро, яъне шахси танҳоро ишора мекунад. Дар ин маврид барои ҳурмат ба як кас ба ҷойи **ту** кор фармуда мешавад [18, с.31].

Ҳангоми тадқиқот мушоҳида намудем, ки дар ҳар куҷое ҷонишини **Шумо** эҳтиромро ифода кунад бо ҳарфи калон ва баръакс ба вазифаи асосияш омада бошад бо ҳарфи хурд навишта мешавад. Ғайр аз ин пай бурдем, ки ҷонишини **Шумо** ҳамчун эҳтиром бештар дар мусоҳибаҳо истифода шудааст. Рӯзноманигор ба мусоҳибаш бо эҳтиром савол пешниҳод менамояд ва мусоҳиб низ бо эҳтироми хосса ба саволҳо ҷавоб мегӯяд. Дар рӯзномаи "Фараж" ин хусусият ба чашм мерасад. Хушбахтона, дар ҳеҷ як аз саҳифаҳои рӯзномаҳои мазкур мо ба беэҳтиромии журналист нисбат ба мусоҳибаш дучор нашудем. Мисолҳои зер шоҳиди ин гуфтаҳост:

Шуморо ба ифтихори 60-умин солгарди умратон самимона табрик менамоем (Фараж, 8.01.15)

Фахру ғурурам **Шумо**ед, модарҷонам (Фараж, 10.02.2016)!

Шумо хоҳараки азизам, чӣ хушбахт будаед, ки ҳама ин солҳо дар канори модар будед ва беш аз дигарон аз модар омӯхтаед... (Фараж, 6.01.2016. - С.13).

Чеҳраи воқеии модар дар ашъори **Шумо** ҷовидонӣ шудааст (Фараж, 6.01.2016. - С.13).

Дар мисолҳои боло муносибат миёни аъзои оила - духтар бо модар, бародар бо хоҳар сурат гирифтааст.

Аз дӯстони кӯдакӣ то ҳол ягон нафар ҳастанд, ки аз аҳволи **Шумо** хабар бигиранд? (Фараж, 24.08.2016. - С.4).

Баҳси судии **Шумо** чӣ гуна оғоз ёфт? (Фараж, 12.08.2015. С.9).

Ба назари **Шумо** ҳукми баровардаи суд одилона буд (Фараж, 12.08.2015. - С.9)?

Ва **Шумо,** воқеан, хушбахтед, хоҳараки азизи ман! (Фараж, 6.09.2016. - С13).

Мегӯянд, ки **Шумо** акси модарро бисёр тасвир мекунед, аммо акси модари худро то ҳол тасвир накардаед. Боз шунидем, ки ҳоло дар фикри ҳамонед (Фараж, 24.08.2016. - С.4).

Дар ин мисолҳо муроҷиат ба шахси танҳо тавассути ҷонишини шахси дуюми ҷамъ сурат гирифтааст. Дар ин ҷо ҷонишин ба вазифаи эҳтиром омадааст на ба вазифаи аслияш.

Агар дар мисолҳои боло ба ҷойи ҷонишини "шумо" ҷонишини "ту" навишта мешуд, як андоза даҳалгуфторӣ ва беэҳтиромӣ мушоҳида мегардид.

Аз ҷиҳати грамматикӣ, ҷонишини **шумо** ҳам дар ҳолати ба гурӯҳи зиёди одамон муроҷиат кардан ва ҳам дар мавриди ба шахси алоҳида бо эҳтиром ишора намудан мазмунан хусусияти ҷамъ дорад. Аз ҳамин сабаб ҳангоми ба вазифаи мубтадо омадани ҷонишини мазкур дар ҳар ду ҳолат ҳам бояд хабар дар шакли ҷамъ ифода ёбад.

Фикри моро дар бобати ба маънои ҳурмату эҳтиром фаровон ба кор бурда шудани ҷонишини **шумо** тадқиқоти Г. Камолова дар асоси "Маҷмаъ-ут-таворих" низ тасдиқ мекунад: "... ҷонишини **шумо** дар забони "Маҷмаъ-ут-таворих" мисли ҷонишин имрӯза вазифаи муҳимми услубиро низ иҷро мекунад: ҳамчун калимаи ҳурмату эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо истеъмол мешавад: Ҳазрати Азим гуфтанд, эй фарзанд, ин турк **шумо**ро нофайид накунад" [5, с.122].

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ҷонишини **шумо** чунин тафсир шудааст:

Шумо: *ҷонишини шахсии шахси дуюми ҷамъ.*

Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,
Бозгардад ё барояд, чист фармони **шумо**? (*Ҳофиз).*

Ҷонишини мазкур дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба тарзи зайл шарҳ ёфтааст:

Шумо. 1. *ҷонишини шахсии шахси дуюми ҷамъ;* 2.ба тарзи эҳтиром барои ифодаи шахси дуюми танҳо низ истеъмол мешавад (Фарҳанги тафс. Саҳ. 658).

Дар забони тоҷикӣ ҷонишини **шумо** на танҳо аз тарафи хурдон нисбат ба калонсолон, балки аз тарафи калонсолон барои эҳтиром нисбат ба хурдсолон ҳам кор фармуда мешавад. Ғайр аз ин, баъзе касон дар мавридҳои ҷудогона фарзандони хурдсоли худро ё бачагони шиносро **шумо** мегӯянд, ки ин танҳо як шакли навозиш асту халос. Дар навбати худ ин тарзи муносибат ҷиҳати тарбиявӣ ҳам дорад. Ман худ намояндаи шеваи мазкурам ва чунин ҳолатро зиёд мушоҳида кардаам. Масалан: Бачаҷон, ба ман об диҳед. Духтарам ба Шумо хушбахтӣ мехоҳам.

Одамон аз рӯзҳои аввали шиносоӣ бо якдигар **шумо** мегӯянд, зеро муҳити расмӣ мусоҳибонро водор мекунад, ки ҳамдигарро **«шумо»** гӯянд ва дар ҳолате ба **«ту»** мегузаранд, ки зарурат ва мавқеъ пайдо шавад. Аксар муносибати одамон ҳангоми ба **ту** гузаштан боз ҳам наздик мешавад. Бинобар ин, ту гуфтан ҳамеша нишони ҳурмат накардан нест. Дар бисёр ҳолатҳо сухан не, балки оҳанги гуфтор ба одамон таъсир мерасонад.

Тавре дар боло қайд намудем, ҷонишини **шумо** ба ду маънӣ кор фармуда мешавад. Духӯрагии ҷонишини шахси дуюми ҷамъ барои возеҳ баён шудани фикр халал мерасонад. Соҳибзабонон барои ислоҳ шудани ин ноқисӣ роҳҳо ҷустуҷӯ кардаанд ва дар натиҷа ба ҷонишини шахси дуюми ҷамъ **шумо** пасвандҳои ҷамъсози тоҷикии **-ҳо** ва **-он** васл гардида, шакли дукарата (**шумо-ҳо** ва **шумо-ён**) ҳосил шудааст.

Муҳаққиқ Б. Шарифов дар бобати ҷамъ баста шудани ҷонишинҳои шахси якум ва дуюми ҷамъ мегӯянд, ки яке аз сабабҳои суффикси ҷамъбандӣ қабул кардани **мо** ва **шумо** ба ниҳоят суфташавии маънӣ, зиёдтар истеъмолёбии онҳо дар муносибат, барои ифодаи маънои хоксориву фурӯтанӣ ва ҳурмату эҳтиром вобаста аст. Ин гуна ҳолатро, хусусан, нисбат ба ҷонишини шахси дуюми ҷамъ **шумо** мушоҳида кардан мумкин аст [16, с.53].

Забоншиноси варзида Носирҷон Маъсумӣ низ дар асарашон "Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик" ба ин нукта диққат дода, қайд мекунанд: "Ҷараёни инкишофи шаклҳои **шумоҳо, шумоён** ягонагии вазифаи **шумо**ро торафт қувват дода истодааст, ки ин дар забони халқ асосан ба маънои танҳо ва эҳтиром кор фармуда шудани **шумо**ро мефаҳмонад" [7, с.188].

*Дар мавриди калимаи **устод*** муҳаққиқ Бобоҷонова як қатор исмҳои ифодакунандаи эҳтиромро номбар намудаанд, аз ҷумла: - аллома, домулло, устод, омӯзгор, муаллим, мударрис, пайғамбар, офаридгор, ҳазрат, мавлоно, мавлавӣ, имом, мулло, шайх, хоҷа, номзади илм, дотсент, доктори илм, профессор, академик, арбоб, арбоби илм, арбоби санъат, ходими шоста, Қаҳрамони Тоҷикистон [1, с.27].

Дар байни исмҳои мазкур калимаи **устод** ҷойгоҳи хосса дорад. Мутаассифона, дар ҷомеаи мо калимаи мазкурро бисёр бемаврид истифода мекунанд. **Устод** гуфта нафареро мегӯянд, ки дар ҷамъият хизматҳои шоён карда сазовори нуфуз ва эътибори баланд бошад. Ҳамчунин шогирдони зиёд тарбиятдидаи ӯ бошанд. Дар соҳаи адабиёт аслан ду нафар ба дараҷаи устодӣ расидаанд: - сардафтари адабиёти классики форс-тоҷик, устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва сардафтари адабиёти навини тоҷик, устод Садриддин Айнӣ.

Калимаи **устод** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ чунин тафсир шудааст:

Устод: 1. муаллим, омӯзгор.

Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи **устод** - бузургтар. *Аҳмади Дониш*

Зи гиря кор ба ҷое расондаам, Ҳайрат,

Ки сӯхт аз ғами шогирдии ман **устод**ам (*Ҳайрат).*

2. донои кор, бомаҳорат; мутахассис дар коре ё пешае.

...Ва дар ҷодувӣ бағоят **устод** шуда, ва падари ӯро Ҳаким ном буд (*«Таърихи Наршахӣ»).*

Уҷрати муздур ва **устод** дар корҳо таъйин карда буд (*«Маҷмаъ-ул -ансоб»).* **устоди донадорпаз:** устои палавпаз, ки обро бисёр наандохта, биринҷ каме зиндатар мемонад.

Дигар ҳунарвари **устоди донадорпаз** аст,
Ки дам зи сурати дегаш намекашад наққош (*Савдо).*

устоди азал: *д.* қазо, сарнавишт, тақдир; худо.

Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,
Он чӣ **устоди азал** гуфт: «Бигӯ!» - мегӯям (*Ҳофиз).*

устоди гулдаст: моҳир, санъаткор, ҳунарманд.

Ба дасташ гул кунад - ҳар ҷо гиле ҳаст,
Надида кас чунин **устоди гулдаст** (*Сайидо).*

устоди фитрат: *д.*офаридгор, худо.

Айбам макун ба тангии дил, чун ғамат фузуд,
Устоди фитрат аз азал ин хона танг сохт (*Ҷомӣ).*

устоди ҳафт осмон: *киноя* аз ситораи Муштарӣ (Юпитер)

устоди кор будан: омӯзанда, таълимдиҳанда, мутахассиси кор будан.

Вале чун ишқ буд **устоди кораш**,
Зи шарме об мезад бар шарораш (*Ҳозиқ).*

ба ҳар фан устод будан: бисёр ҳунар доштан, ҳунарманди ҳар кору соҳа будан.

... К-инак писаре **ба ҳар фан устод**,
Бо ман писар асту бо ту домод (*Шоҳин)* (Фарҳанги заб. Қ.2. - С.395).

Баъзеҳо атрофи калимаи *устод* ва *устоз* зиёд баҳс мекунанд. Эшон бар он ақидаанд, ки нафаре дар мактаб (донишгоҳ) хатту савод меомӯзонад устод асту нафаре, ки ягон касбу ҳунарро ёд медиҳад устоз. Ба фикри ман ин нодуруст аст. Калимаи **устод** баёнкунандаи ҳар ду ҳолат аст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ низ калимаи устоз ба маънои устод омадааст:

устоз: *ниг.* устод.

Устод чашми бинои мардум мебошанд, то ҳоли мардум бубинанд, **устод** гӯши шунавои мардум ҳастанд, то овози мардум бишнаванд, **устод** дасту бозуи мардуманд, то гаронии мардум дарк намоянд (Фараж, 22.06. 2016. - С.15).

Устод аз ҳунари волою нотакрори ҳофизони мардумӣ Шариф Ҷӯраев, Одина Ҳошимов, Абдулло Назриев, Ҳуршед Алидодов, Боймуҳаммад Ниёзов ва чанде дигарон ёдовар шуданд (Фараж, 22.06.2016. - С.15).

Устод ситораи тобноке мебошанд дар уфуқи илму фарҳанг (Фараж, 22.06. 2016. – С.15).

Мутаассифона, ин гуна равияҳо фақат тариқи расмӣ дар матбуот ё телевизион истифода мешаванду халос. Дар муносибати ғайрирасмӣ ё худ кӯчагӣ костагии эҳтирому фурӯтанӣ ба назар мерасад. Шояд костагӣ дар муошират таъсири бегонагон бошад. Ҳоло фурсати он расидааст, ки ин костагӣ бартараф гардад, ҳусну одоби гуфтори боэҳтиромона ва фурӯтанона эҳё гардад.

Муқарриз: *Ҷӯраева М.* – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоҷонова Б. Категорияи эҳтиром дар забони тоҷикӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология / Б.Бобоҷонова. - Душанбе, 2001 - 150 с.
2. Деҳотӣ, А. Кадомаш дуруст аст – «ту» ё «шумо»? / А.Деҳотӣ // Тоҷикистони советӣ, 1985. 1 июн.
3. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе, 1987.
4. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Пойтахт, 2015. - 108 с.
5. Камолова Г. Хусусияти грамматикии забони насри асри XVI (дар асоси материали "Маҷмӯъ - ут - таворих"): дисс. барои гирифтани унвони номзади илми филологӣ / Г.Камолова. - Душанбе, 1973.
6. Кременцова О.В. Одоби муошират / О.В. Кременцова. – Душанбе: Маориф, 1985. – 92 с.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. - 295 с.
8. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1970. – 387 с.
9. Отахонова Х. Ҳусни инсон / Х.Отахонова. – Душанбе, 1975.
10. Рустамов Ш. Аломати ҷамъ ва одобу эҳтиром / Ш.Рустамов // Маориф ва маданият, 1975. 24 апрел.
11. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ / Б.Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1982. - 237 с.

12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. - Ҷ.1.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., 1969. - Ҷ.2.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1.
15. Фарҳани тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. - Ҷ.2.
16. Шарифов Б. Чанд сухан доир ба тарзи баёни "Бадоеъулвақоеъ"-и Восифӣ / Б.Шарифов // Конфренсияи олимони ҷавон. - Душанбе, 1966.
17. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар мақоме дорад / М.Шукуров. – Душанбе, 1985.
18. Ҷӯрева М. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI / М.Ҷӯрева. - Душанбе, 2004. - 120 с.

ИФОДАИ ЭҲТИРОМ ДАР МУСОҲИБАИ МАТБУОТИ ХУСУСӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи эҳтиром ва истифодаи он дар матбуоти хусусӣ меравад. Муаллиф бо мисол ва далелҳои мантиқӣ нақши эҳтиромро мавриди баррасӣ қарор додааст. Эҳтиром маҳз дар забон ва ба воситаи забон ифода мешавад, чунки забон воситаи ягонаи муомилаву муошират ва ифодаи фикри аъзои ҷамъият аст. Тибқи андешаҳои муҳаққиқони соҳа категорияи эҳтиром бештар тавассути ҷонишин сурат мегирад. Ҷонишин бо ҳиссаҳои номии нутқ - исм, сифат, шумора инчунин бо зарф алоқаманд буда, дар ҷараёни ифодаи фикр ба ҷойи онҳо меояд. Маънои луғавии онҳоро пурра дар бар гирифта натавонад ҳам, ба предмет ва аломату хусусият, тартибу миқдори он ишора мекунад. Ҷонишин имконият медиҳад, ки фикри гӯянда бо роҳҳои гуногун баён гардад, яъне барои такрор нашудани як калима имкон медиҳад. Дар забони ҳозираи тоҷик воситаи машҳуртарини ифодакунандаи эҳтиром - ин ҷонишини шахси дуюми ҷамъ, яъне **шумо** ба ҳисоб меравад. Ҷонишини мазкур ғайр аз маънои эҳтиром, инчунин ифодакунандаи маънои гурӯҳи зиёди одамон аст. Вазифаи асосии ҷонишини **шумо** категорияи ҷамъ аст. Ба кадом маънӣ омадани ҷонишин аз матн аён мегардад. Исм низ ифодакунандаи эҳтиром аст. Дар байни исмҳои мазкур калимаи **устод** ҷойгоҳи хосса дорад. Мутаассифона, дар ҷомеаи мо калимаи мазкурро бисёр бемаврид истифода мекунанд. **Устод** гуфта нафареро мегӯянд, ки дар ҷамъият хизматҳои шоён карда сазовори нуфуз ва эътибори баланд бошад.

Калидвожаҳо: эҳтиром, ҷонишин, Шумо, устод, исм, муҳаққиқ, фарҳанги забони тоҷикӣ, фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, матбуоти хусусӣ, Фараж, забоншиносӣ, мисол.

ВЫРАЖЕНИЕ УВАЖЕНИЯ В ЧАСТНОМ ПРЕСС-ИНТЕРВЬЮ

Эта статья посвящена уважению и использованию его в частной прессе. Автор обсуждает роль уважения с помощью примеров и логических аргументов. Уважение выражается на языке и посредством языка, потому что язык - единственное средство общения и выражения идей членов общества. По мнению исследователей в данной области, категория уважения чаще проявляется через депутата. Местоимение связано с именными частями речи - существительными, прилагательными, числительными, а также с наречием и заменяется в процессе выражения мысли. Хотя оно не полностью передает их лексическое значение, оно относится к объекту и его знаку, характеру, порядку и количеству. Местоимение позволяет по-разному выражать мысли говорящего, то есть избегать повторения одного и того же слова. В современном таджикском языке самым популярным средством выражения уважения является второе лицо множественного числа, то есть вы. Это местоимение не только уважительное, но и выражает значение большой группы людей. Основная функция вашего заменителя - это категория коллекции. Значение местоимения ясно из текста. Имя также означает уважение. Среди этих имен особое место занимает слово «мастер». К сожалению, в нашем обществе это слово используется очень неадекватно. Учитель - это человек, оказавший большую услугу обществу и заслуживающий высокого престижа и уважения.

Ключевые слова: уважение, депутат, ты, учитель, существительное, исследователь, словарь таджикского языка, таджикский словарь, частная пресса, фарадж, лингвистика.

EXPRESSING RESPECT IN A PRIVATE PRESS INTERVIEW

This article is all about respecting and using it in the private press. The author discusses the role of respect through examples and logical arguments. Respect is expressed in language and through language, because language is the only means of communication and expression of the ideas of members of society. According to researchers in this field, the category of respect is more often manifested through the deputy. The pronoun is associated with the nominal parts of speech - nouns, adjectives, numbers, as well as with an adverb and is replaced in the process of expressing thoughts. Although he does not fully understand their lexical meaning, he refers to the object and its sign, character, order and quantity. The pronoun allows you to express the speaker's thoughts in different ways, that is, to avoid repeating the same word. In modern Tajik, the most popular means of expressing respect is the plural second person, that is, you. This pronoun is not only respectful, but also expresses the meaning of a large group of people. The main function of your placeholder is the collection category. The meaning of the pronoun is clear from the text. The name also means respect. Among these names, the word master occupies a special place. Unfortunately, in our society this word is used very inadequately. A teacher is a person who has rendered a great service to society and deserves high prestige and prestige.

Key words: respect, deputy, you, teacher, noun, researcher, dictionary of the Tajik language, Tajik dictionary, private press, faraj, linguistics, for example.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифов Шоҳин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-442-92-42**

Сведение об авторе: ***Шарифов Шохин*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры стилистика и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-442-92-42**

Information about the author: ***Sharifov Shokhin*** - Tajik National University, Ph.D. candidate of the department of stylistics and literary editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-442-92-42**

УДК: 654.197 (575.3)

МАВҚЕИ ГУЗОРИШҲОИ МАВЗӮӢ-ТАҲЛИЛӢ ДАР БАРНОМАИ «ВАҚТ»-и ТЕЛЕВИЗИОНИ «ДУШАНБЕ»

Раҳими Карим
Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Иттилоърасонӣ яке аз бахшҳои умдаи фаъолият дар телевизион ба ҳисоб меравад. Рисолати мазкурро кормандони шуъбаву идораҳои иттилоотӣ ба зимма доранд. Ба ин нукта олимони соҳа А.Саъдуллоев, А.Азимов, М.Муродов, З.Муъминҷонов, М.Шоев, С.Ҳайдаров, Ҷ.Қуддус, И.Ҳамидиён, Б.Абдураҳим ва дигарон ишора намудаанд.

Дар сохтори Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» бо мақсади таъмини вазифаи иттилоърасонӣ идораи барномаҳои иттилоотӣ фаъолият мекунад, ки дар он сармуҳаррир ва 7 муҳаррир ба кори эҷодӣ машғуланд. Маҳсули фаъолияти онҳо ҳамарӯза тавассути барномаи иттилоотии «Вақт» пахш мегардад. Ин барнома дар як рӯз 5 маротиба нашр мешавад, ки ду маротибаи он пурра ва ду маротибаи дигар қисман такрор аст. Соати 08:00 барнома такрорӣ пахш мешавад. Соати 13:00 низ гузоришҳои такрорӣ ба эфир мераванд, вале барнома бе наттоқ пешниҳоди бинанда мегардад. Соати 17:00 нашри барнома бо давомнокии то 25 дақиқа омода мешавад, ки дар он гузоришҳои давоми рӯз таҳияшуда пахш мешаванд. Бо иловаи аз 2 то 5 гузориши нав дар соати 19:00 барнома ба эфир мебарояд. Давомнокии он вобаста ба ҳаҷми гузоришҳои иловашуда то 45 дақиқаро ташкил медиҳад. Барои мисол, барномаи «Вақт», ки рӯзи 20 феврали соли 2021, соати 19:00 пахш шудааст, аз 43 дақиқа иборат буд. Дар соати 21:00 ҳамин барнома такроран пахш мешавад. Вале дар баъзе маврид 1 то 3 гузориш вобаста ба муҳиммияташон илова мешаванд. Маъмулан, гузоришҳое, ки дар нашри соати 21:00 ҳамроҳ мегарданд, ин хабару рӯйдоди расмӣ ва моҳиятан куҳнашаванда мебошад. Қисми бештари маводи дар барнома нашршаванда дар қолаби ҳисобот омода мешавад, вале он ҳамчун гузориш дар эфир муаррифӣ мегардад. Ҳисобот ҳамчун жанри хабарӣ дорои тавсифҳои гуногун аст, ки аз ҷониби олимони соҳа ва муҳаққиқони дохилию хориҷӣ пешниҳод гардидааст. М.Муродов ҳисоботро «жанри қадима ва маъмули журналистика» [11, с.106], А.Саъдуллоев ва М.Шоев «жанри хабарие, ки аз унсурҳои ҳамаи гунаҳои иттилоот истифодабаранда» [13, с.47] ва З.Муъминҷонов бо такя ба китоби «Телевизионная журналистика» «инъикоскунандаи рӯйдодҳои расмии аҳаммияти иҷтимоӣ ва давлатидошта» [9, с.93] маънидод намудаанд.

Аз рӯйи талабот ва моҳияти зикршуда аксари матолиби нашршударо метавон дар барномаи иттилооти «Вақт»-и телевизиони «Душанбе» ҳисобот номид. Зеро аксаран аз ҷараёни баргузории ин ё он чорабинии гуногунсатҳ, ба монанди Иҷлосияи навбатии маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, машварати омӯзиши маорифчиёни пойтахт, ҷаласаи солонаи ҳисоботӣ-интихоботии сохтору мақомоти шаҳрӣ ва ба монанди инҳо таҳия мегарданд.

Муҳаққиқ Ҷовид Муқим менависад: «Репортаж аз зумраи жанрҳоест, ки метавонад рӯйдодро нақл карда, шунавандаро дар тасаввур яке аз иштирокчиёни воқеа намояд» [10, с.28].

«Репортаж – ин, пеш аз ҳама, ҳикоят дар бораи факти навест, ки барои хонанда номаълум мебошад ва қиссаест дар бораи паҳлуи нави ҳодисаи маълум», - мегӯянд муҳаққиқони рус [15, с.243].

Ба қавли муҳаққиқи жанрҳо М. Барманқулов «Репортаж – ин маҷмӯи унсурҳои ба ҳам вобаста мебошад. Агар рӯйдод бештар бошад, нақши журналист коҳиш меёбад. Агар рӯйдод ба маҳфуми томаш набошад, пас нақши хабарнигор меафзояд. Ҳамчунин, нақши унсурҳои баёноварандаи рӯйдод аз қабили «ҳаракати микрофон» дар фазову вақт зиёд мешаванд» [6, с.23].

Муҳаққиқон А. Саъдуллоева ва С. Гулов менависанд: «…дар репортажи проблемавӣ мақоми таҳқиқ ва тасвири он дар хатти сужа мақоми махсус дорад. Дар ин гуна репортаж фактҳо тавзеҳ ёфта, хулосаи муаллиф дар пасманзараи воқеа баён мегардад» [14, с.25].

Дар «Телевизиони Душанбе» маводе низ нашр мешавад, ки дар қолаби жанри репортаж омода шудааст. Репортажи телевизионӣ бояд объектеро инъикос кунад, ки он фарогири амалу ҳаракат ё баррасии мушкили ин ё он соҳа бошад. А.Саъдуллоев ва Маҳмудхон Шоев онро чунин тавсиф намудаанд: «репортаж он гуна жанри журналистика аст, ки тавассути радио, телевизион ва матбуот дар бораи ягон воқеа (бо иштироки журналист) хабар медиҳад» [13, с.58]. Муҳаққиқи дигари соҳа Зулфиддин Муъминҷонов объекти ин жанрро чунин тасвир намудааст: «аз ҷойи воқеаи муҳим пешниҳоди беҳтарин иттилоъ танҳо тариқи жанри репортаж имконпазир асту халос» [9, с.94]. Профессор Мурод Муродов бошад, репортажро «шакли рӯзмарра, фаврӣ ва динамикии тасвири эҳсосии воқеа, ки муаллиф шоҳид ва ё иштирокчии он будааст» [11, с.113] таъриф додаст.

Мо репортажҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки хусусияти таҳлилӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ доранд, зеро ба андешаи олимони соҳа «асоси репортажро воқеаи шавқовари аҳаммияти иҷтимоидошта ташкил медиҳад» [11, с.113].

Таҳлили мо нишон дод, ки то соли 2012 нашри чунин гузоришҳо дар барномаи иттилооти телевизиони шаҳрӣ нисбат ба имрӯза бештар будааст. Дар ин қисмат равшанӣ ба як нуктаро зарур мешуморем. Ҷойи таъкид аст, ки он вақт ин шабака «Телевизиони Пойтахт» ном дошта, барномаи хабарӣ зери унвони «Паём» таҳия ва нашр мешуд. Оғоз аз соли 2013 барномаи иттилоотӣ ба «Вақт» ивази ном кард ва дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 сентябри соли 2006» аз 28 марти соли 2017 номи Муассисаи давлатии «Телевизиони Пойтахт» ба Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» иваз карда шуд.

Бароришиҳои саривақтии партовҳо ва тозагии муҳити зист яке аз масъалаҳое аст, ки доир ба он дар «Телевизиони Душанбе» пайваста репортаж таҳия ва пахш мешавад. Таҳлил нишон дод, ки ҳадди ақал моҳе як гузориш дар робита ба ин мавзӯъ аз ҷониби муҳарририрони идораи барномаҳои иттилоотӣ омода мешавад. Санаи 14-уми августи соли 2010 дар барномаи “Паём” аз ҷониби журналист Нурмуҳаммад Раҳимов гузориш дар робита ба мавзӯи болозикр омода шудааст, ки масъаларо ба таври назаррас ва ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додааст. Масъалаи асосии дар меҳвари гузориш қароргирифта сари вақт набаровардани партовҳои сахти майишӣ ва зиёни он ба муҳити зисту саломатии одамон мебошад. “Ин тӯдаи партов ва паҳн гардидани бӯйи ғализ сокинони шаҳраки 104-и ноҳияи Синои шаҳри Душанберо ба ташвиш овардааст. Зеро дар ин гармои фасли тобистон бо чунин вазъият рӯ ба рӯ шудани сокинон боиси нигаронист» [2]. Бо ҳамин ду ҷумла ва ҷой додани андешаи сокини шаҳрак Уғӯлой Каримова гузориш оғоз мешавад. Бамиёнгузории мушкилот, баррасии он аз чанд зовия ва пешниҳоди фикри худ дар хулоса яке аз талаботи асосӣ дар таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ-мавзӯӣ мебошад.

Бо риояи ин талабот муаллиф дар гузориш мавзӯъро ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Баъди ба миён гузоштани масъала, ҷой додани андешаи сокинон ва талаботи онҳо журналист ба муассисаи соҳавӣ, ки сабабгори асосии ба чунин ҳолат расидани вазъ гардидааст, муроҷиат менамояд. Тавре дар идомаи гузориш мебинем, сабаби ин ҳолатро сармуҳандиси КВД «Нақлиёти махсуси партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳияи Сино ба кам будани техникаҳои коммуналӣ ва саривақт пардохт нашудани маблағи хизматрасонии бароришиҳои партовҳо аз ҷониби сокинон ва корхонаву муассисаҳои гуногунмоликият рабт медиҳад.

«Бо 2-3 адад техникаи партовкашонии куҳнаю фарсуда мо наметавонем тамоми ноҳияро саривақт аз партов тоза кунем. Корхонаи мо худмаблағгузор ва вобастаи пули хизматрасонӣ аст, ки он низ саривақт аз ҷониби сокинон супорида намешавад. Вале мо талош дорем, ки дар оянда бо хариди техникаи нав ва тавассути шартнома ба кор ҷалб намудани нақлиёти боркашонии шахсии сокинон ин мушкилотро ҳал намоем» [2].

Дар идомаи гузориш вобаста ба таъсири бади чунин ҳолат ба муҳити атроф андешаи кормандони Раёсати ҳифзи муҳити зисти шаҳри Душанбе ва зарари он ба саломатии сокинон назари мутахассиси шуъбаи гигиенияи коммуналии Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷой дода шудааст, ки ҷолибияту таъсиррасонии бештари гузоришро таъмин намудааст. Ба хулосаи мо, ин навор яке аз репортажҳои хуби таҳлилӣ-мавзӯӣ дар соли 2010 ба ҳисоб меравад. Новобаста ба ин, дар гузориши болозикр низ камбудиву норасоӣ ҷой дорад. Яке аз онҳо набудани стендапи рӯзноманигор мебошад, ки он то ҷое бевосита дар ҷойи ҳодиса будани журналистро зери шубҳа мегузорад.

Ба ҳамин монанд даҳҳо гузориши дигарро зимни пажӯҳиши мавзӯъ дучор омадем, ки тавассути барномаи мазкур пахш гардидааст, вале хусусияти таҳлилии он хеле кам буда, бештар дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои соҳавии партовкашонӣ омода шудааанду на таҳлил, балки фаъолияти онҳоро инъикос мекунанд. Тавре дар гузориши омоданамудаи муҳаррири идора Саодат Тоҳирова мушоҳида намудем, он бо чанд ҷумлаи умумӣ оғоз мешавад ва танҳо андешаи корманди КВД «Нақлиёти махсуси партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳияи Сино ҷой дода шудааст. Андешаи сокинон доир ба хизматрасонии корхона ва ё сохторҳои назоратӣ, ба монанди раёсат ва ё бахши ҳифзи муҳити зист дар он ҷой дода нашудааст. Мушкилоти баррасинамудаи чанд соли пеш ҳоло нисбатан бартараф гардид. Яъне, ҳоло корхонаҳои соҳавӣ дорои техникаҳои зиёди партовкашонӣ буда, дар самти барориши он аксаран мушкил пеш намеояд. Вале муҳаррирони идораи барномаҳои иттилоотии «Телевизиони Душанбе» метавонистанд дар заминаи баррасии мавзӯъ ба коркарди партовҳо таваҷҷуҳ намоянд, ки то ҳол дар кишвар он ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст.

Норасоии оби нӯшокӣ ва бо фишорӣ зарурӣ интиқол наёфтани он ба биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ яке аз мавзӯъҳои дигарест, ки доир ба он пайваста гузоришҳои таҳлиливу танқидӣ таҳия ва пахш карда мешаванд. Баррасии барномаҳои давоми 5 соли охир пахшшудаи ин шабакаи телевизионӣ нишон дод, ки дар ин мавзӯъ низ назар ба солҳои қаблӣ торафт гузоришҳои таҳлилӣ камтар омода мешаванд.

Соли 2016 муҳаррири идора Моҳнисо Қурбонова танқисии сокинон аз оби нӯшокиро дар мисоли маҳаллаи Ҳосилоти ноҳияи Фирдавсӣ ва биноҳои баландошёнаи кӯчаи Соҳилии ноҳия зимни таҳияи репортажи худ ба риштаи таҳлил кашидааст. Объекти асосии мавзӯъ бо меъёр интиқол додани оби нӯшокӣ ба мавзеъҳои болозикр мебошад. Гузориш бо гузоштани садои кӯтоҳи сокини маҳалла (интершум) оғоз мешавад. Бо чанд ҷумлаи идомадиҳандаи фикри сокин аз ҷониби муҳаррир қаҳрамон дубора андешаашро идома медиҳад. Хусусияти таҳлилии гузориш дар он зоҳир шудааст, ки муҳаррир дар ҷойи ҳодиса бо стендап намудор аст. Инчунин, андешаи ду сокини маҳалла, корманди КВД «Обу корези Душанбе» ва намояндаи шуъбаи коммуналии дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе ва муқобилгузории андешаи онҳо ҷанбаҳои таҳлилии гузоришро бештар ба миён гузоштаанд. Соли 2019 низ ҳамин гуна гузоришро дар барномаи «Вақт» пайдо намудем, ки он низ унсурҳои зиёди таҳлилӣ дорад, вале дастовардҳои КВД «Обу корези Душанбе» ҳам ба таври рӯшан инъикос мешаванд. Дар ин гузориш фаъолияти насосҳои барориши сеюми корхонаи обрасонӣ, ки асосан таъмини об бо фишорӣ зарурӣ ба фаъолияти онҳо вобаста аст, баррасӣ мешавад. Дар гузориш нахуст доир ба мушкили сокинони биноҳои баландошёнаи кӯчаи Садриддин Айнии ноҳияи Шоҳмансур таваҷҷуҳ шудааст. Ин танқисии сокинон бо истифодаи матни паси кадр, андешаи сокинон ва корманди корхонаи соҳавӣ ба риштаи таҳлил кашида мешавад. Дар идомаи гузориш ин мушкил ба фаъолияти насосҳои барориши сеюм рабт дода мешавад. Дар дақиқаи сеюми гузориш Аскар Ҷамилов - мудири шуъбаи насосҳои барориши сеюми КВД «Обу корези Душанбе» андешаи зерро баён мекунад: «Давоми солҳои охир 70 фисади насосҳои барориши сеюм таъмин ва модернизатсия шудаанд. Ин имкон додааст, ки мо ҳоло қисмати аъзами шаҳрро аз реҷа барорем ва 24 соат бо об таъмин намоем. Насосҳои ин минтақа дар навбат аст. Мо нақшабандӣ намудаем ва дар фурсати наздик насосҳо иваз ва биноҳои минтақаи болозикр низ пурра бо об таъмин карда мешаванд» [1].

Бо ҳамин, гузориш то охир, ки 7 дақиқаро ташкил медиҳад, доир ба корҳои анҷомдодаи корхонаи обтаъминкунӣ бахшида мешавад. Дар ин қисмат фаъолияти насосҳои нав, миннатдории сокинони минтақаҳое, ки як соли охир аз меъёр бароварда шудаасту пурра бо об таъмин шудаанд ва стенд-ап дар назди ҷумаки оби ҳуҷраи ошёнаи 12-уми яке аз биноҳои истиқоматиро дидан мумкин аст, ки назар ба таҳлил бештар таърифи соҳаро мемонад. Гарчанде ин воқеият аст ва дастовардҳо низ назаррасанд. Дар гузориши мавриди назар тавозуни дуҷониба риоя шудааст.

Пажӯҳишгарони соҳа таъкид мекунанд, ки хабарнигорон на танҳо воқеаро аз равзанаи мушоҳидаи худ нақл кунанд, балки кӯшиш намоянд, то аудитория онро ҳамчун воқеаи холис қабул намояд [11, с. 115]. Дар бештари маврид репортажҳои телевизионӣ айни замон якҷониба омода мешаванд ва иштироки бевоситаи муаллиф, ки талаботи асосии ин жанри хабарии телевизион аст, камранг ба мушоҳида мерасад, зеро стенд-апи журналист ҷой надорад. Зимни пажӯҳиши мавзӯъ ба чанд масъала рӯ ба рӯ шудем, ки онҳо

то ҷое барои пешниҳоди стенд-апи журналист монеа мешаванд. Дар навбати аввал он ба маҳорати хабарнигорон вобаста аст. Илова бар ин, на дар ҳар мавзӯъ ва объекти инъикосшаванда метавон ин унсурро истифода кард. Ба андешаи муҳаррирон набудани шароити мусоид, бахусус таъмини мошин ва дастгоҳи наворбардорӣ, инчунин сарбории зиёд тавассути чанд супориш барои як рӯзи корӣ имкон намедиҳад, ки онҳо дар аксари гузоришҳои худ стенд-ап пешниҳод намоянд.

Мавзӯи дигаре, ки бо пайгирии он бештар кормандони ин шабакаи телевизионӣ репортажҳои таҳлилӣ таҳия мекунанд, таъмирталаб будани роҳи дохили шаҳраку маҳаллаҳои пойтахт мебошад. Вобаста ба мавзӯи мавриди назар пайваста маводи хабарӣ омода мешавад, вале қисми калони он хусусияти таҳлилӣ дорад. Дар гузориши омоданамудаи муҳаррир Исматулло Нуров таъмирталаб будани роҳи кӯчаи Меҳнати ноҳияи Исмоили Сомонӣ баррасӣ шудааст. Бино ба талаботи замони муосир дар репортаж ҷой додани андешаи 3 нафар, стенд-апи журналист ва гузоштани садоҳои хос ба мавзӯъ ва навор (интершум) то ҷое ҳатмӣ гардидааст. Дар ин гузориш талаботи болозикр риоя гардида, муаллиф мавзӯъро ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Нахуст андешаи сокинони маҳалла, сипас пораи мусоҳиба бо сармуҳандиси сохтори масъул-Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Исмоили Сомонӣ ва дар охир барои дар кадом муҳлат ҳал шудани мушкилоти баррасишуда мулоҳизаи мудири шуъбаи банақшагирӣ ва молияи ноҳия истифода шудааст.

Муҳаққиқони соҳа С.Гулов ва М.Ҷумъаев вобаста ба маводи телевизионӣ чунин назар доранд: «Шаклҳои овозию тасвирӣ (аудиовизуалӣ) ба телевизион хос аст. Неруи телевизион дар дидашавандагӣ, мушаххасӣ ва амалан имконнопазир будани шарҳу тафсири дигаргунаи чизи дидашуда зоҳир мешавад» [7, с.48].

Дар қисмате аз барномаҳои хабарии телевизион имрӯз ноҷурии овоз ва тасвир ба назар мерасад. Барои мисол дар навор мо синфхонаҳои мактабро аз ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ мебинем, вале хабарнигор вобаста ба захираи ангишту ҳезум ва сӯзишворӣ сухан меронад. Ҳамин гуна мисолҳоро дар бархе аз репортажҳои таҳлилии тавассути «Телевизиони Душанбе» пахшшуда низ мушоҳида намудем. Дар репортажи телевизионӣ, ки вобаста ба танзими нархи маҳсулот дар бозор ва андешидани тадбирҳои мусоидаткунандаи он аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар барномаи «Вақт» санаи 16 апрели соли 2021 пахш шудааст, муаллиф доир ба захираи маҳсулоти ниёзи аввалия дар анборҳои сохторҳои шаҳрӣ сухан мегӯяд, вале дар навор кадрҳои умумии бозор нишон дода мешавад. Агар корманди идораи барномаи иттилоотӣ дар мавриди боло аз наворҳои захирагоҳҳои корхонаҳои шаҳрӣ истифода мекард, ҳам таъсиррасонӣ ва ҳам сифати маводи омоданамудааш беҳтар мешуд. Пажӯҳишгарон ба он назаранд, ки сарфи назар аз шаклу усули таъсиррасонии худ симо ва садо дар ҷомеа вазифаи бузурге – ташаккули ҷаҳонбинии инсонро ба ҷо меоваранд [8, с.11].

Дар ин раванд репортаж ҳамчун жанри хабарӣ бо интихоби мавзӯъҳои рӯзмарра аз ҷониби журналистони телевизион метавонад нақши хос дошта бошад. Агар унсурҳои хосси ин жанр ва талаботи он пурра ба назар гирифта шуда бошад. Таҳияи репортажҳои таҳлилӣ вобаста ба навгониҳои илму техника, муваффақиятҳои тоҷикон дар кишварҳои гуногуни олам, истифодаи бомаърифат аз технологияҳои муосир, аз ҷумла интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии шахс таъсири мусбат мерасонад.

Телевизион ва радио дар низоми васоити ахбори омма ҷойгоҳи муносиб дошта, чун воситаи тавонои тарғибу ташвиқ ва василаи сареъи расонидани иттилоъ барои ташаккули афкори ҷомеа нақши бузург мебозад. [1, с.26]. Дар баробари расонидани иттилоъ ҳамзамон бо таҳлили ҳамаҷонибаи бархе мушкилоти ҷомеа ва инъикоси он тавассути телевизион низ хабарнигорон дар ташаккули афкори ҷомеа нақш мегузоранд. Дар ин раванд истифодаи унсурҳои жанри репортаж барои кормандони идораҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ мувофиқ аст.

Тавре муҳаққиқи собиқадори журналистика Иброҳим Усмонов менависад: «Эътибори зиёди телевизион аз он вобаста аст, ки вай хислатҳои радио, кино ва театрро дар як вақт дар худ инъикос менамояд ва ба ин шева метавон гуфт, ки вай ба василаи муколамаи одии ҳаётӣ, ба истилоҳ ба воситаи зиндаи гуфтугӯ табдил меёбад» [16].

Илова бар ин, дар экран худро дидани қаҳрамон дар бештари маврид аудиторияи телевизионро васеъ менамояд. Бо қаҳрамон гуфтугӯ намудани хабарнигорон ва бевосита гирифтани андешаи онҳо дар рӯ ба рӯйи дастгоҳи наворбардорӣ дар аксари маврид

ҷолибияти маводи тедевизионӣ, хосса репортажро таъмин менамояд. Омили мазкур ҳамзамон барои дарки бештари воқеият аз ҷониби аудитория замина мегузорад. Ҳамин аст, ки дар бештари репортажҳои таҳлилии барномаҳои иттилоотии Телевизиони Душанбе аз 3 то 5 масъули соҳа ва сокинон доир ба мавзӯи баррасишаванда фикру мулоҳиза ва мавқеи корхонаву муассисаашонро баён менамоянд. Чунончи дар репортажи телевизионии санаи 17 октябри соли 2020 нашршуда мебинем, вобаста ба гароншавии нархи шакар ва норасоии он дар ҳудуди пойтахт андешаи 3 масъули соҳа аз корхонаҳои марбутаи шаҳрӣ ва 3 сокини пойтахт вобаста ба мавзӯъ пурсида шудааст. «Дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву мухобиротӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст” [18]. Дар таҳияи гузоришҳои иттилоотии худ кормандон дар бархе маврид аз технологияҳои нав низ истифода менамоянд. Мисоли ин гуфтаҳо суҳбатҳои онлайнӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бо коршиносони соҳа ва истифодаи он дар раванди таҳияи репортажҳои таҳлилӣ-мавзӯӣ мебошад. Маҳз муносибати субъективии муаллиф ба воқеаву рӯйдод, проблемаву зиддият таҳлилро ба вуҷуд меорад.

Омӯзиш ва таҳлили ҳолатҳои иҷтимоӣ, проблемаҳо ва тазодҳо дар жанрҳои таҳлилӣ тавассути усулҳои умумигардонӣ, таҳлил ва ҷамъбаст ҳосил мегардад. Дар таҳияи репортажҳои таҳлилӣ ҳар гуна навгонӣ дар шакли ақидаи муаллиф ва ҳамсуҳбатонаш ба аудитория расонида мешавад. Дар тавлиди фикр эҳсосу дарк ва ҷаҳонбинии муаллиф таҳлил нақши муҳим мебозад. Бо дарки моҳияти ин масъала таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯъҳои интихобгардида дар меҳвари репортажҳои таҳиянамудаи кормандони идораи иттилоотии “Телевизиони Душанбе” қарор мегирад. Вале дар муқоиса ба репортажҳои рӯйдодӣ - хабарӣ ин шакли репортаж хеле кам омода карда мешавад. Ба ин агар аз як ҷониб, беҳавсалагии журналистон ва надоштани диди таҳлилии онҳо сабаб шавад, аз ҷониби дигар, фазо ва муҳити телевизион бо инобати зиёд будани шумораи объектҳои инъикосшаванда имкон намедиҳад. Илова бар ин, дар таҳияи репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ муаллиф кӯшиш менамояд, ки як навъ дурнамои масъалаи баррасишавандаро пешгӯӣ намояд, ки инро дар журналистика “прогнозирования” меноманд. На ҳар журналист дорои чунин қобилият аст. Профессор Муродов Мурод дар журналистикаи муосир якчанд навъҳои пешгӯӣ карданро (прогнозирования), ки шакл гирифта истодааст, муайян намудааст:

-пешгӯии уҳдадорӣ ва ё пешгӯии ваъда;
-пешгӯии боэътимод (қатъӣ) ва ё пешгӯии ақида;
-пешгӯӣ-огоҳӣ;
-пешгӯӣ-хоҳиш;
-пешгӯӣ-хотиррасон;
-пешгӯӣ-пешниҳод;
-пешгӯӣ-шубҳа;
-пешгӯӣ-иттилоот [11, с.123].

Дар бештари гузоришҳои таҳқиқнамудаи мо пешгӯии уҳдадорӣ ва ё пешгӯии ваъда ба назар мерасад. Барои ҳалли мушкилоти баррасишуда масъулини соҳа ваъда медиҳанд. Аҳёнан ба репортажҳое, низ зимни пажӯҳиш дучор омадем, ки дар он аз иҷрои ваъдаҳои қаблӣ иттилоъ манзур мегардад. Ҳамзамон гузориш дар хусуси воқеаи ҳаррӯза омода намешавад, балки дар хусуси воқеаи нав ва аҳаммияти иҷтимоидошта таҳия мегардад. Воқеаи нав ду хел мешавад: коре, ки аввалин бор ба амал омадааст ва дигаргуние, ки дар амали куҳна пайдо шудааст. Ҳарду ҳам сабаби эҷоди гузориш мешаванд. Норасоии автобусҳои мусофирбарӣ дар хатсайри №37 дар репортажи омоданамудаи журналист Умед Саъдуллоев санаи 18 ноябри соли 2020 ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Репортаж дар натиҷаи шикояти сокинон омода шудааст ва дар баробари андешаи сокинон ҳамзамон пораи мусоҳибаи муовини директори КВД «Автобуси -3» низ ҷой дорад, ки он бо қатъият ҳалли ин мушкилиро дар рӯзҳои наздик баён менамояд. «Хати сайри автобусии рақами 37 яке аз хатсайрҳои дарозроҳи мусофирбарии шаҳри Душанбе мебошад. Дар асоси дархосту таклифи мусофирони ин масир мо вазъи хизматрасонӣ дар хатсайри автобусии рақами 37-ро, ки ба ККВД "Автобус-3" тааллуқ дорад, мавриди таҳлил қарор додем. Мо дар хиёбони Рӯдакӣ аз истгоҳи назди Фурӯшгоҳи марказӣ вориди атвобуси хатсайри 37 шудем ва дар дохили ин нақлиёти истифодаи умум мусофирон ангуштшумор буданд. Мавлуда Шарифова мусофирест, ки ҳамарӯза аз хона то коргоҳ рафтан аз автобуси хатсайри 37

истифода мебарад. Ӯ дар суҳбат гуфт, ягона мушкил масофаи ҳаракати байни автобусҳо мебошад” [4]. Дар ин қисмати репортаж андешаи сокинон доир ба ҳолати хатсайр истифода шудааст, ки хеле бамаврид аст. “Вақте мо бо автобуси тамғаи "ИСУЗИ" истеҳсоли Ҷумҳурии Узбекистон ба маҳаллаи Бунёдкорон расидем, бо ронанда ҳамсуҳбат шудем. Аз суҳбат бо ронандаи автобуси хатсайри 37 маълум шуд, ки онҳо низ дар баробари мусофирон ҳангоми ҳаракат дар хатсайр мушкил доранд” [4].

Дар ин қисмати репортажи телевизионӣ муаллиф андешаи ронандаро доир ба мушкилоти хатсайр ҷо намудааст. Муқобилгузории андешаи сокинон ва ронанда бо маҳорати хосса дар гузориш банду баст шудааст. Дар идомаи матлаби худ хабарнигор чанд мушкилии дигари хатсайрро бо истифодаи матни паси кадр ва навор ба миён гузоштааст. “Шумораи автобусҳои хизматгузор 10 ададро ташкил медиҳад. Масофаи ҳаракати байни автобусҳо ба гуфтаи масъулин, 10 дақиқаро ташкил медиҳад. Аммо мусофирон мегӯянд, онҳо омадани автобуси 37-ро дар истгоҳҳо на 10, балки 25-30 дақиқа мунтазир мешаванд. Дар баробари троллейбусҳо дар хатсайри рақами 10 автобусҳои хатсайри 37 дертар меоянд” [4]. Ин андешаи худро рӯзноманигор бо истифодаи андешаи ду мусофир асоснок менамояд, ки ин амал низ ҷанбаи таҳлилии матлабро бештар намудааст. Дар қисмати охири репортажи худ муаллиф доир ба ҳалли мушкилоти баррасишуда назари масъули корхонаи соҳавиро ҷой додааст ва бо ду ҷумлаи ҷамъбастӣ ба охири репортаж мерасад. “Тавре масъулини ККВД "Автобус-3" иттилоъ доданд, рӯзҳои наздик барои хизматрасонӣ дар хатсайри рақами 37 автобусҳои насли нави АКИА сафарбар карда мешаванд. Агар имрӯз дар ин хатсайр ҳамагӣ 10 адад автобус ба фаъолияти мусофирбарӣ машғул ҳастанд, дар ояндаи наздик шумораи автобусҳо ба 20 адад расонида мешавад” [4].

Вобаста ба ҳамин масъала, санаи 11 январи соли 2021 низ тавассути барномаи иттилоотии «Вақт» репортаж омода ва пахш шудааст, ки он вокуниш ба маводи қаблӣ буда, аз ҳалли мушкилот - яъне таъмин гардидани хатсайр иловатан бо автобусҳои тамғаи нав ва бо фарогирии кӯчаҳои бештар роҳандозӣ шудани хатти ҳаракати автобусҳои хатсайри мазкур хабар медиҳад. “Баъд аз муаррифии автобусҳои истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва троллейбусҳои нав ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар рӯзи 11 декабри соли 2020, автобус ва троллейбусҳои нав ба корхонаҳои коммуналии шаҳри Душанбе вобаста гардонида шуд ва баъдан нақлиёти нави ҷамъиятӣ ба фаъолияти мусофирбарӣ оғоз карданд. Ҳамин тавр 20 адад автобусҳои истеҳсолшуда дар корхонаи муштараки “Акиа Авесто Автоматив Индастри”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ККВД "Автобус-3" вобаста гардонида шуд. Автобусҳои ватании тамғаи "АКИА-ОРИЁ" имрӯз дар хатсайри рақами 37 мусофиронро аз маҳаллаи Бунёдкорон ба маҳаллаи Ховарон ва ҳамзамон баръакс интиқол медиҳанд” [5].

Дар гузориш ҳалли мушкилӣ бо андешаи масъули корхонаи соҳавӣ ба миён гузошта мешавад ва ҳамзамон дар робита ба ин масъала андешаи сокинон ҷой дода шудааст. Агар дар матлаби қаблӣ сокинон бо лаҳни шикоят андешаронӣ мекарданд, акнун бо миннатдорӣ ибрози назар намудаанд. «Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо ба инобат гирифтани эҳтиёҷоти сокинон ва меҳмонони пойтахт давра ба давра хатсайрҳои нави нақлиётиро таъсис медиҳад, ки барои амалӣ шудани чунин иқдоми муҳим истеҳсоли автобусҳои замонавӣ дар ҳудуди пойтахт имкони мусоидро фароҳам овардааст. ҶДММ «Акиа Авесто Автоматив Индастри» аввали соли 2020 дар асоси фармоиши мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аввалин бор истеҳсоли автобус бо дарозии 8 метрро ба таври силсилавӣ оғоз намуд. Ҳамин тавр корхонаи муштараки “Акиа Авесто Автоматив Индастри” дар маҷмӯъ давоми соли 2020, 50 адад автобуси дохилишаҳрии тамғаи “Акиа Ориё” истеҳсол кард. Автобусҳои дохилишаҳрии тамғаи “Акиа Ориё” насли дуюми автобусҳои истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз дар хатсайри рақами 37 ба мусофирбарӣ машғуланд. Онҳое, ки савори ин автобус шуданд ва дар равуо аз хизматрасонии он истифода бурдаанд, изҳори миннатдорӣ мекунанд” [5]. Гузориши дуюм вобаста ба мавзӯъ бо пешниҳоди ин матн ба анҷом мерасад.

Ба назари А. Нуралиев “Гузориш яке аз шаклҳои фаъолияти ахборӣ- публитсистӣ мебошад. Гузориши таърихӣ воқеае мебошад, ки онро репортёр дидааст. Асоси он

ҳодисаи аҳаммияти ҷамъиятидошта аст. Хусусиятҳои гузориши таъҷилӣ инкишофи ҷараёни воқеа, возеҳу равшан будан, тасвир, сухани фаъоли муаллиф мебошад" [12, с.97]. Ба назари мо дар таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ низ сухани фаъоли муаллиф дар баробари унсурҳои дигар муҳим аст. Зеро тавре мушоҳида гардид, аксари репортажҳои мавриди таҳқиқ қарордодаи мо бо андешаи муаллиф оғоз ва бо пешниҳоди фикри таҳлилии ӯ ҷамбаст карда мешавад.

Дар жанри гузориш саволу ҷавоб, муколама, нақл монологҳо вуҷуд дошта метавонанд. Аммо онҳоро ҳамчун жанри мусоҳибаи дохилӣ, репортаж, ё риоя нашудан, вайрон шудани сохтори гузориш низ қабул кардан даркор нест, хосса дар мисоли репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ. Зеро бе вуҷуд доштани унсурҳои зикршуда хусусияти таҳлилӣ ва таъсиррасонии маводи телевизионӣ, дар мисоли мо репортаж камранг мешавад. Аз ин рӯ, порчаҳои муколама, саволу ҷавоб дар аксарияти жанрҳо, аз ҷумла репортаж чун қисми таркибии ҳамон жанр, чун як ҷузъи он истифода мегардад. Вай барои равшан кардани кадом як хислати воқеаи асл лозим аст.

«Имкониятҳои телевизиони имрӯза ҳудуд надорад. Мо на танҳо табиат ва рӯйдодҳои он, балки инсонро дар образ ва берун аз он мебинем. Телевизион бо воситаи камера оламро ошкор менамояд. Вай

набзи сонияву дақиқаҳоро эҳсос намуда, пеши назари бинанда гузарон будани ҳаётро ҷилва медиҳад. Муҳимтарин хосияти телевизион, ин эффекти иштироки мустақими инсон дар ин раванд аст» [17, с.18]. Бо истифодаи чунин имкониятҳои васеи телевизион хабарнигорони шабакаҳои телевизионӣ метавонанд ба омода ва пахш намудани репортажҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ барои ҳалли мушкилоти гуногуни ҷомеа ва доираи муайяни шаҳрвандон саҳм гузоранд. Зеро, тавре муҳаққиқон ишора намудаанд ва воқеияти рӯз низ нишон медиҳад, телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбор дорои тавону қудрати зиёд аст ва баъди ҳалли чанд мушкилӣ пахши маводи телевизиониро ҳамчун намуна мо дар таҳияи ин мақола нишон додем.

Тавре аз таҳлил бармеояд, дар таҳқиқот низ назарҳо дар ин самт хеле гуногунанд. Роҷеъ ба ягон жанр фикри якнавохт вуҷуд надорад, аммо муҳим он аст, ки ҳеҷ кадоми муҳаққиқон вуҷуд надоштани жанр ё рангорангиҳои онро инкор накардаанд. Ин ба он далел аст, ки таҳаввулоти жанрӣ дар миён аст ва бо пешрафти замон талабот ба жанр низ тағйир меёбад.

Муқарриз: ***Ҳамидиён И.И.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Публитсистика ва воқеият / А. Азимов. – Душанбе, 2019. -112 с.
2. Барномаи «Вақт» // «Телевизиони Душанбе» // 2016, 24 апрел.
3. Барномаи «Паём» // «Телевизиони Душанбе» // 2010, 14 август.
4. Барномаи «Вақт» // «Телевизиони Душанбе» // 2020, 18 ноябр.
5. Барномаи «Вақт» // «Телевизиони Душанбе» // 2021, 11 январ.
6. Барманқулов М. Сравнительный анализ жанров / М.Барманқулов. – Алма-аты, 1975. - 115 с.
7. Гулов С. Муқаддимаи журналистика / С.Гулов, М.Ҷумъаев. – Душанбе, 2016. – 176 с.
8. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д.Давронов, Ҷ.Раҳмонова. - Душанбе, 2012. - 210 с.
9. Муъминҷонов З. Истифодаи жанрҳои иттилоотӣ дар намоишҳои хабарии телевзиион / З.Муъминҷонов // Васоити электронии ахборӣ ва армонҳои миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе, 2015. - 158 с.
10. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои Озодӣ / Ҷ.Муқим. - Душанбе, 2000. - 55 с.
11. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М.Муродов. – Душанбе, 2014. - 256 с.
12. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А.Нуралиев. - Душанбе, 2006. - 146 с.
13. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М.Шоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
14. Саъдуллоев А. Жанрҳои журналистикаи радио / А.Саъдуллоев, С.Гулов. – Душанбе, 1997. – 47 с.
15. Теория и практика советской периодической печати. – Москва, 1980.
16. Усмонов И. Журналистика. Ҷ.4 / И.Усмонов. – Душанбе, 2011. – 447 с.
17. Хамидиён И. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидении / И.Хамидиён, Б.Абдурахим. – Душанбе, 2019. - 256 с.
18. Ҳамидиён И. Усулҳои самараноки ташвиқ бо истифодаи технологияи муосир / И.Ҳамидиён Рӯзномаи «Минбари халқ» аз 3.03.2021

МАВҚЕИ ГУЗОРИШҲОИ МАВЗӮӢ-ТАҲЛИЛӢ ДАР БАРНОМАИ «ВАҚТ»-и ТЕЛЕВИЗИОНИ «ДУШАНБЕ»

Репортаж ҳамчун жанри хабарӣ бо интихоби мавзӯъҳои рӯзмарра аз ҷониби журналистони телевизион метавонад нақши хос дошта бошад. Агар унсурҳои хосси ин жанр ва талаботи он пурра ба назар гирифта шуда бошад. Таҳияи репортажҳои таҳлилӣ вобаста ба навгониҳои илму техника, муваффақиятҳои тоҷикон дар кишварҳои гуногуни олам, истифодаи бомаърифат аз технологияҳои муосир, аз ҷумла интернет

ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии шахс таъсири мусбат мерасонад. Телевизион ва радио дар низоми васоити ахбори омма ҷойгоҳи муносиб дошта, чун воситаи тавонои тарғибу ташвиқ ва василаи сареъи расонидани иттилоъ барои ташаккули афкори ҷомеа нақши бузург мебозад. Таҳлил нишон дод, ки то соли 2012 нашри чунин гузоришҳо дар барномаи иттилооти телевизиони шаҳрӣ нисбат ба имрӯза бештар будааст. Омӯзиш ва таҳлили ҳолатҳои иҷтимоӣ, проблемаҳо ва тазодҳо дар жанрҳои таҳлилӣ тавассути усулҳои умумигардонӣ, таҳлил ва ҷамъбаст ҳосил мегардад. Бо дарки моҳияти ин масъала таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯъҳои интихобгардида дар меҳвари репортажҳои таҳиянамудаи кормандони идораи иттилоотии "Телевизиони Душанбе" қарор мегирад. Вале дар муқоиса ба репортажҳои рӯйдодӣ - хабарӣ ин шакли репортаж хеле кам омода карда мешавад. Ба ин агар аз як ҷониб, беҳавсалагии журналистон ва надоштани диди таҳлилии онҳо сабаб шавад, аз ҷониби дигар, фазо ва муҳити телевизион бо инобати зиёд будани шумораи объектҳои инъикосшаванда имкон намедиҳад. Тавре аз таҳлил бармеояд, дар таҳқиқот низ назарҳо дар ин самт хеле гуногунанд. Роҷеъ ба ягон жанр фикри якнавохт вуҷуд надорад, аммо муҳим он аст, ки ҳеҷ кадоми муҳаққиқон вуҷуд надоштани жанр ё рангорангиҳои онро инкор накардаанд. Ин ба он далел аст, ки таҳаввулоти жанрӣ дар миён аст ва бо пешрафти замон талабот ба жанр низ тағйир меёбад.

Калидвожаҳо: гузоришҳои мавзӯӣ-таҳлилӣ, телевизиони "Душанбе", барномаи "Вақт", жанр, категория, иҷтимоъ, таҳқиқ.

МЕСТО ТЕМАТИЧЕСКО-АНАЛИТИЧЕСКИХ РЕПОРТАЖЕЙ В ПРОГРАММЕ "ВРЕМЯ" ТЕЛЕВИДЕНИЯ "ДУШАНБЕ"

Если полностью учтены специфические элементы этого жанра и его требования, репортаж как новостной жанр играет особую роль в выборе тележурналистами текущих новостных выпусков. Подготовка аналитических репортажей о научно-технических инновациях, достижениях таджиков в разных странах мира, грамотное использование современных технологий, в том числе Интернета и социальных сетей, положительно влияет на формирование мировоззрения человека. Телевидение и радио занимают особое место в системе СМИ и играют важную роль в формировании общественного мнения как мощные средства пропаганды и быстрой доставки информации. Наш анализ показал, что до 2012 года освещение подобных проблем в новостной программе городского телевидения было более широким, чем сегодня. Понимая суть этого вопроса, комплексному анализу выбранных тем будут посвящены репортажи, подготовленные сотрудниками информационного отдела телевидения «Душанбе». Однако такой вид репортажей готовится редко, по сравнению с новостными репортажами. С одной стороны, это связано с невнимательностью журналистов и отсутствием у них аналитического видения, с другой стороны, пространство и среда телевидения не позволяют этого из-за большого количества освещаемых объектов. Согласно анализу, мнения в этой области также очень разные. Нет единого мнения по какому-либо жанру, но важно отметить, что никто из исследователей не отрицал существования или разнообразия жанров. Это связано с тем, что существует эволюция жанра, и с течением времени спрос на жанр также меняется.

Ключевые слова: тематическо-аналитические репортажи, телевидение "Душанбе", программа "Время", жанр, категория, социум, исследование.

PLACE OF THEMATIC AND ANALYTICAL REPORTS IN THE PROGRAM "TIME" OF THE TELEVISION "DUSHANBE"

If the specific elements of this genre and its requirements are fully taken into account, reporting as a news genre plays a special role in the choice of TV journalists of current news releases. Preparation of analytical reports on scientific and technical innovations, achievements of Tajiks in different countries of the world, competent use of modern technologies, including the Internet and social networks, positively affects the formation of a person's worldview. Television and radio occupy a special place in the media system and play an important role in shaping public opinion as powerful means of propaganda and rapid delivery of information. Our analysis showed that until 2012, the coverage of such problems in the news program of the city television was more than today. Understanding the essence of this issue, a comprehensive analysis of the selected topics will be devoted to the reports prepared by the staff of the information department of Dushanbe Television. However, this type of reportage is rarely prepared compared to news reports. On the one hand, this is due to the inattention of journalists and their lack of analytical vision, on the other hand, the space and environment of television do not allow this due to the large number of objects covered. According to the analysis, opinions in this area are also very different. There is no consensus on any genre, but it is important to note that none of the researchers denied the existence or diversity of genres. This is because there is an evolution of the genre, and over time, the demand for the genre also changes.

Key words: thematic and analytical reports, TV "Dushanbe", the program "Time", genre, category, society, research.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳими Карим*** - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, унвонҷӯйи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети режиссура, кино ва телевизион. E-mail: **poct-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-07-20-37**

Сведение об авторе: ***Рахими Карим*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета режиссуры, кино и телевидения. E-mail: **poct-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-07-20-37**

Information about the author: ***Rahimi Karim*** - Tajik State Institute of Culture and Art named by Mirzo Tursunzoda, candidate of the Department of Television and Broadcasting faculty of Cinema and Television. E-mail: **poct-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-07-20-37**

УДК: 070.1:16

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ – ПСИХОЛОГИИ ШАХС ДАР ФАЗОИ ПУРМОҶАРОИ АСРИ ТАМАДДУНИ ИТТИЛООТӢ

Сафарзода Ф.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳоле ки давлатҳову ҳукуматҳо саргарми муносибатҳои дипломатии хешанд, вазъи кунунии сиёсии ҷаҳон онҳоро водор кардааст, ки дар «набард» қарор дошта бошанд, оё одамон метавонанд мутаносибан нақшаҳои худро амалӣ гардонанд, ба мақсадҳояшон бирасанд. Ё ин ки номавзунии равонӣ онҳоро аз «бозиҳои майдони зиндагӣ» меронад, аз раванд канор мегузорад. Чаро одамон дар давлатҳои худ зиндагӣ намекунанд? Чаро онҳо бо аҳлу аёлашон ба кишварҳои дигар кӯч мебанданд? Методҳои нави муттаҳидсозии одамон дар атрофи ғояҳо ва манфиатҳои махсус чаро роҳандозӣ шудаанд? Чаро ҷаҳон назар ба табодули маънавӣ ба табодули моддӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад? Кадом идея «Корти сабз»- ро ба вуҷуд овард. Азнавтақсимкунии ҷаҳон чаро ба миён омад? Ҳамаи ин аз маълумоте (иттилооте) сар мезанад, ки одамон ва давлатҳо аз муносибатҳои имрӯзаи ҷаҳони иттилоотӣ хулосабарорӣ мекунанд, фикрронӣ ва стротегияи фаъолияташонро вобаста ба маълумоти гирифтаашон мутобиқ месозанд. Оё мо бо одамоне вонахӯрдаем, ки ҳангоми «Корти сабз» гирифтан дудила бошанд - равам, наравам, – гӯянд. Онҳоро иттилоот идора кардааст. Иттилооте, ки аз хатарҳои ҷаҳони муосир ҳушдор медиҳад, иттилооте, ки набзи ҷомеаи ҷаҳонро он гунае, ки ҳаст, инъикос мекунад, иттилооте, ки ба психологияи одамон гоҳо номуайян, вале пурҷозиба зарба мезанад. Аз ин нукта бармеояд, ки ВАО ба фишанги тавонои идоракунии рафтори одамон табдил ёфтааст. Ҳатто давлатҳо низ дар тарҳу тадбиқи нақшаҳову стратегияҳо аз қудрати ВАО ба таври густурда истифода мебаранд. Таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шинохти нақши воситаҳои гуногуни иттилоотӣ возеҳ месозад, ки «хулосабарориҳои васоити навтарини иттилоотӣ ва системаи идоракунию коргузорӣ» [13] фазои фикрии ҷомеаи ҷаҳонро таъйин мекунанд. Аз ин дидгоҳ, ҷомеашиносону сиёсатмадорон ва иқтисоддонҳои имрӯзаи моро зарур меояд, ки консепсия ва барномаҳои мушаххаси рушди давлатӣ ва самтҳои муҳимми стратегии иқтисодиёту истеҳсолотро дар заминаи тақвиятдиҳии арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату миллат бо таҳлилу натиҷагирии ҷавобгӯ будан ба барномаҳои мукаммалтарини илмӣ ва ниёзҳои инсони муосир таҳия намоянд. Сатҳу сифат ва дараҷаи ҷавобгӯ будани стратегияи рушди давлатӣ ба талаботи инсони муосир, ки дар доираи шуури муқаррарӣ фундамент ё субъекти асосии бавуҷудоварандаи равандҳо дар ҷаҳони иттилоотӣ маҳсуб мешавад, суръати рушдро муқаррар мекунад.

Дар асри XXI, ки асри тамаддуни иттилоот аст ва аз ҷангҳои густурдаи иттилоотӣ торафт омехташавиву таҳаввулпазирии структураи он шидддат мегирад ва зиддияти манфиатҳо рақобати носолимро ба вуҷуд меорад, ҷонибҳо кӯшиш мекунанд, ки дар амалӣ нагардидани нақшаҳое, ки асоси манфиатҷӯёна доранд, ба ҳамдигар монеаҳои сангин эҷод намоянд. Дар ин раванд ҳадафи ҳуҷуми иттилоотӣ «маҳз ба шуури муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда шудааст» [8].

Тағйироти тадриҷии вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон ба вазъи ҳаёти рӯзмарраи сокинони ҷумҳурӣ ва мувозинати рӯҳии онҳо бевосита таъсир мерасонад. Махсусан, сиёсати феълии ҳукумати кишвар дар соҳаҳои иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф, тағйироти кадрӣ дар идоракунии давлатӣ, таваҷҷуҳи ҳукумат ба масоили гидроэнергетика, сайёҳӣ, варзиш, бастани шартнома бо як қатор давлатҳои пешрафтаи дунё ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар масъалаҳои мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва қочоқи фикрӣ, ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани суръати тағйирёбии иқлим, конфренсияҳои илмӣ–амалӣ

ва назариявии сатҳи баланди байналмилалӣ дар мавриди таҳлили бузургдошти нухбагони илму адаби тоҷик, ёдгориҳои қадимаи ҳафриётӣ, ба феҳристи фарҳанги башар пазируфтани мероси моддӣ ва ғайримоддии мардуми тоҷик табиист, ки ба ҳолати феълии давлатдорӣ, муносибат ва таваҷҷуҳу мавқеи давлатҳои хориҷӣ нисбат ба Тоҷикистон, шарикони стратегӣ, душманони давлату миллати тоҷик таъсири амиқ мерасонад. Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки паёмадҳои ноҷури сиёсӣ ба аҳолии кишвар метавонанд ҳам аз ҷиҳати психологӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ номувофиқ ва ҳатто хатарзо низ бошанд.

Падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир, махсусан қудратталабии гурӯҳҳои алоҳида, равандҳои иртиҷоӣ, гурӯҳҳои худкома, барҳӯрди манфиатҳо ва гоҳ рӯйирости гоҳе пушти парда тезутундшавии рақобатҳои носолим, ки фазои софу беғубори ҳамзистии мусолиҳатомези инсониятро ғализ месозанд, дар ба ҷо овардани рисолати аслии инсонӣ ва шоиста зиндагӣ намудани инсон монеаҳои мушкилгузарро ба миён меоранд, танҳо бо роҳи шинохти асли худ, доштани ҳувияти миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва пуштибонӣ аз арзишҳои миллату давлати худ метавон аз хатарҳои ин зуҳурот эмин монд ва бо симои милливу давлатдории мустақил дар ҷомеаи башарӣ соҳиби нуфузу мақоми устувор гардид. Ин тақозои ҳама давру замонҳо буд, ҳаст ва хоҳад монд. Аммо дар ҷаҳони муосир, ки василаҳои васеи таъсиррасонӣ ба андешаву афкорро дорад ва метавонад одамонро ба таври индивидуалӣ ва гурӯҳӣ дар муҳосираи психологӣ қарор диҳад, муҳиммияти ин нукта бештар мегардад.

Бо инкишоф ёфтани истеҳсолот, савдо, нақлиёт ва донишҳои техникии тадбиққунандаи ҳаёти ҳаррӯзаи одамон системаи ВАО низ ба таври автоматӣ ташаккул меёбад. Зеро, ВАО василаи пайвандсоз дар байни ҳамаи соҳаҳо маҳсуб мешавад ва дар таркиби фаъолияти ВАО хусусиятҳои ҳамаи соҳаҳои дигар мавҷуд аст.

Ин барои муайян кардани мавқеи худ дар вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ талаботи одамонро ба иттилооти муҳимми иҷтимоӣ дар ҳудуди сартосарӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ бештар намуда, онҳоро водор месозад, ки истифодабарандагони фаъоли иттилоот гардида, иштирокчиёни равандҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар ҷомеа бошанд.

Баъзе манипуляторон то ҳадде айёрона мафкураи нақшавии худро ба зеҳни дигарон – шуури рӯзмарраи одамон бор мекунанд, ки онҳо дар навбати худ бо ин афкори муғризонаи таҳмилӣ минбаъд «мустақилона» амал мекунанд. Ҳатто ин рафтори худро маҳсули тафаккури худ меҳисобанд. Побанд ба меҳваре ҳастанд, аммо ин побандиро бо ҳиссиёт ва ҷузъиёти сохтаи андешаҳо озод нишон додан мехоҳанд. Вале рафтори онҳо бо он «ҳушмандӣ» – и таҳмилшуда худ зоҳир месозад, ки майна шустушӯ дидааст. Шояд ин то ҷое ба костагии зарфиятҳои зеҳнии шахс низ вобастагӣ гирад, аммо на то он сатҳе, ки реалияти объективии худро инкор кунӣ ва худро бо ҳиссиёти бофта ором бахшӣ. Бояд шахс дурустӣ ва нодурустии мавқеи ишғолнамудаи худро аз аксуламали он бо атрофиён баҳо диҳад. Шояд иштибоҳ дарк карда шавад.

Дар давлатҳои пешрафта чеҳраҳои калидӣ, шахсиятҳои маъруф ва воломақом, тоҷирон ва табақаи зиёии ҷомеа барои хабардор шудан аз ҳодисаҳои ба вуқӯъпайваста ба воситаҳои ахбор рӯ меоранд. «Дар муҳити иттилоотӣ, ки ташкилотҳои дорои системаи мураккабро дар бар мегирад, қисми таркибии протсессуалӣ (раванд; оммаи васеи одамон, журналистон, соҳибкорон, зиёиён, таърихшиносон, бекорон, бесаводон, кибертеррористон, киберэкстремистон, террористон, экстремистон ва ғ. – Ф.С.) ҳамчун ҷузъи динамикӣ ва тағйирдиҳандаи он шинохта шуда, аз равандҳои иттилоотӣ – коммуникатсионие иборат мебошад, ки ба психологияи индивидуалӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад» [2].

Шаклҳои мушаххаси муҳити иттилоотӣ ба рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ ҳамчун таъсири иттилоотӣ ба субъектҳои иҷтимоии сатҳҳои гуногуни ҷомеа, ташкилотҳои системавӣ ва функсионалӣ ба психологияи индивидуалӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо мешавад. Дар умум, он ҳамчун таъсиррасонии психологӣ – иттилоотӣ ва тавсифи одамон аз таъсири равандҳои

иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии муҳити иттилоотӣ инъикос мегардад. Аз ҳамин ҷо масъалаи амнияти психологии шахс ба вуҷуд меояд.

Солҳои охир дар маркази диққати муҳаққиқони зиёди хориҷӣ зарурати коркарди фаъолии мавзӯи иттилоъ ва амнияти психологии шахс, ҷамъият ва давлат истодааст. Мантиқан таҳаввулоти бемайлон ва пешрафти ҷомеаи феълӣ, ки асоси ҷаҳонишавӣ дорад, масъалаи мазкурро хеле муҳим ва дар ҷойи аввал мегузорад. Ин боис мегардад, ки бидуни ҳалли онҳо рушди минбаъдаи ҷомеа ва таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, низомӣ ва ғайра номумкин шавад. Азбаски дар кишвари мо ба мавзӯи мазкур танҳо чанд соли охир таваҷҷуҳ зоҳир гардид ва таҳқиқотҳо ба сатҳи зарурӣ нарасидаанд, таблиғи идеологияи давлатӣ қудрати амиқи таъсир гузоштанро ба психологияи ҳадаф вобаста ба пиёда кардани манфиатҳои худӣ надорад. Аммо рақибону бадхоҳон метавонанд ба осонӣ идеологияи худро тавассути таблиғ ба психологияи мо бор кунанд. Аз ҷумла, аз сарчашмаҳои хориҷӣ истифода кардани ВАО – и тоҷикӣ метавонад ба ин сабаб шавад. Тавре ки доктори илмҳои сиёсатшиносӣ С. Ятимов дар мақолаи худ «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» дарҷ кардааст, мо дар марҳилаи оғози сохтмони структураи шуури назариявӣ – систематикӣ қарор дорем [8]. Набояд дар ин марҳила структураи шуури рӯзмарраи мо аз унсурҳои бегона таркиб гирад.

Мафҳуми амнияти психологиро муҳаққиқони рус С.К. Рошин ва В.А. Соснин баррасӣ карда, муҳтавои онро дар асоси фарҳангҳои тафсирии кишварҳои гуногун муайян сохтаанд. Ҳангоми омӯхтани фарҳангҳои тафсирии академӣ ба забони русӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ маълум гардид, ки дар зеҳни мардум (ҷамъият) мафҳуми «амният» (бехатарӣ) бештар «набудани таҳдид»–ро нисбат ба ҳолат, ҳиссиёт ва нороҳатии инсон ифода месозад. Дар луғати «Чэмберс» (бо забони англисӣ) мафҳуми «бехатарӣ» (амният) дар навбати аввал «ҳолат, ҳиссиёт ва воситаи дар бехатарӣ ҳузур доштан»- ро ифода мекунад. Ба ҳамин маъно ба он «набудани ҳаяҷон ё изтироб», «фишори равонӣ», «итминон», «оромӣ», «субот» зам мегардад. Фарҳанги «Оксфорд» дар ин бора ҳолати «болотар аз боварӣ»–ро пешниҳод мекунад. Фарҳанги забони муосири амрикоӣ бошад, ба ғайр аз нишон додани «аз таҳдиду хатар озод», инчунин «аз нороҳатӣ ва нобоварӣ озод»–ро низ ҷудо мекунад. Фарҳанги фаронсавии «Лярус» ҳолатҳои «эътимоднокӣ» ва «набудани нороҳатӣ» –ро қайд кардааст. Луғати олмонӣ бошад зери мафҳуми бехатарӣ ё амният «эътимод», «боварӣ», ҳамчунин имкониятҳои ифода намудани маънои «ба ягон чиз умед доштан»- ро шарҳ додааст [9].

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (1969) амният (бехатарӣ) ба маънои «осоиштагӣ», «оромӣ», «амонӣ», «тинҷӣ» ва «бехавфӣ» омадааст. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Душанбе, 2010) ҳамин маънову мазмун такрор шудааст. Танҳо дар ин ҷо калимаи бехатарӣ, ки як синоними онҳост, изофа гардидааст.

Фарҳанги забони муосири амрикоӣ зимни шарҳи мафҳуми бехатарӣ ё амният ба ҷуз нишон додани «аз таҳдиду хатар озод», инчунин, «аз нороҳатӣ ва нобоварӣ озод»- ро низ ҷудо кардааст. Ин маънои онро дорад, ки иттилоъ на танҳо амнияти психологии шахсро зери хатар мегузорад, балки метавонад ӯро аз ҳолати изтироб ва ҳаяҷон берун орад ва ба боварбахшӣ амнияти психологии шахсро ба ҳолати субот ва осоишта дароварад. Худи мафҳуми ҳаяҷон дар Фарҳанги забони тоҷикӣ «ҷӯшиши дарунии одамӣ аз шавқ, шодӣ ё ғазаби аз ҳад зиёд» тафсир шудааст.

Аз ин нигоҳ, метавон амнияти психологии шахсро аз таъсири иттилоъ чунин таъриф дод: *амнияти психологӣ – иттилоотӣ шахс ин оромӣ, осудагӣ, бехатарӣ ва муътадилии ҳолати ботинӣ ва зоҳирии шахс мебошад, ки аз равандҳои муносибатҳои фазои иттилоотӣ таҳриб намешавад.* Агар амнияти психологии шахс таъмин набошад, истифодаи мафҳуми амният моҳияти худро гум мекунад ва зарурати истифодаи мафҳуми ҳолати психологӣ – иттилоотии шахс ба вуҷуд меояд.

Ҳолати психологӣ – иттилотии шахс гуфта, чунин ҳолатеро метавон ном бурд, ки шахс аз таъсири иттилоот ё бетаъсирӣ дар раванди фазои мавҷудаи маҷозии ҷомеа қарор дорад ва мутаносибан аз таъсирпазирӣ ё бетаъсирӣ амал мекунад. Чунин амал дар пиндор, гуфтор рафтори ӯ зоҳир мешавад.

Мутаассирии психологӣ – иттилоотӣ ба ҳолати қарордоштаи худ ин аз таъсири иттилоъ ворид шудани дигаргунӣ, тағйирот ва таҳаввулот ба шуури шахс мебошад, ки ӯро рӯҳан ба изтиробу ҳаяҷон мубтало мекунад. Қатъи назар аз он ки изтироб ба табъи шахс форам аст ё нофорам, иттилоъ қудрати шиддат бахшидан ё боз доштани онро дорад. Масалан, журналист дар матнаш дарҷ мекунад, ки «ҳайати нозирони сектори масъули СММ ба масоили гидроэнергетикӣ аз Тоҷикистон дидан карданд ва аз натиҷаи таҳлил хулоса баровардаанд, ки бунёди НБО Роғун ҳеҷ хатаре болои кишварҳои Осиёи Миёна надорад. Якчанд кишвари бо мо дӯст аз ин огоҳӣ ёфта, барои дастгирӣ ва ҳамкориву ҳамраъйӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон нома ирсол карданд». Хонандае, ки ба андешаи журналист мувофиқ аст, аз ин хабар болида мегардад ва аз ташвишҳои рӯҳие, ки аз мушкилоти сохтмони НБО Роғун дошт, озод мешавад. Ин метавонад баръакс низ бошад, вақте ки журналист дар анҷоми матнаш менависад, - «аммо баъзе шарикони стратегии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ аз иқдоми ёрӣ расонидан баҳри бунёди неругоҳ даст кашиданд. Баъзе кишварҳои ҳамсоя бошад, ворид шудани масолеҳи сохтмониро аз кишварҳои кӯмакрасон тавассути қаламрави кишварашон манъ намудаанд. Ҳоло Тоҷикистон иқтидори техникие надорад, ки бо қувваи худӣ неругоҳ созад». Шахс бо хондани ин матлаб мутаассир мешавад, дар зеҳни худ мулоҳизаҳо меронад ва дар андешаи худ побанди бартараф намудани мушкилот мешавад, то он даме ки ин иттилоъ аз хотираи ӯ зудуда нашавад. Яъне, ҷойи онро маълумоти муҳимтаре иваз накунад. Чунин маълумот метавонад ҳатто ба ҳаёти шахсии ӯ низ тааллуқ дошта бошад. Тамдиднокии маълумот дар зеҳни аудитория вобастааст ба дараҷаи муҳиммият ва вобастагии он ба ҳаёти шахсиву ҷамъиятӣ. Дар ин маврид метавон аз масоили баҳси марзӣ байни Тоҷикистону Қирғизистон мисол овард. Сарфи назар аз он ки «Ворух меросе аз Ориё ва порае аз қаламрави таърихии Тоҷикистон аст» Ҳукумати Қирғизистон дар шахси Раиси Кумитаи амнияти миллии Қирғизистон Қамчибек Тошиев зимни гуфтушунид ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод кардааст, «Ворухро ба онҳо бидиҳанд ва дар иваз 12 ҳазор гектар замини Қирғизистонро аз дигар ҷой бигиранд» [10]. Бардошти ибораи «Ворухро додан» ба хонанда ҳавола мегардад.

Маълумот метавонад вобаста ба сатҳи муҳиммияти худ ба шуури аудитория таъсир расонад. Масалан, вақте баҳсҳо дар хусуси ба ихтиёри Ҷумҳурии Халқии Хитой додани 1,1 ҳазор километри мураббаи қаламрави баҳсӣ, ки аз масоҳати умумии қаламрави Тоҷикистон 0,77%–ро ташкил медиҳад, мерафт, 99 дарсади иштирокчиёни баҳз зиддият нишон медоданд. Ҳодиса моҳи январи соли 2011 дар асоси протоколи аломатгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он сарҳади марзҳоро тасдиқ менамуд, ба вуқӯъ пайваст. Мақомоти муваззафи Тоҷикистон қазияро роҳи дипломатии ҳалли баҳсҳои садсолаҳо мавҷуда арзёбӣ карданд, аммо ин мубоҳиса то ҳадде шиддат гирифт, ки на танҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳатто равшанфикрони саршиноси тоҷик андешаву назари мухолифи худро пайваста дар расонаҳо баён мекарданд. Дар натиҷа, «Ин амали мақомоти Тоҷикистон бо вокунишҳои шадиди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рӯшанфикрон рӯбарӯ гардид» [12].

Хатти сарҳади давлатии миёни Тоҷикистон ва Хитой дар қисмати мушкилгузари ҷониби шарқии кӯҳҳои Помир дар баландии аз 4100 то 6700 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад.

Барои расонае, ки аз хориҷа манфиатдор аст ва фаъолияти он ба иродаи каси дигар вобастааст, муҳим нест, ки нигоштаи он чӣ натиҷаеро ба бор меорад, муҳим он аст, ки ҳадаф ба даст ояд. Ҳамчуноне ки набзи нигориши матлаб гувоҳӣ медиҳад, хабаргузорӣ бо нашри ин мавод, андешаи поймолшавии манфиати умумимиллиро аз ҷониби мақомоти дахлдор таҳмил карданӣ мешавад, чун яқин аст, ки фаро гирифтани тафаккури умумӣ дар манипулятсия ё зери таъсири ғояе амалишавии ғаризаҳои нақшавиро осон мегардонад.

Вобаста ба матолиби дастрас ва таҳлили далелҳо метавон чунин мафҳумҳоро бо мақсади муайян намудани ҳолати мутақобилаи психологӣ – иттилоотии инсон пешниҳод кард.

1. Амнияти психологӣ – иттилоотӣ;

2. Ҳолати психологӣ – иттилоотӣ;
3. Мутаассирии психологӣ – иттилоотӣ;
4. Таҳаммулпазирии психологӣ – иттилоотӣ;
5. Вокуниши психологӣ – иттилоотӣ;
6. Тамоюли психологӣ – иттилоотӣ;
7. Бемавқеии психологӣ – иттилоотӣ.

Таъмини амнияти психологӣ – иттилоотӣ тавассути назорати шабакаҳои иҷтимоӣ, тарбияи ватандӯстӣ, тарғиби ғояҳои инсондӯстӣ, созандагӣ, моҳияти рисолати инсонӣ, бунёдкорӣ, ваҳдатофаринӣ, таҳкими хотираи таърихӣ ва ҳисси ифтихори ватандорӣ дар тафаккури аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонон, ба даст меояд ва нигоҳ дошта мешавад.

Вокуниши психологӣ – иттилоотӣ ин амали ҷавобии шахс аз иттилооти дастрасшуда аст. Вокуниш нишон додан ба нафъи давлату миллат бо роҳи илму дониш ва ҷаҳонбинии васеъ, зиракии сиёсӣ, бедории миллӣ, бо шинохти равандҳои сиёсӣ, бо ҳифзу густариши арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳанги миллӣ ва муаррифии дастовардҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ, ҳарбӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба сохти давлат мебошад.

Таҳаммулпазирии психологӣ – иттилоотӣ ин пухтакорӣ аст, аз равандҳо огоҳ будан аст ва ба шевае камин гирифта назорат кардан аст, ки аз устувории ирода, фаъолии шуурнокӣ ва дар мувозинат нигоҳ дошта тавонистани ҳолати психологии худ дар таносуб ба муҳити атроф далолат мекунад.

Мутаассирии психологӣ – иттилоотӣ ин таъсирпазирӣ аст, сардаргумӣ аз ҳуҷуми иттилоот аст, ки инсон мавқеи худро муайян карда наметавонад ва ҳамеша побанду даргиреҳ аст.

Тамоюли психологӣ – иттилоотӣ ин майл пайдо кардан ба иттилоот аст. Сарфи назар аз мусбат ё манфӣ будани он. Тамоюли психологӣ – иттилоотӣ метавонад аз таъсиррасонии муттасили иттилоотӣ ба вуҷуд ояд ва метавонад ба табиати худкомагиву манфиатҷӯии шахс низ вобаста бошад. Одамоне ҳастанд, ки зотан бадтинатанд ва наметавон онҳоро бо усули «таълимдиҳии иттилоотӣ» ислоҳ кард.

Бемавқеии психологӣ – иттилоотӣ ин ноустувории ирода аст. Ҳар маълумоти тозаву ҷозибадор метавонад ҷойи маълумоти қаблиро гирад ва шахс бидуни он ки таҳлил намояд, санҷад ва мавқеи худро муайян намояд, ба он мароқ зоҳир мекунад. Иттилооте, ки шояд чанд лаҳза пас аз маълумоти мавҷуда дастрас мешавад, мавқеи шахси бемавқеъро дар низоми муносибатҳои психологӣ – иттилоотӣ метавонад тағйир диҳад. Аз ҳама ҳолати хавфноки психологӣ – иттилоотӣ ҳамин ҳолат аст. Бо ин тоифа кор басо мушкил аст. Тасмиму амали онҳо на танҳо ба худашон, ҳатто ба кулли ҷомеа хатар дорад. Сохти шуури рӯзмарра ноустувор аст. Қабули иттилоот хусусияти догматикӣ дорад. «Ин аз хатарноктарин равандҳои ҷомеаи имрӯз мебошад» [8].

Аз мафҳумҳои мураттабшуда ба ҷомеаи Тоҷикистон безарар ва манфиатбахши онҳо метавонад ин амнияти психологӣ – иттилоотӣ, ҳолати психологӣ – иттилоотӣ, таҳаммулпазирии психологӣ – иттилоотӣ ва вокуниши психологӣ – иттилоотӣ бошад.

Ҳамин тариқ, дар тамаддунҳои гуногун тасаввурот оид ба бехатарӣ ва амният зимни корбасти мафҳумҳо аз таъсири иттилоот, ҳарчанд мухталиф баён шудаанд, аммо моҳиятан як маъно дар назар дошта шудааст, ки он бештар ба ҳолатҳои эмотсионалии шахс, яъне ҳиссиёти инсон вобаста ба вақту фазо тавъам мебошад. Ба ибораи дигар, барои инсон бехатарӣ, қабл аз ҳама, эҳсоси муҳофизат аз амалҳои гуногун ё дигар таассуроти гуногуни муҳит дониста мешавад. Дар ин маврид нахуст хатари амалҳои хавфнок дохил мегардад. Аз ҷумла, кирдорҳои кибернетикӣ ва иттилооте, ки ба нақшаву амали гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ рабт дорад. Дар пасманзари таҳлилҳои гузаронидашуда муаллифон муайянсозии амнияти психологиро ҳамчун ҳолати шуурии ҷамъиятӣ донистаанд, ки дар он ҷомеа дар маҷмӯъ ва ҳар як шахс дар алоҳидагӣ сифатҳои мавҷудаи ҳаётро ба таври худ қабул карда, барои талаботи табиӣ ва иҷтимоияшон имконият фароҳам оварда, психологияи худро ба он мутобиқ мегардонанд.

Мафҳуми муосири амният дар ҳошияи муносибатҳои муштараки одамон (шахсҳо), ҷомеа ва давлат баррасии ҷанбаи нави ин масъала – амнияти (бехатарӣ) психологии шахсро пешбарӣ менамояд. Давлатҳои пешрафта омӯзиши ин мавзӯъро ба назария ва амалияи иҷтимоӣ ҷудо намудаанд, масалан, дар Русия ва Америка. «Мавриди пажӯҳиш қарор додани масъалаи иттилоъ ва амнияти психологии шахс марбут ба он аст, ки

равандҳо ва технологияи муосир ба муҳити иттилоотӣ дар соҳаи рӯҳӣ дорои хусусиятҳои сифатӣ буда, зарурияти дида баромадани ин масъаларо дар нақшаҳои консептуалӣ (назариявӣ), методологӣ ва методӣ муайян месозад» [2].

Муҳтавои мафҳуми амнияти психологиро, умуман, мумкин аст ҳамчун муҳофизаткунандаи ҳолати психикии индивидуалӣ, (инфиродӣ), гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ маънидод кард. Инчунин, ҳимоятгари субъектҳои дараҷаҳои гуногуни ҷомеа, миқёс, созмонҳои системавӣ ва функсионалӣ, ки аз таъсири омилҳои иттилоотӣ равандҳои иҷтимоии дисфунксионалиро (вайроншавии вазифавиро) ба миён меорад, низ гуфтан мумкин аст. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи он равишҳои иҷтимоие меравад, ки муҳаррики онҳо иттилоъ мебошад. Матн ё сухани журналист бо хислатҳои таъсири мусбат ва манфӣ расониданаш ба фаъолияти оптималии (якҷоя, мутақобила) одамон, созмонҳо ва сохторҳои давлатӣ дар масоили иҷтимоии ҷомеа дорои неруи эҷодгари монеа ва ё неруи монеашикан мебошад.

Муҳтавои мафҳуми амният маънои набудани хатар ё миқдори имкониятҳои ҳимояи боэътимод аз онҳоро дар бар мегирад. Хатар бошад, ҳамчун миқдор ва амалиёти қувваҳои гуногун мебошад, ки дар муносибат бо системаҳои алоҳида тахрибкунанда ва вайронкунанда ё халалдоркунандаи субот ба шумор меравад. «Эҳтимолияти сар задани хатар вобаста ба шароитҳои мушаххас метавонад гуногун бошад. Бинобар ин, баъзе муаллифон мафҳуми хатарро ҳамчун инъикосгари машаххасоти хатари муайян шуморида, эҳтимолияти сар задани онро ба он нигоҳ накарда, ки чӣ бояд кард, ҷиддан аз лиҳози мантиқ мураккаб мешиносанд» [7].

Ин фарзия метавонад асос дошта бошад. Чунки худи системаи фарогирандаи дастгоҳу шабакаву зерсохторҳои иттилоотрасонӣ, яъне воситаҳои ахбори омма бо ҳама навъҳои он хеле мураккаб ва дар айни замон муташаккил аст. Омӯзиши ин системаро наметавон бо меъёрҳои мушаххас ва методҳои муайян пурра ва амиқ фаро гирифт. Метавон гуфт, ки қариб ҳар рӯз сомонаҳо ва шабакаҳои нав ташкил шуда, ба ҳаёти одамон ворид мешаванд. Ҳамин хел як дида бароем, имрӯз чӣ қадар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаву сомонаҳои бешумор фаъолият мекунанд, ки ҳамаи онҳо ба ҳолати психологии шахс таъсир мерасонанд. Масалан, «www.youtube.com», «Facebook», «Viber», «Imo.im», «Telegram», «WhatsApp», «TikTok», «Shareit», «Skype», «Instagram», «Twitter», «Reddit», «Yahoo!», ки шояд як нафар ҳамаи онҳоро дар телефони мобилии худ фаъол кардааст ва баробари ба интернет ворид шудан аз ҳар кадоми он алоҳида паёмак меояд, телевизион, радио, рӯзномаҳо, ҳафтаворҳо ҳар кадом бо номҳои гуногун, маҷаллаҳои илмӣ ва миллионҳо сомонаҳои дигар, ки аз тариқи шабакаи ҷаҳонии «Google» ва «яндекс» паёмакҳояшон бетанаффус фаъол аст, паёмакҳо аз компонияҳои телефонҳои мобилӣ, ҳамаи ин, дар маҷмӯъ, одамонро идора кардаанд. Инсон дар иҳотаи муҳити бесарунӯги иттилоотӣ қарор дорад. Тибқи омор феълан 4,5 млр одамон аз интернет дар тамоми кураи Замин истифода мебаранд. Воқеан, интернет ба як қисми таркибӣ ва ҷудонопазири ҳаёти рӯзмарраи одамон табдил ёфтааст. Акнун, чӣ тавр метавон аз амнияти психологӣ – иттилоотии шахс бо факторҳои мушаххас ҳарф зад. Таҳлилҳо ва пажӯҳишҳои олимони сатҳи ҷаҳонӣ дар масъалаи амнияти психологӣ – иттилоотии шахс нишон медиҳанд, ки муҳимтарин омиле, ки амнияти психологӣ – иттилоотии шахсро дар фазои беҳадду ҳудуди иттилоот метавонад таъмин намояд, ин назорат намудани ахбори дар воситаҳои иттилоърасонӣ паҳншаванда мебошад.

Агар ВАО ҳақиқатро мегӯяд, рост мегӯяд ва таҳлил карда мегӯяд, интерпретатсия мекунад, менталитетро ба назар мегирад, пас, эътимоди мардум ба ВАО меафзояд. Агар чунин нест, пас, наметавонад расонаи хабарӣ ҳадафро ба даст орад. «Боварии хонанда, шунаванда ва тамошобин барои мо хеле муҳим аст, ва онро бояд қадр кард. Зеро агар ӯ ба мо бовар надошта бошад, он гоҳ заҳмати мо барабас меравад. Бинобар ҳамин, барои журналист, ки суханаш ба сӯйи хонанда ё шунаванда нигаронида мешавад, боварӣ маҳаки асосист» [4]. Амрикоиҳо як вақти муайян ба рӯзномаҳои худ бовар доштанд ва онҳоро пайваста мехонданд. Ҳангоме ки президенти давр Рузвелт хост дубора ба интихобот равад ва номзадии худро гузорад, 70 дарсади рӯзномаҳо муқобили ӯ навиштанд, вале сарфи назар аз ин Рузвелт раъйи бештари мардумро ба даст оварда ва боз президент интихоб гардид. Ҳолат бозгӯ мекунад, ки рӯзномаҳое, ки зидди президент буданд, мардум ба онҳо то дараҷае, ки интизор мерафт, бовар надоштанд. Хеле муҳим аст, ки маводи таҳиягардида тавонад нигоҳи мардумро ба корамон мутаваҷҷеҳ кунад.

Нигоҳ доштани амнияти иттилоотӣ на танҳо ба давлат тааллуқ дорад, ҳар як шаҳрванд бояд худро иштирокчии асосӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ ҳисоб кунад. Зеро иттилооти муғризона ва таблиғи фарҳанги бегона тавассути техонологияи муосири иттилоотӣ, аз ҷумла телефони мобилӣ дар хонаи ҳар кадоми мо ҳамарӯза ҳаст ва он ба кӯчактарин узви хонавода, ки зеҳни гӯш кардан, тамошо кардан ва пайравӣ карданро дорад, дастрас аст. Иқрор бояд шуд, ки кӯдаки хурдсоли хона ҳар гуна наворҳоро аз интернет бо телефони мобилӣ тамошо мекунад. Ҳоло син ва дониши таҳлилкунандагӣ надорад, бешубҳа ба он пайравӣ мекунад ва ин пайравӣ дар тақлидҳои кӯдак зоҳир мешавад. Агар рафту интернети телефонро ҳам кушта, онро ба кӯдак диҳем, ақаллан, аз он видеоҳое, ки дар вақти фаъол будани интернет дар галерея ва шароити телефон захира мешаванд, дидан мекунад ва таҳти таъсири онҳо қарор мегирад. Ҳарчанд кӯдак аст, аммо ин заминаи устуворе мегардад, ки ҳангоми ба камол расидану қобили андешаву таҳлил шудан, таассуроти худро дигар карда натавонад. Наметавон инкор кард, ки ин наворҳое, ки кӯдакон ба тамошояшон шавқ доранд, ба рӯҳияи онҳо таъсири манфӣ намерасонад. Посух ба саволҳои «чаро як қисми падару модар мехоҳанд фарзандони худро номҳои туркиву арабиву ҳиндиву русӣ ва ғайр гузоранд», «чаро наврасон дар рафторҳои худ ба фарҳанги бегона пайравӣ мекунанд», «муаммо» –и масъаларо ошкор хоҳад кард. Профессори тоҷик Муқимов М.А. дар ҳошияи андешаҳои муҳаққиқи рус Дмитрий Беляев, ки «бозиҳои видеоиро низ абзори мағзшӯӣ» номидааст ва ҳолати воқеӣ нишон медиҳад, ки аз онҳо на танҳо кӯдакон, балки калонсолон низ васеъ кор мегиранд, як нигоҳи тозаву дархӯрро пешниҳод кардааст. – «Истифодаи технологияи виртуалӣ одамонро ба қаҳрамонҳои тахайюлӣ табдил медиҳанд. Дар натиҷа насле ба воя мерасад, ки олами воқеиро намебинад. Барои вай олами виртуалӣ хуштар аст» [5]. Қазоват кунем, ки чанд сол қабл ба бар намудани шимҳои ҷинс, сатр, ҳиҷоб ва дигар либосҳои ба ин монанд дар расонаҳо мавриди таҳлилу танқид қарор мегирифт. Ҳоло чӣ?! Ҳоло ин навъ либосҳо қариб, ки ба фарҳанги мо (ба ҷуз аз сатр) ворид шудааст. Имрӯз ҷавонону наврасон озод бо пӯшидани чунин либосҳо дар хиёбонҳои шаҳри Душанбе гаштугузор мекунанд, ба дарс мераванд, ба китобхона мераванд, дар ҷойи кор мепӯшанд ва дар аксари мавридҳо касе ба онҳо эрод намегирад ё камтар касон аз амали онҳо изҳори нигаронӣ мекунанд, ки ин ҳам бошад масъулони назорати риояи тартибу низом дар муассисаҳо мебошанд. То ҳадде, ки эрод аз чунин бегонапарастӣ ҷаҳонбинии паст ва қафомондагиро нишон медиҳад. Кӣ рад карда метавонад, ки имрӯз чандин номҳои бегона, аллакай, ҷузъи таркибии феҳристи номҳои тоҷикӣ нагаштаанд ва ё шими ҷинс дар қатори либосҳои расмӣ (протоколӣ) ҷой надорад? Боре «Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои духтарон ва занони Тоҷикистон» – (нашр 2018)- ро, ки аз ҷониби Вазорати фарҳанг таҳия шудааст, варақгардон кардем? Ин раванд тадриҷан шуури муқаррарии моро ба вуҷуд меорад. Ҳамаи ин дар натиҷаи бурдани ҷангҳои психологӣ – иттилоотии дарозмуддату мураттабсохта амалӣ мешавад. Аз ин нуктаи назар, ҳар як узви ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳифзи амнияти фазои иттилоотии ба фарҳангу тамаддун ва минталитети миллати тоҷик созгор муваззаф аст ва бо оддитарин амали худ метавонад дар амният ё тахриби фазои иттилоотӣ саҳм дошта бошад. Аз ҷумла, волидайн дар муҳити хонавода, чунки дар хона миллат тарбият меёбад. Ин раванд шуури рӯзмарраи ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад, ки идора намудани он дар сурати осебпазирӣ ниҳоят душвор мешавад. «Дар структураи шуури рӯзмарра ҳамакнун беш аз пеш ҷузъиёти хориҷӣ, бегона қувват мегирад» [8].

Ҷанги иттилоотӣ – равонӣ дар робита бо зиддиятҳои мусаллаҳона дар иҷрои амалиёти равонии ҷангҳои муосир ва муноқишаҳои мусаллаҳонаи марзӣ нақи калон мебозад. Инчунин, ҷангҳои муосир ба набардҳои иттилоотӣ табдил ёфтанд ва дигар барои ғасби як қалямрав истифодаи силоҳ ҳатмӣ нест. Ин фарзия таъкид мекунад, ки технологияҳои муосири ҷанги равонӣ метавонанд муқовимати душманро ба истифодаи ҳама гуна воситаҳои ҳамла пешгирӣ намоянд ва силсилаи набардҳои иттилоотӣ дар асоси технологияҳои равонӣ қобилияти хароб намудани дилхоҳ душмани қавиро дорад.

Муҳаммад А.Н., Собиров муҳаққиқон–таҳлилгарони равандҳои сиёсӣ дар хусуси нақши ВАО дар идоранамоии рафтори шаҳрвандон матлаб навишта, пешниҳод намудаанд, ки ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи оромиву суботи ҷомеаи Тоҷикистон бояд корҳои зерин ба сомон расонида шаванд:

1. Таъсиси коргоҳи мутамаркази иттилоотрасонӣ;

2. Коркард ва муҷаҳҳазсозии маркази пуриқтидории ҷамъоварии иттилоот ва аксуламалҳои иттилоотӣ дар заминаҳои таъсиррасонӣ ба таҳоҷумҳои (ҳуҷумҳои Ф.С.) иттилоотӣ ва иғвоандозӣ;

3. Муҳайё сохтани маркази бехатарии иттилоот;

4. Ташкил намудани равандҳои асосии иттилооти мақсаднок ва даврагӣ дар заминаи шабакаҳои иҷтимоӣ;

5. Ба роҳ мондани фаъолият дар заминаи полиши маълумот то расидан ба истеъмолкунанда [6].

Бо дарназардошти он, дар навбати аввал ҷудо намудани сарчашмаҳои асосии таҳдидҳои амнияти психологии шахсро дар муносибат ба инсон ба ду гурӯҳ – беруна ва дохила тақсим намудан ба маврид мебошад. Сарчашмаҳои умумии таҳдидҳои беруна ба амнияти психологии он қисми муҳимми иттилоотии ҷомеа мебошанд, ки бо сабабҳои гуногун ба муҳити зисти ҳаёти инсон комилан таъсири номувофиқ мерасонанд. Яъне, он иттилооте, ки одамонро ба гумроҳӣ мебарад, имкони онро намедиҳад, ки муҳит ва худро комилан мувофиқ дарк намоянд. Вақте ки мо имкони пурра дарк намудани ҳолати психологии худро надорем, чӣ тавр метавонем аз таҳдидҳои иттилоотӣ эмин монем ва ё ба онҳо муқобилияти судманд ба фоидаи худ ва ҷомеа карда тавонем. Истифодаи дезинформатсия яке аз омилҳои маъмул ва муносиб дар ин роҳ мебошад. Зеро, вақте инсон аз экспансияи (васеъшавӣ, ғасб, муҳосира) иттилоот гумроҳ мешавад, дар интихоб ва муайян намудани мавқеи худ дар ҷомеа мушкилӣ мекашад. Муҳити иттилоотӣ барои инсон характери дуюм – воқеияти субъективиро фароҳам меорад. Яъне, инсон бе дахолати касе ба самтҳо ва равандҳое, ки аз таъсири иттилоот ба вуҷуд омадаанд, гаравиш пайдо мекунад. Шояд яке аз сабабҳои муҳимтарини ба миён омадани журналистикаи шаҳрвандӣ низ ҳамин бошад. Иттилооте, ки ба муҳити зист таъсири номувофиқ расонида, боиси пайдо шудани таассуроту равандҳое мегардад, ки ба дурустии дарк ва фаҳми инсонҳо монеа эҷод мекунанд ё онро мушкил мегардонанд, мумкин аст, шартан онҳоро «воқеияти бофта» номид. Ба бофта будани чунин иттилоот нигоҳ накарда, метавон онро ба сарчашмаи асосии таҳдидҳои берунаи амнияти психологии шахс ворид намуд.

Онҳо бо таъсири мутақобила ба ҳамдигар («воқеияти бофта» ва пайдоиши равандҳои носолим) аз рӯйи имкониятҳои мавҷудаи хеш тағйиру такмил ёфта, ҳамарӯза муаммоҳову масъалаҳои гуногуни печдарпечро ба вуҷуд меоранд, ки барои инсон ҳалли ҳамарӯза ва ҳамонвақтаи онҳо ғайриимкон мегардад. Ин раванд чӣ қадаре зуҳур кунад, ҳамон қадар пурзӯру ҷозибанок мегардад. Дар чунин муҳит яқинан амнияти психологии инсон халалдор гашта, инсон рӯҳан азият мекашад ва оромиву суботро камтар мебинад. Худи инсон ҳам баъди хондани якчанд матн оид ба як мавзӯъ бевосита дар бораи он фикр мекунад ва вобаста ба таҳлили ба вуҷудомада дар доираи фаҳмишҳои худӣ ба он нигоҳи махсуси худро равон месозад. Масалан, масъалаи сохтмони НБО Роғун миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ва истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ дар Эрон, миёни Эрон ва Америка ва аз таъсири контропогандаи (таблиғоти ҷавобӣ ё ташфиқоти муборизавӣ ё таблиғи муқобил) амрикоӣ норозигии зиёде аз давлатҳо. Нисбат ба ин ду масъала аксаран фикрашонро баён мекарданд, вале қариб аксарияти андешаҳо ба якдигар мувофиқ намеомаданд. Зеро, одамон ҳар кадом аз рӯйи андешарониҳои каси дигар, ки шунидаанд ва ё матне, ки хондаанд, фикрашонро «асоснок» намуда, баён менамоянд. Аз ин рӯ, психологияи ҳар яке ба гуфтани чизе қодир мебошад, ки онро қабул кардааст. Яъне муҳит ҳар тавре ки бошад, психологияи бошандагон ҳамон тавр шакл мегирад. Ин ҷо қонуни акскунии майнаи сари инсон тадбиқ мешавад.

«Аз таҷрибаи истифодабарии ҳолатҳои иттилоотӣ – коммуникативӣ бо мақсади тағйир додани характеристикаи психологӣ ҳолат ва рафтори одамон, навъи махсуси омехтаи талқинкунӣ ва эътимод бахшидан тадриҷан роҳандозӣ мегардад, ки дар санади ягонаи коммуникатсионӣ эътибор пайдо намуда, ҳамчун элементҳои ба ҳам марбут ва пуркунандаи сохтори он ба шумор рафта, қисман аз рӯйи моҳияти худ маҷбурсозии психологии пӯшида ба шумор меравад» [2].

Вақтҳои охир ҳангоми таҳлили таъсири психологии иттилоот мафҳуми таъсири манипулятивӣ ва манипулятсия ба таври васеъ истифода шуда, кӯшишҳои тафсири онҳо чун моҳияти психологӣ ба роҳ монда шудааст. Ду ҷанбаи фаҳмиши манипулятсия ҷудо карда шудааст: якум аслӣ, дувум маҷозӣ. Дар ҳолати дувум монанд сохтани мафҳуми

манипулятсия бо шакли таъсири психологӣ барои ба даст овардани бурди якҷониба мебошад, ки он тавассути маҷбуркунии пӯшидаи одамон дар амалҳои муайян, тағйир додани тавсифот ва ҳолатҳои психологии онҳо ба амал меояд. Ба сифати объектҳои таъсиррасонии тобеъкунанда (манипулятивӣ) метавонад субъектҳои сатҳи гуногуни ҷомеа, аз индивидҳо сар карда, то ҷомеа дохил шаванд. Ислоҳоти ҷомеа ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ равандҳои иттилоотӣ – коммуникативиро, ки тавассути воситаҳои иртиботии омма ва бевосита таъсири муштараки байни шахсият ва шахсҳои гурӯҳӣ амалӣ мегарданд, якбора фаъол гардонид. Ин ба паҳншавии васеи иттилоот ва таъсиррасонӣ ба одамон мусоидат намуд. Дар равандҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ истифода намудани таъсири манипулятивӣ ба табақаҳои гуногуни шаҳрвандон сатҳеро фаро гирифтааст, ки он метавонад ба амнияти психологии шахсҳо ва, дар маҷмӯъ, ба ҷомеа таҳдидзо бошад.

Аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки иттилоъ ба ҳама яксон таъсир намерасонад. Шояд ба яке саривақт, ба дигаре дертар тез ё суст таъсир мерасонад. Эҳтимол халерик аз хондан ё шунидану дидани хабар ба шӯр ояд, сангвиник тавони иродаашро аз даст диҳад ё агар матн мусбат нигаронида шуда бошад, халерик ҳамон салобати темпераменташро нигоҳ дорад, бардошти сангвиник дар симо ва ҳаракатҳои ӯ зоҳир гардад, флигматику меланхоликро тамоман дигар эмотсия фаро гирад ва амали дигарро ичро кунанд. «Психологияи одамонро аз рӯйи рафтор, дарки эмотсионалӣ, эҳсос, тасаввурот, сатҳи тафаккур, фарқиятҳои феълӣ, тасниф намуда, ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад ва ҳар кадом вобаста ба хислатҳои ба худ хос амал мекунад» [1].

Муқарриз: ***Гулов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмонов Г.Н. Хусусиятҳои фардӣ – психологии хонанда ва ба эътибор гирифтани онҳо дар ҷараёни таълим / Г.Н. Абдураҳмонов. – Душанбе, 2009. - С.30.
2. Грачев Г.В. Информационно – психологическое безопосность личности: состояние и возможности психологической защиты / Г.В. Грачев. - М.: РАГС, 1998. - С.125.
3. Давонов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо / Д.Давонов, Ҷ.Раҳмонова. – Душанбе: 2012. – 156 с.
4. Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. - №4/2. - С.266-270.
5. Муқимов М.А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М.А. Муқимов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. - №2. - С.251.
6. Муҳаммад А.Н. Нақши воситаҳои ахбори омма дар татбиқи рафтори сиёсии шаҳрвандон / А.Н. Муҳаммад, С.Н. Собиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - №4. - С.271–276.
7. Общая теория безопосности (актуальные методологические и социально-политические проблемы). - М., 1994. - С.34.
8. С. Ятимов. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ / Ятимов С. [захираи электронӣ]: https://ravshanfikr.tj/maqolaho/shuuri-am-iyat-va-amniyati-am-iyat.html. (санаи истифодабарӣ: 08.03.2021)
9. Рощин С.К. Психологическая безопасность: новый подход к безопосности человека, общества и государство / С.К. Рощин, В.Г. Соснин // Российский монитор. - 1995. - №6. - С.28.
10. Тоҳири Сафар Қирғизистон ба Тоҷикистон гуфтааст, Ворухро диҳед, қисме аз Боткандро гиред // март 26, 2021 [захираи электронӣ]: https://www.ozodi.org/a/31171043.html. (санаи корбурд: 30.03.2021)
11. Фененко А. Международное соперничество за освоение общих пространств / А. Фененко // Международные процессы.- 2010. Январь-апрель. - №1(22). - Т.8. - С.14-20.
12. Хабаргузории «Озодагон». Китоби Ҳамроҳхон Зарифӣ дар бораи замине, ки ба Чин дода шуд. 7 май 2014, 18:38. [захираи электронӣ]: https://ozodagon.com/16074-kitobi-navi-zarifi-dar-borai-zamine-ki-ba-chin-doda-shud.html (санаи истифодабарӣ: 21.02.2021. 11:38. ш. Душанбе)
13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон ,Эмомалӣ. - Душанбе: Ирфон, 2016.

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ – ПСИХОЛОГИИ ШАХС ДАР ФАЗОИ ПУРМОҶАРОИ АСРИ ТАМАДДУНИ ИТТИЛООТӢ

Дар ин мақола муайян карда шудааст, ки шахс, гурӯҳи одамон ва ҷомеа дар ҷаҳони муосир, ки онро бинобар ҳангомасозиҳо, бархӯрди манифатҳои қудратҳои геополотикӣ, манфиатҷӯйиҳои гурӯҳҳои алоҳида, худкома, тахрибкор, даргирии тасодуфии ҳадафҳои пуштипардагӣ, равандҳои пурпечутоб, ҳассос, зудтағйирёбанда, мувозинати ноустувори рафторҳои дипломатӣ ва дигар сабабҳои муайяни мавҷуда фаро гирифтаанд ва дар маҷмӯъ, дар аксар мавридҳо раванди муътадили муносибатҳо ва ҳамзистиро халалдор месозанд ва ба тезутундшавиву ноустуворӣ табдил медиҳанд, оё шахс метавонад амнияти психологии худро аз таъсири иттилоот нигоҳ дорад? Аз таъсири иттилооте, ки бо дар назар доштани чунин вазъият ва мувофиқ ба фазо интишор мешавад. Иттилооти барзиёди таҳмилӣ оё ба шуури одамон таъсири манфӣ мерасонад ё метавонад паёмадҳои мусбат ҳам дошта бошад ва онҳоро ба фаъолии шуурӣ водор намояд? Ҳамзамон бо дарназардошти мувоҷеҳшавии субъектони раванди муносибатҳои глобалӣ, ки мутаносибан бештар дар фазои маҷозӣ ба вуқӯъ мепайвандад, кадом ҳолати психологиро одамон аз сар мегузаронанд. Вобаста ба ин чанд ҳолатҳои психологии одамон ҳангоми дучоршавӣ бо иттилоот тасниф карда шудааст. Аз муҳимтарини онҳо: амнияти психологӣ – иттилоотӣ; вокуниши психологӣ – иттилоотӣ маҳсуб мешаванд. Мафҳуми амнияти иттилоотӣ – психологӣ аз қомусҳову фарҳангҳои гуногун ҷустуҷӯ ва таҳлил карда шудааст. Бо арқому далелҳо ва дар такя ба назару таҳқиқотҳои мухталифи олимону коршиносони соҳа зикр

рафтааст, ки дар тамаддунҳои гуногун тасаввурот оид ба бехатарӣ ва амният зимни корбасти мафҳумҳо аз таъсири иттилоот ҳарчанд мухталиф баён шудаанд, аммо моҳиятан як маъно дар назар дошта шудааст, ки он бештар ба ҳолатҳои эмотсионалии шахс, яъне ҳиссиёти инсон вобаста ба вақту фазо тавъам мебошад. Ҳамин тариқ, маҷмӯан, собит шуда, ки барои инсон бехатарӣ, қабл аз ҳама, эҳсоси муҳофизат аз амалҳои гуногун ё дигар таассуроти гуногуни муҳит дониста мешавад, ки ҳамаи ин ангезандаҳо бо як мафҳум – ахбор зикр мешаванд. Аммо ҳифзи амнияти психологӣ аз таҳоҷуми иттилоотӣ, ки моҳияти фундаменталии маколаро ташкил медиҳад, масъалаест, ки комилан ба ҳолатҳои психологии шахс аз равандҳои пурмоҷарои ҷангҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошад.

Калидвожаҳо: воситаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, амнияти иттилоотӣ – психологӣ, равандҳои радикалӣ, шуури муқаррарӣ, таҳдидҳои ҷаҳони муосир, хатарҳои ҷангҳои иттилоотӣ.

ИНФОРМАЦИОННО – ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ЛИЧНОСТИ В КОНФЛИКТИВНОМ ПРОСТРАНСТВЕ ВЕКА ИНФОРМАЦИОННОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

В данной статье выявляется личность, группа людей и общество в современном мире, которые в силу сенсационности, конфликта интересов геополитических держав, интересов определенных групп, авторитаризма, подрывной деятельности, случайных столкновений, закулисных целей, сложных процессов, чувствительного, неустойчивого, несбалансированного дипломатического поведения и других конкретных причин, в целом, часто нарушают нормальный процесс отношений и сосуществования, что приводит к обострению и нестабильности. Может ли человек сохранить свою психологическую безопасность от воздействия информации? От воздействия информации, которая распространяется в отношении такой ситуации и уместна в пространстве. Влияет ли чрезмерно навязанная информация негативно на сознание людей или может иметь положительные последствия и побуждать их к сознательной деятельности? В то же время, учитывая противостояние субъектов процесса глобальных отношений, которое чаще происходит в виртуальном пространстве, какую психологическую ситуацию переживают люди. В связи с этим классифицируются несколько психологических состояний людей при столкновении с информацией. Самыми важными из них считаются: психологическая и информационная безопасность; психолого-информационная реакция. Понятие информационно-психологической безопасности исследовано и проанализировано в разных энциклопедиях и культурах. На основе цифр и исследований, проведенных различными учеными и экспертами в данной области, было отмечено, что в разных цивилизациях концепции безопасности при использовании концепций воздействия информации выражаются по-разному, но в сущности эмоциональное состояние и чувства человека переплетаются со временем и пространством. Таким образом, в целом доказано, что для безопасности человека, в первую очередь, учитывается чувство защищенности от различных действий или других различных впечатлений от окружающей среды, все эти стимулы относятся к одному понятию - новости. Но защита психологической безопасности от информационного вторжения, которая составляет фундаментальную суть статьи, - это вопрос, полностью связанный с психологическим состоянием человека от бурных процессов информационной войны.

Ключевые слова: информационно – коммуникационные средства, информационная – психологическая безопасность, радикальные процессы, нормальное сознание, угрозы современного мира, опасности информационных войн и др.

INFORMATION AND PSYCHOLOGICAL SECURITY OF THE PERSON IN THE CONFLICTIVE SPACE OF THE CENTURY OF INFORMATION CIVILIZATION

This article reveals a personality, a group of people and society in the modern world, which, due to sensationalism, conflict of interests of geopolitical powers, the interests of certain groups, authoritarianism, subversion, random collisions of behind-the-scenes goals, complex processes, sensitive, unstable, unbalanced balance of diplomatic behavior and other specific reasons and in general often disrupts the normal process of relationships and coexistence and leads to aggravation and instability, whether a person can maintain his psychological safety from the influence of information?. From the impact of information that spreads in relation to such a situation and is appropriate in space. Does the overly imposed information negatively affect the consciousness of people or can it have positive consequences and induce them to conscious activity? At the same time, taking into account the confrontation of the subjects of the process of global relations, which is relatively more common in the virtual space, what kind of psychological situation do people experience? In this regard, several psychological states of people when confronted with information are classified. Of the most important ones: Psychological and information security; Psychological and informational response they count. The concept of information and psychological security has been studied and analyzed in various encyclopedias and cultures. Based on the figures and research conducted by various scientists and experts in the field, it was noted that in different civilizations, the concepts of security when using the concepts of the impact of information are expressed differently, but in essence there is a sense that is more the emotional states of a person, that is, the feelings of a person, are intertwined with time and space. Thus, in general, it is proved that for human security, first of all, a sense of security from various actions or other different impressions of the environment is taken into account, all these incentives relate to one concept - news. But the protection of psychological security from information intrusion, which is the fundamental essence of the article , is a question entirely related to the psychological state of a person from the violent processes of information warfare.

Key words: information and communication means, psychological and information security, virtual space, radical processes, normal consciousness, threats of the modern world, dangers of information wars, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф. ***Сафарзода Фарҳод Шарифхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-856-54-56**

Сведение об авторе: ***Сафарзода Фарход Шарифхон*** - Таджикский национальный университет, соискатель факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-856-54-56**

Information about the author: ***Safarzoda Farhod Sharifkhon*** - Tajik National University, applicant for the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 93-856-54-56**

УДК: 070.1

ХУСУСИЯТҲОИ ПАХШИ ИТТИЛОИ ЧАНДРАСОНАӢ

Абдуҷалилов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чандрасонаиро ҳамчун падидаи ҷадид дар журналистика бо шаклҳои мухталиф таъриф мекарданд. Баъзе аз пажӯҳишгарони журналистика онро типи нави журналистика, баъзеи дигар ба сифати маҷмӯи жанрҳои омехта, гурӯҳи сеюм чандрасонаиро тарзи махсуси пешниҳоди маҳсулоти журналистӣ таъриф мекунанд. Оксана Силантева, пажӯҳишигар ва журналисти рус, ки таҷрибаи амалӣ дар омодасозии маводи мултимедиявӣ дошта, аз нигоҳи илмӣ ҳам назарияпардозӣ намудааст, чандрасонаиро навъи мустақили интернет-журналистика медонад: “Журналистикаи чандрасонаӣ тарзи муқарраршудаи пешниҳоди матолиби журналистӣ аст. Ин маҳсулоти расонаие мебошад, ки як мавзӯъро дар бар гирифта, дар чанд қолаб тавъам мешавад. Комбинатсияи форматҳо имкон дорад гуногун бошанд, аммо ҳамеша ин гуна маҳсулот дар маъно, ҳадаф, мавзӯъ, идея ва мушкилот пайванди якдигаранд” [11]. Журналистикаи мултимедиявӣ аз руйи ин фаҳмиш, дар қатори журналистикаи радио, телевизион ва матбуот қарор мегирад. Чандрасонаӣ амалан ба сифати як раванди рушдёбанда дар журналистикаи ватанӣ тадриҷан ворид шудааст, вале назариёти илмие, ки ҳолати воқеиро дар фазои интернетӣ бозгӯ намояд, хеле кам гуфта шудаанд. Фаҳмиши истилоҳоти марбут ба чандрасонаӣ ҳам нуктаҳои баҳснок дорад.

Чандрасонаӣ ба забони тоҷикӣ аз ду истилоҳи байналмилалӣ: “мультимедиа” ва “конвергенция”маъмул шудааст. Дар аксари адабиёти илмӣ чандрасонаӣ тарҷумаи айнии “мултимедия” фаҳмида мешавад. Муҳаққиқи тоҷик Мурод Муродов, чандрасонаиро навъе аз “ба ҳам наздикшавии низоми воситаҳои ахбори омма” номида, аз нигоҳи этимологӣ онро ба “конвергентсия” наздик мешуморад: “Ин ибора аслан, аз калимаи англисии «*Convergence journalism»* гирифта шуда, маънои омехташавӣ, омезиши технологияи иттилоотиву иртиботӣ дар захираҳои ягонаи иттилоотиро дорад” [12]. Муҳаққиқ бо ин таъриф низоми муттаҳидшудаи расонаҳоро дар зери роҳбарии як шахси ҳуқуқӣ дар назар дорад. Дар журналистика бо мафҳуми “медиаҳолдинг” бештар ёд мешавад. Мисоли он дар Тоҷикистон “Азия - плюс” ва “Оила - принт” мебошад. Таҳлилҳо низ нишон медиҳанд, ки медиаҳолдингҳои мазкур намунаҳои конвергентиро ҳам зоҳир месозанд.

Аносири чандрасонаӣ дар ВАО ва дигар воситаҳои чопӣ маъмулан истифода мешаванд, вале дар як қолаб муттаҳид намудани онҳо метавонад ҳамчун маводи чандрасонаӣ бошад, аммо расонаҳои анъанавӣ чунин имконоти техникӣ надоранд. Муаллифи мақолаи “Мултимедия и визуальная журналистика” хусусияти фарқкунандаро дар асари визуалӣ (*“визуальное повествование”*) будани сохтори чандрасонаӣ мебинад: “Фотожурналистика, видеожурналистика, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳикояҳои интерактивӣ ҳама унсурҳоро дошта метавонанд. Дар айни замон, онҳо навъҳои алоҳидаи жанрҳоро эҷод намекунанд, вале имкониятҳои наву ҷолиберо ба матолиби мултимедиявӣ эҷод мекунанд” [2].

Профессор Мурод Муродов бошад, дар мақолаи хеш зери унвони “Журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои таълим ва омодасозии мутахассисон” ба чунин хулоса меояд: “...чандрасонаиро метавон ҳамчун тактикаи фаъолият, муносибати нав ба предмети инъикос, василаи тозаи ҷамъоварии иттилоот, пахши як иттилоот тавассути воситаҳои гуногун (матн, овоз ва намоиш) ва тариқи шабакаҳои гуногуни иртиботӣ (мабуот, телевизион, радио, интернет) фаҳмид” [11]. Ба ин андеша ҳам метавон розӣ шуд, зеро “журналистикаи мултимедиявӣ- ин фарохтар аз “кор дар сайт” аст” [9].

Аммо маҳсулоти радиоӣ ва матбуотӣ наметавонанд пурра чандрасонаӣ бошанд, ҳарчанд намунаҳои чандрасонаиро мешавад дар онҳо ба кор бурд. Масалан, дар барномаҳои радиоӣ корбурди қабули зангҳои телефонӣ, паёмакҳо, паёмҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва радиочат роиҷ аст ва инҳо ба усули интерактивии чандрасонаӣ монанданд, ё корбурди инфографика дар матбуот монанди графикҳои оддӣ, на визуалӣ, ки яке аз унсурҳои таркибии маводи чандрасонаӣ ҳастанд. Биноан ин масъала ҷойи баҳс нест.

Маҳсулоти чандрасонаӣ ба маънои том хосси интернет аст. Агар чунин намебуд, то пайдоиши интернет назарияи чандрасонаӣ ба илм ворид мегашт. Наздикшавӣ ё омехташавии воситаҳои пахши иттилоъ ҳам асосан бо зуҳури интернет ба амал омадааст. Телевизион бошад маъмултарин воситаи иртиботӣ дар ташаккули чандрасонаӣ пас аз интернет аст.

Новобаста аз баҳсҳои илмӣ яқин аст, ки "Мултимедиявӣ кардан – ин имкони дар саҳифаи интернетӣ истифода бурдани иттилои матнӣ, аудиовизуалӣ ва графикӣ мебошад" [9].

Чандрасонаӣ аз як нигоҳ натиҷаи таҳаввулоти технологияи иртиботию иттилоотӣ бошад, аз тарафи дигар, талаботи муштарии муосир аст. Гузаштан ба низоми чандрасонаӣ дар журналистика наздикшавӣ ба талабот, ниёз ва хоҳиши аудитория ба ҳисоб меравад. "Ба ақидаи мутахассисон суръати хондани матн аз монитор нисбат ба қаринаи коғазӣ 25 фоиз сусттар аст. Муҳаққиқони Донишгоҳи Оҳайои ИМА муайян кардаанд, ки матни расонаҳои онлайниро хонандаҳо нисбат ба матни коғазӣ бадтар қабул мекунанд. Бинобар ин, мултимедиявӣ кардани маводи расонаҳои интернетӣ имкон медиҳад, ки хонанда аз мутолиаи матн хаста нашавад ва иттилоъро зуд дарк карда тавонад" [9]- навиштааст Ҷовид Муқим.

Нуфузу эътибори ҳар расона аз аудиторияи он вобаста буда, бозори онро тақвият медиҳад. Дар сурати ҷавобгӯйи табъ ва ниёзҳои иҷтимоӣ набудан, хоҳу нохоҳ хостаҳои тиҷоратӣ ва идеологии соҳибрасона дар канор хоҳад монд. Усулҳои чандрасонаӣ ба маънии дигар моҳияти иҷтимоишави ВАО-ро дар замони миқдоран зиёд шудани расонаҳо, ногузир гардидани рақобати расонаӣ ва ниҳоятан нозук гардидани табъи аудиторияи ҳамагонӣ маънидод мекунанд. Ба ин мазмун, дар давоми андешаҳояш Ҷовид Муқим ба зарурат ва рушди журналистикаи интернетӣ таваҷҷуҳ мекунад: "Аввалан, солҳои охир теъдоди расонаҳои интернетӣ афзуд, хонандаҳо ба мутолиаи ҳамаи онҳо вақт надоранд. Онҳо ба ҳамон расона таваҷҷуҳ мекунанд, ки маводро ҷолибу фаҳмо пешниҳод мекунад. Аз ҷониби дигар, аудиторияи расонаҳои интернетиро аксаран ҷавонон ва нафароне ташкил медиҳанд, ки камтар одати мутолиа ва дарки онро доранд. Барои онҳо пешниҳоди аудиовизуалии иттилоъ бештар муассир аст" [9]. Дарвоқеъ, таҳқиқотҳо дар умури интернет нишон додааст, ки дар Тоҷикистон ҳам бештари корбарон аз синни 15 то 45 сола ҳастанд. Фарҳанги техникӣ ва корбарии технологияҳои иртиботӣ низ сол аз сол дар миёни ҷавонон боло меравад. Маъмулияти тадриҷии интернет бегумон талаботро ба афзоиши матолиби мултимедиявӣ зиёд мегардонад ва ВАО-и ватаниро ба мултимедияшавӣ водор месозад. Воқеият бозгӯ мекунад, ки таҳаввулоти камранги журналистикаи чандрасонаӣ ба чашм мерасад. Масъалаи мазкур то ҳадде нигаронӣ ва ташвишро дар масири такомули интернет-журналистика ба бор меорад. Метавон инро аз монеаҳои рӯзноманигории онлайнии тоҷик унвон намуд. Агар принсипҳои чандрасонаиро ба эътибор гирем, то ҳол ягон редаксияе амал намекунад, ки самти фаъолияташ пурра ба пахши матолиби чандрасонаӣ равона шуда бошад. Даъвои профессори ДМТ Мурод Муродов дар ин хусус дуруст аст: «Ҳоло дар низоми ВАО-и Тоҷикистон чунин редаксияҳо, ки вазифаашон истеҳсоли маводи чандрасонаӣ бошад вуҷуд надорад. ….Талаботи аудитория замонавӣ аст ва ё бештар ба қабули маводи гуногуну рангоранг майл дорад, пас журналистикаро мебояд мувофиқи он сохт ва ҳолати қабули аудитория шеваи худро тағйир диҳад» [3].

Худкифо набудани расонаҳои ватаниро муҳаққиқони журналистикаи чандрасонаӣ ба сабаби дигаре алоқаманд медонанд, ки ба таҳияи мудовим ва бомароми матолиби мултимедиявӣ монеа мешавад. Чунки таҳияи асарҳои чандрасонаӣ хароҷоти иловагиро талаб менамояд: "Расонаҳо бояд наворбардор, танзимгар дошта бошанд ва хабарнигорон бо технологияи нави иттилоотӣ кор карда тавонанд" [8, с.19].

Пас, намунаҳои матолиби чандрасонаӣ дар журналистикаи интернетии тоҷик дар кадом сатҳ аст? Барои таҳлили зинаҳои ташаккули чандрасонаӣ ва камбудии онҳо мо сомонаҳои интернетии www.news.tj, www.ozodagon.tj, www.avesta.tj, www.ozodi.org, www.khovar.tj, www.khatlon-ruznoma.tj ва www.cm-1.tv- ро мавриди таҳлил қарор додем, зеро пажӯҳишҳо маълум намуд, ки дар онҳо мунтазам ё гоҳ-гоҳ матолиби зери назари мо дида мешаванд ва онҳо сайтҳои хабарии нисбатан маъмул ҳастанд.

Ягона сомонае, ки ҳамарӯза дар он видео ва дигар унсурҳои чандрасонаӣ мушоҳида шуд, www.ozodi.org мебошад: "Қобили зикр аст, ки сомонаи «www.ozodi.org» рубрикаи

махсуси «Чандрасонаӣ» дорад, ки он ба се платформа ишора мекунад: «Озодӣ» дар Ютуб, «Озодӣ ТВ» ва «Озодӣ» дар мобил». Яъне, маводҳо дар ин се платформа низ дастраси аудитория мебошанд” [10]. Ҳамзамон бахши “Видео”-и сомона хеле фаъол буда, ҳамарӯза то чор видео аз дохил ва хориҷи кишвар ба нашр мерасанд. Аксарияти наворҳои “Озодӣ”-ро кормандони худи радио меофаранд. Сабаби ин ҳам аз он аст, ки гӯшаи “Озодӣ TV” дар заминаи сомонаи радио ташкил шудааст, ки ҳамарӯза бо номи “Ахбори Тоҷикистон ва ҷаҳон” навор пахш мекунад. Чанд нафари масъул дар ин бахш кор мекунанд. Тибқи ҳисоби мо дар маҷмӯъ ин сомона аз замони таъсисёбӣ то моҳи январи соли 2019 зиёда 12 ҳазор видео пахш намудааст. Ҳамчунин гӯшаи “Нигористон” барои истифодаи аксҳо, ки бештар хислати фоторепортаж доранд, амал мекунад. Инфографика ва харитаи зинда гоҳ-гоҳ пайдо мешаванд.

Бо вуҷуди ин, сомонаи радиои “Озодӣ” дар коркарди матолибе, ки пурра чандрасонаӣ бошад, муваффақ нест. Графика, слайд ва дигар ҷузъҳои хосси чандрасонаӣ кам ба назар мерасад. Дар умум, ягон матлаби сомонаи ин радио бо фарогирии тамоми унсурҳои чандрасонаӣ омода намешаванд. Шояд сабаби ба оҷилият такя кардани роҳбарони радио ва дар заминаи гуфторҳои радиоӣ омода сохтани матолиби онлайнӣ дар www.ozodi.org бошад.

Муваффақтарин сомонае, ки дар он аз ҳама зиёд матолиби ҷавобгӯ ба талаботи чандрасонаӣ мавҷуд аст, ин www.news.tj марбут ба Агентии иттилоотии “Азия плюс” мебошад. Ин баҳо дар асоси мушоҳидаҳои инфиродӣ ҳосил шудааст. Дар саҳифаи интернетии Агентӣ аз муаллифони худӣ ва беруна дар се соли охир (то 30.10.2018) зиёда аз 80 матлабе нашр шудааст, ки пурра дар қолаби чандрасонаӣ ҳастанд. Дар онҳо тамоми воситаҳои маъмули чандрасонаӣ дида мешавад.

Дар пахши оморҳо ба воситаи инфографика ҳам “Азия - плюс” фаъол аст. Қобили таъкид аст, ки бештари инфографикаҳои ин сомона визуалӣ ё ҳаракаткунанда нестанд, онҳо бо барномаи компютерии Photoshop омода шудаанд. Дар ин кор саҳми Аҳлиддин Салом (ягона журналисте, ки қариб тамоми нозукии маводи чандарсонаиро медонад-А.Ф.) хеле бориз буд, зеро бо ин Агентӣ шартномаи корӣ дошт. Дар ин сомона наворҳо ҳам дида мешаванд, вале бештари онҳо худӣ нестанд, ё хонандагони сомона фиристодаанд ё аз дигар сомона гирифта шудаанд.

Сомонаи www.ozodagon.tj ҳам аз соли 2014 то басташавӣ ба мураттаб сохтани инфографика ва диаграмма аҳаммият медод. Аз нигоҳи шумора он пас аз “Азия - плюс” дуюмин сомона дар пахши инфографика ба ҳисоб мерафт. Дар www.ozodagon.tj фоторепортажҳое, ки хислати проблемавӣ доранд, бештар пахш мешуд. Ин сомона то соли 2017 дар коркарди наворҳо фаъол буд, барои бандубасти навор корманди масъул ҳам дошт, вале ба тадриҷ бо сабаби мушкилии молӣ камтар маҳсулоти наворие, ки марбут ба “Озодагон” бошад, пахш кард. Наворҳои “Озодагон” хислати таҳлилӣ надошта, онҳо ягон ҳодисаро ифода мекарданд ё дар қолаби назарпурсӣ банду баст мегардиданд.

Агентии иттилоотии “Авеста” дар саҳифаи интернетиаш бахши аудиоро (http://avesta.tj/audionews/) фаъол намуд, ки дар як рӯз то чор нашрро дар бар мегирад, ки дар он хабарҳои дохилӣ ва хориҷӣ хонда мешаванд. Гоҳо репортаж ва гузоришҳои радиоӣ ҳам таҳия мешаванд. Дар бахши сурат ва видео ягон махсусият надорад. Гӯшаи аудиоии сомонаи Агентии иттилоотии “Авеста” ҳамчун бахши радиоӣ муаррифӣ мегардад.

Дар сатҳи минтақаҳо бошад, аз саҳифаҳои интернетии рӯзномаи вилоятии “Хатлон” (www.khatlon-ruznoma.tj) ва сомонаи телевизиони мустақили СМ-1 (www.cm-1.tv) воқеъ дар Вилояти Суғд метавон ном бурд. Сомонаи нашрияи “Хатлон” гӯшаи алоҳидаи маводҳои чандрасонаӣ дорад. Дар он тамоми матолиб дар доираи қонуниятҳои мултимедия мураттаб шуданд, ки бештар мушкилоти вилоятро фаро мегиранд. Чанд корманди рӯзнома курсҳои махсуси омодасозии чандрасонаиро гузаштаанд.

Торномаи www.cm-1.tv дар омодасозии асарҳои чандрасонаӣ ҳам аз имкониятҳои телевизион хуб истифода мекунанд. Дар саҳифаҳои сомона ба чанд ин гуна мавод рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки аксари унсурҳои чандрасонаӣ мунъакис шудаанд. То ҷое маълум аст, хабарнигорони ин телевизион ҳам аз машғулиятҳои журналистони чандрасонаӣ гузаштаанд. Хусусияти барҷастаи сомонаи минтақавӣ дар самти истеҳсоли маводи чандрасонаӣ, пеш аз ҳама, ин аз маҳсулоти редаксионӣ будани онҳост.

Ҳамин тавр, мо барои муқоисаи миқдор ва сифати асарҳои чандрасонаӣ чанд сомонаро аз назар гузаронидем. Албатта, муқоисаи онҳо наметавонад, бозгӯкунандаи ҳолати воқеӣ бошад, аммо то ҷое масъаларо равшан карда метавонад.



Ин диаграмма 11.06.2017 мураттаб шуд ва тавзеҳ мехоҳад. Нишондоди миқдории матолиби мавриди назар дар сомонаҳои мавриди таҳлил низ замони муайянро дар бар намегирад. Масалан, “Азия - плюс” аз соли 2013 то замони тартиби ин ҷадвал беш аз 160 маводи пурраи чандрасонаӣ пахш намудааст, миқдори аксу видеоҳои нишондодашудаи ин Агентӣ маҳсули 4-моҳаи он аст. Сомонаҳои рӯзномаи “Хатлон” ва ТВ СМ-1 аз аввали 2016 то ҳол (11. 06. 2017) дар самти чандрасонаӣ нишондоди зикргаштаро доранд.

Ҳамин тавр, “Азия - плюс” дар истеҳсол ва пахши матлабҳои чандрасонаӣ нишондоди баланд дорад. Аммо аснои пажӯҳиш барои мо маълум шуд, ки шумораи зиёди асарҳои пурра чандрасонаӣ бо маблағгузории сарпарастон, грант ва лоиҳаҳои марбута омода шудаанд. Ин ҳолат бештар дар “Азия - плюс” мушоҳида мешавад. Агар онҳоро ба инобат нагирем, пас расонаҳои онлайнӣ ба ҷуз аз пахши видео, сурат ва гоҳо инфографика ҳеҷ коре накардаанд. Аз ин бармеояд, ки расонаҳои онлайнӣ то ҳол тавони молии коркарди чунин навъи маҳсулоти журналистиро ба даст наовардаанд.

Бино ба пажӯҳиши журналисти тоҷик Каюмарси Ато сомонаи АМИТ “Ховар”- солона 12 – 12,5 ҳазор матлаб чоп мекунад, ки аз ин ҳисоб танҳо 8 дарсад унсурҳои мултимедия доранд. Видео ва фотогалерея бахшҳои пуристифодаи мултимедия дар ин хабаргузориҳо будааст.

Радиои “Озодӣ” - солона беш аз 11 ҳазор матлаб ба нашр мерасонад, ки аз ин ҳисоб 50 дарсадро унсурҳои чандрасонаӣ ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба видео аст. Дар як рӯз ба сурати мутавассит 5 – 6 навор нашр мешавад.

“Азия - плюс”- солона 13 – 13,5 ҳазор матлаб чоп мекунад, ки аз ин ҳисоб тақрибан 20 дарсад чандрасонаӣ аст. Дар ин сайт видео ба унвони яке аз унсурҳои мултимедия дар ҷойи аввал аст.

“Озодагон”- солона то 10 ҳазор матлаб нашр мекард ва аз ин теъдод 30 дарсад гузоришҳои чандрасонаиянд ё яке аз бахшҳои мултимедиявианд. Хабаргузории “Озодагон” аз моҳи январ то октябри соли 2014 тавассути барномаи Bambuser 341 пахши наворҳои зиндаро “тамрин” кард, ки ҳар кадоме аз онҳо аз 500 то 30 ҳазор бинанда дошта, боиси афзоиши хонандагони сайт шуда буд [5].

Дар шароити расонаии Тоҷикистон мултимедия бештар дар унсурҳои матн (текст), видео, фотогалерея, доданамо (инфографика), пахши зинда (live) садо (аудио), соундклоуд, интерактив сохта мешавад. Мултимедия бо пайванди тамоми унсурҳояш эътимоди хонандагонро ба хабар бештар хоҳад кард. Ҳамчунин, ғунҷондани иттилои зиёд дар майдони маҳдуд ва осонфаҳму қобили дид кардани омор, бахусус тавассути доданамо (инфографика) имконпазир мегардад. Афзалиятҳои он корбарони зиёдро ҷалб мекунад, хонандагонро ба баҳси зинда ворид месозад, заминаро барои баёни дидгоҳҳои мухталиф

фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки тасаввури баъзе афрод дар бораи “дурӯғ” будани ҳарфи журналистон коҳиш ёбад.

Агар унсурҳои чандрасонаӣ дар алоҳидагӣ таҳлил шавад, пас, яқин аст, ки бо пайдоиши интернет мавқеи видео аввалиндараҷа гардид. Видео дар ҳоли ҳозир дар расонаҳои онлайнии Тоҷикистон ба унвони яке аз ҷузъҳои чандрасонаӣ ҷойи аввалро гирифтааст. Навори видеоӣ барои сомонаҳо бештар тавассути планшетҳо ва телефонҳои мобилӣ бардошта мешаванд, ки усули нав барои журналистикаи тоҷик аст. Онҳо дар мавридҳои хеле кам тавассути дастгоҳҳои касбии наворбардорӣ сабт шуда, ба интернет ворид мешаванд.

То чанд соли пеш фотогалерея бахши муҳимми мултимедия дар расонаҳои интернетии Тоҷикистон буд, вале ҳоло он ҷойи худро ба тадриҷ ба видео дода, дар зинаи дувум қарор гирифтааст. Аудио низ гоҳ-гоҳе истифода мешавад, вале дар ҳоли таҳияи матолиби комили мултимедӣ коркард шуда, мавқеи садо болотар рафт.

Инфографика ё доданамо бахши тозае аз мултимедия аст, ки баъзе расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла, “Озодагон” ва “Азия-Плюс” дар солҳои охир зиёдтар ба он таваҷҷуҳ доштанд. Инфографика маълумоти зиёдро таъмин намуда, дарки омор, факту рақамро барои хонанда осон мекунад. Аслан, истилоҳоти “инфографика” дар натиҷаи ихтисор шудани иборaи "графикаи иттилоотӣ" (информационная графика) падид омада, дар навбати аввал танҳо аз график ва диаграммаҳо иборат буд. Он дар ИМА ва кишварҳои аврупоӣ нисбатан пештар - дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 пайдо шуд. Дар солҳои 2000-ум дар Русия низ маъруф гардид [6, с.130]. Аслан ду навъи инфографика: визуалӣ (ҳаракаткунанда) ва аксӣ дар сомонаҳои ватанӣ маъмул гаштаанд. Инфографикаҳои визуалӣ дар сомонаҳои махсусгардонидашуда сохта мешаванд, ки маводро ҷолиб месозанд. Инфографикаҳои аксӣ тавассути фотошоп ва дигар барномаҳои компютерӣ ҳамчун акс дар сайт гузошта мешаванд.

Хусусияти барҷастаи пахши зинда дастнахӯрда будани он аст, яъне видеое бидуни “қайчӣ” пахш шуд. Суръати ироаи ахбор, бахусус бо истифода аз LIVESTREAM бештар шуда, муштариро ба шоҳиди мустақим ва ширкаткунанда дар рӯйдод табдил дод. Пахшҳои зинда дар расонаҳои хабарии Тоҷикистон тавассути барномаҳои BAMBUSER, USTREAM, GOOGLE HANGOUTS, SKYPE баъзан гузаронида мешаванд.

Ҳамин гуна, роҳу усулҳои ҷорӣ барои бандубасти маводи чандрасонаӣ гуногун ва хеле зиёданд. Лозим ба ёдоварист, ки сомонаҳои иттилоотии кишвар аз сомонаҳои махсусгардонидашудаи www.google.com/map, www.mapstory.knightlab.com, www.tninklink.com (барои кор бо харита), https://timeline.knightlab.com/(барои нишон додани хронология) https://infogr.am/, https://piktochart.com/ (барои сохтани инфографика), https://medium.com, https://tilda.cc/ (барои таҳияи лонгрид) истифода мекунанд.

Муқарриз: ***Ҳамидиён И.И.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуҷалилов Ф.Н. Журналистикаи конвергентӣ ва иртиботи он бо онлайн-журналистика / Ф.Н. Абдуҷалилов // “Номаи донишгоҳ” (Маҷаллаи илмӣ). – Хуҷанд, 2015. – № 3(44). -С.140-144.
2. Гай Деген. Мультимедиа и визуальная журналистика / Деген, Гай // onmedia.dw. 20.04.2016. Режим доступа: http://onmedia.dw-akademie.com/russian/?p=5615
3. Журналистикаи байналхалқӣ:. (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2014. - 52 с.
4. Калмыков А.А. Интернет -журналистика / А.А. Калмыков, Л.А. Коханова. - М., 2005. - 383 с.
5. Каюмарси А. Унсурҳои мултимедия дар расонаҳои хабарии Тоҷикистон / А.Каюмарс // Тренинг: " Мултимедиа ва саводнокии молиявӣ". – Душанбе, 25-29 январи соли 2016.
6. Лайкова Я.В. Медиаинфографика как формат медиатекст в российских онлайн-СМИ. Дис. канд. филол. наук:10.01.10 / Я.В. Лайкова. – Москва, 2015. – 211 с.
7. Муқим Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ / Ҷ.Муқим. – Душанбе, 2016. – 128 с.
8. Муқим Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ / Ҷ.Муқим. – Душанбе, 2019. – 168 с.
9. Муқимов М. Мушкилоти рушди журналистикаи чандрасонаӣ дар Тоҷикистон / М.Муқимов // jovidmuqim.wordpress.com 20.12.2016. Дастрасӣ: https://jovidmuqim.wordpress.com/2015/12/16/мушкилоти-рушди-журналистикаи-чандр/#more-692
10. МуқимовМ. Журналистикаи чандрасонаӣ дар Тоҷикистон / М.Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Душанбе, 2016. – №4/1 (195). - С.262-269.
11. Муродов М. Журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои таълим ва омодасозии мутахассисон / М.Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2013. – №4/3 (113). - С.269-273.
12. Муродов М. Давлат, журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои таълим ва омодасозии мутахассисон / М. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2013. – №4/3 (113). - С.269-273.

13. Силантьева О. Мультимедийная журналистика — это больше, чем «работать на сайте» / О. Силантьева // “Сила медия” 20.04.2016 режим доступа:http://sila.media/multimedia/whatismultimedia/

ХУСУСИЯТҲОИ ПАХШИ ИТТИЛОИ ЧАНДРАСОНАӢ

Чандрасонаӣ (мултимедия) яке аз падидаҳои ҷадид дар журналистика буда, дар натиҷаи ворид шудани интернет ба фазои иттилоотӣ ба вуҷуд омадааст. Интернет усулҳои пахшу интишори маводи журналистиро омехта кард. Аз ин нигоҳ, шинохти чандрасонаӣ баҳсҳои илмиро дар миёни муҳаққиқони журналистика эҷод кард. Дар мақола асосан назари олимони соҳа доир ба дақиқ кардани хусусиятҳои чандрасонаӣ таҳлилу баррасӣ мешавад. Баъзе аз пажӯҳишгарони журналистика онро типи нави журналистика, баъзеи дигар ба сифати маҷмӯи жанрҳои омехта, гурӯҳи сеюм чандрасонаиро тарзи махсуси пешниҳоди маҳсулоти журналистӣ таъриф мекунанд. Ин гуногунфикрӣ хулосаи дақиқ ва ягонаро доир ба чандрасонаӣ мушкил мегардонад. Муаллиф дар натиҷаи муқоисаи андешаҳои пажӯҳишгарон ақидаи худро пешниҳод кард. Ҳамзамон дар мақола унсурҳои таркибии маводҳои чандрасонаӣ - видео, аудио, матн, тасвир, инфографика ва дигар элементҳои он тавзеҳ дода шуда, платформаҳои таҳияи матолиби унсурҳои чандрасонаӣ ҳам гуфта мешавад. Муаллиф барои равшан гардидани ҳолати воқеии журналистикаи чандрасонаӣ дар Тоҷикистон ва монеаву мушкилоти ин шохаи журналистика сомонаҳои интернетии www.news.tj, www.avesta.tj, www.ozodi.org, www.khovar.tj, www.khatlon-ruznoma.tj ва www.cm-1.tv- ро мавриди таҳлил қарор додааст. Пажӯҳишҳо маълум намудаанд, ки дар онҳо мунтазам ё гоҳ-гоҳ матолиби чандрасонаӣ чоп мешаванд, аммо ба стандартҳои эътирофшуда пурра ҷавобгӯ нестанд.

Калидвожаҳо: ВЭА, ТИК, журналистикаи чандрасонаӣ, интернет, сомонаҳои хабарӣ, конвергентсия, интернет-журналистика, видео, графика, жанр.

ОСОБЕННОСТИ РАСПРОСТРАНЕНИЯ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ НОВОСТЕЙ

Мультимедиа - это новое явление в журналистике, возникшее в результате проникновения Интернета в информационное пространство. В Интернете используются смешанные методы публикации и распространения журналистских материалов. В этом отношении признание мультимедиа вызвало научный спор среди исследователей журналистики. В статье в основном анализируются взгляды ученых данной области на специфику мультимедиа. Некоторые исследователи журналистики описывают это как новый тип журналистики, другие - как собрание смешанных жанров, а третьи - как особый способ представления журналистского продукта. Этот плюрализм не позволяет сделать точные и единообразные выводы о мультимедиа. Свое мнение автор представил в результате сопоставления взглядов исследователей. При этом в статье объясняются компоненты мультимедийных материалов - видео, аудио, текст, изображения, инфографика и другие элементы, а также платформы для разработки мультимедийного контента. Автор описывает реальную ситуацию мультимедийной журналистики в Таджикистане, препятствия и проблемы этой отрасли журналистики на сайтах www.news.tj, www.avesta.tj, www.ozodi.org, www.khovar.tj, www. khatlon-ruznoma.tj и www.cm-1.tv. Исследования показали, что они регулярно или время от времени публикуют мультимедийные материалы, которые не полностью соответствуют признанным стандартам.

Ключевые слова: электроные СМИ, ВЭА, ТИК, мультимедийная журналистика, интернет, новостные сайты, конвергенция, интернет-журналистика, видео, графика, жанр.

FEATURES OF DISTRIBUTION OF MULTIMEDIA NEWS

Multimedia is one of the newest phenomena in journalism, which arose as a result of the penetration of the Internet into the information space. The Internet uses mixed methods of publishing and distributing journalistic materials. In this regard, the recognition of multimedia has sparked scientific debate among journalism researchers. The article mainly analyzes the views of scientists in this field on the specifics of multimedia. Some journalism researchers describe it as a new type of journalism, others as a collection of mixed genres, and still others as multimedia, a particular way of presenting a journalistic product. This pluralism makes it difficult to draw precise and uniform conclusions about multimedia. The author presented his opinion as a result of comparing the views of researchers. At the same time, the article explains the components of multimedia materials - video, audio, text, images, infographics and other elements, as well as platforms for developing multimedia content. The author describes the real situation of multimedia journalism in Tajikistan, obstacles and problems of this branch of journalism on the sites www.news.tj,www.avesta.tj, www.ozodi.org, www.khovar.tj, www. khatlon-ruznoma.tj and www.cm-1.tv. Research has shown that they publish multimedia content regularly or from time to time, but do not fully meet recognized standards.

Key words: Electronic media,technology, multimedia journalism, internet, informational sites, convergence, internet journalism, video, graphics, genre

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуҷалилов Фирдавс*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радио. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **firdavsjalili@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-50-52-58**

Сведение об авторе: ***Абдуджалилов Фирдавс*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры ТВ и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **firdavsjalili@gmail.com.** Тел.: **(+992) 904-50-52-58**

Information about the author: ***Abdujalilov Firdavs*** **-** Tajik National University, postgraduate student of the Department of TV and Radio Broadcasting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **firdavsjalili@gmail.com.** Tel.: **(+992) 904-50-52-58**

УДК: 691.42 575.3

ИНЪИКОСИ СОХТМОНИ НБО РОҒУН ДАР СОМОНАИ ОИ «ЦЕНТРАЗИЯ»

Исмоилзода С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сохтмони неругоҳи барқи обии калонтарин дар Осиёи Марказӣ - Роғун соли 1976 сар шуда буд. Иқтидори лоиҳавии он ба 3600 МВт баробар буда, аз 6 агрегати 600 МВт иборат ва баландии сарбанди он 335 метр муайян шуда буд. Дар ҳолати пурра ба кор даромадан ин неругоҳ дар як сол метавонад 17 млрд кВт-соат неруи барқ ҳосил кунад. Оид ба сохтмони НБО Роғун соли 2005 байни Тоҷикистон ва Ширкати «Русский алюминий» («Русал»)-и Федератсияи Русия шартномае имзо шуд, вале он амалӣ нагардид. Тоҷикистон 29 августи соли 2007 он шартномаро бо ширкати «Русал» бекор карда, тасмим гирифт, ки ин неругоҳро бо маблағи худ месозад. Бо ҳамин мақсад ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» таъсис ва ойинномааш 15 апрели соли 2008, бо сармояи 116 млн сомонӣ тасдиқ гардид. Соли 2009 ҳадди ин сармоя ба 6 млрд сомонӣ расонида шуд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо ширкати сохтмонии Salini Impregilo (Италия) қарордоде ба имзо расонидааст, ки барои сохтмон ва ба кор даровардани ду агрегати барқии НБО Роғун 3,9 млрд доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст. Танҳо барои бунёди сарбанди сунъии калонтарини Роғун, 1 миллиарду 950 миллион доллар маблағ сарф хоҳад шуд. Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони неругоҳи «Роғун» дар давраи истиқлолият зиёда аз 12,5 миллиард сомонӣ маблағ аз худ карда шудааст. Дар ин иншооти муҳимми аср қариб 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон машғули кор буда, зиёда аз 2100 адад техника ва мошину механизмҳо сафарбар гардидааст.

29 октябри соли 2016 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон савори булдозери вазнин аз соати 10-и субҳ то 11:30 расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшид.

16 ноябри соли 2018 агрегати аввалини он бо иқтидори 120 МВт ба кор дароварда шуд. Нахуст дар маҳалли сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и “Душанбе-Роғун”-ро бо пахши васлак ба истифода дода, орзуву омоли деринаи миллати тоҷикро ҷомаи амал пӯшониданд. Хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и “Душанбе- Роғун” дар доираи лоиҳаи “Барқарорсозӣ ва сохтмони хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ” амалӣ шуда, арзиши умумии тарҳ 650 миллион сомонӣ мебошад. Дар маросими тантанавии мазкур намояндагони як қатор давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои иштирокчии лоиҳаи CASA-1000, ташкилотҳои байналмилалӣ, сафирон ва рӯзноманигорони машҳур аз ВАО-и ҷаҳон ширкат карданд. Лоиҳаи мазкур моҳи сентябри соли 2017 оғоз ёфта, анҷоми тадбиқи лоиҳа тибқи нақша моҳи августи соли 2021 пешбинӣ гардидааст.

Агрегати дуюми НБО Роғун бо шарофати рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон 9 сентябри соли 2019 ба истифода дода шуд, ки дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол як рӯйдоди муҳимму тақдирсоз буда, қадами устуворе барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ гузошта шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба шаҳри Роғун ташриф оварданд. Ба кор даровардани агрегати дуюми неругоҳ, неруи барқи аз он тавлидшаванда ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол гардида, дар суханронии худ дар ин маросим пешвои миллат иброз доштанд, ки бунёди неругоҳи “Роғун” ҳамчун иншооти тақдирсоз натиҷаи орзуву омоли нек, азму иродаи қавӣ, дастгириву пуштибонии самимӣ ва саҳми ватандӯстонаи халқи шарафманди Тоҷикистон мебошад.

Сохтмони НБО Роғун дар якчанд давра ба нақша гирифта шуда, пурра сохта шудани он моҳи декабри соли 2029 ба нақша гирифта шудааст.

Барои давом додани сохтмони НБО Роғун аз ҳисоби мавқеъ доштан дар минтақаи серзилзила, доираҳои ярч ва сел ҷумҳуриҳои поёноби Амударё Ӯзбекистон ва

Туркманистон зиддият нишон медиҳанд. Сабаби норозигии роҳбарияти ин ҷумҳуриҳо ва махсусан Ӯзбекистон ин хатари рӯй додани зилзилаҳо дар атрофи сарбанди (баланди — 335 метр) НБО Роғун ва кам гардидани резиши миёнаи оби Амударё аст, ки ба обёрӣ намудани заминҳои давлатҳои поёноб оварда мерасонад. Махсусан, лоиҳаи НБО аз солҳои ҳукмронии Ислом Каримов (1991-2016) аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон ба танқиди шадид дучор гардид. Аммо, моҳи августи соли 2015, Ӯзбекистон дар бораи ғайри қобили қабул будани хулосаҳои ниҳоии коршиносон ва бо сохтани НБО Роғун розӣ набуданаш расман изҳорот намуд. Ҳангоме ки ҳукумати Тоҷикистон бо ширкати итолиёвии Salini Impregilo дар бораи сохтани НБО Роғун созишнома баст, Шавкат Мирзиёев, ки сарвазири Ӯзбекистон буд, ба ҳукумати Тоҷикистон мактубе ирсол намуд, ки дар он норозигии худро баён дошта буд. Вале пас аз марги президенти собиқи Ӯзбекистон Ислом Каримов дар соли 2016 муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба эътидол дароварда шуда, мавқеи Ӯзбекистон дар мавриди лоиҳа ба таври назаррас беҳтар шуд, зеро Ӯзбекистон аз сохтани неругоҳ фоида медид: мошинҳои боркашони дар заводи Самарқанд истеҳсолшуда ба фурӯш мерафт. Инчунин барои санҷидани зарари экологии НБО Роғун ва обанбори он, давлатҳои номбурда ба СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ муроҷиат намуданд. Бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ сохтмони НБО Роғун ва обанбори он тахминан 3 сол аз санҷиши ҷиддӣ гузаронида шуда, барои муҳити атроф ва экологияи минтақа безарар дониста шуд. Зеро сохтани онро барои хоҷагии худ хатарнок медонистанд.

Дар давраи сардии соли 2008 ҳукумати Тоҷикистон ба хулосае омад, ки НБО Роғунро мустақилона месозад. Давлатҳои ҳамсоя дар ин давра бо тамоми воситаҳо, дар навбати аввал тавассути ВАО баҳри сохтани ин сохтмон зиддият нишон доданд. Дар оғози соли 2010-ум масъалаи сохмони НБО Роғун ба як муборизаи иттилоотии ҷадид табдил ёфт ва маълум гардид, ки ин масъала на танҳо барои кишварҳои ОМ, балки ба манфиатҳои Русия ҳам дахл дорад. Муборизаҳои иттилоотӣ дар саҳифаҳои сомонаҳои интернетӣ доир ба ин масъала хеле зиёд ба чашм мерасид. Ҷараёни сохтан ва мавриди истифода қарор гирифтани НБО Роғунро ҳар расона вобаста ба мавқеъ ва ҳадафи худ инъикос менамуд.

Сомонаи “Центразия” қариб ҳар рӯз иттилооти нав ва маводи таҳлилиро оид ба ин масъала пешниҳоди аудиторияи худ мегардонд. “Центразия”- сомонаи интернетии ОИ мустақил мебошад, ки масоили таърихӣ, фарҳанг, иқтисод ва сиёсиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос менамояд. Он соли 2002 (то соли 2018 centrasia.ru ва centrasia.org, аз соли 2018 то инҷониб — https://centrasia.org мебошад) таъсис ёфта, сармуҳаррираш номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Виталий Николаевич Хлюпин мебошад.

Сомонаи мазкур маводи муаллифони мавқеи мухталифдошта ва маводро аз дигар сомонаҳо низ дар саҳифаҳои худ ҷой медод. Зиёда аз ин, аз маводи солҳои 2010-2020 маълум мегардад, ки масъалаи НБО Роғун, ҳамчун як масъалаи муборизаи иттилоотӣ зуҳуроти ноустувор буда, баҳсҳо доир ба масъалаи мазкур гоҳ пурқувват ва гоҳо пурра хомӯш мегардад. Маводи сомонаро аз рӯйи мавқеъ доир ба сохтмони НБО Роғун ба се гурӯҳ тақсим кардан метавон.

1. Маводе, ки аз мавқеи Тоҷикистон ҷонибдорӣ менамояд. Масалан, санаи 16.11.2012 дар сомона бо номи «Х.Сафаров: Получит ли Таджикистан положительные результаты экспертиз Рогуна?» (Х.Сафаров: Оё Тоҷикистон аз санҷишҳои Роғун натиҷаҳои мусбат ба даст меоварда бошад?) маводе гузошта шудааст. Сарчашмаи ин мавод Азия-плюс буда, муаллиф Пайрав Чоршанбиев оид ба лоиҳаи сохтмони НБО Роғун суханони директори генералии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» Хайрулло Сафаровро меорад. Вай қайд месозад, ки барои сохтани неругоҳ мутахассис мерасад ва лоиҳаи мазкур барои кишварҳои ҳамсоя бехатар буда, инчунин пас аз сохтани он давлатҳои ҳамсоя метавонанд ба қувваи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дастрасӣ дошта бошанд. Тибқи гуфтаи вай Тоҷикистон дар оғози тобистони соли оянда оид ба бехатарии лоиҳаи НБО Роғун аз хулосаи ҳалкунандаи коршиносони хориҷӣ воқиф мегардад, ки дар ин бора назарҳо мусбат арзёбӣ мегарданд.

Санаи 09.09.2019 дар сомона бо сарлавҳаи «В Таджикистане торжественно запустили второй агрегат Рогунской ГЭС» (Дар Тоҷикистон агрегати дуюми НБО Роғун ботантана ба кор дароварда шуд) хабаре гузошта шудааст. Хабар кӯтоҳ буда, дар он оварда шудааст, ки рӯзи 28-умин солгарди истиқлолият дар чорабинии ба истифода дода шудани агрегати дуюми НБО Роғун президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, раиси шаҳри Душанбе Рустами

Эмомалӣ, сарвазир Қоҳир Расулзода, аъзои ҳукумат, сафирон ва намояндагони ташкилоти хориҷии аккредитатсияшуда дар Тоҷикистон, инчунин сохтмончиёни Роғун иштирок карданд. Дар ин хабар НБО Роғун дар минтақа ва умуман дар дунё калонтарин дониста мешавад. Манбаи ин хабар ca-news.org буда, дар сомона оварда шудааст. Барои он ин хабарро маводи ҷонибдори манфиати Тоҷикистон гуфтем, ки аз он эҳсосоти баланди хурсандӣ намоён аст.

2. Маводи ҷонибдори мавқеи ӯзбекҳо буда, доир ба сохтмони НБО Роғун, ки зидди сохтмони неругоҳ ҳастанд. Санаи 07.05.2012 дар сомонаи мазкур бо сарлавҳаи «И. Садуллоев: Рогунская ГЭС - это "водяная бомба" ЦентрАзии» (И. Садуллоев: НБО Роғун – ин “бомбаи обӣ”-и Осиёи Марказист) маводе гузошта шудааст. Сарлавҳа чунон гузошта шудааст, ки диққати аудиторияро ҷалб месозад. Ин мавод мақолаи таҳлилӣ буда, дар он эҳсосот ва мавқеи муаллиф, ки зидди сохтмони неругоҳ аст, ба назар барҷаста намоён мегардад. Вобаста ба хатар доштани сохтмони НБО Роғун муаллиф якчанд мисолҳо меорад. Аз он ҷумла ӯ маърӯзаи коршиносони амрикоӣ оид ба масоили амнияти обиро, ки санаи 24 марти ҳамон сол дар штаб-квартираи СММ ироа гардида буд, қайд месозад. Дар он гуфта шуда буд, ки дар даҳсолаҳои наздик мушкилоти норасоии об ба пайдоиши бархӯрд ва низоъҳои гуногуни миёни кишварҳо оварда мерасонад. Котиби давлатии ИМА Ҳиллари Клинтон дар маърӯзаи нави худ дар Вашингтон изҳор менамояд, ки нарасидани об дар оянда метавонад чун як “воситаи фишоровари сиёсӣ” ба муқобили ҳарифон истифода гардад. Инчунин вай илова менамояд, ки дар оянда террористон ба сифати объекти ҳамлаҳои худ сарбандҳои обӣ ва резервуарҳоро барои нигоҳдории об қарор медиҳанд, ки ин худ як хатари ҷиддӣ аст. Аз хулосаҳои муаллифони амрикоӣ муаллиф ба лоиҳаи НБО Роғун ҳамчун як сохтмони хавфнок ишора намудааст, зеро он бо баландии сарбанди 335 метр, калонтарин дар ҷаҳон ба шумор рафта, дар минтақаи хавфноки серзилзила ҷойгир аст.

Муаллифи мақола амнияти объекти мазкурро ба назар гирифта, онро барои Тоҷикистон нишони мувофиқи террористон ва “ҷойи нозук” мешуморад. Ва нигаронӣ изҳор менамояд, ки оё Тоҷикистон ин объекти бузургро ҳимоя карда метавониста бошад ё на. Дар тақвияти фикри худ вай суханони намояндаи сиёсии мухолифи тоҷик Муҳиддин Кабириро, ки дар мусоҳиба бо рӯзноманигори амрикоӣ Джошуа Кучер дар сомонаи EurasiaNet гуфтааст, мисол меорад. Тибқи гуфтаҳои намояндаи Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон Муҳиддин Кабирӣ ҳукумати Тоҷикистон барои муболиза бар зидди террористон омода нест.

Лоиҳаи сохтани НБО Роғунро муаллиф нақшаи мағрурона ва саркашона мешуморад. Вай чунин ақида дорад, ки барои шуҳрати яклаҳзаинае, ки аз сохтмони НБО (бо сарбанди баландтарин ба китоби Рекордҳои Гиннес дохил мегардад) Тоҷикистон ба даст меорад, амнияти шаҳрвандони худро ба хатар мегузорад.

Маводи дигар санаи 17.05.2012 бо сарлавҳаи «Г.Таваралиева: Нерешенные вопросы Рогунской ГЭС» (Г. Тавралиева: Масоили ҳалношудаи НБО Роғун) дар сомонаи “Центразия” гузошта шудааст. Сарлавҳаи ин мавод низ иқтибосӣ буда, диққати хонандаро ҷалб месозад, то ки пурра онро хонад. Дар маводи мазкур низ мавқеи зидди сохтмон доштаи муаллиф ба назар расида, бештар масоили молиявии ҳалношуда барои сохтани иншооти мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Маблағе, ки барои сохтани неругоҳ бояд сарф шавад, ҳатто дар буҷаи Тоҷикистон мавҷуд нест, гуфта мешавад дар ин мавод. Инчунин, муаллиф бо роҳи маҷбурӣ фурӯхтани саҳмияҳои неругоҳро ба аҳолӣ қайд месозад. Ба маълумоти ӯ аз сарчашмаҳои ғайрирасмӣ маблағе, ки аз фурӯши саҳмияҳо ба аҳолӣ ба даст омада буд, дар бонкҳо гардиш хӯрда ба мансабдорони давлатӣ даромад оварда истодаанд. Аз зикр накардани номи сарчашма ба таври аниқ маълумоти муаллиф, ба ақидаи ман, ҳақиқат надоштанаш мумкин аст.

07.04.2019, 10:15 дар сомонаи «Центразия» бо сарлавҳаи «Запуск второй турбины Рогунской ГЭС отложен. Пол Таджикистана сидит без света» (Ба кор даровардани турбинаи дуюми НБО Роғун мавқуф гузошта шуд. Ними Тоҷикистон бе қувваи барқ монд) гузошта шудааст. Манбаи ин мавод ca-news.org буда, дар он гуфта мешавад, ки ба кор даровардани турбинаи дуюми НБО Роғун мавқуф гузошта мешавад. Ба кор даровардани он моҳи апрели соли 2019 ба нақша гирифта шуда буд, вале он амалӣ намегардад, мегӯяд як сарчашмаи «Азия Плюс» дар ҳукумати Тоҷикистон. Ин иттилоотро манбаҳои сомонаи «Ахбор» дар вазорати энергетика ва ширкати «Барқи тоҷик» низ тасдиқ кардаанд, ки дар

мавод зикр шудааст. Ин хабарро ҳукумати Тоҷикистон расман шарҳ надодааст. Зиёда аз як моҳ шудааст, ки дар аксар манотиқи Тоҷикистон дар таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ маҳдудият (лимит) ҷорӣ карда шудааст. Бисёриҳо ин маҳдудиятро дар мушкилоти пайдошуда дар сохмони НБО Роғун медонанд. Сарчашмаҳои расонаҳои дар боло зикршуда махфӣ нигоҳ дошта шудаанд. Дар собиқаи мавод оварда шудааст, ки ҳангоми дар санаи 16 ноябри соли 2018 ботантана ба истифода дода шудани агрегати якуми НБО Роғун ҳамагон онро ҳодисаи тақдирсоз ва як қадами муҳимме барои ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ дар Тоҷикистон медонистанд. Худи ҳамон вақт эълон дошта буданд, ки агрегати дуюми неругоҳ дар оғози моҳи апрели соли 2019 ба истифода дода хоҳад шуд.

3. Маводи мавқеи бетарафонадошта. Маводи мутааллиқ ба ин гурӯҳ хеле кам ба назар мерасад. Масалан, 15.11.2013 таҳти сарлавҳаи «Таджправительство подрядило 7 американских сейсмологов "независимо" исследовать Рогун» (Ҳукумати Тоҷикистон 7 сейсмологи амрикоиро баҳри "мустақилона" таҳқиқи Роғун киро намуд) хабаре гузошта шудааст. Манбаи ин хабар низ Азия-плюс мебошад. Ёвари президенти Академияи улуми Тоҷикистон Файзулло Бобоев дар суҳбат бо радиои Озодӣ хабар додааст, ки гурӯҳи олимони сейсмологи амрикоӣ аз ИМА бо даъвати ҳукумати Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ дар минтақаи сохтмони НБО Роғун қарор дошта, баҳри тобоварии мавқеи сохтмони неругоҳ ба заминларза мустақилона таҳқиқоти илмӣ мегузаронанд. Натиҷаи таҳқиқоти ин олимон дар охири ҳамин ҳафта маълум мегардад.

Тоҷикистон сохтмони НБО Роғунро яке аз воситаҳои асосии баромадан аз буҳрони энергетикӣ мешуморад. Чун кишвар маҷбур аст, ки дар фасли зимистон қувваи баркро барои аҳолии худ дар ҳаҷми то 5-6 соат дар як шабонарӯз маҳдуд гардонад. Вале ҳукумати Ӯзбекистон барои сохтани ин неругоҳ мухолиф буда, онро барои хоҷагии қишлоқи худ ва минтақа як таҳдиди садамаи экологӣ меҳисобад.

Тоҷикистон низ дар навбати худ изҳор медорад, ки ин гуна қарор асос надорад ва Ӯзбекистон содиркунандаи асосии қувваи барқ дар минтақа буда, дар бозори энергетикӣ рақиби худро доштан намехоҳад. Ба ақидаи коршиносони тоҷик сохта ба истифода дода шудани НБО Роғун на танҳо кишварро бо қувваи барқ таъмин месозад, балки ба кишварҳои ҳамсоя низ қувваи баркро бо нархи арзон интиқол дода метавонад. Лоиҳаи неругоҳ солҳои охир дар муносибат миёни ду ҳамсоякишвар ҳамчун санг монеа эҷод менамояд.

13.02.2020 бо сарлавҳаи «Для достройки Рогуна опять ищут дополнительные финансы» (Барои ба анҷом расонидани сохтмони Роғун боз ҳам маблағи иловагӣ ҷустуҷӯ доранд) хабаре гузошта шудааст. Манбаи ин хабари кӯтоҳ Азия-плюс мебошад. Дар ҷаласаи матбуотӣ санаи 13 феврал вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода иброз медорад, ки сохтани чунин иншооти бузурге ба монанди НБО Роғун танҳо аз ҳисоби маблағгузории буҷа ғайриимкон аст. Бояд ташкилоти маблағгузори хориҷиро низ барои сохтани ин объект ҷалб созем.

ВАО-и тоҷик ва муаллифони хориҷие, ки тарафдори мавқеи тоҷикон буданд, чунин меҳисобиданд, ки сохтмони НБО Роғун барои Тоҷикистон масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Вақте ки сохтмон сохта шавад, ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми эҳтиёҷоти халқи худро ба қувваи барқ таъмин намуда, боз метавонад онро ба кишварҳои ҳамсоя интиқол диҳад. Аз маводи ВАО-и ӯзбекӣ ва рӯзноманигорони хориҷие, ки мавқеи ӯзбекҳоро мегирифтанд маълум мегардад, ки онҳо зидди сохтмони НБО Роғун ҳастанд.

Аз таҳлили якчанд маводи сомонаи «Центразия» маълум гардид, ки дар он бештар маводи мавқеи мухолифдошта ба назар мерасад. Маводи бетарафона хеле кам ба чашм мерасад. Бештари сарчашмаҳои маводи сомонаи «Центразия» расонаҳои мустақил, ба монанди Азия-плюс, Ахбор ва ғ. мебошанд.

Муқарриз: ***Муқимов М.А.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозоров Н. Дастури методӣ доир ба таълифи корҳои илмӣ [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе, 2014. - 60 с.
2. Гулов С. Муқаддимаи журналистика (Дастури таълимӣ) [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 176 с.
3. Журналистикаи байналхалқӣ [маҷмӯаи мақолаҳо] – Душанбе, 2017. - 140 с.
4. Журналистикаи байналхалқӣ [маҷмӯаи мақолаҳо] – Душанбе: Мега-print, 2012. - 136 с.

5. Имомзода М. Усули таҳқиқ [Матн] / М. Имомзода, С. Маҳдӣ, Б. Қутбиддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. - 200 с.
6. Мирзоалӣ С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. - 92 с.
7. Мирзоалӣ С. Хабар: Аз Машриқ то ба Мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. - 195 с.
8. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2000. - 55 с.
9. Муқим, Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 124 с.
10. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
11. Муқим, Ҷ. Ҳақиқат ва дурӯғ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. - 46 с.
12. Маросими ба кор даровардани агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” [Захираи электронӣ] // Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» (2017-2020). – Режим доступа: http://rogunges.tj/?page_id=3405 (Дата обращения: 09.09.2019).
13. Сафаров Х. Получит ли Таджикистан положительные результаты экспертиз Рогуна? [Электроный ресурс] / Х.Сафаров // Центразия (2002-2020) – Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1353057900 (Дата обращения: 16.11.2012).
14. В Таджикистане торжественно запустили второй агрегат Рогунской ГЭС [Электроный ресурс] // Центразия (2002-2020) – Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1568018400 (Дата обращения: 09.09.2019).
15. Садуллоев И. Рогунская ГЭС - это "водяная бомба" ЦентрАзии [Электроный ресурс] / И.Садуллоев // Центразия (2002-2020) – Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1336337340 (Дата обращения: 07.05.2012).
16. Таваралиева Г. Нерешенные вопросы Рогунской ГЭС [Электроный ресурс] / Г.Таваралиева // Центразия (2002-2020) – Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1337237400 (Дата обращения: 17.05.2012).
17. Запуск второй турбины Рогунской ГЭС отложен. Пол Таджикистана сидит без света [Электроный ресурс] // Центразия (2002-2020) – Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1554621300 (Дата обращения: 07.04.2019).
